ISSN 2074-1847

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2019. №5.

Қисми **II**

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
2019. № 5.

**Часть II**

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2019. No. 5.

**Part II**

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2019**

# ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маҷалла соли 1990 таъсис ёфтааст. Дар як сол 8 шумора нашр мегардад.



**САРМУҲАРРИР:**

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

***Муовини сармуҳаррир:***

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Точикистон*

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ — *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

***07.00.00 – Таърих ва археология***

Акрамов Зикриё Иномович — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Искандаров Қосимшо — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Яқубов Юсуфшоҳ — *Доктори илмҳои таърих, профессор, академики АИ ҶТ*
Расулиён Қаҳҳор — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Қушматов Абдувалӣ — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Мирзоев Ниёз Мирзобадалович — *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович — *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор*
Самиев Холмаҳмад Давлатович — *Номзади илмҳои таърих, дотсент*

***09.00.00 – Фалсафа***

Қурбонов Абдураҳмон Шерович — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Идиев Хайриддин Усмонович — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ*
Олимов Кароматулло — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор, академики АИ ҶТ*
Раҳимов Муҳсин Ҳусейнович — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*
Ахмедов Саид — *Доктори илмҳои фалсафа, профессор*

***13.00.00 - Педагогика***

Иматова Лутфия Маҳмадиллоевна — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Файзализода Ҷумахон Хол — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Раҷабзода Маҳмадулло — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Шарипов Фаридун Файзуллоевич — *Доктори илмҳои педагогӣ, дотсент*
Ҳоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Мухамметов Гапур Бабаевич — *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*



*Маҷалла ба Феҳристи нашриёҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Дар маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои таърих, фалсафа ва педагогика барои чоп қабул мегарданд. Маҷалла мақолаҳои илмии муаллифонро аз рӯи ихтисосҳои зерин барои чоп қабул менамояд:*

***Таърих ва бостоншиносӣ:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Фалсафа:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
– 2019. – № 5. Қисми II
ISSN 2074-1847
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №0036/ЖР-97, аз 17.01.2018 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва траҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла:
www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ДМТ, 2019

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**Учредитель журнала:**
**Таджикский национальный университет.**
**Журнал основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали** | *Доктор филологических наук, профессор, академик Академии наук Республики Таджикистан, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА*:***

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА*:***

| | |
|---|---|
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

**ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ**:

| | |
|---|---|
| ***07.00.00 – История и археология*** | |
| **Акрамов Зикриё Иномович** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Искандаров Косимшо** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Якубов Юсуфшох** | *Доктор исторических наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Расулиён Каххор** | *Доктор исторических наук, профессор* |
| **Кушматов Абдували** | Доктор исторических наук, профессор |
| **Мирзоев Ниёз Мирзобадалович** | Доктор исторических наук, профессор |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Самиев Холмаҳмад Давлатович** | *Кандидат исторических наук, доцент* |
| ***09.00.00 – Философия*** | |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Идиев Хайриддин Усмонович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Олимов Кароматулло** | *Доктор философских наук, профессор, академик АН РТ* |
| **Рахимов Мухсин Хусейнович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Ахмедов Саид** | *Доктор философских наук, профессор* |
| ***13.00.00 – Педагогика*** | |
| **Иматова Лутфия Махмадиллоевна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Файзализода Джумахон Хол** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Раджабзода Махмадулло** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Шарипов Фаридун Файзуллоевич** | *Доктор педагогических наук, доцент* |
| **Ходжиматова Гулчехра Масаидовна** | *Доктор педагогических наук, профессор* |
| **Мухамметов Гапур Бабаевич** | *Доктор педагогических наук, профессор* |

Журнал входит в Перечень рецензируемых научных журналов ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016, №1925.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки и научным специальностям:

***История и археология:*** *07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15*

***Философия:*** *09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14*

***Педагогика:*** *13.00.01, 13.00.02, 13.00.08*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском и русском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
– 2019. – № 5. Часть II
ISSN 2074-1847
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство № 0036/ЖР-97 от 17.01.2018 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2019

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**

**Founder of the journal:**
**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 1990. Issued 8 times a year.**

***CHIEF EDITOR:***

**Imomzoda Muhammadyusuf Saidali** – *Doctor of Philology, Professor, Academician of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Rector of the Tajik National University*

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** – *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University*

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

**Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi** – *Candidate of political sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University*

**MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD**:

***07.00.00 - Historical Sciences and Archeology***

| | |
|---|---|
| **Akramov Zikriyo Inomovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Iskandarov Kosimsho** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Yakubov Yusufshoh** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Rasulien Kahhor** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Qushmatov Abduvali** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Mitzoev Niyoz Mirzobadalovich** | *Doctor of Historical Sciences, Professor* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Samiev Kholmakhmad Davlatovich** | *Candidate of Historical Sciences, Associate Professor* |

***09.00.00 - Philosophical sciences***

| | |
|---|---|
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Idiev Khairiddin Usmonovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Olimov Karomatullo** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Rakhimov Mukhsin Khuseinovich** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |
| **Akhmedov Said** | *Doctor of Philosophical sciences, Professor* |

***13.00.00 - Pedagogical sciences***

| | |
|---|---|
| **Imatova Lutfiya Makhmadilloevna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Faizalizoda Jumakhon Khol** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Rajabzoda Mahmadullo** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Sharipov Faridun Faizulloevich** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Hojimatova Gulchehra Masaidovna** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |
| **Mukhammetov Gapur Babaevich** | *Doctor of Pedagogical Sciences, Professor* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1925.

The journal accepts scientific articles on the following branches of science and scientific specialties:

**History and archeology:** 07.00.02, 07.00.03, 07.00.06, 07.00.07, 07.00.09, 07.00.15

**Philosophical sciences:** 09.00.01, 09.00.03, 09.00.05, 09.00.11, 09.00.13, 09.00.14

**Pedagogical sciences:** 13.00.01, 13.00.02, 13.00.08

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik and Russian languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin**
**of the Tajik National University.**
– 2019. – № 5. Part II

ISSN 2074-1847
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**
**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2019

УДК 66.4 + 66.49 + 66.5(2Тоҷик)

# АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ

*Нуриддинов Р.Ш.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ илми алоҳида буда, таърихи дипломатия, ҳуқуқи байналхалқӣ, иқтисоди ҷаҳонӣ, стратегияи ҳарбӣ ва бисёр дигар фанҳоро, ки ҷанбаҳои гуногуни мавзӯи барои онҳо ягонаро меомӯзанд, дарбар мегирад. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ маҷмӯи хулосаҳои бунёдие мебошад, ки аз тарафи мактабҳои назариявӣ пешниҳод мешаванд.

Тавре ки С. Хоффман таъкид менамояд, назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, аз як тараф, хеле куҳна ва аз тарафи дигар, ҷавон мебошад. Ҳанӯз дар давраҳои қадим фалсафа ва таърихи сиёсӣ сабабҳои низоъҳо ва ҷангҳо, воситаҳо ва усулҳои таъмини субот ва сулҳ байни халқҳо, қоидаҳои муносибатҳои мутақобилаи онҳо ва ғайраро ба миён мегузоштанд. Аммо омӯзиши системавии падидаҳо ва ошкор намудани моҳияти онҳо дар давраи байни ду ҷанги ҷаҳонӣ, дар нимаи аввали асри XX оғоз гардид. Фақат дар солҳои 50–60–уми асри XX назарияи муносибатҳои байналхалқӣ аз «буғикунонии» илми таърих ва «фишори» илми ҳуқуқӣ раҳоӣ меёбад [7, с.76].

Дар ҳамин давра шаклгирии сотсиологияи муносибатҳои байналхалқӣ, чун фанни мустақил сурат гирифт. Солҳои 70–уми асри XX боз як самти дигари илми муносибатҳои байналхалқӣ — иқтисоди сиёсии байналхалқӣ зуҳур намуд. Дар доираи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ доир ба масъалаҳои асосии он мубоҳисаҳои бузург авҷ гирифтанд [7, с.77]. Олими англис С. Смит даҳ мубоҳисаро таъкид намудааст, ки асоси онҳоро нуқтаи назари гуногун ба мавзӯъ ва объекти тадқиқот ташкил медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд.

Гурӯҳи якуми донишмандон меъёрҳои ҷуғрофиро ба инобат гирифта, назарияҳои англосаксонӣ, шӯравӣ ва хитоии муносибатҳои байналхалқиро ҷудо мекунанд.

Гурӯҳи дувуми донишмандон тақсимбандии худро бар асоси умумияти назарияҳои баррасишаванда бунёд карда, назарияҳои реализми сиёсӣ, таърихи фалсафа ва мактаби бихевиористиро ҷудо мекунанд. Муҳаққиқи швейтсарӣ Ф. Брайар ба назарияҳои зикргардида, реализми сиёсӣ, сотсиологияи таърихӣ ва консепсияи марксистӣ–ленинии муносибатҳои байналхалқиро дохил мекунад.

Ба назарияҳои инфиродӣ — назарияи акторҳои байналхалқӣ (Б. Корани); назарияи алоқамандӣ дар доираи низоми байналхалқӣ (Д. Моделски, С. Амин, К. Кайзер); назарияи стратегия, низоъҳо ва тадқиқоти ҷаҳон (Л. Пуаре, Д. Сингер, Й.Галтун); назарияи ҳамгироӣ (А. Этсиони, К.Дойч) ва назарияи созмонҳои байналхалқиро (И. Клод, Ж. Сиотис, Э. Хаас) дохил мекунанд.

Гурӯҳи севуми донишмандон чунин мешуморанд, ки меъёри асосии тақсим методе мебошад, ки ин ё муҳаққиқ ба кор мебарад.

Гурӯҳи чоруми донишмандон тақсимбандиро аз рӯйи проблемаҳои марказии хосси ин ё он назария анҷом медиҳанд.

Гурӯҳи панҷуми донишмандон ба меъёрҳои комплексӣ такя мекунанд (Б. Корани) ва тақсимбандии назарияи муносибатҳои байналхалқиро ба асоси истифодаи методҳо

(«классикӣ» ва «модернистӣ») ва дарки консептуалии ҷаҳон («либералӣ–плюралистӣ» ва «материалистӣ–структуралистӣ») анҷом медиҳанд [7, с.78].

Дар маҷмӯъ, аксари донишмандон чунин мактабҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ — реализми сиёсӣ (Г. Моргентау, Р Арон, Х. Бул), бихевиоризм (Д. Сингер; М. Каплан), марксизми классикӣ (К. Маркс; Ф. Энгелс, В.И. Ленин) ва неомарксизмро (И. Валлерстайн, С. Амин, А. Франк, Ф. Кардозо) ҷудо менамоянд.

Д. Коляр назарияҳои классикии реализми сиёсӣ, идеализми сиёсӣ, марксистӣ, ҷараёни англосаксониро ҷудо менамояд.

М. Мерл чунин мешуморад, ки самтҳои асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар назарияи суннатгароён — ворисони мактаби классикӣ (Г. Моргентау, С. Хоффманн, Г. Киссинҷер), консепсияҳои сотсиологии англосаксонии бихевиоризм ва функсионализм (Р. Кокс, Д. Сингер, М. Каплан, Д. Истон) ва ҷараёни марксистӣ ва неомарксистӣ (П. Баран, П. Суизи, С. Амин) ифода меёбанд.

Дар таърихи назарияи муносибатҳои байналхалқӣ саҳми Фукидид ва Сисерон, Э. фон Ваттел ва Т. Гоббс, Ҷ. Локк ва Г. Гротсий, Д. Юм ва И. Кант ва дигар мутафаккирони бузурги таърихи инсоният азим аст. Яке аз нахустин мероси хаттӣ, ки ба таҳлили амиқи муносибатҳои байни воҳидҳои мустақили сиёсӣ бахшида шудааст «Таърихи ҷанги Пелопоннес дар ҳафт китоб» мебошад, ки бештар аз ду ҳазор сол қабл, аз тарафи Фукидид (солҳои 471–401 то мелод) навишта шудааст. Бисёр нуктаҳо ва хулосаҳои ин таърихнигори Юнони қадим аҳаммияти худро то рӯзҳои мо аз даст надодаанд, ва орзуи ӯро ҷомаи амал пӯшонидааст, ки гуфта буд: «Ин асар то абад боқӣ хоҳад монд ва он барои ҳамаи онҳое, ки мехоҳанд дар бораи гузашта, ки метавонад аз рӯйи табиати инсонӣ ягон вақт дар оянда ба ҳамон шакл такрор шавад, тасаввуроти равшан дошта бошанд, фоидаовар хоҳад буд» [7, с.78-79].

Сабабҳои ҷанги чандсола ва хастакунандаи байни афинагиҳо ва лакедемониҳоро таҳлил намуда, ин таърихнигори қадим ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки ин халқҳо нисбатан муқтадир ва пешрафта буданд ва ҳар кадоми онҳо бар иттифоқчиёни худ ҳукмрон буданд.

Вай таъкид намудааст, ки: «…аз замони ҷанги Форс ва то ин ҷанг, афинагиҳо ва лакедемониҳо ё байни худ ё бо иттифоқчиёни худ мудом ё иттиҳод мебастанд, ё ки аз онҳо ҷудо мешуданд ва ҷанг мекарданд ва бад-ин тартиб, дар кори ҳарбӣ ва дар байни хатарҳо тақвияту обутоб меёфтанд ва таҷрибаи калон меандӯхтанд. Азбаски ҳарду давлати муқтадир ба як навъ империя табдил ёфта буданд, тақвияти яке, онҳоро водор мекард ин роҳро идома диҳанд, онҳоро барои тобеи худ кардани атрофиён тела медод, то таъсиру нуфузи худро ҳифз намоянд. Дар навбати худ, «империя»–и дигар ва шаҳр–давлатҳои хурд низ дар баробари чунин тақвият тарсу нигарониро эҳсос карда, барои тақвияти қудрати мудофиавии худ чораҳо меандешиданд.

Бад-ин тартиб, давлатҳо даргири доираи сарбастаи низоъ мешуданд, ки дар ниҳоят, ногузир ба ҷанг меанҷомид. Барои ҳамин Фукидид аз худи аввал, сабаби ҷанги Пелепоннессро аз баҳонаҳои гуногун барои ҷанг ҷудо мекард: «Ҳақиқатноктарин баҳона, гарчи дар забон ва нисбатан ниҳон буд, ба ақидаи ман, дар он аст, ки афинагиҳо бо тақвияти худ лакедемониҳоро ба ҳарос афканда, ба ин восита онҳоро ба шурӯи ҷанг водор карданд». «Лакедемониҳо эътироф мекарданд, ки сулҳ вайрон шуд ва бояд ҷангро сар кард. Ҷанг на танҳо таҳти таъсири иттифоқчиён, балки аз тарс дар баробари ҳарос аз тақвияти минбаъдаи иқтидори афинагиҳо сар шуд…» [7, с.80].

Таърихнигори Юнони қадим таъкид менамояд, ки далели асосӣ ва бештар эътимодноки танзими низоъ байни ду воҳиди сиёсӣ фақат қувва буда метавонад. Масалан, сафирони Афина, аз як тараф, лакедемониҳоро ба ҳифзи сулҳ моил сохта, аз тарафи дигар, бар он ишора мекарданд, ки давлати онҳо чи қадар муқтадир аст. Онҳо иқтидор ва ҳокимияти худро бар дигар давлатҳо сафед карда, мегуфтанд, ки «чунин тартиботро мо ҷорӣ накардаем, он аз азал вуҷуд дорад, яъне заифро неруманд бозмедорад».

Ба ақидаи Фукидид, неру ва иқтидори давлат ягона мақсад нест. Он барои ҳифзи манфиатҳои давлат, шараф ва амнияти он фақат чун василаи асосӣ хизмат мекунад. Афинагиҳо мегуфтанд: «Мо маҷбур будем давлати худро қабл аз ҳама, ба сабаби вазъияти мавҷуда, бештар аз ҳама, ба сабаби тарс дар баробари форсҳо, баъдан ба сабаби эҳсоси шараф ва ниҳоят, ба хотири манфиатҳои мо, ба ҳолати кунунӣ расонем».

Зоҳиран, Фукидид асло ситоишгари зӯроварӣ намебошад, вай фақат бо таассуф ногузирии онро, ки дар табиати худи инсон ниҳон аст ва дар ҳолатҳои фавқулода зуҳур менамояд, таъкид мекунад. Фукидид фоида ва зарурати меъёрҳои ҳуқуқиро дар муносибатҳои байни давлатҳо инкор намекунад, вале таъкид менамояд, ки ҳангоми низоъ дар сурати арзёбии ҳақиқӣ… ҳуқуқ фақат дар сурати баробарии қувваи ҳарду тараф аҳаммияти ҳалкунанда дорад; ва агар чунин баробарӣ набошад, неруманд ҳар чиро ки мехоҳад, онро мекунад ва заиф таслим мешавад. Аммо дар робита ба ахлоқ бояд гуфт, ки дар муносибатҳои байнидавлатӣ зуҳури олии ахлоқ метавонад фақат миёнаравӣ дар истифодаи қувва бошад. Бинобар ин, оне, ки таслими ҳамбаробари худ намешавад, оне, ки ба зӯртар хуб муносибат мекунад, оне, ки нисбат ба заифтар миёнаравтар аст, бештар муваффақ мешавад.

Воқеъбинӣ ва амиқии таҳлили рӯйдодҳо, пешгӯӣ ва инкишофи бисёр назарияҳои муносибатҳои байналхалқӣ аз тарафи Фукидид боиси он шуд, ки вай сардафтари яке аз анъанаҳои бонуфузи илми муносибатҳои байналхалқӣ гардид.

Минбаъд ин анъана, ки номи классикиро ба худ гирифт, дар осору ақидаҳои Н. Макиавелли (1469–1527), Т. Гоббс (1588–1679), Э. де Ваттел (1714–1767) ва дигар мутафаккирон идома ёфта, дар асри XVIII дар осори генерали германӣ (Пруссия) К. фон Клаузевитса (1780–1831) такмил ёфт.

Т. Гоббс чунин ақида дорад, ки инсон табиатан мавҷуди худхоҳ аст. Дар вай хоҳиши доимии ҳукмрон будан ниҳон аст. Аммо азбаски одамон табиатан аз рӯйи қобилияту истеъдод баробар нестанд, рақобати онҳо, нобоварӣ ба ҳамдигар, тамоюл ба соҳиби неъматҳои моддӣ шудан, майл ба обрӯ ва шараф ҳамеша боиси ҷанги ҳама ба муқобили ҳама ва инсон барои инсон гург аст, мегардад ва ин вазъи табиии муносибати байни одамон мебошад. Ба хотири даст кашидан аз нобудии якдигар дар ин ҷанг, одамон зарурати бастани созиши иҷтимоиро эҳсос мекунанд, ки натиҷаи он давлат — Левиафан мебошад. Ин ба воситаи ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқ ва озодиҳои худ ба манфиати давлат дар ивази кафолати таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, сулҳ ва амният амалӣ мешавад.

Аммо, агар муносибати байни одамони алоҳида ба маҷрои иҷтимоӣ дарояд ҳам, вале муносибатҳои байнидавлатӣ дар ҳолати табиӣ боқӣ мемонанд. Давлат чун ниҳоди мустақил бо ягон маҳдудият вобастагӣ надорад. Ба ҳар як давлат он чиз тааллуқ дорад, ки он тавоноии гирифтани онро дорад ва то вақте ки тавонии нигоҳдории ин чизи ғасбкардаро дорад. Ягона «танзимгари» муносибати байни давлатҳо қувва мебошад ва худи иштирокчиёни ин муносибатҳо дар вазъияти гладиатор қарор доранд, ки аслиҳаро тайёр нигоҳ дошта, ҳушёрона рафтори якдигарро мушоҳида мекунанд.

Яке аз навъҳои ин анъана назарияи тавозуни сиёсӣ аст, ки мутафаккири голландӣ Б. Спиноза (1632–1677), файласуфи англис Д. Юм (1711–1776) ва ҳуқуқшиноси швейтсарӣ Э. де Ваттел аз он пайравӣ карданд. Э. де Ваттел, бар хилофи Т. Гоббс, ба муносибати байни давлатҳо хушбинона нигоҳ мекунад. Вай чунин мешуморад, ки ҷаҳон, ҳадди ақал Аврупо, дигар шудааст: Аврупо акнун аз низоми сиёсӣ то ҳадде ягона аст, ки дар он ҳама чиз бо якдигар ва бо манфиатҳои гуногуни миллатҳои сокини ин қитъа алоқаманд аст. Он мисли пеш, вақте ки ниҳодҳои алоҳидаи он беназм буданд, ҳар кадоми онҳо нисбат ба сарнавишти якдигар беэътино буданд ва ба он чи ки бевосита ба онҳо дахл надошт, кам таваҷҷуҳ мекарданд, нест.

Э. де Ваттел қайд мекунад, ки маҳз андешаи баробарии сиёсӣ, баробарии ҳокимиятро ба вуҷуд овард. Яъне, ҳеҷ як давлат дар Аврупо тавоноии онро надорад, ки бар дигарон бартарӣ дошта бошад ва қонунҳои худро ба онҳо таҳмил намояд.

Э. де Ваттел мутобиқи анъанаи классикӣ чунин мешуморид, ки дар муқоиса бо манфиатҳои миллӣ, манфиатҳои шахсии одамон дуюмдараҷа мебошанд. Вай таъкид мекард, ки агар сухан дар бораи наҷоти давлат равад, набояд беш аз ҳад эҳтиёткор буд. Агар хеле зуд ба таҳдиду хатар бовар кард, пас, ҳамсоя айбдор аст, ки қасди худхоҳонаи худро бо аломатҳои гунонун нишон медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки ҷанги пешгирикунанда ба муқобили ҳамсояи сарбардошта, қонунӣ ва одилона аст.

Аммо чӣ кор бояд кард, агар қувваи ҳамсоя аз қувваи дигар давлатҳо бартарӣ дорад? Дар чунин ҳолат, Э. де Ваттел посух медиҳад, ки беҳтар, дурусттар ин хоҳад буд, ки …бояд иттифоқ баст, то якҷоя бо давлати қудратманд муқобила кард ва барои таҳмил кардани иродаи ин давлати қудратманд ба дигарон монеа кард. Алҳол давлатҳои мустақили Аврупо чунин мекунанд. Онҳо дар рақобати ду абарқудрат, ки рақиби табиӣ мебошанд, бо давлати заиф муттаҳид гашта, таносуби қувваро нигоҳ медоранд.

Дар асри XIX анъанаи классикӣ дар ақидаи К. фон Клаузевитс, дар асари ӯ «Дар бораи ҷанг» ифодаи худро ёфт:

1. К. фон Клаузевитс на танҳо тезис дар бораи он ки муносибатҳои байналхалқӣ моҳияти муносибатҳои байнидавлатӣ мебошанд, ҳақиқати баҳснопазир меҳисобад, балки худи сиёсатро чун муносибати воҳид ва комили стратегии давлат нисбат ба ҷаҳони беруна шарҳу тафсир медиҳад ва такрор ба такрор таъкид менамояд, ки ҷанг фақат аслиҳа, воситаи сиёсат мебошад.

Бо назардошти ин вай таъкид мекунад, ки агар ҳадафи аввалияи ҷанг расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ бошад, пас табиист, ки далели сар задани ҷанг мақсаду ниятҳои олие мебошанд. Ва ҳама вақт дар хотир бояд дошт, ки маҳз нияти сиёсӣ ҳадаф мебошад ва ҷанг фақат восита мебошад ва ҳеҷ гоҳ восита бе ҳадаф буда наметавонад.

2. К. фон Клаузевитс ба душвориҳои баҳсҳои дохилисиёсӣ, ки бартарии вазифаҳои сиёсати хориҷии давлатро таҳти шубҳа қарор намедиҳанд, таваҷҷуҳ намекунад. Вай менависад: «Метавон бо ин чиз розӣ шуд, ки ҳадафи сиёсат мутобиқсозии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти вазифаҳои дохилӣ ва арзишҳои маънавӣ мебошад. Табиист, ки сиёсат ба худии худ ҳеҷ чиз аст. Он фақат ифодаи манфиатҳо дар ҷаҳони беруна мебошад»;

3. К. фон Клаузевитс аз анъанаи классикӣ пайравӣ намуда, рушди минбаъда ва ташаккули назарияи реализми сиёсиро ба назар гирифта, чунин мешуморад, ки асоси сиёсатро тағйирнопазирии табиати инсонӣ ташкил медиҳад, бинобар ин, сиёсат метавонад дар асоси қонунҳои муайян ба нақша гирифта шавад. Вазъияти байналхалқӣ дар унсурҳои зерин ифода меёбанд:

– омилҳои табиӣ, ки зӯрӣ, бадбинӣ ва хусумати табииро дар бар мегиранд;

– ирода, озодиҳои инсонӣ, ки омилҳои фавқулода муҳим буда, дар доираи қонунҳои табиӣ ва бозиҳои тасодуф маҳдуданд;

– сиёсат, ҳамчун ифодаи муносибати оқилона нисбат ба ду унсури зикршуда [7, с.83-84].

Бад-ин тартиб, ҷанг «аз сегонаи аҷиб иборат аст:

– зӯрӣ чун унсури аввалияи он;

– бадбинӣ ва хусумат, чун ғаризаи кӯр–кӯронаи табиӣ;

– бозиҳои тасодуфӣ ва эҳтимолӣ, ки ҷангро ба як фаъолияти озод ва рӯҳӣ мубаддал месозад ва аз тобеияти ҷанг ба сифати аслиҳаи сиёсат, ки ба туфайли он ба ақли солим тобеъ мешавад.

Ҳамзамон бо анъанаи классикӣ, анъанаи дигаре ташаккул меёбад, ки асосгузорони он файласуфи доминиканӣ Ф. де Виториа (1480–1546), ҳуқуқшиноси голландӣ Г. Гротсия (1583–1645), намояндаи фалсафаи классикии германӣ И. Кант (1724–1804) ва дигар

мутафаккирон мебошанд. Асоси онро андешаҳои ваҳдати ахлоқӣ ва сиёсии инсоният, ҳуқуқи дахлнопазири табиии инсон ташкил медиҳанд.

Дар тафсири Ф. де Виториа, авлавият дар муносибати инсон бо давлат ба инсон тааллуқ дорад, давлат бошад, фақат як зарурати сода буда, масъалаи ҳастии инсонро осон мекунад. Ваҳдати инсонӣ тақсими инсониятро ба давлатҳои алоҳида дувумдараҷа ва сунъӣ месозад. Ҳуқуқи одӣ ва табиии инсон ҳуқуқи рафтуомади озодонаи вай мебошад. Ба ибораи дигар, Ф. де Виториа ҳуқуқи табиии инсонро болотар аз ҳуқуқи давлат мегузорад ва бад-ин тартиб, ҳатто аз тафсири муосири либералӣ–демократии масъалаи мазкур пеш мегузарад.Тарафдорони ин андеша ба таъмини сулҳи абадӣ байни одамон ё тавассути танзими ҳуқуқӣ ва ахлоқии муносибатҳои байналхалқӣ, ё амалисозии зарурати таърихӣ, эътиқод доранд.

Ба ақидаи И. Кант, мисли он ки муносибати байни одамони алоҳида ба зиддиятҳою ғараз асос ёфтааст ва ногузир ба барқароршавии ҷомеаи ҳуқуқӣ оварда мерасонад, муносибати байни давлатҳо ҳам бояд дар оянда ба сулҳи абадии танзимшаванда табдил ёбад. Намояндагони ин андеша на танҳо аз моҳият, балки аз зарурат бармеоянд, ба андешаҳои дахлдори фалсафӣ ва далелҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ такя намуда, ҳуқуқи дахлнопазири шахсиятро ҳимоя мекунанд, бинобар ин равия номи мактаби либералӣ–идеалистиро гирифтааст.

Дар доираи ин андеша, байни ақидаи И. Кант ва Ф. де Виториа аз як тараф, ва ақидаи Г. Гротсий аз ҷониби дигар, як фарқияти ҷиддӣ аст. Сухан дар бораи он меравад, ки М. Уайт онро фарқ байни инқилобчиён ва ратсионалистҳо номидааст. Инқилобчиён ба авлавияти меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқи дахлопазиру абадӣ ва табиии инсон исрор меварзанд. И. Кант навиштааст: …Сарфи назар аз ҳар гуна қурбонӣ аз тарафи доираҳои ҳукмрон, ҳуқуқи инсон бояд муқаддас шуморида шавад.Бинобар ин, ба ақидаи вай, дар андешаҳои сиёсӣ, бояд на некуаҳволӣ ва хушбахтии давлат, на мақсадҳое, ки давлатҳо дар назди худ мегузорад (на аз хоҳиш), чун усули олии (аммо эмпирикӣ) хиради давлатӣ, балки фаҳмиши вазифаи ҳуқуқӣ асос гирифта шавад, ки *a priori* ақли кулл муайян кардааст.

Тарафдорони ратсионализм ба аҳаммияти меъёрҳои ҳуқуқии аз тарафи давлатҳо дар ҷараёни муошири онҳо тарҳрезӣ ва қабулшуда таваҷҷуҳ менамоянд. Ин меъёрҳо ба ҳуқуқу озодиҳои умумиинсонӣ, ахлоқӣ, умумӣ ва дахлнопазир такя карда, дар амалияи муносибатҳои байналхалқӣ масъалаҳои ҷанг ва сулҳро инъикос менамоянд, мавриди таҷдид қарор намегиранд, ба вайрон кардани онҳо бе оқибати ҷиддӣ барои сулҳ ва субот роҳ намедиҳанд. Фарқияти зикршуда дар пасманзари проблемаҳои ба ном мудохилаи башарӣ ва консепсияи амният аҳаммияти истисноӣ пайдо мекунад.

Ба вуҷуд омадани марксизм дар миёнаи асри XIX боиси ба вуҷуд омадани боз як андешаи нав дар муносибатҳои байналхалқӣ гардид. Ба ақидаи К. Маркс, таърихи умумиҷаҳонӣ аз капитализм сар мешавад, чунки асоси тарзи истеҳсолоти капиталистиро саноати вазнин ташкил медиҳад, ки бозори ягонаи ҷаҳониро ба вуҷуд оварда, ба рушди воситаҳои алоқа ва нақлиёт мусоидат мекунад. Буржуазия бо роҳи истисмори бозори ҷаҳонӣ, истеҳсолот ва истеъмоли тамоми кишваҳоро универсалӣ намуда, на танҳо дар давлатҳои алоҳидаи капиталистӣ, балки дар миқёси тамоми ҷаҳон ба синфи ҳукмрон табдил меёбад. Аммо, ба он андозае ки буржуазия, яъне сармоя инкишоф меёбад, ба ҳамон андоза пролетариат низ рушд меёбад.

Муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, мубориза синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, ки дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он муборизаи синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ-таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия,

тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд. В.И. Ленин таъкид намудааст, ки дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX капитализм ба марҳалаи давлатӣ - монополистии рушди худ ворид шуда, ба имериализм табдил ёфтааст. Вай дар асараш «Империализм ҳамчун марҳалаи олии капитализм» менависад, ки бо хотимаи давраи тақсими сиёсии ҷаҳон байни давлатҳои империалистӣ, проблемаи тақсимоти иқтисодӣ байни монополияҳо дар радифи аввал қарор мегирад. Монополияҳо бо проблемаи мунтазам шиддатёфтаи бозор ва зарурати содир намудани сармоя ба кишварҳои кам рушдёфта бо меъёри баландтари фоида дучор мешаванд. Азбаски онҳо дар айни замон, дар рақобати шадид бо якдигар қарор мегиранд, зарурати зикршуда манбаи бухронҳои сиёсӣ, ҷанг ва инқилобҳо мегардад.

Андешаҳои назариявии баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ–классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳаммияти худро аз даст надодаанд.

Сарфи назар аз он ки муаррифӣ кардани назарияи муносибатҳои байналхалқӣ чун соҳаи нисбатан мустақил боиси афзоиши равишу методҳои назариявии омӯзиш, мактабҳои тадқиқотӣ ва самтҳои консептуалӣ гардидааст, проблемаҳои асосии илми мазкур дар парадигмаҳои он инъикос меёбанд.

**АДАБИЁТ**


1. Алексеева Т.А. Современная политическая мысль (XX–XXI вв.). Политическая теория и международные отношения. Учебное пособие / Т.А. Алексеева. -М.: Аспект Пресс, 2018. -624 с.
2. Дугин А.Г. Международные отношения (парадигмы, теории, социология) : учеб. пособие для вузов / А.Г. Дугин. — М.: Академический Проект, 2016. — 432с.
3. История международных отношений. В 3 томах. Том 1. Учебник / Под редакцией А. Торкунова. М.: Аспект Пресс, 2017. -400 с.
4. Каримова А. Социология международных отношений. Учебник / А. Каримова. М.: Юрайт, 2014. -336 с.
5. Международные отношения и мировая политика. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. М.: Юрайт, 2016. -280 с.
6. Никитина Ю.А. Введение в международные отношения и мировую политику. Учебное пособие / Ю.А. Никитина. М.: Аспект Пресс, 2017. -160 с.
7. Нуриддинов Р.Ш. Назарияи муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. Душанбе: «ЭР-граф», 2018. 340 с.
8. Нуриддинов П.Р. Сиёсати ҷаҳонӣ. Китоби дарсӣ / П.Р. Нуриддинов. Душанбе : «Таъминотчӣ», 2017. -352 с.
9. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатия. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. Душанбе: ЭР–граф, 2017. -576 с.
10. Нуриддинов Р.Ш. Фаъолияти иттилоотӣ–таҳлилӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ. Китоби дарсӣ. Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддин. Душанбе: ЭР–граф, 2018. -496 с.
11. Социология современных войн. Материалы научного семинара. МГУ. М.: Альфа–М, 2004. -192 с.
12. Талыбов Р. Страны Азии в системе международных отношений. Учебник / Р. Талыбов. М.: Инсан, 2016. -304 с.
13. Теория международных отношений. Учебник / Под редакцией П.А. Цыганкова. М.: Юрайт, 2017. -318 с.
14. Цыганков А.П. Социология международных отношений. Учебник / А.П. Цыганков, П.А. Цыганков. -М.: Аспект Пресс, 2008. -240 с.
15. Чанышев А.А. История политических учений. Западная классическая традиция. Античность - первая четверть XIX в. В 2 частях. Часть 2. Учебное пособие / А.А. Чанышев. М.: МГИМО (У) МИД России, 2015. -518 с.
16. Шаклеина Т.А. Россия и США в мировой политике. Учебник / Т.А. Шаклеина. -М.: Аспект Пресс, 2017. -336 с.


## АНЪАНАҲО: МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОИВУ СИЁСӢ


Яке аз хусусиятҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷой доштани андешаҳои гуногун ва рақобати мактабҳои таҳлилӣ мебошад. Чунин ҳолат проблемаи тақсимбандии назарияҳои муносибатҳои байналхалқиро ба вуҷуд овардааст. Сабаби асосии тақсимбандиҳо меъёрҳое мебошанд, ки мактабҳои илмӣ истифода намудаанд. Ба ақидаи муаллиф, муносибатҳои байналхалқӣ аз нигоҳи иқтисодӣ муносибатҳои истисморӣ мегарданд. Аммо аз нигоҳи сиёсӣ онҳо муносибати ҳокимон ва тобеон, муборизаи синфӣ ва инқилоб мегарданд. Бад-ин тартиб, истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои давлатӣ дуюмдараҷа мегарданд, чунки қонунҳои объективӣ ба ташаккули ҷомеаи умумиҷаҳонӣ мусоидат мекунанд, ки дар он иқтисоди капиталистӣ ҳукмрон мешавад, ки неруи ҳаракатдиҳандаи он муборизаи синфӣ ва рисолати ҷаҳонӣ — таърихии пролетариат мебошад. К. Маркс ва Ф. Энгелс навиштаанд, ки ҷудоии миллӣ ва зиддияти халқҳо бо рушди буржуазия, тиҷорати озод, бозори умумиҷаҳонӣ, истеҳсолоти саноатии якхела ва шароити зиндагии муносиби он, беш аз пеш аз байн мераванд. Муаллиф ба хулосае меояд, ки андешаҳои назариявии

баррасишуда дар илми муносибатҳои байналхалқӣ – классикӣ, либералӣ–идеалистӣ ва марксистӣ имрӯз низ то ҳадде аҳаммияти худро аз даст надодаанд.
**Калидвожаҳо:** назарияи муносибатҳои байналхалқӣ, мактабҳои илмӣ, анъанаи классикӣ, давлат, низоъ, андешаҳо.

**ТРАДИЦИИ: МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ В ИСТОРИИ СОЦИАЛЬНО–ПОЛИТИЧЕСКОЙ МЫСЛИ**

Одной из особенностей науки международных отношений является свойственное ей многообразие концептуальных построений, соперничающих между собой аналитических школ. Такое положение вещей порождает проблему классификации существующих в ее рамках различных теорий международных отношений. Основной причиной является множество классификаций, что объясняется различиями в критериях, которые используются научными школами. По мнению автора, международные отношения в экономическом плане становятся отношениями эксплуатации. В плане же политическом они становятся отношениями господства и подчинения и, как следствие, отношениями классовой борьбы и революций. Тем самым национальный суверенитет, государственные интересы вторичны, ибо объективные законы способствуют становлению всемирного общества, в котором господствует капиталистическая экономика и движущей силой которого является классовая борьба и всемирно–историческая миссия пролетариата. «Национальная обособленность и противоположность народов, – писали К. Маркс и Ф. Энгельс, – все более и более исчезают уже с развитием буржуазии, со свободой торговли, всемирным рынком, с единообразием промышленного производства и соответствующих ему условий жизни».Автор приходит к выводу, что рассмотренные основные теоретические традиции в науке о международных отношениях – классическая, либерально–идеалистическая и марксистская – во многом остаются актуальными и сегодня.
**Ключевые слова:** теория международных отношений, научные школы, классические традиции, государство, конфликт, мысли и т.п.

**TRADITION: INTERNATIONAL RELATIONS IN THE HISTORY OF SOCIO–POLITICAL THOUGHT**

One of the features of the science of international relations is its inherent diversity of conceptual constructions, competing with each other analytical schools. This state of Affairs gives rise to the problem of classification of the various theories of international relations existing within its framework. The main reason is the variety of classifications, which is explained by the differences in the criteria used by scientific schools. According to the author, international relations in economic terms become relations of exploitation. In political terms, they become relations of domination and subordination and, as a consequence, relations of class struggle and revolutions. Thus, national sovereignty and state interests are secondary, because objective laws contribute to the formation of a world society dominated by the capitalist economy and the driving force of which is the class struggle and the world–historical mission of the proletariat. "National isolation and the opposite of Nations," wrote K. Marks and Engels – more and more disappear with the development of the bourgeoisie, with the freedom of trade, the world market, the uniformity of industrial production and the corresponding living conditions. The author comes to the conclusion that the considered basic theoretical traditions in the science of international relations – classical, liberal–idealistic and Marxist – in many ways remain relevant today.
**Key words:** theory of international relations, scientific schools, classical traditions, state, conflict, thoughts, etc.

**Сведения об авторе:** ***Нуриддинов Рахимали Шахбозович*** - Таджикский национальный университет? доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений. **Адрес:** Таджикистан, 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**Information about the author:** ***Nuriddinov Rahimali Shahbozovich*** - Tajik National University Dr. of Science (Political Science), Professor, Head of the Department of International Relations,. **Address:** 17, Prospect Rudaki, Dushanbe, 734025, Tajikistan. E–mail: **rshn1995@mail.ru**

**УДК:930.25 (575.3)**

# ТАҲЛИЛ ВА ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ДАВЛАТДОРИИ МОДҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

***Шарифов Раҳмоналӣ, Шарипов Ҷамолиддин***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлати Мод яке аз аввалин низоми сиёсию идории ташкилнамудаи қавмҳои ориёӣ буд, ки пурра дар худ хусусиятҳои хосси давлатдориро инъикос менамуд. Аз муҳтаво ва таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон маълум мегардад, ки ӯ дар навишти таърихи давлатдории Модҳо аз осори хатти мехии ошурӣ, катибаҳои бобулӣ ва таърихнависони Юнони қадим, махсусан Ҳеродот (Геродот) ва дигар ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ истифода намуданро зарур шуморидааст. Таҳлил ва муқоисаи осори Эмомалӣ Раҳмон нишон медиҳад, ки дар маркази диққати ӯ чунин масъалаҳои мубрам меистанд, ки ҳалли онҳо метавонад гиреҳҳои сарбастаро оиди ин давлати нахустини мутамаркази ориёиҳо кушояд:

- муайян намудани асли қавмияти модҳо, нахустмеҳани онҳо, санаи воридшавии қабилаҳои мод ба сарзамини шимолу ғарбии Эрон;

- замони ташкилшавии давлати Мод, нишонаҳои давлатдорӣ, сохтори маъмурӣ, зинаи рушди давлатдорӣ;

- омилҳои заифшавии давлати Модҳо ва барҳамхӯрии он;

- нишон додани саҳми модҳо дар рушди тамаддуни ориёӣ.

Тибқи нишондоди аксарияти олимон, махсусан Дандамаев М.А. ва Луконин В.Г., ақвоми мод дар қарнҳои XII-XI то м. ба шимолу ғарби Эрон омадаанд. [3, с. 40]. Дар хусуси масоили мазкур маълумотҳое низ вуҷуд доранд, ки оиди аз ин ҳам барвақттар, яъне дар асри XIII то м. ба шимолу ғарби Эрон омадани модҳо шаҳодат медиҳанд. Тибқи фарзияи Дяконов М.И., яке аз қадимтарин навиштаҷоти мехии ошурӣ, ки дар он ақвоми мод номбар шудаанд, ба миёнаи ҳазорсолаи 2 то м. тааллуқ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон дар муайян намудани масоили мазкур бартарии маълумотҳои бостоншиносиро ба инобат гирифта, қайд менамояд: “Дар бораи дар асри XIII то м. дар Эрони Ғарбӣ сукунат доштани Модҳо, ки худро ориёӣ меномиданд, маводҳои бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд”... Барои тақвияти фикри хеш ӯ суханонашро идома дода, ба вуҷуд омадани тағйиротҳоро дар маданияти моддии Эрони Ғарбӣ дар асрҳои XIII-XII то м. таъкид менамояд. То ин замон барои ёдгориҳои ин минтақа зарфҳои рангаи мунаққаш хос буданд. Дар асри XIII то м. дар саросари ин минтақа ёдгориҳое пайдо шуданд, ки барояшон зарфҳои хокистарранг хос мебошад. Бостоншиносон ин тағйиротро ба муҳоҷирати қабилаҳои нав дар ин сарзамин нисбат медиҳанд” [7, с. 89]. Агар мо ба маълумотҳои олимон назар афканем, аксарияти эшон аз ориёӣ будани онҳо хабар медиҳанд.

Дар хусуси асли қавмият ва муҳоҷирати модҳо Вилл Дюрант тадқиқот бурда, модҳоро аз нажоди ҳиндуаврупоӣ дониста, қайд кардааст, ки шояд дар замони қадим онҳо аз канораҳои баҳри Хазари Осиёи Ғарбӣ омада, зимни кӯч бастан аз Бухорову Самарқанд гузашта, баъдан рӯ ба ҷануб сарозер шуда, пас аз расидан ба Эрон дар он ҷо мавқеъ гирифта бошанд.Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тасмими Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба маълумотҳои бостоншиносӣ такя намудан, фикри аксар олимонро оиди масоили замони муҳоҷирати қабилаҳои мод дурусттар ва қавитар гардонид. Дар умум, Эмомалӣ Раҳмон пайдоиши қавмҳои ориёӣ (яъне модҳоро) ба асри XIII то м. марбут медонад [7, с. 90].

Қисмати дувуми масъала аз кадом минтақа омадани модҳо ба сарзамини шимолу ғарбии Эрон мебошад. Тибқи нишондоди Эмомалӣ Раҳмон оиди ин масоил ду фарзия вуҷуд дорад. Дар асоси фарзияи якум онҳо ба ин ҷо аз Осиёи Миёна ва Бохтар омадаанд. Оиди ин фарзия низ, дар навбати худ, ду гурӯҳи ақида мавҷуд аст: якум, таърих ва фарҳанги ягона доштани модҳо ва порсҳо бо бохтариён, суғдиён ва дигар халқҳои ориёии Осиёи Миёна ва ҳамҷавори он. Ақидаи дувум бошад, ба ҷуғрофияи Авесто такя дорад, ки Бохтар, Суғд, дигар минтақаҳои Осиёи Миёна ва қисмати шарқии давлати Модро дар бар мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ақидаи дувум аз ҷониби И.М Дяконов ба таври муфассал ва боварибахш исбот карда шудааст. Муҳаққиқи эронӣ Саид Муртазо Ровандӣ дар натиҷаи тадқиқ ва истинод ба назари И.М Дяконов чунин ибрози андеша намудааст: “Агар бигӯем, ки дар поёни ҳазораи дувум ва ибтидои ҳазораи якум дар Моди Ғарбӣ ҷомеа дар арафаи равобити табақотӣ буд, чандон иштибоҳ накардаем”.

Бояд тазаккур дод, ки гурӯҳи дигари олимон, махсусан Э.А. Грантовский бар он назар аст, ки модҳо ва порсҳо, яъне ин ду қавми ориёӣ ба ҳудуди ғарби Эрон аз ҷануби Русия тариқи Кавказ омада буданд. Ӯ ин ақидаи худро бо он асоснок менамояд, ки ҳанӯз дар миёнаи ҳазорсолаи 2 то м. дар Байнаннаҳрайни Шимолӣ халқҳои ориёӣ зиндагӣ мекарданд [2, с. 10-11].

Дар осори Эмомалӣ Раҳмон дар ҷавоби назарияи мазкур мо чизи дигареро мушоҳида менамоем, ки ба ҳақиқат наздиктар мебошад. Ӯ қайд кардааст, ки минтақаҳои ҷануби Русия ва Кавказ, агарчи дар фарҳанги халқҳои ориёӣ нақши барҷаста гузошта бошанд ҳам, макони ниҳоии ташаккулёбии онҳо набуданд. Макони ташаккули халқҳои ориёӣ, аз ҷумла модҳо ва тадвини китоби муқаддасашон – Авесто, Осиёи Миёна ва Эрони бостон ба ҳисоб мераванд. Фарҳанги муштараки бохтариҳо, суғдиҳо, портҳо, хоразмиён ва модҳову порсҳо дар охири ҳазораи 3 нимаи аввали ҳазораи 2 то м. ба вуҷуд омада буд [7, с. 90].

Масъалаи марказиро дар осори Эмомалӣ Раҳмон оиди модҳо таърихи муттаҳидшавии ақвоми ориёӣ ва ташкилшавии давлати Мод дар бар мегирад. Ӯ дар ин бобат ба сарчашмаҳои хатти мехии ошурӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқон тадқиқ шудаанд, такя намудааст. Мувофиқи он дар соли 815 то м. шоҳи Ошур Шамши-Адад ба Мод ҳуҷум намуда, пойтахти он Ҳангматана ва 1200 қалъаи онро вайрону ба хок яксон кард.Эмомалӣ Раҳмон дар асоси ин маълумот ба чунин хулоса меояд, ки дар ибтидои ҳазораи якум модҳо ду нишонаи асосии давлатро доштанд, ки нишонаи якум ҳокимияти олӣ дар симои шоҳ ва нишонаи дувум пойтахт ҳамчун маркази маъмурию сиёсӣ мебошад. Дар хусуси ташкилшавии давлати Мод дар қатори осори Эмомалӣ Раҳмон, барои боз равшантар гардонидани муаммо, моро мебояд, ки ба назари дигар олимони ориёишинос шинос шавем.

Муҳаққиқи тоҷик М. Ҳазратқулов дар асоси хулосаҳои иттилооти бадастомада, қайд менамояд, ки амирнишинони сарзамини Мод баъзе довталабона ва баъзе дигар ба таври маҷбурӣ зери парчами воҳиде гирд омаданд [10, с. 118]. Гиршман бошад зикр намудааст, ки ваҳдати эронӣ нисбат ба ақвоме, ба мисли мисриёну сумериён кундтар ва оҳистатар ҷараён гирифтааст. Ақидаи мазкурро М. Дунари ҳам таъкид намуда, қайд кардааст, ки модҳо ҳатто дар давраи бузургиашон то андозае чодарнишин мондаанд, зеро сарзаминашон чандон ҳосилхез набуд [4, с. 119].

Ин ҷо моро мебояд, ки ба осори Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ намоем. Ӯ дар хусуси масъалаи мазкур истодагарӣ намуда, назари Э.А. Грантовскийро ба ҳақиқат наздик мешуморад. Вай таъкид мекунад, ки вақте ориёиҳо (яъне ақвоми мод) ба сарзамини Мод омаданд, анъанаҳои тараққикардаи фарҳангӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ доштанд, ба чорводорӣ, аз ҷумла аспparварӣ, кишоварзӣ машғул ва истифода аз филизотро ба роҳ монда, аз гардунаву аробаҳои ҷангӣ истифода мебурданд [2, с. 40]. Эмомалӣ Раҳмон дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ нигоштааст, ки дар ҳақиқат ориёиҳо дар сарзамини камҷамъияти модҳо муқимнишин шуда, ба кишоварзӣ, ҳунармандӣ, чорводорӣ ва махсусан аспparварӣ машғул шуданд. Онҳо шаҳру қалъаҳои зиёд доштанд. Тасвири қалъаҳои модҳо дар катибаҳои ошурӣ ва бобулӣ ёд шудаанд ва дар онҳо оиди арзи вуҷуд доштани 1200 шаҳрқалъа сухан рафтааст [7, с. 91].

Дар мавриди ақидаи Гиршман оиди суст ҷараён гирифтани ваҳдати модҳо банда ҳаминро қайд карданӣ аст, ки ориёиҳо, яъне модҳо аз шарқ ба шимолу ғарбии Эрон омада наметавонистанд, яку якбора мардуми таҳҷоиро ба худ ром кунонанд, аз ин рӯ ба ҳам унс гирифтан ва омехташавии фарҳанги онҳо шояд каме тӯл кашида бошад. Масъалаи Мисру Сумер бошад, тамоман чизи дигар аст, ки муқоиса кардани он бо ақвоми мод имконнопазир аст. Дар масъалаи чодарнишин будани модҳо ҳаминро зикр кардан ҷоиз аст, ки, албатта, халқи муҳоҷир то як даврае макони зисти муайян надорад, модҳо низ аз қабили он қавме буданд, ки дар шарқ ба ҳунармандию кишоварзӣ машғул буданд, вале баробари ба шимолу ғарб муҳоҷир гаштанашон, то даврае дар чодарҳои муваққатии худ шояд зистанро ихтиёр карда бошанд. Вилл Дюрант дар "Таърихи тамаддун" дар хусуси хусусиятҳои зиндагии модҳо зикр намудааст, ки "мису оҳану сурбу симу зар санги мармару ва сангҳои қиматбаҳо ба даст оварданд ва чун қавми неруманд буданд ва зиндагии сода доштанд, ба зироат ба даштҳо ва доманаи теппаҳои манзилгоҳи худ пардохтанд ва зиндагии осоиштае барои хеш фароҳам сохтанд".

Бояд тазаккур дод, ки Эмомалӣ Раҳмон оиди сохтори маъмурӣ ва хусусиятҳои хосси рушди давлати Модҳо дар осори хеш дар такя ба натоиҷи тадқиқоти олимони соҳа маълумот додааст. Таҳлили осори ӯ нишон медиҳад, ки кишвари Мод аз лиҳози маъмурӣ аз чандин вилоятҳои мустақил иборат буда, ҳар кадом ҳокими худро дошт [7, с. 92]. Вилл Дюрант шумораи вилоятҳои модҳоро 27-то нишон додааст, ки онҳоро Амодҳо ва ё Модҳо меномиданд [10, с. 63].

Эмомалӣ Раҳмон аз санъати баланди идории давлатдории Модҳо ёдовар шуда, зикр менамояд, ки сохти идории давлати Мод подшоҳӣ буда, шоҳ таҷассуми ҳокимияти мутлақ дар тамоми қаламрави давлат маҳсуб меёфт. Ӯ аз Ҳеродот иқтибос оварда, қайд кардааст, ки асосгузори давлати мутамаркази Мод Даҳюкро ҳокимони вилояту ноҳияҳо дар анҷуман ҳамчун подшоҳи тамоми кишвари Мод интихоб карданд. Вале, пас аз Даҳюк ҳокимияти шоҳӣ хусусияти меросиро гирифта, аз падар ба писар мегузашт. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба маълумоти муаллифони асари “Маданият ва иқтисоди Эрони қадим” бартарии ноҳияҳои ғарбии Модро аз лиҳози тараққиёт нишон додааст. Ӯ қайд менамояд, ки дар он ҷо ҳанӯз дар асрҳои IX-VIII то м. ориёиҳо якчанд давлатҳои хурди амирнишин, ба монанди Алабрия, Гилзин, Манна ва ғайраро ташкил дода буданд, ки онҳо минбаъд ба ҳайати давлати Мод шомил шудаанд [7, с. 90].

Қайд кардан зарур аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ ба сохтори идории давлати Мод диққати хосса зоҳир намудааст. Ӯ нишонаҳои муҳимми давлатдории эшонро дар натиҷаи муқоисаи сарчашмаҳои таърихӣ ва ахбороти муаррихони атиқа, махсусан Ҳеродот, нишон додааст. Мавҷудияти дарбори шоҳӣ, умури идорӣ, пойтахт ҳамчун маркази маъмурию сиёсӣ, артиш, мақоми қонунгузорӣ ва ғайраро ба давлати Мод марбут медонад. Иқтибоси овардаи ӯ аз Ҳеродот дар хусуси қоидаҳои ташрифотӣ ба дарбори шоҳ диққатҷалбкунанда мебошад. Тибқи он Даҳюк баъди подшоҳ интихоб шуданаш дастур дод, ки ҳоҷатмандон ба шоҳ танҳо ба воситаи хидматгоронаш муроҷиат намоянд [7, с. 91].

Эмомалӣ Раҳмон кӯшидааст он паҳлуҳои муҳимми ҷомеаи модҳоро, ки аввалин густаришдиҳандагони тамаддуни бузурги ориёӣ буданд, дар осори хеш инъикос намояд. Махсусан сохтори иҷтимоии модҳо, ки аз ҷониби муаррихон кам инъикос гардидааст, мавриди таваҷҷуҳи вай қарор гирифтааст. Ӯ ҷомеаи модҳоро аз чор табақаи асосӣ – ашрофон, ҷанговарон, рӯҳониён ва кишоварзону ҳунармандон иборат медонад. Фарзияи М.И. Дяконов ин фикрро боз ҳам тақвият мебахшад. Ӯ шабоҳати сохти иҷтимоии модҳоро ба сохти иҷтимоии дар Авесто инъикосёфта таъкид намудааст. Муҳаққиқ Саид Муртазо Равандӣ дар натиҷаи мулоҳизаҳои зиёд қайд кардааст, ки “агар бигӯем, ки дар поёни ҳазораи дувум ва оғози ҳазораи якум дар Моди Ғарбӣ ҷомеа дар остони равобити табақотӣ буд, чандон иштибоҳ накардаем” [10, с. 118]. Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки нақши дину оини зардуштӣ дар ҷомеаи Мод то ҷое бориз будааст.

Мавриди зикр аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба маълумотҳои Ҳеродот, М.И. Дяконов ва Э.А. Грантовский шаш қабилаи модҳо – бус, парстакан, струхат, аризонгт, буди ва муғро номбар намуда, дар айни замон аз нақши бориз набозидани онҳо дар ҷомеа ёдовар мегардад. Дар ин ҷо ақидаи Грантовскийро овардан бамаврид аст [7, с. 93]. Ӯ бар он бовар аст, ки дар замони модҳо тасаввурот оиди қабилаҳо ва исми онҳо боқӣ монда буд, вале худи қабилаҳо шояд вуҷуд надоштанд ва дар ҷомеа низ нақши муҳимро намебозиданд [10, с. 119].

Масъалаи дигари баҳснок дар осори Эмомалӣ Раҳмон рӯйхати шоҳони Мод мебошад. Дар ин хусус ӯ бештар ба маълумотҳои манбаъҳои ошурӣ ва Ҳеродот такя намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки ҳамаи шоҳони Мод (ба ғайр аз Фравартаиш, ки Ҳеродот ном бурдааст) дар манбаъҳои ошурӣ зикр шудаанд, ки ин дурустии ахбори Ҳеродотро тасдиқ менамояд. Дар хусуси як шахс будани Хшатрита ва Фравартиш, ки онҳоро И.М. Дяконов ном бурдааст, Эмомалӣ Раҳмон маълумотҳои мавҷударо нокифоя мешуморад [7, с. 95]. Яъне, то ҳол аниқ будани масъаларо шубҳанок медонад. Эмомалӣ Раҳмон низ ба

мисли аксарият охирин шоҳи Модҳоро Астиаг (Ихтивируа 585-550) ном бурда, муддати ҳукмронии вайро 35 сол донистааст. Аз сабабе ки сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи ӯ маълумоти кам додаанд, ӯ ба ахбори Ҳеродот такя намудааст. Ҳеродот ӯро ҳамчун шахси золим номида, аз сиёсати пешгирифтаи вай норозӣ будани аъёну ашрофро таъкид намудааст. Ҳамин сабабҳоро ӯ минбаъд боиси аз тарафи Куруши Кабир шикаст хӯрдани Астиаг донистааст. Эмомалӣ Раҳмон ба дасти Куруш гузаштани ҳокимиятро ҳамчун табаддулоти сиёсӣ дар дохили як давлат шарҳ додааст [7, с. 94]. Чунин далелҳо метавонанд ақидаи ӯро тақвият бахшанд:

- як ҷузъи давлати Мод будани Порс, ки Куруш аз он бархостааст;
- умумияти забонӣ, динӣ, фарҳангӣ, таърихии аҳолии Моду Порс ва дар умум ориёӣ будани эшон;
- пайванди хешутаборӣ доштани шоҳони ин ду кишвари бонуфуз;
- ҳамин тариқ, эътирофи давлати Ҳахоманишиҳо ба сифати давомияти мантиқӣ ва қонунии Модҳо.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи дигари марказии осори Эмомалӣ Раҳмонро инъикоси саҳми модҳо дар рушди тамаддуни ориёӣ ташкил медиҳад. Ӯ дар муайян кардани машғулият ва маданияти модҳо ба сарчашмаҳои асосӣ, яъне бозёфтҳои бостоншиносӣ такя намудааст. Бояд қайд намоем, ки дар ҳудуди Мод бостоншиносон як қатор ёдгориҳоеро кашфу тадқиқ кардаанд, ки дар омӯзиши маданияти эшон мусоидат менамоянд. Эмомалӣ Раҳмон як қатор гӯристонҳои тадқиқшудаи бостоншиносонро нишон додааст, ки Сиалк, Хурвин, Калураз, Марлик ва деҳкадаҳои истеҳкомдори Ҳасанлу, Годинтеппа, Бобоҷонтеппа, тепаи Нӯшиҷон аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Яке аз унсурҳои асосии маданият дин ба шумор меравад. Оиди дини даврони модҳо то ҳол дар байни муҳаққиқон ақидаи ягона мавҷуд нест. Эмомалӣ Раҳмон дар шинохти тамаддуни ориёиҳои аҳди Модҳо мавқеи дини зардуштиро дар осораш нишон додааст. Ӯ ба ахбори Ҳеродот, ки аз мавҷудияти шӯрои муғон дар назди дарбори шоҳ хабар медиҳад, ба хулосае омадааст, ки дини зардуштӣ на танҳо дар байни модҳо паҳн шуда буд, балки он дар тамоми қаламрави давлати Модҳо мақоми муҳим дошт. Ҳошими Разӣ оид ба дини модҳо навишта, ки "таърихи дини модҳоро аз лиҳози замонӣ ба таваҷҷуҳ ба таъсироти зардуштӣ ба ду давра метавон тақсим кард. Нахуст, даврони пеш аз садаи ҳафтуми то милод ва дуюм, даврони пас аз садаи ҳафтум. Дар давраи аввал нуфузу нишонаи дини зардуштӣ кам ва дар даврони дувум зиёдтар мебошад" [10, с. 179]. М.И. Дяконов низ нуқтаи мазкурро омӯхта, дар хусуси оини модҳо гуфтааст, ки даврони аввали модӣ дини мутамоил ба оинҳои ғарбӣ, бахусус ошурӣ буда, дар нимаи дувум, яъне баъд аз асри VII то м. дини зардуштӣ миёни модҳо ва ба воситаи онҳо миёни порсҳо ривоҷ ёфтааст [3, с. 71]. Э. Мейер исмҳои модии ба асрҳои IX-VII то м. марбутбударо омӯхта, дар таркиби онҳо мавҷудияти номи худои зардуштӣ Аҳурамаздоро муайян карда, ба хулосае омадааст, ки дар асри IX то м. модҳо маздопараст ё зардуштӣ буданд. Эмомалӣ Раҳмон дар осори худ ин нуқтаро шарҳ дода, қайд кардааст, ки модҳо ва ошуриён барои нуфузи сиёсии худ ҳамеша бо ҳам дар ҷангу ситез буданд, дар натиҷаи истилои якдигар як навъ омезише низ байни модҳо ва ошуриён ба вуҷуд омад [7, с. 95]. Ба ҳар ҳол, дар асоси ин далелҳо гуфтан мумкин аст, ки мавқеи дини зардуштӣ дар ҷомеаи модҳо нисбатан мустаҳкам буда, нақши боризе дошт.

Дар замони муосир базе муҳаққиқон бар он назаранд, ки давлати Модҳо фурсате пайдо накард, ки саҳми худро дар бинои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ гузорад. Дар ҳақиқат умри кутоҳи ин давлати нахустини ориёиҳо ба баъзе аз омилҳои мусбие, ки нав ташаккул ёфта истода буданд, халал расонид. Вале баъзе унсурҳои тамаддуни бузурги ориёӣ аз ҳамин давра реша гирифта, минбаъд дар замони Ҳахоманишиҳо ба авҷи аълои инкишофи худ расид. Ҳақ бар ҷониби муаллифи "Таърихи тамаддун" В. Дюрант мебошад, ки чунин қайд кардааст: "Эрониён забони ориёӣ ва алифбои 36-ҳарфаи худро аз Мод гирифтанд ва

ҳамин модҳо сабаби он буданд, ки эрониён ба ҷойи лавҳи гилӣ коғази пӯстӣ ва қалам барои навиштан ба кор баранд. Қонуни ахлоқии эрониён, ки дар замони сулҳ самимона ба кишоварзӣ бипардозанд ва дар ҷанг матҳур ба бебок бошанд ва низ мазҳаби зардуштии эшон ва эътиқод ба Аҳурамаздову Аҳриман ва созмони падаршоҳӣ ё тасаллути падар дар хонавода ва тааддуди завҷот... ҳама решаи модӣ дошта, мутаассифона, аз адабиёту ҳунари ин қавм як пора санг ё ҳунаре ҳам боқӣ намондааст" [10, с. 123].

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон дар асоси асноду сарчашмаҳои бадастомада ва хулосаи баҳсҳои доманадори муаррихон ба хулосае омадааст, ки давлати Мод яке аз нишонаҳо ва намунаҳои шакли ибтидоӣ ва дар замони худ шакли мукаммали давлатдории форсизабонҳо буд, ки дар сарзамини имрӯзаи шимолу ғарбии Эрон арзи вуҷуд намудааст. Модҳо баҳри ташкил намудани нахустин империяи ориёиҳо заминаи мусоидро фароҳам оварданд. Онҳо заминагузори тамаддуни бузурги ориёиҳо дар ҳаёти сиёсӣ– идоракунии ҷомеа маҳсуб меёбанд.

### АДАБИЁТ


1. Грантовский Э.А. О распространении иранских племен на территории Ирана. Монография / Э.А.Грантовский // История иранского государства и культуры. -М.: 1971.-325 с.
2. Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. Монография/ Э.А.Грантовский. -М., 1970.-314 с.
3. Дандамаев М.А. Культура и экономика древного Ирана / М.А. Дандамаев, В.Г.-Луконин. -М., 1980.-354 с.
4. Дунари М. Таърихи ҷаҳони Лорус. Тарҷумаи Ҷалолиддини Аълам / Дунари М.-Теҳрон, 1378.-435 с.
5. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1999.-534 с.
6. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дувум. Аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. –Душанбе: Ирфон, 2002.-557 с.
7. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 2006.-374 с.
8. Раҳмонов Э. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ / Э. Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 2006. -367 с.
9. Раҳмонов Эмомалӣ. Забони миллат-ҳастии миллат. Китоби 1 / Э. Раҳмонов.-Душанбе.: "Андалеб-Р", 2015.-490 с.
10. Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. Монография / М. Ҳазратқулов. -Душанбе, 2006.-577 с.


### ТАҲЛИЛ ВА ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ ДАВЛАТДОРИИ МОДҲО ДАР ОСОРИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН


Дар мақолаи мазкур кӯшиш намудаем, то каме ҳам бошад, дар хусуси масъалаҳои ҳалталаби яке аз саҳифаҳои давлатдории қавмҳои ориёитабор – Модҳо дар асоси таҳлили осори Эмомалӣ Раҳмон маълумот пешниҳод намоем. Эмомалӣ Раҳмон дар такя ба сарчашмаҳои таърихӣ ва натоиҷи тадқиқоти муҳаққиқони соҳа ба чунин хулосае омадааст, ки ташкилшавии давлати Мод дар таърихи халқҳои ориёӣ марҳилаи муҳим ва сифатан нав буд. Он яке аз аввалин давлатҳои калону мутамаркази ориёиҳо дар аввали асри оҳан буд. Модҳо нахустин маротиба дар ҳайати як давлат ориёиҳои ғарбию шарқиро муттаҳид намуданд. Онҳо дар Осиё ба қувваи пешбарандаи сиёсиву фарҳангӣ табдил ёфта, ба бисёр халқҳои ҳамсоя таъсири мусбат расониданд. Ҳамчунин, ӯ модҳоро дар саргаҳи тамаддун қарор дода, фурсати кӯтоҳи таърихии эшонро омили асосии саҳми бузург нагузоштанашон дар тамаддуни ҷаҳонӣ донистааст. Қайд намудан бамаврид аст, ки баҳои Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба саҳми модҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ ба мисли аксар муаррихони даврони нав объективӣ ва умумӣ мебошад. Дар ҳақиқат, модҳо аввалин маротиба тамоми ориёиҳои шарқию ғарбиро дар ҳудуди давлати мутамарказ, ки омили пешрафти тамоми паҳлуҳои тамаддуни эшон гашт, муттаҳид намуда, то як муддате аз ҳуҷуми аҷнабиён эмин нигоҳ доштанд. Онҳо заминаҳои асосии нахустин империяи ҷаҳониро, ки аз ҷониби ориёиҳо ташкил шуда буд, гузоштанд.



**Калидвожаҳо:** пайдоиш, масъала, давлат, ориёиҳо, мутамарказ, тамаддун, саҳм.


### АНАЛИЗ И ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ ПРАВЛЕНИЯ МИДИЙЦЕВ В ПРОИЗВЕДНИЯХ ЭМОМАЛИ РАХМОНА


В данной статье, на основе анализа произведений Эмомали Рахмона авторы постарались ответить на важные вопросы истории арийцев эпохи– правления Мидийцев. Опираясь на исторические источники и результаты исследований, Эмомали Рахмон пришел к выводу, что становление государства Мидии было важным и качественно новым этапом в истории арийских народов. Это было одно из крупных и централизованных государств арийцев в пределах одного государства. Ставя мидийцев у истоков арийской цивилизации, он отмечает огромный вклад вносимый ими в развитие мировой цивилизации за исторически короткий промежуток времени. Следует подчеркнуть, что, как и большинство современных историков, Эмомали Рахмон объективно оценил вклад мидийцев в мировую цивилизацию. Они создали первую империю, сформированную арийцами.



**Ключевые слова:** правление, проблема, государство, арийцы, централизованный, цивилизация, мидийцы.

**ANALYSIS AND STUDY OF THE PROBLEMS OF THE MANAGEMENT OF THE MEDIANS IN THE WORKS OF EMOMALI RAHMON**

In this article, based on the analysis of the works of Emomali Rakhmon, the important problems of one of the pages of the Aryan era, the rule of the Medes, were answered. Based on the historical sources and the results of the research of Emomomali Rakhmon, the investigators came to the conclusion that the growth of the state of the Medes was an important and qualitatively new stage in the history of the Arishan peoples. It was one of the large and centralized states of the Aryans within the borders of one state. Putting the Medes at the source of the Aryan civilization, the author notes the great contribution they made to the development of world civilization in a historically short period of time. It should be emphasized that, like most modern historians, Emomali Rakhmon objectively assessed the contribution of the Medes to world civilization. They created the first empire, formed by the Aryans.

**Key words:** government, problem, state, Aryans, centralized, civilization, Medes.

**Сведения об авторах:** ***Шарифов Рахмонали Ятимович*** – Таджикский национальный универистет, кандидат исторических наук, доцент. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E- mail:shfrifov. rahmonali. r@mail. ru. Телефон. 918648136.
***Шарипов Джамолиддин Сафолович*** -Таджикский национальный универистет, ассистент кафедры истории таджикского народа, **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru.** Телефон. **987244423.**

**Information about the author:** ***Sharifov Rahmonali Ytimovich*** **-** Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor. **Address:** 734025,Tajikistan, Dushanbe,Prospect Rudaki,17. E-mail: **shfrifov. rahmonali. r@mail. ru.** Телефон. **918648136.**
***Sharipov Jamoliddin Safolovich*** -asisstent of the Department of history tajik national, Tajik National University. **Address:** 734025,Tajikistan, Dushanbe,Prospect Rudaki,17. E-mail: **Jamol_hnt.r@mail.ru**. Pone: **987244423.**

**УДК 394.91**

# ТЮРКО-АРАБСКОЕ НАШЕСТВИЕ И НОВАЯ ЭТНИЧЕСКАЯ СРЕДА СОГДА И ФЕРГАНЫ

***Аюбов А.Р.***
**Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова**

Период нашествия тюрков и арабов и их заселение на территории Средней Азии, в том числе Согда и Ферганы, имеет свои особенности. Особо нужно отметить их роль в дальнейшую судьбу местных народов Средней Азии – согдийцев, хорезмийцев, уструшанцев, ферганцев и др. Эту роль можно заметить в приобретении местной культурой новых элементов.

Тюрко-арабскому периоду предшествовал греческий период истории народов Средней Азии. Однако он продлился немного, так как Греко-Бактрийское царство в первой половине II в. до н.э. рухнуло в результате нашествия юэчжи. Сами юэчжи под натиском усуней передвигались на юг в сторону Ферганы и дальше в Согд и Бактрию. Греко-Бактрийское царство в 30-е гг. II в. до н. э. рухнуло. Свою независимость частично сохранили некоторые греческие владения такие, как Каписа, Уддияна, Таксила. Начиная с этого времени история данных владений протекала уже за пределами Средней Азии. В следующем столетии феномен среднеазиатского эллинизма достиг своего конца[8, с.476].

В IV-VIII вв. н.э. этническую структуру Средней Азии изменяют миграции хионитов, кидаритов, эфталитов, тюрков и арабов. Во второй половине VI в. письменные источники сообщают о пребывании тюрков в Среднюю Азию. Начиная с этого времени до VIII в. н.э. наблюдается наиболее активное перемещение тюрков, где они постепенно начинают теснить восточноиранское население, как в плане политического господства, так и в отношении территории расселения.

Миграция тюрков периодично шла в VI-VIII, X-XII и XV-XVI вв. До начала первого периода в памятниках письменности первой половины I тыс. н.э. и в монетных легендах не встречается ни одного тюркского слова, титула, имени, топонима, а этого никак не могло бы быть, если бы в данное время здесь в массовом количестве проживало тюркское население [16, с.45]. Отношение к тюркам среди местного населения было разное. Одним из первых с тюрками в контакт вступили согдийцы. Как отмечает Н.Т. Рахимов, «это было связано не только с тем, что Согд, как Хорезм и Фергана, находился на периферии земледельческого мира древности, но и тем, что благодаря такому феномену, как согдийская колонизация, согдийцы раньше других оказались в глубинных районах Азии и оказали на тюрков значительно большее влияние, чем другие оседлые народности» [15, с.168].

С середины V до начала VI вв. происходит «инфильтрация тюркских племен в Трансоксиану» [16, с.46]. Во второй половине VI-VIII вв. наблюдается усиление данного процесса. В Согде, Уструшане и ряде других областей Средней Азии утверждаются тюркские династии. Территория Трансоксианы-Мавераннахра была включена в состав Западно-тюркского каганата. Тюрки начали чеканить собственные монеты с тюркскими именами и титулами.

Материалы археологических раскопок, найденные в могильниках Ширинсая и Мунчак-тепе показывают разнородность населения. А.Н. Бернштам это объясняет как результат продвижения в этот район гуннов. По его мнению, вторжение гуннов в Среднюю Азию, в том числе и в район Ширинсая, было чревато усилением этногенеза тюрков. В это время складываются тюркоязычные группы племен с обликом тюркской культуры [4, с.20-21]. Однако письменные источники не сообщают о продвижении гуннских племен в Среднеазиатском междуречье. Следуя этому, А.Н. Бернштам, противореча сам себе, в другом месте пишет: «Ввиду того, что Согд занят кушанами, впоследствии эфталитами, путь гуннов лежал не южнее Сырдарьи» [5, с.12].

Памятники, найденные в районах Ширинсая и Мунчактепе оставлены оседло-земледельческим населением и в нижних слоях они составляют единый историко-культурный комплекс. М.М. Дьяконов также утверждает, что на территории Уструшаны как составной части Согда, не следует искать памятников кочевнической культуры [9, с.23]. Только в более позднее время появились племена тогузгузов и огузов.

Огузы были потомками тюркизированных эфталитов. В составе огузов в VIII-X вв. кроме тюрко-эфталитского элемента также имелись индоевропейские элементы в лице племен тохаров (дюкеров) и ясов-аланов (язык-язгыров). Ещё за пять столетий до монгольского завоевания в состав огузов проникли монгольские элементы. Об этом свидетельствуют племенные названия кайы, баят и баяндер, которые приняли участие в этногенезе огузов [14, с.78]. Огузы кочевали на северо-западной части Согда. Поэтому Ибн Хаукаль эту местность называет страной гузов [2, с.128]. Это означает, что в раннем средневековье на территории Согда, кроме горных районов, появляются тюркские элементы.

Время правления тюрков в Средней Азии имеет свои особенности. О роли Тюркского каганата в мировой истории писал В.В. Бартольд: «Тюрки, около середины VI в. сменившие в Монголии жужаньцев, основали самую могущественную из всех кочевых империй домонгольского периода» [3, с.181]. Он был прав, так как исследователи политической карты Центральной Азии время эфталитов называют застойным [21, с.5].

Образование Тюркского каганата на территории Средней Азии имеет свои объективные и субъективные основы. Во-первых, согласно китайским источникам, народы, проживающие на территории Средней Азии и Тюркского каганата – юэчжи, саки, согдийцы и тюрки, находились в едином этническом пространстве, во II тыс. до н.э. они переселились от северных границ Каспийского и Аральского морей на восток и юг. Отношения между ними посредством торговых путей продлевались столетия. За это время изменения происходили не только в их языке, но в антропологическом облике, в некоторых обычаях сохранились сходные черты. Во-вторых, политические и экономические интересы ускорили процесс правления Тюркского каганата. Как отмечает Ю.А.Зуев, поход тюрков в Среднюю Азию стоит оценить как их миграцию [10, с.325]. С другой стороны, тюрки активизировали политический, экономический и этнокультурные процессы народов региона. В этом контексте нужно отметить, что в рамках согдо-тюркских отношений раннего средневековья обеспечивался культурный обмен между народами Востока и Запада.

Ещё до начала времени господства Тюркского каганата в VI в. тюрки поселялись на некоторые части Средней Азии. Однако их существенное влияние на этническую карту районов Согда и Ферганы начинается только во времена Тюркского каганата. Так, судя по сведениям источников, с конца VII в. тюрки занимали особое место среди жителей Самаркандского Согда.

Однако процесс проникновения тюрков во всех частях Согда не протекал равномерно. Район верховий Зарафшана в силу своей изолированности не испытывал процесс тюркизации. И как отмечает А.Ю. Якубовский, «…отюречение согдийского... населения в языковом смысле... в результате сближения, браков между коренным ираноязычным населением и пришлым и якобы местным тюркоязычным, - представляется нам пока недоказанным» [11, с.10]. О.И. Смирнова указывает на отсутствие тюркского элемента в топонимике поселений верховьев Зарафшана [17, с.65-66].

Процесс тюркизации проходил далеко за пределами самого Согда. Нужно отметить, что на территории Семиречья и Восточного Туркестана находились согдийские поселения. В этих районах господствовал согдийский язык. Однако проникновение тюрков привело к его полному исчезновению, хотя в некоторых поселениях он частично сохранился. Так, по данным Махмуда Кашгарского, во второй половине XI в. жители Баласагуна и других городов Семиречья были уже двуязычны («говорят они по-тюркски и по-согдийски»).

Памятники письменности сообщают, что уже в VIII в. прослеживается заимствования из согдийского в тюркские языки и наоборот. Миграция различных тюркских этнических групп в Согд или Фергану приводила к данному процессу. Но физической смены населения не наступало.Тюркские народы (например, узбеки или туркмены) складывались на основе местных, ранее ираноязычных народностей - согдийцев, хорезмийцев, парфян и др. В этом и состояла особенность этногенеза как таджиков, так и некоторых тюркских народов Средней Азии.

Нужно отметить, что индивидуальное или социальное перемещение, или переселение людей с одной территории на другую не осуществляется без определенной причины. Различные экономические, политические и религиозные обстоятельства обуславливают переселение людей. Это относится и к переселению арабов в Среднюю Азию, в том числе на территорию Согда.

Переселившись на чужие территории в эпоху раннего средневековья, арабы в течение небольшого времени распространили новую религию - ислам. Миграция арабов, начавшая во времена халифата, стала причиной великих преобразований. В то время переселение арабов играло важную роль в создании единого исламского общества.

В начале распространения своей религии в большинстве городов арабы оставляли гарнизоны численностью от 500 до 1000 человек. Указывая на численность арабских мигрантов, Мухаммад Гулшани подчеркивает, что в этом регионе «в 202 селениях проживало 30200 семей, из числа которых 9 тыс. семейств происходили от арабского племени «Наджиб». Остальными жителями являлись узбекские племена. Население этого тумана занималось земледелием, и жили в достатке [11, с.80]. Арабы поселились также в селениях Карнаб, Сарпеч, Нахрпай, Нурато, Камши. В этих селениях также проживали туркмены и иранцы.

Арабы считали себя представителями более высокого сословия и никак не хотели смешиваться с людьми низкого происхождения. Поэтому они создавали свои селения – Арабхона, существовавшие в Бухаре, Самарканде, Карши и других городах. Арабский элемент в топонимии составлял очень незначительную долю [20, с.136]. Но следует отметить, что арабские военачальники с целью укрепления своих позиций расселяли арабов с их семьями среди местного населения. В это время местные топонимы заменялись новыми либо изменяли свою форму под давлением арабского языка.

Миграция арабов началась ещё до нашествияв Среднюю Азию. В первое время они расселялись в города Ближнего и Среднего Востока, от Атлантики до высокогорья Бадахшана и Гиндукуша. Их массовое переселение в последующее время можно было сопоставить с «Великим переселением народов» Европейского континента в раннем средневековье. В результате миграции арабов Аравийский полуостров стал похож на пустое безлюдное пространство. И, как отмечает О.Г. Большаков, «…Аравия из центра арабского мира превратилась в глухую провинцию» [6, с.157].

Очень важной проблемой исследования истории таджикского народа является миграция арабских племен в Среднюю Азию. Точных сведений о первых арабских поселениях на данный момент не имеется. Об арабах Средней Азии первыми писали дореволюционные русские востоковеды. В 1820 г. известный ученый Е.К. Мейендорф, посетив Бухару, писал, что «арабы поселились в Бухаре в то время, когда халифы овладели этой страной. Их можно распознавать с первого взгляда по смуглому лицу; живут они в селениях, часть которых расположена в окрестностях Бухары. Некоторые арабы - кочевники ведут полукочевой образ жизни и бродят около Карши и в окрестностях Термеза. Многие арабы – земледельцы располагают стадами, которых они пасут в степях; они - главные поставщики шкурок» [13, с.107]. Об арабах Бухары также писал востоковед Н.Ханыков, посетивший Бухару в 1841 - 1842 гг. Он отмечает, что «арабы живут в северных частях Бухарского ханства, за исключением некоторой части, занимающейся торговлей, кочуют. Между собой они разговаривают на арабском языке, но это не есть чистый арабский язык» [19, с.56].

Сведения об арабах в Мавераннахре можно встретить в трудах европейского путешественника А.Вамбери. Он так же, как и С.Мейендорф, считал арабов Бухары потомками

тех воинов, которые под предводительством Кутейба ибн Муслима, во время третьего халифа, принимали участие в завоевании Бухары, где потом и поселились. Среди них было мало говорящих на арабском, а их численность достигала около 60 тыс. человек. Большей частью они жили в Бухаре [7, с.323].

В последние годы стали доступны новые источники о миграции арабов в Согд. Известный таджикский историк Мухаммад Содикходжа Гулшани в своем труде «Таърих -е хумоюн», написанном в начале XX в. дает сведения о миграции арабских племен в Бухару. Согласно его сведениям, в различных местностях Бухары, начиная со времени завоевания арабов, большое число арабов стали мигрантами и отмечает, что «в тумане Вобланд из рода исламских моджахедов, из арабского племени «Наджиб» проживали три тысячи семьей». Некоторые письменные исторические источники также свидетельствуют, что в других местах Бухары, начиная со времени начала арабских завоеваний, жили арабы. Например, в селение Чокари тумана Пирмаст «проживало три тысячи семей из арабского племени «Наджиб», которые ныне говорят на арабском языке». Кроме того, в тумане Ваганза, известном как Коми Абумуслим, проживало другое арабское племя.

После создания арабами военных гарнизонов в городах Согда и Ферганы ситуация изменилась. Воины-чужеземцы начали вливаться в состав городских жителей.В Пайкенде арабы захватили в заложники семьи торговцев с целью получения выкупа. И только после возвращения на родину торговцы выкупили своих детей и жён за большие деньги [12, с.295]. А Бухара была разделена между арабами во главе с Кутайбой и местными жителями. Это привело к тому, что более 700 жителей Бухары, оставив арабам свои дома, построили в пригороде Бухары новые замки, известные как «Куйи мугон» [18, с.39].

Согласно материалам письменных источников, на территорию Согда, в основном Бухары и Самарканда, начиная со времени арабских завоеваний и в последующем, мигрировали от 17 до 20 тыс. арабских семей. Этнографы, изучившие в советское время этнический состав населения Бухарской области и других районов, пришли к выводу, что доводы и документы, полученные от письменных источников и первоисточников, являются совершенно достоверными.

Важно подчеркнуть, что не все арабы, мигрировавшие в Мавераннахр, прибыли в этот край со своими женами. Наоборот, они женились на местных женщинах и таким путем смешивались с местным населением. При этом, они сохраняли себя как арабы, так как являлись представителями ислама и имели родственные узы с арабскими халифами.

Интересен ещё один факт о языке мигрировавших арабов. Они считали себя арабами, но почти не знали арабского языка и обычно говорили на таджикском или узбекском языках. Например, согласно источникам, относящимся к XX в., в Самаркандской области из 20 тыс. арабов только 10 человек, в том числе 7 человек в Пенджикенте, могли говорить на арабском языке [3, с.196].

Арабы - переселенцы приобретали земли для занятия сельским хозяйством. Большинство местных землевладельцев оставили свои владения и от страха переселялись в отдаленные края. Другими словами, миграция арабов станет причиной миграции местного населения. Но, вместе с тем, арабы обещали сбежавшим землевладельцам льготы и благоприятные условия, чтобы вернуть оставленные и брошенные земли. Переселение привело к тому, что арабы оставили кочевническую жизнь и переселились в деревни, чтобы начать новую оседлую жизнь. Такие переселения племен назывались «кураи сафеднах».

В Бухаре, Пенджикенте, Пайкенде и других городах арабы, ограбив и разрушив храмы огнепоклонников, первостепенное значение придавали постройке в завоеванных городах мусульманских мечетей. В Бухаре на месте одного из храмов была построена мечеть [1, с.69]. В некоторых случаях арабы приспособляли для мечетей здания городских зороастрийских и христианских храмов.Это можно было наблюдать в Бухаре, Самарканде и ряде других городов Средней Азии.

Во время своего правления халиф Умар приказал воздержаться от социальных связей и общения, чтобы не потерять боевой дух армии. Он также запретил вступления в брак и смешивание с иранскими народностями. Однако арабы брали ещё по несколько жён разных национальностей. Арабы переселялись на новые территории со своими семьями. Те арабы, которые ещё не были женаты, либо переселились без семьи, старались брать в жёны женщин весёлых и интересных, с ответственностью занимающихся домашним хозяйством. Но здесь следует уделить внимание очень важному факту, что если араб - мусульманин брал в жёны чужую женщину, то есть не арабку, его участие в военных походах прекращалось.

Следует отметить, что некоторые факторы изменяют форму и структуру общества, населения страны. Принудительная или добровольная миграция становится причиной преобразования общества и изменяет демографическую ситуацию. Общество арабов - переселенцев, которое прибыло в области Согда, выбирали города с экономической и социальной точки зрения. В некоторых городах был очевиден рост численности населения за счёт арабов-переселенцев.

Образование единой экономической общности было следствием объединения областей и стран под политической властью арабов. В результате этого открылись новые возможности для развития производительных сил, экономического и культурного сотрудничества регионов, обмена опытом и тем самым способствовало росту земледелия, ремесла, а также торговли.

Арабы, разрушив этническую структуру Согда, Ферганы, вошли в состав населений Самарканда, Бухары, Южного Согда, городов Ферганы. Влияние арабов в Средней Азии отразилось в принятии новой религии – ислама местным населением. Нашествие арабов и включение Средней Азии в состав арабского халифата обусловили процесс распространения арабского языка. Новый язык постепенно начал вытеснять местные языки, в том числе согдийский, во всех сферах жизни. Арабский язык стал языком не только религии, но и литературы.

Однако, несмотря на это, согдийские документы с горы Муг свидетельствуют, что ещё в первой четверти VIII в. согдийский был основным языком населения долины Зарафшана. По данным арабского географа Мукаддаси, еще в конце X в. в бухарских рустаках говорили по-согдийски: «... у согдийцев есть свой язык; на него похожи языки бухарских рустаков; они очень различны. Их там понимают, я видел славного имама Мухаммеда ибн-Фадля, который хорошо говорил на них» [2, с.137]. О сохранении согдийского языка также сообщает и историк Наршахи. Из его сообщений видно, что в 713 г. жители Бухары говорили на согдийском языке. Следует отметить, что в этот период в Хорасане наряду с арабским еще изучали также согдийский язык, так как он продолжал сохранять статус языка в международной торговле.

Констатируя вышеизложенное, можно сделать вывод, что после арабского завоевания некоторые перемены в этническом составе завоеванной территории произошли только в городах, куда старались поселиться арабы из западных областей халифата. О завоевании тюрков можно отметить, что в эпоху раннего средневековья большая часть тюркских номадов перешла к оседлой жизни.Они смешивались с местным ираноязычным населением. В Семиречье и Восточном Туркестане, где находились согдийские колонии, переходили на тюркскую речь.Согдийцы этих областей долгое время были окружены тюркоязычным населением. Тюркские языки также распространялись в областях Ферганы, долине Зеравшана и Кашка-Дарьи.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Абдуллоев Д. Средняя Азия в VII-XIII веках и вопрос о согдийском культурном наследии / Д.Абдуллоев. - СПб.: Изд-во политехн. ун-та, 2009. –124 с.
2. Аюбов А.Р. Этнокультурные процессы и вопросы сложения топонимов Согда и Ферганы (I тыс. до н.э. – I тыс. н.э.) / А.Р. Аюбов.– Худжанд: Нури маърифат, 2017. – 412 с.
3. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана. Сочинения / В.В. Бартольд. Т.2. Ч.1. - М.: Изд-во вост. литературы, 1963. - С.169-433.
4. Бернштам А.Н. Древняя Фергана / А.Н. Бернштам. – Ташкент: Издательство АН УзССР, 1951. – 49 с.
5. Бернштам А.Н. Очерк истории гуннов / А.Н. Бернштам. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1951. – 262 с.
6. Большаков О.Г. Средневековый арабский город / О.Г. Большаков // Очерки истории арабской культуры в V-XV вв. - М.: Наука, 1982. – С.156-214.
7. Вамбери А. Путешествие по Средней Азии / А. Вамбери. - М.: А.И. Мамонтов, 1874. – 382 с.
8. Гусаков В.В. Сакские племена на северо-восточной периферии среднеазиатского эллинизма / В.В. Гусаков // Культуры степной Евразии и их взаимодействие с древними цивилизациями. – СПб: ИИМК РАН, «Периферия», 2012. Кн. 2. – С.475-477.
9. Дьяконов, М.М. Перспективы археологического изучения Таджикистана / М.М. Дьяконов // Труды Таджикского филиала АН СССР. Т.XXIX. История, археология, этнография, язык и литература. - Сталинабад, 1951. - С.22-34.
10. Зуев Ю.А. Западнотюркский каганат / Ю.А. Зуев // История Казахской ССР. Том 1. – Алма-Ата: АН Каз ССР, 1977. – С.321-325
11. История народов Узбекистана. Т.I. Книга 1. – Ташкент: Изд-во АН Уз ССР, 1950. - 476 с.
12. Каримов О.К. Очерки истории средневековой культуры таджиков / О.К.Каримов, А.К.Мирбабаев, Н.Н. Усмонов. - Худжанд: Ношир, 2011. –452 с.
13. Мейендорф Е.К. Путешествие из Оренбурга в Бухару/ Е.К. Мейендорф. - М.: Наука, 1975. – 182 с.
14. Народы Средней Азии и Казахстана. Т.I. – М.: Изд-во АН СССР, 1962. - 788 с.
15. Рахимов Н.Т. Опыт взаимодействия оседлых и кочевых культур в бассейне Средней Сырдарьи (древность и средневековье) / Н.Т.Рахимов // Межцивилизационное взаимодействие на евразийском пространстве: история,

тенденции и перспективы (Душанбе, 13 февраля 2015 г. / Сост.: д.и.н., проф. Мухидинов С.Р / ред. Михайличенко Н.В. – Душанбе: РТСУ, 2015. – С.165-173.
16. Ртвеладзе Э.В. Цивилизации, государства, культуры Центральной Азии / Э.В. Ртвеладзе.– Ташкент: Университет мировой экономики и дипломатии, 2005. – 288 с.
17. Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топонимики Верхнего Зеравшана / О.И.Смирнова // Материалы и исследования по археологии СССР. - 1950. - №15. - С.56-66.
18. Смирнова О.И. Очерки из истории Согда / О.И. Смирнова.– М.: Наука, 1970. –288 с.
19. Ханыков Н. Описание Бухарского ханства / Н.Ханыков. - СПб.: Тип. Имп. Акад. наук, 1843. – 302 с.
20. Хромов А.Л. Некоторые особенности формирования топонимии Средней Азии в IX-XIII вв / А.Л. Хромов // Топонимика Востока. - М., 1980. – С.132-139.
21. Якубовский А.Ю. К вопросу об этногенезе узбекского народа / А.Ю. Якубовский. – Ташкент: Изд-во УзФан, 1941. – 20 с.

## ҲУҶУМИ ТУРКУ АРАБ ВА МУҲИТИ НАВИ ЭТНИКИИ СУҒД ВА ФАРҒОНА

Мақола ба масъалаи оқибатҳои ҳуҷуми турку арабҳо ба марзи Суғд ва Фарғона бахшида шудааст.Маскуншавии одамон аз як марз ба марзи дигар бе сабаби муайян ба амал намеояд. Ҳолатҳои мухталифи иқтисодӣ, сиёсӣ ва динӣ метавонанд боиси муҳоҷирати мардум гарданд. Ин ба туркҳо ва арабҳо низ таллуқ дорад, ки дар рушди вилоятҳои Осиёи Миёна нақши муҳим гузоштаанд. Туркҳо ва арабҳо ба тақдири на танҳо суғдиён ва фарғонагиҳо, балки мардуми дигари Осиёи Миёна таъсир гузоштаанд. Дар нимаи дуюми асри VI маъхазҳои хаттӣ оид ба омадани туркҳо ба Осиёи Миёна хабар медиҳанд. Аз ҳамин вақт сар карда то асри VIII маскуншавии фаъолонаи туркҳо мушоҳида мешавад, ки онҳо тадриҷан аҳолии шарқиэрониро танг мекарданд. Марзи Мовароуннаҳр ба ҳайати Ҳоқонати ғарбии турк ҳамроҳ карда шуд. Туркҳо сикка задани тангаҳоро бо ном ва унвонҳои худ оғоз карданд. Ба идоракунии вилоятҳо сулолаҳои турк шомил шуданд. Забонҳои туркӣ қариб дар тамоми вилоятҳои Осиёи Миёна паҳн гардиданд. Муҳоҷирати арабҳо дар давраи барвақти асримиёнагӣ муҳоҷирати бузург ба ҳисоб меравад. Арабҳо дар муддати кӯтоҳ марзҳои мухталифро убур намуданд ва дини нав – исломро паҳн карданд. Дар ибтидои паҳнкунии дини ислом дар қисми зиёди шаҳрҳо арабҳо дастаҳои ҳарбии худро боқӣ гузоштанд. Арабҳо худро намояндагони табақаҳои олӣ ҳисобида, намехостанд бо табақаҳои поёнӣ омехта шаванд. Баъди бунёди гарнизонҳои ҳарбӣ аз ҷониби арабҳо дар шаҳрҳои Суғд ва Фарғона вазъият тағйир ёфт. Ҳарбиёни араб ба ҳайати сокинони шаҳрҳо ворид шуданд. Арабҳо–муҳоҷирон барои машғул шудан бо кишоварзӣ замин мегирифтанд. Қисми зиёди заминдорони маҳаллӣ аз тарс мулкҳои худро гузошта, ба кишварҳои дур кӯч бастанд. Ба маънои дигар, муҳоҷирати арабҳо боиси муҳоҷирати аҳолии маҳаллӣ гардид. Бунёди умумияти ягонаи иқтисодӣ натиҷаи дар зери ҳокимияти сиёсии арабҳо муттаҳид кардани вилоятҳо мебошад. Дар натиҷа барои рушди қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳамкории иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳо, мубодилаи таҷрибаҳо имкониятҳои нав фароҳам омада, ба пешрафти зироаткорӣ, ҳунармандӣ ва тиҷорат мусоидат намуд.

**Калидвожаҳо:** туркҳо, арабҳо, суғдиён, Суғд, Фарғона, Ҳоқонати турк, муҳоҷират, ислом, сохтори этникӣ.

## ТЮРКО-АРАБСКОЕ НАШЕСТВИЕ И НОВАЯ ЭТНИЧЕСКАЯ СРЕДА СОГДА И ФЕРГАНЫ

Статья посвящена последствиям нашествия тюрков и арабов на территории Согда и Ферганы. Переселение людей с одной территории на другую не осуществляется без определений причины. Различные экономические, политические и религиозные обстоятельства обуславливают переселения людей. Это относится к тюркам и арабам, которые оставили заметный след в развитии областей Средней Азии. Тюрки и арабы оказали огромное влияние на судьбу не только согдийцев и ферганцев, но и других народов Средней Азии. Во второй половине VI в. письменные источники сообщают о пребывании тюрков в Среднюю Азию. Начиная с этого времени до VIII в. н.э. наблюдается наиболее активное перемещение тюрков, где они постепенно начинают теснить восточноиранское население. Территория Трансоксианы-Мавераннахра была включена в состав Западно-тюркского каганата. Тюрки начали чеканить собственные монеты с тюркскими именами и титулами. В правление областей начали утверждаться тюркские династии. Тюркские языки начали распространяться почти во всех областях Средней Азии. Переселение арабов является величайшим переселением в истории раннего средневековья. Арабы в течение небольшого времени пересекли различные территории и распространили новую религию - ислам. В начале распространения исламской религии в большинстве городов арабы оставляли гарнизоны. Арабы считали себя представителями более высокого сословия и никак не хотели смешиваться с людьми низкого происхождения. После создания арабами военных гарнизонов в городах Согда и Ферганы ситуация изменилась. Воины-чужеземцы начали вливаться в состав городских жителей. Арабы - переселенцы приобретали земли для занятия сельским хозяйством. Большинство местных землевладельцев оставили свои владения и от страха переселялись в отдаленные края. Другими словами, миграция арабов станет причиной миграции местного населения. Образование единой экономической общности было следствием объединения областей и стран под политической властью арабов. В результате этого открылись новые возможности для развития производительных сил, экономического и культурного сотрудничества регионов, обмена опытом и тем самым способствовало росту земледелия, ремесла, а также торговли.

**Ключевые слова:** тюрки, арабы, согдийцы, Согд, Фергана, Тюркский каганат, миграция, ислам, этническая структура

## TURKO-ARAB INVASION AND NEW ETHNIC ENVIRONMENT OF FERGANA AND SOGD

The article is devoted to the consequences of the invasion of the Turks and Arabs in the territory of Sogd and Ferghana. Relocation of people from one territory to another is not carried out without a definition of the reason. Various economic, political and religious circumstances cause the resettlement of people. This applies to the Turks and Arabs, who left a noticeable mark on the development of the regions of Central Asia. Turks and Arabs have a great influence on the fate of not only Sogdians and Ferghans, but also other peoples of Central Asia. In the second half of the VI. written sources

report the presence of the Turks in Central Asia. From this time until the eighth century. ne there is the most active movement of the Turks, where they gradually begin to crowd the East Iranian population. The territory of Transoxiana-Maverannahr was incorporated into the Western Turkic kaganate. Turks began to mint their own coins with Turkic names and titles. The Turkic dynasties began to establish themselves in the regional government. Turkic languages began to spread in almost all regions of Central Asia. The relocation of the Arabs is the greatest relocation in the history of the early middle ages. The Arabs for a short time crossed various territories and spread a new religion - Islam. At the beginning of the spread of the Islamic religion in most cities, the Arabs left the garrisons. The Arabs considered themselves representatives of a higher class and did not want to mix themselves with low origin. After the Arabs created military garrisons in the cities of Sogd and Ferghana, the situation changed. The foreign warriors began to flow into the composition of urban residents. Arabs - immigrants acquired land for farming. Most local landowners left their possessions and moved to distant lands for fear. In other words, the migration of the Arabs will cause the migration of the local population. The formation of a single economic community was the result of the unification of regions and countries under the political power of the Arabs. As a result, new opportunities opened up for the development of productive forces, economic and cultural cooperation of the regions, exchange of experience, and they themselves contributed to the growth of agriculture, handicrafts, and trade.

**Key words:** Turks, arabs, sogdians, Sogd, Fergana, Turkic Kaganate, migration, islam, ethnic structure

**Сведения об авторе:** ***Аюбов Абдусалом Рауфович*** – Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова, кандидат исторических наук, доцент кафедры всеобщей истории. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1 Телефон: **927-09-06-65**. E-mail: **abdusalom-1@mail.ru**

**Information about the author:** ***Ayubov Abdusalom Raufovich*** - Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of historical sciences, associate professor of the Department of World History. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1 Phone: **927-09-06-65**. E-mail: **abdusalom-1@mail.ru**

**УДК 327 (51)**

# ВАЗЪИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АСРҲОИ XVI-XVIII

***Шарипов А.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар охири асри XIV Темур бо зарби шамшер империяи ҷаҳониеро ташкил дод, ки 27 давлати ҷаҳонро дар бар мегирифт. Империяи Темурӣ давлати типикии шарқии исломӣ буда, тамоми рукнҳои давлатдорӣ ба шариат такя дошт [8,с.402]. Яке аз қисмҳои марказии давлати Темуриён Осиёи Маркази кунунӣ (Хуросону Мовароуннаҳр) ба шумор мерафт.

Тадриҷан бинобар ҷангҳои доимии байниашрофии Темуриён қудрати сиёсии давлат заиф гашта, заминаи ишғоли он аз ҷониби бодиянишинон фароҳам омад. Онҳо талоши ғасби заминҳои корамро ба мақсади дарёфти хӯрока, пӯшока ва чарогоҳҳои нав доштанд. Ҳамзамон, баъди кандашавии алоқа бо марказҳои Олтин ӯрда аҳолии Оқ-ӯрда (бодиянишинонони-ӯзбек) ба ҳамкории наздик бо Мовароуннаҳр оғоз кард, ки навоҳии даштиро бо истеҳсолоти пешрафтаи косибию ҳунармандӣ таъмин менамуданд [6,с.26].

Ҳуҷуми бодиянишинонони ӯзбек ба Мовароуннаҳр бо номи набераи Абулхайр Шайбонихон алоқаманд мебошад. Дар асри XV Шайбонихон қудрати хонадони Абулхайрро дар Дашти Қипчоқ барқарор карда, ба самти Мовароуннаҳр ҳаракат намуд [5,с.11].

Шайбонихон бо истифодаи дипломатия ва қувва тадриҷан заминҳои Мовароуннаҳрро ба даст овард. Ӯ соли 1501 бе монеа Самарқандро ишғол намуд. Шайбонихон аз парокандагии ҳокимони темурӣ дар самти ҷануб истифода бурда, бо ваъдаи гузаштҳои мухталиф, тарсонидани дигарон, ҳуҷумҳои паёпай ва ғорат рӯҳияи шикастро дар зеҳни онҳо мустаҳкам менамуд [3,с.264].

Соли 1505 дар натиҷаи муҳосираи даҳмоҳа шаҳри асосии Хоразм - Урганҷ ишғол карда шуд. Соли 1506 баъди марги Султон Ҳусейн Мирзо мубориза барои тахти Ҳирот оғоз гардид, ки он низ аз ҷониби Шайбони истифода шуд.

Соли 1507 Шайбонихон Ҳиротро ба даст овард. Сайидҳо ва рӯҳониён бо тухфаҳо ӯро пешвоз гирифтанд. Баъди ғорати Ҳирот дастаҳои ӯзбек дар Хуросони Ғарбӣ пайиҳам қалъаҳои нав ба навро фатҳ мекарданд. Бо ҳамроҳ намудани Астаробод ва Гургон Шайбонихон ҳокими империяи паҳноваре гардид, ки аз баҳри Хазар то Чин ва аз Сирдарё то Афғонистони Марказӣ тӯл мекашид [5,с.13].

Барои оммаи Осиёи Миёна истилои ӯзбекҳо маънои қатъи ҷангҳои феодалиро дошт. Ашрофон дар симои Шайбонихон шахсияти нерумандеро медиданд, ки тавони муттаҳид намудани кишварро дорад. Олимон маълумотнокӣ, донистани забонҳои тоҷикӣ ва туркии ӯро меписандиданд.

Пешрафти минбаъдаи ӯзбекҳоро ба ҷануб сипоҳи шоҳи Эрон Исмоили I боздошт. Соли 1510 24 км дуртар аз Марв сипоҳи 17-ҳазораи ӯ лашкари ӯзбекҳоро шикаст дод. Шайбонихон кушта шуд. Новобаста аз марги пешвои ӯзбекҳо ҳокимияти Шайбониён дар тӯли як садсола дар Осиёи Марказӣ боқӣ монд [5,с.13].

Бодиянишинонони ӯзбек, ки бо Шайбонихон ба Мовароуннаҳр омада буданд, дар ҷойҳои беҳтарини минтақа маскан гирифтанд: дар наздики Тошканд, дар водиҳои Зарафшон, Қашқадарё ва Сирдарё; қисмати зиёди бодиянишинонони аз Амударё гузашта қаламрави ҳозираи Афғонистони Шимолиро ишғол намуданд [5,с.14].

Воридшавии бодиянишинон бо поймолнамоии киштзор ва дур намудани чорвои бодиянишинонони маҳаллии турк аз киштзорҳо ҷараён мегирифт. Ҳамаи ин ба коҳиши вазъи иқтисодӣ ва холишавии фазои фарҳангӣ мусоидат намуд. Як қисми тоҷикони муқимӣ ба кӯҳҳо фирор намуданд. Бодиянишинонони маҳаллии туркасл бо истилогарон бинобар умумияти забон омезиш ёфта, ба шумори қабилаҳои ӯзбек дохил шуданд.

Дар охири асри XVI қабилаҳои молдор ба шакли муқимии зиндагӣ гузашта, номи деҳнишишин ё қишлоқнишинро гирифтанд.

Соли 1510 баъди марги Шайбонихон муборизаи аъзои хонавода барои ҳокимият оғоз гардид. Аз ин ҳолат истифода бурда, Исмоили Сафавӣ ба Хуросон ҳуҷум карда, тақрибан бе ҷанг Ҳиротро ба даст овард, ки аҳолии он эрониҳоро ҳамчун озодкунанда аз бераҳмии бодиянишинон пешвоз гирифтанд. Баҳори соли 1511 Исмоил бо хонҳои ӯзбек созишнома ба имзо расонид, ки дар асоси он заминҳои соҳили чапи Амударё (Маймана, Форёб, Балх, Андхой) ба Эрон гузашта, ҳокимияти ӯро дар тамоми Хуросон мустаҳкам кард [5,с.17].

Аз ҷониби дигар, Исмоили Сафавӣ ба муқобили Шайбониён на танҳо шамшер, балки дипломатияро равона кард: ӯ боқимондаи хонадони Темуриёнро дар мубориза бо онҳо дастгирӣ намуд. Темуриён Фарғонаро соҳиб шуда, Бобур баъди муҳорибаи шадид дар Пули Сангин ба Мовароуннаҳри Марказӣ даст ёфт, зеро султонҳои Шайбонӣ Самарқанд, Бухоро, Қаршӣ ва шаҳрҳои дигарро гузошта, фирор намуданд [3,с.268].

Вале сипоҳи шиаи Бобур ва тавсеаи мазҳаб дар Мовароуннаҳр боиси норозигии мардуми суннимазҳаби Самарқанд гардид. Бобур сипоҳи эрониро ҷавоб дод, вале султонҳои ӯзбек Убайдулло ва Муҳаммад-Темур дар оғози соли 1513 ба Мовароуннаҳр ворид шуда, сипоҳи Бобурро шикаст доданд.

Баъди шикаст иттиҳоди Исмоил ва Бобур шикаста, боиси бозгашти Бобур ба Кобул ва минбаъд дар соли 1525 ҳуҷуми ӯ ба Панҷоб ва водии Лоҳур гардид. Ин амр заминаи таъсиси империяи Темуриёни Ҳинд ё Бобуриён шуд, ки дар Ҳиндустон то асри XIX арзи ҳастӣ дошт [5,с.18].

Соли 1512 Абдуллоҳ Султон, яке аз хешовандони Муҳаммад Шайбонӣ табаддулот гузаронида, мулкҳои Самарқанд, Бухоро ва Чағониёну қисми Фарғонаро ба зери назорат гирифт ва бо номи Абдуллоҳхони I то соли 1533 хони Шайбониён буд. Давраи ҳукмронии Абдуллоҳхон аксарияти мулкҳои Мовароуннаҳр, Фарғонаи Ғарбӣ, қисми Хоразм ба зери тасарруфи Шайбониён гузаштанд [8,с.409].

Аз соли 1560 пойтахти давлати Шайбониён шаҳри Бухоро муайян гардид. Дар аҳди се хон-Кучкунчихон, Абу Саидхон ва Убайдуллоҳхон вазъи дохилии давлат нисбатан ором буда, шароитҳои муайян барои эҳё ва муътадил гардонидани хоҷагӣ вуҷуд доштанд [3,с.271].

Абдуллоҳхони II (1557-1598) кӯшиши бунёди давлати ягонаро дар сарҳадҳои Шайбонихон намуд. Ӯ дар талоши коҳиши парокандагии феодалӣ бераҳм буд. Барои қир кардани феодалҳои саркаш баъзе муаррихон ӯро бо Иван Грозний ташбеҳ медиҳанд [5, с.19].

Дар солҳои 70-уми асри XVI қазоқҳо ба тобеияти Абдуллоҳхон афтоданд. Соли 1594 хони қазоқ Таваккал ҳатто ба Москва ба шоҳ Фёдор Иванович бо пешниҳоди ташкили иттиҳод бо Эрон ва ӯрдаи казакҳо барои мубориза бо Абдуллоҳхон муроҷиат намуд. Бо ин мақсад ӯ худро тобеи шоҳи москвагӣ эътироф кард.

Дар муддати 20 сол ба Абдуллоҳхон муяссар гардид, ки мулкҳои мустақили Бадахшон, Тошканд, Хоразмро ба худ тобеъ намояд. Тобеъ намудани аҳолии таҳҷоии Мовароуннаҳру Хуросон кори осон набуд. Дар муддати султонӣ, хонӣ ва хоқонии худ Абдуллоҳхон 40 маротиба ба шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон лашкар кашидааст. Аз рӯйи маълумотҳои Ҳофизи Таниш, ки бо фармони худи Абдуллоҳхон китобашро навиштааст, 10 мартиба бо Самарқанду Шаҳрисабз, 6 маротиба бо Ҳисори Шодмон, 6 маротиба бо Балх, 3 маротиба бо Тирмизу Марв ҷангидааст. Аз ин шаҳрҳои номбурда ягонтоаш бе ғорату куштори мудҳиш анҷом наёфтаанд. Яъне, ҳар яки ин

шаҳрҳо дар 30 соли охири асри XVI на кам аз ду бор валангору тороҷ шудаанд. Аз ҳама бештар Самарқанд, Марв, Тирмиз, Ҳисор ва Балх осеби зиёде диданд. Қалъаҳову кӯшкҳои ин шаҳрҳо валангор карда шуда буданд [8,с.410].

Дар соли 1584 Абдуллоҳхони II Бадахшонро забт кард. Соли 1588 Ҳирот ва пас бисёр шаҳрҳои дигари Хуросон ба тасарруфи ӯ даромаданд. Фатҳи Хоразм қувват ва вақти зиёдеро талаб намуд: ӯро лозим омад се маротиба ба он ҷониб лашкар кашад, то ки ниҳоят соли 1595 каму беш дар он ҷо ҳокимияти худро барқарор созад [2,с.560].

Баъди вафоти Абдуллоҳхони II ба сари ҳокимият Пирмуҳаммади II омад. Соли 1599 Аштархониёни дарбор табаддулот гузаронида, сулолаи Шайбониёнро аз байн бурданд [8,с.413].

Дар чунин шароит шоҳ Аббоси Сафавӣ қисми зиёди заминҳои Хуросон, аз ҷумла Ҳирот, қазоқҳо бошанд, шаҳрҳои Тошканду Самарқандро забт намуданд. Хоразм аз ин вазъият истифода карда, худро мустақил эълон намуд. Ҳамаи ин ҷангҳо, табиист, ки ба вазъи мамлакат ва мардуми он осори харобиовари худро гузоштанд [1,с.117].

Устувор гардидани муносибатҳои иқтисодӣ ва дипломатӣ бо Россия омили тараққиёти таърихии Осиёи Миёна дар асри XVI буд. Ин бештар аз ҳама дар нимаи дувуми аср, ки рафтуомади сафирони рус ба Осиёи Миёна ва алалхусус сафирони осиёимиёнагӣ ба давлати Москва ранги доимӣ гирифт, ба назар намоён гардид [2,с.569].

Баъди ба сари қудрат омадани Аштархониҳо дар давраи кашмакашиҳои дарборӣ мулкҳои пештараи тобеи Шайбониён боз аз сари нав мустақил шуданд. Хуросону Балх, Ҳисору Тошканд, Бадахшону Фарғона мулкҳое буданд, ки дигар ба ҳокимияти хонии Аштархониҳо итоат намекарданд. Ба Имомқулихон (1611-1642) лозим омад, ки бо қувваи зурӣ ин мулкҳоро тобеъ намояд. Барои ин кор ӯ тамоми умри худро бахшид [8,с.415]. Лашкаркашиҳои ӯ ба Марву Ҳисор, Балху Бадахшон, Самарқанду Хуҷанд, Ҳироту Нишопур ва Тошканд бо хунрезиҳою ғоратҳои мудҳиш ба анҷом мерасиданд.

Дар давраи ҳукумати Субҳонқулихон (1680-1702) барои мутамарказонидани ҳокимият ҳуқуқи баъзе ҳокимони маҳаллӣ зиёд гашт. Ӯ ба корҳои дохилии баъзе ҳокимон дахолат накард. Ин буд, ки шиддати ҷангҳои дохилӣ байни ҳокимияти марказӣ ва маҳаллӣ коҳиш ёфт.

Пас аз ҳалокати Убайдуллоҳхон бародараш Абулфайзхон (1711-1747) ба тахт нишаст. Дар замони ҳукмронии ин охирин намояндаи асосии сулолаи Ҷониён ҳукумати марказӣ иқтидори худро тамоман аз даст дода, давлати хонӣ ба қисмҳои мустақили ҷудогона тақсим мегардад. Корҳои мамлакатдорӣ тақрибан ба куллӣ ба ихтиёри Муҳаммадҳакимбийи аталиқ мегузарад, ки ӯро саркардагони тоифаи манғит пуштибонӣ мекарданд.

Баъдҳо дар натиҷаи норозигии аъёну ашроф Муҳаммадҳакимбӣй аз мансабҳои баланди дарбор дур карда, ба Қаршӣ фиристода мешавад. Сафири давлати Рус Флорио Беневени аз хараҷу мараҷе, ки он вақт дар дарбори Абулфайзхон ҳукмфармо буд, сухан меронад. Умури идораи давлат ба дасти амалдорони ҳарис ва ҷоҳталаб мегузарад. Онҳо барои савдо дар бозорҳои Бухоро ҳуқуқи номаҳдудеро соҳиб шуда, мувофиқи табъи худ мардумро ғорат менамуданд.

Ин ҳама задухӯрдҳои байнихудии хонҳо ва бедодгариҳои беамсоли феодалон аз ҳаёти пурмашаққати халқҳои Осиёи Миёна дар аҳди ҳукмронии Ҷониён шаҳодат медиҳанд (Расман сулолаи Ҷониён мавҷудияти худро то соли 1785 давом дод, вале охирин намояндаи ин хонадон Абулғозӣ ҳамчун хон ягон эътиборе пайдо карда натавонист) [2,с.596].

Ҷангҳои феодалӣ дар асри XVII, муборизаҳои дохилӣ ба коҳиши хоҷагии Мовароуннаҳр суръат бахшиданд. Сиёсати молиявии феодалон, бинобар бераҳмӣ ба умқи бухрони хоҷагӣ мусоидат намуд [5,с.31].

Дар чунин шароит, бинобар парокандагии феодалӣ ва ҷангҳои бепоён мулкҳои Хоразм [5, с.25] ва Қӯқанд низ мустақилият ба даст оварданд.

Дар охири асри XVII баъди заъфи Бухоро Фарғона мустақил гардида, ҳокимият дар он аз ҷониби дарвешҳо дар симои хоҷа дар маҳалли Чадак (40 км шарқтари Чуст) идора мегардид. Тақрибан соли 1710 ҳокимияти хоҷаҳо аз тарафи Шоҳрухбий аз қабилаи минги ӯзбек, ки худро авлоди Чингизхон меҳисобид барҳам дода шуд [9].

Набераи ӯ Ирдонбий дар мубориза бо чунин мулкҳои хурди мустақили Андиҷон, Намангон ва Марғелон ғолиб омада, соли 1758 худро хони Қӯқанд эълон намуд. Ин мустақилиятро ҳамон сол хони Аштархонӣ Абдулғозихон ва аталиқҳои Бухоро Муҳаммад Раҳим ва Дониёл ҳам эътироф намуданд [8,с.415].

Таъсиси давлати Қӯқанд ва Хива заминаи муборизаи тақрибан доимӣ дар Осиёи Марказӣ гардид. Ҷангҳои дохилӣ ва феодалӣ дар оғози асри XVIII ҳаёти хоҷагӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳрро фалаҷ намуда, онро бо бӯҳрони амиқ рӯ ба рӯ намуданд. Дар солҳои 20-уми асри XVIII бӯҳрони мазкур бинобар шикасти навоҳии муқимии бодиянишинони қазоқ аз ҷониби ҷунгарҳо амиқтар гардид. Дар ин замина масъалаи воридшавии қазоқҳо ба Россия ба миён омад, ки зиёда аз 150 сол тӯл кашид [7,с.7].

Дар чунин вазъи мураккаб қазоқҳо ба Бухоро ҳуҷум намуданд, ки бо талафоти зиёд, поймол намудани боғу киштзорҳо, гуруснагӣ ҳамоҳанг буда, ҳафт сол тӯл кашид [4,с.38].

Ба бӯҳрони мавҷуда коҳиши аҳамияти транзитии Осиёи Марказӣ, бинобар кашфи роҳҳои баҳрӣ мусоидат намуд. Минтақа аз маҷрои асосии молу маҳсулот дур гардид, ки ин ҳолат ба ихтисори ҳаҷми истеҳсолот, таназзули ҳунармандӣ ва низоми хизматрасонӣ (корвонсарой ва меҳмонхонаҳо, бозорҳо) оварда расонид [2,с.282].

Дар натиҷа, аҳамияти шаҳрҳои калон коҳиш ёфта, теъдоди аҳолӣ дар он ниҳоят кам гардид. Масалан, шаҳри Самарқанд то соли 1740 тақрибан беаҳолӣ шуд, танҳо дар қалъа наздики 1000 оила боқӣ монданд.

Бӯҳрони шадид, ки солҳои 40-уми асри XVIII ба авҷи худ расид, ба шоҳи эронӣ Нодир имкон дод, ки ба осонӣ Бухоро ва Хоразмро ишғол намояд [5,с.47].

Яке аз омилҳои дигари ин носозиҳо, ин боз ҳам давом ёфтани раванди ташаккулёбии давлатҳо дар ин минтақа буд. Ҳар як ҳоким кӯшиши дарёфти пушту паноҳи худро дар хориҷа низ дошт. Чи Бухоро ва чи Кӯқанд дар ин давра Русия, Туркия ва Англияро ба худ ҷалб карданӣ буданд. Ин гоҳо ба онҳо муяссар мегардид. Бештар нуфузи иқтисодии Англия ва нуфузи динию мазҳабии Туркия дар дарбор ҳис мегардид [8,с.419].

Дар асрҳои XVI-XVII Осиёи Миёнаг бӯҳрони сохти феодалиро аз сар мегузаронид, вале роҳи дурусти паси сар кардани онро наёфта, рӯ ба гузашта овард. Ҳокимон давраҳои беҳтарини ҳукмронӣ, деҳқонон ободии мулкҳои худро, рӯҳи миллӣ, ягонагию муттаҳидии худро фақат дар гузашта диданд. Ивазшавии хонигарӣ ба ҳоқонатгарӣ ва ҳоқонат боз ба хонигарию амoратгарӣ, як чорабиние барои паси сар кардани бӯҳрони феодализм будааст [8,с.423].

Дар маҷмӯъ, асрҳои XVI-XVIII дар таърихи сиёсии Осиёи Марказӣ давраи ниҳоят мураккаб ба шумор меравад. Задухӯрдҳои бепоён барои ба даст овардани минтақа, боиси табдили сулолаҳои салтанатӣ (Темуриён, Шайбониён ва Аштархониён) гардида, зимни онҳо ваҳдати сиёсии минтақа шикаста шуд. Аз ҷониби дигар, Хуросон баъди муддати зиёд ба меҳвари рақобати давлатҳо табдил ёфтан, пурра аз Мовароуннаҳр ҷудо гардид.

Раванди ташаккулёбии давлатҳо ба таъсиси давлати Эрон бо мазҳаби расмии шиа, пурра ҷудо гаштани он аз равандҳои сиёсии минтақавӣ ва бунёди давлати афғонҳо – Дуррониҳо замина гардид.

Дар дохили минтақа дар пайравӣ ба ташаккули давлатҳои навин дар Аврупо тадриҷан таъсиси се воҳиди сиёсӣ - Бухоро, Қӯқанд ва Хева возеҳ гардид, ки минбаъд заминаи мубориза ва рақобатҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, бӯҳрони феодализм ва кашфи роҳҳои баҳрӣ боиси коҳиши нақши транзитии минтақа, кам шудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои косибӣ гардид, ки ба мавқеи аҳолии муқимӣ – тоҷикон таъсири манфӣ расонид. Бинобар афзоиши вуруди бодиянишинон ба минтақа, муборизаҳои бепоён, коҳиши мавқеи ҳунармандону косибон, таъсири омилҳои хориҷӣ ва хараҷу мараҷи дохилӣ қисмате аз тоҷикон ба кӯҳҳо фирор намуданд.

Новобаста аз ин, забони тоҷикӣ ва тарзи давлатдории мардуми тоҷик, мукотиба ва коргузорӣ мақоми афзалиятнок дошта, ҳунармандӣ, косибӣ ва зhistóриндорӣ низ хосси ин мардум буд. Тоҷикон дар ин давраи мураккаб низ нақши тамаддунсоз ва фарҳангсолории худро нигоҳ доштанд.

## АДАБИЁТ


1. Бобохонов М. Таърихи тоҷикони ҷаҳон (тоҷикон ва диаспораҳои онҳо) / М. Бобохонов. -Душанбе, 2011. – 320 с.
2. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б.Ғ. Ғафуров. -Душанбе: Дониш, 2008. – 870 с.
3. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история / Б.Ғ. Ғафуров. Издание второе. -Душанбе, Ирфон, 1989.
4. Исмоилова Б. История Бухарского эмирата / Б.Исмоилова. – Худжанд, 2005.
5. История народов Узбекистана; под ред. А.Аскарова. -Ташкент, «Фан» АН РУз, -Т. 2. 1993.
6. История таджикского народа. Том IV. Позднее средневековье и новое время (XVI в. – 1917 г.); под ред. Пирумшоева Х. – Душанбе, 2009.
7. Казахстан- Таджикистан дружба на века. – Душанбе, 2006.
8. Ҳакимов Нозим. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. -Душанбе: Ирфон, 2006. - 484 с.
9. Оренбуржье в системе экономических отношений России со странами Востока [Электронный ресурс].

URL: http://www.dissercat.com/content/orenburzhe-v-sisteme-torgovo-ekonomicheskikh-otnoshenii-rossii-so-stranami-vostoka-vtoraya-p#ixzz30Acgexl2


**ВАЗЪИ СИЁСИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР АСРҲОИ XVI-XVIII**

Дар мақола масъалаи вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ дар асрҳои XVI-XVIII баррасӣ шудааст. Омӯзиши таърихи минтақа дар ин лаҳзаҳои мураккаб муҳим мебошад. Дар мақола ба минтақа ворид шудани қабилаҳои бодиянишини ӯзбек ва ташаккули давлатдории Шайбониён инъикос гардидааст. Дар заминаи ин, қайд мегардад, ки муборизаи Шайбониён аз усули истифодаи қувва, тафриқаандозӣ, ришва ва дипломатия бархӯрдор буд. Муаллиф қайд менамояд, ки задухӯрдҳои дохилӣ боиси ба сари қудрат омадани Аштархониҳо ва минбаъд ба воҳидҳои сиёсӣ тақсим шудани минтақа мегардад. Инчунин, дар мақола буҳрони феодализм ва кашфи роҳҳои баҳрӣ таъкид гардидааст, ки боиси коҳиши нақши транзитии минтақа, кам шудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои косибӣ шуда, ба мавқеи аҳолии муқимӣ – тоҷикон таъсири манфӣ расонид.

**Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, вазъи сиёсӣ, Шайбониён, бодиянишинон, Аштархониҳо, Бухоро, Қӯқанд, Хева, тоҷикон, минтақа, роҳҳои баҳрӣ, феодализм.

**ПОЛИТИЧЕСКАЯ ОБСТАНОВКА В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В XVI-XVIII ВВ.**

В статье рассмотрена проблема политической обстановки в Центральной Азии в XVI-XVIII вв. Изучение истории региона в этот сложнейший отрезок является актуальным. В статье освещены проникновение племён узбеков-кочевников в регион и формирование государственности Шайбанидов. В этой связи, подчеркивается, что борьба Шайбанидов включала в себя использование силы, провокации, взятки и дипломатию. Автор подчёркивает, что внутренние распри стали причиной прихода к власти Аштарханидов и разделение региона на политические единицы. Также в статье подчеркивается кризис феодализма и открытие морских путей, которые стали причиной уменьшения транзитной роли региона, сокращения объема производимых ремесленных товаров и отрицательно повлияли на позиции оседлого населения – таджиков.

**Ключевые слова:** Центральная Азия, политическая обстановка, Шайбаниды, кочевники, Аштарханиды, Бухара, Коканд, Хива, таджики, регион, морские пути, феодализм.

**THE POLITICAL SITUATION IN CENTRAL ASIA IN THE XVI-XVIII CENTURIES**

The article deals with the problem of the political situation in Central Asia in the XVI-XVIII centuries. The study of the history of the region in this most difficult segment is relevant. The article highlights the penetration of the Uzbek nomad tribes into the region and the formation of the Shaibanid statehood. In this regard, it is emphasized that the struggle of the Shaibanids included the use of force, provocation, bribes and diplomacy. The author emphasizes that internal disputes caused the Ashtarhanids to come to power and the division of the region into political units. The article also emphasizes the crisis of feudalism and the opening of sea lanes, which caused a decrease in the transit role of the region, a reduction in the volume of handicraft goods produced and adversely affected the positions of the settled population - the Tajiks.

**Key words**: Central Asia, political situation, the Shaibanids, nomads, Ashtarkhanids, Bukhara, Kokand, Khiva, Tajiks, region, sea routes, feudalism.



**Сведения об авторе:** ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **(+992)988-50-10-11**. E-mail: amrsharif@mail.ru

**Information about the author:** ***Sharipov Amriddin Nuriddinovich*** – Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of department of diplomacy and foreign policy of Republic of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Tel: **(+992)988-50-10-11.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**



**УДК:930.85(575) (470)**


# ПОСЛЕДСТВИЯ ЗАВОЕВАНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ РОССИЙСКОЙ ИМПЕРИЕЙ В ТРУДАХ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ


***Назаров Ф.А.***

**Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ**


Сегодня в исторической науке интерпретация актуальных проблем, таких как последствия завоевания Средней Азии Российской империей, становится распространенным явлением. Однако насколько это отвечает историческим реалиям и имеет чисто научный характер остаётся вопросом. Проблема последствий нахождения Средней Азии в составе Российской империи как одна из чувствительных тем для постсоветских исследователей остается под пристальным вниманием.

Следует отметить, с целью недопущения расхождений мнений по поводу завоевания и последствий были приняты обобщающие концепции. Например, 6-7 июня 1990 в Ташкенте была проведена конференция, по обсуждению темы «Военная экспансия и колониальная политика царизма в Средней Азии», в 27-28 июля было проведено научное мероприятие в

Алма-Ате по проблеме национальных движений Казахстана, Средней Азии, Поволжья и Северного Кавказа в колониальный период и в 23-24 октября в Душанбе была организована всесоюзная научная конференция по проблеме «Средняя Азия и Казахстан в системе всероссийского рынка (1861-1917)». Но эти научные мероприятия не смогли остановить разнохарактерных видений общего направления в изучении истории второй половины XIX-начала XX вв. на постсоветском пространстве.

В результате разрушений советской идеологической рамки - расхождение мнений в постсоветском пространстве по поводу вопроса последствий завоевания Средней Азии со стороны Российской империи заставляет переосмыслить мнения и постсоветских таджикских ученых.

Особенностью советской таджикской историографии по данному вопросу является идеологическая рамка, что привело к появлению большого числа одно- характерных (идентичных) работ. Тем не менее, нельзя отрицать вклад таджикских учёных советского периода в исследование данной проблемы. Эти фундаментальные труды, несмотря на свою идеологическую предвзятость, не потеряли своего значения и в наши дни.

Один из постсоветских таджикских исследователей профессор И.А.Мамадалиев отмечает, что «<…> в национальных постсоветских историографиях, за исключением ученых, которые держатся советского метода исследование и верны братской традиции, в анализе нахождение Средней Азии в составе Российской империи широко демонстрируются такие оценки, как «завоевание», «агрессивный захват» и т.д. Крайне-негативное отношение такого рода не позволяет увидеть прогрессивное значение нахождения Средней Азии в составе Российской империи» [16, с. 4].

Но обобщающий труд по данной проблеме все еще отсутствует. Этот вопрос в трудах таджикских ученых анализируется частично и материалы являются очень малыми и скудными. Многие мнения просто повторяют результаты анализов советского периода, в котором методы исследований были направлены на служение советской идеологии (всё сводилось к приобщению народов Средней Азии к революционному движению России). Одним словом, проблема последствий нахождения Средней Азии в составе Российской империи требует серьёзного исторического и историографического исследования.

Следует отметить результаты исследования советской историографии, не- смотря на специфический характер, остаются актуальными и в новый период, по крайней мере для таджикских исследователей. Пользуясь случаем, отметим, что помимо научного значения изучения вопроса, советский период был школой-плацдармом для постсоветского поколения.

В таком случае стоит ли нам отказаться от советского наследия целиком? Но, тем не менее политические изменения после распада СССР, образование независимого Таджикистана требуют пересмотра проблемы с нового ракурса, исходя из философии национальной государственности.

Ясно, что дореволюционная, советская историография не может обеспечивать потребности сегодняшней независимой таджикской исторической науки и не является научно-объективной.

Итак, какие положительные и отрицательные изменения для независимого Таджикистана влечет за собой нахождение Средней Азии в составе Российской империи?

Здесь следует отметить, что нами проведен общий историографический анализ, с учетом применения новых методов. Потому что важность данной проблемы и объем трудов требует более детального исследования, которое выходит за рамки научной статьи.

К научным трудам, опубликованным в Таджикистане по исследуемой нами проблемы, следует отнести исследования учёных Р. Масова[18], Х. Пирумшоева[23], О.Бокиева [5], М.Бобохонова [4], И.А Мамадалиева [16], Н. Касымова [11], А. Кушматова [13], В.В.Дубовицкого [7], А.Мирбобоева [20], Н. Убайдуллаева [29], З. Рахматовой [24], О. Махмудова [19], Б. Сафаралиева [26], С. Мавлоназарова [14], С.М. Шукуровой [31], Н. Икромова [8], О. Каримова [10], Н.Турсунова [28], М.Бакиева [3].

В трудах этих исследователей оценка последствий нахождения Средней Азии в составе Российской империи исходит из исследованных ими трудов.

В итоге исследования вопроса культурного преобразования среднеазиатского общества в составе Российской империи профессор И.А.Мамадалиев пишет, что «<…> последствие завоевание Средней Азии Российской империей можно назвать в целом положительным-прогрессивным в культурном преобразовании в сфере общественного развития среднеазиатских народов». [16, 343]

Само название «последствия» нахождения Средней Азии в составе Российской империи в трудах постсоветских таджикских исследователей превалирует:

- последствие завоевания,
- положительные последствия,
- историческое значение,
- прогрессивные последствия,
- прогрессивно историческое значение,
- прогрессивное явление,
- объективно-прогрессивные последствия присоединения Средней Азии к России и т.д.

В отличие от остальных постсоветских государств, таджикские ученые до двухтысячных годов основывались на методах анализа советского образца, то есть не прослеживаются новые концептуальные подходы по осмыслению положительных и отрицательных последствий периода нахождения, к примеру, к подобным работам можно отнести исследования О.Бокиева [5].

Сегодня постсоветскими таджикскими учёными признаются нижеследующие положительные последствия нахождения Средней Азии в составе Российской империи:

- прекращение уничтожения таджиков;
- отмена купли и продажи рабов или вообще рабства;
- ликвидация эпидемиологических заболеваний;
- примыкание к развитой русской культуре;
- приобщение к более передовой европейской культуре;
- научное изучение региона русскими учёными;
- прекращение междоусобных войн;
- втягивание края в водоворот русского капитализма;
-спасение от английского завоевания и как следствия угнетения.

К такой позитивной позиции относится и мнение академика Р.Масова, который утверждает, что «<…> представители научно-исследовательской среды Российской империи смогли определить и объективно оценить огромное влияние таджикского народа на развитие среднеазиатского региона, который подтверждает прогрессивная значение присоединение Средней Азии к Российской империи» [18, с. 213].

А также в результате изучения отдельных отраслей ученые Таджикистана раскрывают последствия нахождения Средней Азии в составе Российской империи. Например, И.А.Мамадалиев[16], Б. Сафаралиев[26], Н. Убайдуллаев[29] и С.С. Мавлоназаров [14] отметили прогрессивное значение присоединения в создании новых школ для местного населения независимо от желания колониальной администрации и местных чиновников.

Этот вопрос обсуждается еще в рамках изучения отдельной части Средней Азии, например, положительные последствия завоевания Худжандского уезда в составе Российской империи освещены в трудах Н. Турсунова [28], Н. Касымова [12], О.Махмудова [19] и Н.Н. Усмонова [30] и др.

В трудах Н. Турсунова прогрессивное значение присоединения Северного Таджикистана, в том числе Худжанда, объясняется улучшением уровня жизни населения, обусловливавшим градостроительство, возникновение новых поселений, рост внутренних экономических связей между районами и областями.

В монографии Н. Касымова[11] анализируется прогрессивная роль русских крестьян-переселенцев в Худжандском уезде, результаты анализа автора в заключении монографии под названием «Прогрессивное значение образования русских посёлков в Худжандском уезде».

Профессор Ш.М. Султанов[27] по поводу последствий присоединения в своей статье ссылается на результаты анализов Н. Касымова.

Одной из целей исследования кандидата исторических наук О. Махмудова[19] являлось выявление влияния русской культуры в развитии отношений двух народов, в духовном обогащении коренного населения и в будущем развитии Худжанда с его окрестностями.

Действительно, вследствие смешения русско-европейской и восточной культуры, город Худжанд с окрестностями перешел на новый этап развития.

Общественно-экономическое развитие и изменение жизни народов Центральной Азии является прогрессивным последствием в исследовании С. Шукуровой и О.Каримова, которое, как считают авторы, происходило вопреки желаниям колонизаторов.

Развитие отдельных отраслей в Северном Таджикистане вследсьвие нахождения Средней Азии в составе Российской империи подтверждается в трудах нижеследующих исследователей, таких как А.Кушматов[13], Дж.Исоматдинов[9], М.Джураев[7], Б.А.Саидкаримов.[25]

Позитивные последствия, которые происходили не по воле определителей военно-политического курса царской России в отношении региона, могут оцениваться лишь побочным явлением завоевания и присоединения края к империи. В целом же, суть насильственного присоединения и колониальной политики в регионе остается доминирующей.

Подобный анализ по данного вопроса принадлежит также Б. Сафаралиеву [26].

Безусловно, завоевание Средней Азии Россией, отвечающее политическим и экономическим интересам последней, имеет крайне прогрессивное значению и для таджикского народа.

Положительные экономические последствия анализированы в исследовании кандидата исторических наук З. Рахматовой [24]. Автор, высоко оценивая последствия нахождения Средней Азии, считает, что они имеют «прогрессивное значение».

Нахождение Средней Азии в составе Российской империи способствовало равномерному экономическому и культурному развитию, в таком случае, особенно следует отметить расширение орошаемых земель в угоду оседлого населения-таджиков, которые занимались земледелием. А также, построение промышленных предприятий, новая инфраструктура и коммуникация также привели к улучшению уровня жизни и благоустройству городов и поселений.

Исследователь Н. Икромов подчеркивает, что образовался фундамент развития демократии и свободы, направленных на улучшение во всех сферах жизни Средней Азии, которые являются положительным последствием присоединения и завоевания среднеазиатского региона Российской империей.

Во всех трудах таджикских ученых научное исследование Средней Азии дореволюционными историками аргументируются как прогрессивные последствия завоевания Средней Азии Российской империей.

А также прослеживаются новые методы в изучении вопроса. Например, профессор И.А.Мамадалиев отмечает ранее незамеченный факт и новое направление - «<…> идеи о свободе и равенстве началось и вовлечение женщин-мусульманок в орбиту борьбы за права с установлением русского управления в Средней Азии» [15, с.153].

Академик Р.Масов писал, что «Царская элита не была заинтересована в защите таджикской национальной культуры, языка, сохранении территориальной целостности, национальном и государственном развитии таджикского народа, восстановлении права таджикского народа на его историческую родину» [18, с. 212].

Присоединение Памира к Российской империи и его последствия являются судьбоносным событием для таджикского народа. В чем заключаются положительные последствия присоединения Памира –на это обратим отдельное внимание. Современные южные границы территории Таджикистана были определены еще в 1895 году в результате соглашений Англии и Российской империи в рамках «Большой игры».

По этому поводу к.и.н. М.Пирумшоев отмечает, что русская политическая элита не думала об интересах местных в соглашении с англичанами об разграничение Памира, но тем не менее это соглашение имело прогрессивно-судьбоносное значение для памирцев-таджиков, которые были в угнетении со стороны афганцев довольно долгое время [21] .

В диссертации М.Пирумшоева анализируется все вышесказанные последствия, но в рамках Памира. Как и советские исследователи, он особо отмечает: - «Несмотря на диаметральную противоречивость во мнениях, все же победа революции подготовила все соответствующие предпосылки к возрождению таджикской государственности, важным субъектом которой стала Горно-Бадахшанская автономная область, занимающая основную часть географического пространства Памира» [21].

Анализ данного вопроса не остался без внимания у историков-«тяжеловесов», таких как О.Бокиева [5], Х.Пирумшоев [23, с. 304-324], И.А.Мамадалиев [16], В.Дубовицкий [7], М.Бобохонов [4].

Несомненно, присоединение Памира к Российской империи имеет судьбоносное значение для жизни горцев и в целом таджикского народа. Но в исследование данного вопроса следует обратить внимание на некоторые моменты, которые вызывают дискуссию.

С присоединением Памира к Российской империи и в результате соглашения 1895 года таджики левой стороны реки Пяндж навсегда остались отделёнными. Россия и Англия в

разделении Памира совсем не учитывали интересы местного населения. Неуверенная политика русских в дальнейшем завоевании Герата или вообще в юго-западном направлении стала причиной разделения таджиков навсегда. По этому поводу профессор М.Бобохонов пишет, что «вследствие решения «Памирского вопроса», в котором Горный Бадахшан был разделен на две части по реке Пяндж, согласно англо-русскому договору 1895 года, 102 деревни ишкашимцев, ваханцев, шугнанцев, а также многочисленные дарвазцы осталась за пределами, вопреки интересам таджиков. В решение этого вопроса Российская империя и Англия исходили из своих геополитических интересов в регионе» [4, с. 110-111].

- Самое главное, пребывание Средней Азии в составе Российской империи является предпосылкой или отправной точкой образования таджикского государства;

- Выявление роли и мест таджиков в истории со стороны русских исследователей;

- Современный облик наших исторических городов тоже берет начало именно с нахождения Средней Азии в составе Российской империи.

- Нахождение Средней Азии в составе Российской империи было убыточным для последней. Но исследование профессора И.А.Мамадалиева[17, с. 71-84] показывают, что это не совсем так.

Изучение только положительных последствий нахождения Средней Азии в составе Российской империи является односторонним, как это было в советский период изучения вопроса. Частичное использование новых методов в изучении данного вопроса постсоветскими учеными, которые открывают новые стороны последствия именно для Таджикистана.

Для объективности изучения вопроса в сложившейся ситуации следует обратить отдельное внимание на регрессивные последствия завоевания и присоединения Средней Азии к России. Такие тенденции прослеживаются в статьях академика Р.Масова, в трудах профессоров Р.Абулхаева, И.А.Мамадалиева, Н.К.Убайдуллоева, М. Бобохонова, А.Кушматова и др. Так как вопрос последствий не являлся основным объектом изучения в данных трудах, он закономерно исходил из их темы исследования.

Несмотря на то, что пока нет отдельного исследования последствий завоевания и присоединения Средней Азии к Российской империи, тем не менее постепенно раскрываются объективные аспекты. Изучавшие развитие отдельных отраслей, таджикские ученые постсоветского периода в результате своих исследований в основном подтверждают положительные последствия нахождения Средней Азии в составе Российской империи.

Опыт и методы исследования советских ученых также умело используются таджикскими постсоветскими учеными в выявлении последствий завоевания и присоединения Средней Азии к России. Наряду с этим таджикские постсоветские исследователи пока действует строго в рамках принципа исторического познания. Итак, при анализе научных трудов, монографий, статей таджикских исследователей, завоевание и присоединение Средней Азии к Российской империи является в целом положительным событием для Таджикистана. Конечно же, проявляются регрессивные последствия завоевания и присоединения Средней Азии к Российской империи в рамках исследований таджикских исследователей, но это на фоне колоссальных положительных изменений смотрится незначительным.

Ради справедливости следует отметить, что русские на завоеванных территориях Средней Азии (с учетом сильных культурных, религиозных, экономических различий колонизаторов и завоеванных народов) вели более умеренную политику в освоении края. Конечно же, они действовали в своих интересах, но и эта политика стала причиной колоссальных социально – политических, экономических, культурных изменений в регионе. Требование политических реформ от эмира бухарского, идеи Ахмади Дониша [32] частично претворяются в жизнь в период завоевания. Ахмади Дониш хотел сформировать государственное управление на основе российского опыта. С завоеванием края русские сами начали эти реформы.

Сегодня главная задача перед таджикскими историками — это определить значение завоевания и присоединение Средней Азии к Российской империи, что должно исполняться строго на основе принципа историзма и объективного подхода.

Также не надо забывать тот факт, что Российская империя действовала в Средней Азии как колонизатор, чтобы обеспечить свои потребности.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абулхаев Р. Народные движения в районах верховьев Зерафшана накануне и период восстания 1916 года. Историк (научный журнал) / Р.Абулхаев. -№1(5) 2006. -С. 21-28.
2. Ахмад Дониш. Рисола дар назми тамаддун ва таъовун. -Душанбе, 1972. - 146 с.

3. Бакиев М.И. История просветительного движения и свободомыслия в Средней Азии, конец XIX - начало XX в. диссерт. д. и. н / М.И. Бакиев. –Душанбе, 2000. -282 с.
4. Бобохонов М. История таджиков мира / М.Бобохонов. -Душанбе: Деваштич, 2004.- 573 с.
5. Бокиев О. Завоевание и присоединение Северного Таджикистана, Памира и Горного Бадахшана к России / О. Бокиев. -Душанбе, 1994. -272 с.
6. Джураев М.С. Развитие мукомольного и маслодельного производства северных районов Таджикистана в конце XIX – начале XX вв: автореф. к.и.н / М.С. Джураев. -Душанбе, 2016. -25 с.
7. Дубовицкий В. В. Деятельность Туркестанского отдела русского географического общества по изучению территории Таджикистана (1897-1917 гг.) / В. В. Дубовицкий. - Душанбе: Хумо, 2006. – 188 с.
8. Икромов Н. А. Роль русских востоковедов в изучении истории, археологии и этнографии Северного Таджикистана во II половине X1X-начале XX вв: диссерт. к.и.н / Н. А. Икромов. -Душанбе, 2015. - 188 с.
9. Исоматдинов Дж. Б. Из истории ремесленного деревообделочного производства таджикского народа: На материалах города Худжанда и его пригородов в конце XIX - начале XX вв. диссерт. к.и.н / Дж. Б. Исоматдинов. Худжанд, 2005. -210 с.
10. Каримов О.К. История исторической науки Таджикистана: дисс. д.и.н / О.К. Каримов. –Душанбе, 2002. – 253 с.
11. Касымов Н. Прогрессивное значение образования русских посёлков в Ходжентском уезде / Н. Касымов. -Душанбе: Дониш, 1968. – 150 с.
12. Касымов Н. Прогрессивное значение образования русских частей в городах Худжанде и Уратюбе / Н. Касымов // Материалы по истории городов Таджикистана. -Душанбе, 1975
13. Кушматов А. Таджикское крестьянство в конце XIX и начале XX вв., 1867-1917: диссерт. д.и.н / А.Кушматов. –Душанбе, 1998. – 474 с.
14. Мавлоназаров С. С. История российско-таджикской педагогической связи в конце XIX-начале XX вв. тема диссертации и автореферата, кандидат педагогических наук / С. С. Мавлоназаров. –Душанбе, 2006. – 108 с.
15. Мамадалиев И.А. К вопросу о раскрепощении женщин-мусульманок Средней Азии во второй половине XIX –начале XXвв. (На материалах «Туркестанского сборника») / И.А. Мамадалиев // Вестник ТГУ ПБП. – Душанбе. - №2(58) 2014. – С.149-155.
16. Мамадалиев И.А. Россия и Средняя Азия: особенности колониально-административной системы управления во второй половине XIX – начале XX вв / И.А. Мамадалиев. – Худжанд: 2013. – 400 с.
17. Мамадалиев И.А. Россия и Средняя Азия: переосмысление исторических процессов (с 60-годов XIX – по 60-е годы XX вв.) / И.А. Мамадалиев. -Худжанд: Нури маърифат, 2018. – 200 с.
18. Масов Р. Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа / Р.Масов. – Душанбе, 2005. – 288 с.
19. Махмудов О. Р. Из истории культурной жизни русскоязычного населения города Худжанда во второй половине XIX - начале XX вв. диссертация к.и.н / О. Р. Махмудов. –Худжанд, 2010. -166 с.
20. Мирбобоев А. Худжанд – по пути нового исторического прогресса / А.Мирбобоев, О. Махмудов. – Хужданд: Нури маърифат, 2009. -176 с.
21. Пирумшоев М. Памир в русской историографии второй половины XIX - начала XX вв: диссертация к.и.н / М.Пирумшоев. -2011. -167 с.
22. Пирумшоев Х. Россия и Бухарское ханство: история стратегического партнерства / Х. Пирумшоев // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарки Озод, 1998. -С. 43-55.
23. Пирумшоев Х. Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа / Х.Пирумшоев. –Душанбе: Ирфон, 2014. -528 с.
24. Рахматова З. Ю. Вклад русских ученых в формирование и развитие естественных наук Таджикистана во второй половине XIX - начале XX вв: кандидат исторических наук / З. Ю. Рахматова. -Душанбе, 2009. - 167 с.
25. Саидкаримов Б.А. Из истории песенной культуры Худжанда во второй половине XIX- начале XX вв. дисс... к.и.н / Б.А. Саидкаримов. –Худжанд, 2012. – 180 с.
26. Сафаралиев Б. Развитие духовной культуры таджикского народа: Социокультур. аспект, вторая половина XIX - начало XX вв. диссерт. д.п.н / Б.Сафаралиев. –Москва, 1997. – 340 с.
27. Султанов Ш.М. К истории возникновения миграции таджиков на территорию России в начале XX столетия / Ш.М. Султанов // Вестник ТГУПБП №4(40), 2009. -С. 101.
28. Турсунов Н.О. Развитие городских и сельских поселений Северного Таджикистана в XVIII – начале XX вв / Н.О.Турсунов. -Душанбе: Ирфон, 1991. – 541 с.
29. Убайдуллоев Н.К. История народного образования Таджикистана второй половины XIX – XX вв / Н.К.Убайдуллоев. –Душанбе: Ирфон, 2005. -176 с.
30. Усмонов Н.Н. История Ходжентского уезда (1866-1917гг.) / Н.Н.Усмонов, И.А. Мамадалиев. -Худжанд: Ношир, 2019. - 244 с.
31. Шукурова С. М. Освещение административно-политического устройства дореволюционного Таджикистана в трудах русских исследователей, конец XVIII - начало XX вв. диссертация, к.и.н / С. М.Шукурова. –Душанбе, 1998. -148 с.
32. Джабборов Ш.Ч. Андешахои сиесии Ахмади Дониш (Политические взгляды Ахмада Дониша) / Ш.Ч. Джабборов. -Душанбе, 2005. – 190 с.

## ПОСЛЕДСТВИЯ ЗАВОЕВАНИЯ СРЕДНЕЙ АЗИИ РОССИЙСКОЙ ИМПЕРИЕЙ В ТРУДАХ ТАДЖИКСКИХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В статье проведен историографический анализ трудов постсоветских таджикских исследователей по вопросу последствий завоевания и присоединения Средней Азии к Российской империи. В настоящее время проблема последствие завоевания и присоединения Средней Азии к Российской империи является более актуальной для постсоветских учёных. Наряду с другими, и таджикские историки после независимости обратили внимание на эти чувствительные для стран Центральной Азии и России проблемы. Однако до сих пор не ясна

общая позиция таджикских исследователей по данной проблеме, так как все ещё отсутствует историографическое исследование. Данная статья показывает направление таджикской исторической науки по исследованию вышесказанной проблемы.
**Ключевые слова**: прогрессивное значение, положительные последствия, последствия завоевания, присоединение, Российская империя, Средняя Азия, Памир

**ОҚИБАТҲОИ ЗАБТИ ОСИЁИ МИЁНА АЗ ҶОНИБИ ИМПЕРИЯИ РУСИЯ ДАР АСАРҲОИ МУҲАҚҚИҚОНИ ТОҶИК**

Дар мақола масъалаи оқибатҳои забт ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба империяи Русия дар асоси таҳлили корҳои илмии олимони муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. То ҳол ин масъала пурра аз тарафи ягон муаррихи муосири тоҷик таҳлил нашудааст. Дар асоси омӯзиши асарҳои илмии олимони муосири тоҷик оқибатҳои забт ва ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба империяи Русия баррасӣ шудаанд.
**Калидвожаҳо**:оқибатҳои мусбат, оқибатҳои забт, оқибатҳои ҳамроҳшавӣ, Осиёи Миёна, Империяи Русия, Помир.

**THE CONSEQUENCE OF THE CONQUEST OF CENTRAL ASIA BY THE RUSSIAN EMPIRE IN THE WORKS OF TAJIK RESEARCHERS**

The article provides a historiographical analysis of the works of post-Soviet Tajik researchers on the consequences of the conquest and accession of Central Asia to the Russian Empire. The present time the problem the consequence of the conquest and accession of Central Asia to the Russian Empire is more relevant for post-Soviet scientists. Along with others, Tajik historians after independence drew attention to this problem, which is sensitive for the countries of Central Asia and Russia. However, it is still not clear the General position of Tajik researchers on this problem, as there is still no historiographical study. This article shows the direction of Tajik historical science in the study of the above problem.
**Key words**: Progressive significance, positive consequence, consequence of conquest, annexation, Russian Empire, Central Asia, Pamir

**Сведения об авторе:** ***Назаров Ф.А.*** - Институт истории, археологии и этнографии им. А.Дониша АН РТ, соискатель отдела новейшей истории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Рудаки 33. E-mail: **nfakhriddin@list.ru** Телефон: **928004597.**

**Information about the author: Nazarov F.A. -** Institute of History, Archeology and Ethnography. A. Donisha, Academy of Sciences of the Republic of Tatarstan, applicant for the Department of Contemporary History Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street 33. Phone: **928004597.**

**УДК: 930+37(575.3)**

# ҲАМКОРИҲОИ ТАҲСИЛОТӢ - ЗАМИНАИ ВОҚЕӢ ДАР ТАВСЕАИ ДИПЛОМАТИЯ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ГУМАНИТАРИИ ТОҶИКИСТОН

***Самиев Х.Д., Аслиддинова А.А. Баротов И.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамкориҳои гуманитарӣ аз тамоилот ва самтҳои асосии рушди равобити байналмилалии муосир маҳсуб ёфта, ҳадафаш мусоидат ба инкишофи қобилиятҳои мардуми кишварҳо, минтақаҳо ва қитъаҳои дунёст. Вазифаи асосии ҳамкориҳои гуманитарӣ ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд, тавсеаи дипломатияи созанда барои эҷоди муҳити ҳамдигарфаҳмӣ байни кишварҳои муттафиқ ва халқҳои сокини онҳо, ҳамкории муштарак дар соҳаи рушди зарфияти инсонӣ ва дигар самтҳои афзалиятнок мебошад. Аз тарафи дигар ҳамкориҳои гуманитарӣ омили асосии қувваи нарм дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Тавре маълум аст, дар шароити муосир раванди босуръати ҷаҳонишавӣ муносибатҳои наздики миллатҳо ва давлатҳоро тавсеаи бесобиқа бахшида, дастрасӣ ба комёбиҳои навину арзишманди башарӣ ва баҳрабардорӣ аз дастовардҳои тафаккури созандаи инсониро барои аҳли башар муяссар мегардонад. Дар баробари ин, мушкилоти моддиву маънавӣ ва ахлоқии башар низ хислати глобалӣ касб карда, ин амр боиси торафт афзудани фишор ба сохторҳо ва арзишҳои миллӣ ва фарҳангии миллатҳо ва ангезиши бархӯрди тамаддунҳо мегардад. Аз ин нуктаи назар ҳамкориҳои гуманитарию фарҳангиро метавон яке аз рукнҳои асосии баланд бардоштани имиҷи байналхалқии давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ арзёби кард. Зеро технологияҳои гуманитарӣ яке аз механизмҳои асосии ташаккули симои ҷаззоби кишварҳои мутамаддин дар арсаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба тамоюлоти мазкур «яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозии чунин дипломатияи фарҳангӣ ва башардӯстона аст, ки он бо дарназардошти тамоюлҳои мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ ба таъмини ҳастии маънавӣ ва ҳифзу ҳимояи арзишҳои асили миллии фарҳангиву ахлоқии миллати тоҷик, муаррифии симои

шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун кишвари дорои фарҳангу тамаддуни қадима ва давлати муосири демокративу ҳуқуқбунёд, инчунин бо мақсади ташаккули симои байналхалқии давлату миллат тавсеаи ҳамкориҳои самарабахши фарҳангию башардӯстонаро бо кишварҳои олам ҷонибдорӣ менамояд» [6].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави ҷаҳонӣ низ сиёсати дарҳои бозро ҳадафмандона пайгирӣ намуда, муносибатҳои байнидавлатиро бо тамоми кишварҳои олам дар асоси баробарӣ ва ҳамзистии осоишта таҳким хоҳад бахшид. Дар самти мазкур Иттиҳоди Аврупо истисно намебошад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид менамояд: «Ҳамкорӣ бо кишварҳои Аврупо дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми хосса дорад» [9]. Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсию фарҳанги ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ инъикос мегардад. Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки ҳамкориҳои мутақобилан судмандро дар самтҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, махсусан дар соҳаҳои илму маориф ва таҳсилот тақвият бахшад. Ҳамкориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат маҳсуб гашта, марҳилаи сифатан нави рушду инкишофро паси сар намуда истодааст. Бо мақсади густариш ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд «соли 2011 Кумита оид ба ҳамкориҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо таъсис ёфт» [12,с.190-201]. Инчунин, дар радифи мазкур Кумитаи байнипарлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо низ таъсис гардида буд. Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти кумитаҳои мазкурро ҳамкориҳои гуманитарӣ ташкил медиҳад, ки масоили таҳсилотӣ ва ҳамкориҳои байнидонишгоҳии ҷонибҳоро фаро мегирад. Тоҷикистон марҳила ба марҳила сатҳу сифати таълимро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намуда истодааст. Аслан, «муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо аз санаи 31 декабри соли 1991 оғоз ёфта буд, ки Изҳороти Иттиҳоди Аврупо дар бораи эътирофи ҷумҳуриҳои пасошуравӣ ва дурнамои ҳамкориҳои мутақобила бо онҳоро фаро мегирифт» [7,с.165].

Гуфтан мумкин аст, ки дар низоми ҳамкориҳои фарҳангиву гуманитарии мамлакати мо бо кишварҳои дунё, бахусус ҳамкориҳо дар соҳаи маориф, бавижа дар роҳи ислоҳот ва ба сатҳи стандартҳои ҷаҳонӣ баровардани низоми таҳсилотӣ мақоми афзалиятнок касб кардааст [1] Тавре маълум аст, яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳои байналхалқии гуманитарии Тоҷикистон дастгирии ҳамаҷонибаи системаи маориф мебошад. Ташаббуси «таҳсилоти аврупоӣ» силсилаи чорабиниҳоро дар соҳаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёнаи махсус, миёнаи пурра ва олӣ, инчунин Марказҳои сифатҳои аъло дар мамлакат фаро мегирад. Барномаи «Шоҳроҳи электронӣ» таҳия шудааст, ки марказҳои тадқиқотӣ ва донишгоҳии Аврупо ва Осиёи Марказиро дар бар мегирад [8,с.48-55]. Низоми таҳсилотии устуворшуда дар кишвари мо ҳарчи бештар вусъати шаклҳои гуногуни ҳамкориҳоро дар сатҳҳои балакавриат, магистратура ва докторантура талаб дорад, то ки соҳибони ин дараҷаҳои таҳсилот дар бозори меҳнат ва рақобат ҷавобгӯи талаботҳои ҷаҳонӣ бошанд. Ва дар ин самт бештар ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ бо шарикони аврупоии мо намунаи назаррасе шуда метавонанд. Зеро ҳамкориҳои донишгоҳҳои мамлакати мо бо донишгоҳҳои аврупоӣ дар чаҳорчӯбаи барномаҳои таҳсилотии Иттиҳоди Аврупо (аз ҷумла Ерасмус +) тайёр кардани магистрҳоро дар соҳаҳои ба мо зарурӣ пешниҳод менамояд. Бояд ёдовар шуд, ки аз рӯзҳои аввали устувор шудани робитаҳои ҳамаҷониба байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо соҳаи таҳсилот аз самтҳои афзалиятнок эътироф шуд ва Иттиҳоди Аврупо як силсила барномаҳоро, аз қабили ТЕМПУС, ЕРАЗМУС МУНДУС ва Эразмус+ пешниҳод ва роҳандозӣ кардааст [11,с.62-64].

Лоиҳаи TACES (Муқаддимаи таҳсилоти аврупоии байниириштаӣ дар Тоҷикистон), ки бо дастгирии барномаи «Эразмус+» амалӣ мегардад, аз ҷумлаи чунин лоиҳаҳои муваффақ буда, ҳамкориҳои васеи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо шарикони аврупоӣ – Донишгоҳи техникии Дрезден, Донишгоҳи давлатии Тартуи Эстония ва Донишгоҳи Олмоучи Чехияро дар самти тайёр кардани магистратура бо ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ (таҳсилоти аврупоӣ) фаро мегирифт. Ҳадафи аслии лоиҳаи TACES мусоидат ба муосиргардонии минбаъдаи раванди таҳсилот дар Тоҷикистон буда, амалӣ кардани як силсила чорабиниҳоро дар роҳи ташаккули стандартҳои байналхалқӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ пешбинӣ мекард.

Гуфтан мумкин аст, ки дар доираи барнома сентябри соли таҳсили 2016-2017 дар базаи факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ дар низоми магистратура аз руйи ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ - таҳсилоти аврупоӣ дарсҳо оғоз ёфтанд. Донишҷӯёни соли аввали таҳсил бо теъдоди 19 нафар аз ДМТ, ДСРТ, филиали Донишгоҳи давлатии Москва дар Душанбе, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Хоруғ буданд. Барои хондани дарсҳо мутахассисон аз донишгоҳҳои шарик даъват карда шуданд. Аз ҷумла, устодони Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон Маҳмадов П., Наҷмиддинов А., Ҳоҷиев А., Саидов Ҳ., Камолов И., Аминов Ф., устодони Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон – Кувватова А.А., Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Додхудоева Л.Н., Донишгоҳи Давлатии Данғара - Солиев Б., аз фанҳои ихтисосӣ дарс гуфтанд. Барои мониторинги сифати таълим моҳи ноябри соли 2016 ба ДМТ намояндаи Иттиҳоди Аврупо (EACEA) Жозе Гутиеррес, корманди офиси Темпус Заррина Нуриддинова омада буданд ва аз дараҷаи омодагӣ ва таъмини шароит барои магистрантон изҳори қаноатмандӣ карданд. Ҳамзамон, барои шиносоӣ бо вазъи таҳсил дар магистратура аз донишгоҳҳои аврупоӣ – мутахассисон даъват карда шуданд. Аз ҷумла, Улрих Фроше, Кристиан Ҳерм, Павлина Клейберова, Милан Ҳорначек, Олга Богданова, Анзори Баркалаҷа, Маркета Жидкова, Ҳайнек Меличар, Инна-Мариа Штейлер аз 29.04 то 21.05.2017 буда ба донишгоҳҳои шарик сафар карда, аз вазъи кор шинос шуданд, ба донишҷӯён машғулиятҳо гузарониданд.

Дар ҷараёни соли таҳсил барои бозомӯзии устодон ва кормандони шарики барномаи мазкур чанд семинар ташкил карда шуд. Семинари аввал дар базаи Донишгоҳи Тарту аз 20–ум то 28 уми марти соли 2017 шуда гузашт, ки дар он кормандон ва устодони донишгоҳҳои Тоҷикистон – ДМТ (Х. Самиев, А.Наҷмиддинов, П.Маҳмадов, А.Аслитдинова, А.Ҳоҷиев), ДСРТ (А. Кувватова, З. Шодиева), ДДБҲСТ (Р.Шокиров, А. Ҷураев), АУ ҶТ (Л. Додхудоева), ДДХ (М.Алимшоев) иштирок доштанд. Семинари дуюм дар базаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташкил карда шуда, ба он иштирокчиёни барнома аз донишгоҳҳои шарик даъват карда шуданд. Семинари дувум дар базаи Донишгоҳи давлатии бизнес, ҳуқуқ, ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд дар моҳи июли соли 2017 ташкил карда шуда буд.

Дар маҷмуъ, аз давраи оғози лоиҳа (2016 то имрӯз) метавон дастовардҳои мазкурро ба унвони мисол ном бурд:

1. Татбиқи як силсила чорабиниҳо баҳри ташкили консортсиум дар ҳайати макотиб ва муассисаҳои оливу илмии ҷумҳурӣ (ДМТ, ДСРТ, ДДД, ДДХ, ДДБҲСТ, АУ ҶТ) бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷорӣ кардани барномаи магистрӣ бо ихтисоси таҳсилоти аврупоӣ дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ.

2. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамроҳ бо шарикони аврупоӣ (Донишгоҳи техникии Дрезден, Донишгоҳи Тарту ва Донишгоҳи Оломоучи Чехия) барномаи магистратура бо ихтисоси «таҳсилоти аврупоӣ» (забони омузиш англисӣ) таҳия карда шуд. Ҳамзамон, бештар аз 21 барномаи таълимӣ бо маводи таълимӣ бо забони англисӣ таҳия ва ба нашр супорида шуданд.

3. Бо дастгирии молиявии барнома дар донишгоҳҳои мамлакат - ДМТ, ДДД, ДДХ ба номи М. Назаршоев, ДДҲБСТ марказҳои ресурсии омӯзиши аврупоӣ муҷаҳҳаз бо 40 компютер, 4 лавҳаи электронӣ, проекторҳои мултимедӣ ва таҷҳизоти дигар барои таъмини таҳсилоти донишҷӯён таъсис дода шуданд. Аз ҷумла, 13.01.2018 дар Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон маркази омузиши аврупоӣ ба маблағи 227345 сомонӣ кушода шуд [13].

4. Дар соли таҳсили 2016-2017 дар заминаи озмун хатмкунандагони донишгоҳҳои мамлакат ба курси аввали магистратура дохил шуданд. Баъди ду сол ин донишҷӯён баъди гузаштани таҷрибаомӯзӣ, супоридани имтиҳонҳои давлатӣ ва ҳифзи рисолаҳои магистрӣ соҳиби дипломи магистрӣ шуданд. Ҳамчунин, соли таҳсили 2017-2018 ва соли таҳсили 2018-2019 ба магистратура донишҷӯён баъди гузаштани озмун бо иштироки устодони донишгоҳҳои ҳамшарики аврупоӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд. Гуфтанист, ки дар давоми солҳои таҳсил дар баробари устодони донишгоҳҳои кишвар устодон аз дигар донишгоҳҳои аврупоӣ ба шогирдони мо дарс мегуфтанд. Чунончи, дар давоми амали барнома ба донишгоҳи мо бештар аз 28 устодони аврупоӣ бо мақсади хондани лексия, баргузории машваратҳо ва семинарҳо сафари хидматӣ доштанд.

5. Ҳамзамон, дар доираи амали барнома устодони мо аз донишгоҳҳои мамлакат ба хотири боло бурдани сатҳи дониш ва малакаи касбӣ, шиносоӣ бо усул ва равишҳои таҳсилоти аврупоӣ аз донишгоҳҳои Дрезден, Тарту, Оломоуч дидан карданд. Бо ташаббуси ҳамкорони мо чунин семинарҳо ва машваратҳо дар Душанбе, Хуҷанд ва

Данғара баргузор гардиданд. Аз ҷумла, дар вохӯрии навбатии лоиҳаи мазкур дар Донишгоҳи техникии Дрезден рӯзҳои 13-17 майи соли 2018, ки намояндагони ДМТ, ДДҲБСТ, ДДХ, ДДД ширкат доштанд, муаммоҳое, ки дар тайёр кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор ба лоиҳа, идораи молиявии лоиҳа, омода намудани барномаи магистратура, омӯзиши таҷрибаи аккредитатсияи барномавӣ дар Аврупо, нақши роҳбарияти донишгоҳҳо дар амалӣ намудани лоиҳа ҳаллу фасли худро ёфтанд.

6. Тайи амали барнома ба хотири шиносоии бештар бо низоми таҳсилотӣ дар Аврупо донишҷӯёни мо таҷрибаомӯзии хешро дар Олмон, Чехия ва Эстония гузарониданд. Аз ҷумла, имрӯзҳо 11 нафар муҳассилини мо дар семинарҳо ва машваратҳои Донишгоҳи техникии Дрезден (Олмон) иштирок доранд.

7. Дар соли таҳсили 2018-2019 14 нафар хатмкунандагони магистратураи мазкур баъди хатми таҳсил бо дипломҳои магистрҳои минтақашиносии хориҷӣ (таҳсилоти аврупоӣ) ва шаҳодатномаҳои барномаи TACES сарфароз гардиданд. Дар маросими тантанавӣ намояндагони Вазорати маориф ва илми ҶТ, намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар ш. Душанбе, раёсати ДМТ, шарикони аврупоии мо иштирок доштанд.

8. Ҳамчунин, дар давраи амали барнома устодони донишгоҳҳои шарики ДМТ ба хотири тайёр кардани шароит ҷиҳати наздик кардани барномаву стандартҳои таҳсилотӣ ба стандартҳои аврупоӣ як силсила қонунҳо ва санадҳои қонунгузориро оиди таҳсилот дар мамлакат ба забони англисӣ тарҷума карданд.

Бо назардошти авомили зикршуда ва натиҷаҳои бадастомада метавон гуфт, ки таҷрибаи аввалини тайёр кардани магистрҳо бо иштироки шарикони аврупоӣ муваффақона буда, самараи хуб хоҳад дод.

1. Ҷорӣ кардани низому усули таҳсилоти аврупоӣ барои амиқу устувор гардидани раванди ислоҳоти низоми маориф ва илм ва бо стандартҳои ҷаҳон наздик кардани он шароити мусоид фароҳам меорад.

2. Раванди татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои муштараки таҳсилотӣ бештар аз дараҷаи мудирият, яъне идораи раванди тайёр кардани заминаҳои ҳамкорӣ, фароҳам овардани базаи моддӣ-техникӣ, мусоидат ба таъмини ҷараёни таҳсил бо устодону кормандони соҳибтаҷриба ва забондон вобастагии бештар дорад. Таҷрибаи лоиҳаи мазкур нишон дод, ки ин омилҳо ба туфайли дастгирии раёсати ДМТ академики АИ ҶТ Имомзода М.С., роҳбарони раёсатҳо ва шуъбаҳои дахлдор фароҳам оварда шуданд ва татбиқи муваффақонаи лоиҳаро таъмин карданд.

3. Устодони донишгоҳ тайи сафарҳои хидматии хеш ба Олмон, Чехия ва Эстония бо низоми таҳсилоти аврупоӣ аз наздик шинос шуда таҷрибаи хуб андухтанд ва онро ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалии худ истифода хоҳанд бурд.

4. Магистратураи таҳсилоти аврупоӣ аввалин намунаи тайёр кардани магистрҳо буда, барои ташкили чунин магистратураҳои муштарак бо дигар донишгоҳҳои хориҷӣ заминаи хубе фароҳам овард. Умед аст, ки хатмкунандагони аввалини ин магистратура, ки донандагони хуби забони англисӣ ҳам ҳастанд, аввалин мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ, иктисод, фарҳанг ва сиёсати аврупоӣ шуда, дар кори тавсеаи ҳамкориҳои илмиву фарҳангии кишвари мо бо мамолики аврупоӣ саҳми худро мегузоранд.

5. Гуфтан мумкин аст, ки татбиқи чунин лоиҳаҳои ҳамкориҳои муштарак бо шарикони аврупоӣ дар соҳаи таҳсилот барои тадриҷан гузаштани донишгоҳи мо ва дигар мактабҳои олии мамлакат аз аккредитатсияҳои байналхалқӣ замина фароҳам меорад, ки яке аз самтҳои асосии ислоҳот ва рушди таҳсилоти олӣ шинохта шудааст [4]. Аз он ҷумла, дар сафари гурӯҳи кории намояндагони Вазорати маориф ва илми ҷумҳурӣ бо сардории муовини вазир С. Давлатзода ба кишвари Эстония аз 21-ум то 26-уми январи соли 2019 муовини аввал, муовини ректори ДМТ оид ба таълим Т.Хоҷаев иштирок дошт. Дар рафти сафар мулоқоти намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо намояндагони Оҷонсии аврупоӣ оид ба назорати сифати таълими Ҷумҳурии Эстония доир гардид, ки дар он вобаста ба сифати таҳсилот, гузаштан аз аккредитатсияи байналмилалӣ, шароит, имконият ва талаботи муосир дар самти мазкур дар доираи барномаи лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» мубодилаи афкор сурат гирифт. Гуфта мешавад, ки Оҷонсии аврупоӣ оид ба назорати сифати таълими Ҷумҳурии Эстония яке аз ташкилотҳоест, ки ба масъалаи аккредитатсия ва назорати сифати таълим таваҷҷуҳ намуда, бо Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории судманд дорад.

## АДАБИЁТ


1. Весенний семестр 2019 года проекта TACES [манбаи электронӣ]. URL: http:// www. tnu. tj/index.php/ru/proekty/taces/1404-2019-taces. (санаи истифодабарӣ: 25.03.2019)

2. Гадоев Б. Машварат оид ба барномаи Эразмус / Б. Гадоев // Ба қуллаҳои дониш. -№2(1448). 31 январи соли 2019. С.4-5.
3. Имомзода М. 25 зинаи камолот. (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар масири истиқлолият) / М.Имомзода, С. Сафармамадов, Ҳ.Раҳмон, К.Расулиён. – Душанбе, 2016. – 713 с.
4. Иҳромов Т. Сафар ба Ҷумҳурии Эстония ва баррасии лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.tnu.tj/index.php/tj/1376-safar-ba-um-urii-estoniya-va-barrasii-loi-ai-rushdi-tah-siloti-oli (санаи истифодабарӣ: 01.04.2019)
5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон . Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. [манбаи электронӣ]. URL: // http://mfa.tj/?l=tj&cat=109 (санаи истифодабарӣ: 04.04.2019)
6. Майтдинова Г. Сотрудничество Евросоюза и Республики Таджикистан в начале XXI века / Безопасность в Центрально-азиатском регионе: опыт и практика в решении этнополитических конфликтов / Г. Майтдинова // Материалы III Международной научной конференции. Душанбе, 8-10 июня 2004 года). - Душанбе, 2005. -С. 165.
7. Нигораи А.С. Самтҳо ва пешомадҳои ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар қаринаи стратегияи нави ИА дар Осиёи Марказӣ / А.С Нигораи, Д Алоуддини // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. —2016. —№3-7. —С. 48-55.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш. Душанбе, 22 декабри соли 2017. [Манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739 (санаи истифодабарӣ: 08.04.2019)
9. Проект TACES, программа Эразмус+. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.rtsu. tj/ru/international-activities/koordinatsiya-programm-proektov-i-grantov-v-oblasti-obrazovaniya-i-nauki/informatsiya-o-proektakh.php (Санаи истифодабарӣ: 15.03.2019)
10. Солиев Р. Таджикистан–Европейский Союз: взаимовыгодное сотрудничество / Р.Солиев. -Душанбе, 2016.
11. Солиев Р. Таджикистан – Европейский союз: становление, динамика развития и приоритеты сотрудничества / Р. Солиев // Вестник Таджикского национального университета. 2015. -№3-10. -С. 190-201.
12. Шарифзода М.М. Дастоварди сол.– Хуҷанд, 2018. – 84 с.

## ҲАМКОРИҲОИ ТАҲСИЛОТӢ - ЗАМИНАИ ВОҚЕӢ ДАР ТАВСЕАИ ДИПЛОМАТИЯ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ГУМАНИТАРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳамкориҳои гуманитарӣ аз тамоилот ва самтҳои асосии рушди равобити байналмилалии муосир маҳсуб ёфта, ҳадафаш мусоидат ба инкишофи қобилиятҳои мардуми кишварҳо, минтақаҳо ва қитаҳои дунёст. Ба андешаи мо вазифаи асосии ҳамкориҳои гуманитарӣ эҷоди муҳити ҳамдигарфаҳмӣ байни кишварҳои муттафиқ ва халқҳои сокини онҳо, ҳамкории муштарак дар соҳаи рушди зарфияти инсонист. Низоми таҳсилотии устуворшуда дар кишвари мо ҳарчи бештар вусъати шаклҳои гуногуни ҳамкориҳоро дар сатҳҳои бакалавриат, магистратура ва докторантура талаб дорад, то ки соҳибони ин дараҷаҳои таҳсилот дар бозори меҳнат ва рақобат ҷавобгуи талаботҳои ҷаҳонӣ бошанд. Ва дар ин самт бештар ҳамкориҳои байнидонишгоҳӣ бо шарикони аврупоии мо намунаи назаррасе шуда метавонанд. Муаллифон саъй намудаанд, ки дар бораи ҳамкориҳои донишгоҳҳои мамлакати мо бо донишгоҳҳои аврупоӣ дар чаҳорчӯбаи барномаҳои таҳсилотии Иттиҳоди Аврупо (аз ҷумла Ерасмус +) дар низоми тайёр кардани магистрҳо дар соҳаҳои зарурӣ маълумот диҳанд. Лоиҳаи TACES (Муқаддимаи таҳсилоти аврупоии байнириштаӣ дар Тоҷикистон), ки бо дастгирии барномаи «Эразмус+» амалӣ мегардад, аз ҷумлаи чунин лоиҳаҳои муваффақ буда, ҳамкориҳои васеи донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Данғара, Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистонро бо шарикони аврупоӣ – Донишгоҳи техникии Дрезден, Донишгоҳи давлатии Тартуи Эстония ва Донишгоҳи Олмоучи Чехияро дар самти тайёр кардани магистратура бо ихтисоси минтақашиносии хориҷӣ (таҳсилоти аврупоӣ) фаро мегирифт. Ҳадафи аслии лоиҳаи TACES мусоидат ба муосиргардонии минбаъдаи раванди таҳсилот дар Тоҷикистон буда, амалӣ кардани як силсила чорабиниҳоро дар роҳи ташаккули стандартҳои байналхалқӣ дар соҳаи таҳсилоти олӣ пешбинӣ мекард. Дастовардҳои асосии лоиҳа мухтасаран чунин нишон дода шудаанд: силсилаи чорабиниҳо оиди ташкили консортсиум дар ҳайати 6 муассиса ва донишгоҳҳои Тоҷикистон ва се донишгоҳи аврупоӣ бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи барномаи магистрӣ аз рӯйи самти «таҳсилоти аврупоӣ» дар мамлакат; таҳия ва татбиқи барномаҳо, нақшаҳо, стандартҳо, курсҳои таълимӣ доир ба ихтисоси мазкур дар ДМТ; - таъсиси марказҳои захиравӣ оиди аврупошиносӣ дар донишгоҳҳои мамлакат - ДМТ, ДСРТ, ДДД, ДДХ, ДДҲБСТ; - ташкили раванди таълим дар магистратура дар базаи факултети муносибатҳои байналхалқии ДМТ, ҷалби коршиносон ва мутахассисони пешбари аврупоӣ барои хондани лексияҳо ва машваратҳо, ба роҳ мондани таҷрибаомӯзиҳо ва курсҳои такмили ихтисос барои устодони донишгоҳҳои ҳамкор дар донишгоҳҳои аврупоӣ.

**Калидвожаҳо:** дипломатияи фарҳангӣ, ҳамкориҳои таҳсилотӣ, минтақашиносии хориҷӣ, таҳсилоти аврупоӣ, магистратура, аккредитатсияи байналхалқӣ, марказҳои захиравӣ, шарикони рушд, муошировати байнифарҳангӣ.

## СОТРУДНИЧЕСТВО В ОБЛАСТИ ОБРАЗОВАНИЯ – РЕАЛЬНАЯ ПРЕДПОСЫЛКА В РАЗВИТИИ ДИПЛОМАТИИ И МЕЖДУНАРОДНЫХ ГУМАНИТАРНЫХ ВЗАИМОДЕЙСТВИЙ ТАДЖИКИСТАНА

Статья посвящена изучению процесса установления и развития международных связей Таджикистана в области образования. Авторы стремились на примере процесса реализации проекта TACES «Введение в междисциплинарные европейские исследования в Таджикистане» показать, насколько важен приобретенный опыт в деле расширения международных контактов в сфере образования и применение международных стандартов в этой приоритетной сфере государства. Главной целью проекта TACES «Введение в междисциплинарные европейские

исследования в Таджикистане» было оказание поддержки дальнейшей модернизации образовательных процессов в республике. По убеждению авторов статьи, главными достижениями проекта, который реализовался в течение 2017-2019 годов были: осуществление ряда мер по формированию консорциума из шести образовательных и научных учреждений страны (ТНУ, РТСУ, Дангаринский государственный университет, Хорогский государственный университет, Академия наук) при поддержке Министерства образования и науки Таджикистана с целью внедрения магистерской программы по Европеистике в вузах республики; разработка и внедрение в Таджикском национальном университете совместно с европейскими партнерами (Дрезденский технический университет, университет Тарту и Чешском Университет в Оломоуче) учебных программ, курсов и стандартов по магистерской программе «зарубежное регионоведение» (Европейские исследования; создание ресурсных центров с материалами о Европе в четырех университетах страны, центры созданы в Таджикской национальном университете, в университетах Хорога, Худжанда и Дангары; организация учебного процесса в магистратуре на базе факультета международных отношений ТНУ, привлечение ведущих зарубежных специалистов для чтения лекций, осуществления учебных практик, выездов преподавателей таджикских вузов для участия в семинарах, курсах повышения квалификаций и т.д.

**Ключевые слова:** культурная дипломатия, сотрудничество в области образования, магистратура, зарубежное регионоведение, есропейские исследования, международная аккредитация, ресурсные центры, партнеры по развитию, межкультурная коммуникация.

## COOPERATION IN THE FIELD OF EDUCATION IS A REAL PREREQUISITE IN THE DEVELOPMENT OF DIPLOMACY AND INTERNATIONAL HUMANITARIAN INTERACTIONS OF TAJIKISTAN

The article is devoted to the study of the process of establishing and developing of Tajikistan international relations in the field of education and its place in the development of cultural diplomacy of the republic. Using the example of the TACES project “Introducing Interdisciplinary European Studies in Tajikistan”, the authors showed how important the acquired of the international contacts experience in the field of education, and applying of the international standards in this priority area of the state. The main objective of the TACES project “Introducing Interdisciplinary European Studies in Tajikistan” was to support further modernization of the education processes in the country. According to the authors vision, the main achievements of the project, which was implemented during 2016-2019, were: - implementation of a number of formation measures of consortium are six educational and scientific institutions in the country (TNU, RTSU, Dangara State University, Khorog State University, Academy of Sciences) with support of the Ministry of Education and Science of Tajikistan. The aimы are introducing the European Studies master program in the universities of the republic; - development and implementation at the Tajik National University together with European partners. European partners Dresden Technical University, University of Tartu and Czech University in Olomouc) working together with Tajik universities under curricula, courses and standards for the master's program "foreign regional studies", and assistance in creation of resource centers with materials about Europe in four universities of the country. Four centers were established at the Tajik National University, in the universities of Khorog, Khujand and Dangara; with cooperation in organization of the educational process in the master program on the basis of the faculty of international relations of TNU, attracting leading foreign specialists are giving lectures, implementing of field visiting practices, visiting Tajik university teachers for seminars, courses, etc.

**Key words:** cultural diplomacy, cooperation in the field of education, magistracy, foreign regional studies, European studies, international accreditation, and resource centers, partner’s development, intercultural communication.

**Сведения об авторе:** ***Самиев Холахмад Давлатович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **918-79-90-91**. E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru

***Аслиддинова А.*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры международных отношений факультета международных отношений Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **918-63-26-86.** E-mail: aslitdinovaalla@mail.ru

***Баротов Исроил Иброхимович*** – Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, аспирант отдела политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Тел.: (**+992) 900-70-90-00**

**Information about the author:** ***Samiev Kholakhmad Davlatovich*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel .: **918-79-90-91.** E-mail: samiev.kholakhmad@mail.ru

***Asliddinova A.A.*** - Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Associate Professor at the Department of International Relations, Faculty of International Relations, Tajik National University. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel.: **918-63-26-86**. E-mail: **aslitdinovaalla@mail.ru**

***Barotov Isroil Ibrokhimovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, post-graduate student of the department of political problems of international relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone**: (+992) 900-70-90-00**

УДК:930.25 (470) (575.3) (1-87)

# МАСОИЛИ ОМӮЗИШИ ҲАМКОРИҲОИ НИЗОМӢ-СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

*Мирзоев Ҷ., Розиқов Ф.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Баъд аз ба даст овардани истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи дастуру нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амал намуда, дар сиёсати хориҷии хеш муносибатҳои дутарафа ва бисёрсамтаи босуботу судмандро, пеш аз ҳама, бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил густариш дод. Ҳанӯз дар солҳои аввали истиқлолият Э. Раҳмон дар яке аз мусоҳибаҳо бо рӯзноманигори маҷаллаи «Россия» Ю. Кушко инкишофи бемайлони муносибатҳои байналхалқиро дар доираи давлатҳои пасошӯравӣ барои Тоҷикистон афзалиятнок ҳисобида, чунин ибрози назар намуда буданд. «Тоҷикистон ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар чорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Россия аҳамияти хосса зоҳир менамояд» [28,с.253]. Сипас, Сарвари давлат Э. Раҳмон дар иҷлосияҳои Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид дар солҳои 1993-1997 баромад намуда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карданд. Ҳамчунин, 30 сентябри соли 1994 зимни суханронӣ дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи Генералии СММ афзалиятнок будани муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо кишварҳои аъзои ИДМ иброз дошта, аҳамияти ду самти фаъолияти ҳукуматро дар чорчӯбаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил таъкид карданд, ки манзури ӯ муносибатҳои муштараку судманд бо Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ буд [30, с.10].

Масъалаи таҳким ва тавсеаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои аъзои ИДМ, бахусус Россия, пеш аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон [28], таълифоти собиқ вазирони корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т.Назаров [20] ва Ҳ.Зарифӣ [8], асари бунёдии «История таджикского народа», ки як боби он ба сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аз ҷониби муҳаққиқи намоён В.В. Дубовитский [6] ба анҷом расидааст, инчунин дар аксар таълифоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст. Маводи ин таълифот бештар ба масоили умдаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ марбут буда, дар онҳо раванди таъсисёбии давлатҳои соҳибистиқлол ва эълони истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон, бунёди низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ таҷассум ёфтаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои хеш афзалиятнок будани муносибатҳои Тоҷикистону Россияро таъкид карда, дар зимни вохӯрӣ бо Президенти Федератсияи Россия В.В.Путин 1 августи соли 2013, аз ҷумла чунин иброз дошт: «Россия ва Тоҷикистонро муносибатҳои иттифоқчигӣ ва шарикии стратегии аз ҷониби вақт озмудашуда, ки омили муҳимми устуворӣ ва амниятӣ дар Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбад, бо ҳам мепайвандад» [28].

Собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров муаллифи мақолаҳо ва таълифоти зиёдест, ки ба масоили барқароршавӣ ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд. Муаллиф дар асарҳои худ рӯйдодҳо ва санадҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро дар даврони истиқлолият ба тариқи муфассал тасвир ва таҳқиқ намуда, ҷанбаҳои гуногуни дипломатияи тоҷикро дар марҳилаи кунунӣ баррасӣ менамояд.

Дар инъикоси равобити дуҷонибаи судманди Тоҷикистону Россия таҳқиқоти Ҳ. Зарифӣ: «Многовекторная дипломатия Таджикистана» ва «Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз» [8] низ нақши бориз доранд. Дар таҳқиқоти мазкур собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи Тоҷикистону Россия дар чорчӯбаи созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ баҳои сазовор додааст.

Доктори илмҳои таърих В.В.Дубовитский дар боби «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон (1991-2010)»-и ҷилди шашуми асари бунёдии «История таджикского народа» [6] ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар даврони истиқлолият диққати бештаре зоҳир намуда, муносибатҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи густурдаи ин кишварҳоро мавриди баррасӣ қарор

додааст. Гуфтан ҷоиз аст, ки таълифоти мазкур дар боби равобити Тоҷикистону Россия нахустин таҳқиқоти нисбатан комил маҳсуб меёбад.

Дар инъикоси равобити судманду домангустурдаи Тоҷикистону Россия махсусан асару мақолаҳои Р. Масов [13], С. В. Махонина [15], Б. В. Белов [4], Ҳ. Пирумшоев [26], М. Наимов ва А. Сатторов [22], С.Сафаров [33], Н.М. Мирзоев [17], З. Сайидзода [31], А.Сатторзода [32], П. А. Пирназарова [24] ва бисёр дигаронро ном бурдан мумкин аст. Муаллифони мазкур дар асарҳои хеш бо назардошти он, ки кишварҳои аъзои ИДМ дар гузаштаи начандон дур шомили як низоми воҳиди сиёсӣ ва иқтисодӣ буда, шаҳрвандони ин ҷумҳуриҳоро риштаҳои маҳками умумияти иҷтимоию фарҳангӣ мепайвандад, таъкид кардаанд, ки дар ин марҳилаи барои Тоҷикистон мураккаб, нигоҳ доштан ва тавсеа бахшидани муносибатҳо бо соир давлатҳои аъзои ИДМ, хосса бо Федератсияи Россия хеле муҳим буд.

Роҳбарони давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон шароитҳои таърихии ба вуқӯъпайвастаро хуб дарк карда, ҳанӯз 21 декабри соли 1991 ба аъзогии ИДМ, ки 8 декабри ҳамон сол дар зимни як нишасти сарони се давлати собиқ Шӯравӣ – Россия, Украина ва Белорусия дар бешазори Беловежск созмон ёфта буд, шомил гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия бошад, ҳанӯз аз 8 апрели соли 1992 муносибатҳои дӯстонаи дипломатӣ барқарор кард. Дар тӯли солҳои 1992-2017 миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия анқариб 250 шартномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ, ки ҳамкориҳоро дар соҳаи ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба танзим медароранд, ба имзо расиданд. Ба ақидаи В.В. Дубовитский, ҳуҷҷати муайянкунандаи муносибатҳои Тоҷикистону Россия «Шартнома оиди дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ», ки 25 майи соли 1993 ба имзо расида, минбаъд дар «Шартнома оид ба ҳамкории муштарак миёни Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 1999 такмил ёфта буд, маҳсуб меёбад [6].

Мавриди зикр аст, ки яке аз самтҳои муҳимми ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Россия ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷода сухан ронда бояд қайд кунем, ки зимни тақсимоти Қувваҳои Мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистон бенасиб монда буд. Ҷониби Тоҷикистонро лозим омад, ки ба таври фавқулода, танҳо бо ёрии бевоситаи Федератсияи Россия Артиши Миллии хешро созмон диҳад. Илова бар ин, ба ақидаи академик Р.Масов, ширкати ҳарбии Россия барои ташкил ва неруманд намудани қувваҳои мусаллаҳи миллӣ шароитҳои мусоид фароҳам овард [13].

Бояд тазаккур дод, ки афзалияти ширкати ҳарбии Россияро дар Тоҷикистон ҳанӯз соли 1998 академик Р.Масов дар мақолаи хеш «Россия и Таджикистан» [14] қайд карда буд. Ба ақидаи ӯ, ҳузури ҷузъу томҳои артиши Россия Тоҷикистонро аз ҳуҷуми эҳтимолии хориҷӣ наҷот дод [14,с.25].

Роҷеъ ба муҳиммияти нигоҳдошти муносибатҳои дуҷониба бо Россия таърихнигори барҷастаи тоҷик Ҳ. Пирумшоев барҳақ қайд кардааст, ки ҳарчанд Тоҷикистони соҳибистиқлол аз мадди назари созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, махсусан СММ дур намонда бошад ҳам, дар ин вазъияти барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин, ки хавфи аз байн рафтани давлат ва якпорчагии ҳудудӣ ба миён омада буд, нигоҳ доштани ҳамкориҳои зич бо Россия хеле муҳим ва тақдирсоз буд [26,с.252].

Ба масъалаҳои ҳамкории ҳарбии Тоҷикистон ва Россия дар солҳои аввали истиқлолият монографияи С.В.Махонина [15] низ бахшида шудааст. Муаллиф дар ин асари худ аз ҳамкориҳои ҳарбии Тоҷикистону Россия сухан ронда, нақши Россияро дар пешгирӣ кардани мунокишаҳои ҳарбӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати миллии тоҷикон инъикос кардааст.

Ба нақши ширкати ҳарбии Россия дар солҳои аввали истиқлолият баҳои баланд дода, З. Сайидзода аз ҷумла чунин қайд менамояд: «Ҳузури неруҳои ҳифзи сулҳи Россия ва сарҳадбонони россиягӣ дар марзи Тоҷикистону Афғонистон боло гирифтани хушунатро дар мамлакат ҷилавгирӣ намуд» [31,с.74]. Ӯ равобити дуҷонибаи сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиро бо давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ҳамкориҳои мустақим ва густурдаи Тоҷикистонро бо ҳар яке аз ин давлатҳо мушаххасан инъикос намудааст [31,с.72-110].

П.А. Пирназарова дар таълифоти «Таджикистан - Россия: Сотрудничества во имя будущего» [24] шароитҳои таърихӣ ва омилҳои асосиеро, ки Тоҷикистонро бо Федератсияи Россия мепайваст, ба инобат гирифта, аз ҷумла қайд менамояд, ки барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ бо Федератсияи Россия қадами қонунӣ на танҳо дар роҳи эмин доштани якпорчагии ҳудудӣ ва дигар хатарҳои беруние, ки Тоҷикистонро баъд

аз ба даст овардани истиқлолият пайгирӣ мекарданд, махсуб меёбад, балки барои таҳкими алоқаҳои бисёрасра ва таърихӣ дар байни халқҳои ду давлати бародар низ кумак мерасонад. Маҳз бо миёнаравӣ ва ёрии бевоситаи Федератсияи Россия ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид, сулҳ барқарор гардид ва фирориён ба ватан баргаштанд. Барои Тоҷикистони соҳибистиқлол Россия иттифоқчӣ ва шарики асосии стратегӣ ба ҳисоб меравад [24,с.5]. Дар ҷойи дигар муаллиф овардааст, ки дар ҳамҷоягӣ бо Россия амал карда, Тоҷикистон метавонад аз хатари берунӣ – терроризми байналхалқӣ, экстремизм, қочоқи маводи нашъаовар ва дахолати ҳарбии гурӯҳҳои экстремистӣ аз ҷониби Афғонистон эмин бошад [24,с.7], ки ҳақ ба ҷониби ӯст. Зеро баъд аз баромадани артиши Шӯравӣ аз ҳудуди Афғонистон дар соли 1989, қисмати зиёди Афғонистонро гурӯҳҳои экстремистӣ ва ифратгарои «Толибон» ба зери тасарруфи худ даровардaнд. Ноҳияҳои шимолии Афғонистонро ҷангиёни Аҳмадшоҳи Масъуд, Гулбиддин Ҳикматёр ва генерал Дустум дар ихтиёр доштанд. Муҷоҳидони афғон кайҳо орзуи таъсиси давлати «Тоҷикистони Бузург»- ро, ки бояд Афғонистон, Тоҷикистон ва ноҳияҳои тоҷикнишини Ӯзбекистону Чинро фаро мегирифт, доштанд. Бо ин мақсад дар ноҳияҳои сарҳадӣ шумораи зиёди ҷангиён ва дигар гуруҳҳои экстремистию ифротгаро гирд омада буданд. Ба ақидаи сарвазири онвақтаи Тоҷикистон А. Абдуллоҷонов, дар Афғонистон 10 лагер барои тайёр кардани ҷангиёни тоҷик мавҷуд буд [10]. Хавфи дахолати бевоситаи ҳарбии муҷоҳидони афғон ба миён омада буд. Танҳо мавҷудияти ҷузъу томҳои артиши Россия ҳаракати минбаъдаи муҷоҳидинро ба хоки Тоҷикистон нигоҳ медошт.

Ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистону Россия самти дигари равобити ин давлатҳо махсуб ёфта, аз ҷониби муҳаққиқони зиёд, аз ҷумла собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия С. Сафаров [33], профессорон А. Сатторзода [32], М.Н. Наимов [21], Ҷ.Л. Латифов [12], Ш. Менглиев [16], Н.М. Мирзоев [18] ва дигарон мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Дар монографияи собиқ сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия (с.2001-2006) С. Сафаров [33] самтҳои муҳимми ҳамкориҳои ду давлат инъикос ёфтаанд. Дар он, алалхусус маводҳое, ки роҷеъ ба омодасозии масоили муҳокимашавандаи корпусҳои дипломатӣ, оид ба чорабиниҳои тиҷоратӣ-иқтисодии дар солҳои 2001-2006 гузаронидаи сафоратхонаи Тоҷикистон дар шаҳрҳои Россия маълумот медиҳанд, хеле арзишманданд.

Таҳқиқоти калонмиқёс ва пурмуҳтавои профессор А. Сатторзода таҳти унвони «Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии)» дар охири соли 2014 ба табъ расидааст. Ин таҳқиқот фарогири маводи зиёд роҷеъ ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст, ки аз ҷониби муаллиф дар давоми солҳои 1999 – 2012, ҳангоми муовини вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сардори идораи сиёсати хориҷӣ ва алоқаҳои иқтисодии хориҷии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҷумҳурӣ ифои вазифа карданаш гирдоварӣ шудааст.

Монографияи профессор М.Н. Наимов [21] ба инъикоси ҳамкориҳои бисёрсамтаи Тоҷикистону Россия, аз ҷумла таҳлили ҷанбаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва ҳарбӣ-техникии ин ҳамкориҳо бахшида шудааст. Дар он муаллиф вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россияро дар соҳаи гидроэнергетика, муҳоҷират, технология махсус қайд менамояд.

Бояд зикр кард, ки асарҳои профессорон Ҷ.Л. Латифов [12], Ш. Менглиев [16], Н.М. Мирзоев [18], ки равандҳои ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва бозори ҷаҳонии меҳнат, масоили муҳоҷирати меҳнатӣ дар маркази диққати онҳо қарор дошт, ҷиҳати инъикоси ҳамкориҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистону Россия мавқеи хосса доранд.

Самти дигари ҳамкориҳои густурда миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар охири асри XX – ибтидои асри XXI, ки таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бештар ба худ ҷалб кардааст, ҳамкориҳои фарҳангӣ махсуб меёбад. Бояд зикр кард, ки дар ин ҷода низ асару мақолоти зиёде рӯйи кор омадаанд, ки паҳлуҳои гуногуни ин ҳамкориҳои фароху домангустурдаи фарҳангиро мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд. Масоили марбут ба ҳамкории фарҳангии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар таҳқиқоти М. Наимов ва А. Сатторов [22], Ҳ. Пирумшоев ва М. Маликов [27], Н. Мирзоев [17] ва П. Пирназарова [25] хеле возеҳ инъикос ёфтаанд. Дар ин росто, бахусус асару мақолоти доктори илмҳои таърих Н.М. Мирзоевро ёдрас шудан бамаврид аст. Ӯ дар мақолаи «Ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Россия дар даврони истиқлолият»[17] қайд мекунад, ки дар низоми ҳамкориҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Россия ҳамкориҳои гуманитарӣ мавқеи хосса доранд. Ба ақидаи мавсуф, асоси ҳуқуқии ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистону Россияро

Шартнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои муштарак дар соҳаи фарҳанг, илм ва техника, иттилоот, варзиш ва сайёҳӣ аз 19 сентябри соли 1995, ки баҳри нигоҳдошти фазои ягонаи илму маориф, фарҳанг ва гуманитарӣ миёни ин кишварҳо равона шудааст, ташкил медиҳад [17,с.48].

Бояд тазаккур дод, ки дар асоси ин шартнома муносибатҳои муштараки фарҳангии Тоҷикистону Россия боз ҳам ҷонноктар гардида, даҳаҳои фарҳанг ва адабиёт, ки рисолати муаррифии фарҳангу адабиёти ғании ин кишварҳоро бар дӯш доранд, солҳои 1997, 1999, 2004, 2005, 2008, 2014 ва 2016 баргузор гардиданд.

Ба ақидаи Н.М.Мирзоев, Россия дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаи санъати театрӣ ва синамо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои густурда дошта, шаҳрвандони ин кишварро ҷиҳати таҳсил кардан дар донишгоҳҳои олии фарҳанг ва санъати Россия сафарбар месозад [17,с.48].

Лозим ба зикр аст, ки ба масъалаи ҳамкориҳои густурдаи Тоҷикистону Россия дар соҳаи синамо ва санъати театрӣ муҳаққиқи ҷавон П.А. Пирназарова низ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар мақолаи «Тоҷикистон – Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг» [25] қайд менамояд, ки бо ҷурми ҷанги шаҳрвандӣ синамои тоҷикро дар охири асри XX буҳрони шадид фаро гирифта, чеҳраҳои мондагори синамои тоҷик, аз ҷумла В. Аҳадов, Б. Содиқов, Б. Худоназаров, М. Юсупова, П. Ахматов, Ҷ. Усмонов, С. Солиев, М. Қосимова, Ҷ. Мансуров, Ф. Абдуллоев, Р. Аҳадов ва бисёр дигарон маҷбур шуданд, ки Тоҷикистонро муваққатан тарк намоянд [25,с.66]. Дар ҳақиқат, «Тоҷикфилм», ки дар даврони шӯравӣ рисолати истеҳсоли филмҳоро бар дӯш дошт, амалан дигар филм истеҳсол намекард. Илова бар ин, базаи техникии «Тоҷикфилм» ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ набуд. Ҳолати баамаломада Президенти кишварро низ ба ташвиш оварда буд, ки ӯ дар зимни вохӯрӣ бо зиёиён - 20 марти соли 2001вазъи баамаломадаро таъкид намуда, аз Ҳукумати ҷумҳурӣ қотеона талаб кард, ки ҷиҳати барқарор намудани синамои тоҷик пайваста талош варзад.

Ба ақидаи П.А. Пирназарова, рушди минбаъдаи синамои тоҷик танҳо баъд аз таъсис ёфтани киностудияҳои ғайридавлатӣ, ки аз таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ бархӯрдор буданд ва ҳамкории онҳо бо ширкатҳои синамои Россия, аз ҷумла «Ввысь» имконпазир гардид [25,с.67]. Муаллиф марҳилаҳои рушди синамои тоҷикро дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои синамои Россия баён намуда, қайд менамояд, ки синамогарони тоҷик тӯли 20 сол дар фестивалҳои байналхалқӣ ва Россия ширкат дошта, соҳиби ҷоизаҳо гардиданд. Айни замон синамогарони тоҷик кӯшиш доранд, ки дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои синамои рус кинофилмҳое истеҳсол намоянд, ки на танҳо дар кишварҳои пасошӯравӣ, балки дар як қатор кишварҳои хориҷи дур низ мақбул гарданд.

Бояд зикр кард, ки яке аз самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистону Россия соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки аз назари муҳаққиқон дур намондааст. Ба ин масъала муҳаққиқон В.В. Дубовитский [6] ва Н.М. Мирзоев [17] таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамкориҳои у гуногунпаҳлуи Тоҷикистону Россияро дар соҳаи маориф таҳқиқ ва баррасӣ намудаанд. Ба ақидаи онҳо, дар заминаи ин ҳамкориҳо ҳанӯз дар соли 1996 дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи Россия-Тоҷикистон (Славянӣ) ба фаъолият оғоз кард, ки алъон чор ҳазор донишҷӯро аз рӯйи 13 ихтисос ба таҳсил фаро гирифтааст [17,с.48]. Омили дигари таҳкими ҳамкориҳои густурдаи муштарак дар соҳаи маориф, дар Тоҷикистон ба фаъолият оғоз кардани филиалҳои Донишгоҳҳои пешбари Россия – Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, Донишгоҳи технологии «МИСИС», Донишкадаи энергетикии Москва ба ҳисоб меравад.

Мавриди зикр аст, ки масоили умдаи равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар даврони истиқлолият, инчунин дар рисолаҳои номзадии олимони тоҷик ва рус инъикос гардидаанд. Дар ин росто рисолаҳои У.А. Бобоҷонова [3], С.А. Қурбонов [11], И.Х. Афандихонов [2], А.В. Архангелский [1], Р.Х. Мирзоев [19], Г.В. Коваленко [9], В.В. Егозарян [7], П.А. Пирназарова [23], Ф. Розиқов [29] ва Ҷ. Ҷураев [5]-ро ном бурдан ҷоиз аст. Муҳаққиқони мазкур дар рисолаҳои хеш самтҳои гуногуни равобити густурдаи Тоҷикистону Россияро мавриди таҳлил қарор додаанд. Масалан, масоили ҳуқуқие, ки ба санадҳои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳамкории ҳарбии Тоҷикистону Россия дахл доранд, аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ И. Афандихонов ва номзади илмҳои сиёсӣ В. Егозарян, асосҳои байналхалқии ҳуқуқии амнияти дастаҷамъонаи давлатҳои ИДМ - дар таҳқиқоти А. Архангелский таҳлил гардидаанд. Равандҳои таносухӣ дар рушди робитаҳои иқтисодии Тоҷикистону Россия дар марҳилаи ислоҳотҳои куллии бозорӣ дар рисолаи С.Қурбонова мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Масоили вижагиҳои муҳоҷират ва пойгоҳи қонунгузории фаъолияти муҳоҷирони тоҷик дар Россия дар таҳқиқоти Р. Мирзоев

инъикос гардидаанд. Ҳамкориҳои энергетикии Тоҷикистону Россия объекти таҳқиқоти Г. Коваленкоро ташкил додаанд. Рисолаи П.А. Пирназарова ба масоили ҳамкориҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг бахшида шудааст. Дар таҳқиқоти Ф. Розиқов робитаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар даврони истиқлолият таҷассум ёфтаанд. Рисолаи номзадии Ҷ. Ҷураев ба масоили ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бахшида шуда, дар он муҳаққиқ сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар марҳилаи барқароршавӣ, рушд ва тавсеаи соҳаи муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ ба таври маҷмӯӣ таҳқиқ кардааст.

Ҳамин тавр, аз таҳлили таърихнигории адабиёти мавҷуда чунин хулоса бардоштан мумкин аст, ки ҳамкориҳои муштараки сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Россия, ки ибтидои онҳо ба умқи асрҳо – давраи мавҷудияти давлати Сомониён ва Руси Киевӣ рафта мерасад, имрӯз низ дар ҳоли рушд ва тавсеа қарор дорад ва ин робитаҳоро марҳилаҳои наву созанда дар пеш аст.

**АДАБИЁТ**


1. Архангельский А.В. Международно-правовые основы обеспечения коллективной безопасности государств-участников СНГ: авт. дисс. ... канд. юрид. наук / А.В. Архангельский. - М. 2003.
2. Афандихонов И. Х. Правовые основы военного сотрудничества между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией: авт... дисс. ... на соиск. учен. степ. канд. юрид. наук / И. Х. Афандихонов. - М., 2006.
3. Бабаджанова У.А. Российско-таджикские отношения в 90-е годы XX века: автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / У.А. Бабаджанова. - М., 2006.
4. Белов Б. В. Россия и межтаджикское урегулирование // Россия в исторических судьбах таджикского народа / Б. В. Белов.– Душанбе: Шарќи озод, 1998.-156 с.
5. Джураев Дж.Г. Торгово-экономические отношения Республики Таджикистан с Российской Федерацией в годы независимости (1991 – 2013 гг.): автореф. дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Дж.Г. Джураев. - Душанбе, 2013.
6. Дубовицкий В. В. Внешняя политика Республики Таджикистан (1991-2010 гг.) // История таджикского народа. В 6 томах / В. В. Дубовицкий. - Душанбе: Дониш, 1998-2011. -Т.6.- С.615-669.
7. Егозарьян В.В. Военно-политическое сотрудничество России со странами СНГ как фактор интеграции: дис… канд. полит, наук / В.В. Егозарьян. - М., 2001.
8. Зарифи Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана. - Душанбе, 2010. Дипломатияи Точикистон: дирӯз ва имрӯз (Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня). - Душанбе, 2009.
9. Коваленко Г.В. Энергетический фактор в современном развитии российско-таджикских отношений: авт… дис. ... на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Г.В. Коваленко. - М., 2012.
10. Кузьмин А. Проблемы «Ближнего зарубежья». Уроки Таджикистана / А. Кузьмин [Электроный ресурс].
11. Курбонов С.А. Экономическое развитие Таджикистана и его внешнеэкономические связи с Российской Федерацией в период рыночных преобразований: авт.. дисс. ...на соиск. учен. степ. канд. эк. наук / С.А. Курбонов. – М., 2011.
12. Латифов Дж.Л. Проблемы беженцев и вынуждённых переселенцев / Дж.Л. Латифов.– М., 1994. – 213 с.
13. Масов Р. Актуальные проблемы историографии и истории таджикского народа / Р.Масов. – Душанбе, 2005. – 288 с.
14. Масов Р. М. Россия и Таджикистан / Р. М.Масов // Россия в исторических судьбах таджикского народа. – Душанбе: Шарки озод, 1998. – 156с.
15. Махонина С. В. Военно-политическое сотрудничество между Россией и Таджикистаном в 1993-1999 годы / С. В. Махонина. – Душанбе, 1999.- 168с.
16. Менглиев Ш. Место Республики Таджикистан, в Содружестве Независимых Государств / Ш. Менглиев // Материалы 2-ой международной научно-практической конференции «Место Таджикистана в новом международном миропорядке». - Душанбе: ПРООН, НАНТ, 1997. - 341с.
17. Мирзоев Н.М. Российско-Таджикское гуманитарное сотрудничество в годы независимости / Н.М. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2017.- С. 46-51.
18. Мирзоев Н.М. Экономическое и культурное сотрудничество Таджикистана с зарубежными странами / Н.М. –Мирзоев. -Душанбе, 1993. Таджикистан - Шанхайская Организация Сотрудничества: Векторы сотрудничества. - Душанбе, 2014. -192 с.
19. Мирзоев Р.Х. Специфика и закономерности таджикско-российских миграционных процессов: дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. полит, наук / Р.Х. Мирзоев. - Душанбе, 2006.
20. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество / Т.Н. Назаров. -Минск, 2002; Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность. -Душанбе, 2003.; Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. -Душанбе, 2004; Рыночная экономика и международное сотрудничество. -Душанбе, 2007; Экономическая реформа, сотрудничество и безопасность (проблемы и суждения). - Душанбе 2013; Назаров Т. Современная дипломатия Таджикистана / Т.Назаров, А. Сатторзода. - Душанбе, 2006 ва ғ.
21. Наимов М.Н. История дружбы и сотрудничества / М.Н. Наимов. – Душанбе, 2014. – 280 с.
22. Наимов М., Сатторов А. Россия и Таджикистан / М.Наимов, А. Сатторов. – Душанбе, 2004.
23. Пирназарова П.А. Взаимоотношение Республики Таджикистан и Российской Федерации в сфере образования, науки и культуры (1991-2011 гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / П.А. Пирназарова - Душанбе, 2013.
24. Пирназарова П.А. Таджикистан – Россия: Сотрудничества во имя будущего / П.А. Пирназарова. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 200 с.

25. Пирназарова П.А. Тоҷикистон – Россия: уфуқҳои ҳамкории таърихӣ дар соҳаи фарҳанг / П.А. Пирназарова // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: Сино, 2017. – С. 66-71.
26. Пирумшоев Х. Таджикистан – Россия: Исторический опыт сотрудничества в 90-е годы и его перспективы / Х. Пирумшоев // Концептуальные вопросы истории и историографии таджикского народа. (Сборник статей). Часть 1.– Душанбе: Ирфон, 2014. – 528с.
27. Пирумшоев Х. Россия-Таджикистан: история взаимоотношений / Х.Пирумшоев, М.Маликов. – Душанбе, 2009.
28. Рахмон Э. Таджики в зеркале истории. Книга первая. От Арийцев до Саманидов.-Лондон, 1999; Точикистон: дар рохи чомеаи мутамаддин (Таджикистан: на пути цивилизационного общества). -Душанбе, 1996; Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4 томах.- Душанбе: Шарки озод, 2001; Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. -Душанбе: Шарки озод, 2002-2009; Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ (Независимость Таджикистана и национальное возрождение). В 7 томах.-Душанбе: Шарки озод, 2002-2008; Ответы на вопросы великобританского издания «Мировой государственный деятель» 1996г., январь // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374с; Интервью корреспонденту газеты «Россия» Ю. Кушко // Тысяча лет в одну жизнь (сборник выступлений, речей, интервью и статей). – Душанбе, 2003. – 374с.
29. Розиков Ф. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана и России в период независимости культуры (1991-2011гг.): дисс. ...на соиск. уч. степ. канд. ист. наук / Ф. Розиков. - Душанбе, 2013.
30. Саидов З. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация национальных интересов на международной арене / З.Саидов, А.Сабуров. – Душанбе: Деваштич, 2005.- 432 с.
31. Сайидзода З. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ. – Душанбе: «Контраст», 2016. – 216 с.
32. Сатторзода А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана (Многовекторность в действии). -Душанбе, 2014. -520 с.
33. Сафаров С. Г. Рука об руку с Россией / С. Г. Сафаров. – М., 2006. – 256 с.

## МАСОИЛИ ОМӮЗИШИ ҲАМКОРИҲОИ НИЗОМӢ-СИЁСӢ, ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ ДАР ТАЪРИХНИГОРИИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

Дар мақола ҳамкориҳои фароху домангустурдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар инъикоси таърихнигорони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар он муаллифон махсусан ба инъикоси самтҳои асосии ҳамкориҳои муштараки сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Россия, ки ибтидои онҳо ба умқи асрҳо – давраи мавҷудияти давлати Сомониён ва Руси Киевӣ рафта мерасад ва фаъолияти муваффақи байналхалқии асосгузори сиёсати хориҷии давлати тозабунёди тоҷикон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин самт диққати махсус додаанд. Илова бар ин, дар мақола ба масъалаи ҳамкории мутақобилан судманди фарҳангии Тоҷикистону Россия, ки мавриди таҳлилу баррасии таърихнигорони ватанӣ қарор гирифтааст, аҳамияти хосса дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, ширкати ҳарбӣ, ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳамкории дутарафаи судманд, созмонҳои байналхалқӣ, истиқлолият, муносибатҳои дипломатӣ.

## ВОПРОСЫ ИЗУЧЕНИЯ ВОЕННО-ПОЛИТИЧЕСКОГО, ЭКОНОМИЧЕСКОГО И КУЛЬТУРНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ В ОТЕЧЕСТВЕННОЙ И ЗАРУБЕЖНОЙ ИСТОРИОГРАФИИ

В статье анализируется освещение основных направлений сотрудничества Республики Таджикистан и Российской Федерации в конце XX – начале XXI вв. в отечественной и зарубежной историографии. Особое внимание уделено освещению основных векторов - политического, экономического и культурного сотрудничества и роли Основоположника мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в становлении и развитии взаимоотношений этих стран. Важное значение имеет гуманитарное сотрудничество Таджикистана с Российской Федерацией.

**Ключевые слова:** внешняя политика, международные отношения, военное присутствие, военно-политическое сотрудничество, взаимовыгодное сотрудничество, международные организации, суверенитет, дипломатические отношения.

## ISSUES OF STUDYING THE MILITARY-POLITICAL, ECONOMIC AND CULTURAL COOPERATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION IN THE DOMESTIC AND FOREIGN HISTORIOGRAPHY

The article analyzes the coverage of the main areas of cooperation between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation in the late twentieth - early twenty-first centuries. in domestic and foreign historiography. Particular attention is paid to highlighting the main vectors - political, economic and cultural cooperation and the role of the Founder of Peace and National Accord - Leader of the Nation, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in the formation and development of relations between these countries .. The humanitarian cooperation of Tajikistan with the Russian Federation is important.

**Key words:** foreign policy, international relations, military presence, military-political cooperation, mutually beneficial cooperation, international organizations, sovereignty, diplomatic relations.

**Сведения об авторах:** ***Мирзоев Дж.А.*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры зарубежного регионоведения. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: mirzoev-dzhurabek@mail.ru

***Розиков Фарход*** - Таджикский национальный университет, заведующий кафедрой «Зарубежное регионоведение» факультета «Международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.E-mail: **Fr_tj@mail.ru.** Телефон: **918-68-56-36**

**Information about the authors:** ***Mirzoyev J. A.*** - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of Foreign Regional Studies. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **2217210**. E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**
***Rozikov Farhod*** - Tajik National University, Head of the Department "Foreign Regional Studies" of the faculty of "International Relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.E-mail: **Fr_tj@mail.ru** Phone: **918-68-56-36**

**УДК 930.85**

# ВАЗЪИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

***Абдуллоев М.Х.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX бо сабабҳои гуногун мамлакатро аз ҳолати карахтӣ ва рукуд на танҳо бароварда нотавонист, балки ҷомеаро ба бӯҳрони сахт гирифтор намуд. Махсусан, ислоҳотҳои сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ боиси тезутундшавии муносибатҳои миллӣ дар ҷомеа гардид. Охири солҳои 80-ум аллакай дар ҳудуди Иттиҳоди Шӯравӣ чандин нуқтаҳои муташанниҷи сиёсӣ пайдо шуданд.

Аз ҳолати баамаломада ва нооромии вазъи сиёсӣ қувваҳои миллатгаро ва марказгурези ҷумҳуриҳои иттифоқӣ моҳирона истифода намуданд. Кӯшишҳои роҳбарияти мамлакат, ҷамъомаду ҳамоишҳо, раъйпурсӣ ва анҷуману шӯроҳо дигар натавонистанд вазъи ногувори мамлакатро ба эътидол биёранд. Билохира, тибқи созишномаи Беловежи Белоруссия 8-уми декабри соли 1991 Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрд ва ба ҷойи он Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ташкил ёфт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз зуҳуроти номатлуби сиёсию иқтисодии ин давра дар канор монда натавонист. Дар ин ҷо низ гурӯҳҳо, махфилҳо ва ҳаракатҳои гуногуни сиёсию фарҳангӣ ташкил ёфтанд, ки аксаран дар талоши амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки сиёсии худ буданд ва наметавонистанд вазъи сиёсии ҷумҳуриро таъмин намоянд.

Баробари ба миён омадани нишонаҳои бӯҳрони ҷиддии сиёсии мамлакат, як қатор ҷумҳуриҳои иттифоқӣ талоши берун шудан аз ҳайати ИҶШС –ро намуда , эъломияҳои истиқлолият қабул намуданд ва худро ҷумҳурии мустақил эълон карданд. Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намуд ва рӯзи 9-уми сентябри соли 1991-ро санаи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон намуд.

Ҳамин тавр, 9-ми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати нав-Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо гардид. Аммо ба даст овардани истиқлолият бо даргириҳои сиёсӣ, кашмакашҳои дохилӣ мушкилиҳои нав ба нави иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ рост омад. Дар чунин давраи тақдирсоз ва ҳассос қувваҳои гуногуни сиёсӣ роҳҳои нодурусти ҳалли масъаларо, бештар роҳи ғайриконисититутсиониро пеш гирифтанд ва ҳатто истиқлолияти нав бадастовардаи ҷумҳуриро зери хавфу хатар гузоштанд, ҷумҳурӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.

Танҳо пас аз иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 16- ноябри то 2-юми декабри соли 1992 дар Қасри Арбоби Хуҷанд даъват гардида буд, Ҳукумати конисититутсионӣ дар ҷумҳурӣ аз нав барқарор гардид. Вале бо ин ҷанги шаҳрвандӣ хотима наёфт. Бо кӯшишу талошҳои ҳарду тараф, махсусан Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва дигар ҷонибдорони сулҳу ваҳдат ва бо миёнаравии сарони давлатҳои дӯсти дуру наздик 27-уми июни соли 1997 «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид.

Маҳз пас аз имзои ҳамин шартнома Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон амалан ба эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ оғоз намуд.

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, даргириҳои сиёсӣ, ҷанги шаҳрвандӣ боиси гусаста гардидани равобити иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ бо собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, хароб гардидани иқтисодиёти ҷумҳурӣ, кӯч бастани мутахассисони ботаҷриба аз кишвар гардид.

Албатта, вазъи нобасомони сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ ба мактабу маориф низ таъсири амиқи худро расонд. Махсусан, пойгоҳи моддию таълими мактабҳои таълими

умумию мактабҳои олӣ ва муасисаҳои томактабии ҷумҳури сахт хароб гардид. Душвориҳои баамаломада боиси аз ҷумҳурӣ баромада рафтани кадрҳои беҳтарини илмӣ-омӯзгорӣ ва мутахассисони касбӣ, аз тарафи дигар, болоравии нарху наво ва дар маҷмӯъ кам будани ҳадди моҳонаи маош ва паст шудани мақому манзалати муаллим дар ҷомеа низ сабаби аз кор рафтани мутахассисони касбӣ гардида буд.

Тайи солҳои 1992-1993 зиёда аз 20 ҳазор нафар омӯзгорони мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ аз душвориҳои иқтисодии баамаломада ҳаросида касби худро тарк намуданд. Дар як қатор ноҳияҳо мактабҳо пурра амал намекарданд. Бо мақсади пеши роҳи ин вазъияти ногуворро гирифтан 28-уми августи соли 1995 машварати ҷумҳуриявии коркунони соҳаи маориф баргузор гардид. Дар он Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар нутқи пурмуҳтавои худ тамоми паҳлуҳои соҳаи маорифро ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои кормандони соҳаи маорифро дар шароити нави бозсозии кишвар муайян карда, қайд намуданд: «… то замоне ки офаранда, парваришдиҳанда, муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии шоистаро муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд баланд» набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст» [2, с.43].

Барои амалӣ гардидани ин гуфтаҳои Сарвари давлат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зиёде андешид. Аз ҷумла, маоши коркунони соҳаи маориф ва стпендияи донишҷӯёнро ёздаҳ маротиба зиёд намуд. Инчунин, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мушовараҳои худ масъалаҳои вазъи таълиму тарбия ва сифати тайёр намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии маълумоти ҳамагонӣ, миёна ва олии касбӣ дар асоси Стандартҳои давлатии маълумот, фаро гирифтани хонандагон ба мактаб, фаъолияти мактаб-интернатҳо, таъмини мактабҳо бо маводҳои таълимӣ ва бисёр дигар масъалаҳои мубрамро ба муҳокима гузошта, қарорҳои дахлдор қабул намуда буд, ки дар пешрафт ва ислоҳоти соҳаи маориф дар он солҳо мусоидат намуд.

Тавре ки дар Консепсияи мактаби миллӣ қайд шудааст, эҳёи мактаби миллӣ барқарор ва пойдор намудани педагогикаи ниёгонро дар назар дорад, ки хушбахтона, дар анъанаҳо урфу одат расму русум, маросимҳо ва адабиёти тароватбахши шифоҳию таҳририи мо боқи мондааст. Дурдонаҳои бебаҳои ниёгони мо на танҳо баҳри тарбияи ахлоқи ҳамидаю рафтори шоистаи наслҳо нақши муҳим доранд, балки онҳоро ҳамчун сарчашмаи ғанӣ гардонидани мазмуни маълумот истифода бурдан мумкин аст. Ба ин маънӣ, ҳақиқати таърихро барқарор намуда, дар ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ баробари шоирону нависандагони форсу тоҷик, инчунин намояндагони машҳури дигар илмҳои Машриқзамин омӯхта мешавад

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат , Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар мулоқот бо кормандони соҳаи маориф 22 декабри соли 2005 таъкид намуда буд: «Тоҷикистон дар миёни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷумҳурии аз ҳама ҷиҳат қафомонда буд. Баъди барҳам хӯрдани он дар кишвари мо дар натиҷаи бархӯрдҳои сиёсӣ ва муқовимати мусаллаҳона тамоми рукнҳои ҳокимияти давлатӣ фалаҷ гардиданд ва ҳамаи соҳаҳо, махсусан маориф дучори буҳрони шадид шуд» [1, с.4].

Пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва оғоз шудани ҷангӣ таҳмилии шаҳрвандӣ ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, махсусан соҳаи маориф он хисороти ҷиддӣ расонд. Чи тавре ки Президенти кишвар қайд мекунад, «зарари молиявии ҷанги шаҳрвандӣ ба 7 миллиард доллари амрикоӣ баробар шуд» [1, с.4]. Тибқи маълумоти Вазорати маорифи ҷумҳурӣ танҳо дар нуҳ моҳи соли 1993 ба муассисаҳои соҳаи таълимии тобеи он зиёда аз 3 миллиард сум (бо нархи соли 1993) зарар расонида шудааст [3, с.8].

Ҳанӯз солҳои таҳсили 1994-1995 нақшаи таълими мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ қабул гардид. Мувофиқи он аввалин бор таълим дар мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ аз рӯйи равияҳо (умумӣ, ҷамъиятӣ – гуманитарӣ, табиӣ-риёзӣ) сурат гирифт. Ба нақшаи таълимӣ омӯхтани фанҳои алифбои ниёгон, таърихи дин, одобнома, одоби оиладорӣ, Инсон ва ҳуқуқ, Иқтисоди бозоргонӣ ва суханварӣ дохил гардиданд.

Мувофиқи нақшаи чорабиниҳои Вазорати маориф аз 3.01.1995 то соли 1996 талабот ва мақсаду вазифаҳои Консепсияи мактаби миллӣ асосан амалӣ гашт. Мактабҳои маълумоти ҳамагонӣ қисман бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин гардиданд: мазмун ва мундариҷаи маълумот тағйир дода шуд; аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, таърихи халқи тоҷик, Географияи Тоҷикистон ва биология китобҳои нави замонавӣ таҳия ва ва чоп карда шуданд; омӯзгорон ва хонандагон бо маводи илмӣ, таълимию методӣ, мактабҳо бо таҷҳизоти моддию техникӣ таъмин шуданд; масъалаи маблағгузории системаи маориф

то ҳадди имкон ҳалли худро ёфт ва талаботҳои демократии идораи маориф амалӣ гардиданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, махсусан ба эътидол овардани вазъи муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ, тадбирҳои зиёд андешид.

Вазорати маорифи ҷумҳури ислоҳоти соҳаро аз таҷдиди назар намудани асноди меъёрию ҳуқуқии соҳа оғоз намуд. Дар ин самт якчанд қонуну қарорҳо, ба мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (соли 1993), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ба зинаи якуми мактабҳои олӣ дохил намудани мактабҳои миёнаи махсус» (№480 аз 17.09.1993) Дар бораи такмили сохтори таҳсилоти олӣ (№519 аз 14.08.1995) ва беш аз 10 низомномаву стандарти давлатии таҳсилот оид ба самтҳои гуногуни фаъолияти мактаби олиро қабул намуд [4, с.15].

Дар солҳои аввали истиқлолият қисми зиёди донишкадаҳои омӯзгорӣ ба донишгоҳҳои давлатӣ табдил дода шуданд. Донишкадаҳои омӯзгории Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва Хоруғ донишгоҳи давлатӣ эълон шуданд. Албатта, танҳо бо тағйир додани ном пойгоҳи моддию таълимӣ ва низоми таълиму тарбияро дар ин муассисаҳо беҳтар намудан мумкин набуд. Бар замми он донишгоҳҳои нав дар равандӣ қабули донишҷӯён ба хатоҳои ҷиддӣ ва бенизомиҳои зиёд роҳ доданд. Ҳатто донишгоҳҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ва Хуҷанд навобаста аз мавҷуд будан ё набудани шароити зарурии таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳои тиббӣ донишҷӯёнро қабул намуданд. Бо дахолати Ҳукумати ҷумҳурӣ донишҷӯёни ихтисосҳои тиббии донишгоҳҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ба Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон интиқол гардиданд ва факултети тиббии Донишгоҳи Хуҷанд ба филиали Донишгоҳи тиббӣ табдил дода шуд.

Падидаи наве, ки дар ибтидои гузариш ба истиқлоли комил ба назар мерасид, ташкил шудани мактабҳои олии нав дар ҷумҳурӣ буд. Бояд қайд намуд, ки бештари мактабҳои нав асосан тибқи шартнома ва ё ба шакли омехта (давлатию тиҷоратӣ) ба фаъолият оғоз намуданд. Аз ҷумла Донишгоҳи ҳарбии Тоҷикистон (соли 1992), Мактаби олии Вазорати корҳои дохилӣ (1991, феълан Академияи корҳои дохилӣ), Донишгоҳи технологӣ (1990, аввал ба сифати донишкада), Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат (соли 1990), Донишкадаи иқтисодӣ (соли 1996), аввал ба номи Донишкадаи андоз ва ҳуқуқ, Донишкадаи славянии Тоҷикистону Россия (1996) Донишкадаи ҳуқуқ, тиҷорат ва сиёсат (1993 дар Хуҷанд) ташкил гардиданд [4, с.12].

Дар равиши ин дигаргунсозиҳо солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ном ва сохтори Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб низ тағйирот ворид гардиданд.

Дар давраи бисёр ҳассосу душвори ҳаёти ҷамъиятии кишвар Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми июни 1992 тахти № 235 қарор «Дар бораи ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб табдил додани Институти давлатии педагогии Кӯлоб»-ро ба тасвиб расонид. Дар ин рӯзҳои сангину ҳалокатбор донишгоҳи ба истилоҳ «навташкил» таълиму тадрисро ягон рӯз ҳам қатъ накарда, раванди таълиму тарбияро пеш мебурд. Дере нагузашта, новобаста аз муноқишаҳо, соли 1994 дар донишгоҳ рӯзномаи «Анвори Дониш» таъсис ёфт дар он, ки дар баробари инъикоси кору фаъолияти раёсати донишгоҳ ва дигар сохторҳои он мақолаҳои илмӣ, илмӣ-оммавии омӯзгорону донишҷӯён ва чакидаҳои ҳамаи шоирону навқаламон пайваста нашр мегардиданд.

Барои коллективи бисёрҳазорнафараи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ муҷиби ифтихору сарфарозии бузург аст, ки 12 октябри соли 1994 нахустин вохӯрии Сардори давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи маъракаи раъйдиҳии умумихалқӣ оид ба Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар толори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ барпо шуд. Ин падидаи рӯҳбахшу хотирмон ҳеҷ гоҳ аз ёд зудуда нахоҳад гардид, зеро суханони хирадмандона ва дурандешонаи арзандатарин номзад ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масоили роҳҳои асосии таъмини сулҳу амонӣ, аз буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ наҷот додани мамлакат ва ба даст овардани истиқлоли комил ҳануз ҳам садо медиҳанд [6, с.3].

Соҳибистиқлол гардидани ҷумҳурӣ дар назди муассисаҳои таълими вазифаи муҳимми дигар, тарбияи насли наврасро дар заминаи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои гуманистию инсондустӣ, ҳисси меҳанпарастӣ ва ифтихори миллӣ пеш гузошт. То ба эътидол омадани авзои сиёсии ҷумҳурӣ, имзо шудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ, раванди корҳои тарбиявӣ равиши пешинаи худро аз даст дода буд. Вале аз нимаи солҳои 90-ум сар карда, раванди корҳои тарбиявӣ низ тадриҷан ба низом доро омад.

Дар гузаронидани корҳои тарбиявӣ таъмини ташкилотҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии Кулоб бештар саҳгузор буданд. Бо мақсади танзими корҳои тарбиявӣ бо қарори Вазорати маорифи ҷумҳурӣ аз 19 сентябри соли 2000-ум дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чун дар тамоми донишгоҳои ҷумҳурӣ зерсохтори мустақими шуъбаи тарбия ташкил дода шуд.

Тарбия намудани насли ҷавон дар рӯҳияи ватандустӣ, хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ яке аз вазифаҳои муҳимми муассисаҳои таълимӣ мебошад, зеро тақдири фардои ҷомеаи мо дар дасти ҷавонони имрӯза аст. Аз ин рӯ, донишгоҳ на танҳо мутахассисони хуб, балки шахсиятҳои дорои ахлоқи ҳамида ва фарҳанги шоистаро низ ба воя мерасонад. Фаъолияти тарбиявии донишгоҳ баробар бо фаъолияти таълимӣ самти муҳим ба ҳисоб меравад.

Донишгоҳ на танҳо ҳамчун маркази асосии тарбияи мутахассисони соҳаи маориф маъруф гардид, балки як зумра дастпарварони он ҳамчун арбобони намоёни давлату сиёсат, олимону донишмандони маъруф, ҳунармандону адибон ва журналистони варзида симои ҳақиқии донишгоҳро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он дар беҳтарин вазъ муаррифӣ менамоянд.

Ҳарчанд дар он солҳои мушкил раванди таҳсил қатъ нагардида бошад ҳам, нооромии вазъи ҷомеа имконият намедод, ки омӯзгорону донишҷӯёни донишкада пайваста ба таълим машғул бошанд. Теъдоди омӯзгорони варзидаи донишгоҳ бо сабабҳои гуногун, махсусан бо сабаби нооромиҳои сиёсӣ, душвориҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ё муҳоҷират аз донишгоҳ рафтанд. Албатта, ҷойи онҳоро омӯзгорони ҷавон ва ё таҷрибаю маҳорати зарурии касбӣ надошта ишғол намуданд. Теъдоди донишҷӯён низ кам гардид, қисме аз онҳо тарки таҳсил намуданд. Табиист, ки чунин ҳодисаҳо ба сифати таълиму тарбия ва сатҳи касбии хатмкунандагони донишгоҳ таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Пойгоҳи моддию таълимии донишгоҳ дар ин солҳо зарар дид. Омӯзгорон ва дигар кормандон баъзан чандин моҳ маош намегирифтанд.

Вобаста ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва тадриҷан рӯ овардани он ба соҳаи маориф, қабул шудани қонуну қарорҳо ва дигар дастурҳои батанзимоварданы фаъолияти соҳа, дар ҷумҳурӣ раванди таълиму тарбия оҳиста-оҳиста ба эътидол меомад.

Яке аз навигариҳои раванди таҳсил дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ, ки ибтидои солҳои 90-ум ба вуқӯъ омад, ин ба роҳ мондани таҳсилоти шартномавӣ буд. Тибқи маълумоти Вазорати маорифи ҷумҳурӣ аз 1-уми октябри соли 1993 дар тамоми мактабҳои олӣ 2568 нафар донишҷӯён аз рӯйи шартнома таҳсил менамуданд, ки дар ин раванд Донишгоҳи давлатии Кӯлоб истисно буда наметавонист [3, с.9].

Дигаргунсозиҳо ва тағйиротҳои микдорию сифатӣ на танҳо дар теъдоди донишҷӯёну омӯзгорон ба амал меомаданд, инчунин раванди таълим, нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ низ аз нав таҷдиди назар мешуданд. Бо мақсади ба низом даровардани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбие, ки омӯзгорон тайёр менамуданд, Вазорати маорифи ҷумҳурӣ нақшаҳои таълимии намунавиро таҳия ва тасдиқ карда, аз соли 1997 сар карда дар тамоми мактабҳои олии омӯзгории ҷумҳурӣ низоми бисёрзинагии таълимро ҷорӣ намуд.

Тибқи ин дигаргунӣ дар мактабҳои олӣ мутахассиси хурд, бакалвр ва магистр тайёр карда мешуданд.

Икдоми дигаре, ки бо ибтикори Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз соли 1997 ибтидо гирифт, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ қабул намудани духтарони деҳоти дурдаст тибқи квотаи Президентӣ буд. Ин намуди таҳсили ғайриконкурсии мақсаднок имрӯз низ идома дорад ва ғайр аз духтарон писарон низ барои таҳсил фиристода мешаванд. Бояд қайд кард, ки дар ин солҳо мақомоти дахлдори ҳокимияти маҳаллӣ нақшаи қабули духтаронро тибқи квота бо сабабҳои муташанниҷ будани вазъи сиёсии кишвар на ҳама вақт пурраю босифат иҷро карда метавонист.

Мавриди зикр аст, ки аз замони ҷорӣ гардидани қабул ба донишгоҳҳои кишвар тибқи квотаи Президентӣ (1997) аз шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои Кӯлоб даҳҳо ҷавондухтарону ҷавонписарони деҳоти дурдасти кӯҳистон ба Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, онро бомуваффақият хатм карданд. Ҳоло дар донишгоҳ шумораи онҳо аз 500 нафар гузаштааст, қисми зиёди онҳо ҷавондухтарон мебошанд.

Дигаргунсозиҳои дар давраи аввали истиқлолият баамаломада, вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ба раванди пешбурди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ низ бетаъсир намонд. Вале ба ҳамаи мушкиливу нобасомониҳо нигоҳ накарда, омӯзгорони Донишгоҳи Кӯлоб ҳадди имкон ба корҳои илмиву методӣ машғул буданд.

Дар ин давра олимони Донишгоҳи Кӯлоб 35 дастури методӣ, 21 васоити таълими, 11 китоби дарсӣ, 12 коркарди методӣ, 13 монография таълиф ва дастраси донишҷӯён намуданд. Вале дар солҳои 1991- 2000 –ум суръат ва сифати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва илмӣ-методӣ паст гардид. Сабаби асосии он, аз як тараф, набудани пойгоҳи мустаҳкам, асбобу анҷомҳои зарурӣ, дастгоҳҳо ва лабораторияҳо барои корҳои тадқиқотӣ бошад, аз тарафи дигар, тез-тез ивазшавии ҳайати омӯзгорон буд. Инчунин канда шудани алоқа аз марказҳои калони илмӣ, аз байн рафтани як қатор мавзӯъҳои тадқиқотӣ, ки дархӯри талаботи ҷомеа набуданд ва ё муҳиммияти худро гум карда буданд, ба рафти корҳои илмӣ- тадқиқотӣ таъсири ҷиддӣ мерасонд. Дар давоми солҳои 1990-1999 ягон нафар аз омӯзгорони макотиби олии ҷумҳурӣ соҳиби унвони профессор ва ё дотсенти кафедра нашудаанд [6, с.136].

Давраи рӯ ба эътидоловарии корҳои илмӣ ва методӣ солҳои 1995-1999 маҳсуб меёбад. Дар ин солҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ тавонист ба давлатҳои хориҷӣ махсусан кишварҳои аъзои ИДМ як зумра шартномаву созишномаҳоро ба имзо расонад ва ба ҳамкорию равобити илмии муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ бо марказҳои калони хориҷӣ ибтидо гузорад. Аз ҷумла, аз соли 1999 сар карда то кунун ҳуҷҷатҳои устодони мактабҳои олии ҷумҳурӣ аз мушовараи Вазорати маориф гузаронида шуда, барои дарёфти унвонҳои илмии профессор ва дотсент ба Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия фиристода мешаванд.

Ҳамин тариқ, олимон ва омӯзгорони макотиби олии Тоҷикистон шурӯъ аз нимаи дуюми солҳои 90-ум тавонистанд раванди нисбатан муназзами пешбурди корҳои илмӣ ва методиро барқарор намоянд ва то ҳадди имкон натиҷаҳои назаррасро соҳиб гарданд.

### АДАБИЁТ


1. Эмомалӣ Раҳмон. Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият. – Душанбе, 2006.
2. Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2002. – 221 с.
3. Маълумот оид ба ҷамъбасти фаъолияти хоҷагию молиявии муассисаҳои тобеи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 9 моҳи соли 1993.
4. Абдуллоев М.Х. Ислоҳот ва рушди маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ / М.Х.Абдуллоев, Х.С.Аъзамов, Ҳ.Ҳ. Аллоева. – Душанбе, 2016. – 100 с.
5. Раҳимов Ф. Мактаби олӣ: мушкилот ва зарурати ислоҳот. Маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият / Ф. Раҳимов. – Душанбе, 2006. – 230 с.
6. Сафаров И. Дастовардҳои илмӣ ва педагогии соҳаи маорифи Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият / И.Сафаров. – Душанбе, 2006. – 250 с.


### ВАЗЪИ МАОРИФИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ СОХИБИСТИКЛОЛӢ


Дар мақола ғамхории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон нисбати рушду нумӯи муассисаҳои омӯзишӣ, кӯдакистон, мактабҳои миёна ва махсус, литсейҳо, коллеҷҳо ва донишгоҳҳои олӣ, омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, фароҳам овардани шароити кор, баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи онҳо инъикос шудааст. Муаллиф вазъи маорифро дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ таҳлил намуда, ҳолати маорифи кишварро мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамзамон, муаллиф норасоиву камбудиҳо ва мушкилоти соҳаи маорифро дар асоси маводҳо таҳлил намуда, омилҳо ва сабабҳои ба амал омадани мушкилоти соҳа ва роҳҳои бартараф намудани онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст.



**Калидвожаҳо:** истиқлолият, маориф, ҷанги шаҳрвандӣ, нақшаҳои таълимӣ, муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои байналхалқӣ, барномаҳои таълимӣ, омӯзгор, донишҷӯ.


### НАРОДНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ ТАДЖИКИСТАНА В ПЕРВЫЕ ГОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ


В статье констатируется факт огромного внимания руководства государства особенно Президента Республики уважаемого Эмомали Рахмона развитию сети оброзовательных учереждений, школ, лицеев, колледжей и высших учебных заведений, подготовке кадров педагогов, улучшению условий их работы, улучшению качества подготовки специалистов для народного хозяйства страны. Автор рассматривает положение системы образования Республики Таджикистан в период начала её независимости. В работе указываются причины ипоследствия создавшейся ситуации в системе оброзования. Автор, анализируя на основе излагаемых материалов, обеспечивает пути их преодоления и разрешения.



**Ключевые слова:** независимая Республика Таджикистан, недостатки и упушения, гражданская война, учебные планы, учебные программы, школы, учителя, учащиеся, студенты.


### NATIONAL EDUCATION IN TAJIKISTAN IN THE FIRST YEARS OF STATE INDEPENDENCE


The article is determined the fact of great attention of the state leadership, especially President of the Republic, respected Emomali Rakhmon for the development of a network of educational institutions of schools, licenum colleges and higher educational institutions, training of teachers, improving the conditions of their works, improving the quality of training specialists for the national ekonomy. The author considers the situation of the education system of the Republic of Tajikistan at the beginning of its independence. The work indicates the causes and consequences created by the situation in the system of education. The author, analyzing on the basis of published materials, provides ways to fesolution and overcoming.

**Key words:** independent Republic of Tajikistan, shortcomings and excesses, civil war, curriculum, schools, teachers, students, learivers.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллоев Махмуд Холович*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдулоха Рудаки, доктор исторических наук, профессор кафедры истории таджикского народа. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова, 16. Телефон 918 68 52 05.

**Information about the author:** ***Abdulloev Makhmud Kholovich*** - Kulyab State University named after Abuabduloh Rudaki, Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of the History of the Tajik People. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulob city, S.Safarova street, 16. Phone 918 68 52 05.

**УДК: 930.85**

# НАҚШИ ДОНИШГОҲҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САНОАТ

***Холов Ш.И.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Соҳаи саноат яке аз соҳаҳои асосии иқтисоди кишвар маҳсуб меёбад. Саноати тараққиёфта метавонад ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ таъсир расонида, қишрҳои мухталифи ҷомеаро аз гаравидан ба ҳар гуна амалҳои ҷиноӣ боз дорад.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ, саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардид [7].

Қайд кардан бамаврид аст, ки рушди соҳаи саноат аз кадрҳои баландихтисосу соҳибкасб вобастагии зиёд дорад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар омода намудани мутахассисони соҳаи саноат нақши Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, Донишкадаи техникии шаҳри Хуҷанд ва ғайраҳо хеле назаррас аст [8].

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба яке аз марказҳои бузургтарини таълимӣ табдил ёфта, дар он ҳамасола кадрҳои техникии ҷавобгӯ ба бозори меҳнат омода карда мешаванд. Донишгоҳи мазкур дар фосилаи солҳои 1991-2019 зина ба зина пеш рафта, дар соли 2019 дар он 7 факултет фаъолият доранд, ки аз рӯи 82 ихтисос мутахассис омода менамоянд:

Факултети энергетика аз рӯйи- ихтисос, радиотехника, нерӯгоҳҳои барқӣ, манбаҳои барқароршавандаи ғайрианъанавии энергия, истгоҳҳои барқии ҳароратӣ, энергетикаи ҳароратии саноатӣ, автоматика ва ҳифзи релеии дастгоҳҳои электроэнергетикӣ, автоматикунонии ҳаракатоварҳои электрикӣ, автоматикунонии ҳаракатоварандаҳои барқии дастгоҳҳои саноатӣ ва нақлиётӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, мутахассис тайёр мекунад.

Факултети технологияҳои инноватсионӣ аз рӯйи – ихтисоси ҳифзи муҳандисии муҳити зист, технологияи мошинсозӣ, таҷҳизоти технологии истеҳсоли мошинсозӣ, технологияи истеҳсолоти автоматикунонидашуда, мошинҳо ва дастгоҳҳои металлургӣ, мошинаҳо, таҷҳизот ва низоми коркарди иттилоотии саноати полиграфӣ, мошинҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолоти коркарди нафт ва истеҳсолоти нафту химия, мошинҳо ва дастгоҳҳои саноати бофандагӣ, истеҳсолоти рехтагарии металлҳои сиёҳ ва ранга, металлургияи металлҳои ранга, технологияи саноати полиграфӣ, технологияи химиявии моддаҳои ғайриорганикӣ, мавод ва маҳсулот, технологияи масолеҳи сохтмонӣ дар моддаҳои часпанда, технологияи химиявии энергиябарандаҳои табиӣ ва маводи карбондор, технологияи саноати электрохимиявӣ, ресидани нахи табиӣ, технология ва таҷҳизоти истеҳсоли нахҳои табиӣ, технологияи маводи нассоҷӣ, коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, технология ва таҷҳизоти саноати заргарӣ, менеҷменти истеҳсолӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (мошинсозӣ) мутахассис омода мекунад;

Факултети сохтмон ва меъморӣ аз рӯйи ихтисоси геодезия ва харитасозӣ, меъморӣ, дизайни муҳити меъморӣ, истеҳсоли масолеҳ, маснуот ва конструксияҳои сохтмонӣ, сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ, ташхис ва идораи амволи ғайриманқул, лоиҳакашии биноҳо ва иншоот, сохтмони зеризаминӣ ва шахтаҳо, сохтмон ва истифодабарии нерӯгоҳҳои обию барқӣ, системаҳои таъмини газу гармӣ ва ҳавотозакунӣ, системаҳои таъмини об ва обпартовҳо, истифодабарии оқилона ва ҳифзи захираҳои обӣ, идоракунии мақомоти маҳаллӣ мутахассисони соҳибтахассусро омода мекунад:

Факултети технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мутахассисони, низом ва технологияи иттилоотӣ (дар коркард ва пешниҳоди иттилоот), шабакаҳои алоқа ва тақсими иттилоот, автоматонии равандҳои технологӣ ва истеҳсолот (аз рӯйи самтҳо), технологияи иттилоотӣ ва идоракунӣ дар системаҳои техникӣ тайёр мекунад:

Факултети нақлиёт аз рӯйи ихтисоси таълими касбӣ (нақлиёти автомобилӣ, таҷҳизот ва нақлиёти роҳ, сохтмонӣ ва борбардорӣ (аз рӯйи соҳаҳо), истифодабарии техникии муҳаррикҳо ва киштиҳои ҳавоӣ, автомобил ва хоҷагии автомобилӣ, истифодабарии техникии автомашинаҳо (нақлиёти автомобилӣ, истифодаи ҷамъиятӣ ва шахсӣ), ҳайати кашандаи нақлиёти роҳи оҳан (тепловозҳо), ташкили ҳаракат дар роҳ, ташкил ва технологияи хизматрасонии техникӣ ва ғ. мутахассис омода мекунад:

Факултети менеҷмент ва коммуникатсия мутахассисони соҳаи, сохтмони роҳи оҳан, роҳ ва хоҷагии роҳҳо, ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти автомобилӣ ва шаҳрӣ, ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти роҳи оҳан, ташкили ҳамлу нақл ва идоракунии нақлиёти ҳавоӣ, сохтмони роҳҳо ва фурудгоҳҳо, купрукҳо ва гузаргоҳҳои зеризаминии нақлиётӣ, логистика, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти автомобилӣ), иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (хоҷагии роҳ), иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (нақлиёти авиатсионӣ)-ро тайёр мекунад:

Факултети муштараки техникии ДМТБ-ДТТ ва авиатсияи шаҳрвандии АДАБ ДТТ аз рӯйи ихтисоси мошинсозӣ (ФМТ ДМТБ), нақлиёт ва роҳ (ФМТ ДМТБ), дастгоҳҳо ва системаҳои биотехникӣ ва тиббӣ (ФМТ ДМТБ), энергетика (ФМТ ДМТБ), меъморӣ (ФМТ ДМТБ), сохтмонӣ (ФМТ ДМТБ), истифодабарии техникии муҳаррикҳо ва киштиҳои ҳавоӣ (ФАШ АДАБ), истифодабарии техникии таҷҳизоти авиатсионӣ (таҷҳизоти радиоэлектронӣ) (ФАШ АДАБ), ташкили ҳаракат ва таъмини парвозҳо дар нақлиёти ҳавоӣ мутахассис омода мекунанд [1].

Соли 2012 донишгоҳи мазкурро танҳо 521 нафар донишҷӯён аз гурӯҳҳои буҷавӣ хатм намуданд, ки аз онҳо 472 нафарашон мутахассис (441 нафар буҷавӣ, 31 нафар бо квотаи Президентӣ) ва 49 нафарашон бакалавр буданд [2].

Соли 2013 бошад донишгоҳро 502 нафар донишҷӯёни гурӯҳҳои буҷавӣ хатм карданд, ки аз онҳо 438 нафарашон мутахассис (407 нафар буҷавӣ, 60 нафар бо квотаи Президентӣ) ва 35 нафарашон бакалавр (31 нафар буҷавӣ, 4 нафар бо квотаи Президентӣ) буданд [3].

Тамоюли дохилшавӣ ва хатми донишҷӯён дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон сол ба сол дар афзоиш аст. Чунончи, соли 2018 донишгоҳро 1106 нафар танҳо аз гурӯҳҳои буҷавӣ хатм намуданд [4].

Донишгоҳи техникӣ бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани мутахассисони ҷавон бо 100 вазорату идораҳо, корхонаю ташкилотҳо, ширкату муассисаҳои манфиатдор шартномаҳои дутарафа дошта, ҳамасола хатмкунандагони донишгоҳро дар асоси шартнома ба корхонаҳои саноатӣ ба кор равон мекунад. Аммо раванди ба ҷои кор таъмин намудани мутахассисон қонеъкунанда нест. На ҳамаи хатмкунандагон бо ҷойи кор таъмин мегарданд. Масалан, агар дар соли 2012 танҳо аз гурӯҳҳои буҷавӣ 521 нафар Донишгоҳи техникиро хатм карда бошанд, аз ин шумора фақат 102 нафарашон бо ҷойи кор таъмин гардиду халос. Дар соли 2013 аз 502 нафар 225 нафар бо ҷойи кор таъмин гардид [5]. Хатмкунандагони боқимонда қисман ба муҳоҷирати меҳнатӣ, қисми дигарашон дар дохили ҷумҳурӣ ба ҳар гуна корҳои ғайри ихтисос пардохтанд. Ин ҳолат дар ҷумҳурӣ

нигаронкунанда буда, аксарияти хатмкунандагон мутахассисони касбии соҳаи худ шуда наметавонанд.

Дигар донишгоҳе, ки дар солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини бозори меҳнат бо мутахассисони ҷавон нақши назаррас нишон дод, Донишкадаи кӯҳӣ-металлуругии Тоҷикистон мебошад.

Дар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон қабул ва таҳсили донишҷӯён аз рӯйи ихтисосҳои равияҳои геология, корҳои кӯҳӣ, металлургия, технологияҳои мошинсозӣ ва дастгоҳҳои кӯҳӣ ба роҳ монда шудааст. Дар сохтори донишкада 3 факултет - корҳои кӯҳӣ, металлургия, энергомеханика иборат буд. Бо мурури замон сафи факултетҳо дар донишкада афзуд [6].

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ДКМТ тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба бозори меҳнат мебошад. Ҳамин буд, ки дар соли таҳсили 2006-2007 дар донишкадаи мазкур аз рӯйи ихтисосҳои менеҷмент, геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок,технология ва механизатсия, корҳои ҷустуҷӯи геологии конҳои канданиҳои фоиданок, бойгардонии канданиҳои фоиданок, коркарди кушоди кӯҳӣ, пармакунии чоҳҳои нафт ва газ, металлургияи металлҳои сиёҳ, мошин ва таҷҳизоти кӯҳӣ донишҷӯён қабул гардиданд.

Ҳамзамон, бо мақсади дар сатҳи олӣ омода намудани мутахассисон раёсати донишкада бо як қатор корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла бо корхонаҳои Петролиуми Суғд, Суғднафтугаз, Нафтрасон, Роҳи оҳани Тоҷикистон, хоҷагиҳои автомобилӣ, шабакаҳои барқӣ ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондааст.

Таҷрибаомӯзии донишҷӯён бо истифода аз имкониятҳои дохилӣ ва бо дастгирии муассисаҳои марбути давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ сурат гирифта, дар маҳал ва минтақҳои гуногун, корхонаҳои саноатии соҳавии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Инчунин, тибқи супориши ректори ДКМТ М.М.Фозилов, соли 2014 дар донишкада маркази рушди касбият таъсис дода шуд, ки фаъолияти он барои бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон равона шудааст. Дар баробари ин, аз тарафи раёсати донишкада бо муассисаҳо ва корхонаҳои саноатии зерин: КВД «Фулузоти нодири Ленинобод», ҶСК «Чароғ», КВД «Нури Ховар», ҶДМ «Нуқрафом», Экспедитсияи иктишофӣ - геологии «Моғиён», ҶДММ КМ «Зарафшон», ҶСК НБО «Роғун», ҶДММ «Хуаксин Ғаюр (Суғд) семент», ҶК «Комбинати маъдантозакунии Такоб», ҶММТАКМ «Анзоб» ҶММ «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», ҶС «Бодом», ҶДММ «Нафтрасон», ҶС «Кони намак», Раёсати ҳифзи муҳити зисти Суғд, шабакаҳои барқии шаҳри Хуҷанд ва ғайраҳо ҳамкориҳои судманд оид бо ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ба роҳ монда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки солҳои 2010-2011 аввалин донишҷӯён (165 нафар) донишкадаро аз рӯйи ихтисосҳои корҳои кушоди кӯҳӣ, корҳои зеризаминии кӯҳӣ, тоза кардани канданиҳои фоиданок, коркард ва истифодабарии конҳои нафту газ, иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ, металлургияи металлҳои ранга, мошинҳо ва таҷҳизоти кӯҳӣ хатм намуданд [6].

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии донишкада хатмкунандагони он дар истеҳсолот бо кор фаро гирифта шуда, бархе аз онҳо дар вазифаҳои роҳбарикунандаи корхонаҳои саноатӣ, вазоратҳо ва дигар муассисаҳо кору фаъолият менамоянд.

Бояд гуфт, ки давра ба давра сохтори донишкада мукаммал гардида, факултету ихтисосҳои нав кушода мешаванд. Дар донишкада дар баробари корҳои таълимӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ низ аҳаммияти хос дода мешавад. Чунончӣ, соли 2007-2008 дар донишкада 8 нафар олимони ҷавон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оғоз намуда, дар муҳлати муайянгардида корҳои таҳқиқотии худро бо кашфиёту пешниҳодҳои зарурӣ ба анҷом расониданд.

Дар баробари ин шуъбаи илмии донишкада бо мақсади дар сатҳи баланд ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бахшида ба санаи таъсисёбии донишкада ва дар ҷашнвораҳои таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол машварату семинарҳои илмӣ, симпозиумҳо, конференсияҳои байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишкадавӣ пайваста дар мавзӯъҳои «Аз қаъри замон то қуллаҳои кӯҳ», «Истифодабарии технологияҳои муосир дар коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия», «Ваҳдати миллӣ дарки тамаддунҳо, гиромидошти бузургони миллат ва сарчашмаи рушди илму техника», «Муаммоҳои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок» ва ғайраҳо баргузор намуд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки ҳар як чорабинии илмие, ки дар донишкада баргузор мегардад, дар омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат аҳаммияти калон доранд. Санаи 20 майи соли 2008 дар донишкада конференсияи илмӣ-амалии

ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истифодабарии технологияҳои муосир дар коркарди маъданҳои кӯҳӣ ва металлургия» баргузор гардид. Дар кори конференсия олимону муҳаққиқони соҳаҳои мухталиф ҷамъ омада, мубрамияти масъалаҳоро вобаста ба соҳаи илму техника мавриди баҳсу мунозира қарор доданд, ки дорои аҳаммияти бузурги илмӣ буданд [6].

Ҳамин тавр, донишгоҳ ва донишкадаи мазкур дар тарбия ва омода намудани мутахассисони ҷавон барои соҳаи саноати кишвар нақши назаррас доранд. Агар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи саноат ба мутахассисон ниёз дошт, дар солҳои минбаъда бошад, бо ташаббуси донишгоҳҳои техникии мамлакат ин камбудӣ аз байн рафт.

## АДАБИЁТ


1. Бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Парвандаи № 7.-В.23. Ҳисоботи ректори донишгоҳ дар солҳои 2017-2018.
2. Бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Парвандаи №3.-В.12. Ҳисоботи ректори донишгоҳ барои соли 2012.
3. Бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Парвандаи №5.-В.16. Ҳисоботи ректори донишгоҳ барои соли 2013.
4. Бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Парвандаи №11.-В.15. Ҳисоботи ректори донишгоҳ барои соли 2018.
5. Бойгонии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Парвандаи №8-В.19. Ҳисоботи ректори донишгоҳ барои солҳои 2012 - 2018.
6. Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон: даҳ соли музаффариятҳо ва ҳаракат ба қуллаҳои баланд // Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон. - Хуҷанд, 2016.
7. Паёми Президнети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ // www.prezident. tj.
8. Энергетика ва саноат. -Душанбе, 2015. - С. 23.


## НАҚШИ ДОНИШГОҲҲОИ ТЕХНИКИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ОМОДА НАМУДАНИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САНОАТ


Дар мақолаи мазкур муаллиф роҷеъ ба нақши донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони соҳаи саноат ибрози андеша намудааст. Аз ҷумла, қайд намудааст, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар нақши Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ва Донишкадаи кӯҳи-металлургии Тоҷикистон дар тайёр намудани мутахассисони соҳаи техникӣ назаррас аст.



**Калидвожаҳо:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, донишгоҳ, истиқлолият, мутахассис, саноат, техникӣ, технология, нафт, газ, неругоҳ, илм.


## РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННОГО ТЕХНОЛОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ТАДЖИКИСТАНА В ПОДГОТОВКЕ СПЕЦИАЛИСТОВ В ПРОМЫШЛЕННОЙ СФЕРЕ


В этой статье автор высказал свое мнение о роли технических ВУЗов в Таджикистане для подготовки специалистов в отрасли промышленности. В частности, было отмечено, что в период независимости страны проводилась подготовка специалистов в техническом секторе Таджикского технического университета имени академика Мухаммеда Осими и Института горной металлургии Таджикистана.



**Ключевые слова:** Республика Таджикистан, университет, независимость, специалист, промышленность, Технический, Технология, нефть, газ, электростанция, наука.


## THE ROLE OF THE STATE TECHNOLOGYCAL UNIVERSITY OF TAJIKISTAN ON THE TRAINING OF SPECIALISTS IN THE INDUSTRIAL SPHERE


In this article, the author expressed his view of the role of technical universities in Tajikistan on the training of specialists in the industry. In particular, it has been noted that during the Independence's Era of country, the training of specialists in the technical sector of the Tajik Technical University named by academician Muhammad Osimi and the Institute of mountain metallurgy of Tajikistan.



**Key words:** Republic of Tajikistan, University, Independence, Specialist, Industry, Technical, Technology, Oil, Gas, Power station, Science.



**Сведение об авторе:** ***Холов Шерали Ибодуллоевич*** - Таджикский национальный университет, докторант (Ph.D) исторического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе пр. Рудаки, 17. Телефон: **918-20-28-10**

**Information about the author:** ***Kholov Sherali Ibodulloevich*** -Tajik National University, doctoral student (Ph. D) of the Faculty of History. Tel: **918-20-28-10; Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave,17. Pone: **918-20-28-10**


,

УДК:930 (575.3) (575.2)

# ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 1990 ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

*Мирзоев Ҷ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар охири солҳои 80-уми асри XX, дар натиҷаи роҳандозии ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа - бозсозӣ, ки ба сиёсати расмии давлати Шӯравӣ табдил ёфта буд, дар ҳаёти ҷамъиятии Ҷумҳурии Шӯравӣ Сотсиалистии Тоҷикистон низ нишонаҳои озодандешӣ ва демократия зоҳир гардиданд. Сиёсати озодандешӣ дар раванди худогоҳии миллӣ таъсири амиқ гузошт. Неруҳои демократии Тоҷикистон қотеона талаб намуданд, ки қонун дар бораи забони тоҷикӣ қабул карда шавад. Дар натиҷаи талаби неруҳои демократӣ 22 июли соли 1989 Қонун дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ ба тасвиб расид. Мақоми давлатӣ пайдо кардани забони тоҷикӣ дар масъалаи эҳёи давлати миллӣ омили асосӣ маҳсуб меёфт.

Бозсозӣ фаъолнокии сиёсии мардумро баланд бардошта, барои зуҳури ҳаракатҳо ва ташкилотҳои нави сиёсӣ шароити мусоид фароҳам овард. Ин марҳилаи таърихи сиёсии Тоҷикистон (аз зуҳури нахустин ташкилотҳои сиёсӣ, воқеаҳои феврали соли 1990 то ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ) дар аксар таҳқиқоти муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ инъикос гардидааст.

Бояд тазаккур дод, ки масоили марбут ба роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон ва дар партави он таъсис ёфтани ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ, зуҳури озодандешӣ ва худогоҳии миллӣ ва билохира, пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани Истиқлолият, қабл аз ҳама, дар гузоришу баромадҳо ва шоҳасарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври возеҳ инъикос ёфтаанд [1].

Дар инъикоси роҳандозии сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон, воқеаҳои феврали соли 1990, заминаҳо ва раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ асарҳои Г.Ҳ. Ҳайдаров [2], И.Усмонов [3], А.Холиқзода [4], Н.М.Назаршоев [5], Р. Масов [6, 185-192], Ҳ.Пирумшоев [7], А.Мамадазимов [8], Д.Назриев ва И.Сатторов [9], Ғ.Ғоибов [10], инчунин асарҳои бунёдии «Бунёди давлатдории навин» [11] ва «История таджикского народа» [12], «Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол» [13], «Таджикистан в огне» [14], С.Кобилова [15], Б.Шокиров [16] - ро махсус қайд кардан бамаврид аст.

Лозим ба зикр аст, ки яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX, ки то имрӯз дар адабиёти илмӣ садои дуҳӯра дошта, баҳри инкишофи мибаъдаи демократия ва гуногунандешӣ дар Тоҷикистони замони Шӯравӣ нақши умда дорад, воқеаҳои феврали соли 1990 маҳсуб меёбад. Аз 11 то 17-уми феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоӣ, намоишҳои эътирозӣ, бесарусомонӣ ва ҳар гуна тазоҳуротҳои сиёсӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷаи онҳо ба ақидаи И.Усмонов [17, 28] «14 кас», аз рӯйи маълумоти Ҷ.Ниёзов [18] «зиёда аз 20 нафар» ва ба ақидаи Ғ. Ғоибов, ки ба хулосаи Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе» асос ёфтааст, 25 нафар қурбон гардида, 856 нафар захм бардоштанд [10, с.666]. Бар асари воқеаҳои февралӣ ҳазорҳо нафар аҳолии русзабони ҷумҳурӣ, асосан мутахассисони баландихтисос мамлакатро тарк намуданд. Воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон – ин бархӯрди оштинопазири ду неру – мухолифин, ки тамоми неруҳои бо ном «демократӣ» - исломиёни иртиҷоӣ, намояндагони ҳизбҳои навтаъсис ва ҳаракатҳои зиддикоммунистиро муттаҳид мекард ва ҷонибдорони ҳукумати конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба ақидаи муҳаққиқи воқеаҳои февралӣ – Сулҳия Қобилова «ин муборизаи идеологияи ҷонибдорони роҳи исломии тараққиёт ва онҳое, ки тарафдори ҳукумати дунявӣ буданд, маҳсуб меёбад. Воқеаҳои февралӣ – ин кӯшиши дарҳам шикастани низоми конститутсионии коммунистӣ ва дар вайронаҳои он бунёд намудани давлати исломӣ буд» [19, 17].

Мутаассифона, воқеаҳои феврали соли 1990 дар таърихнигории Тоҷикистони соҳибистиқлол хеле ноқис ва ғайривоқеӣ инъикос ёфтаанд. Масалан, раиси собиқи Ҳизби демократии Тоҷикистон Ҷумабой Ниёзов ин воқеотро «амали фитнаангезонаи Кумитаи Амнияти Давлатӣ», ки «бо мақсади беобрӯ гардонидани номзадҳои рӯҳияи демократӣ дошта дар интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон ва умуман ҳаракати демократӣ» матраҳ шуда буд, номидааст [18].

Муовини раиси созмони мардумии «Растохез» Абдуқодир Холиқзода низ воқеаҳои феврали соли 1990–ро ба монанди дигар рӯйдодҳои дар собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ – дар Қазоқистон (декабри соли 1996), Гурҷистон (апрели соли 1989), Қӯқанди Ўзбекистон (августи соли 1989), Озорбойҷон (январи соли 1990) рухдода, воқеоти пешакӣ аз ҷониби КАД банақшагирифташуда меномад [20, 157].

Ба ақидаи ӯ, тазоҳуроти 12 феврали соли 1990 бо иғвои Кумитаи бехатарӣ ташкил шуда, аз ҷониби ин мақомот бераҳмона тирборон шудааст. Бо супориши Кумитаи бехатарӣ гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар шаҳр даст ба ғорат, дуздӣ ва сӯхтор заданд. Холиқзода ҳатто мавҷудияти шиорҳои зиддирусӣ ва талаби таъсиси «ҷумҳурии исломӣ»-ро аз ҷониби тазоҳуротчиён, ки аз он аксари шоҳидони ҳол гувоҳӣ медиҳанд, инкор менамояд [20, 158].

Лозим ба зикр аст, ки муносибат ба воқеаҳои феврали соли 1990 баёнгари психология ва рафтори одамон маҳсуб меёбад. Гурӯҳе ин фоҷиаро исён, балво ва кӯшиши муташанниҷ гардонидани вазъияти сиёсӣ, гурӯҳи дигар шӯриши халқӣ меҳисобанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Э. Раҳмон борҳо ба ин мавзӯи доғ дахл карда, гунаҳкорони аслии ин фоҷиаро ёдрас шудааст. Сарвари давлат таъкид мекунад, ки вазъият дар ҷумҳурӣ бо он ки «баъд аз баромади аввали неруҳои исломӣ дар моҳи феврали соли 1990 ҳукумати расмӣ ба муросои бесубот бо қозиёт моил гардида, бо ин ба таҳқири маънавии кормандони милитсия ва амният, ки ба вазифаи хизматии хеш содиқ монда буданд, роҳ дод ва гузашта аз ин, баръакс, нафароне, ки бетартибиҳои оммавиро тарҳрезӣ карда буданд, ҳамчун қаҳрамони халқӣ муаррифӣ гардиданд, шиддат гирифт» [21].

Бояд қайд кард, ки аксари муҳаққиқини таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ба воқеаҳои февралӣ баҳои манфӣ дода, ин воқеотро амали муташаккилонаи гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ки аз як марказ идора мешуданд, медонанд. Беҳуда нест, ки академик Р.Масов воқеаҳои феврали соли 1990-ро «саҳифаҳои нангин дар таърихи мо» номидааст. Ба ақидаи ӯ, «худсариҳо, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби гуруҳҳои авбош ва ҷиноятпеша солҳои тӯлонӣ, ба тариқи махфӣ аз тарафи душманони халқи тоҷик омода гардиданд» [6, 185]. Р. Масов ақидаеро, ки воқеаҳои февралиро бадандешони халқи тоҷик, чи дар дохили ҷумҳурӣ ва чи дар хориҷи кишвар тарҳрезӣ намудаанд, ҷонибдорӣ карда, қайд менамояд, ки «онҳо мақсад доштанд моро на танҳо дар назди халқҳои мамлакатҳои шӯравӣ, балки дар назди тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ шарманда созанд» [6, 186].

Ҳамзамон, Ҳ. Насриддинов [22], А. Соҳибназаров [23] ва яке аз шахсиятҳои асосии воқеаҳои февралӣ Б. Каримов [24] мавқеи тамоман зидро ишғол намуда, ин воқеоти фоҷиаборро ҳамчун шӯриши халқӣ арзёбӣ кардаанд. Дар китоби Б. Каримов «Қурбонии дузахма» [25] сабабҳо ва оқибатҳои воқеаҳои дар моҳи феврали соли 1990 дар ҷумҳурӣ баамаломада инъикос гардидаанд. Муаллиф дар мавриди «фитнаҳои дарборӣ» дар доираҳои олии ҳукмрони замон ва корношоямии баъзе роҳбарони ҷумҳурӣ санадҳои зиёд оварда, ҳамзамон хулосаҳои шахсии хешро, ки баъзан бо фарзияҳои бепоя асоснок шудаанд, иброз медорад. Дар китоб бархӯрди хунини санаҳои 12, 13, 14 феврал, пленумҳои XVI, XVII, XVIII КМ ҳизби коммунистии Тоҷикистон хеле муфассал тасвир ёфтаанд. Муаллиф худро қурбони дасисаҳои сиёсӣ ҳисобида, кӯшиш мекунад, ки ҳақ буданашро собит намояд. Вале, мутаассифона, дар китоб нақш ва мавқеи шахсиятҳое, ки бевосита дар воқеаҳои хунини рӯзҳои 12, 13, 14 феврали соли 1990 даст доштанд, муайян нашудааст.

Бояд тазаккур дод, ки аввалин шуда ба инъикоси воқеии таърихи навини сиёсии Тоҷикистон, алалхусус воқеаҳои фоҷиабори соли 1990 журналистон [14], кормандони масъули прократураи ҷумҳурӣ, раиси КАД, олимон-муаррихон Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов [2] ва сиёсатмадор С.Кенҷаев [26] пардохтанд. Муаллифон дарҳол ба моҷарои хунини дар пойтахти ҷумҳурӣ баамаломада, ки тамоми аҳолиро ба изтироб оварда буд, воқеъбинона баҳогузорӣ намуда, нақши тарроҳони бетартибиҳои оммавиро ба дурустӣ ошкор сохтанд. Воқеан, аз фаъолияти Комиссияи Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон «Оид ба тафтиши ҳолатҳои воқеаҳои вобаста ба 12, 13, 14 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе», дар сессияи дувуми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ даъвати дувоздаҳум, ки дар санаи 21-29 августи соли 1990 баргузор гардида буд, маҳз Сафаралӣ Кенҷаев – депутати халқ (аз ҳавзаи интихоботии Ҷӯйбодом, рақами 63), ки вазифаи ҷонишини раиси ин комиссияро ба уҳда дошт, ахборот дод. Натиҷаи фаъолияти комиссияи мазкур аз ҷониби муҳаққиқон ва сиёсатмадорони зиёд, назири Г.Ҳ.Ҳайдаров, М.Иномов [2], И.Усмонов [17, 31-32], Ғ.Ғоибов [10, 660-670], Ҳ.Насриддинов [22], С.Кенҷаев [27] ва инчунин дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ инъикос ёфтаанд. Ахбороти С.Кенҷаев аз натиҷаи фаъолияти комиссия, ки дар 15 банд ироа шуда буд, дар шакли пурра ва муфассал дар китоби Ҳ. Насриддинов [22] дарҷ

гардидааст. Ду банди аввал, ба ақидаи И.Усмонов, ки дар онҳо тасодуфӣ набудани ҳаводиси 12-14 феврал ва дар заминаи мушкилоти сахти иқтисодию иҷтимоӣ, тараққиёти номутаносиби ноҳияҳо ва маҳалгароӣ ба амал омадани онҳо, инчунин сарфи назар аз огаҳӣ пайдо кардани мақомотҳои салоҳиятдор, бахусус Кумитаи бехатарии давлатӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ хунукназарӣ зоҳир кардан, сари вақт баҳои зарурии сиёсӣ надодан ва барои рух надодани ҳодисаҳо тадбирҳои мушаххас наандешидани онҳо акс ёфтааст, вазъиятро ба дурустӣ арзёбӣ мекунанд [17, 31]. Тибқи маълумоти адабиёти мавҷуда комиссияи мазкур сабабҳои сар задани ҳаводиси феврал ва гунаҳкорони асосии онро таҳқиқ намуда, ба хулосае омадааст, ки воқеаҳои февралӣ натиҷаи пайгирии ҳадафҳои нопоки неруҳои ба ном «демократӣ» маҳсуб меёбанд, ки мақсади ғасби ҳокимияти сиёсиро дунболагирӣ мекарданд.

Бояд зикр кард, ки арбоби барҷастаи ҷамъиятӣ ва давлатии ҷумҳурӣ А. Достиев [28] низ ба омӯзиши таърихи Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XXI машғул гардидааст. Асарҳои ӯ бо таҳлили амиқи равандҳои мураккаби сиёсӣ ва садоқат ба усулҳои таърихият фарқ мекунанд. Дар таълифоти И.Усмонов [29] низ воқеоти фоҷиабори моҳи феврал хеле возеҳ таҷассум ёфтаанд.

Лозим ба зикр аст, ки масоили сабабҳои сар задани воқеаҳои февралӣ дар адабиёти таърихӣ гуногун арзёбӣ шудааст. Баъзе муҳаққиқон овозаи аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон бо манзил таъмин намудани гурезагони арманиро сабаби ба вуқӯъ омадани тазоҳуротҳои моҳи феврал медонанд, ки ба назари мо, ин омил баҳонае беш нест. Ба андешаи мо, сабабҳои сар задани воқеаҳои февралиро бояд дар масоили ҳалталаби ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии мардум ҷустуҷӯ кард, ки ин амалро муҳаққиқ Ғ.Ғоибов хеле хуб анҷом додааст. Мавсуф чор масоили ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодиро ба сифати сабабҳои сар задани ин рӯйдоди нангин қарор медиҳад: 1) бекории сунъӣ - ба андешаи Ғ.Ғоибов корхонаҳо сохта мешуданд, вале барои кор кардан дар онҳо коргарон аз Россия, Украина ва Белорусия даъват мешуданд. Ҳадаф – русикунонии мардуми маҳаллӣ буда, мавқеи забони тоҷикӣ ба таври фоҷиавӣ танг шуда буд;

2) таъминот ба манзил – манзил асосан ба русзабонҳо дода мешуд;

3) дин – диндорон таъқиб карда мешуданд;

4) масъалаи миллӣ – ба андешаи Ғ.Ғоибов, мардуми тоҷик дар ватани худ мақому манзалате надошт, қудрат ва сарвату боигарӣ бештар дар дасти бегонагон қарор дошт ва беҳуда нест, ки яке аз шиорҳои рӯзи 13 феврал «Тоҷикистон ба тоҷикон» буд [10, с.660].

Бояд зикр кард, ки тарроҳони тазоҳуротҳои моҳи феврали соли 1990 аз ин масоили ҳалталаб ва нуқсонҳои ҷомеа, ки ба онҳо, ба назари мо, омили маҳалгароиро низ дохил кардан мумкин аст, огаҳӣ доштанд. Онҳо хуб медонистанд, ки мардумро бо кадом васила ба майдон кашанд ва ҳамзамон аз паси парда ҳадафҳои сиёсии хешро пайгирӣ намоянд.

Масоили марбут ба воқеаҳои феврали соли 1990 дар мақолаҳои А.Генелин, Э.Саидов, Н.Козлова, В.Пономарёв, А.Азимов ва бисёр дигарон, ки дар китоби «Таджикистан в огне» [14] гирдоварӣ шудаанд, низ инъикос гардидаанд. Қариб тамоми муҳаққиқони воқеаҳои февралӣ зимни таҳқиқоти хеш ин воқеотро бо дигар ошӯбҳои оммавӣ, ки дар дигар ҷумҳуриҳои иттифоқ ба амал омада буданд, муқоиса намуда, ба хулосае омадаанд, ки ҳамаи бархӯрдҳои миллӣ ва ғоратгариҳо дар нуқтаҳои мухталифи мамлакат аз як маркази ягонаи расмии умумииттифоқии мунокишаҳо идора мешуданд, яъне онҳо як тарроҳи ягона доштанд.

Н.Козлова дар мақолаи худ - «Кто виноват и в какой степени» ба мавқеи додситони ҷумҳурӣ Г.С.Михайлин ва Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон М. Навҷувонов такя намуда, номуташаккилона будани воқеаҳои февралиро инкор менамояд. Ба ақидаи ӯ, сӯхторҳо, ғоратгариҳо, кушторҳо ва дигар аъмоли ғайриқонунӣ пешакӣ тарҳрезӣ шуда буданд [30, 60-63].

Лозим ба зикр аст, ки як зумра муҳаққиқон, назири В. Пономарёв худсариҳо, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунии аз ҷониби гурӯҳҳои авбош ва ҷиноятпеша дар рӯзҳои 11-14 феврали соли 1990 бавуқӯъпайвастаро ба ҳадди иғроқ расонида, аз воқеияти таърихӣ дур рафтаанд. В. Пономарёв дар мақолаи «Колокола надежды» [31, 68-85] амалҳои ваҳшиёнаи тазоҳуротчиёни моҳи февралро инъикос карда, гӯё аз нақли шоҳидони ҳол ҳодисаҳои аз ҷониби гурӯҳи мутаассибон дар болои кӯпруки дарёи Душанбе пора-пора кардани писарбачаи рус ва ё аз ҷониби ҳамин гурӯҳ аз болои кӯпрук ба зер партофтани зани рус ва ба номуси тоҷикзани ҳомилаи либоси аврупоӣ дошта таҷовуз кардани онҳоро ёд мекунад [31,с. 70], ки ба назари мо, муболиғае беш нестанд. В. Пономарёв андешаронидҳои хешро ҷиҳати ваҳшонияти тоҷикон идома дода, дар ҷойи дигар чунин менависад: «Дар бораи ин ҳодисаҳо шумо дар протоколҳои милиса

хабар ҷустуҷӯ накунед. Зеро тибқи қавоиди ислом ин гуна маитҳоро зуд ва пинҳонӣ ба хок месупоранд, то овоза аз ҳудуди девори оилавӣ берун наравад» [31, с.70].

Муаррихи тоҷик Ғолибшо Ғоибов дар таҳқиқоти хеш зери унвони «Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз» [10] ҷанбаи иғвогарона доштани мақолаи В. Пономарёвро ифшо сохта, муаллифро мавриди танқиду маломат қарор додааст. Ба андешаи ӯ, ҷаноби Пономарёв бо ин навиштаҳои хеш аз мардуми тоҷик аъҷубаҳои хунхоре офаридааст. Ғ. Ғоибов аз бехабарии ҷаноби Пономарёв аз қавоиди ислом дарак дода, қайд менамояд, ки ягон фарди мусулмон ба ҳеҷ ваҷҳ маити хешро пинҳонӣ ва беҷаноза дафн нахоҳад кард [10, 667]. Гузашта аз ин, ӯ ин андешаҳои хешро бо истинод аз баромади Прокурори ҷумҳурӣ Т. П. Почомуллоев дар хусуси сафсатаҳои бофтаи Пономарёв асоснок кардааст: «Дар натиҷаи тафтиш собит шуд, ки органҳои прокуратура, корҳои дохилӣ ва бехатарии давлатӣ, материалҳои тасдиққунандаи фактҳои зикршударо дар ихтиёр надоранд. Манбаи маълумотгирии муаллиф маълум нест. Дар баробари ин… дар давраи ҳодисаҳои февралӣ ба органҳои ҳифзи ҳуқуқ садҳо маълумоти ба ин монанд дар бораи куштор, таҷовузкорӣ, шикасторӣ расид, ки аксараш, тавре, ки тафтиши муфассал нишон дод, характери бардурӯғ ва иғвогарона дошт» [10, 668].

Бояд зикр кард, ки Ғ. Ғоибов бо истинод ба иттилои прокурори ҷумҳурӣ намояндаҳои иртиҷоии рӯҳониёни мусулмони ноҳияҳои Ленину Ҳисор, назири А. Боев, С. Бедимоғов, Т. Давлатов, А. Ҳакимов, А. Дилоев, Р. Қосимов, инчунин созмони мардумии «Растохез» ва унсурҳои ҷинояткорро ташкилкунандагони асосии воқеаҳои февралӣ медонад.

Оид ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол, таъсисёбии ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ ва алалхусус инъикоси воқеаҳои фоҷиабори моҳи феврали соли 1990 рисолаҳои номзадӣ низ дифоъ гардидаанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои алоҳидаи бунёди давлати соҳибистиқлол таҳқиқ шудаанд. Масалан, дар рисолаи номзадии Сулҳия Қобилова таҳти унвони «Обострение общественно-политической ситуации в Таджикистане в период перестройки: 1985 - 1991 гг.» [32] («Тезутундшавии вазъи ҷамъиятӣ-сиёсӣ дар Тоҷикистон дар даврони бозсозӣ: солҳои 1985-1991»), ки боби дуюми таҳқиқот маҳз ба воқеаҳои феврали соли 1990 бахшида шуда, аз се зербоб таркиб ёфтааст, бори нахуст шароитҳо ва сабабҳои ангезандаи фоҷиаи миллии моҳи феврали соли 1990 ба таври возеҳ инъикос гардида, раванди он, инчунин табиат, мавқеъ ва рафтори илҳомбахшони фаъоли маънавии бетартибиҳои оммавӣ нишон дода шудааст. Илова бар ин, дар рисола моҳият ва решаҳои иҷтимоии маҳалгароӣ, инчунин пайомадҳои таърихии ин воқеоти фоҷиабор таҳлил гардидаанд.

Умуман, воқеаҳои феврали соли 1990, ба назари мо, рӯйдоди нангине маҳсуб меёбанд, ки бо мақсади намоиши неру аз ҷониби ҷабҳаи бо ном «демократӣ» матраҳ шуда буданд. Ин неруҳои бо ном «демократӣ» бо назардошти ҳадафҳои сиёсии хеш воқеаҳои февралиро тарҳрезӣ намуда, мақсади касби обрӯю нуфуз дар ҷомеа, ғалаба дар интихоботи навбатии депутатҳои Шӯрои Олии Тоҷикистон ва билохира, ба даст овардани ҳокимияти сиёсиро доштанд.

**АДАБИЁТ**

1. Рахмон Э. Таджикистан: десять лет независимости и национального единства. В 4-х томах. - Душанбе: Шарки озод, 2001; Рахмон Э. Независимость Республики Таджикистан и возрождение нации. В 7 томах. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2009; Раҳмон Э. Истиқлолияти Точикистон ва эҳёи миллӣ. Иборат аз ҳафт чилд. - Душанбе: Шарқи озод, 2002-2008; Раҳмонов Э. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се чилд. Ҷилди аввал / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2001. – 512 с.
2. Хайдаров Г.Х. Таджикистан: трагедия и боль народа. Монография / Г.Х. Хайдаров, М. Иномов. – Санкт-Петербург, 1993; Хайдаров Г.Х. История таджикского народа: XX век. Учебник / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд, 2001. – 508 с.; Хайдаров Г.Х. Начальная поступь суверенного Таджикистана. Монография / Г.Х. Хайдаров. – Худжанд: Нури маърифат, 2006. – 348 с.
3. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов И. Соли Набиев / И.Усмонов. – Душанбе, 1995. – 114с.
4. Холиқзода А. Таърихи сиёсии тоҷикон. – Душанбе, 1994; Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннаҳр аз истилои Русия то истиқлол. – Душанбе, 1997. - 182с.
5. Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана / Н.М. Назаршоев. – Душанбе: Матбуот, 2002.
6. Масов Р. Пазорная страница в нашей истории / Р.Масов // Актуальные прблемы историографии и истории таджикского народа. – Душанбе, 2005. – С. 185-192.
7. Пирумшоев Ҳ. Бозсозӣ: сохтем ё бохтем? / Ҳ. Пирумшоев. – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 112 с.
8. Мамадазимов А. Новый Таджикистан: вопросы становления суверенитета / А. Мамадазимов. –Душанбе: Дониш, 1996.-180с.; Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа / А. Мамадазимов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 360с.
9. Назриев Д. Республика Таджикистан: история независимости. Монография / Д. Назриев, И. Сатторов. – Душанбе, 2002.-Т.1.-337 с.
10. Ғоибов Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. Монография / Ғ. Ғоибов. – Душанбе, 2006. – 906 с.
11. Бунёди давлатдории навин. – М., 2002.
12. История таджикского народа / под общей редакции Масова Р.М. – Душанбе, 2011.– Т.6. - С. 438-488.

13. Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.
14. Таджикистан в огне / составители А. Руденко, А. Сорокин. – Душанбе: Ирфон, 1993. – 288с.
15. Кобилова С. Мифы о «застое» и «всеобщей нищете» / С. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 27с.; Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова. – Худжанд: Ношир, 2007. – 96с.
16. Шокиров Б. Пайдоиши ҳизбу созмонҳои нав дар Тоҷикистон ва фаъолияти онҳо (солҳои 1989-1992) / Б.Шокиров, А.Маҳмадкаримов. -Душанбе, 1994.
17. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол. Монография / И. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 178 с.
18. Из история развития демократического движения в Таджикистане // [Электроный ресурс]. – www.ca-c.org/journal/09-1997/st_16_niezov.Shtml (дата обращения: 08.08.2018).
19. Кобилова С. Февральские события 1990 г. в Таджикистане / С. Кобилова –Худжанд: Ношир, 2007. – 96с.
20. Холиқзода А. Тоҷикони Мовароуннахр аз истилои Русия то истиқлол. – Душанбе, 1997. - 182с.
21. Раҳмон Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллӣ. -Ҷилди 1 / Э. Раҳмон. - Душанбе: Шарқи озод, 2002.
22. Насриддинов Х. Таркиш / Х. Насриддинов. – Душанбе: Афсона, 1995. – 304 с.
23. Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К.1 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Дониш, 1997. – 330 с.; Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш. К. 2 / А. Соҳибназаров. – Душанбе: Маҳмадҷон, 2000. – 310 с.
24. Каримов Б.Б. Дар гирдоби зиндагӣ.Ёддошт,мақолаҳо,мусоҳибаҳо/Б.Б. Каримов–М.:ТОО «Можайск–Терра»,1995.-192 с.;Каримов Б.Б. Фарёди солҳо/ Б.Б. Каримов –М.:Трансдорнаука,1997 –1104 с.
25. Каримов Б.Б. Қурбонии дузахма / Б.Б.Каримов. – Душанбе: Ориёно, 1992.
26. Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 2 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1994. – 496 с.; Кенджаев С.К. Переворот в Таджикистане. Кн. 3 / С.К. Кенджаев. – Тошканд: Узбекистон, 1995. – 512 с.
27. Кенҷаев С.К. Табаддулоти Тоҷикистон. К.1 / С.К. Кенҷаев. – Душанбе: Фонди Кенҷаев, 1993. – 496 с.
28. Достиев А. Тоҷикистон. Шикастанҳо ва бастанҳо / А. Достиев. - Душанбе: Ирфон, 2003; Достиев А. Истиқлолияти Тоҷикистон ва сабақҳои таърихии он / А.Достиев. - Душанбе: Матбуот, 2005; Достиев А. Ситораи ғолиб / А.Достиев. - Душанбе: Матбуот, 2006.
29. Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. - Хуҷанд: Маърифат, 2003. – 178 с.; Усмонов И. Миростроительство в Таджикистане / И.Усмонов. - Душанбе: Деваштич, 2006.
30. Козлова Н. Кто виноват и в какой степени / Н. Козлова // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С.60-63.
31. Пономарёв В. Колокола надежды / В.Пономарёв // Таджикистан в огне. – Душанбе: Ирфон, 1993. – С. 68-85.
32. Кобилова С.Я. Обострение общественно-политической ситуации в Таджикистане в период перестройки: 1985 - 1991 гг.: дис. … канд. ист. наук: 07.00.02 / С.Я. Кобилова. – Худжанд, 2007. – 187 с.

## ИНЪИКОСИ ВОҚЕАҲОИ ФЕВРАЛИ СОЛИ 1990 ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲҚИҚОТИ МУҲАҚҚИҚОНИ ВАТАНӢ ВА ХОРИҶӢ

Дар мақола масоили омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри XX - воқеаҳои феврали соли 1990, ки дар натиҷаи он худсариҳои оммавӣ, сӯхторҳо, ғоратгариҳо ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби гурӯҳҳои авбош ва ҷиноятпеша ба амал омада, ҳазорҳо нафар аҳолии русзабони ҷумҳурӣ, асосан мутахассисони баландихтисос мамлакатро тарк намуданд, дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он муаллиф махсусан ба инъикоси заминаҳо ва сабабҳои сар задани воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон, омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, омилҳои берунӣ ва оқибатҳои ин ҳодисоти нангин, диққати махсус додааст. Илова бар ин, дар мақола ба масъалаи нақши ташкилкунандагон, тарроҳони ин ҳодисоти нангин, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ гуногун арзёбӣ шудааст, аҳаммияти хосса дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** воқеаҳои февралӣ, ҳодисоти нангин, сабабҳои воқеаҳои февралӣ, омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, омилҳои берунӣ, таҳқиқоти бунёдӣ, муҳаққиқони ватанӣ, муҳаққиқони хориҷӣ, асарҳои ёддоштӣ, оқибатҳои воқеаҳои февралӣ.

## ОСВЕЩЕНИЕ ФЕВРАЛЬСКИХ СОБЫТИЙ 1990 ГОДА В ТАДЖИКИСТАНЕ В ИССЛЕДОВАНИЯХ ОТЕЧЕСТВЕННЫХ И ЗАРУБЕЖНЫХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В статье анализируются вопросы изучения одного из важнейших политических вопросов 90-х годов XX века - февральских событий 1990 года в исследованиях отечественных и зарубежных исследователей, вследствие чего произошли массовые беспорядки, погромы, разбой и другие незаконные действия со стороны криминальных групп, тысячи русскоязычного населения республики, в основном квалифицированные специалисты, покинули страну. Автор особое внимание уделяет предпосылкам, основным причинам возникновения февральских событий 1990 года в Таджикистане, социально-экономическим и внешним факторам, последствиям и аморальным поступкам. Кроме того, в статье автор придает важное значение также роли организаторов, сценаристов этих позорных событий, которые по-разному оцениваплись и освещались в исследованиях отечественных и зарубежных исследователей.

**Ключевые слова:** февральские событие, позорные события, причины февральских событий, социально-экономические факторы, внешние факторы, фундаментальное исследование, отечественные исследователи, зарубежные исследователи, мемуарная литература, последствия февральских событий.

## COVERAGE OF THE FEBRUARY 1990 EVENTS IN TAJIKISTAN IN STUDIES OF DOMESTIC AND FOREIGN RESEARCHERS

The article analyzes one of the most important political issues of the 1990s - the February events of 1990 in Tajikistan in the researchs of domestic and foreign researchers, which subsequently occurred riots, **pogroms,** robberies and other illegal actions by criminal groups, thousands of Russian-speaking population of the republic, mostly qualified

professionals left the country. The author pays a special attention to the background, the main causes of the February 1990 events in Tajikistan, socio-economic and external factors, consequences and immoral acts. In addition, the author attaches importance in the article to the role of organizers, screenwriters of these shameful events, which were variously assessed and covered in studies of domestic and foreign researchers.

**Key words:** February event, shameful event, causes of February event, socio-economic factors, external factors, fundamental research, domestic researchers, foreign researchers, memoir literature, consequences of the February event.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Дж. А.*** – Таджикский национальный университет, сташий преподаватель кафедры «Зарубежное регионоведение» факультета «Международных отношений». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.Телефон: **987168225;** E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**.

**Information about the author:** ***Mirzoyev J. A.*** **-** Tajik National University, Senior Lecturer in the Department of Foreign Regional Studies of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.Tel: **987168225;** E-mail: **mirzoev-dzhurabek@mail.ru**.

**УДК:930.85**

# ДИДГОҲИ УЛАМОИ ИСЛОМӢ ПЕРОМУНИ АҲЗОБ

***Самеъуллоҳ Донишёр***
**Донишгоҳи Салом – Қундуз, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар ҷомеаи бунёнёфта бар асоси мавозин ва меъёрҳои динӣ, манобеи динӣ аз муҳимтарин роҳҳои шинохт ва огоҳӣ шумурда мешаванд. Дар ҷаҳонбинии динӣ, усул ва мафоҳиме дар абъоди мухталифи зиндагӣ матраҳ шуда, ки амал ба ин усул ва бузургдошти онҳо бидуни баррасӣ ва шинохти мафоҳими сиёсии дин ва мушаххас намудани чорчӯба, муҳтаво ва маонии онҳо имконпазир нест. Шояд барои табйини корбурди ҳизб дар ислом ва таҷвизи фаъолиятҳои ҳизбӣ дар ҷомеаи исломӣ натавон сирфан ба корбурдҳои вожаи ҳизб дар Қуръони карим истинод кард, балки таърифи дақиқи мафҳум ва ҷойгоҳи ҳизб дар ислом ниёзманди таърифи равшан аз ҳизб ва шохисаҳоест, ки олимони улуми иҷтимоӣ дар асри кунунӣ онҳоро зикр кардаанд. Албатта, фориғ аз мафҳуми омм ва аносири муштараки ҳама аҳзоб, ҳар ҳизбе дар ҳар ҷомеае бар асоси ихтилофи фарҳангҳо дорои ормонҳо, мабонӣ, аҳдоф ва нигаришҳои мутафовите аст. Ҳизби исломӣ ба маънои воқеӣ (Ҳизбуллоҳ) низ мутаносиб бо фарҳанги исломӣ, вежагиҳо ва ормонҳо, мабонӣ ва нигариши хосе нисбат ба қудрат дорад, ки ин нуқта метавонад меҳвари ихтилофоти асосӣ байни ҳизб ба мафҳуми исломии он бо ҳизб ба мафҳуми навини ғарбии он бошад. Бо густариши фарҳанги Ғарб дар бархе кишварҳо ва ҷавомеъ, бисёре аз мафоҳим, аз ҷумла ҳизб ва фаъолияти ҳизбӣ, ки ношӣ аз муаллифаҳои фарҳанги Ғарб буд, ривоҷ пайдо кард. Бархе ҳизбро ба иллати таоруз бо омӯзаҳои динӣ нафй ва иддаи дигар онро пазируфтанд ва гурӯҳе муътақид ба бозсозии он бар асоси андешаҳои исломӣ шуданд. Бархе низ ҳизбро зарурате дар ҷиҳати фароянди тавсеа ва навсозӣ ба сабки Ғарб шумурданд. Агар бихоҳем ҳизбро бо таваҷҷуҳ ба мафоҳими ислом ва андешаҳои динӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳем, бояд фориғ аз андешаи ғарбӣ ва дар чорчӯбаи андешаи исломӣ аз ин вожа мафҳумсозӣ кунем.

**Мафҳуми ҳизб дар адабиёти форсӣ ва арабӣ.** Ҳизб калимаи арабӣ аст, ки дар форсӣ ба кор рафтааст:

Гурӯҳе аз мардум, ки ҳарфҳо ва дилҳояшон бо ҳам яке шудааст.

Қомуси Қуръон – ҷамоате, ки ваҳдати ақида ва ҳадаф дар он малҳуз аст.

Фарҳанги Амид – гурӯҳе аз мардум, ки дорои сабки хосе ҳастанд.

Таърифи ҷомеъ: аҳзоби сиёсӣ гурӯҳҳое аз афроди ҷомеа ҳастанд, ки бо ваҳдати назар ба бархе усул ва доштани аҳдофи муштарак дар созмоне бо унвони ҳизб муташаккил шуда, аз тариқи шуъбаҳо ва қисматҳои мухталиф бо якдигар иртиботи мутақобил ва мустамар доранд ва мекӯшанд, то барои расидан ба аҳдоф ва иҷрои усули мавриди назар ҳукуматро дар даст бигиранд.

Ҳизб гурӯҳи созмонёфта барои ҳимоят аз бархе усул ва сиёсатҳост, ки аз роҳҳои қонунӣ мекӯшад ҳукуматро ба даст гирад.

Метавон дар таърифи ҳизб гуфт, ки ҳизб дар андешаи исломӣ ба гурӯҳе аз инсонҳо итлоқ мешавад, ки дорои инсиҷом ва ташаккул буда, дар ростои таъмини масолеҳи моддӣ ва маънавӣ талош мекунанд ва ё дар ҷиҳати таъмини саодат ва арзишҳои динӣ мекӯшанд. Албатта, дар ҷомеаи исломӣ, фаъолияти аҳзоб набояд ба тазъифи низоми исломӣ мунҷар

шавад ва аз сӯйи дигар, ин фаъолият мебоист мустақим ва ғайримустақим ба таъмини маош ва маоди афроди ҷомеа кумак кунад.

Такассури сиёсӣ ва системаи тааддуди аҳзоб, ки бар асоси тағйир ва интиқоли қудрат дар миёни гурӯҳҳои сиёсии мухталифи як ҷомеа бунёд меёбад, аввалин бор дар Аврупои Ғарбӣ вориди арсаи сиёсӣ шуд. Пас аз наҷоти мардуми Аврупо аз зулми арбоби калисо, онон тавонистанд системаи тааддуди аҳзобро, ки зарурати як ҷомеаи демократӣ аст, ба вуҷуд оваранд, то мардум ба раъй ва назари худ битавонанд тағйиру табдил ва интқоли қудрати сиёсиро ба осонӣ ба сурати амалӣ дароваранд.

Тааддуди аҳзоб ба шакли созмонёфта дар ҷаҳони ислом падидаи навин мебошад ва дар қарнҳои ахир зуҳур намудааст, бинобар ин дидгоҳи исломгароён дар ин замина гуногун ва мутанаввеъ мебошад, ки муҳимтарин онҳо иборатанд аз се дидгоҳ:

Дидгоҳи аввал, тааддуди аҳзобро нафй намуда ва ташкили аҳзоб ва танзимоти ҳизбиро амри нодуруст ва ғайридинӣ мешуморад.

Дидгоҳи дувум, дар чаҳорчӯбаи ислом тааддуди аҳзобро мепазирад.

Дидгоҳи севум, ба шеваи фарогиру густарда ва бидуни ҳеҷ чаҳорчӯба ва маҳдудият тааддуди аҳзобро қабул менамояд.

Ҳар як аз ин гурӯҳҳо далоили гуногуне дар тааддуди дидгоҳи худ матраҳ менамоянд, аммо мо дар ин ҷо танҳо ба далоили гурӯҳи муътадил, яъне дидгоҳи дувумро ба таври мухтасар хидмати хонандагони гиромӣ менигорем.

Дидгоҳи тааддуд ва такассур дар чаҳорчӯбаи ислом

Бештар андешмандон ва рӯшанфикрон ва ҳаракатҳои исломии ин аср муътақид ба назарияи фавқ мебошанд, ки дар ҳақиқат далоили маҳкам ва мутааддиде метавон дар тайиди ин назария баён кард. Дар зайл ба аҳамияти ин далоил ишора хоҳад шуд:

1. Системаи такассури сиёсӣ дар доираи сиёсати динӣ мегунҷад ва сиёсати динӣ низ ҷиҳати танзими умури давлатӣ аз ҷойгоҳи вежае дар фиқҳи сиёсии ислом бархӯрдор аст. Дар ин сурат метавонад масолеҳ ва манофеи миллиро таъмин намояд, албатта, ба шарте ки аз чаҳорчӯбаи шариат ва усули асосии он таҷовуз нанамояд ва ҳатто, агар қабл аз ин ҳеҷ кадом аз муҷтаҳидон дар мавриди он назаре ва фатвое надошта бошанд. Бегумон тамом ин умур ҷзъи мутағайирот буда, ки дар ҳар асру замоне бо таваҷҷуҳ ба авзо ва шароит муҳайё шуда, барномарезиҳои муносибе металабад.

2. Бо таваҷҷуҳ ба асл фиқҳӣ, асл дар қарордодҳо ва муомилот, мубоҳ будани онҳо аст, магар ин ки насй биёяд, ки бар ҳаром будани онҳо далолат намояд». Бадеҳист, ки такассури сиёсӣ ҷузъи ибодот намебошад, зеро дар ибодот асл бар ин аст, ки то ояе аз Қуръон ё ҳадисе аз Паёмбар (с) дар хусуси чигунагӣ ва камият ва кайфияти он вуҷуд надошта бошад, бояд аз аъмоли назари шахсӣ дар он парҳез шавад, балки ҷузъи ақдҳо ва муомилот буда, ки асл бар ҳалол ва муҷоз будани он аст, магар дар ҳолате, ки бо яки аз усули шаръӣ мунофот дошта бошад. Бинобар ин, агар такосури сиёсӣ ба шевае созмондеҳӣ гардад, ки бо усули динӣ муғойират надошта бошад, дар он сурат саҳеҳ буда, ҳеҷ қудрате ҳақ надорад, ки бо номи ислом аз таҳққуқи он ҷилавгирӣ намояд.

3. Яке дигар аз қавоид шаръии фиқҳӣ баён медорад, ки:«ҳар он чизе, ки ба василаи он воҷиби анҷом пазирад ва таҳаққуқ ёбад, он васила ҳам воҷиб мебошад». Ин қоида равшан месозад, ки амри Худовандӣ бар ҳар чизе баёнгари амр ба истифода аз васоил ва авомиле аст, ки заминасози таҳаққуқи умури аввалӣ мебошад. Дар сурати бакоргирии ин қоида дар низоми сиёсӣ, хоҳем дид, ки шариати ислом хоҳони иҷрои амалӣ ва таваҷҷуҳ ба усул ва пояҳои динӣ дар заминаҳои сиёсат ва ҳукуматдорӣ мебошад ва такассури сиёсӣ дар ин аср василаи муносиб ва шоистае ҷиҳати амалӣ намудани пояҳои сиёсии ислом мебошад, то битавонем бо равиши муносиб ва бо таваҷҷуҳ ба воқеиёт ва шароити рӯз онҳоро амалӣ намоем.

Ҳамчунон бо тааммули гузаро дар оёт ва ривоёт равшан мешавад, ки вожаи "ҳизб" дар адабиёти исломӣ низ ба ҳамон истилоҳи ом мавриди корбурд будааст. Дар замони ҳукумати Паёмбар акрам (с) метавон аз дастабандиҳои мавҷуд таъбир ба "ҳизб" кард, монанди «ҳизб-ул-ансор» ва «ҳизби муҳоҷирин», «ҳизби Қурайш» ва «ҳизби яҳуд» ва қабоили дигаре, ки матраҳ буданд. Аз ин рӯ, ҷанге, ки баромада аз иътилофи Қурайш бо яҳуд ва дигар қабоили душман алайҳи ислом шакл гирифт, ба «Ҷанги аҳзоб» шуҳрат ёфт.

- Вожаи «аҳзоб» 10 маврид дар Қуръони карим омада ва танҳо дар як маврид ба сурати тасния «ҳизбин» ба кор рафтааст.
- Ду маротиба истилоҳи «ҳизбалшайтон» дар Қуръон ёфт мешавад.
- «Ҳизбуллоҳ» дар ду ояи Қуръон ба кор рафтааст.

- Вожаи ҳизб дар Қуръон ва ривоёт ба се сурат – ҷамъ, тасния ва муфрад истеъмол шудааст.
- Ҳизб ба сурати муфрад маҷмӯан 8 бор дар Қуръон ба кор рафтааст.
- «Ҳизбалшайтон", ки дар ояи 19 сураи муборакаи «Муҷодила» ва ояи 6 сураи муборакаи «Фотир» зикр шудааст, дорои авсофи нуқтаи муқобили ҳизбуллоҳ аст.

Вожаи ҳизб ба сурати тасния танҳо дар ояи 12 сураи «Каҳф» ба кор рафтааст, ки мурод аз «ду ҳизб», ду тоифа аз асҳоби Каҳф аст, ки пас аз бедорӣ, дар мавриди миқдори замони хобашон бо ҳам ихтилоф карданд.

Ҳоло бо зикри ин нукта, ба сороғи бархе истифтоот меравем. Муҳаммад Амора дар мақолае таҳти унвони «ал-Аҳзоб-ал-сёсияи ҳалол? Ам ҳаром?» мегӯяд: «Уламои эҳёи тафаккури исломӣ дар муқобили истеъмори ғарбӣ дар кишварҳои исломӣ даст ба ташкили ҳизб заданд. Ин амали онҳо, тақлид аз Ғарб набудааст. Ҷамолуддин Афғонӣ дар даҳаи ҳафтоди қарни нуздаҳум, ҳизби миллии озод «ал-Ҳизб-ал-ватани ал-ҳур» ва сипас ҷамъияти Арваталвасқиро ташкил дод. Кавокибӣ дар поёни он қарн, ба унвони муассиси ҷамъияти «амалқури» шинохта шуд.

Муборакпурӣ ташкили ҳизбро ҳаром медонад. Истидлоли ӯ ин аст, ки тафриқа ба ҳеҷ ваҷҳ дар ислом мақбул нест. Ӯ мегӯяд, ки ихтилоф на дар фурӯъ, на дар усул, раҳмат нест ва Худованд моро аз танозӯъ наҳй кардааст.

Муҳаммад Амора сипас ба ради истидлоли фавқ мепардозад ва бо оёт Қуръонӣ ва сираи уламои эҳёи дин, исбот мекунад, ки ҳизб барои ҷомеаи исломӣ, амре зарурӣ аст.

Оятуллоҳ Мунтазирӣ дар посух ба истифтое, ки дар мавриди аҳзоб аз эшон шуда, гуфтаанд, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ҷомеаи исломӣ воҷиб аст ва аҳзоб муқаддимае барои он мебошанд. Ҳақиқатан, ислом ба воқеияти такассури ақоид ва оро дар зоти инсон ва ҷомеаи башарӣ иқрор намудааст ва онро ношӣ аз иродаи Худованд, дар мухтор офаридани инсон ҷиҳати озмоиши ӯ медонад.

«Агар парвардигорат мехост мардумонро дар як масир ва бар як барнома қарор медод ва миллати воҳиде мекард. Аммо Худо мардумонро мухтор офарид ва онон ҳамеша дар ҳама чиз, ҳатто дар гузиниши дин ва усулу ақоиди он мутафовит хоҳанд монд...».

«Агар Худо мехост ҳама шумо мардумонро миллати воҳиде мекард ва бар як равол ва як сиришт меофарид ва аммо чунин накард, то шуморо дар он чи аз шароеъ ба шумо додааст, биёзмояд, пас фурсатро дарёбед ва ба сӯйи некиҳо бишитобед».

Бар ҳамин асос ба озодии ақида пойбанд буда ва пазириши ҳар хел фикру андешаашро дар ихтёри худи инсон қарор додааст. «Иҷбору икроҳ дар рад ё қабули дин нест, чаро ки роҳи ҳидоят ва икмол аз гумроҳӣ ва зулол мушаххас шудааст».

Ҳамчунин, Парвардигори мутаол подошро ба рӯзи қиёмат мавкул кардааст, зеро ки зиндагӣ дар ин дунё имтиҳоне аст, ки бидуни тааддуди оро ва ихтилофи ақоид мумкин нахоҳад буд. Милал ва ақвом ва қабоили мухталиф аз нажодҳои мутафовите мебошанд: «Эй мардум, мо шуморо аз марду зане офаридем ва шуморо миллат миллат ва қабила қабила гардонидем, то ба якдигар шиносоии мутақобил ҳосил кунед, дар ҳақиқат арҷмандтарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост. Бетардид, Худованд доно ва огоҳ аст». Паёмбароне, ки Худованд барои милал ва ақвоми мухталиф фиристодааст, дар ҷузъиёти рисолаташон мутакассиру мутанавveанд, ва ҳар як аз паёмбарон, шариат ва барномае хос барои қавми худ овардаанд. Бинобар он чи зикр шуд, такассур, зарурат ва раҳмат буда ва табиати дин ва сиришти инсон ва муқтазои замон, хостори он буда ва ба сабаби ҳамин гуногунӣ аст, ки зиндагӣ ҳамвора мутанаввеъ ва зебост.

Аз тарафи дигар, ҳеҷ кас наметавонад ин иҷозаро ба худ бидиҳад, ки ҳақиқати мутлақро аз они худ бидонад (ва дигаронро ночор ба пазириши дидгоҳи худ намояд), зеро ки илми мутлақ фақат аз они Худованд буда ва онро аз тариқи ваҳй бар паёмбари худ Муҳаммад (с) фурӯ фиристода ва баъд аз эшон, ҳеҷ фарди дигаре бо он манбаи лоязол иртибот надоштааст. Бинобар ин метавон онро «ҳокимияти динӣ» номид. Паёмбар (с) дар замони ҳаёти худ аз ду гуна ҳокимият бархӯрдор будааст, яке ҳокимияти динӣ, бад-ин маънӣ, ки паёмбар буда ваҳй барояшон нозил мешудааст. Ва дигарӣ «ҳокимият сиёсӣ», бад-он маънӣ, ки ҳоким ва зимомдор будааст.Бинобар ин ҳеҷ кас ин иҷозаро надорад, ки оро ва назариёти худро дар мавриди оёт ва аҳодисе, ки бардошти қатъӣ аз онҳо намешавад, ба унвони ҳукми Худованд қаламдод намояд ва ройи худро ҳақиқати мутлақ бингорад. Зеро ин як иҷтиҳод буда ва бегумон дар ҳавзаи иҷтиҳодот назароти гуногун ва мухталифе матраҳ мебошад ва бахши васееро дар бар мегирад.

Ҳамчунон бо нигоҳе гузаро ба раванди таърихӣ ва бахусус мақотеи ҳассоси муосир, ба равшанӣ метавон аҳамияти ташкилот ва нақши таърихсози онро дар ҳидоят ва ҳифзи

масири саҳеҳи таҳаввулоти иҷтимоъ дарёфт. Ислом муқаррар доштааст, ки маншаи қудрати сиёсӣ ҷомеа, мардум мебошанд ва онҳо ҳастанд, ки қудратро ба иддае эътоъ кардаанд.


## АДАБИЁТ

1. Қуръони карим.
2. Ал-мунҷад.
3. Бодомчиён. Он чи дар бораи ҳизб ва ташаккул бояд бидонем. – Теҳрон: Андешаи ноб, 1388.
4. Фарҳанги Қуръон.
5. Фарҳанги Амид.
6. Рашиди Беҳрӯз. Аҳзоби сиёсӣ ва ҳамбастагии миллӣ // Маҷлис ва пажӯҳиш. – 1387.
7. Абдурраҳмон Олам Бунёдҳои илми сиёсат. – Теҳрон: Най, 1373.
8. Ҳодӣ Алӣ. Сохтори сиёсии ислом ва тааддуди аҳзоб. – Теҳрон: Эҳсон, 1380. – С. 46.
9. Шайх Муҳаммад Икромуддини Бадахшонӣ. Тафсир аз ҳаралбаён. – Лоҳур, 1394.
10. Муҳаммад Аморӣ. Ал-аҳзоб ал-сёсияи ҳалол? Ам ҳаром? //Маҷаллаи «ал-Ҳаёт». 19 июл, 1997.



## ДИДГОҲИ УЛАМОИ ИСЛОМӢ ПЕРОМУНИ АҲЗОБ

Дар ин пажӯҳиш нишон дода шуд, ки ислом барномае фарогир ва дарбаргирандаи тамоми ҷавониби зиндагии инсон аст ва тағйироти замон ва маконро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад ва аз сифати ҷовидонагӣ бархӯрдор аст. Дини ислом дар бархе аз мaворид, бахусус дар мавриди қазоёи марбут ба системаи сиёсӣ, гарчи ба баёни усул ва мақосиди куллии онҳо иктифо кардааст, аммо ҷузъиёт ва равишҳои татбиқӣ ва амалӣ сохтани онҳоро, ки таҳаввулпазиранд, ба ақл ва андешаи инсонҳо вогузор намудааст, то инсонҳо бо истифода аз дониш ва огоҳӣ ва таҷрибиёти худ ва бо дарназардошти шароити замон ва макон роҳҳои амалӣ сохтани он усулро биёбанд ва барои он барномарезӣ намоянд. Ҳизб аз манзари ислом бо ҳизб дар Ғарб тафовутҳои бунёдини зиёде дорад. Дар ислом ҳизб арзиш ва ҳадафи ғоёӣ ва ниҳоӣ нест, балки абзоре барои таҳаққуқи ҳадафи аслӣ аз ҳукумат аст, ки ҳамон расидан ба саодати дунявӣ ва ухравӣ аст.

**Калидвожаҳо:**ислом, зиндагии инсон, дини ислом, таҳаввул, шароити замон, тавофути бунёдӣ, саодати дунявӣ.



## ВЗГЛЯДЫ МУСУЛЬМАНСКОГО ДУХОВЕНСТВА ОТНОСИТЕЛЬНО ПАРТИЙ

В наши дни ни одна религия не привлекает к себе столько внимания, как ислам, которая как одна из мировых религий играет играет очень важную роль в общественно-политической жизни общества. Важность ее роли также особенно проявляется в традиционном мусульманском обществе. Место и роль ислама имеет специфические отличительные черты. Ислам является довольно молодо» религией, которая возникла значительно позже других религий и, в отличие от них, не исчерпала своих возможностей.Современный ислам является второй по численности последователей мировой религией. Мусульманское духовенство за длительный период своего существования представляло значительную силу. В данной статье автор рассматривает взгляды исламского духовенства относительно партий, а также пути построения отношений между светской властью и исламом, который является залогом мира и стабильности в современном обществе.

**Ключевые слова:** ислам, человечечкая жизнь, исламская религия, эволюция, фундаментальные различия, мирское блаженство.



## VIEWS OF THE MUSLIM SPIRITUALITY CONCERNING THE PARTY

Nowadays, no religion attracts as much attention as Islam, which, as one of the world religions, plays a very important role in the social and political life of society. The importance of its role is also particularly evident in traditional Muslim society. The place and role of Islam has specific distinctive features. Islam is a rather young religion, which arose much later than other religions and, unlike them, did not exhaust its possibilities. Modern Islam is the second largest follower of world religion. The Muslim clergy for a long period of its existence represented a significant force. In this article, the author examines the views of the Islamic clergy regarding the parties, as well as ways of building relations between the secular authorities and Islam, which is the key to peace and stability in modern society.

**Key words:** Islam, human life, Islamic religion, evolution, fundamental differences, worldly bliss.



**Сведения об авторе:** ***Самеъуллох Донишёр*** **–** Таджикский национальный университет, соискатель, преподаватель Университета Салом – Кундуз, Афганистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, пр.Рудаки 17. Телефон: **93-30-38-100**

**Information about the author:** ***Sameshulloh Donishyor*** **-** Tajik National University, applicant, teacher of the University of Salom - Kunduz, Afghanistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Ave. 17.
Phone: **93-30-38-100**

УДК:930.85:94 (575.3)

# ОЗОДИИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ

*Отифӣ Муҳаммадхон*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар забони арабӣ аз озодӣ ба "ҳурр" таъбир шудааст. Ва соҳиби "Муъҷам-ал-васит" аз калимаи "ҳурр" чунин таъбир намудааст: "Озод, яъне пок аз ҳар навъ ғалу ғаш". Ба ҳамин асос гуфта мешавад, тиллои ҳурр (холис), ки дар он мис (навъи зарди мис) наомехта бошад. Ва аспи ҳурр, ки аслаш холис буда ва тарафайни насабаш бо ҳайвоноти дигар омезиш наёфта бошад. Инсон, ки аз бардагӣ раҳо шуда бошад. Ва саховатманд, ки дасти боз дошта бошад, ки ҷамъи он аҳрор меояд. Ва зани озодро "ҳурра" мегӯянд ва ҷамъи он "ҳароир" аст. Ва аз ашёву матоъ беҳтарини онро ҳурр гуфтаанд. Ва аз қавлу феъли инсон зеботаринашро ҳурр гуфтаанд. "Ҳаза мин ҳур ал-калом, ва ма ҳаза минка биҳурин", ин гуфта аз зеботарини гуфтаҳост ва ин шахс аз шумо зеботар нест [1, с.165].

Мафҳуми "озодӣ" аз ҷумлаи мафоҳимест, ки дар ибтидо бадеҳӣ ба назар мерасад, аммо бо каме мутолиаву тааммул дар бораи он ба даст меояд, ки чандон равшану дақиқ нест. Андешмандони ғарбӣ то кунун дар бораи мафҳуми озодӣ беш аз дусад таъриф ироа намудаанд [2].

Дар Луғатномаи Деҳхудо озодиро чунин таъбир кардаанд: озодӣ, итқ, ҳуррият, ихтиёр, хилофи бандагию асорату иҷбор; қудрати амалу тарки амал; қудрати интихоб [3].

*Таърифи озодӣ дар ислом*: Озодӣ ҳадяи илоҳӣ барои инсон аст, ки тавассути он ба даст овардани ҳуқуқ ва адои масъулияташ бидуни зулму таҷовуз алайҳи вай тасарруф метавонад [4].

**Инсон:** Инсони хирадманд (номи илмӣ: Homo sapiens) мавҷудоти иҷтимоист ва наметавонад танҳо зиндагӣ кунад. Ҳамаи инсонҳо ба ҳам ниёз доранд ва дар корҳо ба якдигар кумак мекунанд [5]. Инсон дар ҷаҳонбинии исломӣ достоне шигифт дорад. Ин мавҷуд аз назари Қуръон жарфтару амиқтар аз ин аст, ки битавон онро бо ин чанд калима таъриф кард. Қуръони карим инсонро мадҳҳову ситоишҳо карда ва ҳам мазамматҳову накӯҳишҳо кардааст. Олитарин мадҳҳову бузургтарин мазамматҳои Қуръон дар бораи инсон аст.

Ислом барномаи комилу ахирин паёми илоҳию таъминкунандаи ҳадафи ҳаёти инсонӣ мебошад, ки шомили ақл, маърифату истиқлоли фикрӣ аст. Ва ҳар инсонеро ба вазоифу мақому шахсияти худаш огоҳ менамояд. Дар сояи он ҳар шахсе саодати худро меёбад ва ҳеҷ зӯргӯю султоне бар ӯ ҳақ надорад, илло султони Ҳақ. Ва ислом ба инсон ақлу маърифатеро арзонӣ менамояд, ки қудрати Худовандро дар хилқати коиноту ҳикматашро дар табиат бишиносад.

**Завобит:** Дар "Муъҷам-ал-васит" завобитро чунин шарҳ додаанд: "Забташ намуд ба шакле дуруст ва дар мунтаҳои тавон ва онро маҳкам намуд ва ба шеваи хеле одӣ анҷомаш дод. Ва ҳамчунон барои касе, ки идораи кишварро ба шакли дурусти он анҷом диҳад, гуфта мешавад, ки кишварро ба тавре идора кард, ки дар он ҳеҷ халале ҳам нест. Ва завобит ҳамон муқарраротеро гӯянд, ки тавассути он тасаррруфот, ҳудуду марзҳои инсон таъйин гардида ва ҳар кас ҳадди марзи хешро шинохта ва аз ҳарими худ дифоъ мекунад.

**Озодӣ чист?** Таърифи озодӣ ва кашфи маънои дақиқи он аз як сӯ осон ва аз сӯйи дигар душвор ба назар мерасад. Таърифнопазирии озодӣ ва ошуфтагӣ дар мафҳуми он, натоиҷи гуногун ба мафҳуми озодӣ ва гоҳ нодурустандешӣ ва корбурди нодуруст ба он додааст, чи файласуфону ҳуқуқдонон, орифону сиёсатмадорон, моддагароён, иқтисоддонону равоншиносон ва олимони ахлоқ, ҳама ба шакле аз ашкол бо он сару кор доранд ва ба он меандешанд ваногузиранд онро пос доранд.

**Озодӣ аз дидгоҳи ислом.** Ислом, бузургтарин парчамдори озодӣ аст, ки қабл аз чаҳордаҳ карн гавҳари озодиро барои ҷомеаи башарӣ ба армуғон овард. Бузургтарин шиори ислом, ки он "Ло илоҳа иллаллоҳ" аст, барои озодии инсон ва раҳоии ӯ аз ҳар навъ бандагию куниш дар муқобили ҳар фарде ҷуз Худованд сар додааст. Ислом аҳли китобро даъват мекунад: "Бигӯ эй аҳли китоб, ба сӯйи калимае, ки миёни мову шумо яксон аст биёед то ғайри Худоро напарастем ва чизеро барои ӯ шарик қарор надиҳем. Ва баъзе аз мо баъзе дигарро ба ҷуз Худо арбоб нагирад"[6].

Яке аз аҳдофи паёмбарони илоҳӣ озодии инсонҳо аз қайду бандҳое аст, ки тавассути худоёни дурӯғин бар дасту пойи башарият баста шудаанд. Онон мабъус шудаанд, то бори сангину занҷирҳоеро, ки ба он баста шудаанд, аз онон бармедорад (Сураи "Аъроф", ояти

157). Озодии инсонӣ як усул аст, ки дар тамоми китобҳои осмонӣ, бахусус Қуръони карим ба он ишора шудааст: "Онҳо донишмандону роҳибони худ ва ҳамчунин Ҳазрати Масеҳро Раббу ихтиёрдори худ дар баробари Худо қарор додаанд, дар ҳоле ки ҷуз ба ибодати Худои воҳиде, ки худое ҷуз ӯ нест, фармон дода нашудаанд. Поку муназзаҳ аст аз он чи шарики вай қарор медиҳанд" (Сураи "Тавба", ояти 31). Ислом озодиро ниёзи асосӣ ва аз шартҳои тараққию камоли инсонҳо медонад ва тафсири дуруст аз онро ҳоҷизи ҳуқуқ ва тазминкунандаи рушду саломатии башар ва кароматии инсонӣ медонад. Ислом бар асоси таърифе, ки аз озодӣ ироа медиҳад, ду навъи маҳдудият – дарунию берунӣ барои озодӣ қарор додааст. Маҳдудияти дарунӣ аз виҷдони ахлоқии инсони мусулмон бархостааст. Ва маҳдудияти берунӣ ба ҳарими масоили шаръӣ марбут мешавад.

**Зербинои озодӣ дар ислом.** Озодӣ дар ислом бар мабнои тавҳиду имон устувор аст. Бар ин асос инсонро аз қайди бандагӣ раҳоӣ мебахшад. Ва озодӣ дар тамаддуни ислом ба маънои инкори маҳдудиятҳост, аммо ин ки доманаи ин маҳдудиятҳо чист ва оё дин низ ҷузъе аз он шумурда мешавад ё не, ихтилоф вуҷуд дорад. Шояд решаи ин тафовутро дар тасаввури ғарбӣ, ки озодиро ба "набудани монеъ" таъриф кардааст, дарёфт.

Аз таъкидоти фаровони қуръонӣ бар нафйи тоғуту зӯрмандон ва ҳам аз сирраву суннати Паёмбари акрам (с) ва соир анбиёи илоҳӣ метавон пай бурд, ки адёни илоҳӣ дар канори озодӣ аз бандагии нафс, ба озодӣ аз ситамгарию ҳокимияти арзишҳои ботил дар ҷомеа низ таваҷҷуҳи махсусе доштаанд. Ва ин ҳардуро муқаддимае барои "такомули ҳамаҷонибаи инсон" медонистаанд. Таваҷҷуҳ ба ин ки "нафси дин овардан" ва "мусулмон шудан" амри комилан озодонаву мухторона аст, ки ояти "Ло икроҳа фи дин" (Сураи Бақара, ояти 256). бар ин амр далолат мекунад ва ин озодӣ мунофоте бо убудият надорад. "Абд" ба касе гуфта мешавад, ки мухторона ва бо озодӣ дар интихоби худ бандаи дигаре мешавад. Ва ба таъбири дигар "убудияти ғайр"-ро озодона пазируфта ва озодона аз хеш салби озодӣ мекунад. Дар муқобили он барда (касе, ки билиҷбор ба бандагӣ кашида шуда бошад) қарор дорад, ки бо "банда" ё "абд" тафовути ҷиддӣ дорад.

**Аҳаммияти озодӣ дар чист?** Аз дидгоҳи ислом, Аллоҳи мутаол инсонро бо ғаризаҳои гуногун офаридааст, ки озодӣ аз он ҷумла аст. Ва инсон ҳамвора дар ҷустуҷӯи озодӣ дар пайи гусастани қайду бандҳо аст. Ва ба ҳамин хотир дар мавриди озодии инсон гуфта шудааст: асл дар мардум озодӣ аст, то бардагии он тасбит шавад. Озодӣ яке аз бузургтарин ва олитарин арзишҳои инсонӣ аст. Озодӣ аз ҳуқуқи инсонию муқаддасоти башарист. Озодӣ дар ҷомеаи башарӣ чунон арзишманду волост, ки мухолифони озод, муборизаи худро бо унвони дифоъ аз озодӣ оғоз мекунанд.

Инсон кист? Вазифа ва масъулияташ дар ҷаҳон чист? Ва нақши ӯ дар ин коиноти паҳновар чӣ хоҳад буд? Чӣ тавонмандиҳоеро дорад? Ҳудуди ин тавонмандиҳо кадом аст ва аз чӣ манобеъ барои пешрафти худу ҳамнавъони худ истифода мекунад? Оё ҳама талошҳои вай марбут ба ҳамин ҷаҳони моддӣ аст ва ё кадом мақсаду ҳадафи дигаре ҳам дорад? Оғозу ниҳояти онро башарият чӣ гуна пиндоштаанд? Ва бо ин коинот чӣ робита дорад (дӯстӣ ё душманӣ, парастиш, эҳтиёҷ ё бениёзӣ)? Оё дилбастагии инсон ба ин ҷаҳон фитрӣ аст ё хирадӣ? Ҳама ин пурсишҳову ҳазорон пурсишҳои дигар дар наҳваи таомул бо инсон ва таомули инсон бо ҷаҳон то ҳол ин мавҷуди малмусро ношинохта нигоҳ доштааст.

Дар Қуръони карим инсон мавҷудест хокӣ, ки Худованд ӯро аз хок офарида, дар ӯ рӯҳ дамидааст. Аз сӯе хилофати инсон, кароматии ӯ ва фазилаташ бар бисёре аз мавҷудотро мушоҳида мекунем ва аз ҷиҳати дигар ҳирс, носипосӣ, заъфу нодонӣ дар ӯ ҷилва мекунанд. Инсонро буде ҳасту намуде, зотеву сифоте, аз ду истеъдод ва ду фаъолият бархӯрдор аст; камолу завол. Ва аз он ҷо ки мавҷуди мухтору соҳибирода аст, тавони анҷоми хайру иртикоби шарро дорад. Инсон аз назари ислом мавриди такрим аст, Инсон кароматии зотӣ дорад чун:

1. Аллоҳи мутаол ба инсонҳо каромат дода ва онҳоро ба маркаби барру баҳр савор карда ва аз ҳар ғизои покиза рӯзияшон сохтааст. Ва ононро бар бисёре аз махлуқоти худ бартарӣ бахшидааст (сураи "Асроъ", ояти 70).
2. Ва аз рӯҳи худ бар инсон дамидааст (сураи "Сод", ояти 72).
3. Худу малоикаш бар инсонҳо дуруд фиристода ва ононро аз торикӣ ба нур ҳидоят кардааст (сураи "Аҳзоб", ояти 43).
4. Неъматҳои замин ҳама барои ӯ офарида шудаанд (сураи "Бақара", 29).
5. Ҳар он чи дар осмонҳову замин қарор дорад, дар тасхири инсон аст (сураи "Луқмон", ояти 20).
6. Масҷуди малоика аст (сураи "Бақара", 34).

7. Амонатдори Худо дар замин аст (сураи “Аҳзоб”, ояти 72).
8. Халифаи Худо дар замин аст (сураи “Инъом”, ояти 165).
9. Дар қабули дин барояш иҷбор вуҷуд надорад, (зеро) роҳи рост аз роҳи инҳирофӣ равшан шудааст (сураи “Бақара”, ояти 256).
10. Ҳақ аз сӯйи Парвардигор барояш нозил шудааст; ҳар кас мехоҳад имон биоварад ва ҳар кас бихоҳад кофир гардад! (сураи “Каҳф”, ояти 29).
11. Худованд роҳро барои инсон нишон додааст, хоҳ шокир бошад (ва пазиро гардад) ё носипос (сураи “Инсон”, ояти 3).
12. Ва дар дин (ислом) вазифаву масъулияти сангину сахте барои инсон қарор надодааст (сураи “Ҳаҷ”, ояти 78).
13. Паёмбарон низ ҷуз (ба унвони) башоратдиҳанда ва бимдиҳанда барои инсонҳо, нестанд (сураи “Инъом”, ояти 48).
14. Паёмбарон нигаҳбони инсонҳо (ва маъмури иҷборашон) нестанд; вазифаи онон иблоғи рисолату тазаккур аст (сураи “Ғошия”, ояти 21-22).
15. Ва Расулаллоҳ (с) омадааст, то борҳои сангину занҷирҳои таҳмилшуда бар дӯшу гардани инсонҳоро бардорад (сураи “Аъроф”, ояти 157).
16. Парастиши ғайри Худо ва низоми арбоб-раъиятиро барои инсонҳо мамнуъ кардааст (сураи “Оли Имрон”, 64).

**Шинохти ислом**

**Таърифи ислом:** Ислом бо ақоиди нобу ибодати дақиқ ва бо тарҳҳои ниҳоят олӣ ва достонҳои қуръонӣ, ба отифаҳои хушкшуда, ҳаёти тозае бахшида ва бедориро ба дилҳои хобидаву беҳаракат дода ва муҳаррики ангезаҳои мусбат дар инсон шуда, то ин ки барои иртиботи шоиста ва муоширати исломӣ омода бошад. Ва аз тарафи дигар, ҳофизи каромату шахсияти ҳар фард аст. Таҷовуз ба номуси ҳеҷ фардеро ҷоиз намедонад, моли мардумро ба ноҳақ намехӯрад.

Марҳум Саид Собиқ дар китоби “Исломи мо” аз ин низоми комили ҷаҳонӣ чунин таъбир намудааст: “Ислом хоҳони он аст, ки мардум поктарину беҳтарин шеваи зиндагиро дар рӯйи замин дошта бошанд. Зиндагӣ, ки ширку бутпарастӣ дар он набошад ва дар он ибодатро танҳо барои қасди ризои Худо анҷом диҳанд. Зиндагӣ бидуни зулму ситам ва бидуни истибдод, ки дар он адолату озодию бародарӣ риоят шавад. Зиндагӣ дур аз ҷаҳлу бесаводӣ, дорои илму маърифату ҳикмат. Зиндагии орӣ аз гуноҳу ҷадал ва саросар таҳорату покию покдоманӣ. Зиндагии бидуни ҳасодату кинаву буғз ва пур аз муҳаббату ҳамкорию ҳамбастагӣ. Ҳаёте бидуни исроф, дорои бахшишу караму исор. Мақсуди ислом покии фард, ҳамкории ҷамъӣ ва таъсиси ҳукумате, ки асоси он шӯро ва ҳадафи ниҳоии он муҳофизати дину сиёсати дунёст, мебошад” [7].

Доктор Аҳмад Райсунӣ дар китоби “Андешаи исломӣ: мабоҳиси сиёсии модерн”, дар мавриди ислому андешаи исломӣ мегӯяд: “Ҳадаф аз ислом: аҳком, мақсадҳо, қавоиду далолати сареҳу равшане аст, ки бар он нусуси Қуръон ва суннати саҳеҳ далолат кунад. Дар пешопеши он метавон аз иҷмои уламо ва масоили мавриди иттифоқи мазоҳиби исломӣ ном бурд, ки бо гузашти солиёни дарозе миёни онҳо маъмулу мутадовил будааст[8].

Ислом барномаи илоҳӣ барои башар аст ва муаррифӣ намудани аркони он ҳам бояд ба шакле бошад, ки ҳамон густардагӣ ва шумули барномаро ифода намояд. Доктор Абдулкарими Зидон дар китоби “Усули даъват” аз ҳадиси машҳури Ҷабраил аркони исломро чунин тавзеҳ додааст: “Дар ҳадисе, ки ба “Ҳадиси Ҷабраил” шинохта шудааст Расулаллоҳ (с) дар ҷавоби Ҷабарил (а) мефармояд: Ислом он аст, ки шаҳодатдиҳӣ бар ин ки ҳеҷ маъбуди барҳаққе ҷуз Аллоҳи воҳид нест ва Муҳаммад (с) фиристодаи ӯст. Ва намозро барпо дорӣ ва закотро бипардозӣ ва моҳи Рамазонро рӯза бигирӣ ва агар тавоноии имконоти рафтан ба Ҳаҷро доштӣ, ҳаҷи байти Аллоҳро анҷом диҳӣ” [10]. Мутобиқи ҳадди зикршуда аркони ислом аз се амри асосӣ ташкил мeёбад: 1) Шаҳодати “Ло илоҳа илаллоҳ”; 2) шаҳодат ба Расул будани Муҳаммад (с); 3) аъмоли солиҳа, ки дар раъси он намоз, закот, рӯза ва ҳаҷ қарор дорад.

**Ҳудуду завобити озодӣ дар ислом:** Ҳудуду завобит барои озодии инсонӣ ба таври ом, ки дар ҳамаи ҳолот ва барои ҳамаи мардум яксон зарур аст, монанди баробарӣ дар додугирифт, адолату бетарафӣ дар муқобили қонун, ҳифзи каромати инсонӣ ва шахсияти зотии ҳар фард ва мулкияти шахсӣ, дахолат накардан ба ҳарими шахсӣ, бидуни дарназардошти дин, ҷинс, қавму муҳит. Ва бархе аз завобит, ки бо ҳар минтақа ва ҳар фард гоҳе таомули ҷудогона сурат мегирад аз мусаламоти иҷтимоии инсонӣ мебошад, ки ислом аз ҳама дар ин мавриди пештоз будааст. Аммо бархе масоили ҳасос ҳам дар ҳавзаи ислом вуҷуд доранд, ки хадишадор сохтани он миллатро ба нобудию ҳараҷу мараҷ таҳдид

мекунад, монанди: ба диди кам дидан ба дин, дашном ба Холиқи мутаол, ё шакандозӣ дар вуҷуди Аллоҳи мутаол, дашном додан ба анбиё (а), истихфоф ба Қуръони карим ва монанди ин матолиб, ки дар ҳавзаи ислом хатҳои сурх дониста мешаванд, дар майдони озодии баёну ақида мавриди баҳс қарор намегиранд. Аммо ба таври ом ислом бидуни озодӣ ва озодӣ бидуни ислом мумкин нест, ки ба башар фоида кунад ва аз он ба як дини зинда таъбир шавад. Ба ҳамин хотир ислом барои талошҳои башарӣ завобитро гузошта, то кароматии фарду ҳайсияти ҷомеаро маҳфуз нигаҳ дорад. Аз ҷумлаи завобити озодӣ дар ислом метавони инҳоро ном бурд:

- Мамнуияти тавҳин ба муқаддасот. Яке аз матолибе, ки дар мақоми баёни ақидаву фикр бояд риоят гардад, худдорӣ аз тавҳин ба муқаддасоти исломӣ аст. Қуръон мусулмононро аз иҳонат ба муқаддасоти дигарон бар ҳазар дошта ва мефармояд: касоне, ки даъват ба ғайри Худованд мекунанд (куфор) дашном надиҳед; зеро онҳо низ ҳамин корро бо Худои шумо низ хоҳанд кард (сураи "Инъом", ояти 108).
- Мамнуияти таҷовуз ба афрод. Бояд дар қаламу баён, обрӯи инсонҳо ҳифз гардад ва озодии баёнро василае барои таҷовуз ба шахсиятҳои муҳтараму бадгӯӣ аз якдигар қарор надиҳанд. Аллоҳи мутаол дар сураи "Ҳуҷарот" мефармояд: "Эй касоне, ки имон овардаед набояд қавме қавми дигарро ришханд кунад, шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд. Ва набояд заноне занони (дигарро) ришханд кунанд, шояд онҳо аз инҳо беҳтар бошанд. Ва аз якдигар айб магиред ва ба ҳамдигар лақабҳои зишт мадиҳед, чӣ нописандида аст номи зишт пас аз имон ва ҳар кӣ тавба накард, онон худ ситамкоранд. Ва эй касоне, ки имон овардаед аз бисёрии аз гумонҳо бипарҳезед, ки порае аз гумонҳо гуноҳ аст. Ва ҷосусӣ макунед ва баъзе аз шумо ғайбати баъзе накунад. Оё касе аз шумо дӯст дорад, ки гӯшти бародари мурдаашро бихӯрад аз он кароҳат доред (пас) аз Худо битарсед, Худо тавбапазири меҳрубон аст (сураи "Ҳуҷарот", ояти 11-12).
- Мамнуияти ифшои асрор ва шоеъапароканӣ. Ҳар низоме дорои асроре ҳаст, ки бар пинҳон мондани он аз диди номаҳрамону ноаҳлон мекӯшад. Ва он кас, ки мубодират ба ифшову кашфи он намояд, хоин маҳсуб мешавад ва озодии баён аз вай салб карда мешавад. Низоми исломӣ низ, аз ин барнома ҷудо набуда ва дорои асроре мебошад, ки ҳеҷ кас озод нест ба нашру ифшои он бипардозад. Қуръони карим аз пахши иттилооти амниятии мусулмонон сареҳан наҳй намуда, онро хиёнат медонад. Ҳамчунин, Қуръони карим мардумонеро, ки ахбору иттилоотро бидуни таҳқиқу баррасӣ дар ҷомеа мунташир сохта ва эътимоди умумиро мутазалзил месозанд, накӯҳиш карда ва хостори ирҷои шоеот ва ахбор ба соҳибназарону огоҳон гардидааст: Ҳангоме ки хабаре аз пирӯзию шикаст ба онҳо бирасад, бидуни таҳқиқ онро шоеъ месозанд. Ва агар онро ба паёмбару пешвоён ирҷоъ диҳанд, аз решаҳои масоил огоҳ хоҳанд шуд (сураи "Нисо", ояти 83). Обрӯву ҳайсияти низоми исломӣ низ аз масоиле мебошад, ки бояд аз тааррузи душманон маҳфуз монад. Дар таҷовуз ба ҳайсияти низом, ки дар мавориде ба таҷовуз ба ҳурмати ислом бармегардад, ҳеҷ кас озод нест.
- Мамнуияти тавтеа. Аз маҳдудиятҳои дигари озодии баён ва дигар озодиҳо ва ҳуқуқи сиёсию иҷтимоӣ, он аст ки ҳеҷ шаҳрванде дар зери ливои нашр, таблиғи афкор, мактабу ҳизб ғаразҳои сиёсии фосидро дунбол накунад ва ҳавои барандозиро дар сар напарваронад. Вагарна низоми исломӣ иҷозат хоҳад дошт, ки аз назару озодии баёни ин гуна афрод пешгирӣ кунад. Моҷарои тахрибии "Масҷиди зирор" ва сӯзондани он тавассути Паёмбар (с), бар ин мубтанӣ буд, ки гурӯҳе, бо аҳдофи тавтеагарона қасд доштанд аз масҷид камингоҳе барои куфору нуқтаи нуфузе барои бегонагон фароҳам оваранд.
- Мамнуияти сарпечӣ аз муқаррароту тааҳҳудот. Аз завобиту ҳудуди дигари озодиҳои сиёсию озодии баён, сарнапечидан аз муқаррароти ҷомеаи исломӣ ва қарордодҳои низоми исломӣ барои ғайримусулмонон аст. Низоми исломӣ бояд дар муқобили тааҳудот, ҷон, молу озодии баён ва мазҳабро барои ақалиятҳо ҳифз кунад. Ва онон низ мулзам ба анҷоми вазоифу тааҳҳудоти худ ҳастанд ва дар сурати вафо ба паймон, ҳаққи озодии баён, таблиғи мазҳабу интишори китобро доранд, вагарна ҳукумати исломӣ ҳақ дорад аз додани озодӣ ба онон худдорӣ кунад. Бисёре аз ин шароит, собиту доимӣ аст, ки ҳамеша бояд риоя гардад. Дини ислом асли озодии баёнро ба расмият мешиносад. Аз дидгоҳи Қуръони маҷид низ наметавон ҳар ғизои фикриро ба ҷомеа тазриқ кард, зеро пайомадҳои шуме дар дунёву охират ба ҳамроҳ дорад. Аллоҳи мутаол дар мавриди инсонҳое, ки ҳар чизро дар мавриди ҷомеа зикр мекунанд, чунин фармудааст: "Касоне ки дӯст доранд, ки зишткориро дар миёни онон, ки имон овардаанд шуюъ пайдо кунад, барои онон дар дунёву охират азобе пурдард хоҳад буд. Ва Худо(ст) ки медонад ва шумо

намедонед (сураи “Нур”, ояти 19). Ояи зикршуда сареҳан далолат дорад бар ин киривоҷи фасоду фаҳшо ба ҳар шакле дар ҷомеа мамнуъ аст.

Хуллас, ҳама макотибу талошҳои динӣ бар ин аст, ки инсон дорои арзишу аҳаммияти хосе аст, ки бояд шахсияташ муҳтарам, ҳуқуқаш маҳфуз ва ояндааш дурахшон бошад. Ва рӯйи бархе аз арзишҳое, ки барои инсон каромат мебахшад, ишора хоҳад шуд.

Ислом: Такрими инсон дар ислом аз ҳидояти илоҳӣ, тасхири осмонҳову замин, амонатдории илоҳӣ, баҳрабардорӣ аз ҳама неъматҳои поку ҳалоли замин, ишбои маъқули ғароиз, озодию озодагӣ, ради низоми бандагӣ, имон, итоати Аллоҳ ва иҷтиноб аз тоғут, илм, тақво, ҷиҳоду амали солеҳ аст.

Арзишҳо аз омилҳои муассир дар нигаришу рафтори инсон ба ҳисоб меоянд. Аз ин рӯ, маъмулан афрод, хонаводаҳо, ниҳодҳои фарҳангию тарбиятӣ ва ҳукуматҳо, арзишҳои дурустро муқаддас медонанд ва барои густариши онҳо талош мекунанд. Дар муқобил, барои решакан намудани арзишҳои козиб мекӯшанд. Ин кӯшиш, пеш аз ҳама, бо низоми таълиму тарбият анҷом мепазирад. Бахусус он ки имрӯз мо дар дунёе аз арзишҳои мутаориз зиндагӣ мекунем; дунёе, ки дар он гурӯҳҳои иҷтимоӣ саъй бар ҳифзу тақвияти арзишҳои худ ва шиносондани онҳо ба дигарон доранд. Ин вазъиятест, ки дар бархе маворид, ҳатто сабаби мунокишаву ҷанг шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба куллиёте, ки дар бораи навъи нигоҳи ислом ба инсон ва чигунагии касби маърифати ӯ баён шуд, арзишҳои аслии мавриди назари ислом иборатанд аз:

1. **Худомеҳварӣ:** Дар ислом, андешаи худомеҳварӣ ҳоким бар ҳамаи бахшҳои зиндагии инсон аст, ба ин маъно ки асолати ҳокимияти мутлақ танҳо хосси Ӯст.
2. **Озодӣ:** дар омӯзаҳои исломӣ ду навъи озодӣ қобили бозшиносӣ аст – озодии иҷтимоӣ ва озодии маънавӣ:

- Озодии иҷтимоӣ – вуҷуди шароите дар иҷтимоъро дар назар дорад, ки ба сабаби он инсон аз қайди асорату бандагии инсонҳои дигар озод бошад. Аллоҳи мутаол мефармояд: “Ва баъзе аз мо баъзеи дигарро ба ҷойи Худо ба худоӣ нагирад” (сураи “Оли Имрон”, ояти 64).
- Озодии маънавӣ инсонро мавҷуде медонад, ки аз ду бахш – моддӣ ва рӯҳонӣ ташкил шудааст. Инсон ҳангоме ба истиқлолу озодии ҳақиқӣ ё маънавӣ даст меёбад, ки фитрати Худогаро ва ҳақиқатҷӯи худро аз қайди моддиёт бираҳонад ва дар масири ҳақиқии хеш қарор диҳад.

3. **Адолат:** яке аз арзишҳои дини ислом, на танҳо дар бахши назарӣ, балки дар майдони амали иҷтимоӣ аст. Дар фарҳанги исломӣ, адл ба ду даста: адли илоҳӣ ва адли инсонӣ тақсим мешавад. Ва ҳар як аз ин шохаҳо худ ба зершохаҳои дигар қобили тақсим аст: адли илоҳӣ аз ду шоха – адли таквинӣ ва ташреӣ ташкил шудааст. Ва адли инсонӣ низ, дар навбати худ, шомили адли фардӣ ва адли иҷтмоӣ мебошад.
4. **Тасоҳулу мадоро.** Ба мафҳуми мусбату исломӣ он маънои комилан ахлоқӣ-арзишӣ дорад. Мадорову тасоҳулро аз абъоди мухталиф метавон тақсимбандӣ намуд. Тасоҳули фикрӣ-ақидатӣ дар мақоми назару андеша, ки нозир бар озодии афрод дар пазириши ҳар навъ фикру андешаи мухолиф аст. Тасоҳули рафторӣ, ки ба тасоҳул дар рафторҳои фардию иҷтимоӣ дар арсаи таомулоти иҷтимоию муносиботи гурӯҳӣ итлоқ мешавад. Таҳаммулу мадоро бо мухолифон ва шунидани ақоиди онон, яке аз рафторҳои Паёмбари ислом (с) буд, ки Қуръон онро таъйид карда ва барои ҷомеа муфид медонад.
5. **Қонунмадорӣ:** дар ислом ҳокиму маҳкум мукалафанд, ки қонуни илоҳиро дар ҷомеаи башарӣ татбиқ намоянд. Ва ҳар кадом ба навбати худ нақш дар фаҳмидану татбиқ кардани он талош намояд. Дар ислом ҳукумати Аллоҳ ё ҳукумати қонуни Аллоҳ бар мардум аст. Ва оммаи мардум заими хешро барои татбиқи низоми илоҳӣ интихоб мекунанд. Ва дар сурати татбиқ ҳамкорӣ намуда ва дар ҳолати тахаллуф азл ё бартарафашон менамоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Ал-Муъҷам-ал-васит. – Қоҳира, 2011. Чопи 5.
2. Маҷаллаи “Қабасот”// Маҷаллаи илмии Донишгоҳи Теҳрон, 1390 ҳ. - № 6. – С. 75.
3. Луғатномаи Деҳхудо. – Теҳрон, 1377.
4. Юсуф Муҳаммад Абусулайм. Мафҳум-ал-ҳурри мин ал-манзур-ул-исломӣ.
5. Википедия, донишномаи озоди электронӣ.
6. Қуръони карим.
7. Саид Собиқ. Исломи мо: нигоҳе нав ба мабонии эътиқодӣ, ибодӣ ва ахлоқии ислом. Тарҷумаи Саид Ҷаъфари Ҳусейнӣ, 1934.
8. Аҳмад Райсунӣ. Андешаи исломӣ ва мабоҳиси сиёсии дунёи модерн. Тарҷумаи Аҳмад Закии Ховарниё. – Кобул, 1935.
9. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ. Саҳеҳи Бухорӣ. Тарҷумаи Абдулаълои Нураҳрорӣ.

10. Абдулкарими Зидон. Усули даъват. Тарҷумаи Муъмин Ҳакимӣ. – 1377.

**ОЗОДИИ ИНСОН АЗ ДИДГОҲИ ИСЛОМ**

Озодӣ аз ҷумлаи арзишҳои муҳиму арзандаи инсоният аст. Инсон замоне ба ҳайсияти инсонии худ пай мебарад, ки аз неъмати озодӣ ба шакли дурусту комили он бархӯрдор бошад. Ҳама мактабҳои башарию илоҳӣ барои башарият муждаи озодӣ дода ва онҳоро аз юғи ситаму султаи дигарон ваъдаи наҷот медиҳанд. Бинобар ин, ҳамин нукта боис шуд, ки бояд рӯйи ҳамин матлаб нукоти чанде ба риштаи таҳрир даровarда шавад, то озодии воқеӣ аз шиор ҷудо шуда ва аз ин неъмати бузург истифодаи дуруст аз лиҳози назариявию амалӣ сурат гирад. Дар ислом, гарчи ҳама инсонҳо ба воситаи асли каромат бо ҳам баробаранд, аммо навъе механизми худназоратӣ ба номи "тақво" (марзшиносию пойбандӣ ба ҳудуду муқарраротт) низ таъриф шуда, ки ба унвони танҳо омили бартарии инсонҳо бар якдигар, тазминкунандаи назорати майлҳову орзуҳо ва дар натиҷа таҳаққуқи адолати воқеӣ дар ҷомеа аст. Дар ислом доираи таомул равшантару васеътар аз мактабҳои дигар аст: худи инсон, махлуқоти дигари Аллоҳи мутаол, ҳатто Аллоҳи мутаолро низ шомил мешавад. Ин ҷост, ки вазифаи тарбияи исломӣ, бисёр печидатару тахассуситар аз мактабҳои дигар аст, аз ин рӯ бояд баён дошт, ки адолат дар ислом аз ҷамеияту рушддиҳандагии бештаре бархӯрдор аст.

**Калидвожаҳо:** озодӣ, инсон, ислому завобит, тақво, қонунмадорӣ, адолат, худомеҳварӣ.

**СВОБОДА ЧЕЛОВЕКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИСЛАМА**

Свобода является одним из важных ценностей человечества. Человек тогда осознает себя, когда сможет использовать блага свободы правильно. Все божественные и земные школы обещают человечеству свободу и освобождение от насилия и угнетения. Поэтому автором сделана попытка рассмотреть данное явление, чтобы отделить истинную свободу от различных лозунгов и использовать свободу правильно и в нужном русле. Для западных религий свобода человека имеет особое значение, потому что она является необходимым условием моральной ответственности. В восточной философии проблема свободы ставится совершенно иначе. Концепция кармы в восточной философии отсылает к результатам морально значимых поступков. Действие, совершенное сегодня, повлияет на то, что случится завтра. ВОднако для того, чтобы всякое действие, совершенное в настоящем, могло порождать карму, должна существовать и определенная степень свободы.

**Ключевые слова:** свобода, человек, ислам и каноны, праведность, правовойсправедливость, боголюбие.

**HUMAN FREEDOM FROM THE POINT OF VIEW OF ISLAM**

Freedom is one of the important values of humanity. A person then realizes himself when he can use the benefits of freedom correctly. All divine and earthly schools promise mankind freedom and freedom from violence and oppression. Therefore, the author made an attempt to consider this phenomenon in order to separate true freedom from various slogans and use freedom correctly and in the right direction. For Western religions, human freedom is of particular importance, because it is a necessary condition for moral responsibility. In Eastern philosophy, the problem of freedom is posed in a completely different way. The concept of karma in Eastern philosophy refers to the results of morally significant acts. Acting today will affect what happens tomorrow. However, in order for any action performed in the present to generate karma, a certain degree of freedom must exist.

**Keywords:** freedom, man, Islam and canons, righteousness, legal justice, love of God.

**Сведения об авторе:** ***Отифи Мухаммадхон*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.-

**Information about the author:** ***Otifi Muhammadhon*** - Tajik National University, Ph.D. student in the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.-

**УДК:94(100)"05…" (575)**

# НАҚШИ РЕНЕССАНС ДАР ТАЪРИХИ АВРУПО ВА ПАЙОМАДҲОИ ОН

***Лайлумо Ғафурӣ***

**Донишгоҳи Балх, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Яке аз роҳҳои дарку фаҳми таҳаввулот дар арсаи низоми иҷтимоӣ ва ба таври мушаххас низоми сиёсӣ, дарки таҳаввулоти мафҳумӣ ва сохтории вақоеи иттифоқия дар гузаргоҳи таърихӣ аст. Чаро ки бидуни он наметавон таҳлили дурусте аз ҳаводиси таърихӣ дошт. Дар ҳамин росто, яке аз ҳаводиси муҳимми Аврупо, ки усул ва асоси суннати қуруни вусторо тағйир дод, ренессанс буд. Ренессанс манзумаи печида ва рӯъбоваре аз таҳаввулоти сиёсӣ, фарҳангӣ ва фикрии қарни понздаҳуми Аврупо буд, ки баъзе муаррихони қарни XX мавҷудияти онро нафй кардаанд ва онро афсона пиндоштанд, ҳол он ки иддаи дигар ҳанӯз ҳам онро зодгоҳи дунёи модерн ба шумор меоваранд [5, 9-8]. Таърихи ҷадиди Аврупо дар вуҷӯҳи аслии худ бо асре оғоз мешавад, ки ба асри ренессанс маъруф шудааст, дар ин аср Аврупо даврони садаи миёнаро пушти сар мекунад ва вориди даврони тозае мешавад, ки таърихи худ ва таърихи дунёи башарро дигаргун мекунад ва дар масири тозае қарор медиҳад, дигаргуниҳои азиме, ки дар арсаи илм, технология, фарҳанг ва ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шоҳиди онем, аз ин давра шурӯъ мегардад [2, 3].

Яке аз масъалаҳое, ки ба татбиқи аслҳои озодии виҷдон, рушди демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсир дорад, ҷудоии ташкилотҳои динӣ: масҷид ва калисо аз давлат мебошад. Ҷудоии калисо аз давлат дар олами масеҳӣ маънии ҷудоии дин аз давлатро дорад. Ҷудоии дин аз давлат ба маънии ҷудоии дин аз халқу кишвар нест ва ҳатто маънии ҷудоии дин аз сиёсатро надорад. Он асосан ба маънии ҷудоии дин аз ҳокимияти давлатӣ, тобеъ набудани сиёсати он ба дин мебошад. Аммо, агар сиёсат ба маънии васеи он фаҳмида шавад, чунин ҷудоии қатъӣ шояд имконпазир набошад, зеро ҳамаи динҳо, хусусан ислом, бо сиёсат робитаи қавӣ доранд. Давлатҳои секулярӣ ҳам дар ҳалли баъзе масъалаҳои дохилӣ ва байналхалқӣ аз дин истифода мекунанд. Секуляризм дар таърих падидаест, ки динро аз тасаллут ба давлату сиёсати он ҷудо ва муҳити озодро барои шаҳрвандон муҳайё намудааст ва ин муҳим аст, ки дар он ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ имконпазир мегардад. Бо вуҷуди ин, набояд озодии виҷдонро танҳо ба ҷудоии дину калисо аз давлат ва секуляризм вобаста донист [6, с.32]. Чун дар олам кишварҳое ҳастанд, ки дар онҳо ҷудоии аслии дин аз давлат нест, вале риояи аслҳои озодии виҷдон дар онҳо вуҷуд доранд, пас фақат сохти давлатдорӣ омили ҳалкунанда намебошад, аммо дар давлатҳои дунявӣ имкони татбиқи аслҳои озодии виҷдон бештар ва мақоми озодии виҷдон дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ муассиртар аст [6].

Ба таври куллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ тақозо мекунад, ки дар радифи дигар озодиҳо озодии виҷдон дар ҷомеа татбиқ карда шавад.Дар чунин ҷомеа тазодҳо коҳиш ёфта,сулҳу созиши миллӣ устувор мегардад [7].

## АДАБИЁТ


1. Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. -1948. – Душанбе, 2016.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ».
4. Фуров В.Г. Буржуазные конституции и свобода совести / В.Г. Фуров. – М., 1993.
5. Савольев В.Н. Свобода совести: история и теория / В.Н. Савольев. – М., 1989.
6. Зуев И.П. Религии, свобода совести и государственно – церковые отношения в Росии / И.П.Зуев, А.Л. Баширов, Е.Н. Балагушкин. – М., 1996.
7. Раҳмонов Э. Созишномаи сулҳ падидаи нодири фарҳанги сулҳофарист / Э. Раҳмонов // Ваҳдат. – 2013. – №23. – 24 декабр.


## ОЗОДИИ ВИҶДОН-РУКНИ МУҲИММИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ


Озодии виҷдон рукни муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, ҷомеаи шаҳрвандиро бидуни татбиқи он наметавон тасаввур кард. Асли озодии виҷдонро озодии эътиқоди динӣ ташкил мекунад. Дар мақола аслҳои озодии эътиқоди динӣ дар асоси санадҳои муҳимми байналхалқӣ, Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, татбиқи онҳо дар ҷумҳурӣ нишон дода шудааст. Мақоми озодии виҷдон дар рушди демократия, сулҳу созиши умумӣ, ҳамкории гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ баён шуда, муносибати давлати дунявӣ ба ин озодиҳо баррасӣ шудааст. Мубрамияти ин масъала дар Тоҷикистон, ки муддате боиси низои байни гурӯҳҳо ва ҳизбҳои сиёсӣ гардида буд, аз нигоҳи илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар айни замон ҳамкории созмонҳои динӣ ва аҳзоби сиёсӣ бо давлат ва кафолати давлати Тоҷикистон ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар ин соҳа баён шуда, татбиқи аслҳои озодии виҷдон дар солҳои ахир, баъди ҷанги шаҳрвандӣ, мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар айни замон хусусиятҳои ҷомеаи Тоҷикистон ва таъсири онҳо ба татбиқи озодии виҷдон нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо**: озодии виҷдон, плюрализм, секуляризм, дунявият, озодии эътиқоди динӣ, муносибатҳои динӣ, дингароӣ, ифротгароӣ, кори хусусӣ будани эътиқоди динӣ, созмону ташкилотҳои динӣ, таҳаммулпазирӣ


## СВОБОДА СОВЕСТИ – ВАЖНЫЙ АСПЕКТ ГРАЖДАНСКОГО ОБЩЕСТВА


В статье анализируется место принципов о свободе совести и их роли в формировании гражданского общества. В ней указывается на связи принципов свободы совести с основными характеристиками гражданского общества как части прав и свободы граждан. Реализация принципов свободы совести показывает уровень развития гражданского общества, наряду с экономическими и образовательными факторами. Основной акцент в статье делается на осуществление принципов свободы совести в Таджикистане, в статье раскрываются те особенности, учет которых необходим для осуществления принципов свободы совести в Республике Таджикистан, описываются основные этапы осуществления этих принципов, анализируется политика светского государства Таджикистана в этой области.



**Ключевые слова:** принципы свободи совести, роль принципов свободы совести в формировании гражданского общества, права и свободы граждан, осуществление принципов свободы совести, политика светского государства, толерантность, религиозная толерантность, исламская религия и светское государство, гражданское общество, диалог.


## FREEDOM OF CONSCIENCE - AN IMPORTANT ASPECT OF CIVIL SOCIETY


The article analyzes and shows the position of the principle of freedom of conscience and their role in the formation of a civil society. It indicates the connection of the principles of freedom of conscience with the main characteristics as part of the rights and freedoms of citizens. The implementation of the principles of freedom of conscience shows the level of development of civil society, along with economic and educational doctors and educational factors. The main focus of the article is on the implementation of the principle of freedom of conscience in Tajikistan. The features reveal which features

are necessary for the implementation of the principles of freedom of conscience in the Republic of Tajikistan, describes the main stages of implementing these principles, analyzes the secular state policy of Tajikistan in this society.
**Keywords**: principles of freedom of conscience, the role of the principle of conscience in the formation of a civil society, the rights and freedoms of citizens, the implementation of the principle of freedom of conscience, the policy of a secular state, religious tolerance, the Islamic religion and a secular state.

**Сведения об авторе:** ***Ахмадов Саид*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры онтологии и теории познания. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Ahmadov Said*** - Tajik National University, Professor of the Department of Ontology and Theory of Knowledge. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

**УДК: 1 (091) (575.3)**

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

***Заҳруддинов И.З.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муҳаққиқи муосири рус Михаил Делягин раванди ҷаҳонишавӣ ё худ глобализатсияро бештар аз нигоҳи ахборотию информатсионӣ ва бо бартарии технологияҳои нав барои ба даст овардани сарчашмаҳои молиявии олам маънидод мекунад. «Глобализатсия - раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи минбаъдаи фазои молиявӣ-иқтисодии ягонаи умумиҷаҳонӣ дар пояи технологияҳои навин, аксаран технологияҳои компютерӣ мебошад» [2, с.37]. Ба андешаи муҳаққиқи амрикоӣ Т. Фридман, ҷаҳонишавӣ - ин наздикшавии фаъоли бозорҳо, миллат-давлатҳо ва технологияҳо мебошад, ки ба одамон, корпоратсияҳо ва давлатҳои миллӣ имконият медиҳад, то ба тамоми нуқтаҳои ҷаҳон зуд, зиёдтар, амиқ ва арзонтар нисбат ба пештара дастрасӣ пайдо кунанд… Глобализатсия маънии паҳнкунии бозори озоди сармоя дар тамоми мамлакатҳоро дорад. Глобализатсия қоидаҳои ба худ хосси иқтисодиро дорад, ки дар зербинои кушода, беназорат ва ғайридавлатии иқтисодиёти миллии давлатҳо асос гирифта, мақсади рақобатнок шудан ва ҷалб кардани сармояи хориҷиро дорад [10, с.10]. Муҳаққиқи дигари рус Зиновев А.А. глобализатсияро идомаи сиёсати агресивии ИМА меҳисобад. «Глобализатсия - ин нақшаи бузург ва тарҳрезишавандаи доимӣ бо ҷузъиётҳояш ва идорашавандаи ҷанги олами ғарбӣ, на танҳо барои ҳукмронии олам, инчунин барои ба даст овардани равандҳои таҳаввулотии инсоният ва идораи онҳо ба манофеи худ мебошад» [1, с.13]. Ба ақидаи ӯ, глобализатсия ин ҷанги рӯйпӯшкардаи ҷомеаи ғарбӣ бо роҳбарии ИМА мебошад, ки ҳадафи ғасби оламро дорад. Ин суханони муҳаққиқи рус аз воқеият дур нестанд ва ба яке аз чеҳраҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар зери пардаи ғарбгароӣ ё Pax Americana зуҳур мешавад, пурра мувофиқ меоянд. Вақтҳои охир кӯшишҳои оламро дар зери назорати худ қарор додани ИМА дар даврони ҳукмронии президенти кунунӣ Доналд Трамп он қадар пинҳонӣ ҳам набуда, кушода низ сурат гирифа истодааст. Агар президентҳои пештараи ИМА мақсадҳои давлатиашонро дар зери ин ё он парда ноаён пиёда месохтанд, президенти ҳозира барои худ онро зарур ҳам наҳисобида ё ба воситаи шабакаи интернетиаш ё бо усули таҳдидомезона онро роҳандозӣ мекунад.

Глобализатсия равандест, ки дар натиҷаи он олам бештар ба ҳам алоқаманд гашта, дар баробари ин, вобастагиаш аз субъектҳои мухталифи он зиёдтар мегардад. Дар раванди глобализатсия мушкилоти умумӣ барои давлатҳои миллӣ бештар мегарданд ва зарурати муттаҳидшавии онҳо барои бартараф кардани мушкилиҳо меафзояд. Албатта, равандҳои глобализатсионӣ дар шаклу усулҳои мухталиф сурат гирифта, ба давлатҳои миллӣ ва истиқлолияти онҳо ба таври мухталиф таъсир мерасонанд [5, с.195-204]. Раванди глобализатсия дар худ таъсироти ҳам мусбат ва ҳам манфиро соҳиб буда, ба ҳар давлат дар шакли ба худ хос таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, вобастагии давлат аз равандҳои олами муосир, рушди иқтисодиёти он, сатҳи фарҳангии аҳолии он, маданияти сиёсӣ дар давлат, ба кадом блокҳо дохил будани давлат, дар кадом минтақа ҷойгир будани он ва ғайра аҳаммияти бузург дорад.

Равандҳои глобализатсия на танҳо ба низоми муқарраршудаи ҷаҳонӣ, инчунин бевосита ба шароитҳои фаъолияти дохилисиёсӣ низ таъсир мерасонанд. Онҳо ҳам ба давлат, ҳам ба ҷомеа ва ҳам ба муносибати байниҳамдигарии он дахолат мекунанд. Ақидаи «дар даврони глобализатсия умри давлати миллӣ ба фарҷом мерасад», аз доираи ҳамон нуқотест, ки пайравони зиёдро дорад. Гузашта аз ин, қайд мешавад, ки имкониятҳои давлати миллӣ босуръат заиф шуда, назорат дар доираи иқтисодӣ аз ниҳодҳои давлатӣ ба ширкатҳои фаромиллӣ (ТНК) ва бонкҳои фаромиллӣ (ТНБ) гузашта, ба пайдошавии

акторҳои нави байналхалқӣ ва байнидавлатӣ бурда мерасонад, ки дар натиҷаи он давлати миллӣ ҳамчун субъекти сиёсат аз байн меравад. Дар раванди глобализатсия қувваҳои истеҳсолкунанда ва воситаҳои ахборотию интернатсионализатсияи он рушд карда, сарҳади давлатҳои миллиро дар назди он нисбат ба пештар (сарҳади давлати миллӣ пурзӯр ва устувор буд) хеле заиф мегардонад. Заифшавии сарҳади давлати миллӣ дар назди равандҳои глобализатсионӣ аз чунин омилҳо вобастагӣ дорад: 1) паҳншавии ахборот ва имкониятҳои бевоситаи муошират одам дар тамоми гӯшаҳои олам босуръат фаъол мегардад; 2) озодии техникӣ аз доираи маҳдуд ба доираи васеъ интиқол меёбад; 3) доираи қабули ахборот (информатсия) якчанд маротиба меафзояд; 4) ахбороти дастрас ва мукаммал оид ба масъалаҳои мухталифи минтақавию байналхалқӣ муҳайё мегардад; 5) технологияҳои компютерӣ ва мошинаҳои нусхабардорӣ дастрасу фаъол мешаванд; 6) сели молиявӣ бидуни мамоният сарҳади давлати миллиро убур мекунад; 7) нақши ширкату фондҳо ва бонкҳои ғайридавлатӣ дар дохили давлатҳои миллӣ пурзӯр мегардад; 8) сатҳи вобастагии давлатҳо то он ҳад меафзояд, ки мушкилоти миллии давлатҳои алоҳида ба мушкилоти тамоми давлатҳо табдил меёбанд; 9) иқтисодиёти дохилии давлат коста гашта, ба дастгирии беруна муҳтоҷ мешавад ва ғ.

Дар баробари ин, раванди глобализатсия маҷмӯи се тавозун (баланс)-ро пешниҳод мекунад.

1. *Тавозуни анъанавии геополитикии давлатҳои миллӣ.* Мувофиқи он дар низоми глобализатсионӣ ИМА дар арсаи байналхалқӣ абарқудрати ягона ва ҳукмрон мебошад ва боқимонда давлатҳо бо ин ё он тарз аз он вобастагӣ доранд. Масалан, ин дар ҳамаи амалҳои иҷрокардаи ИМА намудор мешавад, ба мисли дахолати он дар Афғонистон, Ироқ, Шарқи Наздик ва ғ.

2. *Тавозун байни давлтаҳои миллӣ ва бозорҳои глобалӣ*, ки ба воситаи онҳо миллионҳо сармоягузорон сармояҳои зиёдро дар тамоми ҷаҳон барқвор паҳн карда истодаанд.

3. *Тавозун байни одамон ва давлатҳои миллӣ.* Дар даврони глобализатсия фардҳои алоҳида метавонанд хеле фаъол бошанд. Худи мафҳуми «глобализатсия» ба як олоти боварикунонӣ мубаддал мешавад, ки нисбат ба дигар падидаҳои дохилии сиёсат алтернатива надорад [6, с.122].

Таърихи инсоният тасдиқи он аст, ки ҳама вақт кӯшиши наздикшавии одамон сурат мегирифт, аммо мушаххасан раванди глобализатсия кай шурӯъ шуд ва кадом марҳилаҳоро дар бар гирифтааст на он қадар мушаххас буда, муҳаққиқон давраҳои гуногуни таърихии онро номбар мекунанд [7, с.186-195]. Сарфи назар аз тақсимбандиҳои мухталиф, дар нимаи дуюми асри XX раванди ҷаҳонишавӣ фаъол гашта, тамоми тағйиротҳои назаррас маҳз дар ҳамин марҳала ба вуқӯъ пайвастаанд.

Дар натиҷаи таъсири равандҳои глобализатсионӣ ҷойгоҳи давлати миллӣ ва, пеш аз ҳама, истиқлолияти сиёсии давлати миллӣ зери суол мемонад. Заифшавии истиқлолияти давлати миллиро мо бештар дар мисоли давлатҳои рӯ ба рушд ва давлатҳои кӯчак баръало мушоҳида мекунем. Яке аз сабабҳои асосӣ дар он аст, ки дар солҳои 90-уми қарни XX раванди глобализатсия бештар ҷанбаи иқтисодиро касб карда, онро раванди табиӣ-зарурӣ меҳисобиданд ва ба паҳлуҳои дигари ин раванд камтар диққат медоданд. Маҳз дар ин давра раванди глобализатсия бо номи глобализатсияи неолибералӣ ном баровард. Дар даҳсолаҳои минбаъда муносибати глобализатсияи неолибералӣ даъвогари ягонаи дурусти маънидодкуниҳои равандҳои глобализатсионӣ ва ягона таълимоти дурусту мукаммали инкишоф ҳисоб мешуд. Дар зери мафҳуми глобализатсияи либералӣ ва неолибералӣ раванди ба худ хосси интернатсионализатсияи ҳаёти хоҷагидорӣ, сиёсӣ, фарҳангии одамон фаҳмида мешавад, ки ҳадафи фаъол гардонидани наздикшавии иқтисодиёти давлат ба иқтисодиёти умумиҷаҳониро дорад. Барои расидан ба он аз дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва механизмҳои озоди бозоргонӣ истифода мешуд, ки дар натиҷаи онҳо таъсири фишангҳои дохилии давлатҳо заиф мегардид. Дар ибтидо ин усул дар бештари давлатҳои рушдкардаи ғарбӣ натиҷаи хубро нишон дода, додугирифти мол ва ҳаракати сармоя байни давлатҳо фаъол гашт. Ин амал ба он оварда расонид, ки дар шуури одамон глобализатсия ва интернатсионализатсия бо неолиберализм як чиз дониста мешуд.

Дар ҷаҳони муосир равандҳои глобализатсионӣ аз ҳар ҷиҳат ба давлати миллӣ фишор меоранд. Ба фишори сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳарбӣ ва ғайра на ҳар як давлати миллӣ тоб оварда метавонад. Агар пештар глобализатсияи иқтисодӣ назаррас буд, пас имрӯз глобализатсия дар соҳаҳои дигар низ ба истиқлолияти давлатҳои миллӣ фишор оварда истодааст. Агарчи давлатҳои абарқудрат дар ҷаҳони глобализатсионӣ ҷойгоҳи

худро пайдо карда, устувору бузургтар шуда бошанд ҳам, вале давлатҳои кӯчак ва ё рӯ ба рушд мақоми худро аз даст дода истодаанд. Махсусан ин дар марҳилаи глобализатсияи неолибералӣ мушоҳида мешавад. Дар давраи глобализатсия маҳдуд шудани истиқлолияти давлати миллӣ маънои комилан аз байн рафтани давлатро надошта, маънои аз даст додани қудрати сиёсӣ, фалаҷ шудани идораи дохилии давлат, мустақилона қабул карда натавонистани қарорҳои сиёсию иқтисодӣ ва ғайраро дорад. Аз ин лиҳоз, формулаи Дениэл Белл бамаврид мебошад, ки мувофиқи он давлати миллӣ «… барои мушкилоти бузурги ҳаётӣ хеле кӯчак шуда, барои мушкилотҳои кӯчак хеле бузург мегардад». Давлатҳои миллӣ истиқлолияти худро аз даст дода, дастнигари давлатҳои бузург ё ба қавле «хоҷаҳои хориҷӣ»-и хеш мегарданд ва дастурҳои заруриро аз роҳбарони нави худ мегиранд.

Савол ба миён меояд, ки давлатҳои бузург дар даврони глобализатсия ба давлатҳои миллӣ бо кадом роҳҳо таъсир мерасонанд? Чунин роҳҳо хеле сершумор ва мухталиф мебошанд. Имкониятҳои давлати миллиро падидаҳои фаромиллию глобалӣ, ба монанди ташаккулёбии бозорҳои байналхалқии молиявӣ, интернатсионализатсияи тиҷорат ва сармоя, пайдошавии шабакаҳои глобалии кушодаи ахборотӣ, худмуайянкунии миллатҳои нав, яку якбора фаъолшавии мобилияти аҳолӣ, мушкилоти ба ҳам наздики хислати таҳдиди амниятидошта, мушкилоти глобалии муосир ва ғайра маҳдуд мекунанд. Аввалан, давлатҳое, ки иқтисоди заиф доранд, дар даврони глобализатсия бештар осебпазир мебошанд. Барои рушди иқтисодиёти худ онҳо зарурат ба маблағгузориҳои хориҷӣ пайдо мекунанд ва ба таври классикӣ рӯ ба ширкатҳои фаромиллӣ ё худ ТНК, Бонки Ҷаҳонӣ (ВБ), Фонди байналхалқии Асъор ва амсоли онҳо меоранд. Ин ширкату бонкҳои байналмилалӣ ҳеҷ гоҳ бидуни манофеи худ ба давлатҳо қарз, хусусан қарзҳои бебозгашт намедиҳанд. Агар ба давлатҳои миллӣ қарзҳои бебозгашт диҳанд, пас ин бонку ширкатҳо метавонанд аз низоми идоракунии сиёсии давлат оғоз карда, то низоми иқтисодии онро тағйир диҳанд. Дар сурати додани қарзҳои фоизнок фоизҳои онҳо барои давлатҳои миллӣ бисёр гарон афтида, ҳатто як қисмати давлатҳои миллӣ қудрат надоранд, ки онҳоро баргардонанд. Маҳз чунин давлатҳое, ки қудрати баргардонидани маблағгузориҳои ба истилоҳ чунин ширкату бонкҳои хайриявиро надошта, туъмаи ин «наҳангҳо» мегарданд ва маҷбур мешаванд, ки шарту шароитҳои онҳоро қабул намоянд. Дар ҷаҳон давлатҳои каме вуҷуд доранд, ки бо дастгириҳои Фонди Байналхалқии Асъор ва ё Бонки Ҷаҳонӣ аз бuҳрони молиявӣ ба хубӣ баромада бошанд. Аммо давлатҳое, ки бо кумаки онҳо вазъияти молиявияшон бадтар шуда бошаду истиқлолияташон зери суол монда бошад, кам нестанд. Масалан, аз соли 1965 то соли 1995 Фонди Байналхалқии Асъор ба 89 давлати рӯ ба рушд қарзҳо дода, барои раҳоӣ ёфтан аз буҳрон пешниҳодҳои заруриро тавсия кард. Баъди хатми ин кумакҳо дар соли 1997-ум 48 давлати қарзгирифта дар ҳамон ҳолати пештараи иқтисодию иҷтимоияшон монда, 32 давлати дигар бошад, вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоияшон аз пештара дида бадтар шуд.

Дар соҳаи фарҳанг фондҳо, ба мисли «Ҷомеаи кушода»-и Ҷорҷ Сорос ва ғайра амал мекунанд, ки дар зери пардаи кумаки хайриявии илмию фарҳангӣ мақсадҳои пушидаи худро пиёда месозанд. Ин фондҳои ба истилоҳ «фарҳангӣ» аввал шахсиятҳои босаводи давлатро ба худ мегиранд («дуздии ақлҳо»), баъдан сиёсату идеологияи худро ба воситаи онҳо дар давлатҳо роҳандозӣ мекунанд. Чунин фондҳо дар дохили давлатҳои миллӣ буҳронҳои иқтисодиро ба вуҷуд оварда, барои худ миллионҳою миллиардҳо доллари амрикоӣ кор мекунанду товони онро бошад давлатҳои миллӣ медиҳанд. Бесабаб нест, ки чунин фондҳо дар Федератсияи Россия «агенти хориҷӣ» эълон шудаанду дар Австрия, Венгрия ва монанди он берун карда шуда истодаанд. Чунин фондҳою ширкатҳое, ки дар раванди глобализатсия пинҳонӣ сиёсату мақсадҳои ин ё он абарқудратро роҳандозӣ мекунанд, бисёр буда, аз ҷониби ин ё он давлати бузург маблағгузорӣ, сарпарастӣ ва ҳимоя карда мешаванд, аммо аксари чунин ширкатҳо дар ИМА таъсис ёфтаанд ва ё дастгирӣ меёбанд. Масалан, фонди номбаршудаи «Ҷомеаи кушода»-и Ҷорҷ Сорос дар вақтҳои охир ноороми ҳоро дар Венгрия ташкил карда истодааст ва ё муҳоҷирони аз давлатҳои Осиё ба Аврупо ҳиҷраткардаро маблағгузорӣ мекунад. Савол ба миён меояд, ки аз маблағгузориҳои фонди «Ҷомеаи кушода» ба муҳоҷирон чӣ бадӣ дида мешавад, баръакс ин магар хуб нест? Зоҳиран, агар таҳлили рӯякӣ намоем, характери инсонгароии фонди мазкур намудор мешавад, аммо дар сурати таҳлили дуруст муайян мешавад, ки иллати асосии маблағгузориҳои муҳоҷирон барои вуруд шудан ба давлатҳои аврупоӣ ноором кардани вазъияти дохилии Аврупо буда, муҳтоҷии онҳоро ба бародари бузургашон ИМА зиёдтар гардонида, дувум, фонди мазкур аз ин амали худ даромади

молиявиро ба даст меорад. Агар фонди мазкур он қадар ғамхору гуманист бошад, пас чаро муҳоҷиронеро, ки мехоҳанд ба ИМА вуруд шаванд, дастгирӣ намекунад?!

Дар боло оид ба глобализатсияи неолибералӣ (идомаи ҷаҳонишавии либералии ғарбӣ) сухан гуфтем ва бамаврид аст хотиррасон кунем, ки дар глобализатсияи неолибералӣ ИМА нақши ҳукмронро бозӣ мекунад. Набояд фаромӯш кард, ки ИМА барои пиёда сохтани чунин раванд, аввал дар дохили давлати худ сиёсати протексионизмро роҳ андохта, иқтисодиёти давлаташро аз дохил пурзӯр кард ва баъдан, барои ғасби бозори беруна глобализатсияи либералию неолибералиро амалӣ намуд. Бидуни иқтисодиёти устувори дохилӣ дар ин раванд ҳамаи давлатҳо ба мағлубият рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, давлатҳои кӯчак ё рӯ ба рушд дар марҳалаи глобализатсияи неолибералӣ рӯ ба таназзул меоранд. Масалан, яке аз талаботҳои ин раванд дар аввали солҳои 90-уми асри XX ғайридавлатикунонӣ ё худ приватизатсияи корхонаҳои давлатӣ буд, ки бештари давлатҳо, махсусан давлатҳои собиқ блоки «Шартномаи Варшава» ва давлатҳои собиқ шӯравӣ аз он истифода карда, то ҳол аз натоиҷи манфиаш дур нашудаанд (яке аз принсипҳои асосии «Консенсуси Вашингтон»). Афсӯс Тоҷикистон низ дар аввали солҳои 90-уми асри XX, баъд аз пош хӯрдани ИҶШС ва соҳиб шудан ба истиқлолияти сиёсӣ аз ин усул истифода карда, бисёр корхонаҳои хубро, ки аз собиқ ИҶШС ба он монда буданд, аз даст дод ва то ҳол барои ба мисли онҳо корхона бунёд кардан мушкилӣ мекашад.

Бо чунин усулҳо ва амсоли инҳо давлатҳои абарқудрат дар даврони глобализатсия ба истиқлолияти давлатҳои миллӣ зарба мезананд ва онҳоро дар ҷавоб зарур аст, ки роҳҳои муқобилиятро ҷустуҷӯ карда, истиқлолияти сиёсии худро ҳифз намоянд.

Таҷрибаи афрухтаи мо дар охири қарни XX ва ибтидои қарни XXI нишон медиҳад, ки на ҳамаи моделҳои пешниҳодкардаи давлатҳои ғарбӣ ба мо мувофиқ ҳастанд. Муносибати глобализатсияи неолибералӣ барои шароиту менталитети мо номувофиқ буда, дар сурати истифодаи он истиқлолияти ояндаи давлати соҳибистиқлоли моро зери суол мегузорад. Ва он гурӯҳи ба ном либералҳои мо, ки даъвогари глобализатсияи неолибералӣ ҳастанд на ватанпарастон, балки хоинони Ватан мебошанд ва вазифаи мо гирифтани пеши роҳи онҳо мебошад, то зарари дар солҳои 90-уми қарни гузашта расонидаашонро ба давлат боз такрор накунанд. Дар баробари рушди иқтисодиёт, илм, фарҳанг зарурати тарбияи насли нав дар рӯҳияи ватанпарастӣ бамаврид мебошад. Маҳз ватанпарастони дар рӯҳияи миллӣ тарбиягирифта метавонанд давлатро аз ин гурӯҳи ба ном «либералҳо» ҳифз карда, дурнамои давлатро муайян намоянд. Эълон кардани ҳадафи чоруми стратегии давлат, яъне саноатикунонии Тоҷикистон барои муқобилият кардан ба чунин тамоюлҳо саривақтӣ мебошад, ки дар Паёми Президенти ҶТ чунин баён гашт: «… бо дарназардошти аҳаммияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ пешниҳод менамоям, ки саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми миллӣ эълон карда шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмӯи саноати дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад» [9]. Маҳз чунин иқдомҳо ва дар амал татбиқ кардани онҳо имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқобили таъсирҳои манфии равандҳои глобализатсионии муосир истодагарӣ карда, истиқлолияти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии худро ҳифз намояд ва, барои муайян намудани ҷойгоҳи давлати соҳибистиқлоли миллии худ чун субъекти муносибатҳои байналҳалқӣ талош кунад…

**АДАБИЁТ**


1. Бревдо Т.В. Глобализация мировой экономики. Монография / Т.В. Бревдо, Г.Ю. Волков, О.А. Миронова. - Ростов н/Д.: Феникс, 2008. – 311 с.
2. Делягин М.Г. Драйв человечества. Глобализация и мировой кризис. Монография / М.Г. Делягин. - М.: Вече, 2008. – 528 с.
3. Дергачев В.А. Глобалистика. Учебное пособие / В.А. Дергачев. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – 303 с.
4. Луценко К. Кто победит? Национальное государство в эпоху глобализации / К.Луценко // Свободная мисль. - 2006. -№3. -С. 192-199.
5. Заҳруддинов И.З. Давлати миллӣ дар партави равандҳои ҷаҳонишавии муосир / И.З. Заҳруддинов // Инсон ва озодии ӯ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ. – Душанбе, 2018. -С. 195-204.
6. Заҳруддинов И.З. Моҳият, хусусият ва давраҳои глобализатсия / И.З. Заҳруддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои гуманитарӣ – Душанбе, 2010. -№ 1 (57). -С. 121-125.
7. Заҳруддинов И.З. Таснифи марҳилаҳои асосии ҷаҳонишавӣ / И.З. Заҳруддинов // Инсон ва озодии ӯ дар партави равандҳои ҷаҳонишавӣ. – Душанбе, 2018. -С. 186-195.
8. Мартин Г.-П. Западняя глобализации: атака на процветание и демократию. Монография / Г.-П. Мартин, Х. Шуманн - М.: Альпина, 2001. – 335 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739 (санаи истифодабарӣ: 16.04.2019).
10. Уткин А.И. Глобализация: процесс и осмысление. Монография / А.И. Уткин - М.: Логос, 2001. – 254 с.

## ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ ВА ГЛОБАЛИЗАТСИЯ

Дар мақола назари як зумра муҳаққиқони муосир оид ба раванди глобализатсия оварда шуда, марҳалаҳои глобализатсия дар муайян намудани тавозуни ҷаҳонӣ нишон дода шудаанд. Инчунин, баъзе натиҷаҳои манфии таъсири равандҳои глобализатсионӣ, махсусан глобализатсияи неолибералӣ ба мавҷудияти давлатҳои миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Нишон дода шудааст, ки баъзе ширкатҳою фондҳо ва бонкҳои характери глобалидошта, ба монанди ширкатҳои фаромиллӣ (ТНК), Фонди Байналхалқии асъор, «Ҷомеаи кушода»-и Ҷорҷ Сорос ва амсоли онҳо дар маҳдудкунии истиқлолияти сиёсии давлатҳои миллӣ нақши бевосита доранд. Қайд шудааст, ки худи раванди глобализатсияи неолибералӣ ба бештари давлатҳои миллии рӯ ба рушд, аз он ҷумла ҶТ номувофиқ буда, дар сурати пиёда намудани он истиқлолияти давлатҳои миллӣ зери хатар мемонад. Муносибати глобализатсияи неолибералӣ барои шароиту менталитети давлатҳои шарқӣ, аз он ҷумла барои Ҷумҳурии Тоҷикистон рост намеояд ва дар сурати пиёда намудани он истиқлолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсию ояндаи давлати соҳибистиқлоли моро зери суол мегузорад. Барои Тоҷикистон дар баробари рушди иқтисодиёт, илму фарҳанг тарбия кардани насли нави ватанпарастони дар рӯҳияи миллӣ тарбиягирифта зарур аст, чунки маҳз онҳо метавонанд истиқлолияти давлатро ҳифз карда, дурнамои давлатро муайян намоянд.

**Калидвожаҳо:** глобализатсия, равандҳои глобализатсионӣ, глобализатсияи неолибералӣ, давлати миллӣ, истиқлолияти сиёсӣ, ғайридавлатикунонӣ, рӯҳияи миллӣ, гурӯҳҳои либералӣ, ватанпарастон, Ширкатҳои фаромиллӣ, Бонки Ҷаҳонӣ.

## СУВЕРЕНИТЕТ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА И ГЛОБАЛИЗАЦИЯ

В статье объясняется процесс глобализации, с точки зрения некоторых современных исследователей, рассматриваются глобализационные периоды для определения мирового баланса. А также рассматривается некоторое отрицательное влияние глобализационных процессов, особенно неолиберальной глобализации на существование национальных государств. Показывается влияние некоторых компаний, фондов и банков, таких как транснациональные компании (ТНК), Международный валютный фонд, «Открытое общество» Джорджа Сороса и др., имеющие глобальный характер, и играющие непосредственную роль в ограничении политического суверенитета национальных государств. Подчеркивается, что сам процесс неолиберальной глобализации не подходит для большинства развивающихся национальных государств, в том числе РТ, так как его реализация угрожает суверенитету национальных государств. Подход неолиберальной глобализации не соответствует для среды и менталитета восточных стран, в том числе и Республики Таджикистан, и в случае ее реализации угрожает экономической, социальной, культурной и политической независимости и ставит под вопрос перспективу суверенитета нашего государства. Для Таджикистана, наряду с развитием экономики, науки, культуры, требуется воспитание нового поколения патриотов, воспитанных на основе национальной идентичности, так как именно они смогут сохранить суверенитет государства, и определить его перспективы.

**Ключевые слова**: глобализация, глобализационные процессы, неолиберальная глобализация, национальное государство, политическая независимость, приватизация, национальная идентичность, либеральные группы, патриоты, ТНК, ВБ.

## SOVEREIGNTY OF THE NATIONAL STATE AND GLOBALIZATION

In this article is considered the meaning of the period of globalization from the point of views of modern scientists in the period of globalization, and showed in order to designate the equilibrium of the world. Also some influence of the negative results during the period of globalization, especially during the learning of the neoliberal globalization in existence of the national states. It is pointed, that some of certain companies, funds and banks that are global by nature, like national companies, the international currency funds, “The open society” of Gorge Soros and others during the limitation of the political independence of national states play an important role. It is noted, that during the neoliberal globalization of the most developed national states, for example, for Tajikistan it is not inconsistent, and it will be very dangerous for the independence of the national states. The method of attack of neoliberal globalization fall short of surroundings and customs of eastern country, including The Tajik Republic too, and in case of realization it will threat of our economical, social, cultural and political independence and to make terms prospects of our independent state.It is very important not only pay attention to the economical, cultural and science development but also it is very necessary to bring up teenagers to the national sphere, because only the youth can protect the independence of the state and to designate the states prospects.

**Key words:** globalization, the period of globalization, neoliberal globalization, national state, political independence, national sphere, liberal groups, enthusiast, national companies, world banks.

**Сведения об авторе:** ***Захруддинов Ильёсиддин Зиёваддинович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: **917-17-70-82**. E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

**Information about the author:** ***Zakhruddinov Ilyosiddin Ziyovaddinovich*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: 917-17-70-82.** E-mail: **falsafa-TNU@mail.ru**

УДК: 1/ 13 ( 575.3)

# ФАЛСАФАИ ВАТАНДӮСТӢ

*Сафарова С.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ватан азизтарин ва ноёбтарин неъмату сарвати бебаҳост, ки онро ба ҳеҷ чизе наметавон иваз кард. Аз ин ҷост, ки меҳру муҳаббат ба Модар – Ватан, эҳсоси ватандӯстию ватанхоҳӣ дар қалби ҳар фарди некном аз овони ҷавонӣ, аз он рӯзе, ки худ ва қадру қимати инсонии дигаронро шинохту дарк кард, шурӯъ мешавад.

Ватан сарзаминест, ки обу хок ва нону намакаш бароямон ақлу ҳуш, дилу ҷон ва имон ато мекунад. Бо шунидани номи Ватан манзараҳои нотакрор ва зебои Тоҷикистони азизамон, кӯҳҳои сарбафалаккашида, дарёҳои пурхурӯши куҳӣ, чашмаҳои софи фавворазанда пеши назарамон меояд. Барои мо Ватан ин Тоҷикистони азиз, диёри соҳибистиқлол, сарзамини аҷдодии гузаштагони шарафмандонамон мебошад.

Бо шарофати истиқлолият мо соҳиби Парчам, Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Артиши миллӣ, Қувваҳои сарҳадӣ, пули миллӣ ва узви комилҳуқуқи созмони Милали Муттаҳид ва аъзои чандин созмонҳои байналмилалӣ гаштем. Дар шароити кунунӣ ба тарбияи ифтихори давлатдорӣ, ватандӯстӣ ва худогоҳии миллии ҷавонон бояд ҳамагон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоянд.

Президенти мамлакат, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд, ки «Ҷавонон неруи фаъолу боғайрат, қувваи созандаи ҷомеаи моро ташкил медиҳанд. Онҳоро хуб тарбия кардан ва ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намудан вазифаи муқаддаси ҳамаи аъзои ҷомеа аст. Зеро ҷавонон ободгарони Ватан, соҳибони ояндаи Тоҷикистони мустақилу демократӣ ва такягоҳи боэътимоди давлати соҳибистиқлол мебошанд». Аз ин рӯ, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ин ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба ҷавонон фаҳмондани равандҳои харобиовари замони муосир ва амиқ дарк намудани онҳо мебошад. Барои пешгирии ин равандҳо дар мамлакат, махсусан дар байни ҷавонон, ҳадафҳои асосии ноил шудан ба сатҳи баланди худшиносӣ ва матраҳ сохтани масоили иҷтимоист.

Сарвари давлат, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: «Баробари таълим масъалаҳои тарбияи наврасону ҷавонон ва дар рӯҳияи ватандӯстиву инсонпарварӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ба воя расонидани онҳо ниҳоят муҳим мебошад» [4, с.3].

Бинобар ин, расонидани ҷавонон ба сатҳи баланди худшиносӣ ва ахлоқӣ ба ҳалли мушкилоти буҳрони маънавӣ мусоидат мекунад. Агар инсон то ба сатҳи баланд рушд накунад, ба зинаи худшиносӣ нахоҳад расид, зеро танҳо шахси ба дараҷаи муайяни камолоти инсонӣ расида, худшинос мегардад. Худшиносию худогоҳӣ аз муносибати инсон ба воқеият вобаста аст. Дар асоси омӯхтани илму дониш ва таҷрибаи фарҳангии инсоният худшиносӣ ба вуҷуд омада, инсонро ба ҳадафҳое роҳнамоӣ мекунад, ки шуури муқаррарӣ метавонад сарфи назар кунад. Худогоҳию хештаншиносӣ дар фаҳмиши мушкилоти рӯзгор, ки ин ҷо дарки манфиатҳои шахсӣ ва дигарон ба миён меояд, имкон медиҳад, то дар доираи мушкилоти пайдошуда таҳаммулпазир бошаду онро ба осонӣ пушти сар намояд. Шинохти миллӣ ин ҳастии махсуси одамон аст, ки берун аз маҷбурияту берун аз фоидаи шахсӣ хусусияту сифатҳои якдигарро соҳибанд ва эҳтирому азиз донистани ҳамин сифатҳоро муттаҳидан пайгирӣ мекунанд. Худшиносии миллӣ ҳамчун зуҳури бошууронаи иҷтимоӣ баёну ифодаи марҳилаи муайяни робитаҳои ҷамъиятӣ, шаҳрвандӣ ва давлат буда, дар баробари эҳсосот, идроку тасаввур ва вокуниш сурат гирифта, инъикоси ҳодисоти таърихӣ дар шакли хотира, одату русуму анъана ва фарҳанги миллӣ мебошад [2, с.2].

Ватандӯстӣ аз ҳар фарди некноми Тоҷикистон маънавияту маданияти баланд, ахлоқу нияти пок, муҳаббати бепоён ба ватани хешро талаб мекунад. Дар замони имрӯза хеле муҳим аст, ки ҳисси дӯстдории зодгоҳ ва парастиши тамоми ин сарзамини зебою ягона - Тоҷикистони азиз бошем.

Мо тоҷикон андар оғӯши ин сарзамини биҳиштосо метавонем биболему ҳаловат барем, чун уқобон ба қуллаҳои баланд парвоз намоему орзуҳои деринаи худро амалӣ созем, рӯ ба ҷаҳониён оварда, бо фахр аз Тоҷикистони пурэҷози худ ёдовар шавем. Мо аз хоки ин сарзамин сабзидаем аз оби шаҳбораш шодоб гаштаем, аз неъматҳои фаровони моддию маънавияш нерую тавон бардоштаем. Мо нозпарвари ҳамин сарзаминем ва он такягоҳи мустаҳками мост.

Дар замони имрӯза насли наврасро бо сухан ва далелҳои фаҳмои ҳаётӣ аз боби Ватану ватанпарастӣ ва қадру қимати Ватан, аҳамияту муҳимияти он дар ҳаёти ҳар як шахс ва муқаддасоти он тарбия намудан ҳатмист. Ватандӯстӣ имрӯз як рукни асосии мафкураи миллии Тоҷикистон мебошад [6, с.8].

Ин масъаларо Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ таъкид менамоянд: «Вазифаи имониву муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси миллат аз шаҳрванди одӣ то корманди баландпояи мақомоти давлатӣ таблиғи бедории миллӣ, зиракию, ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ифтихори ватандориву ватандӯстӣ, густариши ғояҳои худогоҳиву худшиносии миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҳкими ваҳдати миллӣ мебошад».

Ватандустдорӣ, пеш аз ҳама, дар оила, дар боғчаҳои томактабӣ, дар мактаб ва дар макотиби олӣ батадриҷ дар дилу ботини ҳар як фарди баору номус ҷой мешавад. Дар ин раванд нақши оила басо калон аст, чунки муайянкунандаи самти ҳаракати аъзоёни оила аз роҳбарони оила (падару модар) вобастагӣ дорад. Вобастагӣ тақозо мекунад, ки падару модар дар раванди тарбияи фарзанд ҷиҳатҳои ҳисси миллӣ ва ҳувияти миллиро бештар ба инобат гиранд, дар боғчаҳои томактабӣ бо номи ватан сухан оғоз кунанд.

Дар мактабҳои миёна меҳру муҳаббат нисбати диёр ва ҳифз кардани онро омӯзонанд. Дар макотиби олӣ шаклҳои ватандорӣ, тарзҳои муносибат бо дигар халқу миллатҳо, муколама бо аъзоёни ҷомеаи ҷаҳониро мебояд омӯхт ва ҳамеша дар фикри том монданро дар майнаи худ ҷой дода, ба арзишҳои миллӣ эхтиромона ва эҳтиёткорона бояд муносибат кард. Чунки арзишҳои миллӣ гувоҳидиҳандаи ҳастии ҳар як халқу миллат мебошанд. Фарди ҳисси миллӣ дошта бо дарназардошти таълимоту тарбияи гирифтааш бояд арҷгузори меҳнати гузаштагони худ бошад, инчунин ба фарҳанг, таърих ва арзишҳои халқу миллатҳои дигари ҷаҳон эҳтиром дошта бошад. Танҳо бо ин роҳ мо ватани азизамон Тоҷикистонро гулгуншукуфон мегардонем.

Дар замони муосир барои ҳар як давлати озоду соҳибистиқлоли миллӣ тарбияи аҳли ҷомеа дар рӯҳияи ватандӯстӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва дорои аҳаммияти стратегӣ маҳсуб мешавад. Мавҷудияти рӯҳи ватандӯстӣ гарави озодиву истиқлолияти давлативу миллӣ, ободиву амнияти ҳар кишвар ва саодату хушбахтии мардуми он мебошад. Метавон гуфт, ки ватандӯстӣ як рӯҳ ё ғояест, ки афроду табақоти ҷомеаро бо ҳам мепайвандад ва миллату давлатро ваҳдату таҳким мебахшад. Дар солҳои нахустини истиқлолияти давлатиро касб намудани Тоҷикистон, замоне ки дар Ватани азизи мо ҷанги шаҳрвандӣ ба вуқӯъ пайваст ва амнияти милливу давлатии моро зери хатар гузошт, маҳз ба шарофати вуҷуди ҳамин рӯҳи ватандӯстона ватану миллати мо аз хатар наҷот ёфт ва дар кишварамон сулҳу амният барқарор гардид. Мутаассифона, бисёр муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба нақши омили ватандӯстӣ дар хотимаи муборизаи байни тарафҳои даргир ва таҳкими сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон чандон таваҷҷуҳ зоҳир накарда, балки оштии миллии тоҷиконро бештар ҳамчун як таҷрибаи нодир ва муосири сулҳофаринӣ шарҳу тафсир намудаанд. Албатта, мо хизмати бузурги ҳукуматҳои Эрону Русия, Туркманистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ, инчунин созмонҳо ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқиву ҷаҳониро дар кори хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргузор кардани музокироти байни тарафҳо ва ба тасвиб расонидани Созишномаи сулҳи миёни тоҷикон фаромӯш карданӣ нестем. Танҳо таъкид карданӣ ҳастем, ки нақши асосиву ҳалкунандаро дар кори бомуваффақият ба анҷом расидани музокироти сулҳи миёни тоҷикон на ин ки кишварҳои хориҷӣ, балки ҳукумат ва мардуми шарифи тоҷик, бо сарварии хирадмандона ва дурандешонаи Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Президенти Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ва дигар фарзандони фарзонаи миллат ба иҷро расонидаанд. Ҳақиқати ҳол ин аст, ки миллати тоҷик вориси як фарҳанги қадимаи тамаддунсоз мебошад. Яке аз сарватҳои асосии фарҳанги миллии моро фалсафа ва адабиёти оламшумули ниёгон ташкил медиҳад, ки саршори афкору ашъори башарпарварӣ ва ватандӯстӣ мебошад. Ҳар кадоми мо аз кӯдакӣ дар оилаву боғча ва мактабу донишгоҳ дар партави фарҳанги ватандӯстиву башарпарварӣ таълиму тарбия ёфта, ба камол мерасем ва бо дарки масъулият дар ҷабҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷамъиятӣ ба иҷрои қарзи фарзандии худ дар назди Ватан-Модар шурӯъ мекунем. Афкор ва ашъори башардӯстонаву ватанпарваронаи олимону шоирони гузаштаву муосир ҳар кадоми моро аз овони кӯдакӣ фаро гирифта, дар тамоми давраҳои зиндагӣ моро ба шоҳроҳи сулҳу бунёдкориҳо, обод кардани Ватан, таҳкими ваҳдату амнияти милливу давлатӣ, муҳофизати Ватан ва дигар мақсадҳои наҷиб роҳнамоӣ мекунанд.

Ватандӯстӣ ҳамчун падидаи ахлоқӣ дар вуҷуди ҳар яки мо аз дӯст доштани зодгоҳ, падару модар, хоҳару бародар, эҳтироми хешовандону хамдеҳагон, забон, урфу одат,

расму оин ва анъанаҳои мардуми диёр сар мешавад. Минбаъд, дар раванди ташаккулёбии шахсият ва дарку касби маърифату масъулияти шаҳрвандӣ мо бо ҷанбаҳои назариявӣ, яъне фалсафаи ватандӯстӣ ва мазмуну моҳияти он шинос шуда, онро аз бар мекунем. Пас аз шинохти амиқи фалсафаи ватандӯстӣ эҳсоси ватандӯстии мо низ мутаносибан такомул ёфта, дар натиҷа мазмуну моҳияти Ватан низ барои мо васеъ мегардад. Акнун мо Ватан гуфта на ин ки танҳо зодгоҳи худ, балки тамоми марзу буми кишвари соҳибистиқлоламонро тасаввур мекунем ва фалсафаи ватандӯстӣ барои ҳар яки мо ба як қувваи бузурги маънавии такондиҳанда ва пешбарандаи шахсияти иҷтимоӣ ва дастури зиндагиву фаъолияти меҳнативу ҷамъиятӣ табдил меёбад [6, с.22].

Ифтихори ватандӯстӣ дар бачагону ҷавонон бояд аз иҷрои саривақту хушсифати ҳар кор, қатъи назар аз ҷисмонӣ ва ё фикрӣ будани он, аз хониши аъло ва амиқ омӯхтану донистани таърихи тамаддуни халқи худ оғоз ёбад. Дар шароити имрӯза забони модарии хеш, забони русӣ ва англисиро хуб донистан, ба ин забонҳо гуфтугӯ ва иншо кардан ҳам натиҷаи ҳиссиёти баланди ватандӯстонаю ифтихори миллист.

Дар роҳи тарбияи ватандӯстӣ нақшу нуфузи адабиёти бадеӣ, афкору осори ватандӯстонаи суханварони гузаштаю имрӯза басо бузург аст. Омӯзиши таъриху фарҳанги кишвар метавонад ҳиссиёти ватандӯстиро дар ҷавонон зиёд кунад. Ба ҷавонон пайваста аз панду андарзҳо ва шоҳасарҳои бузургони адабиёту фарҳанги тоҷик бояд ёдовар шавем, то ки онҳо гузаштаю имрӯзаи худро бидонанд ва ба оянда назари неку боварибахш дошта бошанд. Таърихи пурғановати халқи тоҷик лаҳзаҳои ибратбахш, пурмуфоҷо ва пирӯзию шикастҳои зиёдеро аз сар гузаронидааст, ки барои имрӯзиён намунаи ибрат ва панди пурқимати замонанд.Аз саргузашту часпу талошҳо ва муборизаҳои шадиди аҷдодони мо барои дифои Ватан ва номусу тахти тоҷи ватандорӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо асарҳои хеле ҷолиби таърихиро таълиф намудаанд, ки ба ҳодисаҳои таърихии тақдирсози халқи тоҷик равшанӣ меандозанд. Шоҳасари барҷастаи таърихии академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» дар таблиғу тарвиҷи қаҳрамонони халқи тоҷик такони бузург бахшид. Вай мутобиқи назарияи илмии таърихи муосир шаҳомату бузургии миллати тоҷик ва нақши арзанда доштани онро дар инкишофи тамаддуни ҷаҳонӣ исбот намуд. Дар ин асар намунаҳои қаҳрамонии родмардони ориёнажод дар арсаи таърих барҷаста нишон дода шуданд ва корномаҳои онҳо намунаи ибрати ҷавонони имрӯзаи тоҷик бояд бошанд. Халқи мо аз қабили халқҳоест, ки диёр, ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва барои саодату дифои он синаро сипар мекунад. Аз ин ҷост, ки аз қаъри асрҳои гузашта ҳикматҳои зерин ба гӯш мерасад: «Ҳифзи ҷон воҷиб асту ҳифзи Ватан аз он воҷибтар», «Ҳар киро хубии Ватан нест, номус нест ва ҳар киро номус нест, саодат нест». Ин ҳикматҳо, аз як тараф, табиату хислат, муҳимтарин хусусияти ватандӯстии мардуми моро муайян кунад, аз тарафи дигар, як навъ васият ва даъвати гузаштагон ба наслҳои ҳозира ба ниятест, ки фарзандон ин анъанаҳои беҳтарини ниёгонашонро эҳтирому эҳтиёт кунанду пос доранд ва идома диҳанд. Ҳамин даъватҳои ҷанговарона Фирдавсии бузургворро водор карда буд, ки дар лаҳзаҳои барои мардуми мо басо шадиду мушкил диққати аҳли Ватан, ҷавонмардону сипоҳиёнро бори дигар ба ин нукта ҷалб кунад:

*Зи баҳри бари буму фарзанди хеш,*
*Зану кӯдаки хурду пайванди хеш.*
*Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,*
*Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.*

Ин даъватҳо асрҳо барои мардуми мо ба сифати суруди миллӣ ва ливои зафар хизмат кардаанд ва ҳар бор, ки ба сари кишвар хавфе меомад, ин даъватҳои ҷанговарона дар дили онҳо оташи ҳисси хашму ғазаб, нафрат, интиқом, далерию бебокиро нисбат ба душман аланга медод, бедор мекард. Чунин ҳиссиёти баланди ватандӯстии халқи мо чи дар адабиёти хаттӣ ва чи дар эҷодиёти бадеии халқ басо барҷаста инъикос ёфтааст. Як ба хотир орем, ки Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ тавассути шеъри шевою асил ва дардошною ватандӯстона Насри Сомониро, ки дар мусофирати тӯлонӣ саргарми айшу нӯш шуда, ватан, пайвандон ва тахту тоҷро аз хотир бароварда буд, маҷбур сохт, ки сару либосро фаромӯш карда, роҳи пойтахти нахустин давлати мустақили тоҷикон - Бухорои шарифро пеш гирад.

Устод Лоҳутӣ дар ин солҳои барои халқи мо басо мушкил мардумонро ба далерию мардонагӣ, саодату вафодорӣ ва азиз доштани ҳар ваҷаб хоку ҳар қатраи оби Ватан даъват мекард:

*Дар роҳи Ватан мурдан зиндагист,*
*Мурдан зиндагонӣ дар бандагист.*
*Мафурӯш обрӯи Ватанро зи тарси ҷон,*

*Номи абад ба ҳиммати мардӣ харид кун.*

Ин сифатҳо, ин даъватҳои шуълавар ҷанговаронро рӯҳбаланд намуда, дар қалбашон оташи мубориза, оташи хашму ғазаб ва нафратро нисбат ба душмани инсоният зиёдтару қавитар мекард. Ҷанговарон ин сатрҳои оташборро замзамкунон ба майдони ҳарбу зарб, ба майдони набард мерафтанд, барои Ватан ҷон медоданд ва охирин калимаашон «Модар - Ватан» буд [1, с.25].

Сабақи бузурги таърих, мубориза ю ҷонбозиҳои фарзандони тоҷик баҳри тантанаи ростию дӯстӣ, адолати иҷтимоӣ, озодию ободӣ ва сулҳу амният дар тарбияи эҳсоси ватандӯстии инсони рӯзгори мо нақши комил дорад. Муборизаҳои чандинасраи халқи тоҷик зидди душманон баҳри озодию истиқлолияти ватани хеш барои ҷавонони имрӯза беҳтарин дастур ва раҳнамо буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки на танҳо ба ин анъанаҳои неки гузаштагони хеш содиқу вафодор бошанд, инчунин суннатҳои наҷибро дар шароити нави таърихӣ ба сурати тоза идома ва такмил диҳанд.

Мақсади ба ёд овардани таърихи гузаштаамон дар он аст, ки ҳар як ҷавон Ватани хешро дӯст дорад ва қарзи фарзандии хешро адо намояд, баҳри ҳифзу наҷоти Ватан бояд биразмад ва марзу буми онро чун Рустами достон парастад ва дар пайи ҳифзи он камар бибандад. Шахсе, ки Ватанро самимона дӯст медорад набояд аз марг биҳаросад. Шахсе, ки Ватанро дӯст намедорад, ӯро нангу номус нест. Ҳар киро нангу номус нест, ӯро саодати абадӣ нест.

Аз ин лиҳоз, ба ҷавонони Тоҷикистон лозим меояд дониш омӯхта, дар асри 21, аз экстремизм ва терроризм халқу Ватан, модару ҳамсар ва ҳоҳару бародари худро аз ин зуҳуроти номатлуб муҳофизат намояд. Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он аз ҳам ҷудо нестанд. Манфиат, истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии давлат бо Ватан, ватандорӣ ва ватаншиносӣ алоқамананданд. Манфиати давлат дар ҳадафу вазифаҳои он, дар самтҳои сиёсати дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқӣ, қонунгузорӣ, барномаву чорабиниҳои гуногун дар бахши беҳдошти зиндагӣ, таҳкими истиқлолият, амният, иқтидори мудофиавӣ ва дигар соҳаҳои фаъолияти ҳамарӯза ифода меёбад. Манфиати давлат аз манфиати ҷомеа ва халқ сарчашма мегирад.

Манфиати давлат ба пешрафту камолоти ҷомеа, сатҳи баланди некуаҳволии халқ, шароити зиндагии арзандаи ҳар фарди ҷомеа нигаронида мешавад. Дар шароити имрӯза, яъне вусъати ҷаҳонишавӣ, таҳдиди буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва энергетикӣ нақш ва нуфузи давлати миллӣ дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ бештар мегардад. Аз ин хотир, ҳимояи манфиатҳои миллии давлат аз ҷумлаи вазифаҳои муқаддаси ҳар шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.

Чи тавре ки Сарвари давлат, Сарфармондеҳи олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳояш зикр намудааст: «Мо бояд Ватани худро сидқан ва баробари ҷони хеш дӯст дорем, ватандӯсту меҳанпарасти воқеӣ бошем, шукронаи неъмати бузургтарин ва муқаддаси инсонӣ, яъне соҳибватанӣ ва озодиро ба ҷо орем, барои ҳимояи сарзамини аҷдодӣ ҳамеша омода бошем, ба хотири пешрафту ободии давлати соҳибистиқлоламон ва рӯзгори осудаву ороми ҳар як хонадони кишвари азизамон шабу рӯз заҳмат кашем» [5, с.3].

Насли ҷавони имрӯза бояд дар ҳар лаҳза барои дифои марзу буми Ватани худ омода бошад, ҳамасола бо дуои неки модарон ҷавонони тоҷик пайи ҳифзи Ватан ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мешаванд. Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шарафи бузург аст. Артиш мактаби мардонагист, ҷавонон дар ин даргоҳ обутоб меёбанд. Дар тӯли ду соли хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон мактаби бузурги зиндагиро паси сар менамоянд, ки дар оянда дар зиндагии онҳо пурра ба кор хоҳад омад.

Чуноне ки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш қайд намудаанд: «Тарбияи кадрҳои худшиносу ватандӯст, дорои масъулият ва малакаи баланди касбӣ, соҳиби донишу таҷриба ва ҷаҳонбинии муосир, фидокор ва содиқ ба Ватану миллат, ҳушёру зирак, муборизи роҳи ҳақиқату адолат вазифаи муҳимтарини Ҳукумат ва роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохтори низомии кишвар ва умуман Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад» [5, с.4].

Роҳбари давлат ба мо тавсия ва супоришоти муайяну мушаххас додааст, то дар масоили зикргардида кору фаъолият, пажӯҳишу омӯзишро бештар намоем ва маъниҳои нобу муассирро ба насли наврас бирасонем. Онҳоро чунон тарбия намоем, ки шаҳрвандон ва ватандӯстони асил ба воя бирасанд. Бояд ҳар як ҷавони бонангу баномуси миллат ва

инсоне, ки дар ин Ватан зиндагӣ мекунад, онро дӯст дорад ва беғаразона ба он хизмат намояд.


## АДАБИЁТ

1. Акбаров Ю. Меҳри ватан / Ю. Акбаров . – Душанбе: Маориф. –1989. – 120 с.
1. Олимов К. Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдат ва ташаккули худшиносии миллӣ / К. Олимов // Душанбе : Ҳомии Ватан. 26. 11.2013. –№19 ( 350). -С. 2.
2. Шодиев М. Ифтихори давлатдорӣ ва худогоҳии миллӣ / М. Шодиев // Минбари халқ, 14.11.2013. -№ 46 (921). -С.3.
3. .Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ. ш. Душанбе, 23 апрели соли 2014.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ, ш. Душанбе, 23 январи соли 2015 // Садои мардум. - №11(3312).
5. Сафарова С.Д. Худшиносӣ ва ватанпарастӣ дар афкори ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол / С.Д. Сафарова. -Душанбе: Дақиқӣ, 2014.- 64 с.
6. Сафарова С.Д. Сущность и проявление патриотизма в современных условиях /С.Д.Сафарова //Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе: Сино, 2015. -№2/6 (175). -С 245-252.
7. Сафарова С.Д. Формирование патриотизма как ценности у студентов вузов // Ҷомеа ва афкор (маҷмӯи мақолаҳо) / С.Д. Сафарова. -Душанбе: -С.52-58.
8. Чалмаев В. Философия патриотизма / В.Чалмаев //Молодая гвардия. -1967. -№10. -120 с.
9. Карамзин Н.М. О любви к отечеству и народной гордости / Н.М.Карамзин // Соч. Т.3. - СПб.,1848.- 477 с.



## ФАЛСАФАИ ВАТАНДӮСТӢ

Мутакаллимон баробари дигар масъалаҳои мавҷудбуда, ба масъалаи маърифат ва шинохти Худо аз назари ақлию нақлӣ ва оё шинохти Ӯ аз нигоҳи истидлол ҷоиз аст ё на, имон ва ваҳй, тафовут миёни ин ду, адли илоҳӣ, каломи илоҳӣ, баҳс дар хусуси ҳудус ва қидами олам, рӯъёти Худованд, ҳудус ва қидами каломи Худо, ирода ва истивои Худованд бар Арш, қазо ва қадар, эъҷози Қуръон, тасалсул, таслим, шафоати Паёмбар (с), махлуқ ё ғайримахлуқ будани каломуллоҳ ва ғ айраҳо пардохтаанд, то ҳадде ки ба ин масъалаҳо аз дидгоҳи фалсафӣ низ машғул шуда, аз доираи назариёти динӣ фарохтар баромаданд.

Розӣ дар баррасии ин масъалаҳои печида ва баҳсталаб агарчи баъзан ҳолатҳо ба дин такя менамояд, вале аксар ҳолатҳо ҷонибдорӣ аз далоили ақлӣ намуда, назарияи мустақили худро баён месозад, яъне барои ошкор намудани назариёти динӣ ӯ донишҳои нақлиро нокифоя медонад, ҷуз донишҳои ақлӣ. Нақши Розӣ монанди Ғазолӣ баробари улуми сиёсат, забон, риторика, адабиёт, мантиқ, фалсафа, таърих ва ғайра дар фалсафикунонии калом ва ба тафсир ҷанбаи ақлонӣ бахшидан баръало мушоҳида мешавад. Ба қавли Сайид Ҳусайни Наср, «Шуҳрати Имом Розӣ дар ҷаҳони ислом ҳамон андозае, ки бар пояи осори каломии ӯст, бар тафсири ақлонӣ ва фалсафие, ки бар Қуръон навиштааст, низ мебошад [6,11, с-199]. Ин нуқтаро Ибни Халдун низ хело хуб зикр месозад: «Фахри Розӣ дар фиқҳи шофеӣ ягонаи замони худ дар илми калом, тафсир ва мақулот ва…фоиқ буд» [7, 1, с.192]. Довудӣ дар «Табақот-ул-муфассирин»-и худ ӯро муфассир, мутакаллим, пешвои замон ва дар улуми ақлӣ яке аз аимаи улуми шаръӣ» донистааст [8,11, с.201].

Чуноне ки қаблан зикр намудем, тафсири Розӣ дар зумраи он тафсирҳои ақлию райъие қарор дорад, ки миёни аҳли илм, муфассирон ва мутакаллимон мақоми хоссаро дорост. «Розӣ дар ин асар ақидаҳои фалсафию динияшро баён карда, аксар оятҳои Қуръонро мувофиқ ба ҳам пайваста, далелҳои зиёди ақлӣ ва шигифтиҳои улуми то замони худ бударо гирд овардааст» [9,11, с.202]. Мутафаккир кӯшиш намудааст ҳангоми навиштани асари худ аздоираи назарияҳои мазҳабӣ ва баҳогузории якҷониба фарохтар гом ниҳад. Маҳз чунин муносибат сабаб гардид, ки Ф. Розӣ бо вуҷуди пайрави ашъария буданаш, баъзан ҳолат муқобили таълимоти ҷабргароиёнаи ашъариён баромад намояд ва ҳамраъйии худро ба усули ақлгароёнаи муътазилиёну имомиён ва дигарон баён созад. Масалан, дар хусуси тафсири ояти 41-и сураи «Оли Имрон» «Раббӣ аҷъаллӣ оётан…», ки Абӯмуслими Исфаҳонӣ дар асараш «Калом фи-т-тафсири касиру-л-хавз аъло-д-ақоиқ вал латоиф» онро аз дидгоҳи ақлонӣ тафсир намудааст, бечунуҷаро ҷонибдорӣмекунад.

Омӯзиш ва таҳлилу баррасиҳои «Тафсири кабир»-и Розӣ бар он далолат мекунанд, ки мутафаккир онҳамақиссавуривоятҳое, ки дарқасасҳоёдоварӣшудаанд, сохтаву бофтаи яҳудиёну насоро медонад, ки боривоятҳоиқуръонӣ омезиш ёфтаанд, ки дигар муфассирон ва таърихнигорони ислом ба онҳо таваҷҷуҳе зоҳир накардаанд. Дар ин маврид Шиблии Нуъмонӣ чунин гуфтааст: «…ин қиссаҳои дилчасп ва авомфиребе буданд ва чун барои гармии маҳфили ваъзу қироъ фавқулодаву муаассир буданд ва кори сеҳру ҷодуро мекарданд, ки бозори онҳо беинтиҳо равнақ ёфт ва қабули омм шуд ва кор бад-он ҷо кашид, ки тамоми тафсирҳо аз онҳо пуршуданд...вале Имом Фахри Розӣҳар кадоми онҳо бо нӯги сӯзан ҷудо ва пок сохт…» [10,15, с.54-55].

Ф. Розӣ бо вуҷуди он ки ин назарияҳои ба асотир монандро бо далелҳои ақлӣ рад месозад, вале боз аз ҷониби пайравони равияву ҷараёнҳои гуногун зери таъну ситоиш қарор мегирад. Масалан, Аллома Заҳабӣ дар «Мизон»-и худ ӯро чунин мегӯяд: «Фахрбини

Хаттиб соҳиби таълифот дар фатонат ва ақлиёт раъсвараъсайн мебошад, лекин аз ҳадис бебаҳра аст ва дар масоиле, ки сутуни мазҳабанд, шукуке падид овард, ки муҷиби ҳайратанд» ва ё Ҳофиз ибни Ҳаҷир дар «Лисон-ул-мизон» мегӯяд: «Барои ӯ вобастаи инкишубаҳот ниҳоят қавӣ падид меояд ва дар ҳаллу ҷавоби онҳо оҷиз мешаванд, айб гирифтаанд, ҳатто баъзе мағрибиҳо гуфтаанд, киэътирозоти ӯ ҳама нақданд ва ҷавоби онҳо насия аст» ва ё дар ҷойи дигар қавли Тувфиронақл намуда, мегӯяд: «Бар Имом Фахриддини Розӣ ин бадгумонӣ саҳеҳ нест, зеро агар дар ӯ хаёлоти дигаре мебуд, дар зоҳиркарданионазкӣвоҳимамедошт? Аммо Тувфӣнамедонист, ки бар Имом ин мусибат ворид шуда буд» [11;14. с.Ҷ.1, с.13]. Ибни Таймия низ ба ин тафсир аз нигоҳи манқул таҷдиди назар намуда, қайдменамояд: «Дар ин тафсир ҳама чиз ҳаст, ҷуз тафсир» [12; 3, с-336]. Аз ин гуфтаҳо маълум мешавад, ки дидгоҳи ин муаррихон чандон воқеъбинона нест, зеро дар суханони онҳо ҷуз ҳазён ва ҳисси бадбинию тамаъ чизе дида мешавад, ки ба ҳақиқат мувофиқ нестанд. Ҳаминро хотиррасон бояд намуд, ки чунин баҳсу назарпардозиҳо худ баёнагари сабк ва усули каломӣ-мантиқӣ ва фалсафии ин асар аст.

Аз ҷониби дигар, шахсонидигаренизбуданд, киазравишиақлонӣвакаломию фалсафии ин асар батавривасеъистифодаменамуданд. Масалан, Саидмуҳаммад Рашидризо дар тафсири худ «ал-Мизон» ва Тантовӣ дар «ал-Ҷавоҳиру-л-Қуръон» аз шеваю истидлолҳои Розӣ ба таври васеъ истифода кардаанд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки «Тафсири кабир» дар тафовут ба дигар тафсирҳо мавқеи хоссаро дорост ва ин таҳқиру маззаматҳо наметавонанд мавқеи онро дар илм паст ва аз байн баранд.

Тазаккур бояд намуд, ки Розӣ ҳама иттилооти динӣ, фалсафӣ-каломӣ ва мантиқию раъси худро дар ин асараш гирдоварӣ карда, ба ҳалли онҳо пардохтааст. Дар ин ҷода, Заҳабӣ менависад, ки ин тафсир аз шуҳрати бисёр дар миёни уламо машҳур аст, зеро аз дигар китобу тафсирҳо бо далелпардозиҳои фаровон дар ҷанбаҳои гуногуни илм, мумтоз мегардад, аммо Ибни Холиқон бошад, бар он ақида аст, ки Имом Фахри Розӣ дар ин тафсир ҳар чизи бегонаеро гирдоварӣ кардааст. Дар ин ҷода Оятуллоҳ низ аз бузургию шаҳомати Розӣ ёдовар шуда, бар он ақида аст, ки Имом Фахри Розӣ дар ин китоб каломро ба ҳадди истифода расонид ва ин ба сабаби чирагии маҳорати ӯ дар маориф ва фунуни мухталиф аст. Яке аз муҳаққиқони хориҷӣ низ доир ба ҷойгоҳи Розӣ чунин мегӯяд, ки то он ҷо ки мабодӣ ва маонии мундариҷ дар Қуръон мавриди назар бошад, Розӣ беназир аст. Шеваҳое, ки дар «ал-Мизон» ва дигар тафосири ҷадид ба чашм мехӯрад, қаблан тавассути Розӣ ба онҳо ишора шудааст.

Розӣ ҳадафи аслии Қуръонро исботи вуҷуди Худо, нуббуват, маод ва исботи қазову қадар, ҳусну қубҳ, қазову қадар ва ғайра медонад. Ӯ барои баррасии чунин масъалаҳо доир ба сураҳои қуръонӣ рисолаву асарҳои зиёди хусусияти каломӣ-фалсафидошта навишт. Саид Ҳусайни Наср дар китоби худ ба ин масъала ишора намуда, чунин менависад: «Тафосири қуръонии Имом Розӣ шомили «Тафсир-ул-Фотиҳа», «Тафсир-ал-сурат-ул-Бақара», «Асмоу-л-лоҳу-л-ҳусно», «Рисолатун фил танбиҳ ъало баъзу-л-асрор» ва «Ал-Мавъиза фил Қуръон» (Тафсири кабир) мебошад, ки дар он илоҳиёт бар асоси сураи «Ихлос», нубуват бар асоси сураи «Ал-Аъло», қиёмат бар асоси сураи «Ва-т-Тин» ва сабти номаи аъмоли инсон бар асоси сураи «Вал-Аср» тафсир шудааст. [13;13. Ҷ.1, с-13].

Нақши Фахриддини Розиро Алӣ Нисомии Нишшорӣ дар муқаддимаи китоби Имом Фахриддини Розӣ «ал-Эътиқод фирақ-ул-муслимин…» чунин нишон медиҳад: Имом Фахри Розӣ дар тафсири Қуръон 5-асар, калом 40-асар, ҳикмату фалсафа 26-асар, забон ва адабиёт 7-асар, фиқҳ ва усул 5-асар, тиб 7-асар, тилисмот ва нуҷуму ҳандаса 5-асар, таърих 2-асар ва ғайра таълиф кардааст [15; 12, с-13].

Дар хусуси истидолол бар фитрат бошад, зери ояҳои сураи «Фотиҳа» чунин қайд месозад, ки аз ҷумлаи латоифи ин сура он аст, ки дар олам амри хайру шар вуҷуд доранд ва ҳар оқиле, ки ба худ таваҷҷуҳ кунад, худро дар тағйир ва интиқоли доимӣ ва аз як ҳолат ба ҳолати дигар мебинад, ки ҳамаи ин тағйирот ва ҳудус амре баъд аз адами он аст. Дар воқеъ, ин гуфтаҳои мутафаккир агар, аз як ҷониб, далолаткунандаи қодир будани Худовандро нишон диҳанд, аз ҷониби дигар, раванди диалектикии инкоркунии ҳолатҳои равониюҷисмонии инсонро аз як шакл ба шакли дигар ифода месозанд.

Дар масъалаи истидлол ба имкон, ки шеваи файласуфон аст, кулли мосивоу-л-лоҳи таъоло, яъне оламро мумкин бил зот медонанд ва иллатро ниёз ба мавҷуд, яъне имкон. Ф. Розӣ бошад, зери ояи «илал лаҳу-л-халқ ва амар…» таъкид месозад, ки холиқе ҷуз Худо нест. Ӯ чунин мепиндорад, ки мумкин аст касе бигӯяд, дуруст аст, ки Худо холиқи ин ашё аст, вале ин бар холиқ аълал итлоқ буданро далолат намекунад. Дар посух мегӯяд: «Вақте собит шуд Худо холиқи бархе ашё аст, зарур аст бигӯем, Худованд холиқи ҳама мумкинот

низ хоҳад буд, яъне ниёзмандии махлуқот нисбати холиқ ба хотири имкони касбе аст ва имкон дар ҳама ҳолат якто аст. Ин аст, ки имкон бояд сабаби ниёз ба муассири муайян бошад, зеро ҳар чӣ дар хориҷ мавҷуд аст, фӣ нафсиҳӣ муайян аст. Аммо ҳар он чи фӣ нафсиҳӣ муайян набошад, дар хориҷ низ мавҷуд будан наметавонад». Аз ин гуфтаҳои ӯ ба хулосае омадан мумкин аст, ки он чи фӣ нафсиҳӣ мавҷуд нест, наметавонад барорандаи ниёзҳои махлуқот бошад. Дар ҳоле ки Худованд фӣ нафсиҳӣ вуҷуд дорад, пас Ӯ бароварандаи ниёзҳои махлуқот дониста мешавад.

Аз гуфтаҳои муҳаққиқон ва мазмуни моҳияти «Тафсири кабир»-и Фахриддини Розӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки мутафаккир тавонистааст бо ҷаҳонбиниифалсафиихуд каломи исломиро хусусияти ақлонӣ ва фалсафӣ бахшад. Ӯ бо овардани далелҳои фаровони мантиқию фалсафӣ масъалаҳои каломиро ҷанбаи фалсафӣ бахшида, дар тафсир равиши ақлию райъиро ба вуҷуд овард. Сабаби мақоми волоро касб намудани ин асар дар он аст, ки Розӣ аз тамоми сарчашмаҳо (аз муҳаддисин, муфассирин, сарфу наҳв, мутакаллимину фақеҳони муътазила, ҳанафия…ашоира ва фалосифа) барои исботи гуфтаҳои худ истифода бурда, дар асоси далоили ақлӣ онҳоробаррасӣ ва шарҳу тавзеҳдодааст.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмон ибни Халдун. Муқаддимаи Ибни Халдун Мутарҷим Муҳаммад Парвин Гундободӣ.-Теҳрон,1390. -440 с.
2. Алӣ Асари Ҳалабӣ. Торихи фалсафа дар Эрон ва ҷаҳони Ислом.- Теҳрон, 1373.- 373 с.
3. Деххудо. Луғ аттнома.- Теҳрон, 1341. -Ҷ. 37. -780 с.
4. Қаландаров М. И. Андешаҳои фалсафии Фахриддини Розӣ / М. И. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.-Душанбе, 2015. №1/8. - 300 с.
5. Қаландаров М. И. Ҳаёт ва фаъолияти Фахриддини Розӣ / М. И. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2015. -№1/4. 342 - с.
6. Қаландаров М.И. Назарияҳои иҷтимоии Ф. Розӣ/ М. И. Қаландаров. Маҷмӯи мақолаҳои конфронси ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши фалсафа дар баррасии масоили мубрами замони муосир». –Душанбе, 2018. -206 с.
7. Қаландаров М.И. Назарияҳои сиёсӣ-иҷтимоии Фахриддини Розӣ / М. И. Қаландаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши институтҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ. -Душанбе, 2018. -361 с.
8. Каландаров М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази (Диссертация) / М. И. Каландаров.- Душанбе, 2018. -154 с.
9. Каландаров М.И. Философско-теологическое учение Фахриддина Рази (Автореферат) / М. И. Каландаров.- Душанб, 2018.- 48 с.
10. Куръони карим. –Душанбе, 2011.-640 с.
11. Сайид Ҳусайни Наср. Суннати ақлонии ислом дар Эрон. -Теҳрон, 1383.-560 с.
12. Фахриддини Розӣ. Ал-Эътиқод фирақ-ул-муслимин. –Бейрут, 1413.-132 с.
13. Фахриддини Розӣ. Ҷомеъ-ул-улум. Тасҳеҳи Саидҳусайн Оли Довудӣ. –Теҳрон, 1382. - 609 с.
14. Фахриддини Розӣ. Тафсири кабир. Тарҷумаи А. А. Ҳалабӣ.-Теҳрон: 1386. Ҷ. 1. -570 с.
15. Эҳсон Аббосӣ. Вафиёт-ул-аъён ва анбоъу-з-замон.- Бейрут, -Ҷ. 4. –248 с.
16. Шиблии Нуъмонӣ. Таърихи илми калом.- Теҳрон, 1382. -Ҷ.1. -485 с.


## НИГОҲЕ БА МАҚОМ ВА ҶОЙГОҲИ «ТАФСИРИ КАБИР»-И ФАХРИДДИНИ РОЗӢ


Дар мақолаи мазкур мақому ҷойгоҳи «Тафсири кабир»-и Фахриддини Розӣ мавриди баррасӣқарор гирифтааст. Ҳадафи таҳқиқи мо дар мақолаи мазкур, пеш аз ҳама,нишондодани мақоми асари «Тафсири кабир»-и Розӣ аз ҷониби дигарон мебошад. Аз сӯйи дигар, нишон додани мавқеи ин асар ҳамчун тафсири райъию каломӣ ва фаслафию мантиқӣ байни тафсирҳо мебошад. Ҳамчунин арзёбӣ намудани нақши Розӣ баробари илми тафсир аз улуми дигар, монанди ҳадис ва аҳодиси тафсирӣ, луғат, сарфу наҳв, тафсир, фиқҳ, улуми ахбору калому фалсафа ва ғ. мебошад. Метавон гуфт, ки дар баррасӣ ва арзёбии ин тафсир нуқтаи назаримутакаллимонимуътазила, шиа, имомия, ҳанафиявуашоираи асримиёнагӣ то замони муосир нишон дода шудааст. Аз ҷониби дигар, нақши Розӣ дар ҷодаи улуми қуръонӣ ва навиштани асарҳои боарзише, ба мисли: «Тафсири кабир», ки худ онро «Мафоти-ул-ғайб» номидааст, «Тафсири сағир», ки худ онро «Асрор-ул-танзил ва анвор-ул-таъвил» ва тафсири сураи «Фотиҳа» арзёбӣ гардидааст, хело назаррас аст. Муҳимтарин хусусияти «Тафсири кабир» дар он аст, ки он фарогирандаи мазмуну муҳтавои Қуръон аз нуқтаи назари ратсионалистӣ мебошад. Аз рӯйи чунин назарпардозиҳои мутафаккир ба Қуръон он ҷанбаи ақлонӣ касб намуда, онро аз рӯйи равиш ҳамчун тафисири ақлию райъӣ ва каломӣ-фаслафӣ шуҳратёр гардонид. Ӯ бо овардани далелҳои фаровони мантиқию фалсафӣ масъалаҳои каломиро ҷанбаи фалсафӣ бахшида дар тафсир равиши ақлию райъиро ба вуҷуд овард. Сабаби мақоми волоро касб намудани ин асар дар он аст, ки Розӣ аз тамоми сарчашмаҳо барои исботи гуфтаҳои худ истифода бурда, дар асоси далоили ақлӣ онҳоробаррасӣнамудааст.



**Калидвожаҳо**: калом, фалсафа, ақл, усул, нақл, тафсир, райъ, мантиқ, Қуръон, истидлол, равиш, холиқ, махлуқ.


## РАЗМЫШЛЕНИЯ О МЕСТЕ И ЗНАЧЕНИИ «ТАФСИРИ КАБИР» Ф. РАЗИ


В данной статье рассмотрены место и значение «Тафсира кабир» со ссылкой на мнения других исследователей. Это произведение считается крупнейшим рационально-каламистским и философско-логическим комментарием. Раскрыта заметная роль Фахриддина Рази не только в науке толкования, но и в других областях

знания, таких как предание, морфология и синтаксис, теология, калам, философия и др. Анализированы мнения средневековых течений-муътазилия, шиа, имамия, ханафия и мотуридия по данному толькованию. Автором статьи также подробно освещен огромный вклад Фахриддина Рази в формирование коранических наук посредством написания таких его произведений, как «Тафисири кабир», «Тафсири сагир» (он их называет, соответственно, «Мафотиху-л-гайб», «Асрору-т-танзил ва анвору-т-тавил») и комментария к суре «Фотиха». Основной особенностью «Тафсири кабир» является то, что это произведение охвотывает все содержание Корана. Придавая философский аспект вопросам калама, Фахриддина Рази ввел в комментарий рациональный метод исследования и опирался на множество научных источников с целью потверждения своих взглядов.

**Ключевые слова:** калам, философия, разум, повествование, логика, Коран, доказательство, метод, создатель, существо.

**THOUGHT ABOUT THE PLACE AND MEANING OF "TAFSIRI KABIR" OF FAKHRIDDIN AR-RAZI**

There were reviewed the place and meaning of “Tafsir Kabir” in this article. This work is considered the largest rational-Calamist and philosophical-lagic commentary. The significant role of Fakhriddin Razi is revealed not only in the science of interpretations, but also in other areas of knowledge, such as tradition, morphology and syntax, theology, kalam, philosophy, etc. The author of the article thoroughly consecrated Fahriddin Razi’s enormous contribution to the formation of Koranic sciences through writing his works such as Tafisiri Kabir, Tafsiri Sagir (he calls them, respectively, as “Mafotih-ul-ghayb”, “Asror ut-Tanzil va anvoru-t-tavil”) and commentary to the sura“Fotiha”. The main feature of “Tafsiri Kabir” is that this work covers the entire contents of the Quran. Giving a philosophical aspect to the questions of kalam, Fakhriddin Razi introduced in the commentary a rational method of research and relied on many scientific sources to confirm his views.

**Key words:** kalam, philosophy, commentary, story, comment, logic, Koran, talent, essence, dream, creature.

**Сведения об авторе*: Каландаров Мустафо Искандаршоевич* –** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры онтологии и теории познания факултета философии E-mail. **mustafo.kalandarov@mail.ru**
Телефон: **938-666-411**

**УДК:122/129:297**

## ҲАСОДАТ, АСБОБ ВА РОҲҲОИ ИЛОҶИ ОН АЗ НАЗАРИ ИСЛОМ

***Ҳамидшоҳ Ҳаммор***
**Донишгоҳи Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Яке аз сифоти мазмуми башарӣ дар инсон ҳасодат аст, маразе, ки ҳар инсон мубтало бад-он манфури халоиқ ва маҳруми муҳаббати дилҳо мегардад, ин бемори̣ дар вуҷуди одамӣ бар хилофи ҳурри он шахс ба вуҷуд меояд, ки равон ва хотираш аз он зиён дида, ва аз ҳамин нуқта харобии кор оғоз мегардад. Инсони ҳасуд ғамгин ва афсурда аст ва дар зиндагӣ таъми гуворои неъматҳоеро, ки Худованд ба ӯ иноят кардааст, намечашад ва ҳамчунон ҳасодат боиси кина ва душманӣ ва фосила гирифтан аз муҳаббат ва меҳрубонӣ мегардад ва ҳасуд шарик ва ҳамфикр ва дунбола рӯйи шайтон аст ва агар инсон ба роҳи дуруст барнагардад ва тавба накунад ва раҳмати Худо шомили ҳолаш набошад, чӣ басо ин ҳасодат имонашро аз байн бибурд.

Ҳасодат на танҳо зиёне барои шахс мавриди ҳасад (маҳсуд) надорад, балки ба нафъи ӯ ва ба зарари ҳасуд аст, зеро ба фарзе, ки ҳасодати дигарон муҷиби ғайбат бо туҳмат ба ӯ шавад, ин кор боиси аз байн рафтани гуноҳони ӯ ва ба дӯш кашида шудани онҳо тавассути ҳасуд низ мегардад. Дар ҳоле, ки инсони хирадманд, ҳеҷ гоҳ зарари худро намехоҳад ва чи зараре аз ҳасадвазӣ.

Ҳадафи таҳқиқ: 1) шиносоии решаҳо, асбоб ва авомили падидоваранда ва рушддиҳандаи ҳасад; 2) густараи анвоъ ва ашколи бурузи ҳасад; 3) зиёнҳои фардӣ ва иҷтимоии ҳасад; 4) ангораҳо ва доштаҳое, ки таъсири мустақим дар дармони ҳасад ва коҳиши осори он дорад. Дар ин мақола ин мавзӯъ ба асоси равиши таҳқиқи китобхонаӣ таҳқиқ шудааст.

***Ҳасодат, асбоб ва роҳҳои илоҷи он аз назари ислом.*** Таърифи ҳасодат: Роғиби Исфаҳонӣ дар таърифи ҳасодат бо таваҷҷуҳ ба корбурди Қуръонии он менависад: «Ҳасад оризаи заволи неъмат аз касест, ки сазовор доштани он неъмат аст ва шахси ҳасуд илова бар орзуи қалбӣ, чи басо кӯшиш дар заволи он неъмат мекунад [6, с.118].

Ҳасодат, яъне кинатузӣ нисбат ба касе ва хостори аз байн рафтани неъматҳое, ки шомили ҳоли он шудааст. Баъзе гуфтаанд, ки ҳасад ба ҳамон ранҷе гуфта мешавад, ки шахс, ҳангоми бохабар шудан аз ҳоли касе, ки вазъаш хуб шудааст мебурд. Ҳамчунин, гуфтаанд: «Ҳасад, яъне орзуи заволи неъмат аз дигарон. Баҳри ҳоли ҳасад ҳамон буғз ва кина ва кароҳат ва ранҷе аст, ки бо дидани хубии ҳоли маҳсуд ба ҳосид даст медиҳад [2, с.1]

***Анвои ҳасад***. Нахустин навъи ҳасад: нороҳатӣ ва ранҷур шудан ба хотири неъмате, ки насиби касе шудааст, ҳасади мазмум ва нописанд мебошад ва дар он сурат ҳосид аз маҳсуд бадаш меояд ва ҳамвора бо дидани ӯ дучори нороҳатӣ ва азият мегардад ва ин ба сурати беморӣ дар қалбаш мемонад ва агар бубинад, ки он неъмат аз он шахс гирифта шудааст, хушҳол мегардад, ҳарчанд ки барои ӯ аз назари молӣ манфиате надошта бошад. Ҳамин қадар барои ӯ кофӣ аст, ки қалбаш шифо ҳосил кунад ва дигар эҳсоси дарду ранҷ нанамояд. Албатта, бояд донист, ки ин дард ва ранҷ барои ҳамеша аз байн намеравад, балки монанди беморӣ аст, ки бо мудавво барои муддате таскин ёфта ва беморияш ҳамчунон боқӣ аст. Чунки ин буғз ва нороҳатии ӯ нисбат ба неъмат ва бахшиши Худованд ба бандагонаш навъе беморӣ аст ва мумкин аст дубора нисбат ба каси дигар баргардад. Ва ин ниҳояти бадбахтӣ ва зиёне аст.

Дувумин навъи ҳасад: ҳосид бартарии маҳсудро бар худ нописанд медонад ва дӯст дорад бидуни он ки аз шахси маҳсуд кам шавад, аз ӯ ҳам мисли шахси маҳсуд ё болотар аз ӯ бошад. Ин навъи ҳасаде аст ва ба он ғабта низ мегӯянд: Паёмбари Худо (с) дар ҳадисе фармудаанд: «Ҳасад ҷуз дар ин ду чиз ҷоиз нест: марде, ки Аллоҳи мутаол ба ӯ илм ва ҳикмат дода ва бо он қазоват мекунад ва ба мардум илм меомӯзд ва марде, ки Аллоҳи мутаол ба ӯ мол ва сарвате додааст ва ӯро бар он мусаллат карда, то онро дар роҳи ҳақ масраф намояд» [5, 17]. Абдуллоҳ ибни Умар фармудааст: «Марде, ки Аллоҳи мутаол ба ӯ Қуръон дода ва ӯ шабу рӯз машғули хондан ва амал кардан ба он аст ва марде, ки Худованд ба ӯ мол ва сарвате дода ва ӯ ҳам шабу рӯз машғули бахшидани он дар роҳи ҳаққ аст» [5-1299]. Пас ин навъи ҳасад, ки дар он бидуни ин ки заволи неъматеро аз касе дигар орзу бикунад, онро барои худ низ орзу намояд, ашколе надорад [3,с.76].

***Далоил дар мавриди мазаммати ҳасодат***. Қуръони карим ҳасодатро аз шарруҳо ва умури зишт ва ноҳинҷоре мешуморад, ки аз назаре, хос ва вежа аст ва аз бадиҳо ва зиштиҳои дигаре ба ҷаҳоне муҳимтар ва қобили дирангтар аст. Шояд яке аз илали вежа будани ин шарр ва зиштӣ, вежагии махфӣ будани он аст. Худованди мутаол ба Паёмбари хеш (с) дастур додааст, ки худ ва умматашро аз азият ва озори ҳосидон ба Худованд паноҳ бибаранд: «Бигӯ ба Худовандгори сафедадам паноҳ мебарам, аз шарри ҳар он чи, ки Худованд офаридааст ва аз шарри шаб бад-он гоҳ, ки комилан фаро мерасад ва ҷаҳонро дар зери торикии худ мегирад ва аз шарри касоне, ки дар гиреҳо медаманд, ва аз шарри ҳасуд бад-он гоҳ, ки ҳасад меварзад» (ал-Фалақ:1-5).

Муфассирон мегӯянд: ин сура ба хотири ҳасодати яҳудиён ва сеҳре, ки Лабед ибни Аъсами яҳудӣ дар ҳаққи Паёмбари аъзам (с) анҷом дод, нозил шуд. Пас, агар шахси ҳасуд бар асоси ҳасодати худ амал кунад, ситамгар ва мутаҷовиз ба ҳисоб меояд. Дар натиҷа, мустаҷиби азоби Худованд мешавад. Аз ин рӯ, бояд аз ҳасодат даст бардорад ва тавба кунад. Аммо шахсе, ки мавриди ҳасодат қарор гирифта, мазлум аст ва бояд дар баробари азият ва озори ҳасуд сабр кунад ва аз шарри ӯ ба Худо паноҳ бибард, то имонаш солим бимонад [3, с.93]. Аллоҳи мутаол ҳасадро ҳаром қарор додааст, чунончи дар мавриди ҳасодати яҳуд мефармояд: «Бисёре аз аҳли китоб ба хотири ҳасаде, ки дар дарунашон реша давондааст, орзу доранд, агар бишавад, шуморо баъд аз пазириши имон ба сӯйи куфр ва ба ҳоли собиқае, ки доштед, бозгардонанд, бо ин ки ҳақоиқ бар эшон равшан шудааст» [ал-Бақара: 1099].

Ҳасад яке аз сифоти заиф ва мазмум ва нописанд аст, агар соҳиби он ба роҳи рост барнагардад ва тавба накунад ва раҳмати Аллоҳ шомили ҳолаш нашуд, чи басо ҳасодат имонашро аз байн бибурд. Паёмбари акрам (с) мефармояд: «Аз ҳасад ба шиддат бипарҳезед, чаро ки ҳасад некиро ҳамон гуна аз байн мебарад, ки оташ ҳезуми хушкро аз байн мебарад» [4,427]. Даъватгарони роҳи Худо, хусусан онҳое, ки дар корҳояшон муваффақанд ва дорои нишот ва тавоноӣ ва халлоқият ҳастанд ва аз муҳибатҳои илоҳӣ бархӯрдоранд, дар маърази теғи забонии онон ва бар ҳар хислати неке, ки доранд, ҳасодат меварзанд, сипас барои фароҳам шудани фарзияти муносиб лаҳзашуморӣ мекунанд ва то онҳоро хирад карда, хашм ва ҳасуди худро нисбат ба онон амалӣ кунанд.

***Асбоб ва авомили ба вуҷуд омадани ҳасодат***. Нахустин ва муҳимтарин сабаби ҳасодат адоват ва кина аст: ҳар кас шахсеро бино ба далоиле азият кунад ва ба наҳве ки дар қасд ва ҳадаф бо ӯ ҳамназар набошад, мухолифат кунад, вай қалбан бо ӯ душман мешавад ва кинаи ӯ дар дилаш пайдо мекунад ва кина одамеро ба фикри интиқомҷӯӣ меандозад. Ва дар як калом ҳасодат мусталзами кина ва душманӣ аст ва аз он ду ҷудо намешавад.

Дувумин сабаб ва далоили ҳасодат, худбузургбинӣ аст: ва он иборат аст аз ин, ки фард барояш душвор аст, ки дигарон аз ӯ бартар ва болотар бошанд ва агар яке аз ақрони вай ба мақом, илм ё сарвате даст ёфт, тарси онро пайдо мекунад, ки бар вай такаббур кунад ва

тоби таҳаммули ӯро надошта бошад, ва нафсаш фахрфурӯшӣ ва бузургманшии ӯро бар худ напазирад.

Севумини он кибр аст: ин ки худро аз дигарон болотарダониста, онҳоро кӯчак бишуморад ва интизор дошта бошад, ки дар баробари ӯ ром ва таслим бошанд ва онҳоро ба кор бигирад, ки авомирашро гардан ниҳанд, ҳар гоҳ дигаре ба неъмате даст ёфт, бими он дорад, ки ин фарде, ки ба неъмат даст ёфтааст, такаббурашро таҳаммул накунад ва аз пайравӣ ва итоат аз ӯ сар боз занад ва ё ҳадди ақали интизор дошта бошад, ки ҳама шаъни ӯ гардад.

Чаҳорумин далели ҳасодат аҷаб аст: ҳамон тавре ки Худованди мутаол моро аз ҳоли миллатҳои гузашта бохабар месозад, ки мегуфтанд: «Гуфтанд: Шумо инсонҳое ҳамчун мо беш нестед ва Худованди меҳрубон чизеро фурӯ нафиристодааст ва шумо ҷуз дурӯғ намегӯед» (Ёсин, 15).

Панҷумин сабаби ҳасад тарси аз даст додани ҳадаф аст: ин сабаб замоне боиси ҳасодат мегардад, ки чанд нафар дар пайи дастёбӣ ба як ҳадафи воҳид бошанд, ҳар як аз инон нисбат ба дигаре дар мавриди ҳар неъмате, ки ӯро дастёбии инҳисорӣ ба мақсадаш ёрӣ диҳад, ҳасад меварзад.

Шашумин сабаби ҳасад ҳубби раёсат ва ҷоҳталабӣ аст: монанди нафаре, ки мехоҳад дар яке аз шохаҳои илм ва ҳунар беназир бошад, чаро ки ҳубби сано ва ситоиш ӯро бар он водоштааст, ки пиндорад ягонаи рӯзгор аст ва монанди ӯ пайдо намешавад ва агар бишинавад, ки дар гӯшае аз ин ҷаҳон як нафар монанди ӯ вуҷуд дорад, ин масъала ӯро нигарон карда, орзу мекунад, ки он нафар бимирад ё он неъматро аз даст бидиҳад.

Ҳафтумин омили ҳасодат палидӣ ва хабосати нафс аст ва тангназарӣ нисбат ба некӣ ба бандагони Худо, ҳар гоҳ некуҳолии касе аз бандагон, ки Худованд бар ӯ неъмате арзонӣ доштааст, назди ӯ бозгуфта шавад, барояш душвор ва нохушоянд аст ва ҳар гоҳ аз ошуфтагии умури мардум ва бадбахтӣ ва аз даст рафтани мақосид ва аҳдоф ва талхӣ ва ногувории зиндагии онон баҳсе ба миён ояд, бад-он хушҳол ва масрур мешавад [9, с.30].

***Роҳҳои илоҷи он аз назари ислом***. Ҳасодат сифати зишт аст, чун аз сифоти шайтон ва аз сифоти бадтарини инсонҳо дар гузашта ва дар ҳол аст, зеро ҳасодат, яъне эътироз ба тақдири илоҳӣ ба тақсимбандии худовандӣ. Мусулмон бо розӣ будан ба тақдири илоҳӣ ва тақсими худовандӣ, бояд ҳасодатро аз худ дур намояд ва он чи барои худ намеписандад, барои бародараш ҳам announcements написандад, чунонки Паёмбар (с) мефармояд, «ҳеҷ як аз шумо муъмини комил ва воқеӣ намегардад; Магар он ки он чи барои худ намеписандад, барои бародараш низ написандад [5, 5]. Ба ҳамин хотир, парҳез аз ҳасудон ва буридан аз аҳли ғайбат ва гӯш надодан ба ғайбатҳои эшон ва тарки ҳамнишинӣ бо онон аз рафторҳои некуи ислом ва ахлоқи паёмбарон аст. Набояд бо ҳасад ва ғайбат ҳамнишинӣ ва ҳамҷаворӣ намуд, то мутаваҷҷеҳи амал ва ахлоқи зиши худ бишавад. Агар ба василаи ҳасудон мавриди ибтилоъ ва озмоиш қарор гиранд, бояд ба ду тӯша – сабр ва намоз мутавассил шуда, аз шарри нуфуси мардум ва суизанн ва ҳасодати онон ба Худо паноҳ бибаранд. Мусулмон бояд бо ахлоқи некуи хеш худро аз тамоми мардумон мутамоиз созанд ва хуб аст бидонем, ки ҳусни халқ ҳосили рисолат ва нубувате аст, ки Паёмбари акрам (с) ба хотири он мабъус шудааст [10, 32].

Бемории ҳасодат бо умури зайл муолиҷа мегардад:

Аввал ин, ки ҳасуд бидонад, ки ин неъмат, фазл ва лутф ва инояти Худованд аст, Худованди мутаол мефармояд: «Оё мардум ба хотири он чи ки Худованд аз фазли хеш ба онҳо додааст, ҳасодат меварзанд [ал-Нисо, 54].

Дардноктарин ҳасад, ҳасаде аст, ки шахси доро ва соҳиби неъмат, гирифторони ояд ва ҳасодат намояд. Худованд анвои неъматҳо ва хубиҳоро ба афрод арзонӣ дорад, ҳасодат ба маънои норозӣ будан аз тақдири илоҳӣ аст, ҳар гоҳ муъмин инро бидонанд, аз ин сиришт боз меояд.

Дувум, мусулмон бидонад, ки истифодае, ки ӯ аз ҳасодат мебурд фақат ин аст, ки гуноҳонаш бештар мешавад ва некиҳояш аз байн мераванд.

Севум, ҳасуд бидонад, ки ҳасодат ба ҷуз андӯҳ ва нороҳатӣ намеафзояд, ҳар қадар неъматҳои Худованд бар бандагонаш бештар шавад, ҳасрат хӯрдани ӯ бештар мегардад.

Чаҳорум, ҳасуд бидонад, ки монеи расидани фазли Худо ба касе, ки бо ӯ ҳасодат мешавад, намегардад, пас бидонад, ки ҳасодат варзидани ӯ фоидае надорад.

Панҷум, ҳасуд бидонад, ки ҳар гоҳ ба ҳасодат варзидан машғул шавад, аз масолеҳ ва манофеи вежаи худ фаромӯш мегардад. Шумо ҳасодаткунандаро мебинед, ки доиман дар ҳоли ҷустуҷӯ ва хабаргирӣ аз аҳвол ва амвол ва фарзандон ва илми дигарон аст ва ҳамвора аҳволи дигаронро ҷустуҷӯ, пайгирӣ ва дунбол мекунад.

Шашум, мусулмон бо панох̣ бурдан ба Парвардигор ҳасадро аз худ ва хонаводааш дур кунад; Худованд ба Паёмбараш (с) дар сураи «Фалақ» дастур медиҳад, ки аз шарри ҳасодатварзанда, вақте ҳасад меварзад, ба Худо панох̣ бибаред.

Мавдудӣ дар тафсири ояе фармудааст: «Ин ҷо панох̣ ба Худо аз кинаварз, кинатузӣ вақте хоста шуда, ки кинаварз ба кинаварзӣ ояд, яъне аз роҳи қавл ва амали худ барои хомӯш сохтани оташи дарунаш ба иқдоме мубодарат варзад, зеро то вақте ки вай иқдом накарда бошад, ҳасадаш ба ҷойи худ зишт аст, вале шарр ва фасодеро барои маҳсуд ба бор намеорад, ки аз он панаҳкор ба Худо хоста шавад. Бо ин ҳама барои паноҳандагӣ ва иман будан аз шарри кинатуз чанд чизи дигар низ муассир воқеъ мегардад. Аввал ин ки инсон таваккул бар Худо дошта бошад ва яқин намояд, ки модоме ки Аллоҳи мутаол нахоста бошад, ҳеҷ касе ба ӯ зараре наметавонад бирасонад. Дувум ин ки суханони кинатузро бардошт ва таҳаммул кунад, бо бешикебой ва бесабрӣ ба ҳаракате даст назанад, ки вай бо асари он ба таври ахлоқӣ ҳаммонанди ҳосид бинамояд ва бар сатҳи кинатузон қарор гирад. Севум ин ки ҳарчанд ки кинатуз аз Худо бехавф ва аз халқ бешарм гардида, ба ҳар андозае, ки ба ҳаракатҳои беҳуда пардохта бошад, маҳсуд бояд қоим ва устувор ба тақво бошад. Чаҳорум ин ки даруни худро қотеона аз андешидан дар бораи кинатуз фориғ ва тахлия кунад ва онро ончунон аз назар андозад, ки гӯё вуҷуд надорад, зеро дар андеша афтодан аз кинатузон, инсон дастхуш ва мағлуби онон мегардад. Панҷум ин ки фикри бадӣ кардан бо кинатузонро набояд дар дил парваронад, балки агар вақте фаро расад, ки маҳсуд бо ҳосид хайр ва бехудӣ метавонад бирасонад, пас ҳаргиз дареғ аз он накунад, бидуни дар назар доштани ин ки сӯзиши даруни кинатуз аз ин равиши некуи маҳсуд аз байн меравад ё не. Шашум ин ки маҳсуд ақидаи тавҳидро ба хубӣ донисга, бар он собитқадам ва устувор бошад, зеро қалбе, ки мамлув аз тавҳид бошад, дар он хавф аз Аллоҳ мебошад ва бо хавфи Аллоҳи мутаол хавфи дигарон намеғунҷад ва ғунҷонида намешавад [9, 206].

Мавзӯоти шомили ин мақоларо ба шакли зайл метавон натиҷагирӣ кард:

Ҳасодат аз гуноҳони кабира аст, ислом барои ҳеҷ кас иҷоза надодааст, ки нисбат ба бародараш ҳасад варзад, ҳасодат, яъне нороҳат шудан аз неъматҳое, ки Аллоҳи мутаол ба бандагонаш арзонӣ доштааст, монанди ин ки фарде мушоҳида мекунад, ки Аллоҳи мутаол ба касе илм ё сарват ё фарзанд ато намуда, нороҳат шавад ва ин неъматҳоро барои дигарон написандад.

Дигар ин ки ҳасодат нахустин гуноҳ ва аввалин хатое аст, ки дар рӯйи замин рух дода, он чи ки шайтон ба одам ҳасад варзид ва ҳасад ӯро ба нофармонӣ ва гуноҳ кашонад ва ҳасад то абад як гирифторӣ барои башар шуд.

Ва ҳамчунон ҳасад аз ҷумлаи разоили ахлоқӣ аст, ки паём ва осори он боиси бадахлоқиҳои эҷтимоӣ ва фардӣ мешавад.

Беҳтарин роҳи илоҷи ин беморӣ ин аст, ки шахси ҳасуд бояд бидонад, ки ҳасодат пайомадҳои бисёр талх ва ногуворе барои дин ва дунёи ӯ дорад, аз ин рӯ, тақвияти имон ва яқин ба Худованд яке аз аслитарин роҳҳои дармони ин сифати нописандида мебошад. Ва ттаваҷҷуҳ ба зарарҳои ҳасодат, омили бисёр муҳим дар дармони ин беморӣ ба шумор меояд ва ҳамчунон рӯҳияи таваккул ба Худованди мутаол аст.

Ин бемориро бояд бо илм ва амал муолиҷа намуд, инсони мусулмон маъмури ин аст, ки доиман хайрхоҳи мардум бошад, аммо инсон ҳосиди гӯё бадхоҳ мардум аст.

## АДАБИЁТ


1. Қуръони карим.
2. ابن تیمیه، احمد.(۱۳۹۴) .**حسد بیماری های قلب**.مترجم: علی صارمی، انشارات: الحرمین.
3. ابن تیمیه، احمد.(۱۴۲۴) .**قلبهای بیمار ومدوای آنها**. مترجم: علی صارمی، انشارات: الحرمین.
4. ابوداود، سلیمان بن الاشعث. (ب ت).**سنن ابو داود**. جلد:4، الناشر: دارالفکر.
5. البخاری، محمد بن اسماعیل. (۱۴۱۹). **صحیح البخاری**. ج1، الریاض: دارالسلام، الطبعة الثانية.
6. الاصفهانی، الحسین بن محمد المعروف بالراغب. (1412). **المفردات فی غریب القرآن** دمش: دارالعلم الدار الشامیة.
7. سید، قطب.(۱۳۹۳) .**فی ظلال القرآن**. ج6، مترجم: مصطفی خرم دل، تهران: نشراحسان.
8. الشیبانی، احمد بن حنبل أبوعبدالله.(ب ت)**مسند الامام احمد بن حنبل** ج ۴، القاهرة: مؤسسة قرطبة.
9. مودودی، ابوالاعلی.(۱۹۹۷).**تفهیم القرآن**. مترجم: سید نیاز محمد همدانی، ج6، لاهور: دارالعربیة للدعوة الاسلامیة.
10. یکن، فتحی.(۱۳۷۹). **قایقهای نجات در طوفان حوادث**.مترجم: قادر قادری، تهران: نشراحسان

## ҲАСОДАТ, АСБОБ ВА РОҲҲОИ ИЛОҶИ ОН АЗ НАЗАРИ ИСЛОМ

Яке аз сифоти мазмуми башарӣ дар инсон ҳасодат аст, маразе, ки ҳар инсон мубтало бад-он манфури халоиқ ва маҳруми муҳаббати дилҳо мегардад, ин беморӣ дар вуҷуди одамӣ бар хилофи ҳурри он шахс ба вуҷуд меояд, ки равон ва хотираш аз он зиён дида, ва аз ҳамин нуқта харобии кор оғоз мегардад. Ҳасодат на танҳо зиёне барои шахс мавриди ҳасад (маҳсуд) надорад, балки ба нафъи ӯ ва ба зарари ҳасуд аст, зеро ба фарзе, ки ҳасодати дигарон муҷиби ғайбат бо туҳмат ба ӯ шавад, ин кор боиси аз байн рафтани гуноҳони ӯ ва ба дӯш кашида шудани онҳо тавассути ҳасуд низ мегардад. Дар ҳоле, ки инсони хирадманд, ҳеҷ гоҳ зарари худро намехоҳад ва чи зараре аз ҳасадвазӣ.Дар ин мақола мавзӯи ҳасодат ва роҳҳои илоҷи он аз назари ислом баррасӣ шудааст, ки шомили таърифи ҳасодат ва асбоби он, монанди адоват ва душманӣ, такаббуру худбузургбинӣ, уҷуб, тарси аз даст додани ҳадаф, ҳубби раёсат ва ҷоҳталабӣ, палидӣ ва хабосати нафс ва роҳҳои илоҷи он аз назари ислом мебошад.

**Калидвожаҳо:** орзу, кина, ғабта, хашм, ҳасад, рашк бурдан ва бад хостан.

## ЗАВИСТЬ И ПУТИ ЕГО ПРЕОДОЛЕНИЯ В ИСЛАМЕ

Зависть – это социально-психологическое состояние, охватывающее целый ряд различных форм социального поведения и чувств, возникающих по отношению к тем, кто обладает чем-либо (материальным или нематериальным), чем хочет обладать завидующий, но не обладает. Человек, испытывая это негативное чувство, в итоге порой впадает в депрессию и тем самым вредит самому себе, своему здоровью. Такой человек не только в мире вечном остаётся в убытке, но и в этом мире тоже получает только стресс и болезни от переживания. Сущность зависти заключена в недовольстве. Завистник – это несправедливый и жестокий человек, который никого не щадит и не оставляет в покое. Когда завистник начинает проявлять свою зависть, стараясь нанести вред словом или делом,его причиной является отсутствие конкретных целей, отсутствие наполнения жизни смыслом, целями, новыми знаниями и их применением, отсутствие собственных успехов и достижений и сценария, истории. Именно при таких обстоятельствах у индивида появляется много лишнего времени, сил, энергии, и он начинает тратить их на различного рода вредные пагубные привычки, занятия, на обсуждение других, критику и в том числе на зависть.

**Ключевые слова:** желание, зависть, ярость, злоба, ревность, ревновать и желать плохое.

## ENVY AND WAYS OF ITS OVERCOMING IN ISLAM

Envy is a socio-psychological state that encompasses a number of different forms of social behavior and feelings that arise in relation to those who possess something (tangible or intangible) that the envy wants to possess, but does not possess. A person experiencing this negative feeling, as a result, sometimes falls into depression and thereby harms himself, his health. Such a person not only in the eternal world remains at a loss, but also in this world also receives only stress and illness from the experience. The essence of envy is discontent. An envious person is an unjust and cruel person who does not spare anyone and does not leave him alone. When an envious person begins to show envy, trying to do harm in word or deed, his reason is the lack of specific goals, the lack of fulfillment of life with meaning, goals, new knowledge and their application, lack of personal successes and achievements and scenario, history. It is under such circumstances that the individual has a lot of extra time, effort, energy, and he begins to spend them on various kinds of harmful addictions, activities, on discussing others, criticism, including envy.

**Keywords:** desire, envy, rage, anger, jealousy, jealousy and desire for the bad..

**Сведения об авторе:** ***Хамидшох Хаммор*** – Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель. E- mail: hamidshahhammad222@gmail.com Phone: **+93 (0) 700 50 30 58**

**Information about the author: Hamidshoh Hammor** - Balkh University of the Islamic Republic of Afghanistan, teacher. E- mail: hamidshahhammad222@gmail.com Phone: **+93 (0) 700 50 30 58**

**УДК 1/14+159.9 (575.3)**

# ТАҲЛИЛИ ПСИХОЛОГИИ САБАБИЯТИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ КАҶРАФТОРӢ ДАР НАВРАСОН

***Расулов С.Х., Раҷабов Н.М.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ шуд, ки бо сабабҳои сукути ногаҳонии Давлати шӯравӣ ва оқибатҳои вазнини он алоқаманд буданд ва дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа бухронро ба вуҷуд оварданд. Дар солҳои аввали истиқлолият вобаста ба инқироз ва омода набудани ҷомеа барои тағйироти демократӣ, дар кишвар бухрони сиёсӣ оғоз ёфт, ки он боиси муқовимати шаҳрвандӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон гардид.

Ин давраро ҳамчун давраи бухрони маънавии ҷомеа низ тавсиф кардан мумкин аст, ки нишонаҳои онро дар афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ ва каҷрафтории иҷтимоӣ баръало дидан мумкин аст. Ин тамоюлҳои манфӣ на танҳо аъзоёни калонсоли ҷомеа, балки ноболиғон, махсусан кӯдаконеро низ фаро гирифта буданд, ки бо ин ё он сабаб дар вазъи мушкили ҳаётӣ қарор доштанд. Бисёре аз ин кӯдакон ба хотири раҳоӣ аз ин вазъи мушкил маҷбур буданд, ки ба ҷойи таҳсил ба оилаи худ кумак расонанд ва ба меҳнат машғул шаванд.

Маҷбур кардани ноболиғон ба меҳнати вазнини ҷисмонӣ ва табъизи ҳуқуқҳои онҳо дар мактаб ва оила, истифодаи усулҳои номувофиқи таъсиррасонии тарбиявӣ нисбат ба онҳо аз тарафи волидайн ва муаллимон, мушкилот дар мактаб (ҷанҷолу низоъҳо бо ҳамсинфон ва омӯзгорон), надоштани имконияти фарогирӣ ба таълим дар мактаб бо ин ё он сабаб, бепарвоии мутлақи аъзоёни калонсоли ҷомеа ба мушкилоти насли наврас ва воқеияти дигари солҳои аввали истиқлолият ба он оварда расониданд, ки бисёре аз наврасон аз тарбия ва дарсҳои мактабӣ даст кашида, ба муҳити кӯчагӣ ва аксар вақт ба муҳити ҷиноӣ ворид шуданд.

Бино ба иттилои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, масъалаи каҷрафтории иҷтимоӣ ва ҷинояткории наврасон, сарфи назар аз коҳиши назарраси нишондиҳандаҳои оморӣ, ҳанӯз ҳам ташвишовар ва нигаронкунанда мебошад. Тибқи ҳисоботҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар солҳои охир, дар дохил ва хориҷи кишвар даҳҳо ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки аз ҷониби наврасон содир шудаанд. Инчунин, аз тарафи мақомоти салоҳиятдор ҳолатҳои зиёди ба доираҳои ҷиноӣ ҳамроҳ шудани наврасон сабт шудааст. Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро маҳз дар синни навраси шаклгирӣ ва зоҳиршавии каҷрафторӣ ҳамчун масъалаи баташвишоваранда баҳо дода мешавад.

Тибқи таҳлили адабиёти илмӣ хусусияти фарққунандаи айёми наврасӣ дар он зоҳир мешавад, ки дар ин марҳилаи ҳаёт дар шахс бори нахуст муносибати ҷиддӣ намудан бо муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Наврас бештар кӯшиш мекунад, ки муносибатҳои худро бо дигарон густаришу тақвият диҳад ва ба маҷрои пурталотуми ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамроҳ шавад. Дар робита бо густариши робитаҳои иҷтимоӣ ва ташаккули шаклҳои нави муносибатҳо бо дигарон, аз ҷумла дар мактаб, кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ, дар наврасон ақидаи хос ва назари шахсӣ нисбат ба одамоне, ки бо ӯ дар муоширатанд, ташаккул меёбад. Аммо ин баҳодиҳии наврас субъективӣ буда, аксар вақт дар заминаи дарки зуҳуроти алоҳидаи хусусиятҳо ё рафтори атрофиён ба вуҷуд меояд. Наврас ҳоло ҳамчун шахсияти пурра ташаккул наёфта, аз сабаби нокифоягии балоғати ақлӣ, зимни баҳодиҳӣ ба ин ё он рафтори инсони дигар, мақсаду мароми аслиеро, ки рафтори мазкур ба хотири он содир шудааст, фаҳмида ва ё ба эътибор гирифта наметавонад.

Маҳз дар айёми ба балоғатрасӣ ва ташаккулёбии шахсият таҳти таъсири як қатор омилҳои иҷтимоӣ ва психологӣ хатари дар инсон пайдо шудани тамоюл ба рафтору аъмоли зишт ва ғайриқонунӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, барои пешгирӣ кардани каҷрафтории иҷтимоӣ ва қонуншикании наврасону ноболиғон ошкор кардан ва пешгирӣ намудани сабабу омилҳои иҷтимоии ин падидаҳои манфӣ хеле муҳим мебошад.

Мавриди зикр аст, ки ҷанбаҳои гуногуни масъалаи каҷрафторӣ аз тарафи олимони ватанию хориҷӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд. Дар таҳлили моҳияти каҷрафторӣ ва шаклҳои зуҳури он, ошкор кардани сабабҳои иҷтимоӣ, фарзияҳо ва назарияҳои илмии олимони рус, аз ҷумла В.С. Афанасева, Я.И. Гилинский [1], Г.Н. Минковскский [7], ки асосгузорони назарияи махсуси сотсилогӣ ба унвони «сотсиологияи каҷрафторӣ» ба шумор меравад ва дар асарҳояшон вазифаҳо, марзҳо ва доираи мавзӯи дивиантологияро шарҳу тавзеҳ додаанд, аҳаммияти махсус доранд. Натиҷаи корҳои зикршуда, ки бо роҳи синтези равишҳои когнитивӣ, шахсӣ, бихевиористӣ ва психологӣ ба даст оварда шудаанд, барои саривақт ошкор намудани нишонаҳои зуҳури каҷрафтории ноболиғон дар ҷомеа аҳаммияти бағоят бузурги амалӣ доранд.

Таҳлили тадқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар муайян кардани сабабҳои бавуҷудоварандаи каҷрафторӣ дар наврасон асосан ба тадқиқоти олимони хориҷӣ ва махсусан рус такя намудаанд. Пӯшида нест, ки вобаста ба хусусиятҳои ба худ хосси фарҳангӣ, урфу одат, расму русум ва умуман хусусиятҳои этнопсихологии ҳар як ҷомеа, вазн, дараҷа, хусусият ва механизмҳои таъсири омилҳо ба шаклгирӣ ва зоҳиршавии рафтори шахс таъсири гуногун мерасонанд. Аз ин лиҳоз, ошкор кардани сабабияти фалсафӣ-иҷтимоии каҷрафторӣ дар наврасон бо дарназардошти хусусиятҳои этнопсихологии ҷомеаи тоҷикистонӣ барои коркарди барномаҳои хусусияти миллидошта ва роҳандозӣ кардани чорабиниҳои пешгирикунанда ваислоҳнамоии каҷрафторӣ дар наврасон имконият медиҳад. Аз тарафи дигар, сабабияти фалсафӣ-иҷтимоӣ хусусияти таъсиррасонии бевоситаро ба шаклгирӣ ва зоҳиршавии рафтор надошта, тавассути таъсиррасонии бавосита ба шаклгирӣ ва инкишофи зуҳурот ва хусусиятҳои психологӣ метавонад ҳамчун омили бавуҷудоварандаи каҷрафторӣ дар наврасон баромад кунад. Бинобар ин, маҳз таҳлили психологии ин сабабият барои ошкор кардани механизмҳои таъсиррасонии омилҳои иҷтимоӣ, инчунин коркарди барнома ва чорабиниҳои пешгиринамоӣ ва ислоҳнамоии психологии каҷрафторӣ дар наврасон имконият медиҳад.

Дар маҷмӯъ дар адабиёти илмӣ ду раҳёфти муайянкунандаи пайдошавии каҷрафтории наврасон ва ҷавонон дар ҷомеа рӯйи кор омадааст – сабабияти биологӣ ва сабабияти иҷтимоӣ.

Аввалин намояндаи маъруфи мактаби назарияи сабабияти биологии каҷрафторӣ равонпизишк ва криминалисти итолиёӣ Ч. Ломброзо шуморида мешавад. Ч.Ломброзо муаллифи як назарияи ҷолиби биосотсиологӣ мебошад, ки дар он рафтори ҷинояткориро бо сохти анатомии фарди ҷинояткор алоқаманд донистааст. Ӯ дар таҳқиқи рафтори ҷинояткорон методи антропометриро ба кор бурда, бо ин роҳ мехост ҳам «сурати биологии» ҷинояткорро тасвир кунад, ҳам ба тавсифи хусусиятҳо ва нишонаҳои биологии хосси ҳар кадоми гурӯҳи ҷинояткорон – одамкушон, ҷинниҳои хунхор (маниякҳо), таҷовузкорон, дуздҳо ва ғайра муваффақ шавад. Яке аз хулосаҳои муҳимми Ломброзо ин мебошад, ки фарди ҷиноятпеша хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонии худро аз ниёгони қадимаи худ мерос мегирад [8]. Намояндаи дигари маъруфи назарияи сабабияти биологӣ, табиб ва равоншиноси америкоӣ У. Шелдон низ дар асарҳои худ назарияи ҷолиберо дар бораи бо ҳам робитаи мутақобила доштани типҳои мизоҷ ва типҳои сохти соматикии инсон баён ва асоснок кардааст. Шелдон муътақид аст, ки дар натиҷаи иртиботи мутақобилаи се навъи асосии сохти бадани инсон (эндоморфӣ, мезоморфӣ, эктоморфӣ) бо се типи асосии мизоҷ (витсеротония, соматотония, тсереботония) дар инсон психотип ё навъи мушаххаси психика ташаккул меёбад. Назарияи сабабияти биологӣ минбаъд дар партави рушди илми генетика инкишофу такомул ёфта, ба як қатор дастоварду натиҷаҳои муҳим ноил гардид, ки яке аз онҳо – фарзияи хромосомии каҷрафторӣ ва ҷинояткорӣ мебошад. Умуман, ба андешаи Е.Б. Лабковская, «аксарияти хулосаву фарзияҳои ҷонибдорони назарияи сабабияти биологӣ ба қонунҳои аз тарафи Ч.Дарвин пешниҳодшудаи интихоби табиӣ ва ирсият такя мекунанд» [4, с. 136]. Аммо, дар назарияҳои муосири илмӣ масъалаи сабабияти биологии каҷрафторӣ тадриҷан аҳаммияту мубрамияти пешинаи худро аз даст дода истодааст, зеро тадқиқотҳои минбаъда собит сохтанд, ки каҷрафторӣ табиати ирсӣ надорад ва вобастагии он аз сохти бадани инсон дар ягон дараҷа ошкор карда нашуд.

Ба тадқиқи минбаъдаи масъалаи каҷрафторӣ раҳёфти сабабияти иҷтимоӣ ва назарияи аномалияи ҷомеаи Э. Дюркгейм такони ҷиддӣ бахшид, ки тибқи он ҳолати аномии ҷомеа аномии шахсиятро ба вуҷуд меоварад, охирон бошад каҷрафторӣ ва рафтори ҷинояткоронаро дар байни ҷавонон, махсусан наврасон. Маҳз ин воқеияти методологӣ минбаъд ҳамчун асоси тадқиқотҳои илмӣ дар раванди фаҳмиши иҷтимоӣ-фалсафии каҷрафторӣ дар наврасон ва роҳҳои пешгирӣ намудани он баромад мекунад.

Аввалин асари инъикоскунандаи таълимоти мактаби сабабияти иҷтимоии каҷрафторӣ асари Э. Дюркгейм бо номи «Худкушӣ» маҳсуб мешавад [2]. Дюркгейм аввалин муҳаққиқест, ки амали худкуширо ҳамчун каҷрафторӣ, яъне сар кашидан аз меъёрҳои аз тарафи умум пазируфташудаи рафтори иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, собит сохтааст, ки ин гуна рафтор натиҷаи таъсиру муносибати мутақобилаи фард ва ҷомеа мебошад. Ба ақидаи Э.Дюркгейм, каҷрафторӣ, пеш аз ҳама, хосси ҷомеаҳое мебошад, ки дар ҳолати аномия қарор доранд. Чунин ҳолат, яъне аномия, ба андешаи Э.Дюркгейм, замоне ҷомеаро фаро мегирад, ки дар низоми ҳуқуқии идоракунии иҷтимоии ҷомеа таҳти таъсири омилҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ивазшавии меъёрҳои кӯҳнашудаи идоракунии иҷтимоӣ бо меъёрҳои наве, ки барои таъмини идораи мунтазами ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва қонеъ гардонидани талаботҳои моддиву маънавии ҷомеа мувофиқат карда метавонанд, ба амал меояд.

Дар ҳолати аномия тасаввуроти афрод ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар бораи меъёрҳо ва рафторҳои ғайримеъёрӣ доимо тағйир ёфта меистанд. Аксарияти муҳаққиқон зимни таҳқиқи омилҳо ва сабабҳои иҷтимоии каҷрафторӣ чунин омилҳову сабабҳоро дар бетартибиҳо ё бесарусомониҳои иҷтимоӣ ва тарбияи бади аъзои ҷомеа мебинанд. Каҷрафторӣ, ба андешаи А.И.Гертсен, ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, як ҳодисаи қонунист ва ба қонуни куллии сабабият тобеъ мебошад, аз ин рӯ чунин рафтор бо шароити иҷтимоии ҳаёти афрод алоқаманд аст.

Ба ақидаи намояндаи дигари назарияи сабабияти иҷтимоии каҷрафторӣ Р.Мертон, «барои содир кардани каҷрафторӣ зиддият ё бо ҳам мутобиқат накардани арзишҳои фарҳангӣ ва сохтори иҷтимоӣ, ки воситаҳои таъмини ин арзишҳоро муқаррар мекунад, сабаб шуда метавонад» [6, с. 213]. Ҳар як меъёри иҷтимоӣ ба фарҳанг на танҳо ҳамчун воситаи таъйини мақсад, балки ҳамчун воситаи қонунии ноил шудан ба мақсад низ хизмат мекунад. Аз ин рӯ, барои пешгирии каҷрафтории иҷтимоӣ ихтилофи байни мақсадҳо ва воситаҳои ноилшавӣ ба онҳоро бартараф кардан лозим аст. Муҳаққиқи дигар, Ю.А. Клейберг каҷрафториҳои ноболиғонро аз нуқтаи назари муносибати шахс бо арзишҳои

фарҳангӣ таҳқиқ намуда, чунин рафторро ҳамчун шакли махсуси тағйири меъёрҳои танзими иҷтимоӣ аз тариқи муносибати арзишии худро ба онҳо ифода намудани фарди каҷрафтор тавсиф мекунад [3].

Тарафдорони раҳёфти сабабияти иҷтимоӣ як қатор назарияҳоеро коркард намудаанд, ки дар онҳо чунин омилҳои иҷтимоии каҷрафторӣ мавриди тадқиқ қарор дода шудаанд:

а) аномия (Э. Дюркгейм, Р. Мертон);

б) таъсири анъанаҳои фарҳангӣ-ҳуқуқии порафарҳанг ва махсусияти таълим (Р. Клоуорд, С. Селлин, О. Турк и Л. Оулин);

в) нобаробарии тарафҳои муносибатҳо ва ҳамкориҳои иҷтимоӣ, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои интизоршуда ва ноилшавӣ ба мақсад монеа мегарданд (Р. Парсонс);

г) номутобиқати сифатҳои шахсӣ бо хусусияти тақсимоти некуаҳволии иҷтимоӣ (П.Сорокин);

ғ) хусусияти ноустувори рушди иҷтимоӣ, нобаробарии иҷтимоӣ (Ю.А. Клейберг) ва ғ.

Таҳлили психологии сабабияти иҷтимоии каҷрафторӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам косташавӣ ва калаванда будани меъёрҳои иҷтимоӣ, заифшавии меъёрҳои фарҳангӣ, қувваи танзимакунии худро аз даст додани арзишҳои иҷтимоӣ ва умумиинсонӣ зиддиятеро дар алоқаи мутақобилаи фард бо ҷомеа ба вуҷуд меоваранд ва ин зиддият буҳронро дар некуаҳволии иҷтимоӣ-психологии одамон ба вуҷуд меоварад. Дар шароити чунин зиддиятҳо стрессорҳои иҷтимоӣ рӯ ба афзоиш меоваранд, ки ба фаъолияти одам таъсири манфӣ расонида, ҳамчун омили ба мутобиқшавии иҷтимоӣ халалрасон хизмат мекунанд. Дар чунин шароит бешубҳа наврасон ба гурӯҳи осебпазир дохил мешаванд, зеро ин буҳрони иҷтимоӣ азсагузаронии буҳрони табиии дохилии онҳо – «буҳрони ҳувият»-ро душвор мегардонад. Ба андешаи Э. Эриксон, «ин марҳала барои ташаккули эҳсоси ҳувияти шахсӣ аҳаммияти муҳим дошта метавонад. Он ба рушди шахсият дар тамоми раванди минбаъдаи ҳаёт таъсир мерасонад. Ҳувияти шахсӣ арзишҳо, нуқтаҳои назар, маром ва идеалҳоеро дар бар мегирад, ки рафтори одамро муайян мекунанд» [3, с. 56].

Хусусияти таъсиррасонии бавосита доштани омилҳои иҷтимоӣ боиси он гардид, ки дар ошкор кардани табиати каҷрафторӣ ва омилҳои он раҳёфтҳои гуногуни психологӣ истифода бурда шаванд.

Феълан дар адабиёти илмӣ анъанаи истифода бурдани раҳёфти психоаналитикӣ ва психодинамикӣ дар тадқиқи сабаб ва омилҳои каҷрафторӣ қабул шудааст. Намояндагони ин анъана сабабҳои қаҷрафториро бо се унсури сохтори шахсият ва хусусиятҳои идроки эмотсионалӣ ва ҳиссиётҳои азсаргузаронидаи шахс алоқаманд медонанд, ки инҳоянд: бешуурӣ (Ид), шуурона (Эго) ва фавқулшуурӣ (Суперэго). Дар аксар тадқиқотҳои ба ин раҳёфт такянамуда ошкор карда шудааст, ки маҳз оила ва муносибатҳои оилавии дар байни волидайн ва наврасон вуҷуддошта дар пайдошавӣ ва пешгирии каҷрафтории наврасон нақши асосиро мебозанд. Аз ин лиҳоз, тамоюлҳои рафтории наврасон реша дар муносибатҳои оилавӣ доранд.

Норасоии кумаки маънавӣ ва равобити маънавӣ-эмотсионалӣ дар байни волидону фарзандон, нақши кӯчак ва ночизи оила дар раванди иҷтимоишавии наврасон низ ба мавқеи наврасон дар ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон падидае, ки қувваи таъсиррасонии ин омилро меафзояд муҳоҷирати меҳнатӣ маҳсуб меёбад, махсусан дар ҳолатҳое, ки ҳарду волидайн ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд ва фарзандони наврас дар парастории хешу табор мемонанд. Дар чунин ҳолат талаботи наврасон ба робитаи маънавӣ-эмотсионалӣ қонеъ намегардад, ки ба саломатии психологии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Бо назардошти тағйироти куллие, ки дар раванди инкишофи равонӣ-физиологӣ ва иҷтимоии инсон дар айёми наврасии ҳаёти ӯ ба амал меоянд, метавон зикр кард, ки маҳз дар ҳамин синну сол шахс қобилияти дарки эмотсионалии он нақшҳои иҷтимоиеро пайдо мекунад, ки барояш ҷолибтар мебошанд.

Допустим, у учащегося воспитана потребность в общении со спортом через игру в футбол. К нему прикрепили тренера, руководствующегося несовершенной, устаревшей методикой. Вместо творчески интересных занятий ученик столкнулся с выхолощенным, чисто техническим обучением. Потребность осталась, а содержание работы, и, следовательно, ситуация, при которой она продолжает существовать, изменились. Меняется и установка, вызывая иные опредмеченные действия, т.е. иные мотивы, иные реализуемые цели. Возвращаясь к потребности, «результат труда - субъективный продукт - начинает активно воздействовать на свой отправной пункт, на свою «испытанную необходимость».

Не случайно в философской и психологической литературе мотивы учебной деятельности интерпретируются как «идеальная сила» учения.

Из изложенного следует три вывода:

Первый. Одной из центральных функций обучения является формирование мотивов учебной деятельности.

Второй. Формирование мотивов учебной деятельности должно соотноситься по направленности и содержанию с воспитанными и воспитываемыми потребностями.

Третий. Наиболее оптимальное развитие готовности магистра к педагогической деятельности возможно при условии органичного единства воспитания и обучения. Только единство воспитания и обучения способно обеспечить гармоничность направленности потребностей и мотивов - этих отправных и взаимосвязанных компонентов педагогической деятельности.

Содержательная целостность системы потребностей и мотивов создает необходимые возможности для наиболее оптимального развития способностей индивида, его социального формирования в целом.

Таким образом, мы пришли к выводу, что одним из главных компонентов теоретической модели готовности магистра факультета физической культуры и спорта к педагогической деятельности является мотивационный компонент.

Для физкультурных ВУЗов как высших специальных учебных заведений доминирующей функцией является профессионализация физкультурного образования. Именно в ВУЗе в процессе дальнейшего освоения профессии, в ходе обучения трудовой деятельности происходит развитие и трансформация общих мотивов личности в трудовые, во-вторых, с изменением уровня профессионализма изменяется и система профессиональных мотивов.

Физкультурный ВУЗ должен давать своим выпускникам знание основ педагогики детской спортивной школы. Требования к преподавателю спортивной школы включают знание содержания начального физкультурного образования, форм, методов, средств обучения в ДЮСШ.

Каждый из учебных предметов, который осваивают юные спортсмены в спортивной школе, приобщает их к основам физической культуры и спорта. И достижение цели здесь зависит от многих факторов, составляющих содержание спортивно-педагогической деятельности, приобретение и совершенствование умений и навыков общения со спортом - его восприятия, исполнение сложных технических упражнений и физическое совершенствование. Должен быть сформирован хороший спортивный вкус.

Каждому выпускнику физкультурного факультета и ВУЗа, избравшему педагогическое поприще в качестве основной специальности, предстоит длительный путь профессиональной деятельности. Знания, приобретенные им в годы учебы, могут оказаться недостаточными, в связи с чем возникает необходимость их в непрестанном пополнении, в совершенствовании профессионального мастерства. Задача физкультурного ВУЗа - сформировать у будущих преподавателей потребность в постоянном совершенствовании и обеспечить их необходимыми умениями педагогической деятельности.

Задача любого учебного заведения, как и каждого преподавателя, по мысли великого русского педагога К.Д.Ушинского [5], сначала научить своих питомцев учиться, а затем поручить это дело им самим, ибо конечная цель педагогических усилий - превращение учения в самоучение.

Каково же содержание высшего физкультурного образования? Любое образование - общее

или специальное, начальное, среднее или высшее - всегда содержательно. Оно предполагает усвоение определенной суммы знаний и практических умений, приемов творческой работы, а также формирование эмоционально-чувственного отношения к миру для социально-полезной деятельности [6].

Усвоение содержания образования обеспечивает передачу опыта, накопленного предшествующими поколениями, так как содержание образования отражает в опосредованной форме обобщенный и систематизированный социальный опыт.

В каждой области и на каждом уровне образования его содержание устанавливается путем отбора, систематизации и приспособления знаний и умений, целесообразных и доступных для усвоения, к познавательной деятельности учащихся.

Содержание образования является основой практической учебной деятельности (деятельность же наряду с научными знаниями является одним из источников содержания образования). В физкультурном обучении эта деятельность связана с овладением техникой в виде спорта, приобретением знаний в избранном виде спорта и формированием системы взглядов на конечный результат.

Профессиональная готовность к педагогической деятельности магистров физкультурного факультета и ВУЗа определяется знанием содержания, целей и задач начального физкультурного образования.

Основные цели ДЮСШ:

- формирование в контакте с общеобразовательной школой всесторонне развитой личности школьников, их мировоззрения и нравственных норм;
- всемерное развитие способностей и склонностей детей к спорту;
- передача им некоторого опыта тренерского познания действительности;
- подготовка школьников к какой-либо спортивной деятельности.

Задачи:

- формирование и развитие двигательных навыков, развитие физических качеств и спортивного мастерства, интереса и любви к избранному виду спорта;
- обучение технике владения избранного вида спорта и умению самостоятельно совершенствовать спортивное мастерство;

Одним из необходимых компонентов готовности к педагогической деятельности являются знания и представления о содержании профессии и требованиях профессиональных ролей.

Каждый из выпускников физкультурного ВУЗа получает квалификацию преподавателя.

Когда в 17-18 лет, побуждаемые интересом к спортивной работе и перспективами творческой деятельности, юноши и девушки избирают профессию учителя физической культуры и тренера по спорту, то вряд ли они серьезно задумываются о педагогике. Да и в годы учебы большее внимание приходится уделять тому или иному спорту, овладению сложным техническим приемам и физическому совершенству. Умение владеть техникой игры в баскетбол, футбол, волейбол необходимо не только будущему спортсмену, но и тренеру. Вряд ли можно обучить кого-либо виду спорта, самому не владея этим умением. И не только потому, что показ является одним из универсальных и незаменимых приемов в педагогической работе тренера, а еще потому, что в процессе тренировки будущий преподаватель вида спорта приобретает многие специфические знания, необходимые в предстоящей педагогической деятельности. Чем лучше спортсмен владеет своим видом спорта, тем шире арсенал его педагогических средств, тем эффективнее его воздействие на ученика, тем выше педагогический авторитет. Сочетание исполнительской и педагогической подготовки в обучении способствует более разностороннему развитию, обогащает профессиональное становление личности спортсмена.

За долгие годы своего существования спортивно-педагогическая профессия претерпела сильные изменения. Если раньше спортивному искусству обучали сами спортсмены и профессии тренера по спорту в ее «чистом» виде по существу не было, то со временем она оказалась вполне самостоятельной, спортивно-педагогической деятельностью люди стали посвящать ей всю жизнь[3,с.4].

Еще молодые годы, на подступах к педагогической профессии, нужно поставить перед собой цель - стать мастером своего дела - упорно идти к ее достижению.

Фундамент мастерства закладывается в годы учения, когда в процессе профессиональной подготовки формируется интерес к педагогической работе, усваиваются основы знаний, необходимых для спортивной педагогической деятельности. Следует качественно, а не формально научить и освоить все спортивные и педагогические дисциплины.

Формируется мастерство целенаправленно, системой сознательных действий, в

преодолении трудностей, в нескончаемых поисках.

Если у молодого педагога-тренера возникают трудности и он начинает ощущать нехватку каких-либо знаний и умений - это хорошее начало. Потребность в совершенствовании - важнейшее условие профессионального роста. А такая потребность зарождается, если преподаватель-тренер серьезно задумывается, почему одни педагогические задачи даются ему легче, другие ставят его в тупик. Осмысление собственного опыта, умение учиться на своих ошибках и накапливать все ценное, что найдено в повседневном тренировочном процессе, есть уже начальная школа мастерства.

Другое условие совершенствования мастерства - знакомство с работой коллег-преподавателей, изучение передового опыта. Как много может дать наблюдение за педагогическим процессом даже на педагогической практике. А когда хорошо изучен педагогический процесс и освоены многие тонкости профессии, такое наблюдение особенно ценно, и не только потому, что можно перенять новые и интересные приемы работы или, напротив, увидеть со стороны педагогические промахи: оно полезно тем, что вызывает размышления, заставляет задуматься, приводит к собственным открытиям. К,Д.Ушинский верно заметил, что «передается мысль, выведенная из опыта, но не самый опыт» [5,с.19].

Таким образом, мы пришли к выводу, что следующим необходимым компонентом теоретической модели готовности магистров физкультурного факультетов ВУЗов является содержательный компонент.

Третьим необходимым компонентом готовности учащихся к педагогической деятельности является процессуальный компонент. Процессуальный компонент вооружает будущих тренеров-педагогов способами педагогической деятельности в реализации проблем теории и практики спортивной педагогики. Овладение новыми способами, действиями возможно только при условии, если магистры университетов и академии спорта располагают определенной системой ведущих знаний, сформированными умениями, ибо «умение - это высшее человеческое свойство, формирование которого является целью педагогического процесса, его завершением»[2,с. 202]. Таким образом, в содержании процессуального компонента педагогической подготовки деятельностной формой выступает существенный показатель - овладение основными умениями педагога-тренера. К наиболее основным и значимым мы относим: умение изучать исходное состояние той или иной педагогической проблемы и намечать перспективные задачи в ее разработке и совершенствовании: умение конструировать содержание работы, применять различные формы и методы достижения эффективных результатов; умение совершенствовать профессиональные и личностные стороны деятельности тренера-педагога.

В последние десятилетия одним из прогрессивных методов обучения является развивающее обучение. Развитие как принцип все чаще выступает в педагогике в качестве самостоятельной проблемы. Единство обучения и развития было понято достаточно давно, но что же является первичным?

В начале XX века российский психолог Л.С.Выготский (в противовес утверждению зарубежной психолого-педагогической литературы о том, что обучение и есть развитие) выдвигает свою концепцию, согласно которой обучение должно идти впереди развития. «Усвоение знаний, - отмечал ученый, создает зону ближайшего развития, т.е. вызывает у ребенка интерес к жизни, пробуждает и приводит в движение целый ряд внутренних процессов развития» [1].

Таким образом, спортивное или двигательное исполнительство ~ это целостная взаимосвязанная система навыков, постепенно превращающаяся в мастерство. Главная дидактическая проблема заключается не столько в организации нового навыка, сколько в формировании системы навыков.

## ЛИТЕРАТУРА


1. Выготский Л.С. Избранные психологические исследования / Л.С. Выготский. -М., 1956. – 450с.
2. Подластный И.П. Педагогика. В кн.: Процесс воспитания / И.П. Подластный. М. 1999. -250 с.
3. Сапарбаев М.Б. Теория и практика подготовки учителя физической культуры в системе непрерывного педагогического образования: автореф. дис. ... докт. пед. Наук / М.Б. Сапарбаев. -Алматы, 1993. -38с.
4. Сафаров Ш.А. Национальные игры как цивилизация таджикского народа / Ш.А. Сафаров. –Душанбе, 2012.-320 с.
5. Фейгин М.Э. Индивидуальность ученика и искусство педагога / М.Э. Фейгин. - М., 1967. –С. 42.
6. Филин В.П. Воспитание физических качеств у юных спортсменов / В.П. Филин. -М., 1974. -232с.


## ТАЙЁРИИ САМАРАНОКИ МАГИСТРҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Мақолаи мазкур ба баррасӣ ва омӯзиши тайёрии магистрҳои тарбияи ҷосмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Самаранокии тайёрии магистрант ба фаъолияти касбӣ – педагогӣ бо он

муайян мегардад, ки то чи андоза ин тайёрӣ бо фаъолияти ояндаи он мувофиқ аст. Раванди тайёрии касбӣ дар донишгоҳ бояд ба ташаккули тайёрӣ ба фаъолияти педагогӣ тамоюлнок бошад. Масоили мазкур махсусан муҳим арзёбӣ мегардад, чунки шумораи зиёди бачагон дар мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон таҳсил менамоянд. Тағйиротҳои сифатнок бе азнавсозии тамоми таҳсилоти ибтидоӣ, бе омӯзгорони навъи нав имконнопазир мебошад. Азхудкунии мазмуни таҳсилот интиқоли таҷрибаро, ки наслҳои пешин ҷамъоварӣ намудаанд, итаъмин менамояд, чунки мазмуни таҳсилот дар шакли ғайримустақим таҷрибаи умумикардашуда ва банизомдаровардашудаи иҷтимоиро инъикос менамояд. Дар ҳар як соҳа ва сатҳи таҳсилот мазмуни он бо роҳи интихоб, банизомдарорӣ ва мувофиқгардонии донишҳо ва маҳоратҳо муқаррар мегардад, ки барои азхудкунӣ мақсаднок ва дастрас мебошанд. Мазмуни таҳсилот асоси фаъолияти амалии таълимӣ мебошад. Дар таълимоти тарбияи ҷисмонӣ ин фаъолият бо азхудкунии техника дар намуди варзиш, азхудкунии донишҳо дар намуди интихобкардаи варзиш ва ташаккули системаи ақидаҳо нисбати натиҷаи ниҳоӣ алоқаманд аст.

**Калидвожаҳо**: тайёрии касбӣ, фаъолияти педагогии магистрҳои факултети тарбияи ҷисмонӣ, таҳсилоти ибтидоии тарбияи ҷисмонӣ, мазмуни таҳсилот, фаъолияти маърифатӣ.

**ЭФФЕКТИВНАЯ ПОДГОТОВКА МАГИСТРОВ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ И СПОРТА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена рассмотрению и изучению подготовки магистров физической культуры и спорта в Республике Таджикистан Эффективность подготовки магистранта к профессионально-педагогической деятельности определяется тем, насколько данная подготовка адекватна его будущей деятельности. Процесс профессиональной подготовки в университете должен быть ориентирован на формирование готовности к педагогической деятельности. Данная проблема особенно важна, ибо огромное количество детей учится в детско-юношеских спортивных школах. Качественные изменения невозможны без преобразования всего начального обучения, без педагогов нового типа. Усвоение содержания образования обеспечивает передачу опыта, накопленного предшествующими поколениями, так как содержание образования отражает в опосредованной форме обобщенный и систематизированный социальный опыт. В каждой области и на каждом уровне образования его содержание устанавливается путем отбора, систематизации и приспособления знаний и умений, целесообразных и доступных для усвоения, к познавательной деятельности учащихся. Содержание образования является основой практической учебной деятельности. В физкультурном обучении эта деятельность связана с овладением техникой в виде спорта, приобретением знаний в избранном виде спорта и формированием системы взглядов на конечный результат.

**Ключевые слова**: профессиональная готовность, педагогическая деятельность магистров физкультурного факультета, начальное физкультурное образование, содержание образования, познавательная деятельность.

**EFFECTIVE PREPARATION OF MASTERS OF PHYSICAL CULTURE AND SPORTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article is devoted to the consideration and study of the training of masters in physical education and sports in the Republic of Tajikistan. The effectiveness of preparing a graduate student for professional and pedagogical activity is determined by how much this training is adequate to its future activities. The process of vocational training at the university should be focused on the formation of readiness for teaching activities. This problem is especially important, because a huge number of children are studying in youth sports schools. Qualitative changes are impossible without transforming the entire elementary education, without teachers of a new type. The assimilation of the content of education ensures the transfer of experience gained by previous generations, since the content of education reflects in an indirect form a generalized and systematized social experience. In each area and at each level of education, its content is established by selecting, systematizing and adapting knowledge and skills that are appropriate and accessible for assimilation to students' cognitive activity. The content of education is the basis of practical training activities. In physical education, this activity is associated with the mastery of technology in the form of sport, the acquisition of knowledge in the chosen sport and the formation of a system of views on the end result.

**Key words:** professional readiness, pedagogical activity of masters of the physical education faculty, primary physical education, the content of education, cognitive activity.

**Сведения об авторах*: Сафаров Шоди*** - Институт физической культуры Таджикистана им. С.Рахимова, доктор педагогических наук, професcор, ректор.
***Хужаев Умедджон Шарофович*** - Бохтарский государственный университет им. Носира Хусрава, старший преподаватель кафедры физической культуры. **Телефон: 883-33-34-56**

**УДК:159.98**

# НИКОҲИ ХЕШОВАНДӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

***Назаров Х., Рахматуллоева М.Н.***
**Коллеҷи техникии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи М.С.Осимӣ**

Никоҳи хешовандӣ яке аз унсурҳои ноустувори миллат ва ҳаёти фарҳангӣ, сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодии инсоният ба шумор рафта, ба рӯҳу ҷисми инсон таъсири манфӣ расонида, халал дар пояндагии ӯ мебошад. Бояд гуфт, ки асоси ҷомеаи солим аз насли солим вобастагӣ дорад ва барои сохтани ҷомеаи солим ба ин амали номатлуб, яъне никоҳи хешутаборӣ садди роҳ бояд шуд. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, чи марду чи зан, вазифадор аст, ки аз ин падидаи номатлуб дурӣ ҷуста, дигаронро низ ҳидоят

намояд. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки фарзандони аз волидайни ба ҳам бегона ба дунёомада боқувват, хушзеҳн, қавипайкар, зебову хушандом шуда, дар чунин оилаҳо миёни зану шавҳар муносибати самимӣ вафо ва меҳру садоқат ҳукмфармо аст. Аммо издивоҷи хешовандони наздик метавонад ба риштаҳои пур аз меҳру муҳаббати хешовандӣ таъсири манфӣ расонад. Яъне, агар мабодо дар оилаҳое, ки хешовандони наздик издивоҷ шудаанд, низоъ ба амал ояд, меҳру шавқат заиф шуда, риштаи қаробат канданаш мумкин аст. Вақте инсон ба фарзанди хола, амма, таға, амак ва дигар хешованд никоҳ шавад, дар зиндагӣ мушкилоти зиёд дучор омада, ба ҳолати ногувор меафтад. Дар ин маврид пароканда шудани оилаҳо зиёд ба назар мерасад. Аз ин рӯ манъ кардани никоҳи хешутаборӣ талаби замон буда, ба мустаҳкамшавии ирсият мусоидат мекунад.

Пайғамбари ислом (с) низ таълим медиҳад, ки ҳадаф аз хонадоршавии ду ҷинси ба ҳам муқобили бабалоғатрасида ва ба як болин сар мондани онҳо пешгирии фосидшавии насл аз зино мебошад. Аз замони барпо намудани оила то ин дам нигоҳи ислом ва нуқтаи назари тиб фикру мулоҳизаҳои худро баён кардаанд. Ашхоси маърифатпарвар яккаҳамсариро одилтарин ва дурустарин роҳ гуфтаанд. Қонунгузории ҷумҳурии мо низ тибқи ҳамин ақида яккаҳамсариро тарғиб мекунад. Яъне, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрникоҳӣ манъ аст.

Одоби инсонӣ низ ҳамин аст, ки боиси таъмини вафою садоқат дар оила мегардад ва зан шарафи худро аз поймолшавӣ эмин медорад. Дар ин ҳолат оила тинҷу солим, мустаҳкаму пок гашта, ҷамъият низ тинҷу осоишта ва солиму пок мешавад.

Ҳар шахсе, ки миллати худ, Ватани худро дӯст медораду эҳтиром менамояд, бояд ба қадри ин арзишҳо расад ва дар масъалаҳои муҳимтарини зиндагӣ ба хусус монеъ шудан ба никоҳи хешовандӣ, ба дунё овардани фарзандони солиму комил ва заковатманд, инчунин таълиму тарбияи самараноки фарзанд бетафовут набошад, чунки таълиму тарбияи хуби фарзанд ҳам фарз асту ҳам қарзи шаҳрвандии ҳамаи мову шумо.

Сарвари давлат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъаларо баррасӣ намуда, аз ҷумла қайд намудаанд: «Дар рушди ҳаёти иҷтимоӣ нақши занон ва ҷавонони солим ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа ниҳоят арзишманд аст. Аз ин рӯ, Ҳукумат ғамхориро нисбат ба наврасону ҷавонон минбаъд низ идома бахшида, ба ин неруи тавонои кишвар, ки марзу буми Тоҷикистонро ҳимоя мекунанд, кишварро ободу зебо мегардонанд ва номи ин ватани аҷдодиро боз ҳам баланд мебардоранд, ҳамеша такя менамояд. Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила аз ҷумлаи мушкилотҳое мебошанд, ки диққати доимии тамоми мақомотҳои давлатӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ва кулли аъзои ҷомеаро тақозо менамоянд. Бо дарназардошти аҳамияти ин масъала мувофиқи мақсад аст, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад».

Хишти аввал, гар ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Барои сохтани оилаи солим ва ҷомеаи солим, пеш аз ҳама, ба роҳ мондани таълиму тарбияи ҳамаҷонибаи фарзандон аз синни хурдӣ зарур аст.

Чуноне ки Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар китоби худ «Ахлоқи Муҳсинӣ» мефармояд: «Беҳтарин сармоя ва хуштарин перояи мурод барои фарзандон таҳсили адаб аст». Яъне, танҳо дар ҳолати солим будани фарзанд метавонем мо онро таълиму тарбия диҳем.

Ба ин маънӣ Пайғамбари ислом (с) мефармоянд: «Фарзандони худро эҳтиром намоед ва ба онҳо бо одобу рафтори нек бархӯрд намоед. Ба фарзанди худ дар анҷоми корҳои нек ва ҳашр ёрӣ расонед».

Ба ҳамаи мову шумо маълум аст, ки дар ин самт мушкилиҳои ҳалталаб ҳанӯз ҳам зиёданд. Аз ҷумла, масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол то сол зиёд гашта истодааст, ташвишовар мебошад. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2014 95500 ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки 9-ҳазори он бекор шудааст. Сабаби ин ҳолат, пеш аз ҳама, омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона, дар замири онҳо ҷой надоштани одоби оиладорӣ аст. Яке аз рукнҳои он- никоҳи хешутаборӣ зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюб гардида истодааст. Ҳоло дар кишвар қариб 13000-нафар кӯдакони маъюби то синни 18-сола аз ҷониби давлат нигоҳубин карда мешаванд, ки бештари онҳо маъюби модарзод буда, аз никоҳи хешовандӣ, инчунин волидайни нашъаманд ба дунё омадаанд.

Дар ин маврид фикру ақидаҳо аз замони «Авесто» то ин дам зиёданд. Масалан, никоҳи хешовандони наздик дар китоби муқаддаси «Авесто» қатъиян манъ карда шудааст,

ки сабабаш поку тоза нигоҳ доштани хун ва солимии ҷомеа мебошад. Пайғамбари ислом (с) низ дар яке аз ҳадиси худ овардааст: «Агар хоҳед, ки соҳиби фарзандони солим, наку, қавипайкар, хушзеҳн ва писандида шавед, пас зан ихтиёр кунед аз оилаҳои бегона, ҳатто қабилаҳои бегона, на хешу табори наздик».

Табиби Машриқзамин Бӯалӣ Сино дар яке аз китобҳои худ чунин овардааст: «Никоҳи хешовандони наздик лаззати ҷинсӣ ва лаззати зиндагиро он қадар хуб барнамеангезад, фарзанди хуб бошад, самараи лаззати хуби зиндагист».

Мушоҳидаи ҳаррӯзаи табибон ва зиндагӣ низ оқибатҳои нохуши никоҳи хешутабориро ошкор карда истодаанд.

Издивоҷи авлодӣ ҳатто никоҳшавандагонро тадриҷан ба бемориҳои гуногун, аз қабили заифӣ, беҳаракатии бадан, суст шудани ҳофиза, фаромӯшхотириву дигар бемориҳои назаррас мерасонад. Ногуфта намонад, ки издивоҷи авлодӣ на расм асту на оин, балки мардуми мо онро тахминан, ҳамчун манфиати шахсӣ истифода бурда, аз оқибатҳои нохуши он намеандешанд.

Имрӯзҳо таҷрибаҳои зиёди ҳаётӣ, бахусус таҷрибаҳои ҳаррӯзаи табибон зарари онро муайян намуданд. Мо бояд сари ин масъалаҳо мизҳои мудаввар, маҷлису конфронсҳо ороста, муҳокима намуда, баррасӣ намоему саҳми худро барои беҳбудии зиндигии мардум гузорем. Ҳатто кӯшиш намоем барои онҳое, ки аз чашми бино, гӯши шунаво маҳруманд, муҳтавои ин барномаро расонем. Барои пешгирии ин падидаи манфӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи кор бо занон ва оила ва дигар мақомотҳои дахлдор бояд чораандешӣ намоянд.

Ба хотири солимии ҷомеа дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ватани азизамон ташхиси тиббӣ барои тамоми никоҳшавандагон ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст. Аз ин рӯ никоҳшавандагон уҳдадоранд, ки пеш аз никоҳ аз ташхиси тиббӣ гузаранд. Дар ҳолати аз муолиҷаи духтурон гузаштан, роҳи фардои ҳаёти онҳо дурахшон шуда, дучори ҳар гуна мушкилӣ намешаванд ва дар ҳолати беэътиноӣ намудан нисбати меъёрҳои қонуни амалкунанда дар ин ҷода, худсарона саркашӣ намудан, дурӣ ҷустан аз ташхиси тиббӣ ва беаҳамиятӣ намудан, оқибат сиришки ғам аз дидаҳои пурнам кам намегардад.

Бузургон гуфтаанд: «Ояндаро имрӯз бояд сохт». Барои сохтаниояндаи нек имрӯз мо миллати тоҷик бо тамоми ҷидду ҷаҳд кӯшиш ба харҷ медиҳем, то тавонем худро шахси арзандаву сазовори ин ватан, аз ин миллати куҳанбунёду соҳибтамаддун ва фарзанди ҳақиқии миллати номдору тоҷдори тоҷик шуморида бошем.

### АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 23-юми январи с.2015
2. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. –Душанбе, 1989.
3. Раҳмонов Э. Ҷавонон - созандагони фардои ҷомеа / Э. Раҳмонов.-Душанбе, 2008; Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» // Ҷумҳурият. -Душанбе, 16-уми дек.2010.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Боби 2. Моддаи 33.


### НИКОҲИ ХЕШУТАБОРӢ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН


Дар мақолаи мазкур оид ба оқибатҳои нохуши никоҳи хешутаборӣ маълумот дода шудааст. Инчунин, омилҳои манфие, ки ба рушд ва саломатии халқу миллат халал мерасонанд, таҳлил шудаанд. Тавсияҳо вобаста ба беҳдошти ҳаёти мардум пешниҳод шудаанд. Имрӯзҳо таҷрибаҳои зиёди ҳаётӣ, бахусус таҷрибаҳои ҳаррӯзаи табибон зарари онро муайян намуданд. Мо бояд сари ин масъалаҳо мизҳои мудаввар, маҷлису конфронсҳо ороста, муҳокима намуда, баррасӣ намоему саҳми худро барои беҳбудии зиндигии мардум гузорем. Ҳатто кӯшиш намоем барои онҳое, ки аз чашми бино, гӯши шунаво маҳруманд, муҳтавои ин барномаро расонем. Барои пешгирии ин падидаи манфӣ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Кумитаи кор бо занон ва оила ва дигар мақомотҳои дахлдор бояд чораандешӣ намоянд.



**Калидвожаҳо:** никоҳ, халқ, ташхис, ҷамъият, муолиҷа, издивоҷ, Авесто, ахлоқ, садоқат.


### БРАК МЕЖДУ РОДСТВЕННИКАМИ И ЕГО ПОСЛЕДСТВИЯ


В возникновении наследственных заболеваний большое значение придается родственным бракам, то есть таким брачным союзам, когда у супругов имеется один или более общих предков. Заключению родственных браков обычно способствуют экономические, бытовые, правовые, религиозные и другие факторы. В силу этих факторов некоторые группы населения ведут обособленный, изолированный образ жизни. В данной статье приведена информация о неблагоприятных последствиях родственных браков. Также подвергаются обсуждению отрицательные воздействия, которые мешают развитию и здоровью народа и нации. Приводятся предложения и рекомендации по поводу улучшения жизненных условий народа.



**Ключевые слова:** брак, народ, обследование, общество, лечение, Авеста, поведение, верность.

**MARRIAGE BETWEEN RELATIVES AND ITS IMPLICATIONS**

In the occurrence of hereditary diseases, great importance is attached to congenital marriages, that is, to such marriage unions, when the spouses have one or more common ancestors. The conclusion of kinship marriages usually contribute to economic, domestic, legal, religious and other factors. Due to these factors, some groups of the population lead an isolated, isolated lifestyle. This article provides information about the adverse effects of related marriages. Negative impacts that hinder the development and health of the people and nation are also discussed. There are suggestions and recommendations for improving the living conditions of the people.

**Key words:** marriage, people, examination, society, treatment, Avesta, behavior, loyalty.

**Сведения об авторе:** ***Назаров Х.Д.*** **–** Технический колледж при Таджикском техническом университете им. М. О. Осими, заведующий кафедрой таджикского языка. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10 а. Телефон: **918-56-68-88**

***Рахматуллоева М. Н.*** – Таджикский технический университет им. М. О. Осими, ассистент кафедры иностранных языков. **Адрес:** 734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица академиков Раджабовых, 10 а.

**Information about the author:** ***Nazarov Kh.D.*** **-** Technical College at the Tajik Technical University. M.O. Osimi, Head of the Tajik Language Department.**Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10a, Academicians Rajabovs street, 10 a

***Rakhmatulloeva M.N.*** - Tajik Technical University M. Osimi, Assistant, Department of Foreign Languages. **Address:** 734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 10a, Academicians Rajabovs street, 10 a

**УДК: 378 (575.3)**

# АМСИЛАИ ОМОДАНАМОИИ БАКАЛАВРҲО БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

***Фурқати Сикандарӣ***

**Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии ш.Кӯлоб**

Таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва якчанд таълифоти тадқиқотии муҳаққиқон оид ба масъалаи омоданамоии умумикасбии донишҷӯён бо истифода аз низомҳои компютерии таълимӣ нишон медиҳад, ки қоидаҳои қатъии сохтани тамсилаҳо ғайриимкон аст, дар ҳар сурат дар педагогика таҷрибаи ғание оид ба тамсиласозии объектҳои гуногун ва равандҳо андухта шудааст. Тамсиласозӣ дар тадқиқотҳои илмӣ хеле барвақт оғоз шудааст ва тадриҷан ба соҳаҳои нави донишҳои илмӣ густариш ёфтааст. Тамсиласозӣ метавонад дар педагогика ҳам истифода шавад. Бинобар ин, пеш аз он ки ба коркарди тамсила оғоз карда шавад, мафҳумҳои «тамсила» (модел) ва «тамсиласозӣ» (моделиронӣ)-ро дида мебароем.

Мафҳуми «тамсила» (модел) дар илми педагогикаи муосир ба маъниҳои гуногун шарҳу тафсир мегардад ва ба баррасии таъйиноти он адабиёти фаровон бахшида шудаанд. Таҳлили таъйинот дар ҷадвали 1 нишон дода мешавад.

**Ҷадвали 1.Таҳлили таъйиноти мафҳумҳои «тамсила» (модел) ва «тамсиласозӣ» (моделиронӣ)**

| **Муаллиф** | **Таъйиноти мафҳум** | |
|---|---|---|
| | Тамсила (модел) | Тамсиласозӣ (моделиронӣ) |
| В.А.Штофф | Тахти мафҳуми тамсила чунин низоми дар шуур тасаввуршаванда ва ё ба тариқи моддӣ татбиқшудае фаҳмида мешавад, ки объекти тадқиқро инъикос ва ё такроран барқарор карда, қодир аст, ки онро чунон иваз кунад, ки омӯзиши он барои мо маълумоти нав оид ба объект дода метавонад | Тамсиласозӣ ҳамчун низоме баррасӣ мегардад, ки дар муносибатҳои муайяни моҳиятӣ ба предмети омӯзиш мувофиқ аст ва ҳаммонанди низоме дар ҳамон як аломатҳо мебошад. |
| Е.С. Рапасевич | Низоме, ки тадқиқи он воситаи дарёфти | Яке аз методҳои дарку маърифат ва таҳаввулоти олам аст, ки густариш ҳамроҳ бо |

| | | |
|---|---|---|
| | маълумот оид ба низоми дигар мебошад. | рушди илм пайдо кардааст; эҷоди навъҳои нави тамсилаҳоро фароҳам овардааст, ки вазифаҳои нави худи методро ба бор меорад. |
| В.А.Мижериков | Нақша, тасвир ва ё тавсифи ягон падида ва ё раванд дар табиат, ҷомеа. | Методи тадқиқи объектҳо ва дар тамсилаи онҳо сохтан ва омӯзиши тамсилаҳои воқеан мавҷуд буда дар табиат ва ҷомеи предметҳо, падидаҳо ва объектҳои сохташаванда. |
| В.И.Загвязинский | | Раванди сохтани тамсилаҳо, нақшаҳо, аналогҳои аломатӣ ва ё воқеӣ, ки вижагиҳои моҳиятии объектҳои бештар мураккабро инъикос мекунад (прототипҳо); асбоб ва воситаи тадқиқотии омӯзиши ҷанбаҳои алоҳида ва ё вижагиҳои прототип мебошад. |
| С.И.Архангелский | Шакли махсус сохташудаи объект барои таҷдиди сохтории баъзе тавсифҳои объекти аслӣ хизмат мекунад, ки барои дарку фаҳм лозим аст. | Методи илмии тадқиқи объектҳои гуногун, равандҳо ва ғайра тавассути сохтани тамсилаи онҳо, ки вижагиҳои асосии объекти тадқиқро ҳифз мекунад. |
| Б.С.Гершунский | Таҳти мафҳуми тамсила дилхоҳ объекти табиат фаҳмида мешавад, ки қодир аст объекти тадқиқро чунон иваз кунад, ки омӯзиши он маълумоти нав оид ба ин объект медиҳад. | Таҳти мафҳуми тамсиласозӣ сохтан ва ё интихобу омӯзиши чунин объекти табиат фаҳмида мешавад, ки қодир аст объекти тадқиқро иваз кунад ва ё омӯзиши он маълумоти нав оид ба объект дода метавонад. |
| Энсиклопедияи фалсафӣ | Тамсила - образи шартии ягон объект (низоми объектҳо) мебошад. Барои ифодаи муносибатҳо байни донишҳои инсонӣ оид ба объектҳо бо ин объектҳо мебошад. | Тадқиқи объектҳои дарку маърифат дар тамсилаи онҳо; сохтан (таҳлил, омӯзиш)-и тамсилаҳо, объектҳо. Дар замони муосир нақши тамсиласозӣ (моделиронӣ) вобаста ба рушди кибернетикаи техникаи ҳисоббаробаркунӣ хеле афзоиш ёфтааст. Яке аз вазифаҳои муҳим ва муосири тамсиласозӣ (моделиронӣ) вазифаи тамсиласозии шаклҳои гуногуни фаъолияти ақлонӣ мебошад. |

Аз ҷадвал маълум мешавад, ки аксари муаллифон мафҳуми «тамсила» (модел)-ро бо дарёфти донишҳои нав алоқаманд медонанд. Аз ҳама мувофиқтар барои мо таъйиноти муҳаққиқ Б.С.Гершунский мебошад, ки тибқи он истифодаи методи тамсиласозӣ дар тадқиқотҳои педагогӣ ба имкони дарёфти донишҳои нав оварда мерасонад [3].

Мусаллам аст, ки мафҳуми «тамсиласозӣ» методи илмии омӯзиши объектҳоро дар асоси тамсилаҳои онҳо пешбинӣ мекунад, ки вижагиҳои асосии объекти тадқиқро ифода карда, ба муҳаққиқ имкон медиҳад, ки ба тариқи барҷаста манзараи бутуни объекти омӯхташавандаро пешниҳод кунад ва дар амалия мавҷуд набудаи навро эҷод кунад.

Чуноне ки муҳаққиқ Ю.Е.Милов [7,с.66] зикр мекунад, дар педагогика тамсиласозӣ дар чунин мавридҳо истифода мегардад: тамсиласозии вазифаҳои педагогӣ ва вазъиятҳои педагогӣ; тамсиласозии раванди педагогӣ (дидактикӣ, тарбиявӣ, таҳсилотӣ ва ғайра); тамсиласозии низоми идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ; тамсиласозии низомҳои педагогии сохторҳои зинаҳои гуногун; тамсиласозии технологияҳои таҳсилотӣ, ҳамчунин технологияҳои идоракунии педагогӣ.

Дар рафти кори худ мо тамсиласозиро барои тарҳрезии тамсилаи омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат бо истифодаи КИОС ва маҷмӯи шартҳои педагогии амалкарди самараноки он истифода мебарем. Раванди тамсиласозии омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат бо истифодаи КИОС низоми педагогӣ мебошад. Барои тамсиласозии муваффақона нуктаҳои асосии бархӯрди низомнокро нисбати тарҳрезии низомҳои педагогӣ баррасӣ менамоем. Мафҳуми «низом»

(система)-ро муқаррар намудем. Таъйиноти муҳаққиқ В.П.Беспалкоро [1, с. 15] баррасӣ менамоем, ки низомро ҳамчун маҷмӯи бутуни унсурҳои дилхоҳ навъ арзёбӣ мекунад, Зимни таҳлили адабиёти техникӣ ва педагогӣ мо вариантнокиро истифода кардем, ки байни худ алоқаи мутақобила доранд ва ин амал дастрасӣ ба ҳадафи гузошташударо таъмин мекунад. Муҳаққиқон Р.Л.Акоф, А.И.Берг, Л.Берталанфи, К.Боудинг, Н. Винер, У.Р.Эмби ва дигарон зикр мекунанд, ки барои низом чунин омилҳо зарур мебошанд: маҷмӯи унсурҳо (унсур - воҳиди сохтории низом, ки ба тақсимоти минбаъда дар шароитҳои пешбинишудаи низоми баррасишаванда эҳтиёҷ надорад); алоқамандии мутақобилаи унсурҳо тавассути сохтор; алоқамандии мутақобилаи унсурҳо; ҳадафмандӣ.

Дар низом метавон чунин вижагиҳоро ҷудо намуд:

1. Бутуният. Барои низом аввалиндараҷа аломати бутуният мебошад, яъне он ҳамчун бутуну ягона баррасӣ мегардад, ки аз қисмҳои таркибӣ иборат аст. Вижагиҳои унсурҳо вобаста ба мансубияти онҳо ба низоми муайян мебошад, аммо вижагиҳои низом бо хосиятҳои унсурҳои он ва маҷмӯи онҳо мувофиқ буда наметавонад.

2. Тақсимшавандагӣ. Низом аз якчанд зернизомҳо иборат буда, ҳар як зернизом ҳадафи худро дорад ва вазифаҳои инфиродиро иҷро мекунад;

3. Алоқамандӣ. Дар низом мавҷудияти алоқаҳои моҳиятии устувор байни унсурҳо ва вижагиҳои онҳо мавҷуд аст, яъне робитаҳои низомсоз. Низом ҳамон вақт ҳамчун як ташаккули тому бутун мавҷуд буда метавонад, ки неруи алоқаҳои байни унсурҳои низом моҳиятан нисбати неруи алоқаи байни ҳамин унсурҳо бо низоми иҳоташуда зиёдтар аст.

4. Ташкил. Пайдоиши ташкил дар низом бо ташаккули алоқаҳои моҳиятии унсурҳо, тақсимоти мураттаби алоқаҳо ва унсурҳо дар вақту фазо вобаста аст. Зимни ташаккули алоқаҳо сохтори муайяни низом ва ташкили объектҳои низомнок ба вуҷуд меояд.

5.Сифати интегративӣ - сифатест, ки ба низом дар маҷмӯъ хос аст, аммо ба ягон унсури он дар алоҳидагӣ алоқаманд нест.

Объекте, ки дорои ин 5 хосият аст, низом буда метавонад. Вижагиҳои низомро муаллифон А.Н.Печников [8, с.48] ба чунин нуктаҳо алоқаманд медонанд: низом ҳамчун маҷмӯи одии унсурҳо баррасӣ намегардад ва низомро ба қисмҳои алоҳида тақсим мекунанд. Ҳар яки онро омӯхта дар алоҳидагӣ наметавон ҳама хосиятҳои онро дар маҷмӯъ дарк кард.

Ҳамин тариқ, низомро мо ҳамчун як чизи тому бутун баррасӣ менамоем, ки раванди таҳсилот ва КИОС яке аз унсурҳои ин низом мебошанд.

Яке аз унсурҳои асосии раванди омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат алоқамандии мутақобила мебошад. Унсурҳои КИОС модулҳои он, аз қабили «Маъмур», «Омӯзгор», «Донишҷӯ» ва «Омор» буда, ҳар яки он ҳадафи худро дорад. Ташкили омоданамоии умумикасбӣ бо истифодаи КИОС бар асоси модулҳои байни онҳо алоқаманд роҳандозӣ мешавад, аммо зинаи «алоқаи мутақобила» қисмати таркибии модули «Омор» аст.

Мо аз хулосаҳои назариявии муҳаққиқ В.П.Беспалко [2] ҷонибдорӣ мекунем, ки бархӯрди низомнок бояд дар заминаи технологияҳои педагогӣ, такроршавӣ ва самаранокии нақшавӣ сурат мегирад, ки вобаста ба низомнокӣ ва бандубастнокии он мебошад.

Биноан, вазифаи асосии бархӯрди низомнок тадқиқи ҷанба ва механизми алоқаҳо ва муносибатҳои унсурҳои низом мебошад. Ба ин вазифа дар таълифоти худ муҳаққиқон В.И.Загвязинский ва Р. Атахонов ишора мекунанд [5, с. 44].

Пас аз омӯзиш ва таҳлили адабиёти педагогӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки истифодаи бархӯрди низомнок имкон медиҳад чунин вазифаҳо ҳал карда шаванд: афзоиш ва амиқгардонии тасаввуротҳои худ оид ба «механизм»-и амалкарди унсурҳо дар низом; омӯхтан ва кушодани хосиятҳои нави он; афзоиши самаранокии низом.

Таносуби байни мафҳумҳои «таълим» ва «ташкил»-ро баррасӣ мекунем, зеро ин ҷо сухан дар бораи истифодаи технологияи нави таълим меравад. Мафҳуми «таълим» ба тариқи умумиэътирофшуда ҳамчун раванди «махсус ташкилшуда, раванди идорашавандаи фаъоли амалкарди мутақобилаи ҳадафмандонаи омӯзгорон (таълимдиҳандагон) ва донишҷӯён (таълимгирон) аст, ки ба ташаккули донишҳо, малакаҳо ва қобилиятҳо, таҷрибаи фаъолият ва рафтор, ҳамчунин сифатҳои муайяни шахсиятӣ нигаронида шудааст».

Мазмуни мафҳуми «ташкил»-ро дида мебароем. Вобаста ба таъйинот [83, с.232] ташкил ба 3 маънӣ баррасӣ ва арзёбӣ мегардад: 1) тартибнокии дохилӣ, мувофиқату созгории амалҳои байниҳамдигарии қисмҳои тафриқавӣ ва мустақили бутун, ки вобаста

ба сохтори он (сифату хосият ҳамчун натиҷаи раванд) мебошад; 2) маҷмӯи равандҳо ва амалиёте, ки ба пайдоиш ва такмили алоқаҳои байни қисмҳои бутун оварда мерасонад; 3) муттаҳидии одамон, ки муштаракан ва якҷоя барнома ва ё ҳадаферо татбиқ мекунанд ва дар асоси амалу муқарраротҳои муайян ва қоидаҳо (низоми муташаккил) амал мекунанд. Дар мавриди худ мо мафҳуми «ташкил»-ро истифода мебарем.

Вориднамоӣ ба раванди таълими КИОС яке аз воситаҳои ташкили таълим ба мақсади афзоиши самаранокии омоданамоии умумикасбии донишҷӯёни зинаи бакалавриат (раванд) мебошад. Биноан шароитҳои татбиқи самаранокии тамсилаи сохташуда бояд ҷанбаи ташкилӣ дошта бошад.

Ҳамроҳ бо баррасии имконоти бархӯрди низомнок, усулҳои он, зарурати истифодаи онро муайян карда, ба дигар асосу заминаҳои методологӣ муроҷиат мекунем. Ба андешаи мо, бархӯрдҳои фаъолмандона ва иттилоотӣ-технологӣ чунин мебошанд.

Усули бархӯрди иттилоотӣ-технологиро баррасӣ менамоем, ки аз ҷониби мо зимни вориднамоии КИОС дар раванди таҳсилот истифода мегардад. Дар ҳолати имрӯза ин бархӯрд то дараҷаи зарурӣ омӯхта нашудааст, ки дар ин бора низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯии ***Google*** *шаҳодат медиҳад.* Ба дархост оид ба ибораи «Бархӯрди иттилоотӣ-технологӣ» низоми иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ зиёда аз 40 сомонаро нишон медиҳад, ки сохтани онҳо ба солҳои 2007-2017 мувофиқат мекунад. Ин далел оид ба он шаҳодат медиҳад, ки нуктаҳои асосии ин бархӯрд ҳоло ҳам то охир ташаккул дода нашудаанд.

Мо чунин андеша дорем, ки бархӯрди иттилоотӣ-технологӣ дар худ бархӯрдҳои иттилоотӣ ва технологиро фаро мегирад, ки коркарди онҳо аз нимаи садсолаи гузашта гузаронида мешавад.

Мо ҷонибдори андешаи муҳаққиқ Г.К.Селевко ҳастем, ки «аз мавқеи бархӯрди иттилоотӣ таълим раванди идорашавандаи интиқоли маълумот аз сарчашмаи иттилоот ба қабулкунандаро пешбинӣ мекунад…» [9, с.161]. Раванди идоракунӣ дар худ интихоби мазмуну муҳтаво ва ҳаҷму меъёри маълумот, методҳои интиқоли онро ба муҳассилин, дарёфти маълумотҳо оид ба азхудкунии онро пешбинӣ мекунад.

Нуктаи асосии бархӯрди иттилоотӣ фаҳмиш оид ба нақши пешбари иттилоот дар раванди таълим мебошад. Муҳиммияти бархӯрди иттилоотӣ бо чунин омилҳо муайян карда мешавад:

Аввалан, омӯзгорон чунин мефаҳманд, ки тавсеаи беохири ба наслҳои оянда интиқоли иттилоот ғайриимкон аст: иттилоот хеле босуръат пеш меравад. Вобаста ба ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълим на интиқоли донишҳо, малакаҳо, балки азхудкунии технологияҳои кор бо ҳаҷму андозаҳои калони иттилоот мебошад, ки бидуни онҳо фаъолияти минбаъдаи инсон дар истеҳсолот ғайриимкон шуда аст.

Сониян, пайдоиши технологияҳои иттилоотӣ, ки бо онҳо пуррагардии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, яъне информатизатсияи ҷомеа ба вуҷуд омдааст. Ин падида омодагардии муайяни кадрҳоро талаб мекунад.

Савум, амалкарди таҷҳизотҳои техникӣ бо равандҳои идоракунӣ алоқаманд аст, ки дар худ дарёфту дастрасӣ, ҳифзу нигоҳдошт, табдилдиҳӣ ва интиқоли иттилоотро фаро мегиранд.

Ҳамин тариқ, мафҳуми асосии бархӯрди иттилоотӣ - иттилоот мебошад. Иттилоот (лотинии information - маълумотҳо, шарҳҳо, баёнҳо, шиносоӣ) яке аз мафҳумҳои умумии илм аст, ки баъзе маълумотҳоро, маҷмӯи маълумотҳои алоҳида, донишҳо ва ғайраро мефаҳмонад. Мафҳуми иттилоот яке аз мафҳумҳои калидии кибернетика ва бархӯрди кибернетикӣ буда, он ба педагогика солҳои 1960-уми садсолаи гузашта вобаста ба пайдоиши таълими барномавӣ ворид шудааст.

**АДАБИЁТ**


1. Беспалько В.П. Основы теории педагогических систем /В.П.Беспалько. - Воронеж, 1977. -292с.
2. Беспалько В.П. Педагогика и прогрессивные технологии обучения /Б.С.Беспалько.- М.: ИРГ10,1995-332 с.
3. Гершунский Б.С. Теоретико-методологические основы компьютеризации в сфере образования: (Прогностический аспект) /Б.С.Гершунский. -М.: Финансы и статистика, 1985. -40с.
4. Загвязинский В. И. Теория обучения: Современная интерпретация. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб, заведений /В.И.Загвязинский. -М., 2002. -180с.
5. Загвязинский В.И. Методология и методы психолого-педагогического исследования. Учеб. пособие для студ. высш. пед. учеб. заведений, - 2-е изд. /В.И.Загвязинский. Р.Атаханов. -М.: Издательский центр «Академия». – 2005. -208с.
6. Милов Ю.Е. Элементарная физика в рамках информационного блока модульного обучения. Учеб. пособие / Ю.Е. Милов, М.Л. Харейн; Магнитог. гос. ун-т. - Магнитогорск,2006. -126с.
7. Печников А.Н. Теоретические основы психолого-педагогического проектирования автоматизированных обучающих систем /А.Н. Печников. - Петродворец: ВВМУРЭ им. А.С.Попова, 1995. - 322 с.
8. Селевко Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие /Г.К.Селевко. -М.: Народное

образование, 1998. -256с.
9. Штофф В. А. Моделирование и философия /В.А.Штофф. -М.-Л.,1986. -С.52.
10. Шуремов Е.Л. Информационные технологии оптовой торговли /В.А.Штофф. -М.: «1С-Паблишинг», 2003. -145с.
11. Шуремов Е.Л. Информационные технологии финансового планирования и экономического анализа. -М.: «1С-Паблишинг». -164с.
12. Щуркова С. Практикум по педагогической технологии. -М.: Педагогическое общество России, 1998. -250с.
13. Энциклопедический словарь (Ф.А. Брокгауз, И.А. Эфрон). Том XXXIII. - СПб.: Издательское дело, 1901.

## ТАМСИЛАИ ОМОДАНАМОИИ БАКАЛАВРҲО БО ИСТИФОДА АЗ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ-КОММУНИКАТСИОНӢ

Дар мақола масъалаҳои вобаста ба тамсилаи омоданамоии донишҷӯёни бакалавриат бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба андешаи муаллиф, таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва якчанд таълифоти тадқиқотии муҳаққиқон оид ба масъалаи омоданамоии умумикасбии донишҷӯён бо истифодаи низомҳои компютерии таълимӣ нишон медиҳад, ки қоидаҳои қатъии сохтани тамсилаҳо ғайриимкон аст. Дар ҳар сурат, дар педагогика таҷрибаи ғание оид ба тамсиласозии объектҳои гуногун ва равандҳо андӯхта шудааст. Тамсиласозӣ дар тадқиқотҳои илмӣ хеле барвақт оғоз шудааст ва тадриҷан ба соҳаҳои нави донишҳои илмӣ густариш ёфтааст. Тамсиласозӣ метавонад дар педагогика ҳам истифода шавад. Биноан, пеш аз он ки ба коркарди тамсила оғоз карда шавад, мафҳумҳои «тамсила» (модел) ва «тамсиласозӣ» (моделиронӣ)-ро дида мебароем. Чуноне муаллиф зикр мекунад, нуктаи асосии бархӯрди иттилоотӣ фаҳмиш оид ба нақши пешбари иттилоот дар раванди таълим мебошад. Муҳиммияти бархӯрди иттилоотӣ бо чунин омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, омӯзгорон чунин мефаҳманд, ки тавсеаи беохири ба наслҳои оянда интиқоли иттилоот ғайриимкон аст: иттилоот хеле босуръат пеш меравад. Вобаста ба ин яке аз вазифаҳои муҳимтарини таълим на интиқоли донишҳо, малакаҳо, балки азхудкунии технологияҳои кор бо ҳаҷму андозаҳои калони иттилоот мебошад, ки бидуни онҳо фаъолияти минбаъдаи инсон дар истеҳсолот ғайриимкон шудааст. Сониян, пайдоиши технологияҳои иттилоотӣ, ки бо онҳо пуррагардии тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, яъне информатизатсияи ҷомеа ба вуҷуд омдааст. Ин падида омодагардии муайяни кадрҳоро талаб мекунад.

**Калидвожаҳо:** информатизатсия, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, тамсила, тамсиласозӣ, донишҳо, тадқиқотҳои илмӣ, бакалавр, мафҳумҳо, иттилоот, бархӯрд.

## МОДЕЛЬ ОБЩЕПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ПОДГОТОВКИ СТУДЕНТОВ БАКАЛАВРИАТА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННО-КОММУНИКАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ

В статье рассматриваются вопросы, связанные с моделью подготовки студентов бакалавриата с применением информационно-коммуникационных технологий. По мнению автора, анализ научно-педагогической литературы и ряда исследований по проблеме общепрофессиональной подготовки студентов с использованием компьютерных обучающих систем показал, что строгие правила построения моделей сформулировать невозможно, тем не менее, в педагогике накоплен богатый опыт моделирования различных объектов и процессов. Моделирование в научных исследованиях стало применяться давно и постепенно распространялось на новые области научных знаний. Моделирование может быть использовано и в педагогике, поэтому, прежде чем приступить к разработке модели педагогического процесса, рассмотрим такие понятия, как «модель» и «моделирование». Как подчеркивает автор, основным положением информационного подхода является положение о ведущей роли информации в процессе обучения. Актуальность информационного подхода определяется следующими факторами.Во-первых, педагоги понимают, что бесконечное расширение передаваемой следующим поколениям информации невозможно: информация нарастает лавинообразно. В связи с этим одной из важнейших функций обучения является не передача знаний, умений и навыков, а освоение технологии работы с большими объемами информации, без которой невозможна дальнейшая деятельность человека на производстве. Во-вторых, появление информационных технологий, насыщение ими всех сфер деятельности человека - есть информатизация общества. Это явление требует определенной подготовки кадров.

**Ключевые слова:** информатизация, информационно-коммуникационная технология, модель, моделирование, знания, научные исследования, бакалавр, понятия, информация, подход.

## MODEL OF GENERAL PROFESSIONAL TRAINING FOR UNDERGRADUATE STUDENTS USING INFORMATION AND COMMUNICATION TECHNOLOGY

The article deals with issues related to the model of the preparation of undergraduate students using information and communication technologies. According to the author, the analysis of scientific and pedagogical literature and a number of studies on the problem of general professional training of students using computer-based training systems showed that strict rules for constructing models can not be formulated, nevertheless, in pedagogy a rich experience in modeling various objects and processes is accumulated. Modeling in scientific research began to be applied long ago and gradually extended to new areas of scientific knowledge. Modeling can be used in pedagogy, therefore, before starting to develop a model of the pedagogical process, we will consider such concepts as "model" and "modeling." As the author emphasizes, the main position of the information approach is the provision on the leading role of information in the learning process. The urgency of the information approach is determined by the following factors. First, educators understand that the infinite expansion of information transmitted to the next generations is impossible: the information is growing in an avalanche. In connection with this, one of the most important functions of education is not the transfer of knowledge, skills and skills, but the mastering of technology for working with large volumes of information, without which further human activity in production is impossible. Secondly, the emergence of information technology, the saturation of all spheres of human activity - is the informatization of society.

**Key words:** informatization, information and communication technology, model, modeling, knowledge, scientific research, bachelor, concepts, information, approach.

**Сведения об авторе:** ***Фуркати Сикандари*** - Институт технологии и инновационного менеджмента г.Куляба, ассистент кафедры технологии программирования и компьютерной техники. Адрес:735360,Республика Таджикистан, г.Куляб, ул. Борбад. Тел.:987900154. Электронная почта: furkat.8924@mail.ru

**Information about the author:** Furkati Sikandari - Institute of Technology and Innovation Management, Kulob, assistant of the Department of Computer Science,. Address: 735360, RT, Kulob, Borbad str. Tel: 987900154. Email: furkat.8924@mail.ru

УДК: 372. 800. 2(575.3)

## НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ ПЕДАГОГИИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ РУШДИ ТАҲСИЛОТ

***Туманова Ш.С.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Навовариҳо ё инноватсияҳо барои дилхоҳ фаъолияти касбии инсон хос мебошанд ва аз ин лиҳоз воқеан мавзӯи омӯзиш, таҳлил ва вориднамоӣ мебошанд. Инноватсияҳо худ аз худ ба миён наомада, онҳо натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмӣ, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони алоҳида ва коллективҳои мақсаднок мебошанд. Ҷараёни мазкур номуташаккилона буда наметавонад ва он ба идоранамоӣ эҳтиёҷ дорад.

Дар қаринаи стратегияи инноватсионии ҷараёни маҷмӯии педагогӣ нақши субъектҳои равандҳои таҳсилот ва тарбиявӣ, ҳамчун равандҳои воридкунандаи навовариҳо ба таври аслӣ боло меравад. Бо вуҷуди ҳамаи технологияҳои таҳсилот: дидактикӣ, компютерӣ, масъалавӣ, модулӣ ва ғайра, амалинамоии вазифаҳои асосии педагогӣ бар дӯши омӯзгор мемонанд. Бо ворид намудани технологияҳои муосир ба раванди таълиму тарбия, омӯзгор ва тарбиятгари мактаб боз ҳам бештар вазифаи машваратчӣ, маслиҳандиҳанда ва тарбиятгарро аз бар менамояд. Ин аз онҳо «омодагии махсуси психологӣ-педогогиро талаб менамояд, чунки дар фаъолияти касбии омӯзгор на танҳо дониши махсуси фаннӣ, балки дониши муосир дар соҳаи педагогика ва психология, технологияи таълим ва тарбия амалӣ мешавад. Дар заминаи мазкур омодагӣ ба даркнамоӣ, баҳодиҳӣ ва амалишавии инноватсияҳои педагогӣ ташаккул мeёбад».

Чи тавре ки Бургин М.С. қайд менамояд, мафҳуми «инноватсияҳо» маънои нав, навоварӣ, тағйиротро дорад; инноватсия ҳамчун мавод ва раванд ворид намудани ягон чизи навро пешбинӣ менамояд. Дар ҷараёни педагогӣ инноватсия маънои ворид намудани чизи нав ба мақсад, таркиб, усул ва намудҳои таълим ва тарбия, ташкили фаъолияти якҷояи омӯзгор ва хонандаро дар назар дорад.

Дар педагогикаи ватанӣ кӯшишҳои аввалин барои шарҳи моҳият ва таркиби ҷараёнҳои инноватсионӣ роҳандозӣ карда шудаанд.

Асоси мафҳуми моҳияти ҷараёнҳои инноватсионӣ дар таҳсилот аз ду масъалаи муҳимми педагогӣ – масъалаи омӯзиш, хулосагирӣ ва паҳннамоии таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва масъалаи ворид намудани дастовардҳои илми психология ва педогогика дар амалия иборат мебошад. Баъзеҳо ҷараёнҳои инноватсиониро, қабл аз ҳама бо омӯзиш, хулосагирӣ ва паҳннамоии таҷрибаи пешқадами педагогӣ алоқаманд менамоянд ва баъзеҳои дигар бошанд, масъалаи коркард ва вориднамоии навовариҳои педагогиро интихоб менамоянд. Аз ин лиҳоз маводи инноватсия, таркиб ва механизмҳои ҷараёнҳои инноватсионӣ бояд дар хатти ба ҳам пайвасткунандаи ду ҷараёни байни якдигар алоқаманд, ки ҳоло алоҳида баррасӣ мешаванд, ҷой дошта бошад. Алоқаи мутақобилаи холисонаи онҳо аз он иборат аст, ки раванди омӯзиш, хулосагирӣ ва паҳннамоии таҷрибаи педагогӣ вориднамоии навоварӣ ва таҷрибаи пешқадамро дар амалия мақсади худ медонад. Ҳамин тариқ, натиҷаҳои ҷараёнҳои инноватсионӣ бояд истифодаи навовариҳои табиати назариявӣ ва амалӣ дошта дар раванди маҷмӯии педагогӣ бошад.

Ҳамаи ин муҳиммияти фаъолияти идорашавандаро оид ба ташкил, аз худ намудан ва истифодаи навовариҳои педагогиро таъкид менамояд. Албатта, сухан дар бораи он меравад, ки омӯзгор метавонад ба сифати муаллиф, таҳиягар, тадқиқотчӣ, истифодабаранда ва тарғибкунандаи технологияҳо, назария ва консепсияҳои нави педагогӣ амал намояд. Идоранамоии ҷараёни мазкур омодагиро ба интихоб, баҳодиҳӣ ва дар фаъолияти худ истифода намудани таҷрибаи ҳамкорон, ё ақида ва усулҳои наверо, ки илм пешниҳод менамояд, таъмин мекунад.

Мақсади ғоявии инноватсионии фаъолияти педагогӣ воридшавии омӯзгорро ба раванди ташкил, азхуднамоӣ ва истифодаи навовариҳои педагогӣ дар таҷрибаи таълим ва тарбия, дар мактаб ташкил кардани муҳити муайяни инноватсиониро пешниҳод менамояд.

Зарурияти ворид намудани инноватсияҳо дар фаъолияти педагогӣ дар шароитҳои муосири рушди ҷомеа, фарҳанг ва таҳсилот бо як қатор омилҳо муайян карда мешавад.

Аввалан, «ислоҳоти баамаломадаистодаи иҷтимоию иқтисодӣ зарурияти аз реша нав кардани системаи таҳсилот, методология ва технологияи ташкили раванди таълимию тарбиявӣ дар муассисаҳои таълимии шакли гуногун доштаро ба миён меорад. Нақши инноватсионии фаъолияти омӯзгор ва тарбиятгар, ки таносуб, даркнамоӣ ва истифодаи навовариҳои педагогиро дар бар мегирад, маводи азнавнамоии сиёсати таҳсилотӣ мебошад».[3]

Дуюм, пурзӯр кардани гуманитарикунонии таркиби таҳсилот, бефосила; тағйири ҳаҷм, таркиби фанҳои таълимӣ, вориднамоии фанҳои нави таълимӣ, ҷустуҷӯи мунтазами шаклҳои ташкилӣ ва технологияҳои таълимии навро талаб менамояд. Дар вазъияти мазкур нақш ва нуфузи дониши педагогӣ ба таври назаррас боло меравад.

Сеюм, тағйири муносибати омӯзгорон ба худи далели даркнамоӣ ва истифодаи навовариҳои педагогӣ ба амал омада истодааст. Дар шароити барасмиятдарории ҷиддии таркиби раванди таълиму тарбия, омӯзгор на танҳо дар мустақилона интихоб намудани барномаҳо ва китобҳои нав, балки дар истифодаи тарз ва усулҳои нави фаъолияти педагогӣ маҳдудият дошт. Агар қаблан фаъолияти инноватсионӣ асосан аз истифодаи навовариҳои аз боло тавсияшуда иборат буд, пас ҳоло онҳо хусусияти интихобию тадқиқотиро мегиранд.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз раванди муҳим дар фаъолияти роҳбарони мактаб, идораҳои роҳбарикунандаи маориф, таҳлил ва баҳодиҳии инноватсияҳои педагогии аз ҷониби омӯзгорон воридшаванда, фароҳам овардани шароитҳо барои коркард ва истифодаи бомуваффақияти онҳо мегардад.

Чорум, гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба муносибати бозоргонӣ, сохтани намудҳои нави муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла ғайридавлатӣ, вазъияти воқеии рушд ва такмили онҳоро бо мақсади ноил гаштан ба рақобатпазирӣ.

Мактаби муосир дорои таҷрибаи бой аст, ки он бояд дар фаъолияти мушаххаси педагогӣ роҳандозӣ шавад, аммо аксар вақт талабнопазир мемонад, чунки дар бештари омӯзгорон ва роҳбарон талабот ба омӯзиш ва истифодаи он ташаккул наёфта, малака ва маҳорати интихоб ва таҳлили он мавҷуд нест. Дар амалия омӯзгор аксар вақт дар бораи зарурият ва мақсаднокии таҳлили таҷрибаи шахсии педагогӣ ва таҷрибаи ҳамкасбони худ фикр намекунад.

Таҷрибаи педагогӣ метавонад оммавӣ ва пешқадам бошад. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз ҷиҳати таърихӣ маҳдудият дорад, чунки дар ҳар як марҳилаи нав бо васеъшавии имкониятҳо маводӣ, услубӣ, кадрӣ ва дигар имкониятҳои мактаб талаботи нав ба фаъолияти педагогӣ ба миён меояд. Таҷрибаи пешқадам баъзе аз ҷузъҳои ногузарандаро низ доро мебошад, ки хазинаи илм ва амалияи педагогиро бой мегардонанд. Дар ташкил ва додани таҷрибаи пешқадам мавқеи омӯзгор нақши муҳим мебозад ва аз ин лиҳоз ҳангоми таҳлил ва паҳннамоии ҳолатҳои асосии таҷрибаи

мушаххас, ба инобат гирифтани таъсири омили субъективӣ, пешгӯии намудҳои баҳодиҳӣ ва вориднамоии он ба ҳайати педагогӣ хело зарур аст. Дар ҷараён ва азхуднамоии таҷриба, аз ҳар ҳолат дида бештар нишонаҳои арзиши холисона ва инфиродият бо ҳам пайваст мешаванд, вале на ҳамаи фаъолияти инфиродӣ ва педагогӣ метавонад дастоварди амалияи оммавӣ гардад. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ки дар заминаи оммавӣ ташаккул меёбад, сатҳи азхуднамоии қонуниятҳои холисонаи педагогӣ мебошад. Намудҳои таҷрибаи пешқадами педагогӣ, таҷрибаи педагогии навоварӣ ва тадқиқотӣ, ҳамчун зинаи болобаранда аз таҳлил ва хулосабарории эмпирикӣ ба назариявӣ мебошанд. Намунаҳои таҷрибаи педагогии навоварӣ ва тадқиқотии чунин педагогон ва олимони Россия, ба мисли И.П.Волков, Т.И.Гончарова, И.П.Иванов, Е.Н.Илин, В.А.Караковский, С.Н.Лисенкова, Р.Г.Хаазанкин, М.П.Щетинин, П.М.Эрдниев, Е.А.Ямбург ва бисёри дигарон дастоварди омӯзгории тамоми мамлакат гаштаанд.

Нақши инноватсионии фаъолияти омӯзгорон таркиби дуюм дар амалияи фаъолияти педагогӣ ворид намудани тадқиқотҳои психологию педагогиро дар бар мегирад. Натиҷаҳои тадқиқотҳои илмӣ оид ба психология ва педагогика барои кормандони мактаб, аксар вақт номаълум мемонанд. Дар корҳои В.Е.Гмурман, В.В.Краевски, П.И.Карташов, М.Н.Скаткин, Нугмонов М., Зубайдов У., Ф.Шарифов, Н.Н.Шоев., Юнусӣ М., Ф.Комилӣ М.Саидов ва дигарон нишон дода шудааст, ки ворид намудани натиҷаҳои тадқиқотҳои педагогӣ шиносшавии махсуси кормандони амалиро бо маълумотҳои бадастомада, асосноккунии мақсаднокии вориднамоии онҳо дар заминаи мазкур бамиёноии талабот ба истифодаи натиҷаҳои илмӣ дар таҷрибаи худро пешниҳод менамояд. Ин дар шароити ташкили махсуси таълим бо тарз ва усулҳои амалинамоии тавсияҳои илмӣ, ҳангоми кумаки фаврӣ, методӣ ва машваратӣ аз ҷониби мутахассисон имконпазир мебошад.

### АДАБИЁТ


1. Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф». -Душанбе,1994,С.,2.
2. Қодиров Б.Қ. Инноватсия. Дастури таълимӣ-методӣ / Б.Қ. Қодиров. -Душанбе, 2005. -С.16-19.
3. Комилӣ Ф. Информатика. Китоби дарсӣ / Ф. Комилӣ. - Душанбе
4. Саидов М. Таҳсилоти инноватсионӣ ҳамчун падидаи фарҳангӣ / М.Саидов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. -2015. -С.9.
5. Саидов М. Нақши технологияи маънавӣ ва комплексӣ дар рушди зеҳнии хонандагон / М.Саидов, М.Эмомназарова //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. -2018. -С.8.


### НАҚШИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНИ ДАР РУШДИ ПЕДАГОГИИ ТАҲСИЛОТ


Дар мақола муаллиф паҳлуҳои фаъолияти инноватсионии педагогиро ҳамчун раванди эҷодӣ шарҳу эзоҳ дода, таъсиррасонии онро ба субъект мубодилаи ақлию, зеҳнӣ, донишу таҷриба, малакаю, маҳорат таҳлил намудааст. Нақши фаъолияти инноватсионии омӯзгорон дар амалияи фаъолияти педагогӣ ворид намудани тадқиқотҳои психологию педагогиро дар бар мегирад. Дар шароити ташкили махсуси таълим бо тарз ва усулҳои амалинамоии тавсияҳои илмӣ, ҳангоми кумаки фаврӣ, методӣ ва машваратӣ аз ҷониби мутахассисон имконпазир мебошад. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ оид ба психология ва педагогика барои кормандони мактаб, аксар вақт номаълум мемонанд. Муаллиф қайд намудааст, ки нақши фаъолияти педагогии инноватсионӣ ба сатҳи касбият ва омодагии омӯзгорони соҳибтахассус вобастагии амиқ дорад.



**Калидвожаҳо:** педагогика, инноватсия, рушд, таъсир, илм, субъект, тарбия, раванд, фаъолият, нақш, дониш, омӯзгор.


### РОЛЬ ИННОВАЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РАЗВИТИИ ПЕДАГОГИЧЕСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ


В статье автор анализирует состояние и степень изученности данной проблемы в психолого-педагогической литературе. Приходит к выходу о том, что данный вопрос на современном этапе развития нашего общества является очень важным и необходимым для дальнейшего усовершенствования процессов обучения в школах Республики Таджикистан. Роль инновации в практической деятельности учителя в умении ввести педагогические психологические разработки. В особых условиях педагогической практики нужны научные рекомендации, «экстренная помощь», методические и психологические методы со стороны специалистов. В большинстве случаев научные результаты в педагогической деятельности учителей школы остаются неизвестными. Автор утверждает, что роль инновационной деятельности в системе школьного образования в Республике Таджикистан во многом зависит от уровня развития педагогических навыков и от квалифицированных психолого-педагогических знаний о человеческих отношениях.



**Ключевые слова:** педагогика, инновации, развитие, влияние, наука, предметы, образование, процесс, деятельность, знания, учитель.

**THE ROLE OF INNOVATION IN THE DEVELOPMENT OF TEACHER EDUCATION**

In the article the author analyzes the state and degree of knowledge of this problem in the psychological and pedagogical literature. It comes to the conclusion that this issue at the present stage of development of our society is very important and necessary for the further improvement of the learning processes in schools of the Republic of Tajikistan.The author argues that the role of innovation in the school system in the Republic of Tajikistan depends largely on the level of development of pedagogical skills and on the qualified psychological and pedagogical knowledge of human relations.

**Key words:** pedagogy, innovation, development, influence, science, subjects, education, process, activity, knowledge, teacher.

**Сведения об авторе:** ***Туманова Шарифамо Саторовна*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры математического и компьютерного моделирования. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **985-81-56-47**

**Information about the author: T*umanova Sharifamo Satorovna*** **-** Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Mathematical and Computer Modeling. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **985-81-56-47**

**УДК:372.879.6 (575.3)**

## ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ҲАМЧУН НИЗОМИ ИҶТИМОӢ

***Шарипов Ҳ.***

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун шарти иҷтимоии ҷараёни муназзами аз худ кардани арзишҳои тарбияи ҷисмонӣ мебошад. Вақте ки дар бораи вобастагии иҷтимоии ин ҷараён сухан мегӯем, қабл аз ҳама, бояд дар назар дошта бошем, ки дар ҷараёни он мақсади аз назари иҷтимоӣ муҳим, мақсаде меистад, ки ҳам барои инкишофи худи инсон ва ҳам барои пешравии ҷомеа дар маҷмӯъ лозим мебошад, ба даст оварда мешавад. Ба ғайр аз ин, тарбияи ҷисмонӣ маънои онро дорад, ки дар чаҳорчӯбаи ташкилоти иҷтимоие ҷараён мегирад, ки дорои имкониятҳои зарур барои таъмини манфиатҳои ҷомеа дар ин самт мебошад. Чунин ташкилоти иҷтимоӣ низом номида мешавад. Низоми тарбияи ҷисмонӣ мақсади нисбатан банизомдаровардашудаи фаъолияти маҷмӯи элементҳои тарбияи ҷисмонӣ маҳсуб меёбад.

Ба монанди ҳар як низоми иҷтимоии дигар дар тарбияи ҷисмонӣ метавон мавридҳои зеринро ҷудо кард: 1) ҳайати муайян ва ташкилоти сохтории элементҳои онро ташкилкунанда; 2) вазифаҳо; 3) хислатҳои бо ҳам алоқаманд бо дигар низомҳои ҷомеа [1, с. 305].

Ба таркиби низоми тарбияи ҷисмонӣ элементҳои гуногуни тарбияи ҷисмонӣ, дар маҷмӯъ ҳамаи омилҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, ки бо тарбияи одамони мукаммал алоқаманд мебошанд, дохил мешаванд. Аммо элементҳои ҷудонопазир онҳое мебошанд, ки нисбат ба тарбияи ҷисмонӣ иртиботи бевосита доранд. Бидуни онҳо низом чун организми ягона амал карда наметавонад. Як қатор омилҳои тарбияи ҷисмонӣ метавонанд низомҳои нисбатан мустақили худро, ки бо тарафҳои ҷудогонаи худ шомили тарбияи ҷисмонӣ мебошанд, ташкил намоянд. Масалан, тамринҳои варзишӣ ҳамчун элементи «варзиш» шомили тарбияи ҷисмонӣ бо ҳуқуқҳои ҷараёни хусусии махсусгардонидашуда мебошанд.

Дар ҷараёни фаъолият дар байни элементҳои низом алоқаи муайяне барқарор мешавад: мустақим ва бавосита, мутобиқатӣ ва амсоли инҳо. Онҳо асоси низомро ташкил мекунанд. Алоқаҳои сохторӣ дар сохтани ҳалқаҳои ташкилотии низоми тарбияи ҷисмонӣ ба таври возеҳ ба чашм мерасанд.

Омили муҳимтарини мавҷудияти ҳар гуна низом фаъолият кардани он маҳсуб мешавад. Вазифаҳо ба таври объективона имкониятҳоеро, ки барои дигаргун сохтани инсон, табиат ва ҷомеа хос мебошанд, инъикос мекунанд [2, с. 21]. Ба вазифаҳои низоми тарбияи ҷисмонӣ фаъолият доир ба таъмини такомули ҷисмонии одамон дохил мешаванд. Мазмуни вазифа метавонад танҳо дар сурати дуруст гузоштани вазифаҳои тарбияи ҷисмонӣ дарк карда шавад. Вазифаҳои дохилию берунӣ фарқ мекунанд. Вазифаҳои берунии тарбияи ҷисмонӣ ба одамон равона карда шудаанд. Объекти онҳо инсон, одамони гуногун; мавзӯъ – саломатӣ, қувваи ҷисмонӣ ва маҳоратҳои одамон мебошанд. Вазифаҳои дохилӣ, ин ҳамкории элементҳои низом мебошад, ки фаъолияти вазифаҳои берунаро таъмин мекунанд.

Низоми тарбияи ҷисмонӣ ба таври зич ба дигар низомҳои муҳимми ҷомеа алоқаманд мебошад, аз қабили, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, сиёсӣ. Чун тарбияи ҷисмонӣ яке аз

соҳаҳои муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, он дар зери таъсири тағйиротҳое, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба вуқӯъ мепайванданд, инкишоф мeёбад. Ҳамчун намуд хусусиятҳои ин намуди фаъолияти тарбиявиро инъикос мекунад, ҳамчун тип – дар худ ҳамаи хусусиятҳои асосии низоми иҷтимоии ҷомеаро доро мебошад.

Дар ҷомеаи синфӣ низоми тарбияи ҷисмонӣ дорои хислати синфӣ буда, шаклҳои нисбатан инкишофёфтаи он ба манфиати синфи ҳукмрон хизмат мекунанд. Фақат дар ҷомеае, ки истисмори одам аз тарафи одам мавҷуд намебошад, низоми тарбияи ҷисмонӣ умумихалқӣ гашта, соҳиби ҳамаи хусусиятҳои низоми ҷомеаи пешрафта мегардад.

Низоми тарбияи ҷисмонӣ типи таърихан ташаккулёфтаи ташкилоти иҷтимоӣ мебошад, ки ба вазифаҳои он таъмини такомулии ҷисмонии одамон дохил мешавад. Ин маҷмӯи асосҳои идеологӣ, илмӣ-методӣ, барномавӣ-меъёрӣ, инчунин ташкилот ва муассисаҳое мебошанд, ки тарбияи ҷисмонии шаҳрвандонро амалӣ ва назорат менамоянд. Низоми тарбияи ҷисмонӣ типи нави таърихии ташкилоти иҷтимоӣ мебошад. Хусусиятҳои фарқкунандаи он инҳо мебошанд: ба таъмини ҳаматарафаи такомулуи ҷисмонии одамон нигаронида шудааст; фаъолнокии иҷтимоӣ ва динамизми оптималие, ки мутобиқати шакл ва вазифаҳои сохтмони ҷомеавиро таъмин мекунад; алоқаи зич бо дигар тарафҳои тарбияи ҷомеавӣ; пайдарпайии таърихии элементҳои прогрессивии низоми тарбияи ҷисмонии гузашта, ҳаракат ба сӯйи оянда, асоснокии илмии асосҳои идеологӣ, методологӣ, барномавӣ-меъёрӣ ва ташкилӣ, шаклҳои самараноки давлатӣ ва иҷтимоии роҳбарӣ, назорат ва иҷроиши тарбияи ҷисмонӣ.

Қисмати ҷудонашавандаи низоми тарбияи ҷисмонӣ низоми тарбияи ҷисмонии мактаббачагон мебошад, ки ба таври таърихӣ арзи ҳастӣ намуда, дар шакли корҳои синфӣ ва берунasинфӣ ва берунaзмактабӣ дар заминаи такомули ҷисмонии кӯдакони синни мактабӣ фаъолият менамояд.

Тарбияи ҷисмонӣ ва умуман тарбия дар маҷмӯъ, дар он марҳилаи инкишофи ҷомеаи инсонӣ пайдо шудааст, ки вақте дар раванди эволютсионӣ инсон аз шакли содаи аз худ кардани муҳити табиӣ ба тағйир додани бошуурона ва мақсадноки он гузашта буд, он вақт дар байни худ ва табиат олат ва воситаи меҳнатро гузошта, идора кардани онро ёд гирифт. К. Д. Ушинский тарбияи ҷисмониро ҳамчун омили асосии саломатӣ барои инсон ва бардамию матонат ба қалам додаст [3, с. 47] .

Зарурати меҳнат кардан, сохтани олоти меҳнат, аз насл ба насл интиқол додани малака ва маҳоратҳои меҳнатии андухташуда, сабаби объективии пайдоиши тарбия ҳамчун категорияи махсуси ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд.

Сабаби субъективӣ инкишофи минбаъдаи шуури иҷтимоӣ мебошад. Дар ҷараёни таҷрибаҳои беҳисоби меҳнатӣ инсон бо мурури замон самараи машққуниҳоро дарк намуд, ба таври дигар карда гӯем, сабаби алоқаи байни омодагии қаблӣ ва натиҷаҳои мусбати меҳнатро муайян карда тавонист .

Аз дили ҷараёнҳои меҳнатӣ берун омада, тарбияи ҷисмонӣ дар оғози инкишофи ҷомеаи ибтидоӣ бо меҳнат алоқаманд буд. Дар ҷомеаи ибтидоӣ ҳамаи аъзоёни он сарфи назар аз синну сол маҷбур буданд, ки меҳнат кунанд. Кӯдакон ва наврасон ҳангоми шикор, моҳидорӣ калонсолонро ҳамроҳӣ карда, дар ҷамъоварии ҳосили дарахтон дар ҷангалҳо иштирок мекарданд.


**АДАБИЁТ**

1. Ашмарина Б.А. Теория и методика физического воспитания. Учебное пособие для студентов факультетов физического воспитания педагогических институтов / Б.А. Ашмарина. – Москва: Просвещение, 1979.
2. Качашкин В.М. Физическое воспитание в начальной школе. Пособие для учителей / В.М. Качашкин. – Москва: Просвещение, 1983.
3. Качашкин В.М. Методика физического воспитания / В.М. Качашкин. – Москва: Просвещение, 1980.
4. Спортивные игры. Учеб.пособие для пед. училищ (отд-ний физ. Воспитания) / Под ред. Н.П. Воробьева. –Москва: Просвещение, 1975.


**ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ҲАМЧУН НИЗОМИ ИҶТИМОӢ**


Муаллиф дар таълифоти хеш андешаҳои худро перомуни тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун низоми иҷтимоӣ, ки дар ҷомеа мавқеи хосса касб кардааст, ба таври мушаххас баён намудааст. Чун тарбияи ҷисмонӣ яке аз соҳаҳои муҳимми муносибатҳои иҷтимоӣ мебошад, он дар зери таъсири тағйиротҳое, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ба вуқӯъ мепайванданд, инкишоф мeёбад. Вақте дар бораи вобастагии иҷтимоии ин ҷараён сухан мегӯем, қабл аз ҳама, бояд дар назар дошта бошем, ки дар ҷараёни он мақсади аз назари иҷтимоӣ муҳим, яъне мақсаде, ки ҳам барои инкишофи худи инсон ва ҳам барои прогресси ҷомеа дар маҷмӯъ лозим мебошад, ба даст оварда мешавад. Ба ғайр аз ин, тарбияи ҷисмонӣ маънои онро дорад, ки дар чаҳорчӯбаи ташкилоти иҷтимоие ҷараён мегирад, ки дорои имкониятҳои зарурӣ барои таъмини манфиатҳои ҷомеа дар ин самт мебошад.Чунин ташкилоти иҷтимоӣ низом номида мешавад. Низоми тарбияи ҷисмонӣ мақсади нисбатан банизомдаровардашудаи фаъолияти маҷмӯи элементҳои тарбияи ҷисмонӣ маҳсуб мeёбад. Мунтазам иҷро кардани машқҳои ҷисмонӣ ба организм, ташаккули қаду қомат ва муташаккилона оғоз

намудани рӯзи таълимӣ кумак мерасонад.Агар машқҳо дар майдончаи варзишӣ ё толори варзишии мактаб гузаронида шаванд, боз беҳтар аст, чунки дар ин ҷойҳо асбобу анҷоми варзишии ба онҳо даркорӣ мавҷуд аст.Бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми гузаронидани дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳаддалимкон мувофиқи ҷисм машқҳои варзишӣ то нимаи дуюми дарс пай дар пай зиёд ва сипас батадриҷ кам шуда, ба дараҷаи ҳолати аввалаашон оварда мешаванд. Хулоса, тарбияи ҷисмониро ҳамчун низоми иҷтимоии ҷомеа донистан лозим аст.

**Калидвожаҳо:** тарбияи ҷисмонӣ, низоми иҷтимоӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ, хусусиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, машқҳои варзишӣ, қувваи ҷисмонӣ, иҷрои муназзами машқҳои ҷисмонӣ, омилҳои тарбияи ҷисмонӣ.

**ФИЗИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА КАК ОБЩЕСТВЕННАЯ СИСТЕМА**

В данной статье автор излагает свои мысли о физической культуре как об общественной системе, которая занимает особое место в общества. Так как физическое воспитание является одной из важнейших сфер общественной жизни, оно развивается под воздействием тех изменений, которые происходят во всех сферах общественной жизни. Когда речь идет об общественной значимости этой сферы, прежде всего, мы должны иметь в виду то, что с помощь. Физического воспитания достигается та цель, которая важна и для развития человека и для прогресса обществе в целом. Кроме этого, физическое воспитание проходит в рамках общественного движения, имеет все необходимые возможности для обеспечения общественных интересов. Система физического воспитания является систематизированной деятельностю общих элементов физического воспитания.Регулярное выполнение физических упражнений развивает организм и формирует рост человека и помогает организованно начинать учебный день. Лучше, если упражнения будут выполняться на спортивных площадках или в спортзалах, так как в этих местах есть спортивный инвентарь, который будет способствовать выполнению упражнений. Следует подчеркнуть, что во время уроков физической культуры, по мере возможности, до середины урока постепенно надо увеличивать нагрузки, а после надо, постепенно их уменьшая, прийти на исходную позицию. Таким образом, физическое воспитание надо воспринимать как общественную систему, как специальную систему, где молодое поколение развивается физически и духовно.

**Ключевые слова:** физическое воспитание, общественная система, общественные отношения, свойства физического воспитания, физические упражнения, физическая сила, постоянное выполнение физических упражнений, факторы физического воспитания.

**PHYSICAL TRAINING AS A SOCIAL SYSTEM**

The author in his article rescues the issue of physical training as a social system, which takes a special place in the community. As physical training is one of the important component of the social relations, it develops under the influence of changings, which occur in all spheres of social life. When we talk about social dependence of this process first of all one must note that during its process an important aim from the social point of view. This aim is both necessary for a person and for the progress of the society as a whole. In addition physical training acts in the frame of social organization, which has large opportunities in order to provide the interests of the society. Such social organization is called a system. Physical training system is a systematized purpose of complex activity of the physical training elements. Regular doing of physical exercises is very useful for body and they help to grow figure, strengthen health and organized beginning of the educational day. It’s better if these exercises do in the school’s sport ground of gym, because there are sport equipment there and in can additionally indirectly help them.One must remember that during conduction of physical training lessons an leas physical exercises have to increase gradually till the second half of the lesson and then decrease them gradually and come to the starting position. In conclusion one cane. Consider that physical training is as a social system of the society and in encourages young generation for self-development.

**Key words:** Physical training, social system, social relations, peculiarities of the physical training, physical exercises, physical power, regular doing of physical exercises, physical training factors.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Халим Ҳокимович*** **–** Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава, преподаватель кафедры физической культуры и военной подготовки **. Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Бохтар, ул. Айни, 67.Телефон: **937787545**

**Information about the author:** ***Sharipov Halim Hokimovich*** **-** Bokhtar State University named after Nosir Khusrav, teacher of the department of physical culture and military training. Address: 735140, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Bohtar, st. Aini 67. Phone**: 937787545**

**УДК 37.0**

# ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА УЧИТЕЛЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ

***Аликулова Ш., Каххорова С.***

**Худжандский государственный университет имени Б. Гафурова**

Проблема культуры учителя привлекала и привлекает к себе пристальное внимание многих исследователей. Так, проблема культурного совершенства учителя вошла в историю педагогики вместе с системами, концепциями ученых, мыслителей, педагогов: например, мысли Я.А. Коменского о высокой культуре, энциклопедическом образовании, совершенном владении искусством слова; взгляды Ж.Ж. Руссо, В.Г. Белинского, А.И. Герцена о таланте, широте

кругозора педагога, о его умении связывать знания с жизнью; требования Ахмада Дониша прививать «здравый взгляд на вещи» учащимся, «учиться у природы», не ограничиваться «книжными объяснениями», а опираться на опыт, образцы науки и искусства; размышления Садриддина Айни о ученом человеке- воспитателе, который руководствуется принципами этического идеала «Инсоншав» и выполняет важную культурную миссию - научить молодежь уму- разуму: положения Рудаки о наставнике высокой культуры, вобравшемв себя разумное и доброе.

Следует обратить внимание на педагогическое наследие В.А. Сухомлинского, где широко использовалось понятие «педагогическая культура», включающее в себя многие компоненты духовного облика и профессиональной подготовки учителя, но специального определения дано не было. Заслуживает внимания утверждение В.А. Сухомлинского, что без знания души ребенка нет педагогической культуры [5].

Последние два десятилетия отмечены появлением ряда работ, авторы которых в той или иной форме затрагивают вопросы педагогической культуры людей различных специальностей и различной возрастной категории. Так, педагогическая культура пропагандиста выражается в психолого -педагогических и методических и методических знаниях, в педагогическая культура инженера – руководителя в уровне психолого – педагогической подготовленности, предполагающей наличие определенного набора знаний, умений и личностных качеств; педагогическая культура офицера представлена как синтез психолого – педагогических убеждений и мастерства, общего развития и профессиональных качеств, педагогической этики и системы многогранных отношений. Что касается педагогической культуры различной возрастной категории, то она представлена у молодежи как интегральное качество, которое диалектически объединяет процесс и результат присваивающей и преобразующей деятельности, у родителей как совокупность педагогической подготовленности и определенных свойств и качеств отцов и матерей, отражающих степень их зрелости как воспитателей и проявляющихся в процессе деятельности по семейному и общественному воспитанию [2].

Следует остановиться на некоторых положениях в определении сущности изучаемого понятия, так как содержание любого понятия раскрывается через его определение, то есть с указания существенных признаков предмета, поэтому возникла необходимость обратиться к наиболее содержательным трактовкам педагогической культуры.

Педагогическая культура учителя сельской общеобразовательной школы рассмотрена таджикским учёным Ф. Шарифзода как синтез различных сторон общей культуры, основными элементами которой являются культура мыслей, культура чувств, культура действий и речи [8].

Е.В. Бондаревская[4] считает, что педагогическую культуру следует рассматривать как способ творческого освоения педагогической действительности, предлагая ряд положений, которые имеют концептуальный характер для формирования основ рассматриваемого понятия; исследователи педагоги нашей республики И.Х.Каримова, Ф.Шарифзода, основываясь на этих положениях, показали возможности учебного процесса в формировании основ педагогической культуры[3].

В диссертационных исследованиях изучаемое понятие представлено как сущностная характеристика, системное динамическое образование, совокупность потребностей, возможностей и подготовленности к музыкально – педагогической деятельности, системная характеристика личности и деятельности учителя. Авторы этих исследований определяют различные подходы к формированию педагогической культуры, предлагая в основном совершенствование содержания дисциплин педагогического цикла и применение активных методов обучения в вузе.

В работе академика Академии образования Таджикистана М. Лутфуллоева рассматривается культура педагогического труда, оно близко к понятию, которое мы исследуем, но, однако, они не тождественны. Формированию культуры педагогического труда в немалой степени содействуют педагогические (творческие) мастерские, эту идею М. Лутфуллоев продуктивно использовал в своей экспериментальной работе[4].Ш.Шаропов рассматривает общение как одно из главных средств формирования основ педагогической культуры студентов[9].

Итак, не отрицая достоинств представленных точек зрения, все же полагаем, что требования педагогической культуры должны определяться знанием объекта деятельности учителя. Для уточнения сущности педагогической культуры требуется выяснить отличие изучаемого понятия от педагогического мастерства, педагогического такта, педагогической этики. Исходя из анализа литературы, считаем, что «педагогическая культура» шире, чем рассмотренные понятия, так как педагогическая культура предполагает у учителя развитое

сознание как основную категорию профессиональной этики и высшую стадию развития педагогического такта как одного из компонентов педагогической этики.

Итак, в ходе исследования мы пришли к выводу, что педагогическая культура – это сложное явление, включающее в себя понятия «педагогическое мастерство», «педагогический такт», «педагогическая этика».

Что же представляет собой педагогическая культура?

Целостное представление педагогической культуры пока еще не устоялось, свидетельством является недостаточная четкость в определении ее концептуальных границ и сущности, расхождения в понимании ее структуры, поэтому важен анализ содержания и структурных компонентов педагогической культуры.

Необходимо учесть, во-первых, что мы хотим выразить не какие-то отдельные стороны или свойства учителя, а его интегративное, объединенное в единое целое качество, во – вторых, целый мир, обогащенный культурными ценностями предшествующих поколений, предстает перед человеком как специфический объект усвоения, и, только опираясь на накопленный в культуре опыт, личность оказывается способной к активной деятельности в различных сферах, в- третьих, мы исходим из сущности понятий «культура», «культура личности», «профессиональная культура».

Педагогическая культура объективно необходима учителю, который по роду своей деятельности непосредственно общается с людьми, оказывая на них влияние с целью изменения.

Педагогическая культура способствует гуманизации отношений в системе «человек-человек» («учитель-ученики», «учитель-родители», «преподаватель-студент», «преподаватель-преподаватель», «будущий учитель-будущий учитель»), поэтому формирование исследуемого понятия особо актуально в современных условиях.

Необходимо обратиться к процессу моделирования изучаемого качества, то есть представить модель, которая бы включала в себя комплекс критериев и показателей. О реальных проявлениях педагогической культуры в целом или ее отдельных сторонах можно судить по наличию определенных показателей.

Определяя структуру педагогической культуры, мы опирались на системное понимание культуры, на компоненты педагогический деятельности и теоретические положения концепции целостного педагогического процесса. Разработанная модель педагогической культуры выражается в совокупности компонентов: мотивационного (комплекс устойчивых мотивов, ориентирующих деятельность педагога, которая проявляется в сформированной потребности в ней, в установке на работу с детьми, интересе и удовлетворенности этой работой); содержательного (наличие определенной системы знаний для понимания сущности объекта деятельности); процессуального (комплекс способов и приемов педагогической деятельности, необходимых для эффективности взаимодействия участников системы «человек- человек»).

Исходя из вышеизложенного, показателями мотивационно- потребностного критерия являются: ценностное отношение к будущей профессиональной деятельности; интерес к профессии учителя; устойчивость профессиональных намерений; система ценностных ориентаций, потребность в самосовершенствовании.

Результативность педагогической деятельности развивает в себе необходимые качества, а это возможно только при наличии развитого профессионального самосознания. Если будущий учитель знает, какими качествами он обладает и должен обладать, как они у него развиты, он может стремиться к формированию данных качеств у себя.

Чтобы уяснить сущность «профессионального самосознания», необходимо обратиться к понятию «самосознание». Изучение трудов Б.Г. Ананьева, И.С. Кона, И.И. Чесноковой, обращение к справочной литературе привело к следующему: самосознание интегрирует как познание самого себя, так и отношение к самому себе, продуктом которого выступает представление человека о самом себе, образ «Я». Структурно выделяют взаимосвязанные стороны самосознания: самопознание, самоотношение, саморегуляция (И.И. Чеснокова).

Успешность профессиональной подготовки будущих учителей зависит от теоретической базы, это убедительно доказано в трудах В.С. Ильина, Э.И. Моносзона, Ф.Шарифзода. Только овладение педагогической теорией, отражающей специфику объекта деятельности учителя, может решить проблемы в подготовке учителя в соответствии с современными требованиями, с пониманием сущности объекта деятельности учителя.

Следует подчеркнуть, что знание учителем объекта деятельности, его сущности и закономерностей, движущих сил и воспитательных механизмов позволяет выработать

целостное и ценностное отношение к педагогической деятельности, поэтому в качестве объекта деятельности мы избираем – наличие системного представления о целостном педагогическом процессе, а в качестве его показателей: понимание сущности целостного педагогического процесса как объекта деятельности учителя; системное «видение» компонентов педагогического процесса; знание основных закономерностей протекания педагогического процесса; знание воспитательных механизмов педагогического процесса; знание особенностей управления педагогическим процессом.

В педагогическом процессе происходит постоянное общение воспитателя и воспитуемых, обучающего и обучаемых, без этого ни обучение, ни воспитание просто не существуют. Именно в педагогическом общении, являющимся слагаемым педагогической культуры, учитель вырабатывает свой стиль, познает самого себя, использует его как способ взаимодействия с учащимся. Успешность педагогической деятельности зависит от умения учителя управлять общением, поэтому необходимо заранее моделировать общение, предвидеть его результаты. Тем более в реальном педагогическом процессе учитель часто имеет дело с ситуациями общения конфликтного характера, поэтому важно при их решении его тактика поведения, умение оценить ситуацию, уровень культуры общения с учащимися. В системе «учитель - ученики», «только учитель может уловить, где именно и почему возникает конфликтная ситуация общения, где пути ее разрешения» [6,с.125].

Таким образом, исходя из характеристики уровней сформированности педагогической культуры считаем, что низкий уровень неприемлем в практике учителей, а следует ориентироваться на высокий уровень педагогической культуры.

### ЛИТЕРАТУРА


1. Белоусова Г.Ф. Педагогическая практика как фактор формирования основ педагогической культуры студента пед.вуза: автореф.дис…канд.пед.наук. / Г.Ф.Белоусова. -Ростов-на-Дону, 1989. - 21с.
2. Гребенников И.В. Педагогическую культуру-каждой семье / И.В.Гребенников. -М.: Знание, 1978. -41с.
3. Каримова И.Х. Учитель- творец добра и прогресса / И.Х.Каримова, Ф.Шарифзода.-Душанбе:Ирфон, 2010.-179 с.
4. Лутфуллоев М. Независимость Таджикистана и вопросы воспитания / М.Лутфуллоев. -Душанбе, 2006.-246 с.
5. Сухомлинский В.А. Избранные произведения: О воспитании – изд 2-е / В.А.Сухомлинский. -М.: Политиздат, 1975. -272с.
6. Хмель Н.Д. Педагогический процесс в общеобразовательной школе. / Н.Д.Хмель. -Алма-Ата, 1984. -184с.
7. Чалов А.Н. О педагогической культуре учителя сельской общеобразовательной школы: Лекция по курсу «Ввод в специальность» /А.Н.Чалов. - Ростов –на-Дону, 1988.-43с.
8. Шарифзода Ф. Актуальные проблемы современной педагогики / Ф.Шарифзода.– Душанбе: Ирфон, 2009.-459с.
9. Шаропов Ш.А. Общение и самопознание (на тадж.яз) / Ш.А. Шаропов.-Худжанд,2017.-304с.


### ФАРҲАНГИ ОМӮЗГОР ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИММИ САЛОҲИЯТНОКИИ КАСБӢ


Дар мақола масоили муҳимми педагогӣ-фарҳанги омӯзгор ҳамчун омили муҳимми салоҳиятнокии касбӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки дар ду даҳсолаи охир як қатор тадқиқотҳо анҷом дода шуданд, ки дар онҳо муаллифон оиди фарҳанги мутахассисони соҳаҳои гуногун ва одамони синну соли гуногун иброз назар намудаанд. Гуфта шудааст, ки фарҳанги омӯзгор ин мафҳуми мураккабу васеъ буда, дар худ мафҳумҳои «маҳорати педагогӣ», «тактикаи педагогӣ» ва «одоби педагогӣ»-ро дар бар мегирад. Дар мақола махсус таъкид шудааст, ки нишондиҳандаҳои зерини меъёрҳои мотиватсионӣ-истеъмолӣ мавҷуданд: шавқ ба касби омӯзгорӣ; устувории азмҳои касбӣ; низоми тамоюли арзишманд, талабот ба худтакмилёбӣ. Самаранокии фаъолияти педагогӣ дар худ ҳолате сифатҳои заруриро рушд медиҳад, ки агар худшиносии касбӣ вучуд дошта бошад. Агар омӯзгори оянда дарк намояд, ки ӯ ба кадом сифатҳо молик асту кадомаш заруранд, дар ин ҳолат ӯ метавонад барои ташаккули ин сифатҳо кӯшиш ба харҷ диҳад. Хулоса шудааст, ки муваффақияти фаъолияти педагогӣ аз ташаккули фарҳанги педагогӣ ва маҳорати идоракунии муошират, ки омилҳои муҳимми салоҳиятнокии касбии омӯзгор маҳсуб меёбанд, вобастагии ногусастанӣ дорад.



**Калидвожаҳо:** фарҳанги педагогӣ, салоҳиятнокии касбӣ, омӯзгор, ташаккул, консепсияи педагогӣ, тарбия, таълим, шахсият, фаъолият.


### ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КУЛЬТУРА УЧИТЕЛЯ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ КОМПЕТЕНТНОСТИ


В статье рассматриваются вопросы педагогической культуры учителя как важный фактор профессиональной компетентности. Указывается, что последние два десятилетия отмечены появлением ряда работ, авторы которых в той или иной форме затрагивают вопросы педагогической культуры людей различных специальностей и различной возрастной категории. Резюмируется, что педагогическая культура – это сложное явление, включающее в себя понятия «педагогическое мастерство», «педагогический такт», «педагогическая этика».В статье особо подчеркивается, что показателями мотивационно-потребностного критерия являются: ценностное отношение к будущей профессиональной деятельности; интерес к профессии учителя; устойчивость профессиональных намерений; система ценностных ориентаций, потребность в самосовершенствовании. Результативность педагогической деятельности развивает в себе необходимые качества, а это возможно только при наличии развитого профессионального самосознания. Если будущий учитель знает, какими качествами он

обладает и должен обладать, как они у него развиты, он может стремиться к формированию данных качеств у себя. Делается вывод о том, что успешность педагогической деятельности зависит от сформированности педагогической культуры учителя и умения управлять общением, которые представляют собою важный фактор профессиональной компетентности учителя.

**Ключевые слова:** педагогическая культура, профессиональная компетентность, учитель, формирование, педагогическая концепция, воспитание, обучение, личность, деятельность

**PEDAGOGICAL CONCEPTS ABOUT TEACHER CULTURE ISSUES**

The article deals with the issues of teacher's pedagogical culture as an important factor in professional competence. It is noted that the last two decades have been marked by the emergence of a number of works, the authors of which in one form or another address the issues of the pedagogical culture of people of various specialties and different age categories. It is summarized that pedagogical culture is a complex phenomenon that includes the concepts of "pedagogical skills", "pedagogical tact", "and pedagogical ethics". The article emphasizes that the indicators of motivation-need criterion are: value attitude to future professional activities; interest in the teaching profession; sustainability of professional intentions; value orientation system, the need for self-improvement. The effectiveness of pedagogical activity develops the necessary qualities in itself, and this is possible only if there is a developed professional self-consciousness. If the future teacher knows what qualities he possesses and should possess, how they are developed in him, he can strive to form these qualities in himself.It is concluded that the success of pedagogical activity depends on the formation of the teacher's pedagogical culture and the ability to manage communication, which are an important factor in the teacher's professional competence.

**Key words**: pedagogical culture, teacher, formation, pedagogical concept, upbringing, training, personality, activity

**Сведения об авторах:** ***Аликулова Шахло Аноркуловна*** - Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. E-mail:**shahlo86@mail.ru**
***Кахорова Супарна Худжамуродовна*** -Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова,соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1 E-mail**:shahlo86@mail.ru**

**Information about authors:** ***Alikulova Shahlo Anorkulovna*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov the applicant, of the Department of Social and Professional Pedagogy. **Adress:** Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1.. E-mail: **shahlo86@mail.ru**
**Kakhorova Suparna Khudzhamurodovna -** Khudzhand State University named after academician B. Gafurov, applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy. E-mail: **shahlo86@mail.ru**

**УДК:372.800.2 (575.3)**

# ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ ПРОТСЕССУАЛИИ ТАЪЛИМИ ИНФИРОДИЮ ТАФРИҚАВИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Мирмаматова М.Р., Турсуматова Р.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров**

Дар адабиёти педагогӣ аксаран зимни танқиди низоми мавҷудаи таълим ба сифати яке аз норасоиҳои асосии он қайд мекунанд, ки омӯзгор дар як вақт бо гурӯҳи хонандагон машғул гардида, на ҳамеша хусусиятҳои фардии онҳоро ба ҳисоб гирифта метавонад. Дар ҳоле ки «… бархе аз онҳо маводро зудтар аз худ мекунанд, дигарон – сусттар; барои баъзеҳо танҳо як мисол кифоя мебошад, барои дигарон якчанд мисол овардан зарур аст; бархе бо шунидан беҳтар дарк мекунанд, дигарон – тариқи дидан. Дар як вақт бо тамоми синф кор карда, омӯзгор ногузир хонандаи «миёна»-ро ба назар мегирад, бо суръати миёна кор мебарад, миқдори миёнаи машқҳоеро месупорад, ки сатҳи мураккабиашон низ миёна аст. Чунин низоми таълим инкишофи бархе аз хонандагонро бозмедорад ва барои қисми дигар мушкилоти иловагиро ба миён меорад» [3,с.56].

Аз ин ҷо хулосабарорӣ мумкин аст, ки имрӯз дар бисёр мавридҳо хонанда на ин ки субъекти фаъоли раванди андухтани донишҳо, балки бештар объекти таъсироти омӯзгор аст. Ин дар ҳолест, ки вазифаи мактаби муосир на танҳо додани донишҳо оид ба асосҳои илм мебошад, он бояд ба бачагон фикррониро омӯзад, қобилият ва истеъдоди онҳоро инкишоф диҳад, ба ҳар як хонанда ҷиҳати худифодакунии эҷодӣ имконият фароҳам орад. Яке аз роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо инфиродӣ ва тафриқавӣ намудани таълим аст.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва методӣ роҷеъ ба ин масъала дуруст будани андешаи И.Э.Унтро тасдиқ намуд, ки дар тадқиқи масъалаи инфиродӣ ва тафриқавӣ гардонидан, ҷанбаи душвортарин набудани доираи ягонаи истилоҳот мебошад [7,с.42]. Мафҳумҳои асосии марбут ба ин масъала («тафриқабахшӣ», «инфиродӣ намудан», «дидгоҳи тафриқавӣ», «муносибати инфиродӣ», «таълими тафриқавӣ» ва ғ.) имрӯз дар дидактика таърифи ягона надоранд. Якмаъно набудани истилоҳот натиҷаи мухталиф будани

фаҳмиши моҳияти равандҳо дар консепсияҳои гуногун ва аз ин рӯ, дар амалияи педагогӣ мебошад.

Зери мафҳуми тафриқавӣ гардонидани таълим мо раванди тақсими воситаҳои педагогиро бо мақсади инкишоф (психикӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ)-и шахсияти мактаббача тариқи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои гурӯҳ мефаҳмем.

Тафриқавӣ гардонидани таълим – раванди тақсими воситаҳои педагогӣ бо мақсади фаъолияти омӯзишӣ тариқи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои гурӯҳҳои муҳассилин. Дар айни замон, бо назардошти вазифаҳои инкишоф мо фаъолияти омӯзиширо ҳамчун шакли махсуси фаъолмандии хонанда дарк менамоем, ки ба тағйир додани худаш ҳамчун субъекти таълим нигаронида шудааст (Д.Б. Элконин) [9].

Аз ин ҷо хусусиятҳои муҳимми таълими тафриқавӣ муайян мегарданд:

- таълими тафриқавӣ на ҳадаф, балки воситаи инкишофи фардият аст;

- тарҳрезии (технологизатсия) таълими тафриқавӣ бидуни донистани фардияти ҳар як хонанда чи хеле ки ҳаст, бо хусусиятҳои танҳо ба шахсияти ӯ хос номумкин аст;

- инфиродӣ гардонидан – заминаи таълими тафриқавӣ. Бинобар ин, дар пайравӣ ба И.С.Якиманская [10] мо муайян кардем, ки таълими тафриқавӣ – фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон мусоид барои инкишофи шахсияти хонанда ҳамчун фард аст. Таърифи дар боло зикршудаи таълими тафриқавӣ ба ин таъриф ихтилоф надошта, балки онро мушаххас мегардонад.

Мо дидгоҳи тафриқавиро ҳамчун принсипи таълим бо мақсади инкишофи шахсияти хонанда бо назардошти хусусиятҳои инфиродии он тариқи хусусиятҳои гурӯҳ баррасӣ менамоем.

Барои дуруст ҳал кардани масъалаи инфиродӣ ва тафриқавӣ гардонидани таълим муайян кардани на танҳо моҳият, балки вазифаҳо ва шаклҳои татбиқи онҳо, хусусиятҳои асосии онҳо зарур аст.

Таҳлили адабиёти психологию педагогӣ гуногунии навъҳо, шаклу воситаҳои тафриқабахширо, ки дар муассисаҳои таълимӣ сурат мегирад, нишон дод.

Навъҳои анъанавии тафриқабахшӣ инҳоянд: тафриқа аз рӯйи қобилияти умумӣ ва махсус; аз рӯйи шавқу рағбат; аз рӯйи самти касби пешбинишаванда. Тафриқаи дохилисинфӣ аз рӯйи қобилият асосан чунин шаклҳо дорад: супоришҳои сатҳи мураккабиашон гуногун, ба вояҳо тақсим кардани ёрии омӯзгор, тафриқа аз рӯйи сатҳҳо. Тафриқа аз рӯйи шавқу рағбат, касби тарҳрезишаванда дар мактабҳои муосир тариқи супоришҳо ба хонандагон, аз он ҷумла, эҷодӣ – навиштани рефератҳо, тайёр кардани маърӯзаҳо бо назардошти шавқу рағбат, касби ояндаи хонандагон амалӣ мегардад. Тафриқа аз рӯйи хусусиятҳои инфиродию физиологӣ дидгоҳи инфиродиро пешбинӣ менамояд, ки дар ин маврид хусусиятҳои психикии хонандагон: навъи бартаридоштаи хотир, махсусияти амалиёти фикрӣ, миҷоз, навъи фикрронӣ ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Таҳлили адабиёти илмӣ инчунин нишон дод, ки тафриқабахшӣ имрӯз дар шаклҳои гуногун амалӣ мегардад. Аммо коркарди нокифояи принсипҳои ба роҳ мондани таълими тафриқавӣ ва таҷассуми мушаххаси он дар раванди таълим, ҳамчунин коркарди нокифояи стандартҳои шаклҳои гуногуни тафриқабахшӣ боиси он гардид, ки педагогҳо – омӯзгорони фаннӣ дар бораи воситаҳои ташкил, имконияти таълими тафриқавӣ, вазифаҳои он тасаввуроти комил надоранд.

Дар мактаби ибтидоӣ аксаран аз рӯйи қобилияти умумӣ, пешрафт, хусусиятҳои психологӣ тафриқаи дохилӣ амалӣ мегардад. Тафриқабахшӣ дар ҳалқаи миёнаи мактаб имрӯз тариқи факултативҳо ба роҳ монда шудааст. Дар ҳалқаи болоии мактаби миёнаи таҳсилоти умумӣ синфҳои соҳавӣ бо омӯзиши амиқи фанҳои алоҳида ё синфҳои ба мактаби олӣ нигаронида мавҷуданд.

Асоси тафриқабахшӣ - хусусиятҳои хонанда (гурӯҳ) ё фаъолияте мебошад, ки ба миён омадани тафовутро дар таълим муайян мекунад.

Дараҷаи тафриқа – қобил будани мактаб барои амалӣ намудани роҳҳои асосии тафриқабахшӣ:

- тақсимоти мактаббачагон;

- тақсимоти маводи таълим мувофиқи шароити таълим;

- тақсимоти шаклҳои таъсироти мутақобил.

Роҷеъ ба аҳаммияти пурратар татбиқ намудани муносибати инфиродӣ ба хонандагон Ш.И.Ганелин низ сухан ронда буд. Ӯ чунин мешуморид, ки муносибати инфиродӣ на танҳо барои ошкор намудани ҷиҳатҳои заиф, манфии хонандагон, балки барои муайян кардан ва инкишоф додани ҷиҳатҳои неруманди шахсияти ҳамагон даркор аст. Ба

андешаи мавсуф, он бояд бо назардошти хусусиятҳои тафаккури хонандагон, завқи маърифатӣ ва майлу рағбат, махсусияти диққату хотираи онҳо ва ғ., инкишофи қобилияти эҷодӣ, истифодаи ҳарчи бештари имконот ва камолоти минбаъдаи онҳоро таъмин намояд.

Таҳлили мақолаҳое, ки таҷрибаи пешқадами педагогиро инъикос мекунанд, маълум намуд, ки зимни амалӣ гардонидани дидгоҳи тафриқавӣ дар дарсҳо нисбат ба хонандагони инкишофашон хуб воситаҳои зерин истифода мешаванд:

- ҳалли масъалаҳои душвортар;
- иншо дар мавзӯъҳои густурда ва махсусан амиқ;
- мутолиаи адабиёти иловагӣ;
- иштирок дар лексияҳои иловагӣ;
- омода намудани маърӯзаҳо барои ширкат дар кори лекторӣ ва ғ.

Агар сухан дар бораи муносибати инфиродӣ ба хонандагони суст равад, дар бисёр мавридҳо ҳамон амалҳои омӯзгор, ки барои пешгирии ақибмонии хонандагон равона шудаанд, дар назар дошта мешаванд. Чунончи, Д.М.Сонин [6] ин гуна таҷрибаро ҷамъбаст намуда, чунин тавсияҳо медиҳад:

- бо мақсади санҷидани он, ки оё хонандагон бодиққат гӯш мекунанд, омӯзгор бояд ба хонандагони диққаташон номутамарказ, камфаъол, сустхон бо саволҳо мурочиат намояд ва онҳоро барои такрори суханони омӯзгор ё хонандаи ҷавобдиҳанда водор намояд;
- бо мақсади ошкор намудани он, ки хонандагони сустидрок, ба таври механикӣ азхудкунанда ва сустхон саволро то кадом дараҷа мефаҳманд, омӯзгор бояд ҳамеша ба онҳо такрор ё тавзеҳи ин ё он матлабро пешниҳод намояд.
- омӯзгор бояд доимо аз хонандагони суст ба қоидаи тавзеҳшуда овардани мисолҳо, ёфтани монандӣ ва фарқи байни калимаҳо, фактҳо, рӯйдодҳо, дарёфтани хаторо дар ҷавоби рафиқаш, ислоҳи ӯро талаб намояд;
- Омӯзгор бояд хонандагонро ба намоиш додани объектҳои омӯзиш, тавсифи таҷриба, сохтани шаклҳо, нақшаҳо дар тахта ва ғ. ҳарчи бештар ҷалб намояд.

Азбаски инфиродӣ намудани таълим на танҳо дар дарсҳо, балки дар корҳои беруназсинфӣ ва супоришҳои хонагии хонандагон амалӣ мегардад, ба ин масъала педагогҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд. Онҳо қайд менамоянд, ки дар корҳои беруназсинфӣ ва хонагӣ хусусиятҳои хонандагон барҷастатар зоҳир мешаванд. Бинобар ин, Н.К.Крупская гуфта буд, ки «дар мавриди супоришҳои хонагӣ баробариро ҷорӣ намудан мумкин нест. Супоришҳоро инфиродӣ бояд кард, камбудиҳо, ҷамъи малакаву дониши бачаро ба ҳисоб бояд гирифт, ба хонандагони нисбатан боқувват супоришҳоеро додан лозим аст, ки онҳоро ба пеш набаранд, балки танҳо донишашонро амиқтару беҳтар намоянд» [2]. Ҳамин нуктаро Е.С.Рабунский [5] низ таъкид мекард. Ӯ навишта буд, ки санъати омӯзгор дар маҳорати тавре ташкил кардани раванди таълим ифода меёбад, ки он аз ҷониби хонандагон иҷро гардидани ягон минимуми ҳатмии супоришҳои таълимиро таъмин намояд. Дар айни замон, ба хонандагони нисбатан боқувват супоришҳое бояд дода шаванд, ки ба онҳо имкони амиқ фаро гирифтани донишҳо, такмили маҳорату малакаҳоро фароҳам меоранд. Дар баробари ин, чунин супоришҳо набояд ҳамчун «илова» ба супоришҳои умумисинфӣ намудор гарданд. Чунин супоришҳои инфиродӣ аз ҷониби хонандагон бояд ба сифати корҳои асосӣ, дар радифи супоришҳои умумисинфӣ дарк шаванд.

Дар масъалаи роҳҳои пурра инфиродӣ гардонидани таълим низ дар адабиёти педагогӣ андешаҳои гуногун ба назар мерасанд. Баъзе муаллифон талаб мекунанд, ки мундариҷаи таълим ба хусусиятҳои омодагӣ ва инкишофи хонандагони алоҳида мувофиқ гардонида шавад. Бо ин мақсад онҳо пешниҳод мекунанд, ки барои ҳар як гурӯҳи хонандагон барномаи алоҳида таҳия шавад. Аммо ба андешаи мо, дар чунин дидгоҳ хавфи паст гардидани талабот ба гурӯҳи нисбатан сусти хонандагон нуҳуфтааст. Бинобар ин, мо чунин мешуморем, ки барномаҳои таълим ва талабот барои тамоми мактаббачагон бояд ягона бошанд. Ба ҳар як хонанда имконият фароҳам овардан лозим аст, ки бо роҳи худ, бо истифодаи неруи фаъолияти фикриаш донишҳои дар барнома пешбинишударо аз худ намояд.

Супоришҳои инфиродиро дар бисёр мавридҳо на танҳо барои рушди қобилияти маърифатии хонандагон, балки бо мақсади инкишофи муносибати эҷодкорона ба меҳнат истифода мебаранд. Яке аз заминаҳои ҳалкунандаи эҷодкории хонандагонро ҳаддалимкон ба шахсияти хонанда нигаронида будани супориши таълимӣ шуморидан мумкин аст. Аслан, ин имконпазир аст, агар супориш бо ҳадафи мушаххас – дар самти муайян таъсир расонидан ба хонанда таҳия гардида, дар баробари ин, таҷрибаи мушаххаси маърифатӣ ва амалии ӯ, шавқу рағбат, қобилият ва ҷиҳатҳои характери ӯ ба назар гирифта мешаванд.

Дар ин ҳолат иҷрои ин гуна супоришҳо дар баробари он, ки кори инфиродист, имкон медиҳад, то байни ҳадафҳои таълимии синф ва сохтори қатъиян инфиродии шавқу рағбат ва қобилияти хонандагони алоҳида робитаи самарабахши психологӣ ба роҳ монда шавад. Чунин корҳои инфиродии эҷодӣ, масалан, дар дарсҳои забони русӣ ҷиҳати бедор ва устувор намудани шавқу рағбат ба фан, ноил гардидан ба афзудани фаъолнокии хонандагон ва баланд бардоштани сатҳи пешрафти онҳо истифода шуданд.

Аз баррасии вариантҳои дигари дар таълим амалӣ намудани дидгоҳи инфиродӣ худдорӣ намуда, чунин нуктаро қайд мекунем: то имрӯз роҷеъ ба масъалаи инфиродӣ гардонидани таълим бисёр корҳои муҳим анҷом ёфтаанд. Натиҷаҳои онҳо бобати мувофиқи мақсад ва самарабахш будани муносибати инфиродӣ ба хонандагон гувоҳӣ медиҳанд. Аммо корҳои мавҷударо мусбат арзёбӣ намуда, бояд таъкид намоем, ки таҳлили амалияи педагогӣ нишон медиҳад, ки муносибати инфиродӣ суст татбиқ мегардад ва одатан натиҷаи интизоршавандаро намедиҳад. Ба андешаи мо, сабаб дар он аст, ки кори инфиродии хонандагон дар раванди воқеии таълим одатан дар нақши «илова»-и методҳои анъанавӣ ва шаклҳои ба роҳ мондани таълим баромад мекунад. Табиист, ки зимни чунин муносибат омӯзгорон дар бобати махсусияти татбиқи методҳои мустақим ва бевоситаи идоракунии фаъолияти маърифатӣ тариқи сохтору мундариҷаи супоришҳои инфиродӣ, оид ба саривақту дақиқ ифода намудан ва интиқол додани ҳадафҳо, мотивҳо, тамоюлу самтгирӣ ба фаъолияти дарпешистодаи хонандагон кам андеша мекунанд.

Дар анҷоми кор дар самти супоришҳои инфиродӣ фаъолияти хонандагон бояд хусусияти мустақилона касб намояд, аммо дар аксар мавридҳо онҳо ба чунин фаъолият омодагии суст зоҳир мекунанд. Дар айни замон, ба тадқиқоти баррасишаванда такя намуда, гуфтан мумкин аст, ки фаъолияти мустақилонаи хонандагон ҳамон вақт самарабахш мегардад, ки дар онҳо мустақилият (ҳамчун сифати шахсӣ), инчунин донишҳои зарурӣ оид ба мундариҷаи фанни таълимӣ, созгор ва татбиқ намудани алгоритмҳои фаъолияти таълимӣ, ки барои иҷрои ин ё он супориши инфиродӣ лозиманд, ташаккул ёфтаанд.

Ҳамин тавр, супоришҳое, ки ба хонандагон зимни муносибати инфиродӣ пешниҳод мегарданд, набояд «воситаҳо»-и аз ҷониби онҳо амалӣ гардидани фаъолияти мустақилона, балки унсурҳои табиии кори мустақилонаи таълимии хонандагон бошанд, ки дар раванди таълим ҳамчун низоми томи фарогири тамоми марҳалаҳои таълим ташкил ва татбиқ мегарданд.

## АДАБИЁТ


1. Калмыкова З.И. Продуктивное мышление как основа обучаемости / З.И. Калмыкова. - М.: Педагогика, 1981. -193с.
2. Крупская Н.К. Педагогические сочинения / Н.К. Крупская. -Москва, 1959. -590с.
3. Нурмик Ю.Ю. О принципах комплектования классов выравнивания. /Классы выравнивания/ Ю.Ю. Нурмик. - Таллин, 1973. -С.12-19.
4. Организационно-педагогические основы уровневой дифференциации обучения. Методическое пособие/ Под ред. Ю.И. Горлова. -1 часть. - Томск, НТП "Курсив", 1993. -180с.
5. Рабунский Е.С. Теория и практика реализации индивидуального подхода к школьникам в обучении: дисс.... докт. пед. наук. / Е.С. Рабунский. -Горький, 1988. -464 с.
6. Сонин М.Д. Применение принципа индивидуального подхода к учащимся в учебной работе: автореферат канд. дисс./ М.Д.Сонин. -Москва, педагогика, 1984. -18с.
7. Унт И.Э. Индивидуализация н дифференциация обучения / И.Э.Унт. -М.: Педагогика, 1990. -192 с.
8. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения / К.Д.Ушинский. - Москва, 1954. -350с.
9. Эльконин Д.Б. Психология игры / Д.Б. Эльконин. –Москва: Педагогика, 1978. -190с.
10. Якиманская И.С. Психолого-педагогические проблемы дифференцированного обучения / И.С. Якиманская, С.Г. Абрамов, Е.Б. Шиянова //Сов.педагогика. -1991. -№ 4. -С.25-29.


## ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ ПРОТСЕССУАЛИИ ТАЪЛИМИ ИНФИРОДИЮ ТАФРИҚАВИИ ХОНАНДАГОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР


Дар мақола ҷанбаҳои илмию протсессуалии таълими инфиродию тафриқавии хонандагон дар шароити муосир баррасӣ гардидаанд. Қайд шудааст, ки таҳлил ва тадқиқи адабиёти илмӣ ва методӣ оиди ин масъала нишон медиҳад, ки дар пажӯҳиши масъалаи инфиродӣ ва тафриқавӣ ҷанбаи душвортарин набудани доираи ягонаи истилоҳот мебошад. Моҳияти ин мафҳумҳоро баррасӣ намуда, қайд шудааст, ки зери мафҳуми тафриқавӣ гардонидани таълим мо раванди тақсими воситаҳои педагогиро бо мақсади инкишоф (психикӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ, ҷисмонӣ)-и шахсияти мактаббача тариқи ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои гурӯҳ мефаҳмем. Таъкид шудааст, ки супоришҳои инфиродиро дар бисёр мавридҳо на танҳо барои рушди қобилияти маърифатии хонандагон, балки бо мақсади инкишофи муносибати эҷодкорона ба меҳнат истифода мебаранд. Хулоса шудааст, ки яке аз заминаҳои ҳалкунандаи эҷодкории хонандагонро ҳаддалимкон ба шахсияти хонанда нигаронида будани супориши таълимӣ шуморидан мумкин аст.



**Калидвожаҳо**: таълими фардӣ-тафриқавӣ, хонанда, омӯзгор, раванди таълим, ташаккул, супоришҳои фардӣ, самаранокии таълим, хусусиятҳои педагогӣ, фаъолияти донишазхудкунӣ.

**НАУЧНО-ПРОЦЕССУАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ ИНДИВИДУАЛЬНО-ДИФФЕРЕНЦИРОВАННОГО ОБУЧЕНИЯ ШКОЛЬНИКОВ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ**

В статье рассматриваются научно-процессуальные аспекты индивидуально-дифференцированного обучения школьников в современных условиях. Отмечается, что анализ научной и методической литературы по этой проблеме показывает, что наибольшее затруднение в исследовании проблемы индивидуализации и дифференциации вызывает отсутствие единого терминологического поля. Раскрывая сущность этих понятий, авторы отмечают, что под дифференциацией образования мы понимаем процесс разделения педагогических средств с целью психического, социального, духовного, физического развития личности школьника путем учета особенностей групп. Резюмируется, что индивидуальные задания учащимся часто используют не только для развития их познавательных способностей, но и в целях развития творческого отношения к труду. Делается вывод, что одной из решающих предпосылок творческой работы учащихся можно считать максимальную ориентацию учебного задания на личность ученика.

**Ключевые слова:** индивидуально-дифференцированное обучение, ученик, учитель, процесс обучения, формирование, индивидуальные задания, эффективность обучения, педагогическая особенность, познавательная деятельность

**SCIENTIFIC AND PROCEDURAL ASPECTS OF INDIVIDUALLY-DIFFERENTIATED EDUCATION OF SCHOOLCHILDREN IN MODERN CONDITIONS**

The article deals with the scientific and procedural aspects of individually differentiated teaching of schoolchildren in modern conditions. It is noted that the analysis of scientific and methodological literature on this issue shows that the greatest difficulty in the study of the problem of individualization and differentiation is the absence of a single terminological field. Revealing the essence of these concepts, it is noted that by differentiating education we understand the process of separating pedagogical means with the aim of developing (mental, social, spiritual, physical) a student's personality by taking into account the characteristics of groups. It is summarized that individual tasks for students are often used not only for the development of their cognitive abilities, but also for the purpose of developing a creative attitude to work. It is concluded that one of the decisive prerequisites for the creative work of students can be considered the maximum orientation of the educational task for the student’s personality.

**Keywords**: individually-differentiated learning, student, teacher, learning process, formation, individual tasks, learning efficiency, pedagogical feature, cognitive activity.

**Сведения об авторах:** ***Мирмаматова Манижа Рустамовна*** - Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, аспирантка кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.E-mail: **dilbar77@mail.ru**

***Турсуматова Раъно Ахмаджоновна***- Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики. **Адрес:** Республика Таджикистан. г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1.E-mail:**rano.t@mail.ru**

**Information about authors:** ***Mirmamatova Manizha Rustamovna*** - Khujand State University named after academician Bobodzhan Gafurov, postgraduate student of the Department of Social and Professional Pedagogy. **Adress:** Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. E-mail: **dilbar77@mail.ru**

***Tursumatova Rano Akhmadzhonovna*** - Khudzhand State University named after academician Bobodzhan Gafurov, applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy. **Adress:** Republic of Tajikistan. Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. .E-mail: **rano.t@mail.ru**

**УДК:372.800.2 (575.3)**

# ТАТБИҚИ ИМКОНИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ҲАНГОМИ КОРКАРД ВА ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАЪЛИМИ ИНФОРМАТИКА

***Шоҳсанами Ризо***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ба замони муосир рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ хос аст.

Маълумотгирӣ дар марҳилаи муосир бе истифодаи технологияҳои иттилоотӣ вучуд дошта наметавонад. Омӯзгор технологияҳои иттилоотиро ҳамчун воситаи воридшавӣ ба чаҳони маънавии кӯдак истифода мебарад. Компютерро дар ҳамаи зинаҳои раванди омӯзиш ба таври мукаммал истифода мебаранд: ҳангоми шарҳи маводи нав, мустаҳкамкунӣ, такрор ва назорат аз болои мавзӯи омӯзишӣ. Дар ин ҳолат компютерҳоро аз рӯйи фуксияҳои гуногунашон кор мефармоянд: ҳамчун омӯзгор, лавозимоти корӣ, объекти омӯзиш, ҳамкории коллектив, воситаи бозӣ.

Ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ дар раванди омӯзиш монеаҳои ҷиддии зерин мувоҷеҳ мешавад:

1. Ҷалби фавкулода зиёди баъзе омӯзгорон тавассути истифодаи худкори назорати санҷишҳои тестӣ. Ташхисҳои компютерӣ натиҷаҳои дилхоҳи самарабахши педагогиро дода наметавонанд.

2. Норасоии дигари истифодаи аз меъёр зиёди технологияҳои иттилоотӣ дар он аст, ки онҳо хонандаро ба объекти бархӯрдҳои иттилоотӣ ва омӯзгорро ба элементи ғайриҳатмии пешниҳодкунандаи маҷмӯи маълумотҳо табдил медиҳад.

3. Ҷиҳати дигари манфиаш аз он иборат аст, ки дар он асос омили истифодабаранда гардида, компютер бошад, ҳамчун василаи техникии омӯзиш қарор мегирад.

Технологияҳои иттилоотӣ дар замони мо бо суръати зиёд ва бемайлон инкишоф ёфта, имкониятҳои навро фароҳам меоваранд. Ба истифода аз онҳо раванди маълумотгирӣ дар мактаб таҷдид мегардад. Имкониятҳои дидактикии истифодабарии воситаҳои технологияҳои иттилоотиро дида мебароем.

Технологияҳои иттилоотиро ба сифати банизомдароварда, алоқамандкунанда ва амалан таркибдиҳандаи раванди таълим дар мактаб дида баромадан мумкин аст. Сохтани базаи маълумотҳои библиотекӣ, ҳуҷҷатҳо ва корҳои эҷодии хонандагон имкон медиҳад, ки раванди таълимро ба система дароварда, корҳои эҷодӣ ва тадқиқотии хонанадагонро ба роҳ монем.

Воситаҳои электронии ҷустуҷӯӣ ва коркарди иттилоот аз рӯйи масрафи вақт, арзишнокӣ ва меҳнати камро таъмин месозад. Қобилияти истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ қисми таркибии дилхоҳ кори илмӣ мебошад. Технологияҳои муосири иттилоотӣ ба хонандагон ва омӯзгорон имконият медиҳанд, ки дар раванди таълим муаррифиҳои омӯзонанда, тестҳо, воситаҳои таълимӣ, барномаҳо барои утоқҳои компютериро созанд. Ҳамаи ин воситаҳо метавонанд назоратшавандагии хонандагонро барои устодон таъмин намуда, малакаҳои амалии онҳоро дар амал татбиқ сохта, такмил диҳанд.

Технологияҳои иттилоотӣ имконият фароҳам меоранд, ки дар методҳои омӯзишҳои лоиҳавӣ шакл ва усулҳои навро ворид намуда, барои мураттабсозии барномаҳои байнифаннӣ имконият ба вуҷуд биёранд. Махсусияти чунин лоиҳаҳо дар нишон додани иттилоотҳо, интихоби восита ва методҳои бо мавзӯи лоиҳа мувофиқ зоҳир мегардад. Хонанда на танҳо иттилоотро аз рӯйи мавзӯи лоиҳа ҷамъ меоварад, балки барои онро дар захираҳо ҷойгиркунонӣ ва мувофиқ кунонидан ба талаботҳои лоиҳаҳои мултмедӣ созгор менамояд. Баъзан хонанда маводи дар интернет ҷойгирнамудаи худро аз назар гузаронида, камбудӣ ва норасоиҳои онро ошкор месозад ва ба ҳамин восита ҳамаи марҳилаҳои фаъолияти тадқиқотии хешро тай мекунад.

Нақши захираҳои интернетӣ дар маълумотгирӣ хеле муассир мебошад. Функсияи субстансиягии омӯзгор барои ифшои ҳақиқат бо истифодаи маводҳои технологияҳои иттилоотӣ таҳким меёбад. Курс ва озмунҳои шабакаҳои фосилавӣ қобили таваҷҷуҳ мешаванд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ба воситаи шабакаи интернет хонандагон бо майли тамом ба худомӯзӣ машғул мегарданд.Тавассути он бо ҳамсолони худ иртибот пайдо намуда, умумиятҳои омӯзишӣ пайдо менамоянд. Технологияҳои иттилоотӣ метавонанд воситаи инкишофи равандҳои маърифатӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон гарданд.

Истифодаи компютерҳо дар раванди таълими информатика имконияти дар амал татбиқ намудани технологияҳои нави педагогиро фароҳам меоранд.

Тавассути ТИК имконияти таҳрирсозии нақшаи таълимӣ ба амал омада, идорасозии раванди таълим ва вариантсозии он ба миён омад.

Маълумотдиҳии муосир бо мундариҷаи нав мукаммал гардонида шудааст, бинобар ин аз омӯзгор дида баромадани баъзе элементҳои раванди педагогӣ: сохтани мандариҷа, шакл ва методикаҳои таълим талаб карда мешавад. Ҳамаи ин ба самараноксозии раванди таълим, ки бо омӯзиш ва тарбияи хонанда равона шудааст мусоидат мекунад.

Истифодабарии ТИК дар раванди таълими информатика инконият медиҳад, ки нақшаҳои таълими вобаста аз махсусиятҳо ва талаботҳои барои ҳар як хонанда нигаронидашуда таҳрир ва такмил дода шавад.Таъминоти барномавӣ имконияти сохтани раванди таълимро вобаста аз хосиятҳои барои фард мутобиқ гардонидашуда рӯи кор меорад. Дар ин ҳолат идорашавандагии ҷараёни таълим таъмин гардида, модели вариантивии идоракунии раванди таълим сохта шавад.

Омӯзиш тариқи ТИК характери диалогӣ дорад, ки муаллим дар ҳар як лаҳза метавонад ислоҳотро ворид созад. Дар машғулиятҳо шаклҳои фардӣ ва гурӯҳӣ хеле хуб пайваст карда мешаванд.

Хонандагон ҳангоми кор бо компютер хеле фаъол мешаванд. Яке аз василаҳои пурқуввати фаъолсозии таълим муаррифӣ кардан мебошад. Он ба муаллим имконият медиҳад, ки шарҳи саҳеҳ ва мантиқии маводи навро сохта, вақти онҳоро ҳангоми кор бо нақшаҳои зарурӣ, намоиши таҷҳизотҳо сарфа гардонад. Бо назардошти функсияҳои зиёди компютерҳо озмоишҳо дар як вақт нишон дода шуда, ҳисоби натиҷаҳо бо истифодаи калкулятор гузаронида шуда, навиштаҳои видеоӣ намоиш дода, тавассути шарҳҳои овозӣ роҳбаладӣ шаванд.

Системаи мултимедии компютерӣ аёнияти пурраи маводҳоро аз ҳисоби истифодаи овоз ва харакатҳо таъмин месозад. Зарурияти истифодаи ТИК дар ҷараёни маълумотгирӣ имкониятҳои зеринро ба вуҷуд меоранд:

✓ таъминот бо маводҳои таълимӣ;

✓ имконияти дар намуди мултимедӣ нишон додани маводҳои иттилоотии нодир (расмҳо, дастнависҳо, фрагментҳои видеоӣ, навиштаҳои овозӣ ва ғайра);

✓ зарурияти намоиши аёнии ҳодисаҳо ва ҷараёнҳои омӯзишӣ ва алоқаҳои байниҳамдигарии объектҳо;

✓ зарурияти кор бо моделҳо, объектҳо, ҳодисаҳо ва равандҳо барои тадқиқи онҳо дар реҷаи фаъол;

✓ зарурияти ташаккулдиҳии малака ва маҳорати фаъолияти иттилоотӣ – ҷустуҷӯӣ;

✓ фароҳам овардани шароит барои дар амал татбиқ кардани методикаи педагогӣ – психологӣ (фаъолияти озмоишӣ–тадқиқотӣ, лоиҳакашӣ, бозӣ, шаклҳои мусобиқавии таълим);

✓ зарурияти баҳогузории объективӣ ба дониш ва қобилиятҳои хонандагон дар муҳлатҳои кӯтоҳ.

Схемаи аз ҳама маъмули ташкили дарсро бо истифодабарии воситаҳои ТИК дида мебароем. Дар марҳилаи аввал омӯзгор бо хонандагон суҳбат мегузаронад ва дар бораи мафҳумҳои нав маълумот медиҳад.

Баъди ин барои муайян намудани тайёриҳои заминавии хонандагон ба корҳои мустақилона назоратҳои фосилавӣ гузаронида мешавад.

Бо назардошти малакаҳои умумитаълимӣ, супоришҳои фардӣ ва нақша –реҷаи иҷрои онҳо мураттаб мегардад. Илова ба ин намоиши хусусияти корҳои дар захираҳои электронӣ додашуда дар назар аст.

Дар марҳилаи дуюм хонандагон корро бо захираҳои электронӣ бо ёрии муаллим оғоз мекунанд. Баъди ин, барои дар амал татбиқ намудани нақшаҳои фардӣ, ки аҳаммияти методиашонро баҳо додан мумкин аст, машғул мешаванд. Мақсади марҳалаи дуюм аз худ кардан ва мустаҳкам намудани маводи байённамудаи омӯзгор, санҷиши дараҷаи азхудкунии маводи омӯзишӣ, ё малакаҳои амалиётӣ мебошад. Нақши муаллим дар ин марҳила баамалбарории назорати фосилавӣ ва таҳрири нақша-графики фардӣ ё масири маълумотгирӣ мебошад.

Марҳилаи ояндаро кори хонандагон бо маводҳои дидактикии гуногун (бе компютер) ташкил медиҳад. Барои онҳо пешниҳоди вазъияти проблемавӣ ё масъалаи мантиқӣ, ки барои ҳалли мақсади дар дарс гузошташуда мусоидат мекунад, мумкин аст.

Қайд намудан лозим аст, ки вобаста ба дарси мушаххас марҳилаҳои нишондодашуда мумкин аст тағйир ёбанд. Масалан, дар марҳилаи дуюм пешниҳод намудани системаи машқҳо, ки тайёрии хонандагонро ба кор тавассути захираҳои электронӣ таъмин месозанд, ба мақсад мувофиқ аст. Худи ин амал бошад, ҳадафи олитарини дарс мебошад.

Ҳамин тавр, истифодабарии технологияҳои нав дар маълумотгириро ҳамчун стратегияи ба ташаккулёбӣ ва инкишофи системаи нави маълумотгирӣ нигаронидашуда қабул кардан мумкин аст, ки он барои баланд бардоштани дараҷаи маълумотгирӣ, мақсадгузорӣ ва амиқ намудани алоқаҳои байнифаннӣ равона гардидааст.

Таҳлили манбаъҳои назариявӣ ва таҷрибаҳои амалӣ ба мо имкон медиҳанд хулоса барорем, ки технологияҳои педагогии муосир дар якҷоягӣ бо технологияҳои иттилоотӣ самарабахшии ҷараёни маълумотгириро баланд бардошта, тарбияи инсони ҳамаҷониба инкишофёфтаро ҳамчун шахсияти озоди эҷодкор таъмин месозанд.

Талаботҳои дидактикӣ барои коркарди бозиҳои таълимӣ аз фанни информатика дар асоси истифодабарии ТИК.

Дарси муосир мафҳуми серпаҳлу аст. Ин баёни мантиқӣ, маводи дидактикии гуногуншакл, ташкили кори хонандагон, ҷустуҷӯи мунтазами метод ва усулҳои таълим ва таъминоти техникии дарс мебошад. Имрӯз ба схемаи анъанавии «омӯзгор-хонанда-китоби дарсӣ» мафҳуми нав - компютер ва дар тафаккури мактабӣ- омӯзиши компютерӣ дохил шудааст.

Функсияи МЭҲ дар таълим аз чи иборат аст?

Аввалан, МЭҲ машғулиятҳоро ҳатто дар шароити омӯзиши умум (гурӯҳӣ) фардӣ месозад. Он ба хонанда интихоб намудани суръати омӯзишашро нишон медиҳад.

Дуюм, МЭҲ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба таври фаврӣ амали хонандаро таҳлил намуда, худназоратии онҳоро ташкил созад.

Сеюм, компютер кори омӯзгорро дар вақти дарс автоматӣ мекунонад. Инчунин, баъди дарс барои бартараф кардани қафомониҳо низ аз компютер истифода намудан мумкин аст.

Чорум, истифодаи бозиҳои компютерӣ барои инкишофи кӯдак таъсири мусбат мерасонад: амалҳои тафаккурро, аз қабили таснифсозӣ ва умумисозӣ афзоиш медиҳад, тафаккури мантиқии онҳоро меангезонад,барои инкишофи саривақтии функсияи нишонавии шуур мусоидат мекунад. Дар ҷараёни ин машғулиятҳо хотира ва диққати хонандагон беҳтар гардида, фаъолияти ҳамҷояи мушоҳидакорӣ ва таҳлилсозии онҳо равнақ меёбанд.

Панҷум, имкониятҳои зерини ТИК-ро ҷудо намудан мумкин аст:

- истифодаи ТИК вобаста аз мақсади марҳилавии дарс;
- ба амал баровардани фардикунонии таълим, ки ба хонандаи мушаххас нигаронида шудааст;
- гирифтани маълумот дар бораи ҳар як хонанда дар марҳилаҳои алоҳида;
- ҳамҷоякунии корҳои фардӣ бо фаъолияти гурӯҳӣ;
- ҳамҷоякуни омӯзиш бо бозиҳо;
- идоракунии фаъолияти мустақилонаи ҳонандагон дар марҳилаҳои гунгогуни таълим [9];

Майлу рағбати бача ба бозӣ, ки равоншиносон онро мақсадгузорӣ дар бозӣ мегӯянд, барои азхудкунии донишҳое, ки омӯзиши компютерӣ онро дар бар мегирад, ёрӣ мерасонад.

Намудҳои гуногуни барномаҳои компютерӣ мавҷуданд, ки ба фаъолияти бозигии хонандагон равона шудаанд. Инҳо барномаҳои ба таври васеъ паҳнгардидаи ватанӣ ва хориҷӣ мебошанд, ки дар онҳо расмро аз рӯйи қисмҳои он сохтан мушкил аст. Супоришро аз рӯйи дараҷаи мураккабиаш ба вариантҳо, масалан расмҳоро ба 8,12,16,24,48 қисмҳо ҷудо менамоянд. Азбаски дар бисёр вариантҳо вақт ва балҳои бадастоварда ба ҳисоб гирифта мешавад, ин гуна барномаҳоро на танҳо барои корҳои индувидуалӣ, балки барои гурӯҳ дар шакли бозӣ-мусобиқаҳо пешниҳод намудан мумкин аст. Дигар навъҳои гуногуни барномаҳое низ тавсия карда мешаванд, ки ба воситаи курсор дилхоҳ шакл ё расм тасвир карда мешавад.

Вариантҳои имконпазири чунин барномаҳо додани супоришҳо доир ба сохтани расмҳо аз қисмҳои шакл ва андозаҳояшон гуногун иборат буда метавонад. Ин гуна барномаҳо на танҳо идроки хонандаро инкишоф медиҳанд, балки тасаввуротҳои онҳоро низ васеъ месозанд. Омӯзгор худаш метавонад вариантҳоро тартиб диҳад. Ӯ метавонад ҳамроҳи хонандагон расм кашад ё ба онҳо супоришҳои мундариҷаи муайян доштаро пешниҳод намояд (масалан: кашидани манзараи рӯзи гарми офтобӣ ё шаби сарди зимистон). Гузоштани номҳоро барои расми кашидашуда аз хонандагон дархост намудан мумкин аст. Ё метавон барои онҳо қаҳромонҳоро муайян карда, аз рӯйи онҳо ягон таърихномаро иншо намуд. Барои ин намуд машғулиятҳо барномаҳои махсусро метавон роҳандозӣ намуд, ки қаҳрамонҳои тасвирёфта тавонанд амалҳои фикркардашударо дар режими мултфилм нишон диҳанд.

Дар раванди бозӣ-драма инкишофи нутқи бачаҳо ҷараён мегирад. Муаллимро лозим меояд, ки фикри нокифояи хонандаро пурра намуда, барои мустақилона баён намудани он мусоидат намояд. Агар хонанда дар бораи мазмун ва номи расм низ чизе гуфта натавонад, дар бораи ягон аломати ба он алоқаманд муаллим нақл намуда, намоиши компютерии онро аз ӯ талаб намояд. Дар дигар маврид омӯзгор метавонад нақши худро иваз намояд: хонанда нақл мекунад, омӯзгор бошад, барои тасвири сюжет дар экран ба онҳо ёрӣ мерасонад. Дар фарҷом хонандагон ҳам нақл кардан ва ҳам намоиши компютериро ёд мегиранд.

Аҳаммияти зиёдро дар инкишофи бачаҳо барномаҳои лоиҳасозӣ моликанд. Тавассути ин барномаҳо хонандагон метавонанд аз қисмҳои алоҳидаи намуди гуногундошта шакли пурра, ё баръакс, шакли мукаммали дидашударо ба қисмҳо ҷудо намоянд. Ин барномаҳо на танҳо идрок ва мавқеъгирии хонандагон, балки тафаккури

образнигории онҳоро афзоиш медиҳанд. Ба ғайр аз барномаҳои умумиинкишофдиҳанда барномаҳои махсусе мавҷуданд, ки онҳо омӯзиши фанҳои алоҳида: математика, физика, химия, биология, забонҳои русию хориҷӣ, мантиқ ва ғайраҳоро таъмин месозанд. Муҳиммияти ин барномаҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо аёниятҳо муҷаҳҳаз буда, барои ба осонӣ азхудкунии маводҳо мусоидат мекунанд. Амалҳои арифметикӣ аз рӯйи шумора ва адоза, гурӯҳи ашёҳо, схемаҳо омӯзонда мешаванд Арзиши ин гуна барномаҳо на танҳо бо аёният, балки аз рӯйи дараҷабандӣ намудани онҳо вобаста ба дарки хонанда муайян карда мешавад.

Характери банақшагирии бозиҳои дидактикӣ зарурияти пешбурди маълумотҳои барномаҳои муайяни барои бачаҳо муҳимро пеш оварда, маҳорат ва малакаҳои онҳоро ташаккул медиҳад. Ин гуна маводҳо барои гурӯҳҳои гуногун дар "Стандарти давлатии маълумоти миёнаи умумӣ" дохил карда шудаанд.

Шарти муҳимми истифодабарии самарабахши бозиҳои дидактикӣ дар таълим риояи пайдарпайи интихоби бозиҳо мебошад. Пеш аз ҳама, принсипҳои зерини дидактикиро ба назар гирифтан лозим аст: дастрасӣ, такроршавандагӣ пайдарпайии иҷрои супоришҳо [3,с. 40].

Муҳиммияти маводҳои дидактикӣ (ба шакли махсус ифода намудани супориш ва воситаҳои аёнӣ) ба хонанда имкон медиҳад, ки супоришҳоро ҳамчун бозӣ қабул намуда, ҳангоми гирифтани натиҷаҳо қаноатмандиро эҳсос намояд ва барои дастёбӣ ба ҳалли беҳтарин кӯшиш намояд. Коллективизм кӯдаконро ба гурӯҳи ягона, организми том муттаҳид месозад ва онҳоро барои иҷрои супоришҳои мураккаб равона месозад.

Ташкили мусобиқаҳо дар ҷараёни гузаронидани бозиҳои дидактикӣ дар байни хонандагони алоҳида ё гурӯҳи хонандагон иҷрои фаврӣ ва сифатноки супоришҳоро таъмин намуда, сарфаи вақт ва натиҷаи дилхоҳро ба даст меорад. Ба сифати мисоли классикии принсипҳои дар боло овардашуда дилхоҳ бозиҳои командавии "Чӣ? Кай? Дар куҷо?", хизмат мекунад (як қисм савол мегузоранд, қисми дигар ҷавоб мегӯянд) [1, с.34].

Дар асоси принсипҳои нишондодашуда талаботҳои ба бозиҳои дидактикӣ гузошташударо чунин муайян кардан мумкин аст:

1. Ҳар як бозӣ бояд дар худ элементи навоварона дошта бошад.
2. Бачагонро набояд ба бозиҳои бо ном муфид ҷалб намуд. Бозӣ кори ихтиёрӣ аст. Хонанда ҳуқуқ дорад аз бозии барояш номувофиқ даст кашида, ба бозии дигар машғул шавад.
3. Бозӣ дарс нест;
4. Ҳолати эмотсионалии омӯзгор, бо фаъолияте, ки дар он иштирок менамояд, бояд мувофиқ бошад. Дар фарқият аз ҳама дигар воситаҳои методӣ бозӣ ҳолати махсусро аз кассе, ки онро мегузаронад, талаб мекунад. Шарти асосӣ на танҳо тавонистани гузаронидани бозӣ, балки якҷоя бозӣ кардан бо бачаҳо мебошад.
5. Бозӣ воситаи ташхисӣ мебошад. Дар он бача сифатҳои беҳтарини худро мекушояд [7, с. 68].

Бозиҳои дидактикӣ дар асоси бозиҳои ба бачаҳо шинос гузаронида мешаванд. Мушоҳида намудан лозим аст, ки барои бачаҳо кадом бозиҳо зиёдтар ва кадомашон камтар писанд аст. Дар ягон ҳолат чораҳои низомиро бо бачаҳое, ки қоидаи бозӣ ё муҳити бозиро вайрон кардаанд, истифода бурдан мумкин нест. Ин гуна муносибат барои гуфтугӯи озодона, шарҳдиҳии хонандагон мувофиқ аст. Онҳо метавонанд, фаъолияти худро аз рӯйи бозӣ таҳлил намуда, чӣ гуна дар он саҳм доштанро бозгӯ намуда, аз зиддиятҳо барканор монанд.Бозиҳои дидактикӣ падидаи мураккаб мебошанд, аммо дар он элементҳои сохтории асосии тавсифдиҳандаи бозӣ ҳамчун шакли таълим инъикос ёфтаанд. Яке аз элементҳои асосии бозӣ вазифаи дидактикии он мебошад, ки он мақсад ва бархӯрди тарбиявии омӯзандаро муайян мекунад.

Мундариҷаи маърифатии бозӣ аз барномаи мактабӣ берун мебарояд. Мавҷудияти супориш ё якчанд супоришҳо характери омӯзишии бозиҳоро дар самти мундариҷаи таълимӣ дар ҷараёни фаъолияти маърифатии хонандагон нишон медиҳад. Масъалаҳои дидактикӣ ҳамчун тартибдиҳанда муайян шуда, фаъолияти омӯзишро инъикос мекунад.

Элементи сохтории бозӣ супориши он ба шумор меравад, ки дар бозии хонандагон амалӣ мешавад. Ду масъала- дидактикӣ ва бозӣ - алоқаи омӯзиш ва бозиҳоро таҷассум мекунанд. Дар фарқият аз гузориши мустақими масъалаҳои дидактикӣ дар машғулиятҳо ба таври бозӣ ташкил намудани онҳо афзалият дорад. Дар ин маврид он масъалаи худи

хонанда гардида, хоҳиш ва талаботи ӯро меангезонад, амалиётҳои бозигии онро фаъол гардонида, ҳалли онҳоро таъмин месозад. Яке аз элементҳои таркибии бозиҳои дидактикӣ, қоидаҳои бозӣ ба шумор мераванд. Мундариҷаи онҳо бо вазифаҳои умумии ташаккули шахсияти хонанда ва ҷамоаи хонандагон (асоснок шудаанд), ба мазмунҳои маърифатӣ, супоришӣ ва амалиётҳои бозӣ дар инкишоф ва ғанӣ гардонидани маънавиёти онҳо асос ёфтааст. Бозиҳои дидактикӣ дорои қоидаҳо мебошад. Қоидаҳоро дониста, омӯзгор бозиро идора намуда, дар ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва рафтори хонандагон саҳм мегирад. Қоидаҳои бозӣ характери омӯзишӣ, ташкилӣ ва ташаккулдиҳӣ доранд.

Қоида фаъолияти маърифатии бачаҳоро ташкил медиҳад. Қоидаҳои ташкилӣ тартиб, пайдарпайии амалиётҳои бозӣ ва муносибатҳои байниҳамдигарии хонандагонро муайян мекунанд. Дар бозӣ муносибатҳои воқеии байни бачаҳо ташаккул меёбанд. Муносибат дар бозӣ ба воситаи нақшҳо муайян карда мешавад.

Ҳангоми ташкили бозиҳои дидактикӣ дар баробари марҳилаи тарҳрезии он, яке аз равандҳои мураккаб ва масъулиятталаб омодагӣ ба он ба шумор меравад. Интихоби дурусти супоришҳо ва коркарди аломатҳои баҳогузорӣ ба фаъолияти хонандагон, омилҳои муҳим мебошанд. Интихоби супоришҳоро муаллим метавонад худаш ё бо ҳамроҳии хонандагон гузаронад. Қайд кардан лозим аст, ки масъалаҳои интихобшуда, машқ ва супоришҳои эҷодии амалӣ бояд шавқовар бошанд (аз рӯйи шакл, мазмун ва мундариҷа). Онҳо бояд тафаккури мантиқӣ ва шаклии хонандагонро инкишоф дода, зеҳн ва зиракии онҳоро афзоиш диҳанд.

Аломатҳои баҳодиҳиро низ омӯзгор дар якҷоягӣ бо хонандагон дида мебарояд. Муаллим метавонад ба фаъолияти хонанда баҳо гузорад ё худи хонанда низ метавонад ба кори иҷронамудаи худ баҳогузорӣ намояд. Вариантҳои гуногуни баҳогузорӣ мавҷуданд: дар равиши дарс, дар охири бозиҳо ё баъди дарс.

Диққати асосиро ба марҳилаи хотимавии бозиҳои дидактикӣ-таҳлил ҷалб намудан лозим аст.Таҳлилро метавон дар сатҳи синф дар шаклҳои гуногун (шифоҳӣ, бо навбат ё интихобӣ, хаттӣ, масалан, дар намуди анкета) ё дар сатҳи муассиса бо иштироки омӯзгорони дигар гузаронид.Бозиҳои дидактикӣ шароитҳои заруриро барои бавуҷудоӣ ва ҳалли вазъиятҳои проблемавӣ имконпазир мегардонанд. Аз ҳисоби фаъолияти мақсадноки хонандагон онҳо ба бозиҳои хеле мураккаби номуайян ҷалб мешаванд. Дар бозӣ фаъолияти озод таъмин буда, ҷавобгарӣ барои хатогии содиршуда маҳдуд карда шудааст. Тавассути фазои боварӣ ба ҳамдигар, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкорӣ заминаи мувофиқ барои инкишофи худфаъолиятӣ, назорати озоди хонанда аз тарафи омӯзгор, мавқеъгирии дуруст дар системаи арзишҳои ботинӣ фароҳам меояд.

Бозиҳои дидактикӣ ва дарси информатикаро бо ҳам муқобил гузоштан мумкин нест, аммо дар бозӣ донишазхудкунии хонандагон хубтар мегардад. Аз ҳама муҳим он аст, ки масъалаи дидактикӣ дар бозиҳои дидактикӣ барои хонандагон ошкор нест. Фақат диққати онҳо, пурра ба иҷрои амалҳои бозӣ равона шудааст, масъалаҳои омӯзишӣ барояшон дастрас нест. Ин имкон медиҳад, ки бозӣ шакли дигар ва махсуси омӯзишӣ гардида, тавассути он хонандагон озодона дониш, маҳорат ва малакаҳои заруриро ҳосил намоянд. Дар ин маврид муносибатҳои байниҳамдигарии омӯзгор ва хонандаро вазъият таълимӣ муайян накарда, балки бозӣ муайян месозад.Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бозиҳо раванди таълимро бой гардонида, истифодабарии он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни фаъолияти таълимиро ба роҳ монад.

Бозиҳои дидактикӣ яке аз методҳои таълим ва тарбияи ақлонии хонандагон ба шумор мераванд. Ташкили бозиҳои дидактикӣ бояд дар асоси талаботҳои дидактикӣ муайян ва ба роҳ монда шаванд. Элементҳои асосии сохтории дилхоҳ бозии дидактикӣ масъалаҳои бозӣ ва қоидаҳои бозӣ ба ҳисоб мераванд.

## АДАБИЁТ


1. Виноградова Л. В. Методика преподавания математики в средней школе. Учеб. пособие / Л. В. Виноградова.– Ростов н/Д.: Феникс, 2005.
2. Геометрия 10-11: учеб. для общеобразоват. учреждений/ [Л. С. Атанасян, В. Ф. Бутузов, С. Б. Кадомцев и др.] – 15-е изд., доп. – М. Просвещение, 2006.
3. Егорова Л. И. Создание ситуации успеха на уроке / Л. И. Егорова // Математика в школе, 1996. -№6.
4. Карпушина Н. М. Считать скучно, а играть интересно / Н. М. Карпушина. Математика в школе, 2006. -№9.
5. Кордина Н. Е. Учение с увлечением / Н. Е. Кордина. Математика в школе. 2004. -№2.
6. Лавринович К. В. Богатство интересов – закон обучаемости / К. В. Лавринович. Математика в школе, 1990. -№6.
7. Маркова В. А. Что такое исследовательская деятельность школьников / В. А. Маркова // Математика. Приложение к газете «Первое сентября». 2007. -№12.
8. Погорелов А. В. Геометрия: Учеб. для 7-11 кл. сред. Шк / А. В. Погорелов. – 4-е изд. –М.: Просвещение, 1993.

9. Смирнова И. М. Об измерении интереса на уроках математики / И. М. Смирнова. Математика в школе, 1998. -№5.
10. Усатова Е. В. Соревнования на уроках математики / Е. В. Усатова. Математика в школе, 1993. -№6.

## ТАТБИҚИ ИМКОНИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ ҲАНГОМИ КОРКАРД ВА ИСТИФОДАИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАЪЛИМИ ИНФОРМАТИКА

Дар мақолаи мазкур оид ба ташаккулёбии диққати хонандагон дар мактаб аз зинаи аввали таҳсил маълумот дарҷ гардидааст. Усули асосии ташкили омӯзиши самаранок дар синфҳои ибтидоӣ бозиҳои дидактикӣ ба шумор меравандд. Бозиҳои дидактикӣ зуҳуроти мураккаби серпаҳлу мебошанд. Бозиҳо имконият медиҳанд, ки фаъолияти маърифатии хонандагон ангезиш ёфта, айнияти маводи таълимӣ беҳтар гардида, дастрасии хонандагон ба онҳо осон гардад. Бозиҳои дидактикӣ барои тамоми дарсҳо татбиқшаванда мебошанд. Ба ғайр аз ин, омӯзгор ба ин восита метавонад барои интихоби мавзӯи дарс озод буда, бозиҳоро дар асоси он гузаронад. Ҳамаи гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки бозиҳо раванди таълимро бой гардонида, истифодабарии он ба омӯзгор имкон медиҳад, ки намудҳои гуногуни фаъолияти таълимиро ба роҳ монад. Ҳангоми омода шудан ба бозиҳои дидактикӣ омӯзгор дар раванди тайёр намудани воситаҳои дидактикии таълим бо хонандагон ҳамкорӣ менамояд. Дар алоқамандӣ бо ин хонандагон, зиёдтар муваффақ мешаванд. Аҳаммияти дигари бозиҳои дидактикӣ дар он зохир мегардад, ки онҳо муоширати хонандагонро ба танзим медароранд. Ба шарофати гуногуншаклиашон онҳо барои омӯзгорон имконияти истифодабарии шаклҳои гуногунии фаъолияти ташкилиро фароҳам меоранд,

**Калидвожаҳо:** ташаккули ҷаҳонбинӣ, ҳосил намудани донишҳои назариявӣ ва маҳоратҳои амалӣ, дониш, маҳорат ва мустақилият.

## ОСУЩЕСТВЛЕНИЕ ВОЗМОЖНОСТЕЙ ИНФОРМАЦИОННОЙ ТЕХНОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ ОБРАБОТКИ И ИСПОЛЬЗОВАНИИ ДИДАКТИЧЕСКИХ ИГР В ОБУЧЕНИИ ИНФОРМАТИКИ

В данной статье рассматриваются формирование и становление внимания учащихся в школе в начальной стадии. Оно начинается с простого привлечения к учебному процессу и приводит к профессиональному развитию учащихся старших классов. Основным методом организации плодотворного обучения в начальных классах являются дидактические игры. Дидактические игры являются сложным и многогранным явлением. Игры позволят возбуждать познавательную деятельность учащихся, улучшить тождественность учебных материалов, доступность становится легче со стороны учащихся.Дидактические игры являются приемлемыми для всех занятий. Кроме этого, преподаватель этим способом может свободно выбрать тему занятия и провести игры на их основе. Подводя итоги можно сделать окончательный вывод о том, что игры играют важную роль в образовательном процессе, позволяя учителю заниматься различными видами деятельности. С использованием дисциплинарных игр в процесс обучения будут внедряться неформальные виды деятельности, такие как организационные, общение, что отрицательно влияет на готовность студента. При подготовке дидактических игр учитель занимается дидактическим обучением учащихся. В связи с этим студенты, которые являются более успешными, становятся организаторами. Важность других дидактических игр заключается в том, что они регулируют общение студентов. Благодаря своей множественности, они позволяют учителю использовать организационные формы деятельности, при которой учителя получают наивысший уровень отношения учащихся.

**Ключевые слова:** формирование мировоззрения, результат теоретических знаний и практического мастерства, расширить размышление, знание, способность и самостоятельность.

## IMPLEMENTATION OF THE POSSIBILITIES OF INFORMATION TECHNOLOGY IN THE PROCESS OF PROCESSING AND USE OF DIDACTIC GAMES IN INFORMATICS TRAINING

This article discusses the formation and formation of students' attention at school in the initial stage. It begins with a simple involvement in the educational process and leads to the professional development of high school students. The main method of organizing fruitful education in the elementary grades is didactic games. Didactic games are a complex and multifaceted phenomenon. Games will allow students to stimulate cognitive activity, improve the identity of educational materials, accessibility becomes easier on the part of students. Didactic games are acceptable for all classes. In addition, the teacher in this way can freely choose the topic of the lesson and conduct games based on them. Summing up, we can conclude that games play an important role in the educational process, allowing the teacher to engage in various activities. Using disciplinary games, informal activities, such as organizational, communication, will be introduced into the learning process, which negatively affects the student’s readiness. In the preparation of didactic games, the teacher is engaged in didactic training of students. In this regard, students who are more successful become organizers. The importance of other didactic games is that they regulate the communication of students. Due to their multiplicity, they allow the teacher to use organizational forms of activity, in which teachers receive the highest level of student attitudes.

**Keywords:** the formation of a worldview, the result of theoretical knowledge and practical mastery, to expand thinking, knowledge, ability and independence.

**Сведения об автора:** ***Шохсанами Ризо*** – старший преподаватель, кафедра комьютерных наук Кулябского государственного университета имени Абуабдуллоха Рудаки. Адрес: РТ.735360, г. Куляб, улица С. Сафаров 16. **тел:** (992) 988-66-55-49.

**Information about the authors:** ***Shohsanami Rizo*** – senior lecturer, Department of Computer Science. Abuabdulloh Rudaki State University. Address: RT. 735360, Kulyab, S. Safarov Street 16. **tel:** (992) 988-66-55-49.

УДК 37.013

# РОЛЬ И МЕСТО НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ И НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ПОДГОТОВКЕ СТАРШЕКЛАССНИЦ К СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ

*Мавлонова Р.*
**Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова**

В течение веков женщина была отстранена от управления обществом, общественной деятельности. Истории известно крайне мало женщин среди выдающихся деятелей в области политики, философии, науки, медицины, техники, педагогики, литературы, искусства и др. Тем немногим женщинам в истории, которым удалось проникнуть в «запретную зону», пришлось много работать в невыгодных условиях для интеллектуальной, творческой деятельности, по сравнению с мужчинами. На них оказывали отрицательное влияние социально-экономические, политические условия неравенства полов и соответствующий им психологический климат. Все это не могло не сказаться на развитии способностей и талантов женщин, на их «нравственной зрелости», на уровне их достижений. Поэтому низкий социальный статус женщин и высокий социальный статус мужчин в течение тысячи лет были символом природной обусловленности иерархии людей в обществе. Широкое и устойчивое распространение получили ложные представления об ограниченности умственных и других способностей женщин.

Однако женщине удалось сохранить свои достоинства, несмотря на то, что всякий выход в небольшой мир был чрезвычайно труден, а порой смертельно опасен. Достаточно вспомнить Гипатии- дочь видного астронома Теона, жившую в IV веке н.э. в древней Александрии, Томирис, жившую в Средней Азии и воевавшую против иноземных захватчиков, Софью Ковалевскую – члена- корреспондента Петербургской академии наук, доктора математических наук, поэтесс Зебунисо и Нодирабегим, живших Средней Азии и многих других.

На всем протяжении истории воспитанию женщин, их общественному и семейному призванию уделялось большое внимание. Часть мыслителей ограничивала интересы и деятельность женщины рамками семьи «Имя честной женщины - говорил древнегреческий историк Плутарх, - вместе с ее личностью должно быть заключено в стенах дома». Считалось, что вся система общественного воспитания женщины должна сводиться к тому, чтобы подготовить ее к самоотверженному служению мужу и детям. Развитие личности должно помочь женщине превратиться из женщины, способной рожать, в женщину умеющую воспитывать.

Прогрессивные мыслители подвергали основательной критике подобные взгляды, они искали педагогические пути разрешения так называемого «женского вопроса» в системе гражданского воспитания девочек. В защиту прав женщин на получение равного с мужчинами образования, за их социальное равноправие, за возможность получения образования всеми девушками, а не только представительницами привилегированного класса выступали прогрессивные деятели.

Одним из направлений народной педагогики являются идеи воспитания, отраженные в религиозных источниках, к которым можно отнести священные книги «Авесто» зороастризма, «Коран», а также краткий свод законов шариата «Мухтасар» и «Хадисы» ислама, источники христианства, буддизма и других религий и религиозных течений.

В священной книге «Авесто», созданной пророком Заратуштрой в VI - V веках до нашей эры есть ряд идей и взглядов по обучению и воспитанию подрастающего поколения. В книге отмечается, что «воспитание - опора жизни, поэтому нужно обучать чтению и писанию каждого ребенка. Научить его посадить саженцы, мастерить орудия труда для домашнего хозяйства, обрабатывать землю, заниматься животноводством и др., чтобы ребенок осознал значение труда и ею результатов в своей жизни и в жизни окружающих» [2,с.31].

В источниках ислама «Коран», «Мухтасар» и «Хадисы» отведено значительное место вопросам семьи и семейного воспитания, которые направлены на воспитание каждого мусульманина в духе справедливости и доброты. Данные религиозные источники в качестве религиозных ценностей могут служить важным средством воспитания несовершеннолетних девушек. В основе ислама лежит философия гуманизма. В данной теории воспевается слава небесная [имон], считается, что совесть - это Кааба (священное место в Мекке), что человек, который живет по совести, узнает мир по совести - это любимый Богом человек. Исходя из этих положений, можно определить религиозные ценности следующим образом. Религиозные ценности-это совокупность человеческих ценностей созданных мусульманским миром в

течение веков, которые направят человека к духовному очищению. Религиозные ценности в настоящее время обогащены и взаимосвязаны с гуманистическими идеями и могут служить одним из критериев воспитания подрастающего поколения, вообще, воспитания девушек, в частности.

Несмотря на то, что вопрос отношения ислама к семье и воспитанию детей занимает особое место в источниках ислама, данный вопрос, на наш взгляд, не исследован в научной педагогике и ждет своего решения. Потому, что воспитание детей, формирование всесторонне развитого человека является одним из важных условий ислама и священным долгом родителей. Изучение и анализ источников ислама показали, что проблема смысла жизни раскрывается во взаимосвязи с воспитанием детей, указывается взаимосвязь данной проблемы с вопросом общества и личности. Основная идея изучения ислама заключается в том, что возникновение и существование мироздания связаны с человеком, со всем, что создано для блага человека.

Исламская педагогика является одной из составных частей исламоведения и включает в себя учебно-воспитательные вопросы исламской культуры. Особое внимание уделяется вопросам общественного воспитания и, в частности, семейного воспитания. Исламская культура, в свою очередь, это совокупность взглядов исламских просветителей, сложившихся на основе идей, отраженных в основных источниках ислама. И в основе данной культуры также отражение проблем человека. В качестве одной из основных идей можно принести высказывание из Корана: «Человек, который верит в то, что всякая деятельность, хорошие и плохие дела, совершенные в жизни человеком не останутся без ответа на том свете, стремящиеся к совершению добрых дел в круге своих возможностей. Потому, что Всевышний всемогущ. При нем все имеет свою меру. Мусульмане, которые осознают это, стремятся не совершать дурных действий, боятся и ненавидят таких дурные привычкм, как совершение жестокости в отношении других, сплетни, зависть. Однако религиозное убеждение связано с такими нравственными понятиями как чистота, честность, совестливость и др., которые не формируются в отрыве от убеждений, а если все так формируется, то они становятся сухими и бессмысленными» [5, с.128].

Большой воспитательный потенциал содержат хадисы - лаконичные высказывания пророка Мухаммада и ею последователей по тому или иному вопросу. В процессе изучения около 700 хадисов нами были выделены 32 хадиса, посвященные непосредственно женщинам, такие как о выдаче девушек замуж, воспитании девушек, выборе супруга, бережливости женщины, отношении к женщинам, отношении к матери, отношении между супругами, совести, богатстве и красоте женщин, женитьбе, пользе брака, обязанностях мужа относительно своей жене, качествам хорошей женщины, отношению мужчины к другим женщинам, воспитании девочек в семье, ревности мужчины и женщины, женственности, благородности дела воспитания девочек и др. Для наглядности приведем некоторые из них: «О выдаче дочерей замуж поговорите, прежде всего, с их матерями», «Та женщина бережливая, которая меньше требует расходов», «Лучше из мусульман тот, у кого хорошее отношение к женщинам», «Соверши добрые дела для матери, еще для матери и еще для матери, а потом для отца». «Бог рекомендует, чтобы вы были в хороших отношениях с женщинами, потому, что они ваши матери, дочери, тети», «Если супруги любят и уважают друг друга, то Бог благословляет их...», «Женщину берут в жены за ее совесть, богатство и красоту. Выбирай совестливую!», «Мужчины должны относиться к женщинам как к своим родным сестрам», «Хороший брак - тот, у которого наименьшее приданное». «Если тебя одновременно зовут и отец и мать, сначала подойди к матери», «Доброе дело, когда девочки дома занимаются шитьем». «Хорошая женщина - половина богатства мужчины», «Место мусульманина в раю, если он воспитывал трех дочерей» и др.

Конечно, педагогические идеи и взгляды мыслителей прошлого о женщине, её роли в обществе и семье, воспитании девочек, подготовке их к семейной жизни, взаимоотношениях между женщинами и мужчинами имеют большой научно-практический интерес, но в одной статье охватить всё разнообразие этих педагогических идей невозможно.

Центральноазиатские мыслители, внесшие огромный вклад в мировую науку и культуру, выражали свое видение, свои мысли и по поводу подготовки человека к счастливой жизни, старались найти оптимальные пути достижения этой благородной цели. По их мнению, одним из верных путей, ведущих к счастливой жизни, являются создание прочной семьи, мир между ее членам, нравственность, обеспеченность ее членов.

Одним из ярких мыслителей прошлого является А.Кайковус. Его книга-наставление «Кабусname» является дидактико-философским произведением, в которой он выдвигает мысль о том, что прежде чем знать отношение человека к окружающей его среде и связи с ней, нужно

выявить взаимоотношения между всеми существами реального мира. Кайковус считает, что воспитание является одним из факторов формирования сознания и личной жизни человека, огромное влияние оказывает на воспитание человека сама жизнь. Он пишет: «Если человека не научит сама жизнь, не старайтесь учить его, так как ваш труд пропадет даром» [6, с.160]. Здесь мы видим, что Кайкавус сильно преувеличивая влияние жизни на личности, слегка уменьшает роль воспитания. Но, тем не менее, его воспитательные идеи заслуживают внимания и их можно использовать в учебно-воспитательном процессе. Глава книги «О воспитании детей» целиком посвящена воспитанию детей в семье. Идеи, выдвинутые им в данной главе, были актуальными не только для своего времени, но остаются актуальными и по сей день. По его мнению, ребенок после рождения физиологически растет как живое существо. В этом процессе у него появляются дурные (плохие) и добрые (хорошие) качества. Его рост нуждается в воспитании. Эту задачу берут на себя родители: «Выполни условия отцовства…, в наследство своему ребенку оставь благородное поведение, знание и профессию...» [6, с.85].

Вопросы семьи и семейного воспитания широко освещены в знаменитом произведении Юсуфа Болосогуна «Кутадгу билиг» («Благородное знание»). О воспитании детей Ю.Болосогун пишет следующее: «Настолько цветущее лицо у родителей, насколько их дети образованны, сознательны и благовоспитанны» [3, с.192]. Большое значение уделяет он ответственности отца за воспитание детей: «Если у человека сын или дочь разбалованный, то лицо у этого человека не веселое. В этом нет вины ребенка, а он сам виновен. Если у ребенка не хорошее поведение, то это результат работы отца. Если отец контролирует детей, обучает их различными профессиям, то когда они вырастут, отец обязан дать сыну и дочери знания, обучать их профессиям, чтобы их поведение было прекрасным» [3, с.193].

Дети постепенно приобретают человеческую красоту, овладевая профессией и получая знания из самой жизни. Человек должен не только посеять семена доброты, но и оберегать и вырастить эти семена, которые проявляются в их воспитании. Мыслитель приходит к выводу, что доброта - самое благородное человеческое качество. Если бы не было на земле добрых людей, то не было и человечности, к такому философскому обобщению пришел Ю.Болосогун.

Ю.Болосогун большое значение в формировании и укреплении семьи отдает заботе, милосердию, уважению и любви между членами семьи. Он пропагандирует реальную, светскую любовь. По оценке Э.Ф.Жумабаева, «для Ю.Болосогуна любовь - эго не абстрактное, оторванное от реальной жизни понятие, а основа семейной жизни» [4, с.149]

Вопросы семьи и семейного воспитания занимают особое место в научном наследии Авиценны (Абу Али Ибн Сино). В его произведениях есть педагогические взгляды по всем направлениям н формам воспитательного процесса, которые в течение веков переходят из поколения в поколение и являются школой воспитания детей. Например, целая глава его произведения «Тадбир-ул- манозил» посвящена вопросам семьи и семейного воспитания.

Ибн Сина отмечает, что воспитание детей, особенно девочек, в семье- сложная и тонкая работа, поэтому ее нужно вести с самого рождения ребенка, планомерно, непрерывно и систематично.О значении колыбельной песни матери он пишет: «Колыбельная песня выполняет две функции: первая, монотонное качание колыбели дает ребенку физическое удовлетворение, вторая вместе с песней ребенку передаются думы и чаяния матери» [14, с.119]. Таким образом, у ребенка возникает своеобразное возбужденное состояние, которое он сам еще не осознает. На основе этого состояния он постепенно начинает осознавать внешний мир. С осознания начинается изучение, а изучение в свою очередь еще и воспитание. Изучение окружающего мира вытекает из восприятия. Обращая на это внимание Ибн Сина говорит, что «сила чувствительности ребенка как у взрослого человека» [10, с.39].

Ценные идеи по подготовке женщин к материнству изложены в его произведении «Канон», по его мнению, нужно заботиться о ребенке и матери до его рождения, нужно сохранить здоровье, физическую и психологическую чистоту матери. Он выдвигает идею о том, что сохранение здоровья личности нужно вести в связи с другими сторонами деятельности.

Ученый - энциклопедист, просветитель Абу Райхон Беруни тоже не обошел стороной вопросы обучения и воспитания детей, В своих произведениях «Памятники прошлых поколений», «Хиндистон» и др., высказывает ценные мысли воспитании подрастающего поколения. Даже в «Минерологии» он говорит, что человеческая душа должна быть чистой и прозрачной, как драгоценный камень, человеческие качества тоже нравственное богатство, как драгоценные камни.

Нравственные понятия, нравственные черты и качества Бируни связывает с природой человека, которая формируется, прежде всего, в семье. Поэтому он особенно подчеркивает

значение семейного воспитания, огромное значение примера родителей, особенно матери. Например, он, обращаясь к женщинам от имени Абдуллы Ибн Джафара пишет: «Сохранись от ревности. Ревность ключ к разводу. Запрещаю тебе делать своему мужу частые замечания. Замечания будят злобу. Смотри за собой. Для этого лучшее средство - это сурьма. Еще используй приятные духи. Среди них самые лучшие - это вода» [1]. Эти его мысли непосредственно относятся к воспитанию будущих женщин и матерей.

В педагогических идеях, взглядах и системах вышерассмотренных мыслителей вопросы воспитания девочек, девушек и женщин отражены, но не на достаточном уровне. Теперь вкратце о характеризуем работы мыслителей, которые целиком и полностью посвящены рассматриваемой нами проблеме, т.е. подготовке девушек и женщин к семейной жизни.

Одним из таких просветителей является великий татарский мыслитель Ризоуддин ибн Фахриддин, который написал ряд произведений, посвященных воспитанию женщин. Главными из этих книг являются «Семья» [9], «Воспитанная женщина» [8]. О семье, роли женщины в семье он пишет: «Семья создается на основе закона путем соединения телом и душой мужа и жены. Муж выбирает себе женщину, которая является опорой в его жизни в хорошие и плохие дни, разделяет его радости и горе, сокровенные его тайны, удовлетворяет его желания. У женщины есть сила, которая делает поведение человека красивым, убивает жестокость, человека делает человеком. Никакая дружба и никакая близость не сравнится с этой силой» [9,с.9].

По его мнению, если муж является главой семьи, то жена считается заведующей семьей. Семья без заведующего - это не семья. Добрая жена хранит богатство мужа, предотвращает беду, нагрянувшую на мужа, мобилизует свою силу как верный солдат, образует мужа, отдав, при необходимости, свое сбережение, которое она накопила, экономя в семье.

Оригинальное и удачное сравнение роли женщины в семье предложил Ризоуддин ибн Фахриддин: «Если сравнить семью с кораблем, то жена является его рулевым (кормовой) частью. Если большой корабль движется вперед благодаря действиям кормовой части, то семья живет благодаря действиям жены. В качестве доказательств можем привести следующие: народ воспитанный, если женщины этого народа воспитаны, народ невоспитанный, если женщины этого народа не воспитаны, народ богатый, если женщины этого народа старательны, предприимчивы и волевые, народ бедный, если женщины этого народа ленивы или расточительны» [9,с.56].

Он считает, что женщина должна быть и воспитанной и воспитательницей, аргументируя свои доводы жизненными примерами. Богатый человек не может быть счастливым, если он не имеет воспитанную жену, потому, что счастье это приведение своих детей в круг семьи. Поэтому необходимо, чтобы женщины были воспитателями, и польза от этого будет всему народу. Для этого они должны знать свои функции, обладать нужными знаниями и должны красиво применять все это в воспитании мужа и детей. Людей делают счастливыми не только знания, но и вместе с ними человеческие качества и ценности. Качество - это милое поведение, нравственность. Нравственность-это знание и выполнение своих обязанностей. Качество и поведение людей - это плоды дерева знаний. Счастье людей зависит от воспитания, а воспитание находится в руках женщины.

О результатах невоспитанности женщин тоже изложены мысли. Невоспитанность - это результат не обучения и воспитания. Если не воспитываться, то этот процесс есть результат невоспитанности. Во многих случаях обучение и воспитание детей ведут женщины, которые не имеют ни знаний и ни способностей, в результате формируется труднообучаемые и трудновоспитуемые дети. Воспитывать детей, оставшихся в естественных условиях в школах, учителям легче, чем воспитывать труднообучаемых и трудновоспитуемых детей. Потому что ребенок всю жизнь не забудет воспитание, полученное матерью. Дети, воспитанные невоспитанными женщинами, обучаются в школе, получают знания, но эти знания они применяют в плохих поступках. Есть люди, которые готовы выложить все свое богатство за здоровье своего ребенка, но пренебрегают! самым опасным недугом своего ребенка, его образованием и обучением. Такие люди в старости лет жалуются: «Зачем я женился?». «Почему у меня такие дети?». Ответ на их жалобы таков: «Они сами виноваты во всем этом, причиной этому является то, что они вовремя не обучали и не воспитывали своих детей, имея на это возможности». И Ризоуддин ибн Фахруддин приходит к выводу: «Поэтому женщин нужно обучать и воспитывать. Богатство женщин не их наряды, не их драгоценности, а полученное ими воспитание» [9,с.12].

Интересны педагогические идеи, и мысли самих немногочисленных женщин- - мыслителей

по обучению и воспитанию девочек, девушек и женщин, по подготовке их к семейной жизни. Одна из них Фахр-ул Банот Сибгатуллох кизи, жившая в конце XIX и начале XX веке. В своей книге «Оила сабоклари» («Уроки о семье») она рассматривает вопросы воспитания женщин с религиозной точки зрения. «По завещаниям исламских ученых в воспитании есть еще одна проверенная работа: прежде всего, молоко, которым женщина кормит ребенка, должно получиться от хлеба, заработанного честным путем. Известно, что вскормленный нечестным молоком ребенок растет приверженным к недобрым делам» [11,с.81].

Другая ее книга «Муошарат одоби» («Благородное поведение») тоже написана, опираясь на теорию и практику исламской нравственности, и посвящена семье и семейным отношениям. Раскрыты до сих пор неизвестные нам стороны исламской морали и культуры. Мысли о семье и семейном воспитании очень глубоки и написаны на основе существующих условий. Она соединяет сладости семьи с прекрасной жизнью. По ее мнению, в основе прекрасной жизни лежат такие человеческие качества, как хорошее поведение, телесная и душевная красота. Эти качества требуют быть в жизни веселым, жизнерадостным и вежливым. «Особое значение имеют эти прекрасные качества в отношениях мужа и жены, так как если у жен прекрасное поведение, то мужья тоже станут такими же. Наоборот, если у жен плохое поведение, то у мужчин тоже испортится поведение. Если между мужем и женой не будет обоюдной совместимости, то для обоих это будет невыносимо, в результате чего исчезнет семейный уют, разрушается семейный быт, появляется враждебность между членами семьи, самое страшное исчезнет спокойствие детей, которое приведет к нежелательным последствиям» [12, с.96].

Другая представительница женщин - мыслительниц и просветитель Турции Алий Назимо в своей знаменитой книге «Воспитание девушек» раскрывает вопросы обучения и воспитания девочек, девушек и женщин. О необходимости обучения и воспитания женщин она пишет: «Что лучше? Образованность женщин на основе обучения и получения знаний или усвоение ими определенных знаний и умений по ведению семейных дел? Хороший вопрос. На этот вопрос ответим таким образом. Молодая девушка пусть получит прочное, обширное, полное образование и воспитание. Ничего не надо жалеть для расширения ее ума. Люди чего не могут получить из земли, если не будут обрабатывать ее, не заботятся о ней. Точно так же женщины, как и мужчины, имеют ум для осознания и знания, имеют цели и мечты для осуществления деятельности, имеют волю и нежность для противостояния или чернения» [7,с.64].

По ее мнению, каждая работа, выполняемая женщинами, является основой жизни всех людей. Действительно, укрепление семей или разрушение их, создание в семьях уюта и все другие дела, связанные с семьей, с ее членами прямым образом связаны с женщинами. Поэтому нужно верить в необходимость обучения и воспитания женщин, для осуществления своих функций по воспитанию членов своей семьи, укреплению их здоровья, выполнению роли матери и жены, ведению семейных дел.

Алий Назимо предлагает девушкам и женщинам следующие советы: Старайтесь не проводить зря времени, обогащайте свой ум на основе двух условий.

1. Полученные вами знания и умения помогут для выполнения ваших девичьих, женских и материнских обязанностей.
2. Не гордитесь теми знаниями, что вы получили, старайтесь углубить и упрочить их. Если вы выполните оба эти условия, то станете обладателями прочных знаний и умений, и никто вас не сможет упрекнуть [7,с.10].

Заслуживает внимание идея о планировании и ведении семейных дел и подготовка к этому будущих жен. По нашему мнению, матери должны готовить своих совершеннолетних девушек к самостоятельной жизни, обучая их к выполнению разнообразных семейных дел. Выполнение домашних дел, уход за членами семьи и выполнение других семейных работ является своеобразной профессией и обязанностями женщин. Поэтому к этой профессии нужно подготовить в первую очередь молодых девушек. Цель овладения данной профессией заключается в том, чтобы формировать у будущих женщин умение планировать выполнение семейных работ, бережливость, чистоту, порядочность, работоспособность и др.

Таким образом, изучение прогрессивных исторических традиций и опыта воспитания девушек показывает, что оно всегда понималось как воспитание разумной, знающей, многоумеющей матери. О матери и женщинах написано и пишут много. Важно увидеть, какой должна стать девушка в будущем, как воспитать ее гражданкой, супругой, матерью, с тем, чтобы уже сегодня позаботиться о тех качествах, которые потребуются ей в будущей жизни.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абу Али Ибн Сино. Тадбир-ул-манзил. – Душанбе, 2003.

2. Авесто. – Душанбе: Адиб, 1990. – 31с.
3. Болосогун Юсуф. Благодатное знание (Кутадгу билиг). -Ташкент: Юлдузча,1989. – 192 с.
4. Жумабоев Э.Ф. Семейная жизнь и воспитание / Э.Ф. Жумабоев. - Ташкент: Бигин, 1971. - 149 с.
5. Корон Лор и примечания Р.Мансура . - Ташкент: Чулпон, 1992. – 544 с.
6. Кайковус У. Кобуснома. Для среднего и старшего школьного возраста. - Душанбе: Адиб, 1990. – 160 с.
7. Назимо Алий. Воспитание девочек. - Ташкент: Камолак, 1994. – 64 с.
8. Раис Ф. Психология подросткового и юношеского возраста. – СПб., 2000.
9. Ризоуддин ибн Фахриддин. Насихат. - Ташкент: Чулпан, 1993.
10. Тимошенко Л.Н. Воспитание старшеклассниц. Книга для учителя/Л.Н.Тимошенко.-Просвещение,1990. – 191с.
11. Фахриддин ул-Банот. Семейные уроки.-Ташкент: Мехнат, 1997. – 81 с.
12. Фахриддин ул-Банот. Благородное поведение в семье. -Ташкент: Мехнат, 1998. – 96с.

## НАҚШ ВА ҶОЙИ ПЕДАГОГИКАИ МАРДУМӢ ВА АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ ДАР ТАЙЁР НАМУДАНИ ДУХТАРОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ БА ҲАЁТИ ОИЛАВӢ

Дар мақола масъалаҳои тайёр намудани духтарони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ бо истифодаи педагогикаи мардумӣ ва арзишҳои миллӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтаанд. Маълум аст, ки тӯли асрҳо зан аз идоракунии ҷомеа ва фаъолияти ҷамъиятӣ дур буд. Ба онҳо шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, нобаробарии ҷинсҳо ва муҳити психологӣ таъсири худро мерасонд. Ҳамаи ин ба инкишофи қобилият ва истеъдоди занҳо, тарбияи ахлоқии онҳо, дараҷаи дастовардҳо таъсир нарасонида наметавонист. Бинобар ин тӯли ҳазорсолаҳо мақоми пасти иҷтимоии занҳо ва мақоми баланди иҷтимоии мардон рамзи табиии мақоми одамон дар ҷамъият буд. Дар бораи маҳдудияти ақлонӣ ва дигар қобилияти занҳо тасаввуроти бардурӯғ ба таври васеъ паҳн шуда буд. Афкори зиёдро дар бораи фаҳмиши занҳо, дунёи маънавӣ ва тарбияи онҳо дар манбаъҳои педагогикаи халқӣ ва арзишҳои миллӣ вохӯрдан мумкин аст, ки истифодаи дурусти онҳо метавонад ба раванди омодасозии духтарони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ таъсири мусбӣ расонад. Ба ҳимояи ҳуқуқи занҳо барои гирифтани маълумот баробари мардон, баробарҳуқуқии иҷтимоии онҳо, имконият барои гирифтани маълумот аз тарафи ҳамаи духтарон арбобони пешқадам баромад мекарданд. Ба манбаъҳо, ақидаҳои мутафаккирони мухталиф такя намуда, муаллиф бар он ақида аст, ки истифодаи дуруст ва моҳиронаи педагогикаи мардумӣ ба раванди тайёр намудани духтарони синфҳои болоӣ ба ҳаёти оилавӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Муаллифи мақола чунин меҳисобад, ки занонро тарбия намудан лозим аст, то ин ки онҳо фарзандони худро тарбия намоянд.

**Калидвожаҳо:** тарбия, оила, педагогика, педагогикаи исломӣ, арзишҳои миллӣ, анъанаҳои таърихӣ, тайёр намудан ба модарӣ.

## РОЛЬ И МЕСТО НАРОДНОЙ ПЕДАГОГИКИ И НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ В ПОДГОТОВКЕ СТАРШЕКЛАССНИЦ К СЕМЕЙНОЙ ЖИЗНИ

В статье рассматриваются вопросы подготовки старшеклассниц к семейной жизни путем использования народной педагогики и национальных ценностей. Общеизвестно, что в течение веков женщина была отстранена от управления обществом, общественной деятельности. На них оказывали отрицательное влияние социально-экономические, политические условия неравенства полов и соответствующий им психологический климат. Все это не могло не сказаться на развитии способностей и талантов женщин, на их «нравственной зрелости», на уровне их достижении. Поэтому низкий социальный статус женщин и высокий социальный статус мужчины в течение тысячи лет были символом природной обусловленности иерархии людей в обществе. Широкое и устойчивое распространение получили ложные представления об ограниченности умственных и других способностей женщин. Много оригинальных мыслей о понимании назначения женщины, ее духовного мира и о ее воспитании мы находили в источниках народной педагогики и в национальных ценностях, правильное и умелое использование которых окажет положительное влияние на процесс подготовки старшеклассниц к семейной жизни. В защиту прав женщин на получение равного с мужчинами образования, за их социальное равноправие, за возможность получения образования всеми девушками, а не только представительницами привилегированного класса выступали прогрессивные деятели. Опираясь на источники, мнения различных мыслителей, автор показывает, что правильное и умелое использование народной педагогики, окажет положительное влияние на процесс подготовки старшеклассниц к семейной жизни. Автор статьи считает, что, если воспитывать народ, то нужно воспитывать женщин, на таком уровне, чтобы они смогли передавать это воспитание детям. Если распространить знания и воспитание среди женщин, то эти знания, поведение, воспитание передаются детям и народу.

**Ключевые слова:** воспитание, семья, педагогика, исламская педагогика, национальная ценность, исторические традиции, подготовка к материнству.

## THE ROLE AND PLACE OF POPULATION PEDAGOGY AND NATIONAL VALUES IN PREPARING SENIORS FOR FAMILY LIFE

The article discusses the issues of preparing high school students for family life through the use of folk pedagogy and national values. It is well known that for centuries a woman was removed from the management of society, social activities. They were negatively affected by the socio-economic, political conditions of gender inequality and the corresponding psychological climate. All this could not but affect the development of women's abilities and talents, their “moral maturity”, and the level of their achievement. Therefore, the low social status of women and the high social status of men for thousands of years have been a symbol of the natural conditioning of the hierarchy of people in society. False ideas about the limitations of the mental and other abilities of women have become widespread and stable. We found many original thoughts about understanding the purpose of a woman, her spiritual world and her upbringing in the sources of folk pedagogy and in national values, the correct and skillful use of which will have a positive impact on the process of preparing high school students for family life. Progressive figures advocated the rights of women to receive an education equal with men, for their social equality, for the possibility of education by all girls, and not just representatives of the privileged class. Based on the sources and opinions of various thinkers, the author shows that the correct and skillful use of folk pedagogy will have a positive

impact on the process of preparing high school students for family life. The author of the article believes that if you educate people, you need to educate women at such a level that they can pass this education on to children. If you disseminate knowledge and upbringing among women, then this knowledge, behavior, upbringing is passed on to children and people.

**Key words:** education, family, pedagogy, Islamic pedagogy, national value, historical traditions, preparation for motherhood

**Сведения об авторе:** ***Мавлонова Р.***– Худжандский государственный университет имени Б.Гафурова, кандидат педагогических наук, доцент кафедры общей педагогики. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбеков, 1. E-mail: **mavlonova70@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mavlonova R.***– Khujand State University named after B. Gafurov, candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of general pedagogy. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Drive, 1. E-mail: **mavlonova70@mail.ru**

**УДК:371 (575.3)**

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН

***Гулрӯи Суҳроб***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба нақши ваҳдат дар пешравию мустаҳкамгардии соҳибистиқлолии Тоҷикистон баҳо дода, ҳанӯз аз 19-марти соли 1997 дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат қайд карда буд, ки «мо танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлолияти кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардуми ҷумҳуриямонро устувор карда метавонем» [9, с.55].

Таърих гувоҳ аст, ки халқи тоҷик давраҳои гуногуни муборизаҳоро баҳри озодӣ аз сар гузаронидааст. Дар давраи давлатдории Сомониён миллати тоҷик ба зинаи баланди давлатдории миллӣ расида буд. Баъди аз байн рафтани он мардуми тоҷик дар зери зулму истисмори сулолаҳои бегонагон монда буданд.

Танҳо ба туфайли Инқилоби сотсиалистии Октябр тоҷикон соҳиби давлати миллӣ гардиданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фарзандони халқи тоҷик баробари дигар миллатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ баҳри сулҳу озодӣ бар зидди фашизми Германия мардонавор ҷангида, корнамоиҳою шуҷоатмандии беназир нишон доданд. Дар натиҷаи дӯстию ҳамдигарфаҳмии халққову миллатҳои ИҶШС ғалабаи бузурги таърихӣ аз болои фашизм ба даст омад. Вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ собиқ ҷумҳуриҳои он, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои соҳибистиқлол табдил ёфтанд. Дар кишварҳо ҳизбҳою созмонҳои гуногун ташкил ёфтанд. Як қисми онҳо, аз ҷумла Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати ислом, созмони «Лаъли Бадахшон» ва Ситоди наҷоти Ватан» роҳи ғайриконститутсиониро пеш гирифта, бо роҳи зӯрӣ ҳокимиятро ба даст гирифтанӣ шуда, мехостанд давлати исломӣ барпо кунанд ва сабабгори оғоз ёфтани ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ гардиданд.

Аз дигар тараф, қувваҳои тарафдори сохти конститутсионӣ бо ҳам муттаҳид гардида, дар назди худ мақсад гузоштанд, ки миллати тоҷикро аз парокандагӣ ва истиқлолияти миллиро аз нестшавӣ эмин доранд. Дар назди ин қувваи ватандӯсту миллатдӯст масъалаи ниҳоят мураккаб, вале ҳаётан муҳим- ҷустуҷӯ намудани роҳҳои аз байн бурдани ҷанги шаҳрвандӣ, ба даст овардани сулҳу ваҳдат, нигоҳ доштани истиқлолияти миллӣ меистод.

Қадами аввалинро дар ин роҳ Иҷлосияи XVI –уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошт, ки 16-ноябри соли 1992 дар Хуҷанд баргузор гардида буд. Дар ҳамин иҷлосия сарвари нави ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон интихоб гардид ва савганд ёд кард: «Ман оғози кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард. Ман тарафдори давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошам. Мо бояд ҳама ёру бародар бошем, то ин ки вазъро ором намоем» [2, с.386].

Барои ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон зинаҳои душвору мураккабро паси сар намудааст. Сараввал зарурияти ташкил намудани музокироти байни тоҷикон пеш омад, ки он дар 8 давра гузаронида шуд.

17-уми сентябри соли 1994 дар Теҳрон созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва қатъи дигар амалиётҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунид ба имзо расид.

23-декабри соли 1996 дар шаҳри Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ воҳӯрда, бо ширкати намояндагии махсуси Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид низомномае имзо карданд, ки мувофиқи он Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд. Комиссияи оштии миллӣ аз 26-нафар иборат буда, онро раиси Иттиҳоди мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ роҳбарӣ мекард. Вазифаи комиссия ҳалли масъалаи оштии миллӣ буд.

Музокирот 40-рӯз давом кард. Дар натиҷаи ҷидду ҷаҳди қувваҳои пешқадам дар дохили ҷумҳурӣ ва берун аз он (ёрии бевоситаи сарварони давлатҳои мустақил, СММ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх, Созмони конфронси исломӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ), 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон қабул карда шуд ва зери он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари иттиҳодияи неруҳои мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва намояндаи махсуси дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид имзо гузоштанд. Дар симпозиуми байналхалқии «Таҷрибаи таърихии сулҳи Тоҷикистон», ки 26-27-апрели 2001 дар шаҳри Душанбе барпо гардида буд, қайд шуд, ки сулҳи Тоҷикистон барои мардуми ҷаҳон ибрат ва сабақи таърихӣ мебошад.

Имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрору сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дорои аҳаммияти байналмилалӣ буда, пеш аз ҳама барои таъмини соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон, ваҳдати миллӣ ва ба минтақаи сулҳ табдил ёфтани Осиёи Марказӣ таъсири мусбат расонид.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи сулҳ, ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон таҳким ёфт. Яке аз омилҳое, ки пояи сулҳу ваҳдатро дар ҷумҳурӣ мустаҳкам намуд, ин ба Ватан баргардонидани муҳоҷирон буд.

Фаромӯш кардан лозим нест, ки дар кори муқаддаси таъмини сулҳу ваҳдат собиқ қувваҳои мухолифини тоҷик низ саҳми муносиб гузоштаанд. Масалан, 3-юми августи соли 1999 роҳбари қувваҳои мухолифини тоҷик Сайид Абдуллоҳи Нурӣ расман парокандашавии дастаҳои низомии худро эълон намуд.

Роҳбарони ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ ходимони намоёни давлатӣ, илму маданият ва собиқадорони ҷангу меҳнат ташаббуси наҷиб – ташкил кардани «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»-ро пешниҳод намуданд. Ин ташаббус аз ҷониби Сардори давлат дастгирӣ ёфт.

«18-уми июни соли 1997 600-нафар вакилон аз тамоми ҷумҳурӣ дар театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ ҷамъ омада, «Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»-ро таъсис доданд. Вакилон якдилона Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмонро раиси ин ҳаракат интихоб намуданд» [6, с.104].

Дар ин ҳаракат ҷойи асосиро боварии тарафайну ризоияти шаҳрвандӣ, аз буҳрон раҳо додани ҷомеа, таҳкими якпорчагии давлат ва интегратсия ба Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, устувор ва вусъат бахшидани демократия, комёб шудан ба риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд ишғол менамуд. Ин ҳаракат дар устувор гардонидани сулҳу ваҳдат дар мамлакатамон саҳми арзанда гузоштааст ва фаъолияти он ифтихори миллати тоҷик мебошад.

Дар бораи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Президенти кишвари соҳибистиқлоламон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулодаи худ ба эъломияи

истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистанд. Агар эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин намудааст» [7-3, с.4].

Ба боварии комил гуфта метавонем, ки имзои созишномаи мазкур ва ба даст овардани сулҳу ваҳдати миллӣ дар ватанамон натиҷаи фаъолияту таъсиррасонии се омили асосӣ мебошад:

1.Қувваҳои пешқадами ҷумҳурӣ бо сарварии Президенти навинтихобгардидаи мамлакат Эмомалӣ Раҳмон, бо гузашти айём, вазифаи таърихии худро ба хубӣ эҳсос кардани роҳбари мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ.

2.Саҳми арзанда гузоштани сарварони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ташкилотҳо ва созмонҳои байналхалқӣ.

3. Анъанаҳои таърихӣ, хирадмандӣ, соҳибмаърифатӣ, эҳсосоти баланди ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, ифтихормандӣ, дустию рафоқат ва ба қадри ҳамдигар расидани худи тоҷикон.

Табиати сулҳҷӯёна ва характери миллии тоҷикон, ки ҳамеша ба гузашт ва созиш моил аст, дар давраҳои гузаштаи таърихӣ боиси аз даст додани манфиатҳои ҳаётӣ шуда буд, ин дараҷа барои хуб фаҳмидани манфиатҳои умумӣ мусоидат кард. Ин навъи махсуси дурандешӣ ва хирадмандиро ифода мекунад ва мо ба он ифтихор дорем.

Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз ҷумлаи сабақҳои ниҳоят арзишмандест, ки ҳам дар дохили ҷумҳуриамон ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифтааст, ки ин ифтихори мост.

«Ваҳдати миллӣ…пайвандгари роҳҳо ва арзишмандтарин дунёст, ки бунёди он на ба ҳар миллату халқият мушарраф мегардад. Ба ақидаи дигар, Ваҳдат асоси ҳамаи дастовардҳоест, ки дурнамои стратегии рушду инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд» [1, с.226].

Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти бебаҳост, зеро он барои амалӣ гардидани орзую умеди халқи тоҷик, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу осоиштагӣ ва дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи устувор гузошт.

Ваҳдати миллӣ ин афзал донистани манфиатҳои миллӣ аз манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳӣ ва монанди инҳост. Зеро ҳеҷ яке аз ин манфиатҳои шахсӣ ё гурӯҳӣ дар алоҳидагӣ ва берун аз доираи манфиатҳои миллӣ амалӣ намегардад ва вуҷуд ҳам дошта наметавонад.

Ваҳдати миллӣ тарзи ҳастии миллат ба шумор меравад ва мо бояд онро муқаддас донем, эҳтиром кунем ва ба он ифтихор кунем.

Истиқлолият ва сулҳу ваҳдат бо ҳам пайвастаанд. Ваҳдат маҳсули истиқлолият аст. Ваҳдат бошад, дар навбати худ, омили муҳимми устуворию пешравии соҳибистиқолӣ мебошад.

Ваҳдат барои миллати тоҷик беҳтарин неъмати дунёст, ҳаёти шаҳрвандон, орзую ормони халқ, таҳкими давлат, наҷоти миллат, ҳастии миллати тоҷик, муттаҳидӣ, дӯстию рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу осоиштагӣ, шодию хурсандӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, мустаҳкамии соҳибистиқлоли Ватан, барпогардию мустаҳкамии ҷомеаи демократӣ мебошад.

Аз ин рӯ, ҷавонон бояд моҳият, мазмун ва аҳаммияти ҳаётӣ доштани соҳибистиқлолӣ ва сулҳу ваҳдати миллиро ба хубӣ дарк намоянд. Ҷавонони имрӯза фарзандони истиқлолият мебошанд, зеро онҳо дар оғӯши истиқлолият ва ҳамроҳ бо озодию соҳибистиқлолии ватанамон ба камол расидаанд.

Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ барои инкишофи қобилияту истеъдоди ҷавонони ҷумҳурӣ ҳама гуна шароитҳоро фароҳам овардаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ, Раҳмон соли 2017-ро Соли ҷавонон эълон намуд, то ин ки ҳисси масъулиятшиносии онҳо ҳамаҷониба баланд гардад ваояндаи миллат будани худро хуб эҳсос намоянд.

Ба боварӣ гуфта метавонем, ки аксарияти ҷавонони тоҷик дорои эҳсоси баланди ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ ва инсондӯстию ҳамдигарфаҳмӣ мебошанд.

Аз ин рӯ, ба падару модарон, муаллимон, созмонҳои ҷавонон ва аҳли ҷомеа лозим меояд, ки ба масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, миллатдӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, худшиносии миллии наврасону ҷавонон диққати ҷиддӣ диҳанд.

Бо боварии комил гуфта метавонем, ки соҳибистиқлолӣ, сулҳу ваҳдат, муттаҳидию ягонагӣ ҳамчун сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик, давлати миллию муқаддаси моро ҳамеша пойдору устувор мегардонад ва шаҳрвандони ҷумҳуриро, пеш аз ҳама ҷавононро дар роҳи татбиқи нақшаю мақсадҳои тақдирсози Ҳукумати мамлакат ғайрату илҳоми тоза мебахшад.

## АДАБИЁТ


1. Абдураҳмон Маҳмадов. Истиқлолияти сиёсӣ ва нақши давлатдории миллӣ / А. Маҳмадов. -Душанбе, 2016. -С.226.
2. Олимов К. Ваҳдат ҷавҳари ҳастии миллат ва омили рушди устувори кишвар; зери таҳрири академик / К. Олимов. -Душанбе, 2016. -386 с.
3. Табаддулоти Тоҷикистон.-Китоби 2.-Тошканд,1994.-496 с.
4. Комиссияи оштии миллӣ // Вазифаҳо ва салоҳияти он.- Душанбе,1998.
5. Маҳмадов А.Н. Истиқлолияти сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография / А.Н. Маҳмадов. -Душанбе: Эр-граф, 2016.-264 с.
6. Набиава Р. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфҳои 11 / Р. Набиава, Ф.Зикириёев. -Душанбе: Собириён, 2016, -С.104.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси олии Тоҷикистон. -Душанбе, 2012. -С.3-4.
8. Ҳасанов У. Сулҳ иродаи халқ аст / У.Ҳасанов. -Душанбе: Шарқи озод, 2001.-84с.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. -Душанбе: Ирфон, 1997. -С.55.
10. Э. Раҳмон. Мақсади мо ягонагии миллат.-Э.Ш.Раҳмонов. -Душанбе: Ирфон, 1997.-70 с.
11. Э. Раҳмон.Тоҷикон дар роҳи демократикунонии ҷамъият ва тамаддун/ Э. Раҳмонов.-Душанбе: Ирфон, 1996. -220 с.


## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ОМИЛИ МУҲИММИ ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛИИ ҶАВОНОН


Дар мақолаи мазкур муаллиф оид ба дарки ваҳдати миллӣ ҳамчун ҳисси худшиносии миллӣ ибрози ақида намудааст. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода, 19-марти соли 1997 дар вохӯрӣ бо зиёиёни мамлакат кайд карда буд: «Мо танҳо бо роҳи Ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлолияти кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардуми ҷумҳуриямонро устувор карда метавонем». Ваҳдати миллӣ дар таърихи навини давлатдории миллати тоҷик бозёфти бебаҳост, зеро он барои амалӣ гардидани орзую умеди халқи тоҷик, ки бо қалби пур аз умед интизори сулҳу осоиштагӣ ва дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи устувор гузошт. Ваҳдати миллӣ ҳастии миллат ба шумор меравад ва мо бояд онро муқаддас донем, эҳтиром кунем ва бо он ифтихор кунем. Истиқлолият ва сулҳу ваҳдат бо ҳам пайвастаанд. Ваҳдат маҳсули истиқлолият аст. Ваҳдат бошад, дар навбати худ, омили муҳимми устуворию пешравии соҳибистиқолӣ мебошад. Ваҳдат барои миллати тоҷик беҳтарин неъмати дунёст, ҳаёти шаҳрвандон, орзую ормони халқ, таҳкими давлат, наҷоти миллат, ҳастии миллати тоҷик, муттаҳидӣ, дӯстию рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, сулҳу осоиштагӣ, шодию хурсандӣ, баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум, таҳкими соҳибистиқлоли Ватан, таҳкими ҷомеаи демократӣ аз ваҳдат аст Ваҳдат на танҳо таҳкимбахшандаи соҳибистиқлолии сиёсию давлатдорӣ, балки омили пешбарандаи соҳаҳои илму фарҳанг, маориф, иқтисодиёт, энергетика, коммуникатсия ва роҳҳо махсуб ёфта, боиси ба роҳ мондани муносибатҳои бисёрҷониба бо давлатҳои ҷаҳон мегардад. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд моҳият, мазмун ва аҳаммияти ҳаётӣ доштани соҳибистиқлолӣ ва сулҳу ваҳдати миллиро ба хубӣ дарк намоянд.



**Калидвожаҳо:** Ватан, ҷанги шаҳрвандӣ, иҷлосия, Президент, оштии миллӣ, истиқлолият, соҳибистиқлолӣ, сулҳу ваҳдат, дӯстӣ, муттаҳидӣ, ҷавонон, созишнома, созмонҳои ҷавонон.


## НАЦИОНАЛЬНОЕ ЕДИНСТВО – ВАЖНЫЙ ФАКТОР ФОРМИРОВАНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОСОЗНАНИЯ МОЛОДЕЖИ


В данной статье автор выражает свою точку зрения относительно восприятия национального единства молодежи как чувства национального самосознания. Серьезное внимание этой проблеме уделял Основатель мира и национального Единства, Лидер наций, Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон 19 – марта 1997 году на встрече с интеллигенцией страны. Он подчеркнул: «Мы только путем Единства, взаимопонимания сможем защитить Независимость страны, сможем сделать непоколебимым единство народа республики». Национальное единство в истории государственного управления таджикской наций является бесценной находкой, потому что оно установило прочную основу для исполнения надежд и желаний таджикского народа, который с огромным чаянием

ждал мира и спокойствия, дружбы и взаимопонимания. Национальное единство является национальным достоянием, и мы должны свято его беречь, уважать и гордиться им. Независимость, мир и единство взаимосвязаны. Единство является продуктом независимости. Единство в свою очередь является важным фактором прочности, суверенитета. Единство для таджикского народа является самым лучшим благом на свете в жизни горожан, мечтой народа, укреплением государства, спасением наций, достоянием таджикского народа, сплочением, дружбой и братством, взаимопониманием, спокойствием, радостью, повышением уровня жизни народа, укреплением суверенитета Родины, укреплением демократического общества. Единство - это не только политический суверенитет государства, но и обеспечение суверенитета в науке и культуре, в образовании, и в экономике, в энергетическом обеспечении, в коммуникации дорог, в восстановлении новых отраслей производства, в укреплении всесторонних отношений со странами мира, в признании мировым сообществом независимого государства, демократического и светского Таджикистана и др. Поэтому молодежи необходимо вникнуть в суть и содержание жизненного значения суверенитета, мира и национального единства.

**Калидвожаҳо:** Родина, гражданская война, Сессия, Президент, национальное примирение, независимость, суверенитет, мир и спокойствие, дружба, объединение, молодежь, декларация, молодежные организации и др.

**NATIONAL UNITY IS AN IMPORTANT FACTOR IN THE FORMATION OF NATIONAL CONSCIOUSNESS OF THE YOUTH**

In this article, the author expresses his point of view on the perception of national unity of young people as a sense of national identity. The Founder of peace and national Unity, The leader of Nations, President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon paid serious attention to this problem on 19 – March 1997 at a meeting with the country's intelligentsia. He noted: "Only through Unity and mutual understanding we will be able to protect the Independence of the country, we will be able to make the unity of the people of the Republic unshakable». National unity in the history of state administration of the Tajik nation is an invaluable find, because it has established a solid Foundation for the fulfillment of the hopes and desires of the Tajik people, who with great expectation of peace and tranquility, friendship and mutual understanding. National unity is a national treasure. We must cherish, respect and be proud of it. Independence, peace and unity are interlinked. Unity is a product of independence. Unity in its turn is an important factor of strength and sovereignty. Unity for the Tajik people is the best in the world, in the life of citizens, the dream of the people, the strengthening of the state, the salvation of Nations, the property of the Tajik people, unity, friendship and brotherhood, understanding, peace, joy, improving the standard of living of the people, strengthening the sovereignty of the Motherland, strengthening democratic society. Unity is not only the political sovereignty of the state, but also the sovereignty in science and culture, in the education, in the economy, in the energy supply, in the communication of roads, in the restoration of new industries, in strengthening comprehensive relations with the countries of the world, in the recognition by the world community of an independent state, democratic and secular Tajikistan, etc. Therefore, young people need to understand the essence and the content of the vital importance of sovereignty, peace and national unity.

**Key words:** homeland, the civil war, the Session, the President, national reconciliation, independence, sovereignty, peace, friendship, Union, the youth Declaration, youth organizations, etc.

**Сведения об авторе**: ***Гулрӯи Сухроб*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки, докторант PhD. **Адрес:** 734065, Республика Таджикистан, г. Куляб, улиыа. С. Сафаров 16. E-mail: gulrui.suhrob.92@mail.ru. Тел: **(992)988488028**

**Information about the author:** ***Gulrui Suhrob*** –Kulob State University named after Abuabdulloch Rudaki, doctora student PhD. **Address:** 734065,Republic of Tajikistan, Kulob S. Safarov 16. *E-mail:* gulrui.suhrob.92@mail.ru. Phone: **(992)988488028**

**УДК:372.3/.4 (575.3)**

# ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ МАВОДИ БАРНОМА, КИТОБҲОИ ДАРСӢ, МАҚОЛА ВА ДАСТУРҲОИ МЕТОДӢ

***Партов Насрулло***

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Мо дар ин мақола боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобатӣ» - и китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ»-и барои хонандагони синфи V нашршударо (нашри соли 2013-ро дар муқоиса бо китоби дарсии чопи 1990) мавриди таҳлил қарор додем. Ва чунон ки маълум аст, мувофиқи сохтори мактабҳои собиқ Давлати Шӯравӣ (солҳои 1987-88) таълими синфҳои болоӣ аз солҳои таҳсили 1987-1988 инҷониб аз синфи V оғоз гардида, дар синфи XI интиҳо меёбад. Вале сохтори мактабҳо дигар шуда бошад ҳам, дар ин муддат ба ҷуз барномаи таълими забони тоҷикии соли 1987 (барои синфҳои V-XI) то соли 1990 китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи V нашр нагардида буд. Барои синфи мазкур соли 1990 китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» аз тарафи М. Қурбонов, Т. Хаскашев, Д. Хоҷаева таълиф карда шуд, ки он дар қиёс бо китоби «Забони тоҷикӣ»-и солҳои пеш маводи мукаммал маҳсуб меёфт. Бо назардошти ҳамин нукта, мо дар зер мазмуну мухтавои боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 2013 (с. V) - ро бо ҳамин қисмати китоби дарсии нашри 1990 (с. V) доир ба маводи назариявӣ ва амалии андешаҳоямонро он баён хоҳем кард.

Пеш аз ҳама, тазаккур бояд дод, ки китоби дарсии нашри соли 1990 (с. V) дар асоси барномаи нави таълими забони тоҷикии соли 1990 (барои синфи V) рӯйи чоп омада [1], маводи боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» - и он то андозае ба маводи барнома [2] мувофиқат мекунад ва он (китоби дарсӣ) марбут ба масъалаи тадқиқоти мо чунин мавзӯъҳоро дар бар мегирифт: § 6 Ибора ва ҷумла. § 7 Ҷумла. § 8 Хелҳои ҷумла. § 9 Ҷумлаҳои ҳикоягӣ. § 10 Ҷумлаҳои саволӣ. § 11 Ҷумлаҳои хитобӣ. § 12 Аъзоҳои ҷумла. § 13 Мубтадо. § 14 Хабар. § 15 Муайянкунанда. § 16 Пуркунанда. § 17 Ҳол. § 18 Ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ. § 19 Ҷумлаи содаи яктаркиба. § 20 Ҷумлаи ҷидааъзо. § 21 Мухотаб. § 22 Ҷумлаи мураккаб. § 23 Нутқи айнан нақлшуда. § 24 Муколама (Диалог).

Чуноне мушоҳида мешавад, маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби мазкур (1990) бо як тартиби муайян дар ҳаҷми 33 саҳифа ҷой дода шудаасту мувофиқи талаботи барномаи таълими забони тоҷикӣ (барои синфҳои V-XI) дар оғоз маълумоти мухтасар оид ба синтаксис ва аломатҳои китобатро фаро гирифта, бо пешниҳоди мавзӯи «Ибора» [3, с. 13], шурӯъ гардидааст.

Инак, барои равшану возеҳтар гардидани мавзӯи таҳқиқот, мехоҳем маълумоти таҳлили доир ба китоби дарсии нашри соли 2013 (барои синфи V) пешниҳод намоем [1]. Ин китоб ҳоло дар муассисаҳои таълимӣ мавриди истифода қарор дошта, он дар асоси барномаи таълими забони тоҷикии соли 2006 (барои синфҳои V-XI) [2], ки яке аз барномаҳои такмилёфта нисбати барномаҳои солҳои пешин (1990, 1994, 2001, 2002) ба назар мерасад, таҳия шудааст ва сохтори маводи таълимии фасли синтаксиси китоби мазкур (2013) бо маводи китоби дарсии соли 1990 (с. V) шабоҳат дорад. Аммо китоби дарсии соли 1990 [3] дар қиёс бо нашри соли 2013 (с. V) бо баъзе камбудиҳояш фарқ мекард. Масалан, дар барномаи соли 1990 (барои хонандагони синфи V-XI) маводи боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат»-ро пас аз омӯзиши «Овошиносӣ («Фонетика»)» пешниҳод менамуд, вале дар ин нашр (1990), таълими ин қисмати синтаксис пеш аз боби «Овошиносӣ («Фонетика»)» ба роҳ монда шудааст. Аммо боиси таъкид аст, ки дар китоби дарсии соли 2013 ҷойгиршавии фасли муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» ҳам мувофиқи талаби барномаи таълимии соли 1990 ва ҳам охирин барномаи забони тоҷикӣ (2006) пешниҳод гардидааст.

Ба ҷуз ин, дар китоби дарсии соли 1990 (с. V) бобати мафҳуми ҷумла ва ҷумлаи сода фарқ гузошта нашуда, танҳо гуфта мешуд, ки ҷумлаҳо аз ҷиҳати ифодаи мақсад ва оҳанг хабарӣ, саволӣ ва хитобӣ мешаванд. Ин нукта аз тарафи мураттибон дар нашри китоби дарсии соли 2013 (с. V), ислоҳ шудааст, яъне байни ҷумла ва ҷумлаи сода фарқ гузоштаанд.

Яке аз фарқиятҳои дигари китоби дарсии «Забони тоҷикӣ»-и соли 2013 нисбат ба нашри соли 1990-и он боз ин аст, ки барномаи таълимии соли 1990 дар синфи V таълим додани ҷумлаи содаи амриро талаб мекард, вале дар китоби дарсии синфи V доир ба ин мавзӯъ маводи назариявӣ пешниҳод накарда, дар параграфи II пас аз пешниҳоди маълумоти назариявӣ доир ба ҷумлаи хитобӣ танҳо чунин таъкидро «Ҷумлаи амриро аз ҷумлаи хитобӣ фарқ бояд кард» лозим донистанду баъдан, чунин мисолҳоро ба ҳайси ҷумлаҳои амрӣ намуна овардаанд: «Синфро тоза нигоҳ доред!», «Ҳамдигарро ҳурмат кунед!», «Илтимос, ба хонаи мо биёед!», «Зебӣ, китобро биёр!». Чунон ки мебинем, дар охири ҳамаи ин ҷумлаҳо аломати хитоб гузошта шудааст, ки андаке ислоҳталаб аст. Албатта, дар охири ҷумлаҳои амрӣ ҳам аломати хитоб гузошта мешавад, ба шарте ки онҳо бо эҳсосу ҳаяҷони баланд талаффуз карда шаванд. Ин ҳолат дар нашри соли 2013-и китоби мазкур ислоҳ шудааст. Яъне, дар саҳифаи 73-и китоби мазкур дар хусуси ҷумлаҳои амрӣ ҳам маълумоти назариявӣ ва ҳам маводи амалии махсус пешниҳод гардида, дар мисолҳо дар охири ҷумлаҳои амрӣ аломати нуқта гузошта шудааст, ки дуруст аст [3].

Дар китоби дарсии соли 2013 (с. V) муаллифон пас аз пешниҳоди маводи таълимии хели ҷумлаҳои сода (хабарӣ, саволӣ, амрӣ, хитобӣ) ва ҷумлаи мураккаб бо унвони «Тарзи таҳлили ҷумла» намунаи таҳлили ҳам ҷумлаҳои сода ва ҳам ҷумлаҳои мураккабро нишон додаанд, ки боиси дастгири буда, чунин намунаи таҳлилҳо дар китоби дарсии соли пешин (1990) мавҷуд набуд.

Илова бар ин, муаллифон сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо **(дар саҳ. 80)** аз рӯйи нақша (таблитса) нишон дода, сараъзоҳо - мубтадо ва хабарро асоси ҷумла номидаанд, ки ин мазмун, яъне асоси ҷумла будани сараъзоҳо, дар китоби дарсии соли 1990 дар қисмати таълими мавзӯи «Ҷумла» **(саҳ. 15)** таъкид гардидааст [1]. Ва чуноне мушоҳида мешавад, таъкиди мазкур дар китоби соли 2013 басо бамавқеъ ҷой дода шудааст.

Ҳамчунин, тартиби мавзӯъҳои маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990 дар қиёс бо маводи китоби дарсии солҳои 2013 (с. V) чандон хуб ба роҳ монда

нашудааст. Чунончи, омӯзиши ҷумлаи чидааъзоро барномаи таълими забони тоҷикии солҳои 1990 пеш аз таълими ҷумлаи яктаркиба пешниҳод мекард, аммо ин мавзӯъ дар китоби дарсии соли 1990, баръакс, яъне пас аз ҷумлаи яктаркиба пешниҳод шудааст. Ин камбудӣ дар нашри китоби дарсии соли 2013 ислоҳ гардидааст, яъне омӯхтани ҷумлаи чидааъзо пеш аз маводи ҷумлаи яктаркиба ва дутаркиба тавсия шудааст. Гузашта аз ин, муаллифон оиди таълими мавзӯи «Ҷумлаҳои яктаркиба ва дутаркиба» низ дар китоби дарсии нашри соли 2013 маълумоти назаррас пешниҳод намудаанд, вале муаллифони китоби дарсии соли 1990 танҳо оиди таълими мавзӯи «Ҷумлаи яктаркиба» маълумоти назариявӣ пешниҳод намуда, дар машқу супоришҳо фарқ кардани ҷумлаҳои содаи яктаркибаро аз дутаркиба талаб намудаанду бас.

Афзалияту бартарияти дигари китоби дарсии нашри соли 2013-ро дар муқоиса бо китоби дарсии 1990, инчунин метавон дар он дид, ки муаллифони китоби нашри соли 2013, вобаста ба ҳар як таърифу қоида, аз ҷумла дар иртибот ба қисми «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат», ҷиҳати мустаҳкам намудани дониши хонандагон бо унвони «Савол ва супориш» талаботҳое гузоштаанд, ки он ҳама имкон медиҳад, то ки омӯзгорон дар қисматҳои пурсиш ва мустаҳкамкунӣ бе ягон мушкилӣ донишҳои аз назария ва амалияи забон омӯхтаи хонандагонро санҷида, баҳогузорӣ намоянд. Илова бар ин, чуноне мо мушоҳида намудем, доир ба калимаҳои душворфаҳми ҳама гуна матну машқҳои китоби дарсии соли 2013 луғатҳо пешниҳод шудаанд, ки чунин талабот дар китоби дарсии соли 1990 хеле кам ба назар мерасид. Акнун рӯ меоварем, ба пешниҳоди маводи назариявии мавзӯъҳои мавриди назари мо («Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат») дар синфи V дар ду китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» - нашри 2013 дар қиёс бо нашри соли соли 1990 – и он.

Аввалин нуктае, ки мо дар нашри соли 1990 мушоҳида намудем, ин ба пешниҳоди таърифи ибора иртибот дорад. Дар ин бора проф. С. Шербоев низ дар монографияи доктории худ – «Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V - VIII» [3] **(ниг.: саҳ. 111**) оид ба ду нуқсони он ишора карда, таърифи зеринро аз он китоб мисол меоварем: «Ибора аломати калимаҳоро номбар ва муайян карда, як мафҳуми мураккабро мефаҳмонад» [1]. Тибқи хулосаи ӯ (С Шербоев), **аломати калимаҳоро** номбар кардани ибора ва **мафҳуми мураккаб**ро фаҳмонидани он маънидоди нодуруст аст, ки ин нуктаро мо низ тарафдорем. Вале дар ин қисмат боз як камбудии дигар, яъне нуқсони сеюм ба чашм мерасад, ки гуфта мешавад: «Агар (дар ибора) калимаи тобеъкунанда феъл бошад, он бештар дар шакли **масдар** кор фармуда мешавад». Ҳаминро бояд гуфт, ки хонандагон ҳанӯз доир ба масдар чизе намедонанд ва маълумоте ҳам нагирифтаанд, пас чӣ тавр ин мафҳумро дарк мекардаанд? Аз ин рӯ, маълумоти мазкур низ чун он ду нуқсони дар фавқ зикршуда зиёдатӣ аст. Вале ин нуқсонҳо дар китоби дарсии соли 2013 (с. V ) бартараф карда шуда, дар хусуси ибора маълумоти бештару беҳтар дода шудааст. Сарфи назар аз ин, агар рӯ ба гузориши таърифи ибораи китоби дарсии нашри соли 2013 орем, он низ аз нуқсон холӣ нест, чунки барномаи таълимии соли 2006 (барои синфи V) на танҳо дар хусуси мафҳуми ибора, калимаи тобеъкунандаву тобеъшаванда ва воситаи алоқаи байни ҷузъҳои он маълумот доданро талаб намудааст, балки ба хонандагон додани маълумоти мухтасарро оиди фарқи ибора аз калима низ муҳим мешуморад. Вале ин талаботи барномаро муаллифон дар маводи назарияи мавзӯи «Ибора» - и китоби дарсии соли 2013 баррасӣ накардаанд.

Инчунин, таърифи ҷумлаи ҳикоягии китоби мазкур (2013) низ барои хонандагони синфи V дар қиёс бо таърифи китоби дарсии соли 1990 мураккабтар пешниҳод шудааст.Чунончи, таъкид мегардад: «Ҷумлае, ки дар он фикр ба тариқи хабар ифода меёбад, ҷумлаи хабарӣ ном дорад» [3]. Албатта, ин таъриф қобили қабул бошад ҳам, вале барои хонандагони синфи V, ба андешаи мо, андаке душворфаҳм мебошад. зеро аксари онҳо ба мафҳуми **<u>хабар</u>** дуруст сарфаҳм намераванд. Дар ин бобат, хуб мебуд, агар муаллифон таърифи мазкурро аз нашри соли 1990 («Ҷумлае, ки дар он дар бораи чизе нақл карда мешавад, ҷумлаи ҳикоягӣ ном дорад») [4], бо як ислоҳи ҷузъӣ, яъне пеш аз калимаи **чизе** вожаи **касеро** (касе ё чизеро) илова карда, дар нашри нав (2013) ҷой медоданд, беҳтар мебуд. Илова бар ин, дар китоби мазкур (2013) ҳангоми пешниҳоди маълумоти назариявӣ нисбат ба хели ҷумлаҳои сода, муаллифон чунин таъкид мекунанд: «…..оҳанги ин ҷумлаҳо (ҷумлаҳои сода) дар хат ба воситаи аломатҳои нуқта (.), савол (?), хитоб (!) ва **<u>вергул (,)</u>** ишора меёбанд» [3] Бояд гуфт, ки аломатҳои китобат (нуқта, савол, хитоб) муайянкунандаи оҳанги талаффуз набуда, нишона ё худ аломати зоҳирии хелҳои ҷумлаҳоянд. Аммо навъи ҷумлаҳоро аз рӯйи мақсади баён тарзи оҳанги талаффузашон муайян мекунанд. Ҳамчунин, аломати **вегул** нишонаи хели ҷумлаҳо аз рӯйи маъно маҳсуб намеёбад.

Таҳлили китоби дарсии нашри соли 1990 маълум намуд, ки муаллифон дар пешниҳоди маводи назариявии мавзӯи «Хабар» дараҷаи фаҳмиши хонандагон ва талаботи барномаро ба эътибор нагирифта буданд, зеро ифодаёбии хабарро ба ҷуз бо феъл бо ҳиссаҳои номии нутқ (исм, сифат, шумора ва ҷонишин), ҳамчунин, бо масдар ифодаёбии онро низ таъкид намудаанд, ки асосан чунин маълумот ба хонандагон дар синфҳои VIII пешниҳод мегардад. Аммо муаллифони китоби дарсии соли 2013 (с. V) бошанд, баръакс, яъне ифодаёбии хабарро **(дар саҳ. 84)** танҳо бо феъл пешниҳод кардаанд, ки мантиқан дуруст аст.

Таърифи мубтадо низ дар китоби дарсии соли 2013 (саҳ. 86) дар қиёс бо ҳамин таърифи китоби дарсии соли 1990 эҳтиёҷ ба таҳрир дорад. Чунки мувофиқи талаби барномаи таълими забони тоҷикии соли 2006 ба хонандагони синфи V бояд маълумоти мушаххаси ибтидоию заминавӣ оид ба курси муқаддимавии синтаксис дода шавад. Масалан, ҳангоми таълими мубтадо дар синфи V, пеш аз ҳама, ифодаёбии онро (мубтадоро) бо исм ва, баъдан, бо ҷонишинҳои шахсӣ таъкид намудан зарурат дорад. Аммо дар китоби мазкур бошад, ҳатто бо исм ҳам ифодаёбии он (мубтадо) таъкид нашудааст. Ва ин амали мураттибон бар хилофи принсипҳои **фаҳмогии маводи таълим** ва **алоқаи қисмҳои гуногуни забон** мебошад. Риоя нашудани нуктаи охир, воқеан ҳам, масъалаи дар алоқамандӣ таълим додани соҳаҳои гуногуни забоншиносиро халалдор хоҳад кард. Инак, дар заминаи гуфтаҳои охир хуб мебуд, агар мубтадоро муаллифон аз китоби дарсии соли 1990 (с. V) бе ягон тағйирот пешниҳод мекарданд, зеро дар он таърифи мубтадо **(саҳ. 24)** чун дар талаботи барномаи соли 2006 ифодаёбии он (мубтадо) бо исм ва ҷонишинҳои шахсӣ таъкид гардидааст.

Оид ба аъзоҳои пайрави ҷумла ҳаминро бояд зикр кард, ки таърифи пешниҳоднамудаи муаллифон доир ба пуркунанда дар китоби дарсии соли 2013, гарчанде ба фикри мо, андаке мураккаб намояд ҳам, дар қиёс бо ҳамин қисмати китоби дарсии соли 1990 бартарӣ дорад. Чунончи, дар таърифи пуркунандаи китоби дарсии соли 1990 ифодаёбии пуркунанда бо **исм** ва **ҷонишини шахсӣ** зикр нашудаасту танҳо таъкид гардидааст, ки пуркунанда бо хабар тобеъ аст ва амали хабар ба пуркунанда мегузарад. Вале дар нашри соли 2013 (дар с. 91) ҳам ифобаёбии пуркунанда бо исм ва ҷонишини шахсӣ ва ҳам алоқамандии онро тавассути **пешоянд** ва **пасоянди – ро** ба хабар таъкид кардаанд.Ба ҷуз ин, таърифи ҷумлаи чидааъзо низ дар китоби дарсии соли 1990 бо маълумоти зиёдатӣ пешниҳод гардидааст. Яъне, меъёри пешниҳод кардани маълумоти назариявӣ барои хонандагони синфи V аз нигоҳи психологию методӣ ва педагогӣ чандон риоя нагардидааст. Аз ин рӯ, барои таълими ин мавзӯъ на камтар аз ду соат вақт лозим аст. Ин нуқсон дар китоби дарсии соли 2013 таҷдиди назар шудааст. Акнун дар ин китоб маълумоти оид ба ҷумлаи чидааъзо пешниҳодшуда то андозае ба азхудкунии мавзӯи мазкур аз тарафи хонандагон мувофиқ кунонида шудааст.

Ниҳоят, яке аз нуқсони дигари китоби мазкур (1990) дар қиёс бо китоби дарсии соли 2013 марбут ба маълумоти назариявӣ дар хусуси таърифи ҷумлаи мураккаб аст. Зеро, агарчи муаллифони китоби дарсии соли 1990 тарзи алоқаи ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккабро бо пайвандакҳои **ва, у (-ю), аммо, вале, лекин, ки, зеро ки, агар, чунки** ва **оҳанги талаффуз** бо овардани мисолҳо пешниҳод карда бошанд ҳам, аммо хели алоқаи ҷумлаҳои содаро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб таъкид накардаанд. Ин нукта дар китоби дарсии соли 2013 ислоҳ шудааст. Чунончи: «Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо ду роҳ: <u>**пайваст**</u> ва <u>**тобеъ**</u> бо ҳам алоқаманд мешаванд» [1].

Акнун, рӯ меоварем ба машқу супоришҳое, ки дар иртибот ба маълумоти назариявии мавзӯъҳои боби «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат» - и китоби дарсии ҳам соли 1990 ва ҳам нашри соли 2013 пешниҳод шудаанд. Сараввал, бояд таъкид кард, ки проф. С. Шербоев дар монографияи худ – «Асосҳои илмию методии таълими синтаксиси ҷумлаҳои содаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V - VIII» андешаҳояшро доир ба нуқсонҳои машқу супоришҳои 42, 47, 73 ва 98 дар иртибот ба мавзӯъҳои «Ибора» ва «Сараъзоҳо» - и китоби дарсии соли 1990 пешниҳод намудааст, ки боиси дастгирист. Аз ин хотир, мо машқу супоришҳои дигари ин китобро дар қиёс бо нашри соли 2013 мавриди таҳлил қарор додем.

Албатта, маълум аст, ки ҳар як машқу супорише, ки дар китобҳои дарсӣ баррасӣ мешаванд, ҳам услубан ва ҳам мазмунан ба талабот ҷавобгӯ буда, бояд ҳар як шогирдонро рӯ ба эҷодкорӣ ҳидоят намояд. Аз ин лиҳоз, талаби машқи 61 (3, с. 18), ки марбут ба ҷумлаи саволии китоби дарсии соли 1990 пешниҳод гардидааст, нодуруст танзим шудааст, ё ин ки ҷавобгӯи чунин талабот нест. Чунончи: «Матнро хонед ва гӯед, ки ҷумлаҳои саволӣ ба ғайр аз пурсиш боз кадом маъноҳоро ифода кардаанд». Пас аз супориши мазкур, муаллифон шеъреро аз ашъори С. Маъмур овардаанд, ки он ба талаби супориш

мувофиқат намекунад. Вале машқу супоришҳое, ки доир ба ҷумлаи саволӣ дар китоби дарсии соли 2013 (с. V) пешниҳод шудаанд, аз чунин нуқсонҳои услубии зикршуда орӣ ва ҳам куллан иваз карда шудаанд.

Ҳамчунин, боз як нуқсони дигарро дар супориши машқи 94 - и китоби дарсии соли пеш (1990) мушоҳида менамоем, ки он дар қолаби зерин пешниҳод шудааст: «Нависед, сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави ҷумларо таҳлил кунед» [3]. Дар ин супориш эроди мо ин аст, ки дақиқ нест, ки чӣ хел таҳлил кунанд, хаттӣ ё шифоҳӣ? Ё худ талаби машқи 101-ро аз назар мегузаронем, ки чунин омадааст: «Нависед, дар кадом ҷумлаҳо сараъзоҳо намерасанд, муайян кунед». Агар ба мазмуни супориши китоби мазкур (1990) диққат кунем, нуқсони пардапӯше мушоҳида мешавад. Чунончи: «Дар кадом ҷумлаҳо **сараъзоҳо** намерасанд». Гӯё дар ҳикояи зерин ҷумлаҳое ҳастанд, ки дар онҳо ягон сараъзо вуҷуд надорад. Албатта, ин ғайриимкон аст, чунин нуқсон, ки дар супориши мазкур дида мешавад, пеш аз ҳама, хонандагонро ба гумроҳӣ мебарад. Ҳамчунин, дар қисмати маводи амалии доир ба аъзоҳои ҷумла бахшидаи китоби дарсии соли 2013 (с. V) низ баъзе машқу супоришҳо ба таҳрир ниёз доранд. Масалан, дар таърифи хабари китоби мазкур (2013) тавре дар фавқ ҳам таъкид кардем, чунин омадааст: «Хабар амалу ҳолати мубтадоро мефаҳмонад» [1]. Вале супориши машқи 160 (саҳ. 86) талаб менамояд, ки: «Шаш ҷумла нависед, ки хабарҳояшон бо **исм**, **сифат** ва **феъл** ифода ёфта бошад». Эроди мо дар ин бобат чунин аст: Модоме дар таърифи хабар ба ҷуз амалу ҳолат, **аломати** мубтадоро ифода кардани он зикр нашудааст, чӣ тавр хонандагонро метавон маҷбур сохт, ки ҷумлаҳое ҳам нависанд, ки дар онҳо хабар бо **исм** ва ё **сифат** ифода ёфта бошад? Масъалаи мазкур бо исму сифат ифода ёфтани хабар дар синфи VIII таълим дода мешавад.

Муаллифони китоби дарсии нашри соли 1990 (с. V) дар супориши машқи 124 **(§24, с. 43)** масъалаи амалан аз бар намудани нутқи айнан нақлшударо дар мадди назар қарор додаанд. Инак, супориши он машқ чунин аст: «Нутқи айнан нақлшударо истифода бурда, доир ба қаҳрамони дӯстдоштаатон ҳикоячае тартиб диҳед». Ҳадафи мо аз овардани супориши мазкур ин аст, ки ҳикоячаро тартиб намедиҳанд, нақшаи онро тартиб медиҳанд, вале онро (ҳикояро) эҷод мекунанд, ё менависанд. Барои ҳамин ҳам, он супориш, агар тариқи зер мураттаб мегардид, ба мақсад мувофиқтар буд: «Ҳикоячае нависед, ки дар он суханони айнан нақлкардашудаи қаҳрамони дӯстдоштаатон омада бошанд».

Ҳамин тавр, мо дар фавқ таҳлили боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат»-ро доир ба маводи ду китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи V (нашри солҳои 1990 ва 2013), ки аз тарафи муаллифони гуногун мураттаб шудаанд, мавриди баррасӣ қарор додем. Чунон ки аз омӯзиши маводҳои муқоисашаванда бармеояд, қисмати боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 2013, дар қиёс бо китоби дарсии соли 1990 (с. V) хусусиятҳои мусбиро дар худ инъикос кардааст. Масалан, муаллифон, пеш аз ҳама, давраҳои омӯзиши қисматҳои забонро ба хонандагони синфи V, муайян намуда, мувофиқ ба талаби барномаи таълимӣ амал намудаанд. Ҳамчунин, ҳангоми пешниҳоди ҳар як таъриф ва машқу супориш, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагонро ба инобат гирифта, азхудкунии маводи таълимро мушаххас ва аз рӯйи меъёр пешниҳод кардаанд. Гузашта аз ин, барои амалан ворид шудани хонандагон ба назария мураттибон саволҳоро аз дохили супоришҳои матни омӯхташаванда пешниҳод намудаанд. Хулоса, ин ҳама бартариҳо нисбат ба маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990 мебошанд. Аммо китоби дарсии соли 2013 низ аз камбудӣ холӣ набуд, зеро маълумотҳои назариявие, ки доир ба ибора, хели ҷумлаҳои сода ва сараъзоҳо - мубтадо ва хабар, ҳамчунин доир ба баъзе машқу супоришҳо пешниҳод кардаанд, чуноне дар фавқ низ зикр кардаем ислоҳталаб мебошанд. Умуман, натиҷаи чунин таҳлил моро ба хулосае овард, ки на танҳо маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990, ҳамчунин, дар ин хусус, маводи китоби дарсии соли 2013 низ ниёз ба таҷдиди назар дошта, ислоҳашон ногузир аст.

## АДАБИЁТ


1. Бобомуродов Ш. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи V / Ш. Бобомуродов, С. Сабзаев, С. Набиева. -Душанбе, 2013. - 254 с.
2. Барномаи забони тоҷикӣ (Барои синфҳои V- XI). -Душанбе, 2006.
3. Қурбонов М. Забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи V / М. Қурбонов, Т. Хаскашев, Д. Хоҷаева. -Душанбе: Маориф, 1990. - 192 с.
4. Шербоев С. Асосҳои илмию методии таълими ҷумлаҳои соддаи забони тоҷикӣ дар синфҳои V –VIII / С. Шербоев. - Душанбе: Деваштич, 2006. -300 с.

## ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛИ МАВОДИ БАРНОМА, КИТОБҲОИ ДАРСӢ, МАҚОЛА ВА ДАСТУРҲОИ МЕТОДӢ

Мо дар фавқ таҳлили боби муқаддимавии «Синтаксис (наҳв) ва аломатҳои китобат»-ро доир ба маводи ду китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи V (нашри солҳои 1990 ва 2013), ки аз тарафи муаллифони гуногун мураттаб шудаанд, мавриди баррасӣ қарор додем. Чунон ки аз омӯзиши маводҳои муқоисашаванда бармеояд, қисмати боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 2013, дар қиёс бо китоби дарсии соли 1990 (с. V) хусусиятҳои мусбиро дар худ инъикос кардааст. Масалан, муаллифон, пеш аз ҳама, давраҳои омӯзиши қисматҳои забонро ба хонандагони синфи V, муайян намуда, мувофиқ ба талаби барномаи таълимӣ амал намудаанд. Ҳамчунин, ҳангоми пешниҳоди ҳар як таъриф ва машқу супориш, дараҷаи дониш ва маҳорати хонандагонро ба инобат гирифта, азхудкунии маводи таълимро мушаххас ва аз рӯйи меъёр пешниҳод кардаанд. Гузашта аз ин, барои амалан ворид шудани хонандагон ба назария мураттибон саволҳоро аз дохили супоришҳои матни омӯхташаванда пешниҳод намудаанд. Хулоса, ин ҳама бартариҳо нисбат ба маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990 мебошанд. Аммо китоби дарсии соли 2013 низ аз камбудӣ холӣ набуд, зеро маълумотҳои назариявие, ки доир ба ибора, хели ҷумлаҳои сода ва сараъзоҳо - мубтадо ва хабар, ҳамчунин доир ба баъзе машқу супоришҳо пешниҳод кардаанд, чуноне дар фавқ низ зикр кардаем ислоҳталаб мебошанд. Умуман, натиҷаи чунин таҳлил моро ба хулосае овард, ки на танҳо маводи боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990, ҳамчунин, дар ин хусус, маводи китоби дарсии соли 2013 низ ниёз ба таҷдиди назар дошта, ислоҳашон ногузир аст.

**Калидвожаҳо:** боби муқаддимавии синтаксиси китоби дарсии соли 1990, хусусиятҳои мусбӣ, азхудкунии маводи таълимӣ, маълумотҳои назариявӣ, таҳлил.

## ИЗУЧЕНИЕ И АНАЛИЗ МАТЕРИАЛОВ ПРОГРАММ, УЧЕБНИКОВ, СТАТЕЙ И МЕТОДИЧЕСКИХ ПОСОБИЙ

Таким образом, мы в своем исследовании проанализировали первую главу темы «Синтаксис и пунктуация» по содержанию двух учебников «Таджикский язык» для V класса (1990 и 2013 гг. издания), которые были составлены различными авторами. Как видно из сопоставительных материалов, вводная часть первой главы «Синтаксиса» учебника 2013 года, по сравнению с учебником 1990 года (V класс), отражает в себе положительные черты. Например, авторы, прежде всего, определяя периоды изучения частей языка для учеников 5 класса, осуществляли свою работу согласно требованиям учебного плана. В то же время, при предоставлении каждого определения и заданий, учитывался уровень знаний и навыков учащихся, и приобретение и изучение учебного материала были представлены в конкретном виде и по норме. Кроме того, для ознакомления учащихся с теорией, авторы дают соответствующие вопросы по темам заданий, посредством чего учащиеся могут без каких-либо трудностей и препятствий ознакомиться с теоретическими темами. В целом, все это является преимуществом вводной части «Синтаксиса», учебника 1990 года. Однако учебник 2013 года также имел свои недостатки, так как теоретическая информация о фразе, видах простых предложений и главных членов предложений – подлежащего и сказуемого, а также по некоторым упражнениям и заданиям, которые были упомянуты в исследовании, требуют своего исправления. В целом, результаты этого анализа показывают, что не только вводная часть учебника 1990 года, но и учебник 2013 года нуждаются в дополнительном анализе, и их исправления неизбежны.

**Ключевые слова:** первая глава темы «Синтаксис и пунктуация» учебника й990 года выпуска, положительные свойства, изучение учебного материала, теоретические данные, анализ.

## STUDY AND ANALYSIS OF MATERIALS OF PROGRAMS, TEXTBOOKS, ARTICLES AND METHODOLOGICAL Aids

Thus, in our study we analyzed the first Chapter of the topic "Syntax and punctuation" on the content of two textbooks "Tajik language" for the V class (1990 and 2013 edition), which were compiled by different authors. As can be seen from the comparative materials, the introductory part of the first Chapter of the "Syntax" of the textbook in 2013 compared to the textbook in 1990 (V class) reflects the positive features. For example, the authors, first of all, determining the periods of study of parts of the language for the students of the fifth grade, carried out their work according to the requirements of the curriculum. At the same time, the level of knowledge and skills of the students was taken into account in the provision of each definition and tasks, and the acquisition and study of educational material were presented in a specific form and according to the norm. In addition, to familiarize students with the theory, the authors provided relevant questions on the topics of tasks, through which students can without any difficulties and obstacles to get acquainted with the theoretical topics.

In General, all this is an advantage of the introductory part of the "syntax" of the 1990 textbook. However, the 2013 textbook also had its drawbacks, as the theoretical information about the phrase, the types of simple sentences and the main members of the sentences – subject and predicate, as well as some of the exercises and tasks that were mentioned in the study, require correction. In General, the results of this analysis show that not only the introductory part of the textbook of 1990, but also the textbook of 2013 need additional analysis, and their corrections are inevitable.

**Keywords:** first chapter of the topic “Syntax and Punctuation” of the textbook of the year 1990, positive properties, study of educational material, theoretical data, analysis.

**Сведения об авторе:** ***Партов Насрулло*** **-** Института развития образования им.А.Джами Академии образования Таджикистана, докторант Ph.D, **Адрес: 7**34024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни 45. Телефон: **900-25-88-82**

**Information about the author:** ***Partov Nasrullo*** - Institute of Education Development named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, doctoral candidate Ph.D, Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, ul. Aini 45. Phone: **900-25-88-82**

УДК 17:371(575.3)

# ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТИИ КӮДАКОН – МУШКИЛОТ ВА МУВАФФАҚИЯТҲО

*Давлатова Ҷ. С.*

**Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**

Зебоипарастӣ яке аз сифатҳои муҳимми инсонро ташкил медиҳад. Он дар инсон ҳар гуна зуҳуроти эҳсос намудани зебоиро ба вуҷуд меоварад. Табиати зебо, ҳар гуна аксҳо, мусаввараҳо, ҳайкалумуҷассамаҳо, асарҳои бадеӣ, нақшу нигор, иншоот, асарҳои саҳнавӣ,суруду мусиқӣ, сарулибос, ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, лавозимотирӯзгор ва ғайраҳо дар инсон эҳсоси зебопарастиро ба вуҷуд меоранд. Шинохтани зебоӣ ба шахс илҳом мебахшад, ӯро рӯҳбаланд намуда, дар олами зебоӣ сайр мекунонад. Қобилияти зебоифаҳмӣ ба шаҳрванд имконият медиҳад, ки боигарии ахлоқӣ, маънавӣ ва маърифатии хешро ғанӣ гардонад ва зиндагии зебо ташкил кунад.

Тозагию озодагӣ аз омилҳои муҳимми тарбияи зебоипарастӣ буда, он аз муносибатҳои ҳамарӯзаи волидон дар хона, омӯзгор дар мактаб, байни калонсолон дар кӯчаю ҷойҳои ҷамъиятӣ оғоз меёбад. Дар хонадоне, ки калонсолон ба ашёҳо дилгармона муносибат карда, ба ҷобаҷогузории онҳо аҳаммият медиҳанд, наврасони хонаро бетараф намегузорад. *«Дар ҳоле ки оила манбаи асосии маҳоратҳои асосӣ, рафторҳо, одатҳо ва мероси фарҳангӣ ба фарзандон аст. Дар ҳақиқат, оянда ва тақдири кӯдакон вобаста ба шароит ва тарзи амалкарди хонавода аст. Масалан, кӯдаке, ки дар оилаи аҳли илму адаб зиндагӣ мекунад, бештар алоқа ба илм, ҳунар, андешаҳои нав, ихтироъ ва ғайра дорад»* [4,с.93]. Воқеан ҳам, хона мактабест, ки бача шунидаю дидаашро қабул мекунад. Некро нек мебинаду бадро бад. Солорони хонаро лозим аст, ки ба сухан гуфтани хурдсолон, муносибати онҳо ба ҳайвонот, растаниҳои боғ аҳаммият диҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар хона ба тарбия бештари вақт модарон машғуланд. Ҳисси тарбияи ахлоқию зебоипарастӣ аз амалҳои ҳамидаи модар сар шуда, минбаъд ташаккул меёбад. Аз ҳамин хотир, модаронро зарур аст, ки бо хурдтаракону наврасони хона хушмуомила, хушгуфтор ва ҳалим бошанд. Бузургон дуруст фармудаанд:

Хишти аввал чун ниҳад меъмор каҷ,
То ба охир меравад девор каҷ.

Ба ҳамин хотир аз аввал, аз даврони кӯдакӣ ба рафтору кирдор ва гуфтори онҳо диққати ҷиддӣ додан зарур аст. Чун бузург шуд, дигар таълиму тарбия пардохтанаш қариб, ки имконнопазир мегардад. Зеро аллакай вай як шахсияти комил мешаваду ба ҳама чиз нигоҳи худро дорад, хоҳ нек ва ё хоҳ бад бошад.

Наврас суханеро аз калонсолони хонавода ё ҳамсояву аз кӯча шунавад, ҳамонро ба худ қабул мекунад. Яъне, ҳалим бошад, ҳалим, тунд бошад, тунд ва зишт бошад, зишт. *«….бояд зикр намуд, ки мактаббачагони хурдсол ҳанӯз ба маънии мафҳумҳои олиҳимматӣ, некукорӣ, некдилӣ на ҳама вақт сарфаҳм меравонд»* [2,с.126]. Яъне, некро аз бад ҷудо карда наметавонанд. Ба ҳамин хотир сараввал волидон, минбаъд ҷомеаю муассисаҳои таълиму тадрис барои таълиму тарбияи насли наврас мувазафанд. Барои чӣ гуна шахсият ва чӣ гуна рафторрро омӯхтани кӯдакон ин ниҳодҳоро мебояд сараввал ба ҳусни нияти рафтори худ таваҷҷуҳ кунад, зеро кӯдак ин ҳамаро дида, ба худ қабул мекунад.

Модарони тарбияёфтаю пухтакор наврасони хонаро бо ин ва ё он кор вобаста карда, аз кори супоридаашон пурсон мешаванд.

Наврасони хона, бахусус духтаракон, вазифадор карда шаванд, ки дар шустушӯйи табақу коса, чойнику пиёла, пухтани хӯрок, ороиши дастархон, ҷамъ кардани рахти хоб, об додани гулҳои боғу хона, ҳавлирӯбӣ, дарзмол кардани сарулибос, бо тартиби муайян ҷо ба ҷо гузоштани анҷоми хона, ба писарбачаҳо бошад, дар шароити деҳот овардани об, майда кардани ҳезум, хӯрок додани ҳайвоноти хона, ба пода рондани чорво, нигоҳубини зироатҳои полезӣ, нарм кардани замин, даравидани алаф барои чорво ва ғайраҳо фаъол бошанд. Дар ин сурат ҳисси меҳнатдӯтӣ ва муносибат бо табиат ва олами атрофро меомӯзанд.

*«Фан Ден Берге зидди он аст, ки рафтори одамон натиҷаи фарҳанг аст. Вале ӯ розӣ мешавад, ки ҳамаи намудҳои рафтори одамон дар асоси шаклҳои гуногун ва муайяни фарҳанг инъикос меёбанд» [3,с.21].* Бале, ҳамаи рафтору муносибати инсонҳо бо оламе, ки онҳоро иҳота кардааст, аз чигунагии ҳисси маърифати фарҳангии шахс боваста аст. Аз ин рӯ, мо бояд инро ба инобат гирифта, ба тамоми ашёҳое, ки моро иҳота намудаанд ва муносибати онҳоро бо калонсолон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор дода, аз пайи рафъи костагиҳои ҷойдошта бошем.

*«Аксар вақт, ба сабаби маҳдуд будани таҷрибаи ҳаётӣ ва дар мактаббачагони хурдсол ташаккул наёфтани эътиқоди ахлоқӣ, онҳо рафтори ношоиста содир менамоянд» [2,с.127].* Аз ин рӯ, солорони оиларо мебояд ҳатман аз болои дарсазхудкунии онҳо назорат намоянд. Барои ин кор вақти муайян бояд ҷудо намоянд. Иҷрои амалҳои дар боло зикршуда ҳаваси наврасонро бедор карда, муҳаббати онҳоро ба мутолиаю меҳнат, дӯст доштани набототу ҳайвоноти табиат зиёд менамояд.

Мо ба наврасон ҷиддӣ муносибат намуда, аз иҷрои корҳои супоридаи худ пурсон шавем, огоҳ бошем, албатта, хушҳол мешаванд. Аз ҷониби дигар, наврас аз ҳарҷогардию бадаҳлоқӣ даст мекашад ва дар қалби кӯчаки ӯ ростқавлию накукорӣ пайдо мешавад. Падару модар ва калонсолон агар ба наврасон хушмуомила бошанд, хушоянд аст. Агар наврас дар хона ба ашёҳои рӯзгору сарулибос, падару модар, хоҳару бародар ва маводҳои хониш эҳтиром пайдо кунад, дар мактабу ҷойҳои ҷамъиятӣ ба ашёҳои атрофаш низ дилсӯзона менигарад.

*«Тоҷикон дорои фарҳанги бостонӣ, истеъдоди баланди ҳунарӣ, ҳисси зариф ҳастанд, ки дар осори мусиқӣ, таронаҳо ва рақсу вашташон ошкор аст», гуфтааст И.В. Сталин [1,с.7].* Ба хотири ба мерос гузоштани фарҳанги ғании гузаштагонамон имрӯз фанҳоеро, ки таҷассумгари фарҳанг аст, бояд дар муассисаҳои таълиму тадриси кишвар омӯзонида шаванд. Аз ҷумла, дар синфҳои ибтидоӣ фанҳои санъат ва меҳнат, мусиқӣ, табиатшиносӣ ва забони модарӣ аз фанҳои асосӣ ҳисоб мешаванд. Таълими ин фанҳо аз маҳорат ва кордонии муаллими таҷрибанок натиҷа мегирад. Дар рафти таълим наврас агар ба олами зинда, набототу ҳайвонот ва аҳаммияти он барои инсон, ба обу хок, ҳавою рӯшноӣ фаҳмиш пайдо кунад, назараш ба онҳо тамоман дигар мешавад. Он фарҳанги қадимае, ки гузаштагон ба онҳо боқӣ мондаанд, эҳтиром намуда, барои рушду сайқали соҳаи фарҳанг камари ҳиммат мебананд.

Табиате, ки мо дар он зиндагӣ мекунем, хеле зебост. Зебоии он дар ҳама фаслҳои сол мушоҳида мешавад ва ҳар фасл ба худ манзараи хосси худро дорад, ки ба одам на танҳо зоҳиран, балки ботинан ҳаловат мебахшад. Тарбияи зебоипарастӣ дар наврасон метавонад қобилияти эҷодӣ, ҷисмонӣ, ахлоқиро тақвият бахшад. Ва ин таъсирашро ба муҳити зист, табиат, оламе, ки моро иҳота кардааст ва билохир ба ояндаи давлату миллат расонад. Кӯдаке, ки имрӯз тарбияи хуби зебоипарастиро гирифтааст, дар оянда ҷавони ҳимоятгари миллату давлати хеш мегардад. Аз ин рӯ, ба хотири фардои дурахшони кишвар имрӯз мебояд кӯшид.

Дар ин самт тамоми муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили синамо, театр ва ғайраро мебояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Тамоми филмҳое, ки имрӯз дар кишвар мавриди тамошои ом қарор мегиранд, бояд хусусияти тарбиявӣ ва ватандӯстӣ дошта бошанд. *«.......ҳам кинову филм бояд яке аз ҳадафҳои асосиаш тарбия намудани ватандӯстиву худогоҳӣ бошад» [5,с.19].*

Воқеан ҳам, филм бо он навору саҳнаҳое, ки меофарад, метавонад таъсири ногузир дар ҳиссиёт, рафтор ва кирдори хосу ом, аз ҷумла наврасон расонад. Аз ин рӯ, муаллифони филмнома, басаҳнагузорону ҳунармандонро мебояд барои рушди ақлию ҷисмонии наврасони кишвар,ки ояндаи давлат ҳастанд, тамоми қувваю заҳматашонро истифода баранд.

«.... *кӯдакон оянда ва идомадиҳандаи наслҳои моянд. Онҳоро ба варақаҳои тозае шабоҳат додан мумкин аст, ки бо мурури замон ба китоби зебои пур аз қиссаҳои аҷибу мароқовар табдил меёбанд» [6,с.7].* Пас, тамоми ҷамъият, волидон ва тарбиятгаронро мебояд барои ба китоби пурмуҳтаво ва шавқовар табдил ёфтани ин варақаҳои сафед дар якҷоягӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Зеро ояндаи кишвар фардо дар дасти ҳамин наврасоне мемонад, ки мо имрӯз ба воя мерасонем. Ба хотири ояндаи нек кӯшиш мебояд.

## АДАБИЁТ

1. Сайидзода З. Ш. / Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар бораи масъалаҳои мубрам ва ибтикороти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон / З. Ш.Сайидзода. -Душанбе: ҶДММ «Контраст»,2018. -366с.
2. «Маориф дар шароити Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (маводи конфренсияи илмӣ-амалӣ,«Баъзе аз масъалаҳои мубрами ташаккули эътиқоди ахлоқӣ дар мактаббачагони хурдсол», Ф. Гулмадов. Саҳ.126-136. -Душанбе, 2-майи соли 2014. – Душанбе: Эр-граф, 2015. -212.
3. Муқаддима ба назарияи миллатшиносӣ Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон //С.Сафаров. Боби I. Паййер Фан Ден Берге «Равиши сотсио-биологӣ», масъалаҳои фарҳанг. -Душанбе: Ирфон, 2012. -246с.
4. «Истиқлолият ва фарҳанг», Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ шуъбаи фалсафаи фарҳанг. «Мақоми ахлоқи ҳамида дар тарбияи маънавии насли муосир», Муродова Тоҷинисо саҳ.92-100, Душанбе 2017. -276 саҳ.
5. Саидӣ С. «Филмҳои тоҷик» ҳунармандон аз уҳдаи иҷрои нақш намебароянд ё сенария хуб нест?/ С.Саидӣ // Тоҷикистон. - 2018.-4 июли.-№27 (1277). -19 саҳ.
6. Эшонова Ш. Кӯдакиро аз кӯдакон нагирем /Ш. Эшонова //Ҷавонони Тоҷикистон.- 2016, 26 май. - №21 (9447). -7саҳ.


## ТАРБИЯИ ЗЕБОИПАРАСТИИ КӮДАКОН – МУШКИЛОТ ВА МУВАФФАҚИЯТҲО


Дар мақола оиди мафҳуми зебоипарастӣ, тарбияи зебоипарастӣ ва мушкилоту муваффақиятҳо дар ин самт маълумоти васеъ пешниҳод шудааст. Муаллиф таъкид бар он менамояд, ки яке аз омилҳои муҳимми худшиносӣ ва дӯст доштани миллату давлат, ҳисси зебоипарастӣ мебошад. Ташаккул додани ин ҳиссиёт дар кӯдакон ҳанӯз аз овони хурдсолӣ хеле муҳим мебошад. Дар мақола назари муаллиф доир ба мушкилоти масъалаи мазкур баён шудааст. Тамоми ҷомеа, махсусан волидон ва мактаб дар такмили ҳисси зебоипарастии кӯдакон саҳмгузоранд. Муаллиф ҳисси хушбинӣ, тозагию озодагии кӯдаконро ҷузъиётҳои муҳими тарбияи зебоипарастӣ меҳисобад. Ин ҳамаро хурдтараконии мо метавонанд аз муносибатҳои ҳамарӯзаи волидон дар хона, таълиму тарбияи омӯзгорон дар мактаб ва рафтору кирдори аҳли ҷомеаро дар кӯчаю ҷойҳои ҷамъиятӣ мушоҳида ва азхуд намоянд. Ҳангоми таълиму тарбияи насли хурдсол, алалхусус кӯдак, шахсони калонсонро мебояд дар назди онҳо ба фаъолияти худ эътибор дода, намунаи ибрат бошанд. Кӯдак тақлид ва пайравӣ ба калонсолонро дӯст медорад ва ҳар рафтори онҳоро ҷиддан қабул менамояд. Модарони тарбияёфтаю пухтакор кӯдаконро ба ин ва ё он кор вобаста карда, иҷроиши онро пурсон мешаванд. Кӯдакон, ба хусус духтаракон, вазифадор карда мешаванд, ки дар корҳои хона ба модар кӯмак расонад. Дар натиҷа меҳнатдӯстӣ ва эҳтироми меҳнати дигаронро меомӯзанд.



**Калидвожаҳо:** мушкилот, нигаронӣ, мафҳуми зебоипарастӣ, тарбияи зебоипарастӣ, кӯдакон, фаъолият, нақш, мавқеъ, ҳис, волидон, тарбия, таълим.


## ЭСТЕТИЧЕСКОЕ ВОСПИТАНИЕ ДЕТЕЙ – ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ


В данной статье представлена обширная информация о понятии эстетики, эстетическом воспитании – проблемы и перспективы в данном направлении. Автор заявляет о том, что одним из аспектов самопознания и любовь к родине и нации является эстетическое чувство. Очень важно развивать это чувство у детей с самого детства. В статье приведено видение автора о данной проблеме.. Вся общество, особенно родители и школа ответственны в развитии эстетического чувства детей. Автор считает чувство оптимизма, чистоты и порядочности детей как важные частицы эстетического воспитания. Все это наши дети наблюдают и исчерпывают от взаимоотношения родителей в семье, воспитании и обучении учителей в школе и поступков и поведения на улице и в общественных местах.Во время воспитания подрастающего поколения, особенно маленьких детей, старшим следуют обратить внимание на свою деятельность и быть примером подражания для них. Дети любят подражать и следовать за старшими и всерьез воспринимают их поведение. Воспитанные и опытные матери прикрепляют работы по дому детям и требуют от них выполнения работ. Дети, особенно девочки обязуются помогать матери по дому. В результате обучаются труду и уважают труд других людей.



**Ключевые слова:** проблемы, обеспокоенность, понятие эстетики, эстетическое воспитание, дети, деятельность, роль, позиция, чувства, родители, образование, обучение.


## AESTHETIC EDUCATION OF CHILDREN - PROBLEMS AND PROSPECTS


This article provides extensive information on the concept of aesthetics, aesthetic education - problems and prospects in this direction. The author states that one of the aspects of self-knowledge and love for the homeland and nation is an aesthetic feeling. It is very important to develop this feeling in children from childhood. The article presents the author's vision about this problem .. The whole society, especially parents and the school are responsible for the development of the aesthetic feeling of children. The author considers the sense of optimism, purity and decency of children as important particles of aesthetic education. All this our children observe and exhaust from the relationship of parents in the family, the upbringing and training of teachers at school and the behavior and behavior of the street and in public places. During the upbringing of the younger generation, especially young children, older ones should pay attention to their activities and be an example imitations for them. Children love to imitate and follow their elders and take their behavior seriously. Educated and experienced mothers attach housework to children and require them to do the work. Children, especially girls, are committed to helping their mother around the house. As a result, they learn work and respect the work of others.



**Keywords:** problems, concern, the concept of aesthetics, aesthetic education, children, activity, role, position, feelings, parents, education, training.

**Сведения об авторе:** ***Давлатова Джамигуль Сайфудиновна*** -Таджикский государственный институт языков им. Сотим Улугзаде, соискатель. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Мухаммадиева, 17/6.Телефон: **(+992) 904402333**, E-mail: **chamagul.davlatova@mail.ru**

***Information about the author:*** Davlatova Jamigul Saifudinovna-applicant of the Tajik State Institute of Languages. Named after satin Ulugzod., **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhammadiyev Street, 17/6. Phone: **(+992) 904402333**, e-mail: **chamagul.davlatova@mail.ru**

**УДК:371 (575.3)**

# ОСОБЕННОСТИ ВОСПИТАНИЯ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ И ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ У ШКОЛЬНИКОВ

***Абдурахмони Мухаммади***
**Кулябский государственный университет им.А.Рудаки**

Квалифицированная и экспериментальная работа в средних общеобразовательных школах Кулябского и Восейского районов Хатлонской области Республики Таджикистан (2018-2019) показала, что до сих пор в профессиональной компетентности учителей гражданского и патриотического воспитания учеников есть определенные недостатки. Сюда можно отнести незнание объектов обучения и современных методов обучения.

Серьезное беспокойство вызвано незнанием большинством учителей курсов «Основы государства и права», «Права человека», «Общество и Человек», «История» и т.д., т.е. общественных предметов, возможностей педагогики сотрудничества, отвечающих требованиям демократического государства и общества.

Так например, в разъяснениях к программе обучения 2002 по курсу «История таджикского народа» потребность изучения истории таджиков состоит в следующей цели: «Цель обучения истории таджиков в средних школах Республики Таджикистан перспектива образования и исторического сознания, образование чувства патриотизма, гуманности и обучения учеников для независимой жизни состоит в формировании знакомства учеников с историей таджиков» [10,с. 3]. Цели обучения истории таджиков согласно этой версии программы не изменились: они точно без изменений скопированы с предыдущего варианта [10, с. 3].

В 1992 – 2000гг. предмет «Человек и общества» изучался в 8 – 11 классах на основе разработанной группой ученых программы: Т.Н. Зиёв (руководитель), М. Музаффар, С. Мирзоева, А. Сатторзода, Х. Умаров. [11]. По этой дисциплине было определено только 136 часов. В каждом классе в течение 34 часов в учебном году и по 1 часу за неделю.

Теоретические исследования, изучение и анализ опыта школьного гражданского и патриотического воспитания, также результаты квалифицированной и экспериментальной работы в средних общеобразовательных школах, анализ и обобщение большого объема источников материалов позволили сделать ряд предложений.

Во время советской власти из-за идеологических оснований содержания гражданского и патриотического воспитания, в образовании особое значение придавалось целям и проблемам коммунистического образования, проблеме индивидуального подхода и национального компонента в данном направлении. Интересы личности были подчинены интересам идеологии доминирования, но не свободе активной и суверенной личности, как это принято в цивилизованном обществе. Также необходимо отметить то, что в гражданском и патриотическом воспитании в гражданском обществе в воспитании школьников требуется подход, проистекающий из природы данного общества интересов государства общества и личности гражданина.

Основные средства гражданского и патриотического воспитания учеников школы - государство, общество, семья, школа, учитель, наставники. В данное воспитание каждый из них делает конкретный вклад. В ходе гражданского и патриотического воспитания указанные средства, взаимодействующие друг с другом, формируют личные качества молодого гражданина.

Гражданское и патриотическое воспитание учеников школы - фактор исторический, правовой, социальный, моральный, духовный, психологический, педагогический и формирующийся. Гражданское и патриотическое воспитание и образование учащейся молодежи в средних общеобразовательных школах основаны на них.

По сущности человек должен быть социально активен, и следовательно, данная деятельность должна быть направлена к формированию его личности как настоящего

гражданина, обладающего правовой культурой и патриотическими качествами. Образование учеников школы, особенно старших, должно быть направлено к формированию их личных качеств - ответственность, независимость, критическое мышление, гражданская активность, правовое сознание, патриот Родины, собственное представление о действительности, терпимости, здоровом образе жизни, выборе курса жизни и других качеств. Личные качества гражданина сформируются в ходе его энергичной познавательной деятельности и эффективного педагогического руководства учителя. В ходе изучения курсов «Основы государства и права», «Права человека», «Общество и Человек», «История», как темы в учебно-образовательных планах:

1. Получение идеи гражданской сознательности, правового сознания, прав человека, патриотических качеств, эволюционного процесса законодательства в различные периоды истории человечества.

2. Понимание сущности гражданского сознания, прав и законов, патриотизма, различия законов и норм, отношения между правом и нравами, основным законом и другими законами государства.

3. Приобретение конституционных (государственных) правовых норм, приблизительно включая политическую систему государства, конституционные права, свободы и обязанности человека и гражданина, стиля работы правоохранительных органов.

4. Знание полезности гражданского сознания, гражданской активности, патриотизма и любви к стране, государству и государственности, отраслям права.

5. Приобретение знания по политической системе государства, его экономической и социальной системе.

6. В ходе изучения международных документов - соглашения, действия, декларации, контракты и т.д. - обогащение знаний и навыков по международному праву.

7. Получение идеи национальных и международных механизмов защиты прав и свобод гражданина, универсальных ценностей.

8. Овладение знаниями и навыками, чтобы подвергнуть анализу национальные правовые нормы с правилами международного права, различиями между ними и их общими чертами, статусом международного права в национальном законодательстве Республики Таджикистан.

Все они продуманы для дисциплин и механизмов, посредством которых передаются любые образовательные компоненты, направленные на гражданское и патриотическое воспитание и образование учеников школ.

В концептуальном плане гражданское и патриотическое воспитание - процесс и результат передачи знания и способностей ученикам школы, формирование ценностных ориентаций, взглядов и качеств личности, складывающихся на основе обычных и неофициальных отношений и подходов к обучению и образованию для национализации личности. Гражданское и патриотическое воспитание - главная цель образования на данной стадии формирования и развития гражданского общества в Республике Таджикистан. Все это достигается в ходе образовательной деятельности учеников и педагогической деятельности учителей.

Исследование показало, что для гражданского общества гражданское и патриотическое воспитание учеников школы должно состоять из следующих компонентов и элементов: идеологическое воспитание, национальное воспитание, воспитание национального самосознания, воспитание самопознания, воспитание человечности, духовное воспитание, воспитание интеллектуальных качеств, моральное воспитание, воспитание чести и достоинства, воспитание жалости и сострадания, воспитание культуры коммуникации, воспитание сдержанности, воспитание терпимости, воспитание обязательства, гражданской деятельности, воспитание правовой культуры, воспитание политической культуры, воспитание патриотических качеств, воспитание эстетической культуры, воспитание усердия и выбор профессии, экономическое воспитание, экологическое воспитание физкультуры, воспитание здорового образа жизни, воспитание критического мышления, воспитание чувства ответственности, воспитание социальной ориентации. Каждый из них играет роль в формировании гражданских и патриотических качеств учеников школы.

У гражданского и патриотического воспитания учеников школы есть дидактические особенности. Они состоят в следующих элементах: - сначала, в получении учениками знания, навыков социальной ориентации; - во-вторых, гражданское и патриотическое воспитание учеников школы в условиях обучения той или иной специальности; - в-третьих, роль предметов «Основы права и государства», «Общество и Человек», «Права человека», «История» в предоставлении материала к компонентам гражданского и патриотического воспитания; -

в-четвертых, профессиональное и личное самоопределение учеников школы; - в-пятых, дидактические различия гражданского и патриотического воспитания старшеклассников; - в-шестых, роль учителя в гражданском и патриотическом воспитании учеников школы по формированию гражданского сознания, гражданской позиции, правовой культуры и сознания, прав человека, патриотических качеств.

Знания и навыки для гражданского и патриотического воспитания учеников школы по структуре неоднородны. В конкретных предметах уроков курсов «Основы государства и права», «Общество и Человек», «Права человека», «История» в некоторой степени есть знания объективной истории, политических прав, гражданских прав, международного права, законодательства и источников изучения правовых знаний, интегрированное знание, междисциплинарное знание и местное знание истории. У каждой из названных групп знания есть структура. Например, в знании политических прав значительную роль играет участие в политической жизни общества, право объединяться в социальные и политические организации, право участвовать во встречах, установленных законом, право на свободу слова, прессу, использование СМИ, право адресовать к государственным органам свои мнения и пожелания. В знании социальных прав для жизнедеятельности, гарантии судебной защиты, права на защищенность людей, право на секретную корреспонденцию и сообщения, право на свободное перемещение, право на знакомство с документами относительно прав и интересов гражданина, право в определении отношения к религии, право собственности и наследования, право для создания семьи, право работать и право на выбор профессии, право на жилье, право на защиту здоровья, право на гарантию социального обеспечения, право на участие в культурной жизни и использование достижений культуры и право на образование.

Главная роль в гражданском и патриотическом воспитании и образовании учеников школы принадлежит учителям указанных предметов. От них требуется профессиональная компетентность. Они, в свою очередь, обязаны знать стандартные основы и особенности гражданского общества, юриспруденции, государственных юридических документов, реальных прав и свобод в обществе, активные методы обучения, быть в состоянии объединить такие пути и приемы размышления, при котором полное понимание прав и свободы человека обеспечены, чтобы интерпретировать фактическое, исходное исследование и местный материал истории, развивая собственное отношение и отношение учеников школы к действительности на данной основе, запланировать и понять обучение и образовательный процесс, в котором заключается гражданское и патриотическое воспитание учеников школы.

В условиях демократизации и гуманизации процесса образования и обучения учеников гражданской позиции, юридической культуре и правому сознанию, правам человека и патриотизму большая значимость принадлежит педагогике сотрудничества. Учитель и ученики школы в достижении цели урока - партнеры и коллеги. проверка средних общеобразовательных школ относительно методов обучения показало, что до сих пор большинство учителей не может использовать методы данной педагогики. Между учителями и учениками школы существуют не скоординированные действия неприемлемые для учащейся молодежи. Все типы и методы работы на уроках налажены педагогом. Большинство ответов на анкеты подтверждают данные выводы.

Невозможно достигнуть эффективности в гражданском и патриотическом воспитании учеников школы только посредством пересказа предмета, также руководства и наставления учителя. Эффективность и продуктивность данной работы во многих отношениях обеспечивается в случае, если учителю удается организовать мотивацию изучения предмета и на данной основе организовать эффективную активизацию познавательной деятельности учеников школы в течение урока и на каждом уроке.

Дидактические основы для активизации информативной деятельности учеников школы достаточно разработаны, чтобы улучшить качество их гражданского и патриотического воспитания на уроках по основам гражданского сознания и гражданской активности, правовой культуры прав человека и патриотических качеств. В указанном ряду определенное место отводится разыгрыванию ролей и деловым играм, также информативным задачам. Данные средства связаны с действием учеников школы даже в ситуации с игрой или в ходе ответа на информативные задачи. Помимо этого, разыгрывание ролей, ситуативные игры и информативные задачи вовлекает учеников школы в социально-экономические роли. Они дают шанс ученикам школы чувствовать себя в реальных ситуациях где необходимо использовать выбор.

Необходимо установить также то, что инновационное обучение гражданской активности, правовой сознательности и патриотизма выраженных в системе работы учителя, позволяющего достигнуть наиболее качественно и в установленный срок необходимый результат и эффект. Инновационное обучение очень продуктивно и эффективно в средних общеобразовательных школах. Однако это нашло место в больше школах нового типа сегодня. Среди инновационных методов доминирующую позицию имеют активные и интерактивные методы, формы выполнения уроков курсов «Основы государства и права», «Общество и Человек», «Права человека», «История».

Большую роль в плодотворном гражданском и патриотическом воспитании и образовании учащейся молодежи играет правильный выбор типа урока, потому что каждый предмет и проблема образования могут быть выполнены возможностями конкретного типа уроков. Игнорирование данного требования превращает урок в формальное времяпрепровождение учителя и учеников школы. Типов уроков образования гражданского сознания, правовой активности и патриотизма больше чем шестьдесят. Учителям нужен необходимый уровень опыта и педагогического умения, чтобы они для каждой темы урока выбрали тип, отвечающий на обслуживание предмета, цели и проблему урока. Только данным путем можно достигнуть необходимого педагогического результата и эффекта.

По результатам исследования целесообразно сделать следующие выводы и предложения:

- Новый подход к проблеме гражданского и патриотического воспитания и образования учеников школы необходим как краеугольный камень гуманистических, национальных и универсальных ценностей.

- Содержание гражданского и патриотического воспитания и образования на уроках и внеучебных мероприятиях должно ответить на цели и проблемы формирования настоящего гражданина, правовой культуры и патриотических качеств учеников.

- От учителя курсов «Основы государства и права»», «Общество и Человек», «Права человека», «История» требуется знание не только юриспруденции, права и свободы человека и гражданина, но также и всех компонентов гражданского и патриотического воспитания, также способности работать гармонично с данным знанием в ходе гражданского и патриотического воспитания учеников школы.

- Уроком нужно управлять, в первую очередь, энергичной познавательной деятельностью учеников школы. Для достижения данной цели должны использоваться различные дидактические средства, включая активные формы обучения и педагогики сотрудничества.

- На уроках необходимо учитывать особенности возраста учащихся, дисциплини и побуждение обучению учеников. На уроке они должны быть сосредоточены на том, с чем ученики школы могут столкнуться в общественной жизни.

- Целесообразно организовать курсы переквалификации и профессионального развития для всех учителей и методологов средних школ республики, потому что у большинства из них слабое знание предмета, его частной дидактики и техники.

- Планы уроков учителей новых предметов должны быть составлены согласно современным требованиям к уроку в средней школе. Они принимают во внимание типологию уроков по целям и проблемам предмета и должны состоять из переходящих составных ссылок и элементов приблизительно: тема урока, цель урока, проблема урока, представления и источники нового предмета, тип урока, программа урока, содержащие конкретную работу учителя и ученика школы по новому предмету.

- При этом обучение учителей «Основ государства и права», «Общества и человек», «Права человека», «Истории» в педагогических высших учебных заведениях республики не может удовлетворить требования современной средней школы. Следовательно, есть насущная необходимость высших учебных заведений или учреждений в подготовке компетентных педагогических кадров по данным предметам.

Внедрение указанных предложений и рекомендаций позволит поднять качество гражданского и патриотического воспитания учеников школы, следовательно, улучшить их подготовку к независимой жизни.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Абрамян Т.М. Подготовка будущего учителя к гражданскому воспитанию подростков: АКД /М.Абрамян. - М., 1991. - 22 с.
2. Алиев А.Х. Традиции обучения и воспитания предков-таджиков в контексте современных проблем образования (на материалах арийской цивилизации) АКД /А.Х.Алиев. - Д., 2012. -28 с.
3. Аманбаева Л.И. К постановке проблемы гражданского воспитания //Народное образование Якутии /Л.И.Аманбаева. - 1999. - № 3.

4. Банникова Л.В. Воспитание гражданственности у учащихся 6-8 классов в учебной и внеклассной деятельности: на опыте преподавания иностранного языка АКД /Л.В.Банников. - М., 2005. - 21 с.
5. Бозоров О. Патриотическое воспитание младших школьников на материале детской таджикской художественной литературы в системе урочной и внеурочной работы. АКД /О.Бозоров. -Д., 1993. -22с.
6. Дадобоева М. А. Педагогические условия подготовки будущих учителей к творческой деятельности в школе. АКД /М.А.Дадобоева. - Душанбе, 2010. - 21 с.
7. Консепсияи миллии маълумоти Љумњурии Тољикистон (Матн) (Национальная концепция образования в РТ). Известия Министерства образования РТ. –Душанбе, 2003.
8. Консепсияи миллии тарбия (Матн) (Национальная концепция воспитания в РТ); Ќарори ЉТ аз 3 марти соли 2006. - Душанбе, 2006. -№ 44. - 24 с.
9. Консепсияи миллии тарбия дар Љумњурии Тољикистон //Омўзгор. - № 44. 03.11.2006.
10. Программа истории таджикского народа. Для 5 – 11-х классов. Составители: Зиёев Т.Н., Якубов Ю. –Душанбе: Матбуот , 2002. -48 ч.
11. Программа истории таджикского народа для 5 – 11 классов общеобразовательных школ. Составители: Зиёев Т.Н., Якубов Ю. и другие. –Душанбе: Министерство образования, 2008. -64 с.
12. Программа курса "Человек и общество". Для 8 – 11 классов общеобразовательных школ Таджикистана. Составители: Зиёев Т.Н., Музаффар М., Мирзоев С., Умаров Х. –Душанбе: Министерство образования, 1992. -48 с.
13. Тарбияи худшиносї ва ифтихори миллї. -Душанбе: ИТИП, 199. – 136 с.

## ВИЖАГИҲОИ ТАРБИЯИ АРЗИШҲОИ УМУМИБАШАРӢ ВА ДЕМОКРАТӢ ДАР ХОНАНДАГОН

Муаллифи мақола вижагиҳои арзишҳои умумибашарӣ ва демократиро дар мисоли тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастӣ дар хонандагон дар низоми муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа бо дарназардошти ташкил ва гузаронидани корҳои назариявӣ-методологӣ ва озмоишӣ-таҷрибавӣ дар ш. Кӯлоб ва ноҳияи Восеи вилояти Хатлон мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳамчунин, бинишу дидгоҳи нав дар алоқамандӣ бо волидайн, мактаб ва ҷомеа аз рӯйи тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин дар заминаи методика ва технологияи нав барои насли наврас ба роҳ мондааст. Бо мақсади беҳтар намудани вазъу ҳолати раванди тарбияи шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ ва ватанпарастии муҳассилин дар низоми муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонии ҶТ тавассути муҳаққиқ якчанд пешниҳоду тавсияҳо ироа гаштаанд. Муаллифи мақола аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқот ба чунин хулосаҳо расидааст: бархӯрди нав нисбати проблемаи тарбияи шаҳрвандӣ ва ватанпарастӣ ва таҳсилоти муҳассилин дар мактаб, ҳамчун маҳаку меъёри асосии арзишҳои башардӯстона, миллӣ ва ҷомеӣ зарур аст; мазмуну муҳтавои тарбияи шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ва таҳсилот дар дарсҳо ва чорабиниҳои ғайридарсӣ бояд ба мақсад ва проблемаҳои ташаккули шаҳрванди ҳақиқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва сифатҳои ватандӯстӣ ҷавобгӯ бошанд; аз омӯзгори курсҳои «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ», «Ҷомеа ва инсон», «Ҳуқуқҳои инсон», «Таърих» на фақат донишҳои юридикӣ, ҳуқуқӣ ва оид ба озодиҳои инсон ва шаҳрванд талаб карда мешавад, балки тамоми ҷузъу унсурҳои тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳуқуқӣ, ватанпарастӣ, қобилиятҳои ба тариқи мутавозин кору фаъолият намудан бо донишҳои мавҷуда зимни тарбияи шаҳрвандӣ ва ватанпарастӣ барои муҳассилин заруранд; дарс бояд идора карда шавад, дар навбати аввал, тавассути фаъолияти идрокию зеҳнии худи муҳассилини мактаб; дар дарсҳо бояд вижагиҳои синнусолии муҳассилин, предмет ва ангезаҳои таълимии хонандагон ба эътибор гирифта шаванд. Дар ҳамин нуктаю ҳолати дарс бояд таваҷҷуҳ мутамарказ ба он карда шавад, ки муҳассилини мактаб метавонанд бо онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ рӯ ба рӯ гарданд. Вориднамоии ин ва дигар пешниҳодҳо ва тавсияҳо имкон медиҳанд сифати тарбияи шаҳрвандӣ ва ватанпарастии муҳассилини мактаб беҳтар гардонида шавад, биноан, онҳо барои ҳаёти мустақилона беҳтар омода карда мешаванд.

**Калидвожаҳо:** тарбияи шаҳрвандӣ, ҳуқуқӣ ва ватанпарпастӣ, демократия, ҷомеаи шаҳрвандӣ, усулҳо, методҳо, назария, амалия, мақсад, вазифаҳо, ғояҳо, шароитҳо, волидайн, мактаб, вижагиҳо, натиҷаҳо, таҷриба, озмоиш, технологияи нав, беҳбудӣ, самаранокӣ, натиҷанокӣ, ташаккул.

## ОСОБЕННОСТИ ВОСПИТАНИЯ ОБЩЕЧЕЛОВЕЧЕСКИХ И ДЕМОКРАТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ У ШКОЛЬНИКОВ

Автором статьи рассматриваются особенности гражданско-правого и патриотического воспитания школьников в системе общеобразовательных школ на нынешнем этапе развития общества с учетом организованных и проведенных с 2001 по 2013 гг. на примере школ г. Куляба и Фархорского района Хатлонской области теоретико-методологических и опытно-экспериментальных работ. Также выдвигаются новые видения во взаимосвязи родителей, школы и общества в плане гражданского, правового и патриотического воспитания детей школьного возраста на основе новой методики и технологии гражданского, правового и патриотического воспитания подрастающего поколения. С целью улучшения состояния процесса гражданско-правового и патриотического воспитания учащихся в системе общеобразовательных школ РТ исследователем сделаны ряд ценных предложений и рекомендаций. Автор статьи по результатам исследования считает целесообразным сделать следующие выводы и предложения:- Новый подход к проблеме гражданского и патриотического воспитания и образования учеников школы необходим как краеугольный камень гуманистических, национальных и универсальных ценностей. - Содержание гражданского и патриотического воспитания и образования на уроках и внеучебных мероприятиях должно ответить на цели и проблемы формирования настоящего гражданина, правовой культуры и патриотических качеств учеников. - От учителя курсов «Основы государства и права»», «Общество и Человек», «Права человека», «История» требуется знание не только юриспруденции, права и свободы человека и гражданина, но также и всех компонентов гражданского и патриотического воспитания, способности работать гармонично с данным знанием в ходе гражданского и патриотического воспитания учеников школы. - Уроком нужно управлять, в первую очередь, энергичной познавательной деятельностью учеников школы. - На уроках необходимо учитывать особенности возраста учащихся, дисциплины и побуждения к обучению учеников. Уроки должны быть сосредоточены на том, с чем ученики школы могут столкнуться в общественной жизни. Внедрение

указанных и других предложений и рекомендаций позволит увеличить качество гражданского и патриотического воспитания учеников школы, следовательно, улучшить их подготовку к независимой жизни.

**Ключевые слова:** гражданское, правовое, патриотическое воспитание, демократия, гражданское общество, принципы, методы, теория, практика, цель, задачи, идеи, условия, родители, школа, особенности, результаты, опыт, эксперимент, новая технология, улучшение, эффективность, результативность, цель, становление.

**FEATURES OF EDUCATION OF UNIVERSAL AND DEMOCRATIC VALUES AMONG SCHOOLCHILDREN**

The author of the article considers the features of civil-law and patriotic education of schoolchildren in the system of secondary schools at the current stage of development of society, taking into account the organized and conducted from 2001 to 2013 on the example of the schools of Kulob and Farkhor district of the Khatlon region theoretical, methodological and experimental work. New visions are also being put forward in the relationship of parents, schools and society in terms of civil, legal and patriotic education of school-age children based on the new methods and technology of civil, legal and patriotic education of the younger generation. In order to improve the state of the process of civil-law and patriotic education of students in the system of secondary schools of the Republic of Tajikistan, the researcher made a number of valuable suggestions and recommendations.The author of the article on the results of the study considers it appropriate to draw the following conclusions and suggestions: - A new approach to the problem of civil and patriotic education and education of school students is necessary as the cornerstone of humanistic, national and universal values. - The content of civil and patriotic education and education in the classroom and extracurricular activities should respond to the goals and problems of the formation of a real citizen, legal culture and the patriotic qualities of students. - The teacher of the course "Fundamentals of State and Law", "Society and Man", "Human Rights", "History" requires knowledge not only of the jurisprudence, rights and freedoms of a person and citizen, but also of all components of civil and patriotic education, ability to work harmoniously with this knowledge in the course of civil and patriotic education of school students. - The lesson needs to be managed, first of all, by the vigorous cognitive activity of school students. - The lessons must take into account the peculiarities of the age of students, the disciplines and the motivations of student learning. In this position, the lessons should be focused on what pupils of the school may encounter in public life. The implementation of these and other suggestions and recommendations will increase the quality of civil and patriotic education of school students, therefore, their better preparation for independent living.

**keywords** : civil , legal , patriotic education , democracy , civil society , principles, methods, theory , practice, purpose, objectives , ideas , terms , parents , school , features , results, experience , experiment, new technology , improvement, efficiency, effectiveness, target formation.

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмони Мухаммади*** -Кулябский государственный университет им. А.Рудаки, преподаватель кафедры начального обучения. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Телефон: **987672777**

**Information about the author:** ***Abdurahmoni Muhammadi*** - Kulob state university of A. Rudaki, is a teacher of department of elementary education. **Address**: 735360, RT, Kulob, S. Safarova-16 St. Phone: **987672777**

**УДК:372.82: 347 .6 (575.3)**

# ҲУҚУҚИ АТФОЛИ ЯТИМ ДАР ИСЛОМ

***Шоҳпирай Атҳар***
**Донишгоҳи Балх, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Ислом барои ятимон ҷойгоҳи хос қоил буда, ки Худованди мутаол дар чандин ҷойи Қуръони карим аз ятимон ном бурда ва риояти ҳуқуқ ва сулуки нек дар муқобили онҳоро таъкид намудааст.Қароре, ки аз сирраи Набии карим (с) низ маълум аст, ки худ тифли ятиме буд, ки қабл аз таваллуд падараш вафот намуд ва дар синни шашсолагӣ модарро аз даст дод ва дар синни ҳаштсолагӣ аз ҷаддаш Абдулмуталиб ҷудо шуд. Ва баъд ба кафолати Абутолиб қарор гирифт.

Бале, атфоли ятим дар ислом ҷойгоҳи рафеъ ва ҳуқуқи хосе доранд аз ин рӯ дар 22 ҷойи Қуръони карим мустақиман аз ятим ёдоварӣ шудааст [8, 963]. Ва дар аҳодиси набавӣ ва ривоёти исломӣ дар мавриди парасторӣ ва мувозиб аз ятимон хеле таъкид шудааст. Чунки мавҷудияти ятимон дар ҷомеаи башарӣ падидаи ҳатмӣ ва иҷтинобнопазир аст. Бинобар ҳаводиси ногувори табиӣ чун зилзила, селобҳо, оташсӯзиҳо ва ҷангҳои хонумонсӯз ва болохира марги табиӣ, ки натиҷаи он бозмондани атфоли ятим ва бесарпараст дар ҷомеа мебошад.

Худованди мутаол бандагони худро бо мавҷудияти чунин як қишри заифи ҷомеа мавриди озмоиш қарор медиҳад, то мутеъ ба амри Худо, аз осӣ ва нофармон фарқ шавад ва ниҳоятан ҳар кадом подоши амали худро дарёфт намоянд. Худованди мутаол мефармояд: «Ва баъзе аз шуморо василаи имтиҳони баъзеи дигар қарор додем, оё сабр ва шикебоӣ мекунед (ва аз уҳдаи имтиҳон бармеоед)?!». Ва Парвардигори ту ҳамвора басир ва бино будааст. Ҳоло масъулини умур дар муқобили ин атфоли бесарпараст чӣ гуна амал менамоянд, оё давлати мавҷуд, аз чунин ятимон мувозибат намуда, эшонро таҳти ҳимоят қарор медиҳад ва ё ба боди фаромӯшӣ месупорад. Дар таълимоти Расули Аллоҳ (с) дар

заминаи риояти ҳуқуқи ҳама табақоти ҷомеа, бавежа ба риояти ҳуқуқи мустазаъфон, ниёзмандон, ятимон, бевахо, ғарибон, масокин ва мазлумон таъкид шудааст.

***Ҳуқуқи атфоли ятим дар ислом.*** Ятим дар истилоҳи шаръӣ ба он тифле гуфта мешавад, ки падараш фавт кунад ва ятим ба он писар ё духтаре гуфта мешавад, ки ба синни булуғ нарасида бошанд [13, 227]. Ва дар ҳангоми булуғ ба ӯ ятим намегӯянд, чунонки дар ҳадиси шариф ба сароҳат омадааст: «аз Алӣ (р) ривоят аст, ки гуфт: Аз Расули Аллоҳ (с) ба ёд дорам, ки мефармуд: «Ятимон пас аз эҳтилом ва булуғ ятим ба шумор намераванд ва ҳамчунон дар ҳайвонот ятим ба ҳайвоне мегӯянд, ки модараш бимирад» [3, 57].

***Авомили пайдоиши ятим дар ҷомеа.*** Дар як ҷомеа бар асари вуқӯи ҳаводиси гуногун, чун ҷангҳо, ҳаводиси табиӣ ва билохира марги табиӣ, атфол падар ва модарашонро аз даст медиҳанд ва дар таҳти кафолати амак, падаркалон ва ё модаркалон қарор мегиранд ва гоҳе ҳам эшонро низ аз даст медиҳанд, тавре ки сирраи набавӣ шоҳиди чунин муддао аст. Билохира, атфоли ятим ба ҳайси як қишри заифи ҷомеа арзи вуҷуд мекунанд, аксари онҳо ба мушкилоти шадиде мувоҷеҳ мешаванд ва ба шахси парасторе, ки ба онҳо илтифот ва атфи таваҷҷуҳ намоянд, зарурат эҳсос менамоянд ва ба шахси меҳрубону дилсӯз ва ғамхор зарурат доранд, ва шахсе, ки ба онҳо хушӣ ва лабханде эҷод ва эъто намояд ва молу нафақа, маскан дода битавонад ва сухани неку бараяш гуфта битавонад, зарурат доранд. Ҳамон тавр дар сурати доштани мол ба шахси амин зарурат доранд, ки моли онҳоро ҳифозат намояд ва онҳоро дар сағорат тарбия намуда ва ба самар бирасонанд, кӯдакони ятим ба меҳру муҳаббат бисёр ниёз доранд ва меҳрубонӣ ба онон метавонад то андозае, ғами ҷонкоҳи аз даст додани волидайнро ҷуброн кунад. Аз ин рӯ, ислом тавсия мекунад, ки мусулмонон чӣ тавр муҳаббат ва меҳрубониро бар сари онон бигустаронанд ва ончиро, ки барои фарзандони худ муҳайё мекунанд, барои онон низ фароҳам оваранд. Бетардид, касоне, ки ба ин вазифаи инсонӣ бетаваҷҷуҳ ва бепарво бошанд, ё мояи озор ва азияти онон шаванд, ба хашми Парвардигор дучор хоҳанд шуд. Ислом ҳамеша парасторӣ ва мувозибат аз атфоли ятимонро сарлавҳаи кори хеш қарор медиҳад, Худованд мефармояд: «Ҳол, ки чунин аст, ятимро таҳқир макун».

Ҳамчунин ба ин ҳадиси Расули акрам (с) таваҷҷуҳ намоед: «Беҳтарин хонаи мусулмон он аст, ки дар он ятими бошад ва бо ӯ бо муҳаббат ва сулуки нек бархӯрд шавад ва бадтарин хона он аст, ки дар он бо ятиме бархӯрди номуносиб анҷом гирад».

Қонуни асосии кишвар дар моддаи 53 ба давлат чунин як вазифае супурдааст: «Давлат ба манзури хадамоти тиббӣ ва мусоидати молӣ барои бозмондагони шуҳадо ва мафқудин ва барои бозтавони маълулин ва маъюбин ва саҳмгирии фаъоли онон дар ҷомеа, мутобиқи аҳкоми қонун, тадобири лозим иттихоз менамояд».

***Ҳуқуқи ятим дар ислом.*** Шариати исломӣ ба умури мувозибат аз ятимон ва касоне, ки дар ҳукми ятимон ҳастанд, монанди атфоли аз кӯча ва гузар ёфташуда ва маҷҳулулнасаб эҳтимом намуда ва ононро дар партави инояти хеш қарор дода ва ба онон ҳуқуқи вофире, ки заминаи зиндагии обрӯманди тавъам бо оромиши рӯҳӣ ва иҷтимоӣ муҳайё месозад. Акнун бахше аз ҳуқуқеро, ки ислом ба таври омм барои атфол ва ба таври хос барои ятимон ва касоне,ка дар ҳукми ятимонанд, замонат намудааст, тақдим менамоем:

1. ***Ҳаққи зиндагӣ.*** Ин ҳақ аз ҷумлаи боризтарин ҳуқуқе аст, ки шариати исломӣ онро барои атфол тазмин намудааст, дар ҳоле ки аҳли даврони ҷоҳилият духтаронро ба хотири нангу ор, тарси фақр ва тангдастӣ зинда ба гӯр мекарданд, пас ислом ин равиши ҷоҳилии ёдшударо ба таври қотеона ва ҷиддӣ таҳрим намуд.

Худованди мутаол мефармояд: «Ва фарзандонатонро аз тарси фақр, накушед! Мо онҳо ва шуморо рӯзӣ медиҳем; Мусалламан куштани онҳо гуноҳи бузурге аст!».

Бузургтарин гуноҳ назди Худованд чист? Паёмбар (с) фармуд: «Шарик қарор додан бо Худо, дар ҳоле ки туро офаридааст". Гуфтам: Ин гуноҳи бузурге аст, баъд аз он чист? Фармуд: «Куштани фарзандонат аз тарси фақр ва гуруснагӣ…».

Бо ин тавҷеҳот ислом ҳаққи собитеро барои атфол, ки ҳамоно ҳаққи зиндагӣ аст, таъйин намуд ва бар ҳадар додани ин ҳақ ба ҳар шакле аз ашкол бошад, ҳалол нест, алалхсус барои атфоли ятим ва сарироҳӣ ва барои атфоли маҷҳулулнасаб гуноҳи бузург аст.

2. ***Ҳаққи насаб.*** Дини муқаддаси ислом бозӣ бо ансоби атфол ва кӯшиши интисоби атфол ба ғайри падарашро ҳаром қарор додааст. Мутахаллифинро ба азоби сахт таҳдид намуда ва ҳушдор додааст.

Шариати исломӣ баъд аз он ки ҳаққи ҳаётро барои атфол тазмин намуд, баъдан барои исботи ҳаққи насаб барои ӯ низ саъйи балеғ ба амал овард, то ки насаби тифл дар маърази ҷаҳолат қарор нагирад, вагарна ҳуқуқи дигари тифл низ, монанди нафақа ва миръот бар ҳадар меравад.

Худои мутаол дар ин маврид чунин мефармояд: «Онҳоро ба номи падаронашон бихонед, ки ин кор назди Худо одилонатар аст; Ва агар падаронашонро намешиносед, онҳо бародарони динӣ ва молии шумо ҳастанд».

3. ***Ҳаққи ширхорӣ ва инфоқ***. Ятимони ширхор аз ҷумлаи аввалин чизе, ки зарурат доранд, ширдиҳӣ тавассути модараш ё хонуми дигаре, ки бучаи эҳсони шир дода ва навозиш намуда битавонад, мебошад. Худованди мутаол мефармояд: «Модарон, фарзандони худро ду соли тамом шир медиҳанд».

Дар асл ҳуқуқи тифл болои волидайнашон буда, баъдан болои ақориб ва баъдан болои мусалламин, ки кумакҳои билоиваз менамоянд. Агар аз тоифаҳои мазкур ҳеҷ мавҷуд набошанд ва ё агар мавҷуд бошанд, лекин нисбати адами тавоноии иқтисодӣ аз инфоқ ва муроқибати ятимон ва таълим ва тарбияи онҳо оҷиз бошанд, он гоҳ давлати исломӣ шаръан мукаллаф ба иҷрои ин умур буда ва нафақаи онҳо ба дӯши байтулмол мебошад.

***4. Меҳрубонӣ ва навозиш*** – дуруштӣ накардан бо ятимон, ки андӯҳ ва ғаме ба онҳо оид нагардад. Дар асл меҳрубонӣ дар ҳар ҷо бо ҳар кас дар ҳар вақт писандида буда, хусусан бо атфоли ятим таъкид шудааст. Қаҳр ба маънои ғалаба ва тасаллути ҷабрӣ аст, манзур ин ки шумо ятимеро заиф ва ловорис қарор дода, чунон бар амвол ва ҳуқуқи ӯ мусаллат набошед, ки ҳаққ ӯ зоеъ гардад. Бинобар ин, Расул Худо (с) нисбат ба шафақат бо ятим таъкид менамуд ва аз бархӯрди дилшикастакунанда ва дилозорӣ бо онон ҷилавгирӣ мекард.

Худованди мутаол мефармояд: «Касоне, ки агар фарзандони нотавоне аз худ ба ёдгор бигузоранд, аз ояндаи онон метарсанд, бояд (аз ситам дар бораи ятимони мардум) битарсанд! Аз (мухолифати) Худо бипарҳезанд, ва сухане устувор бигӯянд» [4, 142].

Дар ислом омада: «Оё касе, ки рӯзи ҷазоро пайваста инкор мекунад дидӣ? Ӯ ҳамон касе аст, ки ятимро бо хушунат меронад, ва (дигаронро) ба итъоми мискин ташвиқ намекунад».

***5. Номгузории ятим***. Гузоштани номҳои машҳури динӣ ва исломӣ: Паёмбар (с), фармудааст: «Ба фарзандон номи хуб бигузоред, чунки онҳо дар рӯзи қиёмат ба ҳамон номҳо хоста мешаванд». Пас аз волидайн ва масъули атфол лозим аст, ки болои онҳо исми машрӯъ бигузоранд ва ин номгузорӣ пас аз таваллуд бедиранг анҷом пазирад ва ё ҳам дар рӯзи ҳафтуми вилодат ном гузошта шавад.

***6. Ҳуқуқи таълим ва тарбият***. Ба таълим, қироат ва китобати ятим таваҷҷуҳ шавад, мавқее, ки ба синни тамйиз мерасанд ва таълими асосоти дин, монанди таҳорат, намоз, ҳусни муомила ва рафтори хуб, ростӣ ва дурустӣ, амонатдорӣ, далерӣ ва диловарӣ ва карам, сухани нек гуфтан ва мавзӯоти ахлоқии дигар, ҳамчунон омӯзиши баъзе макосиб ва ҳирфаҳо, ки дар бузургӣ барояш муфид воқеъ шавад ва дар ғайри он шомил кардани он ба мактаби қобили итминон.

***7. Инфоқ барои ятим аз моли валӣ***. Агар ятим аз худ мол надошта бошад, дар ин сурат аҷри бузург барои валии ӯст. Расулаллоҳ (с) бо ишораи ду ангушт – саббоба ва миёна, ки қадре миёни онҳо фосила андохта буд, фармуд: «Ман ва сарпарасти ятим дар биҳишт ин гуна хоҳем буд» [14, 212.

***8. Ҳифозат аз моли ятим***. Агар ятим мол дошт, аз он ба сурати дуруст ҳифозат шавад. Пас аз баёни муроооти хешовандӣ ва таъкид дар адои ҳуқуқи он, дастур ба нигаҳдории ятимон ва ҷилавгирӣ аз ҳайф ва майл дар он дода шудааст, зеро қайим ва муроқиби ятим бештар хешовандон мебошанд. Аз ин рӯ, ин низ муртабит ба адои ҳаққи қаробат аст. Дар нахустин ҷумлаи фармудаи сураи «Нисо» ояи 2 омада, ки барои ятимон молҳояшонро бисупоред. Аз ин рӯ:

- Агар моли дар моликияти кӯдакони ятим ба сурати ирс расида бошад, пас нигаҳдории он монанди худи ятим бар уҳдаи қайим мебошад.
- Моли ӯро нумӯ диҳад ва дар ИЗДИЁДИ он кӯтоҳӣ нанамояд ва молашро зоеъ насозад ва аз он чизеро ба ситам нагирад, чунки дар ин маврид барои кассе, ки бемаврид ва ба ноҳақ аз моли ятим истифода менамояд.
- Ҷилавгирӣ аз харҷ намудани беҷойи моли ятим: чунонки маълум гардид, дар Қуръони карим ба ин амр раҳнамоӣ шудааст, ки амволи ятимонро то замоне ба онҳо таҳвил надиҳед, ки қадре таҷриба ва ҳушёрӣ касб намоянд ва зоҳир аст, ки барои он то

муддате интизор кашид. Чун дар ин сурат имкон дошт, аз тарафи авлиёи ятим чунин таҷовуз ва тааддӣ пеш биёяд, ки дар он зиёне бар ятимон ворид шавад. Дар ин ҷо авлиёи ятим аз ду чиз мамнуъ шудаанд: яке, аз исроф дар амволи ятимон, яъне харҷ кардан пеш аз ниёз; дувум, ин ки амволи ятимонро қабл аз таҳаққуқи ниёз ба ин хотир ба сурати шитобзадагӣ ба масраф мерасонанд, ки агар онҳо болиғ гарданд, бояд мол ба онҳо таҳвил дода шавад ва ихтиёр аз дасти мо гирифта мешавад [13,243].

- Адами таслими мол қабл аз булуғ: валии ятим молро қабл аз булуғ ба ӯ таҳвил надиҳад, зеро ӯ кӯдаки нодоне аст, мабодо онро зоеъ гардонад.
- Авлиёи ятимон дар мавриди ҳифз ва ҳиросат аз моли онҳо тақвои худовандиро пеша намоянд.
- Табдил накардани моли ятим бо моли дигар: яъне чизе хубро ивази чизи дигар нагиред. Баъзе чунин мекарданд, ки омори амволи ятимонро ёддошт мекарданд, аммо, агар дар он чизи хубе ба назарашон мерасид, онро худашон бармедоштанд ва чизи хароби худро ба ҷояш мегузоштанд. Аз ин рӯ, Қуръони карим ба сароҳат аз ин кор ҷилавгирӣ намуд ва дар айни мамнуъият, ҳамчунон ки гирифтани моли хуби ятим ва ба ҷо гузоштани моли ғайри истифодаи хеш дар он шомил аст, ҳамчунин анҷоми ин гуна муомилот бо дигарон, ки дар он зараре ба моли ятим мутаваҷҷеҳ шавад, мамнуъ аст.

***9. Имтиҳон кардани ятим*** дар мавриди дарки қудрат ва тавоноии тасарруф воҷиб аст дониста шавад, ки ӯ молашро тасарруф карда метавонад ё хайр? Дар ислом омада: «Ятимонро чун ба ҳадди булуғ бирасанд, биёзмоед! Агар дар онҳо рушд (кофӣ) ёфтед, амволшонро ба онҳо бидиҳед! Ва пеш аз он ки бузург шаванд, амволашонро аз рӯйи исроф нахӯред! Ҳар кас, ки бениёз аст, (аз бардошти ҳаққулзаҳма) худдорӣ кунад; Ва он кас, ки ниёзманд аст, ба тоаври шоиста (ва мутобиқи заҳмате, ки мекашад,) аз он бихӯрад. Ва ҳангоме, ки амволшонро ба онҳо бозмегардонед, шоҳид бигиред! Агарчи Худованд барои муҳосиба кофӣ аст».

Худованди субҳона ва таоло бо озмоиши ятимон амр фармудааст, ки ҳар гоҳ дар он маслиҳате дар дин ва ҳифзи амволашон бубинанд, дар он сурат васиҳои ятимон бояд амволашонро бидуни таъхир барояшон бидиҳанд ва барояшон лозим аст, ки онро беҷо харҷ накунанд ва дар сарфи он зиёдаравӣ нанамоянд.

*Гувоҳ гирифтан ба ҳангоми таҳвили мол.* Вақте ки баъд аз озмоиш хостед, ки амволи ятимонро таҳвил диҳед, чанд нафари мавриди эътимод ва некро гувоҳ бигиред, то ки дар оянда сурати ихтилоф ва низоъ пеш наёяд ва ёд дошта бошед, ки ҳар чиз дар муҳосиботи Худованд аст. Лозим аст, ки дар мавқеи таслими моли ятим бояд гувоҳ ва шоҳид бигирад, то дар оянда мушкил эҷод нагардад.

***10. Ҷилавгирӣ аз тазйеи ҳаққи ятимони духтар.*** Мурод аз ятим дар ин ҷо ятимони духтаранд ва дар истилоҳи шаръ, ятим ба он писар ё духтаре гуфта мешавад, ки ба синни булуғ нарасида бошанд.

Дар замони ҷоҳилият касоне, ки ятимони духтарро таҳти сарпарастии худ доштанд, пас бо духтароне, ки зебо ва сарватманд буданд, издивоҷ мекарданд ва ё онҳоро ба издивоҷи писарони худ дармеоварданд ва маҳрияи онҳоро мутобиқи дилхоҳи хеш кам таъйин мекарданд ва ҳар гуна, ки мехостанд, онҳоро нигаҳдорӣ мекарданд, зеро сарпараст ва муроқиби онҳо худи инҳо буданд ва падарони онҳо вуҷуд надоштанд, то аз ҳуқуқи онҳо дифоъ намоянд ва ба ҳангоми издивоҷ рифоҳи фалоҳи онҳоро мавриди назар қарор дода, барномарезии дурусте анҷом диҳанд. Дар Саҳеҳи Бухорӣ аз Оишаи сиддиқа (р) ривоят шудааст, ки дар замони он Ҳазрат (с) чунин воқеа иттифоқ афтод, ки духтари ятиме таҳти сарпарастии шахсе қарор дошт ва ӯ боғе дошт, ки ин духтари ятим дар он бо ӯ шарик буд. Ӯ бо ин духтари ятим издивоҷ намуд ва ба ҷойи ин ки ба ӯ маҳрия бипардозад, саҳми боғи ӯро низ тасарруф намуд. Бар ин воқеа ин оят нозил гардид: «Яъне, агар шумо эҳсоси хатар намудед, ки дар издивоҷ намудани худ шумо бо духтарони ятим инсофро риоят нахоҳед кард, балки ҳаққи онҳо зоеъ мешавад, пас занони дигар зиёд ҳастанд, ки бо занони ҳалол ва мавриди писанди худ издивоҷ кунед» [13, 227].

Дар ҳар сурат, дар ин оят дастур расидааст, ки ҳуқуқи издивоҷи ятимони духтар, дақиқан муроот шавад. Аммо ба ҷойи ин ки масъулияти иҷрои он бар уҳдаи давлат бошад, онро бар уҳдаи худи мардум гузошта ва онҳоро ба хавфи Худо ёдоварӣ намудааст, ки агар шумо эҳсоси хатар намудед, ки дар ҳаққи ятимони духтар бо беинсофӣ пеш меоед, пиндори издивоҷ бо онҳоро аз сар берун кунед ва бо занони дигар издивоҷ намоед.

Мавҷудияти ятимон дар як ҷомеа бар асари вуқӯи ҳаводиси гуногун, чун ҷангҳо, ҳаводиси табиӣ ва билохира марги табиӣ инкорнопазир буда, ятимон ба сарпараст зарурати ашаддӣ доранд, пас сарпарастон ба ҳифзи ҷон ва моли ятимони таҳти

сарпарастии худ масъул ҳастанд, ки таҷовуз бар амволи ятимон аз гуноҳони кабира аст, ки азоби ҷаҳаннамро барои инсон воҷиб месозад. [6,ҷ. 1, с.472].

Дар заминаи риояи шафқат ва меҳрубонӣ бар онҳо, монанди шафқат бар авлоди худ мукаллаф ва дар бораи таълиму тарбияти онҳо бикӯшанд ва ба онҳо макосиби лозимаро омӯзиш бидиҳанд, то бошад дар оянда мунҳайси афроди фаъол дар ҷомеа арзи вуҷуд намоянд. Худованди мутаол бандагони худро бо мавҷудияти чунин як қишри заифи ҷомеа мавриди озмоиш қарор медиҳад, то мутеи амри Худо аз осии нофармон фарқ шавад ва ниҳоятан ҳар кадом подоши амали худро дарёфт хоҳанд кард.

## А ДА Б И Ё Т


1. Қуръони карим.
2. بخاری محمد بن اسماعیل ابو عبدالله. [1989]. الادب المفرد. الناشر: دارالشائر الإسلامیه ، بیروت
3. بیهقی أحمد بن الحسین بن موسی أبوبکر.[1994]. سنن البیهقی. تحقیق: محمد عبدالقادر عطا. الناشر: مکتبة دارالباز مکۀ المکرمه.
4. خرم دل، مصطفی. [1379].تفسیر نور. نشر احسان. تهران.
5. Хуррамдил, Мустафо. Тафсири нур. – Теҳрон: Эҳсон, 1379.
6. صابونی، محمد علی . [1389] تفسیر آیات احکام صابونی. مترجم : فرزاد، پارسا. انتشارات کردستان. ایران
7. Собунӣ, Муҳаммад Алӣ. Тафсири оёти аҳкоми Собунӣ. Мутарҷим Фарзод, Порсо. Интишороти Курдистон, 1389.
8. طبری حمد بن جریر بن یزید بن کثیر بن غالب الاملی، أبوجعفر الطبری. [2000]. جامع البیان. المحقق: احمد محمد شاکر. الناشر: مؤسسۀ الرسالۀ الطبعۀ.
9. عبدالباقی محمد فواد. [1381]. المعجم المفهرس لالفاظ القرآن الکریم. منشورات ذوی القربی
10. Амид, Ҳасан. Фарҳанги форсии амид. – Теҳрон: Амир Кабир, 1384.
11. قاری علی بن سلطان بن محمد الهروی الحنفی. [ب.ت]. مرقاه المفاتیح شرح مشکاة المصابیح. المصدر: موقع المشکاة الإسلامیة.
12. Қонуни асосии Афғонистон. Ҷаридаи расмии №818. – 1382.
13. القرن، عائص بن عبدالله القرن. [ب.ت] رقم الدرس. کتابخانه شامله:
14. محمد شفیع. [1389] معارف القرآن. مترجم: محمد یوسف، حسین پور. مکتبة حقانیۀ. پشاور.
15. نووی امام زکریا یحی بن شرف. [1372]. ترجمۀ فارسی ریاض الصالحین. مترجم: عبدالله، خاموش هروی. شرکت پرینتگ. لاهور.


## ҲУҚУҚИ АТФОЛИ ЯТИМ ДАР ИСЛОМ


Ислом барои ятимон ҷойгоҳи хос қоил буда, ки Худованди мутаол дар чандин ҷойи Қуръони карим аз ятимон ном бурда ва риояти ҳуқуқ ва сулуки нек дар муқобили онҳоро таъкид намудааст.Қароре, ки аз сирраи Набии карим (с) низ маълум аст, ки худ тифли ятиме буд, ки қабл аз таваллуд падараш вафот намуд ва дар синни шашсолагӣ модарро аз даст дод ва дар синни ҳаштсолагӣ аз ҷаддаш Абдулмуталиб ҷудо шуд. Ва баъд ба кафолати Абутолиб қарор гирифт. Бале, атфоли ятим дар ислом ҷойгоҳи рафеъ ва ҳуқуқи хосе доранд. Ва дар аҳодиси набавӣ ва ривоёти исломӣ дар мавриди парасторӣ ва мувозиб аз ятимон хеле таъкид шудааст. Чунки мавҷудияти ятимон дар ҷомеаи башарӣ падидаи ҳатмӣ ва иҷтинобнопазир аст. Бинобар ҳаводиси ногувори табиӣ чун зилзила, селобҳо, оташсӯзиҳо ва ҷангҳои хонумонсӯз ва болохира марги табиӣ, ки натиҷаи он бозмондани атфоли ятим ва бесарпараст дар ҷомеа мебошад.



**Калидвожаҳо:**ислом, куръон, атфол, ҳуқуқи атфол дар ислом, атфоли ятим, ғамхорӣ нисбати атфоли ятим, корнамоиҳои накӯ.


## ПРАВА ДЕТЕЙ - СИРОТ В ИСЛАМЕ


В Коране говорится, что дети являются украшением этой жизни и продолжением своих родителей. Забота о детях и воспитание их честными и благородными людьми является тяжелой работой, требующей соответствующих знаний, терпения и самоотречения. Сирота занимает важное место в социальной политике ислама. Социальная защита сироты регулируется исламским правом, чтобы они не ощущали материальной нужды, подобно детям, которые имеют родных родителей. В исламе сиротой считается не достигший совершеннолетия ребёнок, лишившийся отца. Забота о сироте относится к наиважнейшим благим поступкам. Социальная защита сироты регулируется исламским правом, из которого вытекают положения, касающиеся принципов распределения обязательной милостыни, наследства и других социально значимых аспектов. В качестве самого важного гаранта защиты прав и имущества сироты выступает Священный Коран. Всевышний установил права детей и обеспечил их защиту в Шариате, будь то мальчики или девочки. Они имеют право на получение всего, что им необходимо из нужд тела, души, воспитания, и всего, что с этим связано. Обязанность в обеспечении всего перечисленного ложится в первую очередь на родителей, родственников, а затем и на всё общество.



**Ключевые слова:** ислам, Священный Коран, ребенок, права ребенка в исламе, ребенок – сирота, забота о сироте, благие поступки.


## RIGHTS OF CHILDREN - ORPHANS IN ISLAM


The Qur'an says that children are the decoration of this life and the continuation of their parents. Caring for children and educating them with honest and noble people is hard work requiring appropriate knowledge, patience and self-denial. An orphan has an important place in the social policy of Islam. The social protection of the orphans is regulated by Islamic law so that they do not feel material need, like children who have relatives. In Islam, an orphan is considered to be a child under the age of majority who has lost his father. Caring for an orphan is one of the most important good deeds. The social protection of the orphan is regulated by Islamic law, from which the provisions regarding the principles of distribution of compulsory alms, inheritance and other socially significant aspects arise. The Holy Quran acts as the most important guarantor of protecting the rights and property of an orphan. The Almighty established the rights of children and ensured their protection in the Sharia, whether it be boys or girls. They have the right to receive everything that they need from the needs of the body, soul, education, and everything connected with it. The obligation to ensure all of the above lies primarily with parents, relatives, and then with the whole society.

**Keywords:** Islam, the Holy Quran, the child, the rights of the child in Islam, the child is an orphan, caring for an orphan, good deeds.

**Сведения об авторе:** ***Шохпирай Атхар*** - Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель.

**Information about the author:** ***Shohpirai Athar*** - Balkh University in Islamic and Republic of Afghanistan, teachers. **Address:** Area 3 Mazar_e_Sharif Afghanistan

УДК:372.8 (575.3)

# АВОМИЛИ ЭҶОДИ ФИШОРИ РАВОНӢ ДАР МУДИРОН ВА НАҚШИ ОН БАР АМАЛКАРДИ ОНҲО ДАР МАРКАЗҲОИ ОМӮЗИШИ ИЛМӢ-КОРБУРДИИ ҶИҲАТҲОИ КИШОВАРЗӢ

***Сайидаминуллоҳ Нусрат, Латифа Аюбӣ Нусрат, Фариштa Нусрат***
**Донишгоҳи Балх, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон**

Дунёи саноатӣ ва фаросаноатӣ бо он ки тасҳилоти фаровоне ҷиҳати идомаи ҳаёти инсонҳо фароҳам намудааст, вале гирифториҳои зиёдеро низ ба бор овардааст. Нигаронии афрод нисбат ба хонавода, кор, мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, интизорот ва таваққӯоти созмонҳо аз коркунон, мушкилоти мудирият ва таваққӯоти коркунон, ҳамагӣ сабаб мешаванд, ки фард аз лаҳзаи бедорӣ то ҳангоми хоб, ҳамвора дучори ҳаяҷонҳо, танишҳо, нигарониҳо ва бим ва умедҳои гуногуне бошад. Гоҳе ин вақоеъ бо зарфияти баданӣ ва равонии афрод мутаносиб аст ва гоҳ бо он созгор нест. Маҷмӯаи чунин ҳолатҳо ва фишорҳои ношӣ аз он дар истилоҳи «стресс» ё фишори равонӣ номида мешавад.

Масъалаи фишорҳои равонӣ ва илал ва аворизи он дар баҳси рафтори созмонӣ ба тозагӣ кушуда шудааст ва уламои ин дониш муддати кӯтоҳе аст, ки ба таҳлили фишорҳои равонӣ ва осори он дар созмон ва амалкарди аъзои он пардохтаанд. Воқеиятҳои мавҷуд дар мабҳаси рафтори созмонӣ нишон медиҳад, ки дарсади қобили таваҷҷуҳе аз илал ва муҷиботи бемориҳои равонӣ ва бемориҳои ношӣ аз хастагии кор шоеъ дар байни коркунони созмонҳоро метавон дар шеваҳои рафторӣ, бархӯрдҳо ва шахсияти мудирон ҷустуҷӯ кард. Гурӯҳе аз соҳибназарони рафтори созмонӣ, фишори равониро бемори шоеи қарн номгузорӣ кардаанд. Шояд ҳам ба ростӣ ин даврон асри фишорҳои равонӣ аст. Даврае, ки дар он инсон беш аз ҳар замони дигаре дар маърази авомили фишорзо қарор гирифта ва масоил ва мушкилоти бешуморе аз ҳар сӯ ӯро иҳота кардааст. Ин фишорҳо ба таври ҳатмӣ бо печидагии рӯзафзуни созмонҳо ва густариши техникаҳо, абзорҳо ва дигар абъоди созмон дар сурати адами барномарезии саҳеҳ ва муносиб афзоиш ҳам меёбанд.

Тақрибан аксари мардум тасаввур мекунанд, ки медонанд фишори равонӣ чист. Вале иддаи маъдуде аз афрод дарки саҳеҳе аз он дошта, аз асароташ бохабаранд ва медонанд чӣ гуна метавон онро назорат кард ва бо он канор омад ва ҳатто аз он ба нафъи худ истифода кард. Мудирони созмонҳо ҳам аз ин қоида мустасно нестанд. Дар ин таҳқиқ саъй бар он аст, ки фишорҳои равонӣ ва таъсири он бар амалкарди мудирони аршад ва миёнаи марокизи омӯзиши илмӣ- корбурдии ҷиҳатҳои кишоварзӣ мавриди мутолиа ва баррасӣ қарор гирад. Муваффақият ва пешрафти ҳар созмон ба неруи инсонии он вобастагӣ дорад. Бидуни вуҷуди неруи инсонии солим, коромад ва боангеза ҳеҷ созмоне наметавона ба аҳдофи худ ноил ояд. Аз масоили бисёр печидаи кунунӣ, ки саломатии ҷисмонӣ ва равонии афрод, бахусус неруи корро ба хатар андохта ва ҳазинаҳои сангинеро барои созмонҳо ва ҷомеа ба бор овардааст, ҳамоно падидаи фишори равонӣ аст.

Алоим ва осори фишори равонӣ мумкин аст ба се сурат - «алоими физиологӣ» монанди тағйироти фишори хун, зарабони қалб, захми меъда ва ғайра; «алоими равонӣ», назири афсурдагӣ, изтироб, ҳаяҷоноти шадид, тарс ва ғайра ва «алоими рафторӣ», назири беалоқагӣ ва бемайлӣ, адами ризоият, таъҷил ва шитобзадагӣ, тааллул ва мусомиҳа, беназмӣ ва монанди инҳо буруз намояд [11, с.14]. Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки моҳият ва печидагии шуғлии мудирон эҷоб мекунад, ки онҳо бо тасмимгириҳои мутанаввее сарукор дошта бошанд. Авомили эҷодкунандаи фишорҳои равонӣ эҳтимолан дар фироанди тасмимгирии онҳо метавонанд дахолат дошта бошанд. Аз он ҷое, ки мудирон, аз як тараф бо маҳдудияти замонӣ барои тасмимгириҳои худ рӯ ба рӯ буда ва аз сӯйи дигар, ихтиёр ва озодии амал барои тасмимгириҳо кофӣ намебошанд, лизо ин ду омил муҷиботи бурузи фишорҳои равонии бештарро барои мудирон фароҳам менамоянд.

Дар як таърифи нисбатан ҷомеъ, фишори равонӣ ба унвони ҳолате дар назар гирифта шудааст, ки дар он фард бо фурсатҳо, маҳдудиятҳо, таҳдидот ва тақозоҳое мувоҷеҳ мегардад, ки натоиҷи ҳосил аз ҳар кадоми онҳо барои вай муҳим мебошад. Аммо имкони таҳқиқи натоиҷи мазкур ғайриқобили пешбинӣ ва номаълум аст. Дар ин таъриф «маҳдудиятҳо» неруҳое ҳастанд, ки афродро аз он чи, ки тамоюл ба анҷоми он доранд, бозмедоранд ва аз «тақозоҳо» ё «заруратҳо» иборат аст, аз даст наёфтаниҳо ва ё аз даст додани баъзе аз чизҳое, ки матлуби назари фард мебошад [19, с. 513]. Баъзе аз машоғил нисбат ба машоғили дигар бештар дар маърази фишорҳои равонӣ ҳастанд. Яке аз ин машоғил, шуғлҳои мудириятӣ аст. Мудирон яке аз осебпазиртарин қишрҳо дар баробари фишори равонӣ ба шумор меоянд. Ин гурӯҳ, ки дорои масъулиятҳои бисёре буда ва ба анҷом расондани ҳадафҳои созмониро бар уҳда доранд, аз муҳити созмонӣ ва муҳити иҷтимоӣ таъсир пазируфта ва дар сурате ки мавриди ҳуҷуми фишорҳои равонӣ қарор гиранд, осори манфии он ба суръат дар амалкарди созмон зоҳир хоҳад шуд.

Мудирияти нодурусти фишорҳои равонӣ метавонад фишори равонии музири фардиро эҷод намояд, ки ин амр худ ба худ мунҷар ба коҳиши баҳраварӣ, эҷоди кайфияти кории номатлуб ва адами ризояти шуғлӣ мешавад. Аммо, ҳангоме ки фишорҳои равонӣ бо такя бар илм ва огоҳӣ, шиносоӣ ва ба дурустӣ мудирият шаванд, он гоҳ мунҷар ба беҳбуди амалкард ва баҳраварӣ мешаванд. Аз он ҷое ки фишорҳои равонӣ иҷтинобнопазир мебошанд ва аз тарафе беҳдошти равонии мудирони муассиса бо саломатии худи муассиса низ ба ҳам вобаста аст, баррасӣ ва шинохти авомили эҷодкунандаи фишори равонӣ ва ташхису муаррифии роҳҳои пешгирӣ ва муқобила бо он, ки аз аҳдофи ин пажӯҳиши илмӣ аст, зарурат меёбад. Аз сӯйи дигар, аз он ҷо, ки мудирияти созмон дар тандурустии фардӣ ва созмонии воҳид таҳти амри худ муассир аст ва аз он низ таъсир мепазирад, ироаи натоиҷи ин таҳқиқи илмӣ метавонад гоме арзанда ва илмӣ бошад ҷиҳати ҳифзи саломати кулли марокизи омӯзиши илмӣ-корбурдӣ ва соир муассисоти омӯзишии кишвар ва мудирони он марокиз ва муассисот.

***Аҳдофи таҳқиқ.*** Ба манзури мудирияти саҳеҳи фишорҳои равонӣ ва коҳиши асароти номатлуби он, шинохти авомили эҷодкунандаи фишори равонӣ ва авориз ва пайомадҳои он ва таъсире, ки бар амалкарди мудирон ба ҷой мегузорад, зарурӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, аҳдофи аслии ин таҳқиқ дар зайл омадааст:

• таъйини муҳимтарин авомили эҷодкунандаи фишорҳои равонӣ дар байни аъзои ҷомеаи мавриди баррасӣ;

• таъйини таъсир фшорҳои равони бар амалкард мудирон

• таъйини мизони таъсири авомили фишорзои фардӣ ба унвони мутағайирҳои таъдилкунандаи робита байни фишорҳои равонӣ бар амалкарди мудирон;

• ироаи пешниҳодҳои корбурдӣ ҷиҳати шиносоӣ, коҳиш ва аз байн бурдани фишорҳои равонии мудирони марокизи омӯзиши илмӣ-корбурдии ҷиҳатҳои кишоварзӣ.

***Саволоти таҳқиқ.*** Ин таҳқиқ дар садад ва посухгӯӣ ба саволоти зер мебошад:

1. То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз имконоти номуносиби кор рӯйи амалкарди мудирон таъсир доранд?

2. То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз таоруз бар амалкарди мудирон таъсир доранд?

3. То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз гаронбории шуғл рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

4. То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз сохтори номуносиби созмонӣ рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

5. То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

6. Оё тафовуте миёни назароти мудирони аршад ва миёна дар робита бо авомили фишорзои чандгонаи фавқ вуҷуд дорад?

7. Оё тавақуфоте миёни назароти мудирон дар робита бо авомили фишорзои чандгонаи фавқ аз назари авомили демографӣ вуҷуд дорад?

***Равиши таҳқиқ.*** Равиши таҳқиқ дар ин пажӯҳиш тавсифӣ аз навъи «паймоишӣ» мебошад. Дар таҳқиқи паймоишӣ, пажӯҳишгар барои кашфи ақоид, афкор, идрокот ва тавҷеҳоти афроди мавриди назар аз пурсишнома ва мусоҳибаҳо истифода мекунад (Салимӣ, 1370, с. 9). Аз ин рӯ, ин таҳқиқ аз он ҷое, ки ба баррасии вазъи мавҷуд мепардозад, дар қаламрави таҳқиқоти тавсифӣ қарор дорад ва аз он ҷое, ки ба баррасии назароти мудирон дар хусусии мизони таъсири авомили фишорзоии равонӣ бар амалкарди афрод мепардозад, таҳқиқ аз навъи паймоишӣ мебошад.

***Ҷомеаи оморӣ***. Ҷомеаи омории ин пажӯҳиш шомили кулли мудирони аршад ва миёнаи марокизи омӯзиши илмӣ-корбурдии ҷиҳатҳои кишоварзӣ аст, ки теъдоди 333 нафар мебошанд.

***Таъйини ҳаҷми намуна***. Ба манзури таъйини ҳаҷми намуна ин пажӯҳиш бо таваҷҷуҳ ба дастрас набудани варианти сифати мавриди мутолиа ибтидо бо истифода аз 30 пурсишнома муқаддамотӣ, варианти бароварда гардид ва сипас бо истифода аз формулаи зер бо сатҳи итминони 95% теъдоди намуна баровард гардид:

$$n = \frac{Nt^2s^2}{nd^2 + t^2s^2} = \frac{333 \times (1/96)^2 \times (0/746)^2}{333 \times (0/103)^2 + (1/96)^2 \times (0/746)^2} = 125$$

- ҷомеа омори=n
- диққати эҳтимолии матлуб=d
- сатҳи итминон 95%=t
- пешбароварди вариант =s2

***Равиши намунагирӣ.*** Равиши намунагирӣ дар ин пажӯҳиш, равиши намунагирии табақаӣ мутаносиб бо ҳаҷм мебошад. Ба манзури интихоби намунаҳои омории ин пажӯҳиш ибтидо рӯйхати кулли мудирони марокизи омӯзишии ҷиҳатҳои кишоварзӣ таҳия ва сипас ба нисбати ҳаҷми омории ҳар марказ, теъдоди пурсишнома ба сурати тасодуфӣ тавзеъ гардид.

***Равиши таҷзия ва таҳлили додаҳо.*** Таҷзия ва таҳлили додаҳои ин пажӯҳиш дар ду сатҳ – омори тавсифӣ ва омори истинботӣ сурат гирифтааст. Дар сатҳи омори тавсифӣ аз фаровонӣ, дарсад, миёнгин ва инҳирофи меъёр ва дар сатҳи омори истинботӣ аз озмунҳои t, озмуни таҳлил вариати яктарафа ва озмуни тавки истифода шудааст.

***Натоиҷи ҳосил аз саволоти пажӯҳиш.***

***Натиҷаи саволи аввали пажӯҳиш***. Бо таваҷҷуҳ бо ин, ки t мушоҳидашуда дар сатҳи p<1% маънидор буда, бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз имконоти номуносиби корӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон таъсир дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ бо таҳқиқи Фрогонс (1973), Парнисон (1990), Абтаҳӣ ва Алвонӣ (1371), Гурҷӣ (1372), Аҳмадӣ(1375) ҳамсӯ будааст.

**Ҷадвали 1. Муқоисаи миёнгини нумраи таъсири имконоти номуносиби кор рӯйи амалкарди мудирон бо нумраа милок (3)**

| Баррасии фишори ношӣ аз имконоти номатлуби кор бар рӯйи амалкарди мудирон | X | S | Se | t | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3,19 | 0,602 | 0,060 | 3,21 | 0,002 |

Бар асоси ёфтаҳои ҷадвал тавзеи фаровонии дарсади посухи саволҳои марбут ба мизони таъсири имконоти номуносиби корбар, амалкарди мудирон бештарин дарсади посухҳо дар сатҳи зиёд ва хеле зиёд марбут ба «камбуди абзор ва васоили лозим дар созмон» бо 76/06% ва «мулзам ба ҷалби ҳимояти молӣ барои иҷрои барномаҳо» бо 72/05% будааст. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи аввали таҳқиқ, пешниҳод мешавад, ки шароити муҳити корӣ, аз ҷумла таҷҳизи имконоти муносиб ҷиҳати ироаи хадамоти муносиб ба донишҷӯён бо таваҷҷуҳ ба стандартҳо, таҷаммӯи воҳидҳои таҳти сарпарастии марокизи омӯзиш бознигарии куллӣ шавад.

***Натиҷаи саволи дувуми пажӯҳиш***. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки t мушоҳида дар сатҳи p<5% маънидор буда, бинобар ин фишорҳои ношӣ аз таоруз нақши беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон таъсир дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ бо таҳқиқи Фрогонс (1973), муассисаи таҳқиқоти иҷтимоии Донишгоҳи Мичиган (1373), Саффорӣ Оштиёнӣ (1373) ҳамсӯ будааст.

**Ҷадвали 2. Муқоисаи миёнгини нумраи таъсири таорузи нақш рӯйи амалкарди мудирон бо нумраи милок (3)**

| Баррасии фишори ношӣ аз таорузи нақш рӯйи амалкарди мудирон | X | S | Se | t | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3,13 | 0,648 | 0,0654 | 2,02 | 0,047 |

Бар асоси ёфтаҳои ҷадвал тавзеи фаровонии дарсади посухи саволҳои марбут ба мизони таъсири таорузи нақш бар амалкарди мудирон, бештарин дарсади посухҳо дар сатҳи зиёд ва хеле зиёд марбут ба «адами ризоият, интизорот ва хостаҳои зид ва нақзи мароҷеи болотар» бо 67/04% ва «анҷоми корҳои хориҷ аз вежагиҳои шуғлӣ» бо 63/13% будааст. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи дувуми таҳқиқ,

пешниҳод мегардад, ки баррасӣ ва тадвини шару тазеҳи шуғлии коркунон ба шакли воқеъбинона анҷом пазирад.

***Натиҷаи саволи севуми пажӯҳиш***. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки t мушоҳидашуда дар сатҳи p<1% маънидор буда, бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз гаронбории шуғл аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон таъсир дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ бо таҳқиқи Комиссияи Аврупои (1998), Бир, Волш ва Тобр (1976), Ҳипз (1992), Мулломад ва ҳамкорон (1991), Дамурӣ (1373) ҳамсӯ будааст.

Ҷадвали 3. Муқоисаи миёнгини нумраи таъсири гаронбории шуғл бар рӯйи амалкарди мудирон бо нумраи милок (3).

| Баррасии фишори ношӣ аз гаронбории шуғл бар рӯйи амалкарди мудирон | X | S | Se | t | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3,22 | 0,702 | 0,0709 | 3,21 | 0,002 |

Бар асоси ёфтаҳои ҷадвал тавзеи фаровонии дарсади посухи саволҳо марбут ба мизони таъсири гаронбории шуғл бар амалкарди мудирон, бештарин дарсади посухҳо дар сатҳи зиёд ва хеле зиёд марбут ба «вуҷуди мавонеи даступогир барои истифода аз фурсатҳои мутолиотӣ» бо 76/16% ва «вуҷуди корҳои сангини идорӣ ва таҳияи гузоришоти такрорӣ ва бамавкеъ» бо 61/31% будааст. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи севуми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки фурсатҳои мутолиот ҷиҳати мудирони марокизи омӯзиш ва аъзои ҳайати илмӣ фароҳам гардад ва аз гирифтани гузоришоти такрорӣ худдорӣ шавад.

***Натиҷаи саволи чаҳоруми пажӯҳиш***. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки t мушоҳидашуда дар сатҳи p<1% маънидор буда, бинобар ин фишорҳои ношӣ аз сохтори номуносиби созмонӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон таъсир дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ бо таҳқиқи Абтаҳӣ ва Алвонӣ (1371) ва Ҳипз (1992) ҳамсӯ будааст.

**Ҷадвали 4. Муқоисаи миёнгини нумраи таъсири сохтори номуносиби созмонӣ рӯйи амалкарди мудирон бо нумраи милок (3)**

| Баррасии фишори ношӣ аз сохтори номуносиби созмонӣ бар рӯйи амалкарди мудирон | X | S | Se | t | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3,40 | 0,533 | 0,0538 | 7,54 | 0,00 |

Бар асоси ёфтаҳои ҷадвал тавзеи фаровонии дарсади посухи саволҳои марбут ба мизони таъсири сохтори номуносиби созмонӣ бар амалкарди мудирон, бештарин дарсади посухҳо дар сатҳи зиёд ва хеле зиёд марбут ба «бахшномаҳои мутааддид ва ғайриамалӣ» бо 77/06% ва «адами вуҷуди постҳои созмонии муносиб» бо 71/5% будааст. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи чаҳоруми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки бахшнома ва дастуруламалҳо ба сурати сареҳ ва равшан ва қобили амал ба марокизи омӯзиш иблоғ гардад ва нисбат ба тадвини воқеъбинонаи постҳои созмонӣ бо таваҷҷуҳ ба вазоифи марокизи омӯзиш иқдом гардад.

***Натиҷаи саволи панҷуми таҳқиқ***. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки t мушоҳидашуда дар сатҳи p<1% маънидор буда, бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон таъсир дорад. Натиҷаи ин таҳқиқ бо таҳқиқи Майкз (1976), Абдулҳалим (1981), Согар (1990) ҳамсӯ будааст.

**Ҷадвали 5. Муқоисаи миёнгини нумраи таъсири авомили бурунсозмонии амалкарди мудирон бо нумраи милок (3).**

| Баррасии фишори ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ бар рӯйи амалкарди мудирон | X | S | Se | t | P |
|---|---|---|---|---|---|
| | 3,46 | 0,678 | 0,0685 | 06,76 | 0,000 |

Бар асоси ёфтаҳои ҷадвал тавзеи фаровонии дарсади посухи саволҳои марбут ба мизони таъсири авомили бурунсозмонӣ бо амалкарди мудирон бештарин дарсади посухҳо дар сатҳи зиёд ва хеле зиёд марбут ба «тағйир дар низоми буҷарезии кишвар» бо 84/07% ва «тағйири мукаррари мудирият дар сатҳи калон» бо 67/21% будааст. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи панҷуми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки марокизи омӯзиш ба тавре идора шавад, ки нисбат ба тағйирот дар низоми буҷарезии кишвар ва ҳамчунин тағйирот дар мудирияти калон омодагии лозимро дошта бошанд ва ба иборате пешниҳод мегардад, ки омӯзишҳои лозим барои мудирони марокизи омӯзиш дар ин хусус пешбинӣ гардад.

***Натиҷаи саволи шашуми таҳқиқ***. Муқоисаи назароти мудирони аршад ва миёна дар хусуси авомили фишорзои муассир бар амалкарди мудирон нишон дод, ки байни онон тафовут вуҷуд надорад.

***Натиҷаи саволи ҳафтуми таҳқиқ***. Муқоисаи назароти мудирон нишон медиҳад:

- Муқоисаи назароти мудирон бо таваҷҷуҳ ба мадраки таҳсилии онон нишон дод, ки байни имконоти номуносиби кор (001/0=p), таорузи нақш (001/0=p), гаронбории шуғл (001/0=p), сохтори номуносиби созмонӣ (000=p) ва авомили бурунсозмонӣ (000=p) тафовут вуҷуд дорад.
- Муқоисаи назароти мудирон бо таваҷҷуҳ ба собиқаи хидмати онон нишон дод, ки назароти онон дар хусуси имконоти номуносиби кор (000=p), гаронбории шуғл (000=p), сохтори номуносиби созмонӣ (005/0= p), авомили бурунсозмонӣ (001/0= p) тафовут вуҷуд дорад.
- Муқоисаи назароти мудирон бо таваҷҷуҳ ба собиқаи онон нишон дод, ки байни назароти онон дар хусуси имконоти номуносиби кор (008/0= p) тафовут вуҷуд дорад.
- Муқоисаи назароти мудирон бо таваҷҷуҳ ба риштаи таҳсили онон нишон дод, ки байни назароти онон дар хусуси имконоти номуносиби кор (008/0= p), таорузи нақш (039/0=p), сохтори номуносиби созмонӣ (038/0=p) ва авомили бурунсозмонӣ (018/0=p) тафовут вуҷуд дорад.

Ҳадафи ин пажӯҳиш баррасии авомили эҷоди фишорҳои равонӣ дар мудирон ва нақши он бар амалкарди мудирони марокизи омӯзиши илмии ҷиҳатҳои кишоварзӣ мебошад. Дар ин росто фарзияҳое, ки муҳаққиқ ба он пардохтааст, бад-ин сурат баён шуда, ки имконоти номуносиби кор, таорузи нақш, гаронбории шуғл, сохтори номуносиби созмонӣ ва авомили бурунсозмонӣ ва нақши он бар амалкарди мудирон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷомеаи омории пажӯҳиш шомили кулли мудирони марокизи омӯзиши илмӣ-корбурдии Вазорати ҷиҳоди кишоварзӣ мебошад, ки бо истифода аз равиши намунагирии табақавӣ мутаносиб бо ҳаҷми ҷомеаи теъдоди 120 намуна бар асоси формулаи таъйини ҳаҷми намуна баровард ва тавзеъ гардид, ки теъдоди 98 пурсишнома баргашта дода шуд. Абзори андозагирӣ дар ин пажӯҳиш пурсишномаи муҳаққиқ сохта мебошад, ки эътибори он бар асоси зариби алфаи Кронбах баробар бо 96% баровард гардид. Таҷзия ва таҳлили додаҳо дар ду сатҳ – омори тавсифӣ ва омори истинботӣ мебошад. Дар сатҳи омори тавсифӣ аз фаровонӣ, дарсад, миёнгин ва инҳирофи меъёр ва дар сатҳ омор истинботи аз озмунҳои t, озмун таҳлил ворёнс як тарафа ва озмун тавки истифода шудааст.

***Саволоти марбут ба пажӯҳиш***. Саволи аввали пажӯҳиш: То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз имконоти номуносиби кор рӯйи амалкарди мудирон таъсир доранд?

Таҷзия ва таҳлили ёфтаҳои марбут ба саволи аввали пажӯҳиш нишон дод, ки мутавассити мизони таъсири фишорҳои равонии ношӣ аз имконоти номуносиби корӣ бар рӯйи амалкарди мудирон 19/3 бо инҳирофи меъёр 602/0 будааст. Муқоисаи мутавассити нумраи посухҳо бо нумраи милоки 3, ки бар асоси озмуни t такмутағайира сурат гирифтааст, нишон дод, ки t мушоҳидашуда аз миқдори буҳрони ҷадвал дар сатҳи хатои 1% бузургтар мебошад. Бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз имконоти номуносиби корӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон муассир будааст

Саволи дувуми пажӯҳиш: То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз таорузи нақш рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

Таҷзия ва таҳлили ёфтаҳои марбут ба саволи дувуми пажӯҳиш нишон дод, ки мутавассити мизони таъсири фишорҳои равонии ношӣ аз таорузи нақш бар рӯйи амалкарди мудирон 13/3 бо инҳирофи меъёр 648/0 будааст. Муқоисаи мутавассити нумраи посухҳо бо нумраи милоки 3, ки бар асоси озмуни t такмутағайира сурат гирифта, нишон медиҳад, ки t мушоҳидашуда аз миқдори буҳронии ҷадвал дар сатҳи хатои 1% бузургтар мебошад. Бинобар ин аз миқдори буҳронии ҷадвал дар сатҳ хатои 1% бузургтар мебошад. Бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз таорузи нақши беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон муассир будааст.

Саволи севуми пажӯҳиш: То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз гаронбории шуғл рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

Таҷзия ва таҳлили ёфтаҳои марбут ба саволи севуми пажӯҳиш нишон дод, ки мутавассити мизони таъсири фишорҳои равонии ношӣ аз гаронбории шуғл бар рӯйи амалкарди мудирон 22/3 бо инҳирофи меъёр 702/0 будааст. Муқоисаи мутавассити нумраи посухҳо бо нумраи милоки 3, ки бар асоси озмуни t такмутағайира сурат гирифта, нишон дод, ки t мушоҳидашуда аз миқдори буҳронии ҷадвал дар сатҳи хатои 1% бузургтар

мебошад. Бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз гаронбории шуғл беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон муассир будааст.

Саволи чаҳоруми пажӯҳиш: То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз сохтори номуносиби созмонӣ рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

Таҷзия ва таҳлили ёфтаҳои марбут ба саволи чаҳоруми пажӯҳиш нишон дод, ки мутавассити мизони таъсири фишорҳои равонии ношӣ аз сохтори номуносиби созмони бар рӯйи амалкарди мудирон 40/3 бо инҳирофи меъёр 533/0 будааст. Муқоисаи мутавассити нумраи посуххо бо нумраи милоки 3, ки бар асоси озмуни t такмутағайира сурат гирифтааст, нишон дод, ки t мушоҳидашуда аз миқдори буҳронии ҷадвал дар сатҳи хатои 1% бузургтар мебошад. Бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз сохтори номуносиби созмонӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон муассир будааст.

Саволи панҷуми пажӯҳиш: То чӣ мизон фишорҳои равонии ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ рӯйи амалкарди мудирон таъсир дорад?

Таҷзия ва таҳлили ёфтаҳои марбут ба саволи панҷуми пажӯҳиш нишон дод, ки мутавассити мизони таъсири фишорҳои равонии ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ бар рӯйи амалкарди мудирон 46/3 бо инҳирофи меъёр 678/0 будааст. Муқоисаи мутавассити нумраи посуххо бо нумраи милоки 3, ки бар асоси озмуни t такмутағайира сурат гирифтааст, нишон дод, ки t мушоҳидашуда аз миқдори буҳронии ҷадвал дар сатҳи хатои 01/0 бузургтар мебошад. Бинобар ин фишорҳои равонии ношӣ аз авомили бурунсозмонӣ беш аз сатҳи мутавассит бар амалкарди мудирон муассир будааст.

Саволи шашуми пажӯҳиш: Оё тафовуте миёни назароти мудирони аршад ва миёна дар робита бо авомили фишорзои чандгонаи фавқ вуҷуд дорад?

Муқоисаи назароти мудирони аршад ва миёна дар хусуси авомили фишорзои муассир бар амалкарди мудирон нишон дод, ки байни назароти онон тафовут вуҷуд надорад.

Саволи ҳафтуми пажӯҳиш: Оё тафовуте миёни назароти мудирон дар робита бо авомили фишорзои чандгонаи фавқ аз назари авомили демографӣ вуҷуд дорад?

Муқоиса назароти мудирон бо таваҷҷуҳ ба мадраки таҳсили онон нишон дод, ки байни имконоти номуносиби кор (p=0/001), таорузи нақш (p=0/001), гаронбории шуғл (p=0/001), сохтори номуносиби созмонӣ (p=000), авомили бурунсозмонӣ (p=000) тафовут вуҷуд дорад.

*Пешниҳодоти корбурдӣ:*

1. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи аввали таҳқиқ, пешниҳод мешавад, ки шароити муҳити корӣ, аз ҷумла таҷҳизи имконоти муносиб ҷиҳати ироаи хадамоти муносиб ба донишҷӯён бо таваҷҷуҳ ба стандартҳо, таҷаммӯи воҳидҳои таҳти сарпарастии марокизи омӯзиш бознигарии куллӣ шавад.

2. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи дувуми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки баррасӣ ва тадвини шарҳи вазоифи шуғлии коркунон ба шакли воқеъбинона анҷом пазирад.

3. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи севуми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки фурсатҳои мутолиотӣ ҷиҳати мудирони марокизи омӯзиш ва аъзои ҳайати илмӣ фароҳам гардад ва аз гирифтани гузоришоти такрорӣ худдорӣ шавад.

4. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада аз баррасии саволи чаҳоруми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки бахшномаҳо ва дастуруламалҳо ба сурати сареҳ ва равшан ва қобили амал ба марокизи омӯзишӣ иблоғ гардад ва нисбат ба тадвини воқеъбинонаи постҳои созмонӣ бо таваҷҷуҳ ба вазоифи марокизи омӯзишӣ иқдом гардад.

5. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷ бадастомада аз баррасии саволи панҷуми таҳқиқ, пешниҳод мегардад, ки марокиз ба тавре идора шаванд, ки нисбат ба тағйирот дар низоми буҷарезии кишвар ва ҳамчунин тағйирот дар мудирияти калон омодагии лозимро дошта бошанд. Ба иборае, пешниҳод мегардад, ки омӯзишҳои лозим барои мудирони марокизи омӯзишӣ пешбинӣ гардад.

6. Бо таваҷҷуҳ ба натоиҷи бадастомада ва пешниҳодоти мудирон дар саволи бози пурсишнома пешниҳод мегардад, ки марокизи омӯзишӣ бо таваҷҷуҳ ба тавоноиҳо, имконот ва таҷҳизоти марокиз нисбат ба қутббандии давраҳои омӯзишӣ иқдом гардад. Ҳамчунин, иҳрози тасаддии мудирони марокизи омӯзиш ҳадди ақал ба муддати чаҳор сол бошад ва пардохти ҳуқуқ аз ҳамоҳангии лозим бархӯрдор бошад, табъизот камтар мушоҳида шавад ва нуктаи дигар ин ки эҷоди коргоҳҳои омӯзиши мустамар ҷиҳати мудирон ба манзури ошноӣ бо вазоифи тахассусии гурӯҳҳои мавриди ниёз мебошад.

**А Д А Б И Ё Т**

1. Абзарӣ, Маҳдӣ, Саройдориён, Ҳамид. Созмони мудирият ва фишорҳои равонӣ (нигариши корбурдӣ). – Исфаҳон: Аркон, 1376.
2. Абтаҳӣ, Сайидҳусайн. Мудирият ва фишорҳои равонӣ // Фаслномаи «Дониши мудирият». -№ 12. – 1370.
3. Абтаҳӣ, Сайидҳусайн, Алвонӣ, Сайидмаҳдӣ. Пажӯҳише перомуни фишорҳои равонии мудирони бахши саноати кишвар // Фаслномаи «Мутолиоти мудирият». -№5. – 1371.
4. Алвонӣ, Сайидмаҳдӣ. Фишорҳои равонӣ дар созмонҳо ва роҳҳои муқобила бо он // Маҷаллаи «Мудирияти давлатӣ». – 1368. -№3.
5. Блокрос, Блушед. Равоншиносии стресс / Блокрос, Блушед; тарҷумаи Аббос Чинӣ. – Машҳад: Тарма, 1371.
6. Чу, Фарди. Фишори равонӣ, амалкарди шуғлӣ ва вежагиҳои шахсияти ҳисобрасон. Тарҷумаи Марям Фатҳипур // Нашрия «Ҳисобдор». – 1372. - №98-97.
7. Диловар, Алӣ. Равишҳои оморӣ дар равоншиносӣ ва улуми тарбиятӣ. - Теҳрон: Маркази чоп ва интишороти Донишгоҳи Паёми Нур, 1371.
8. Шифер, Мартин. Фишори равонӣ. Тарҷумаи Парвин Булӯрчӣ. – Теҳрон: Пожанг, 1370.
9. Калиман, В. Мудирияти стресс. Тарҷумаи Барзу Фараҳӣ // Фаслномаи «Мисбоҳ». -№13. – 1374.
10. Купер, К. Фишори равонӣ, роҳҳои шинохт ва муқобила. Тарҷумаи Маҳдӣ Қароча Доғӣ ва Ноҳид Шариатзода. – Теҳрон: Рушд, 1373.
11. Мумизода, Ҷаъфар. Мудирияти стресс дар созмон // Моҳномаи «Замина». _№40-39. – 1373.
12. Мирсипосӣ, Носир. Мудирияти манобеи инсонӣ ва равобити кор. – Теҳрон: Шервин, 1374.
13. Вилворд, Ҷ. К. Ғалаба бар стресс. Тарҷумаи Бобат Меҳроин. - Машҳад: Ҷовидон хирад, 1373.
14. Ҳумон, Ҳайдаралӣ. Андозагириҳои равонӣ ва тарбиятӣ ва фанни таҳияи тест. – Теҳрон: Дебо, 1368.
15. American Disabilitiesact… asreasons the person may not beable to perform the job, necessary licenses (such as driving); general health, schooling, the effect of stress on performance… www. Acbanet. Org/ La27. htm-6k-cached
16. Baron, Robert A. Greenberg, Jerald (1990). Behavior in organizations. New York: Allyn & Bacon Inc.
17. Chavarria – Navas, Soledad (1988). A study of the relationship of social support to job related stress and job satisfaction among special educators in Costarica. (Doctroal
18. Curri culum Resources/Demonstrations…1. your committee is the state university IRB.Dr.Jonesis interested in the effect of stress on performance on the Mccord intelligence test… www.apa.org /ed/ ethical.html-11k- - cached similarpages
19. Decenzo, David A & Robbins, Stephen c(1988). Personnel/Human resource management. New Delhi: Prentice – Hall of India.
20. Gold smiths college, university of London:Edmund kEOGH… biases for physically threatening material. A third area of interest is the effect of stress on performance. I am currently involved… www.goldsmiths. ac.uk/ academic/ps/Keogh.htm-6k-cached-similar pages.
21. Quick. James C. &Quick Jonathon D. (1983). Organizational stress and preventive management. New York: Mac Grow-Hill Inc.
22. Sullivan, Sherry E. &Bhagat, Rovis (1992) . Organizational stress, Job satisfaction and job performance: where do we go from here. Journal of Management. Vol. 18.No. 2. pp. 360-371.
23. Sweet land, ohn (1976) . Occupational stress and productivity. New york: work in America institute Inc.

## АВОМИЛИ ЭҶОДИ ФИШОРИ РАВОНӢ ДАР МУДИРОН ВА НАҚШИ ОН БАР АМАЛКАРДИ ОНҲО ДАР МАРКАЗҲОИ ОМӮЗИШИ ИЛМӢ-КОРБУРДИИ ҶИҲАТҲОИ КИШОВАРЗӢ

Дунёи саноатӣ ва фаросаноатӣ бо он ки тасҳилоти фаровоне ҷиҳати идомаи ҳаёти инсонҳо фароҳам намудааст, вале гирифториҳои зиёдеро низ ба бор овардааст. Нигаронии афрод нисбат ба хонавода, кор, мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, интизорот ва таваққӯоти созмонҳо аз коркунон, мушкилоти мудирият ва таваққӯоти коркунон, ҳамагӣ сабаб мешаванд, ки фард аз лаҳзаи бедорӣ то ҳангоми хоб, ҳамвора дучори ҳаяҷонҳо, танишҳо, нигарониҳо ва бим ва умедҳои гуногуне бошад. Гоҳе ин вақоеъ бо зарфияти баданӣ ва равонии афрод мутаносиб аст ва гоҳ бо он созгор нест. Маҷмӯаи чунин ҳолатҳо ва фишорҳои ношӣ аз он дар истилоҳи «стресс» ё фишори равонӣ номида мешавад. Масъалаи фишорҳои равонӣ ва илал ва аворизи он дар баҳси рафтори созмонӣ ба тозагӣ кушуда шудааст ва уламои ин дониш муддати кӯтоҳе аст, ки ба таҳлили фишорҳои равонӣ ва осори он дар созмон ва амалкарди аъзои он пардохтаанд. Воқеиятҳои мавҷуд дар мабҳаси рафтори созмонӣ нишон медиҳад, ки дарсади қобили таваҷҷуҳе аз илал ва муҷиботи бемориҳои равонӣ ва бемориҳои ношӣ аз хастагии кор шоеъ дар байни коркунони созмонҳоро метавон дар шеваҳои рафторӣ, бархӯрдҳо ва шахсияти мудирон ҷустуҷӯ кард. Гурӯҳе аз соҳибназарони рафтори созмонӣ, фишори равониро бемори шоеи қарн номгузорӣ кардаанд. Шояд ҳам ба ростӣ ин даврон асри фишорҳои равонӣ аст. Даврае, ки дар он инсон беш аз ҳар замони дигаре дар маъарзи авомили фишорзо қарор гирифта ва масоил ва мушкилоти бешуморе аз ҳар сӯ ӯро иҳота кардааст. Ин фишорҳо ба таври ҳатмӣ бо печидагии рӯзафзуни созмонҳо ва густариши техникаҳо, абзорҳо ва дигар абъоди созмон дар сурати адами барномарезии саҳеҳ ва муносиб афзоиш ҳам меёбанд.

**Калидвожаҳо:** дунёи саноатӣ ва фаросаноатӣ, ҷиҳати идомаи ҳаёти инсонҳо, нигаронии афрод, мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, мушкилоти мудирият ва таваққӯоти коркунон.

## ПРИЧИНЫ И ВЛИЯНИЕ СТРЕССА НА ПОВЕДЕНИЕ РУКОВОДИТЕЛЕЙ НАУЧНО-ПРАКТИЧЕСКОГО ЦЕНТРОВ СФЕРЫ СЕЛЬСКОГО ХОЗЯЙСТВА

Индустриальный и параиндустриальный мир предоставил много возможностей для развития жизни, но это является причиной многих проблем. Беспокойство людей о семье, работе, социальных и экономических проблемах, ожиданиях организаций от персонала, проблемах управления и ожиданиях персонала и всех остальных является причиной того, что люди страдают от беспокойства, тревоги, стресса, страха и надежды. Иногда эти события соразмерны, а иногда не соответствуют физическим и умственным способностям людей. Все эти нрав и напряжение называются стрессом. Проблема стресса, его причина и его побочный эффект обсуждаются вновь в поведении организации. В наши дни ученые анализируют это и его влияние на организацию. Реальное событие

организационного поведения показывает, что высокий процент причин психических заболеваний и усталости, вызванных этим среди персонала организации, - это стиль поведения, действия и характер менеджеров. Некоторые из ученых назвали поведение и стресс организации в качестве болезней века. Может быть, эта продолжительность - время стресса. Продолжительность, с которой человечество находится в большей напряженности и имеет много проблем, чем в другие времена. Большинство людей знают, что такое стресс, но у некоторых из них нет достаточного понимания стресса и его воздействия, его контроля и его эффективного использования. Менеджеры не выходят за рамки этого правила. В данном исследовании предпринята попытка изучить стресс и его влияние на поведение руководителей среднего и высшего звена научно-практического сельскохозяйственного образовательного центра. Успех и развитие организации принадлежит человеческим ресурсам. Без здоровых, эффективных, инновационных человеческих ресурсов ни одна организация не сможет достичь своей цели. Стресс является одним из факторов, влияющих на физическое и психическое здоровье. Это опасно для персонала и дорого обходится организации и обществу.

**Ключевые слова:** индустриальный и параиндустриальный мир, возможности для развития жизни, беспокойство людей, социальные и экономические проблемы, проблемы управления персоналом.

**REASONS AND EFFECT OF STRESS ON MANAGER'S BEHAVIOR IN SCIENTIFIC AND PRACTICAL AGRICULTURE EDUCATION CENTER**

The Industrial and Para industrial world has provided many facilities for development of life but it is cause of many problems. The worries of people about family, job, social and economic problems, expectation of organizations from staff, management problem and expectation of staff and all of them are the cause that people suffer from worry, anxiety, stress, fear and hope. Sometimes these events are commensurate and sometimes are not commensurate with physical and mental capacity of people. All of these temper and tension is named stress. The issue of stress, its cause and its side effect is discussing newly in organization's behavior. Now a days the scientists are analyzing it and its effect on the organization. The real event of organizational behavior shows that a high percentage of the reason for mental diseases and tiredness due it among organization's staff are behavior style, action and character of managers Some of the Scientifics has named the organization behavior and stress as century diseases. May be this duration is the time of stress. The duration that mankind is more under tension and have many problems than other times. Most of people know what is stress but some of them don't have enough comprehension about stress and its effect, its control and its effective using. The managers are not out of this rule. In this research it is tried to study about stress and its effect on behavior of high and medium level of managers of scientific and practical agriculture education center. The success and development of an organization belongs to Human Recourses. Without healthy, effective an innovative human resources no organization can achieve its target. The stress is one of the factors that has effect on physical and mental health. It is dangerous for staff and has high cost for organization and society.

**Key words:** industrial and para-industrial world, opportunities for the development of life, people's concern, social and economic problems, personnel management problems.

**Сведения об авторах:*Сайидаминуллох Нусрат*** - Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель. Phone : **+93 (0) 700 510 070** E- mail: **sinanasrat@yahoo.com**
***Латифа Аюби Нусрат*** - Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель.
***Фаришта Нусрат***- Университет Балх Исламской Республики Афганистан, преподаватель.

**Information about the authors: *Sayed Aminullah Nasrat*** - Balkh University in Islamic and Republic of Afghanistan, teachers. **Address:** Area 3 Mazar_e_Sharif, Afghanistan. Phone : **+93 (0) 700 510 070**
E- mail: **sinanasrat@yahoo.com**
***Latifa Ayubi Nasrat*** –Balkh University in Islamic and Republic of Afghanistan, teachers. **Address:** Area 3 Mazar_e_Sharif, Afghanistan
***Freshta Nasrat*** - Balkh University in Islamic and Republic of Afghanistan, teachers. **Address:** Area 3 Mazar_e_Sharif, Afghanistan

**УДК: 338**

# ШИНОСОИИ МИЗОНИ ТАЪСИРИ ФАРОЯНДИ ТИМӢ БАР БАҲРАВАРИИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ДАР ИДОРАИ КУЛЛИ ВАРЗИШ ВА ҶАВОНОНИ ОСТОНИ ИСФАҲОН

***Ширин Оҳангӣ***
**Донишгоҳи Паёми Нури шаҳри Диличон, Ҷумҳурии Исломии Эрон**

Дар чаҳони рақобатии имрӯз, ки баҳраварӣ дар ҳамаи заминаҳо афзоиш ёфтааст, танҳо созмонҳое метавонанд дар ин дунёи пурталотум боқӣ бимонанд, ки ба беҳтарин ваҷҳ аз манобеи худ истифода намуда ва бештарин баҳравариро дошта бошанд. Яке аз манобеи муҳимми созмонӣ неруи инсонӣ аст. Низомҳои арзёбии амалкарди фоқиди корои лозим дар иртиқои баҳраварии неруи кор мебошанд, аз ин рӯ ниёз ба тағйири ҷиҳат аз ин навъи низомҳо ба низомҳои навини мудирияти амалкарди тимӣ беш аз пеш эҳсос мегардад. Дар солҳои ахир мудирияти амалкарди тимӣ ба унвони яке аз роҳбурдҳои тавсеа ва барӯзоварии манобеи инсонӣ ва дар натиҷа беҳбуди баҳраварии неруи кор ба шумор меравад [1].

Баҳравари ба таъбири кулли меъёри санҷиши ин амр аст, ки масрафи манобеъ ба унвони вуруди (ниҳодаҳо) барои тавлиди хуруҷи (ситондаҳо) мавриди ниёзи ҷомеа дар дарозмуддат чӣ қадар муассир ва коромад будааст. Агар баҳравари дар содатарин шакли он ба унвони нисбати ситондаҳо ба додаҳо ё ҳамон рондамон ё боздеҳи дар назар гирифта шавад, бадеҳист, ки ҳар қадар махраҷ ё додаҳо камтар шаванд, баҳравари ё рондамон афзоиш меёбад, ки барои расидан ба ин ҳадаф ба се тариқ метавон амал намуд: коҳиши миқдори додаҳо ва бардошти ҳамон миқдори қаблии ситонда бо таваҷҷуҳ ба афзоиши корои ва беҳбуди амалкарди системаа; афзоиши миқдори ситонда бо баҳрагири аз афзоиши корои ва беҳбуди амалкарди системаа ва ҳамон миқдори қаблии додаҳо; афзоиши ҳамзамони миқдори ситонда бо баҳрагири аз афзоиши корои ва беҳбуди амалкарди система ва коҳиши миқдори додаҳо (Қадами, 1392).

Неруи кор муҳимтарин дода (вуруди) дар тавлиди молҳо ва хадамот маҳсуб мешавад. Баҳраварии неруи кор аз тақсими арзиши афзуда бар мутавассити теъдоди шоғлин (ё нафар/соат кор дар тӯли як соли моли) ҳосил мешавад. Ин шохис нишон медиҳад, ки ба таври мутавассит ҳар нафар неруи инсонии шоғил чӣ мизон арзиши афзуда эҷод кардааст. Меъёри санҷиши муваффақияти ҳар созмон, ба мизони матлубияти амалкарди коркунони он созмон мебошад, бинобар ин барои санҷиши муваффақият созмонҳо ниёз ба низомҳои манобеи инсонии мутараққи мебошад, ки битавонанд бо ироаи роҳкориҳои муносиб ва эҷоди ҳамоҳангии лозим байни аҳдофи созмон ва аҳдофи коркунон, бар баҳраварии кулли система биёфзоянд ва созмонро дар расидан ба аҳдофи худ ҳар чӣ бештар ёри намуда ва ба пеш бибаранд (Чонг, 1391).

Ба манзури баҳрагирии ҳарчи беҳтар аз омили неруи инсони, мебоист омӯзишҳои лозим тадвин ва ҳамоҳанги ва ҳамдили дар байни коркунон эҷод ва аҳдофи онҳоро бо аҳдофи созмон ҳамсӯ намуд. Мудирияти амалкарди тими бо эҷоди муҳити мушорикати ва иблоғи аҳдофи созмон ба коркунон ва роҳҳои дастёби ба онҳо ва ҳамчунин барқарории ҷаласоти арзёби ва ҳидояти коркунон ва низ бо баҳрагири аз системаҳои пардохт бар мабнои амалкард, боиси эҷоди ҳамсӯии аҳдофи коркунон ва созмон гардида ва баҳраварии неруи корро афзоиш медиҳад (Сайиди, 1388). Дар чунин низоме афрод эҳсоси таъаллуқи хотири бештаре ба созмон менамоянд. Анҷоми ризоятбахши умури муҳаввала тавассути коркунон боиси беҳбуди амалкарди кулли созмон мегардад. Бинобар ин як тааҳҳуди дусӯя байни коркунон ва созмон эҷод мешавад, ки натиҷаи он чизе ҷуз беҳбуди амалкард, корои ва баҳраварии созмон намебошад. Як навъи ҳамоҳанги байни аҳдофи коркунон ва аҳдофи созмон эҷод мешавад, ки ҳар чӣ коркунон барои таҳаққуқи аҳдофи созмони бештар талош намоянд, аҳдофи худашон низ, ки омезае аз дарёфтҳои ҷуброни ва эҳтиром бештар аст, бештар муҳаққақ мегардад ва аз сӯйи дигар созмон низ бо афзоиш баҳравари, ки ба даст меовард, беҳтар метавонад дар муҳити рақобати ба касби даромад бипардозад ва пардохтҳои ҷуброни ва тасҳилоти беҳтареро дар ихтиёри неруи инсонии худ қарор диҳад. Бо таваҷҷуҳ ба матолиби зикршуда дар ин пажӯҳиш муҳаққиқ қасд дорад ба таҳлили таъсири фароянди тими бар баҳраварии манобеи инсони дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон бипардозад. Аз ин рӯ, саволи аслии таҳқиқи ҳозир ин аст, ки фароянди тими чӣ таъсире бар баҳраварии манобеи инсони дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон дорад.

***Пешинаи таҳқиқ.*** Ҳақиқифарр ва ҳамкорон(1392) дар таҳқиқе таҳти унвони «Баррасии амлакарди тимҳои кори дар созмон ва авомили муассир бар он» ба ин натисиданд, ки озодии амали коркунон дар тимҳои кори дар ниҳоят имкони рушд ва касби суд аз тариқи мудирият бар хештанро фароҳам овард. Дар сатҳи созмон низ вуҷуди тимҳои кори муҷиби афзоиши амалкард ва беҳбуди фаъолияти мутақобили аъзо, афзоиши навовари, халлоқият ва инъитофпазири шуда, ки ин авомил бо таваҷҷуҳ ба муҳити печидаи феъли мунҷар ба асарбахшии созмони мешавад. Алоҳварди ва ҳамкорон (1389) дар таҳқиқе таҳти унвони «Авлавиятбандии авомили муассир бар баҳраварии манобеи инсони аз дидгоҳи мудирони миёнии Донишгоҳи улуми пизишкии Исфаҳон» ба ин натиҷа расиданд, ки ислоҳи низомҳои истихдоми ва сохторҳои ташкилоти, ғанисозии шуғли, барномарезии омӯзиши тибқи ниёз, тафвизи ихтиёр ба мудирони сутӯҳи миёни ва сарпарасти ҷиҳати тасмимгири, иҷрои барномаҳои ташвиқи метавонад дар ҷиҳати афзоиши баҳраварии неруи инсони ва дар натиҷаи иртиқои низоми саломат муассир бошад. Макгэрри (2010) дар таҳқиқоти худ ба ин натиҷа расид, ки амалкарди созмонҳои мубатни бар тим муассир аз роҳбурдҳои тиҷории созмон мебошад, ба наҳве ки агар роҳбурди созмон фароянди тимиро тасҳил накунад, амалкарди тимҳо ба шиддат уфт мекунад. Кристин (2008) дар пажӯҳише, ки дар Аврупо дар иртибот бо саломати ва баҳраварии мудирият анҷом дод, ба ин натиҷа

расид, ки сабки зиндагии корӣ ба унвони як омили равоншинохтӣ дар муҳити кор метавонад баҳраварии коркунонро афзоиш диҳад. Донеллан (2011) дар таҳқиқе, ки бо унвони «Кайфияти зиндагии корӣ ва баҳраварии аъзои ҳайати илмии дорусозӣ» анҷом доданд, ба ин натиҷа расиданд, ки барномаҳои пояаш расмӣ, хусусан барои занон ва аъзои ҳайати илмии дорусозӣ таъсири босазое бар рӯйи баҳраварӣ ва кайфияти зиндагии кории онҳо дорад.

***Равиши таҳқиқ***. Ин таҳқиқ аз лиҳози ҳадаф аз анҷоми таҳқиқ пажӯҳише корбурдӣ буда ва аз лиҳози наҳваи иҷрои таҳқиқ пажӯҳише тавсифӣ – илӣ ва аз навъи паймоишӣ (майдонӣ) мебошад. Ҷомеаи оморӣ дар ин пажӯҳиш кулли мудирон ва коркунони Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон мебошад, ки теъдоди онҳо тибқи эъломи манобеи инсонии идора 92 нафар мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҷомеаи оморӣ баробари 92 мебошад ва ин ҷомеа ба навъе маҳдуд ва кӯчак мебошад. Ҷиҳати намунагирӣ аз равиши тамоми шумор истифода гардид. Дар ин пажӯҳиш аз 2 пурсишномаи муҳаққақсохтаи фароянди тимӣ ва пурсишномаи баҳраварии неруи инсонӣ (Ҷоҳид, 1385) истифода шудааст. Пурсишномаи баҳраварии неруи инсонӣ (Ҷоҳид, 1385) шомили 26 гӯя бо тайфи панҷгузинаӣ (хеле зиёд, зиёд, мутавассит, кам, хеле кам) буда, ба тартиб нумраи 5, 4, 3, 2, 1 ба онҳо тааллуқ мегирифт. Ҳамчунин, пурсишномаи муҳаққақсохтаи фароянди тимӣ шомили 28 гӯя бо тайфи панҷгузинаӣ (хеле зиёд, зиёд, мутавассит, кам, хеле кам) буда, ки ба тартиб нумраи 5, 4, 3, 2, 1 ба онҳо тааллуқ мегирифт. Барои санҷиши равоёи абзори андозагирӣ дар ин пажӯҳиш аз равоёи муҳтавоӣ истифода шудааст. Ҷиҳати санҷиши равоёи абзори андозагирии ин пажӯҳиш, пурсишномаи муқаддамотӣ байни 10 нафар аз мутахассисин тавзеъ ва ҳамчунин як формаи посухи 5-гузинаӣ аз хеле заиф то хеле хуб ба ҳамроҳи он дода шуд ва аз асотид хоста шуд, ки мизони ҳамоҳангии ҳар як аз саволотро бо ҳадафи таҳқиқ, дар як тайфи 5-гузинаӣ мушаххас кунанд ва сипас баъд аз посухгӯӣ, ҳамоҳангии дарунии он бар асоси зариби Кендалл 89 /0 баровард гардид ва дар ихтиёри устоди роҳнамо ба унвони довар қарор гирифта, онон эътибори пурсишномаро таъйид намуданд. Ҷиҳати санҷиши пӯёии пурсишномаҳои пажӯҳиш аз зариби алфа ё алфаи Кронбох истифода гардид, ки бар ин асос пас аз тавзеи пурсишномаҳо байни як гурӯҳи намунаи 30-нафара ва ҷамъоварии онҳо ин зариб барои пурсишномаҳо ба сурати ҷадвали (3-3) ба даст омад. Натоиҷи ҳосил аз ҷадвали (3-3) баёнгари пӯёии матлуби абзорҳои ҷамъоварии дода дар пажӯҳиш ҳозир аст.

**Ҷадвали 1. Пӯёии пурсишномаи баҳраварии неруи инсонӣ ва пурсишномаи фароянди тимӣ**

| Мутағайир | Алфа |
|---|---|
| Пурсишномаи баҳораварии неруи инсонӣ | 0/89 |
| Пурсишномаи фароянди тимӣ | 0/90 |

Дар ин пажӯҳиш аз равиши китобхонаӣ ва майдонӣ истифода мешавад. Ҳарчанд тамаркузи аслии пажӯҳиш бар равиши пурсишнома устувор гардид. Дар ин пажӯҳиш барои ҷамъоварии додаҳои марбут ба адабиёти пажӯҳиш аз равиши китобхонаӣ назири кутуб, маҷаллот, поённомаҳо ва барои ҷамъоварии додаҳои марбут ба таъйиди вуруди фарзияҳои пажӯҳиш аз пурсишнома истифода шуд. Дар ин пажӯҳиш равиши иҷро шомили тавзеи пурсишнома мебошад. Муҳаққиқ ба сурати ҳузурӣ ва ҳамчунин аз тариқи эмайл ва бо тавзеҳ дар мавриди наҳваи такмили пурсишномаҳо ва таъкид бар маҳрамона будани иттилоот, иқдом ба тавзеи пурсишномаҳо дар байни мудирон ва кормандон ба унвони намунаи оморӣ намуд ва тақозо намуд, ки ба пурсишҳо бодиққат посух диҳанд. Пас аз такмили пурсишномаҳо ба ҷамъоварии онҳо пардохт. Дар ин пажӯҳиш 92 пурсишнома байни афрод тавзеъ гардид, ки 92 адад пурсишнома ба муҳаққиқ баргардонида шуд. Барои таҷзия ва таҳлили додаҳои бадастомада, ибтидо афроди мавриди мутолиа аз ҷиҳати вежагиҳои ҷамъиятшинохтӣ тавсиф ва сипас барои ҳар кадом аз мутағайирҳо ҷадовили тавзеи фаровонӣ, миёнгин, инҳирофи меъёр ва ворёнс, мақодири камина ва бешина ва доманаи тағйироти муҳосиба ва нумраҳои марбута тарсим ва натоиҷ мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифт. Аз озмуни омории зер барои таҷзия ва таҳлили натоиҷи таҳқиқ истифода гардид: омори тавсифӣ барои табақабандии додаҳои хом ва муҳосибаи миёнгин, фаровонӣ, инҳирофи меъёр ва расми намудорҳо ва ҷадовил; озмуни Кронбах барои муҳосибаи пӯёии пурсишномаҳо; озмуни Колмогоров-Смирнов барои баррасии вазъияти табиии тавзеи додаҳо; озмуни регрессия ҷиҳати баррасии фарзияҳо, сатҳи маънодорӣ барои кулли озмунҳо 05/0 дар назар гирифта шуд.

***Ёфтаҳо.*** Натиҷаи таҷзия ва таҳлили тавсифи мутағайирҳои ҳозир дар пажӯҳиш дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст. Дар ин ҷадвал, илова бар теъдоди саволоти матраҳшуда

барои ҳар як аз мутағайирҳои пажӯҳиш, омори тавсифӣ шомили миёнгин, инҳирофи стандарт ва ворёнс марбут ба ҳар як аз мутағайирҳо низ баён шудааст.

**Ҷадвали 2. Омори тавсифии мутағайирҳои пажӯҳиш**

| Мутағайир | Теъдоди савол | Миёнгин | Инҳирофи стандарт | Вариёнс |
|---|---|---|---|---|
| Баҳраварии манобеи инсонӣ | 26 | 3,6205 | 0,66871 | 0,447 |
| Фароянди тимӣ | 28 | 3,3328 | 0,68835 | 0,474 |

Дар таҳқиқи ҳозир, меъёр будани тавзеи додаҳо бо истифода аз озмуни KS мавриди баррасӣ қарор мегирад. Натоиҷи бадастомада дар ҷадвали 3 нишон медиҳанд, ки ҳама авомил дар намунаи мавриди баррасӣ аз тавзеи меъёр пайравӣ мекунанд, зеро сатҳи маънидорӣ беш аз 5% аст ва фарзи сифр рад намешавад. Бинобар ин, барои озмуни фарзияҳо метавон аз озмунҳои омории барометрикӣ истифода намуд.

$$\begin{cases} \boldsymbol{H_0}\text{: тавзеи додањо нормал нест} \\ \boldsymbol{H_1}\text{: тавзеи додањо нормал нест} \end{cases}$$

**Ҷадвали 3. Озмуни кулм Колмогоров-Смирнов**

| Мутағайир | Миёнгин | Инҳирофи стандарт | Маънодорӣ (p-value) |
|---|---|---|---|
| Баҳравари манобеи инсонӣ | 3,6205 | 0,66871 | 059/0 |
| Фароянди тимӣ | 3,3328 | 0,68835 | 105/0 |

Фароядҳои тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остон иИсфаҳон таъсири мусбат дорад.

**Ҷадвали 4. Таҳлили регрессияи фарзия**

| Манобеи тағйирот | Ҷамъи маҷзурот | DF | Миёнгини маҷзурот | Омори Фишер | Сатҳи маънидорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 280/25 | 1 | 280/25 | 426/108 | 000/0 |
| Боқимонда | 984/20 | 90 | 233/0 | | |
| Кулл | 263/46 | 91 | | | |

Натоиҷи ҳосил аз таҳлили регрессия дар ҷадвали 4 нишондиҳандаи ин аст, ки зариби регрессия маънодор аст ва итминон ҳосил мешавад, ки фарзия таъйид мегардад ва ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки фароядҳои тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон таъсири мусбат ва маънодоре дорад.

**Ҷадвали 5. Таҳлили регрессияи фарзия**

| Мутағайир | B | | Хатои стандарт | | Beta | t | P |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори собит | 1/513 | | 0/210 | | | 7/219 | 0/000 |
| Фароядҳои тимӣ | 0/209 | | 0/057 | | 0/739 | 10/613 | 0/000 |
| Мутағайири тимӣ (X) | | | Фароянди тимӣ | | Y= a +0. 739. X<br>R2= 0. 546 | | |
| Мутағайири вобаста (Y) | | | Баҳраварии манобеи инсонӣ | | | | |

Чаро ки қадри мутлақи омаравӣ аз 1/96 бештар аст ва сатҳи маънидории он аз 5% камтар мебошад. Ва ин ки омори Дарбин-Уотсон 1. 738 мебошад, ки дар фосилаи байни 1/5 то 2/5 қарор дорад, бинобар ин ҳамбастагӣ байни аҷзои хатои модел вуҷуд надорад. Бинобар ин, метавон гуфт, ки фароядҳои тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон таъсири мусбат ва маънодоре дорад.

***Баҳс ва натиҷагирӣ***. Бо иноят ба ин ки бо таҷзия ва таҳлили додаҳои муртабит бо фарзияи вежаи таҳқиқ мушаххас гардид, ки фароянди тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар ҷомеаи омории мавриди мутолиа таъсири маънодоре дорад, аз ин рӯ, пешниҳодҳо ва роҳкориҳои зайл дар ҷиҳати ин фарзия ироа мегардад:

Пешниҳод мешавад, ки дар ҷиҳати эҷоди фароянд ва созукори ҳадафманди фароянди тимӣ барои кулли афроди созмонӣ ҳамчунин таърифи возеҳ ва мушаххасе аз ин фароянд барои коркунон талош шавад. То аз ин раҳгузар, замина барои тасҳим ва иштироки тимӣ байни афроди созмон фароҳам гардад.

Бо иноят ба ин ки мавзӯи фароянди тимӣ бояд аввал аз даруни системаи мудирияти созмон шурӯъ шавад, бинобар ин, пешниҳод мешавад, то ибтидо мудирият ва сутӯҳи болои созмонӣ ба масъалаи тиммеҳварӣ аҳаммияти бештаре қоил шуда ва талош намоянд, ки иттилооти мавриди ниёзро ба якдигар мунтақил намуда ва сипас ин рӯя батадриҷ байни сутӯҳи поинтари созмон ҷорӣ шавад.

Пешниҳод мешавад, то барои тиммеҳварӣ, коркунон аз дониш ва иттилооти лозим марбут ба шуғли худ бархӯрдор бошанд. Ба ибораи дигар, лозимаи фарояндҳои тимии асарбахш он аст, ки аввалан коркунон аз иттилоот ва дониши лозим ва муносиби шуғлии худ бархӯрдор бошанд, то битавонанд ба нуқоти қувват ва заъфи шуғлии худ пай бурда, сипас, барои тақвияти нуқоти қувват ва ҳазфи нуқоти заъф назарот ва пешниҳодоти худро ба мудир мофавқи худ ироа диҳанд.

Талоши мудирони созмон дар ҷиҳати таърифи возеҳ ва мушаххас аз маъмурият ва роҳбурдҳои калони созмонӣ дар байни коркунон дар ростои тақвияти тасмимгирии тимӣ:

- таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба мақулаи мушорикат ва тиммеҳварӣ ба унвони яке аз муҳимтарин усул ва арзишҳои созмонии асарбахш ва дар натиҷа бақо ва пешрафти созмон;
- талош ҷиҳати тадвин ва иҷрои як низоми пешниҳодот дар ҷиҳати тарғиб ва ташвиқи неруҳои созмонии пурталош ва иртиқо ва ташвиқ дар созмон мубтанӣ бар дониш ва таҷрибиёти коркунон ҷиҳати афзоиши мушорикати онҳо дар тимҳо ва гурӯҳҳои созмонӣ;
- талош ҷиҳати тадвин ва иҷрои як низоми ҳадафманди тимӣ ва арзишгузорӣ ба назарот ва иддаоҳои халлоқонаи афрод дар ростои тақвияти асарбахшии созмонӣ;
- талош ва кӯшиш ҷиҳати таъмини ниёзҳои моддӣ-маънавӣ ва рӯҳӣ-равонии коркунон дар ростои тарғиб ва тақвияти қудрат ва нуфузи он ва дар ҷиҳати афзоиши мушорикат ва тимсозӣ дар муҳити кор.

Пешниҳодот барои пажӯҳишгарони оянда:

- баррасии робитаи амалкарди тимӣ ва кайфияти зиндагии корӣ бо амалкарди созмонӣ;
- таъсири вежагиҳои шахсияти мудирон бар амалкарди тимӣ;
- таъсири амалкарди тимӣ бар кайфияти хадамоти воҳидҳои созмонӣ.

Муқоисаи таъсири амалкарди тимӣ бар кайфияти зиндагии корӣ дар созмонҳои давлатӣ ва хусусӣ.

***Маҳдудиятҳои таҳқиқ.*** Бар асоси ҳадафи аслии таҳқиқ, ки таъсири амалкарди тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ буд, шояд мутағайирҳои дигаре, мисли вежагиҳои шахсияти мудирон ё тафаккури роҳбурдии мудирон ба унвони мутағайирҳои таъдилкунанда дар модели мафҳумӣ оварда мешуд, натоиҷи дигаре ба даст меомад.

Маҳдудияти дигар навъи равиши тарҳи таҳқиқ мебошад, ки майдонӣ (паймоишӣ) аст ва аз ин рӯ, бештар мубтанӣ бар назарсанҷӣ аст, ки шояд агар муҳаққиқ фурсат ва тавоноӣ дар касби иттилоот аз равишҳои дигаре, мисли анҷоми мусоҳибаҳои илмӣ ё баррасии мадорики мавҷуд дошт, натоиҷи дигаре ҳосил мешуд.

Маҳдудияти дигар дар ҷомеаи оморӣ маҳдуд ба Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон аст, ки муҳаққиқ онро ба унвони ҷомеаи оморӣ интихоб намуд ва шояд, агар дар сатҳи васеътаре таҳқиқ сурат мегирифт, натоиҷи мутафовит ба даст меомад.

## АДАБИЁТ


1. Алоҳвардӣ, М. Саҷҷодӣ. Авлавиятбандии авомили муассир бар баҳраварии манобеи инсонӣ аз дидгоҳи мудирони миёнии Донишгоҳи улуми пизишкии Исфаҳон // Фаслномаи «Бемористон». Донишгоҳи улуми пизишки иИсфаҳон, 1389.
2. Чонг, Ричард. Рози муваффақияти кори тимӣ / Чонг, Ричард; мутарҷим Сайид Амин Алавӣ ва Муҳаммад Ҳошим Ғарқӣ. – Теҳрон: Маркази омӯзиши мудирияти давлатӣ, 1391.
3. Сайидӣ, С. М., Акбарӣ, А. Мудирияти амалкард ва таъсири он бар афзоиши баҳраварии неруи инсонӣ. Ду моҳномаи ёдамон (53). Ширкати ёдамони соза, 1388. – С. 58.
4. Donnellan, Anne (2011). "Team Talk: The Power of Language in Team Dynamics", Harvard Business School press, Boston.
5. McGarry Liam, (2004), Social Capital and Productivity, Teaching and Learning Research Programme, pg 1-34.
6. Kreitner, Robert (2010). "Management, Arizona state university", Houghton Mifflin company.


## ШИНОСОИИ МИЗОНИ ТАЪСИРИ ФАРОЯНДИ ТИМӢ БАР БАҲРАВАРИИ МАНОБЕИ ИНСОНӢ ДАР ИДОРАИ КУЛЛИ ВАРЗИШ ВА ҶАВОНОНИ ОСТОНИ ИСФАҲОН


Ҳадаф шиносоии мизони таъсири фароянди тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон аст. Ин таҳқиқ аз лиҳози ҳадаф аз анҷоми таҳқиқ пажӯҳиши корбурдӣ буда ва аз лиҳози наҳваи иҷрои таҳқиқ пажӯҳиши тавсифӣ – илӣ ва аз навъи паймоишӣ (майдонӣ) мебошад. Ҷомеаи оморӣ дар ин пажӯҳиш кулли мудирон ва коркунони Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон мебошад, ки теъдоди онҳо тибқи эъломи манобеи инсонии идора 92 нафар мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки ҷомеаи оморӣ баробари 92 мебошад ва ин ҷомеа ба навъе маҳдуд ва кӯчак мебошад, ҷиҳати намунагирӣ аз равиши тамоми шумор истифода гардид. Дар ин пажӯҳиш аз 2 пурсишномаи муҳаққиқсохтаи фароянди тимӣ ва пурсишномаи баҳраварии неруи инсонӣ (Ҷоҳид, 1385) истифода шудааст. Равоёи пурсишномаҳо бо назари асотид ва мутахассисони мудирият таъйид ва пӯёии онҳо аз тариқи озмуни алфаи Кронбах ба тартиб муодили 0,89, 90/. ба даст омад. Додаҳои ҷамъоваришуда ба василаи нармафзори SPSS аз тариқи озмунҳои

оморӣ, Колмогоров-Смирнов, регрессия ва Фридман мавриди таҷзия ва таҳлил қарор гирифтааст. Ёфтаҳо нишон медиҳанд, ки фароянди тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон таъсири маънодоре дорад.

**Калидвожаҳо:** фароянди тимӣ, баҳраварии манобеи инсонӣ, Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон, коркунон.

**ВЫЯВЛЕНИЕ ВЛИЯНИЯ КОМАНДНОЙ РАБОТЫ НА ПРОИЗВОДИТЕЛЬНОСТЬ ЧЕЛОВЕЧЕСКИХ РЕСУРСОВ В ГЛАВНОМ УПРАВЛЕНИИ ПО ДЕЛАМ СПОРТА И МОЛОДЕЖИ ИСФАХАНА**

Целью данного исследования было выявить влияние командного процесса на продуктивность человеческих ресурсов в Главном управлении по делам спорта и молодежи Исфахана. Целью данного исследования является прикладное исследование, и оно носит описательный характер с точки зрения проведения полевых исследований. Статистическому исследованию были подвержены руководящий состав и сотрудники Главного управления по делам спорта и молодежи Исфахана. Поскольку статистическая совокупность составляет 92, а эта совокупность мала, для выборки использовался метод целых чисел. В этом исследовании использовались 2 вопросника для групповых исследований, составленных исследователями, и вопросники производительности человеческих ресурсов (Jahed, 2006). Достоверность вопросников была подтверждена мнением профессоров и экспертов по управлению, а их достоверность по альфа-шкале Кронбаха составила 0,89., 90 /. Полученные данные были проанализированы с помощью программного обеспечения SPSS с использованием статистических тестов, критериев Калмогорова-Смирнова и Фридмана, а также регрессионным методом. Результаты показывают, что командный процесс оказывает существенное влияние на производительность человеческих ресурсов в Управлении спорта и молодежи Исфахана.

**Ключевые слова:** командный процесс, продуктивность человеческих ресурсов, Исфаханское областное управление по делам спорта и молодежи, персонал.

**IDENTIFYING THE INFLUENCE OF TEAM WORK ON THE PRODUCTIVITY OF HUMAN RESOURCES IN THE HEAD OF SPORTS AND YOUTH OF ISFAKHAN**

The purpose of this study was to identify the impact of team process on human resource productivity in Isfahan's General Directorate of Sport and Youth. The purpose of this research is applied research and it is descriptive-causal in terms of conducting field research. The statistical population of this study is all managers and staff of Isfahan General Youth and Sport Bureau. Since the statistical population is 92 and this population is small and small, the whole number method was used for sampling. In this study, 2 researcher-made team process questionnaires and human resource productivity questionnaires (Jahed, 2006) were used. The validity of the questionnaires was confirmed by the opinion of professors and management experts and their reliability by Cronbach's alpha was 0.89., 90 /. Obtained. Data were analyzed by SPSS software using statistical tests, Kalmogorov-Smirnov, regression and Friedman tests. The findings show that the team process has a significant impact on human resource productivity in Isfahan's Office of Sport and Youth.

**Key words:** Team Process, Human Resource Productivity, Isfahan Provincial Directorate of Sport and Youth, Staff.

**Сведения об авторе:*****Ширин Оханги*** **–**Университет Пайёми Нур города Дилиджан Исламской Республики Иран, сотрудник

**Information about the author:** ***Shirin Ohangi*** –Payyomi Nur University, Dilijan, Islamic Republic of Iran, employee.

**УДК:372.83 (575.3)**

# КОРИ МУСТАҚИЛОНА-ОМИЛИ МУҲИММИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ДОНИШ

***Бобоев Б. Ҷ.***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити ҳозира баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия аз бисёр ҷиҳат ба ҷидду ҷаҳди якҷоя ва талаботи якҷояи оила, мактаб, аҳли ҷамъият ба хонандагон вобаста аст. Раванди таълим фаъолияти бошууру муташаккилонаро талаб мекунад. Чунки асоси онро фаъолияти пурсамару бошууронаи хонандагон ташкил карда, дар раванди он хонандагон на танҳо бо донишҳои илмӣ мусаллаҳ мегарданд, балки дар ҳаёт татбиқ намудани ин донишҳоро ёд мегиранд. Муаллимон ва падару модарон бояд хонандагонро ба мустақилона таҳлил карда тавонистани мазмуни китоб ва дигар манбаъҳои дониш фаъолтар ҷалб карда, ба онҳо барои мустақилона фикр кардан ёрӣ расонанд. Дар заминаи чунин талаботҳо аҳаммияти тарбиявии кори мустақилонаи хонандагон баланд мегардад ва ин вазифаи тадқиқи амиқи шаклҳои самараноки ташкили кори мустақилонаро дар ҷараёни таълим ба миён мегузорад. Мустақилӣ хусусияти муҳимми шахс мебошад, ки ҳам бо донишу маҳорату малакаҳои ӯ ва ҳам ба муносибати худи шахс ба ҷараёни фаъолияту маҳсули он тавсиф дода мешавад. Бинобар ин ташаккули мустақилонаи шахс бояд ҳатман дар иртибот бо фардияти он шакл гирад. Муаллим таносуби дурусти якҷояи маърифатӣ ва маромҳои фаъолияти шахсро ба эътибор гирифта метавонад. Омили муҳимми ташаккули мустақилӣ ҳамчун хусусияти шахс ташкил кардани кори мустақилонаи таълимӣ мебошад. Кори мустақилона чунин фаъолияти мақсаднок аст, ки шахс дар ҷараёни он ба маводи

амалӣ ва назариявӣ сарфаҳм рафтанро меомӯзад, саволу масъалаҳои илмии замонавӣ гузошта, онҳоро ҳал карда метавонад, пешбинӣ кардани натиҷаҳои тадқиқоту ҷустуҷӯҳоро ёд мегирад. Аз ин рӯ, агар ташкили кори мустақилонаро нисбат ба донишҷӯён дида бароем, пас корҳои мустақилона якчанд вазифаро иҷро мекунанд. Яке аз онҳо вазифаи маърифатӣ мебошад, ки моҳияти онро аз худ намудани донишҳои нав ташкил медиҳад. Яъне, донишҷӯ дар рафти иҷрои кори мустақилона на танҳо маҷмӯи донишҳои аз назария гирифтаашро мустаҳкам менамояд, балки онро боз ҳам васею мукаммалтар мегардонад. Маълум аст, ки дар курси назариявӣ на ҳамаи маводи барномаи таълимӣ, балки қисми асосии он дода мешавад. Аз ин рӯ, як қисми муайяни барнома барои омӯзиши мустақилонаи донишҷӯён вогузор мешавад. Тарафи дигари кори мустақилонаро вазифаи таълимӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти онро ташаккули малакаю маҳорати муайяни омӯзиши сарчашмаю адабиёт дар бар мегирад. Ба туфайли он дар донишҷӯ маҳорати хуби коркарди мавод, тарзи мақбули қайди адабиёти омӯхташуда, малакаи таҳлилу синтез намудани корҳои озмоишӣ, самаранок аз худ кардани мазмуни он пайдо мешавад. Вазифаи сеюми кори мустақилонаро характери тарбиявӣ доштани он ташкил медиҳад, ки мақсади он ба эътиқоди амиқи шахс табдил додани донишҳои гирифташуда ва иҷрои вазифаҳои асосии тарбия аст. Дар ташкили босамари кори мустақилона хусусиятҳои шахсии худи донишҷӯ нақши муассир доранд. Донишҷӯ аз хонандаи мактаб бо мустақилияти баланди тафаккур, шавқу ҳаваси устувор, амиқии ақлу хирад, бо таҷрибаи бойтари ҷамъиятӣ ва равияи касбӣ доштанаш фарқ мекунад. Ҷамъи хусусиятҳои шахсияти донишҷӯ боиси он мегардад, ки кори мустақилона дар сохти раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ бояд мавқеи назаррасро соҳиб шавад. Аз ин рӯ, кори мустақилона ин фаъолияти мақсаднок, бошуурона ва эҷодии донишҷӯ аст. Он тамоми машғулиятҳои мустақилонаро, ки бо кори таълимӣ, илмӣ ва ҷамъиятии донишҷӯён алоқаманд мебошанд, дар бар мегирад. Ҳамин тариқ, чунин хусусиятҳои асосии кори мустақилонаро қайд кардан мумкин аст:

1. Кори мустақилонаи донишҷӯ берун аз дарсҳои назариявӣ, амалӣ ташкил карда мешавад.
2. Тартиби кор, тақсими вақт ва тарзи иҷрои кори мустақилонаро худи донишҷӯ муайян мекунад.
3. Иҷрои кори мустақилона одатан бе иштироки бевоситаи муаллим, вале таҳти назорати ӯ сурат мегирад.
4. Мақсади асосии кори мустақилонаи донишҷӯро азхудкунӣ ва фаҳмиши амиқи донишҳои нав, ба эътиқоди устувори шахс табдил додани онҳо ташкил медиҳад.

Хусусиятҳои мазкур ба тамоми шаклҳои кори мустақилона, аз ҷумла мустақилона тайёрӣ дидан ва супоридани санҷишу имтиҳонот хос аст. Дуруст аст, ки кори мустақилонаро оид ба тайёрӣ дидану супурдани санҷишу имтиҳонот, одатан ҳамчун шакли алоҳида ҷудо намекунанд, вале таҷриба нишон медиҳад, ки ин намуди кор дараҷаи муайяни мустақилии донишҷӯро талаб мекунад. Бомуваффақият аз санҷишу имтиҳонот гузаштани донишҷӯ онро нишон медиҳад, ки ӯ то кадом андоза мураттаб ва самарабахш дар муддати нимсола ё соли хониш кор кардааст. Дар байни донишҷӯён чунин фикр паҳн гардидааст, ки гӯё дар муддати кӯтоҳи охири нимсола ба санҷишу имтиҳонот тайёрӣ дидан мумкин бошад. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки 60 фоизи донишҷӯён ҳамин зайл рафтор мекунанд, 30 фоизашон аҳён- аҳён ва танҳо 10 фоизи онҳо ба таври мураттаб ва доимӣ тайёрӣ мебинанд. Дуруст аст, ки донишҷӯ дар якчанд рӯзи пеш аз имтиҳон факту рақамҳои зиёдеро ба хотир гирифта метавонад, вале дар ин муддати кӯтоҳ барномаи пурраи курсро аз худ кардан имконнопазир аст. Дар чунин ҳолат, одатан, на сифати дониши азхудкардаи донишҷӯ, балки сифати бахотиргирии механикии ӯ санҷида мешаваду холос. Дар ҳолати мунтазам ва мустақилона, дар ҷараёни таҳсил ба санҷишу имтиҳонот тайёрӣ дидани донишҷӯ, ин намуди кори мустақилона, воситаи муҳимми тарбия ва махсусан, худтарбия шуда метавонад боиси ташаккули худидоракунӣ, мақсаднокӣ, инкишофи тафаккур, фаъолияти нутқӣ ва инчунин ташаккули сифатҳои иродавии донишҷӯ гардад. Аз ин рӯ, муаллим вазифадор аст, ки донишҷӯро бо таҷрибаи бойи худ мусаллаҳ намояд ва методҳои самараноки кори мустақилонаро дар тайёрӣ дидан ба супурдани санҷишу имтиҳонот омӯзанд. Бояд қайд кард, ки дар шароити ҳозира мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба низоми нави таҳсил яъне, низоми кредитӣ гузаштаанд, ки дар ин низом мустақилияти донишҷӯён бештар ба инобат гирифта мешавад. Мустақилияти донишҷӯ дар ин низоми нави таҳсил бо ду роҳ: кори мустақилона таҳти роҳбарии устод, кори мустақилонаи худи донишҷӯ амал мекунад, ки ин боиси пешравии сифати таълим мегардад. Барои амалӣ шудани ин мақсад, омӯзгоронро зарур меояд, ки ҳар чи бештар

донишҷӯёнро ба мустақил кор кардан водор намоянд. Барои мусаллаҳ шудани донишҷӯён, китобҳои дарсӣ ва адабиёти илмию назариявӣ ба таври кофӣ мавҷуд нест. Мо омӯзгорон вазъиятро ба назар гирифта, бояд шакли муайянро мувофиқи шавқу ҳавас ва маҳорату имконияташон интихоб ва иҷро намоянд. Навиштани реферат яке аз чунин шаклҳои асосии кори мустақилона мебошад. Лаҳзаи асосии тайёрӣ ба навиштани реферат ин мустақилона омӯхтани мавзӯъ ва конспект намудани адабиёти назариявӣ мебошад.

Донишҷӯ баъди гирдоварӣ, таҳлил ва ҷамъбасти мавод ба навиштани реферат шурӯъ менамояд ва дар баробари ин набояд фаромӯш кунад, ки реферат ин маҳсули кори мустақилонаи эҷодӣ мебошад. Ба таври мустақилона ва эҷодӣ навиштани реферат кори душвору мураккаб, вале басо муфид аст, чунки дар асоси чунин муносибат малакаи мустақилона ҳосил намудан ва мустаҳкаму устувор аз худ кардани дониш, фаҳмиши бошууронаи ҳақиқати ҳаёт ба миён меояд. Навиштани реферат, дар навбати худ, аҳамияти зиёди тарбиявиро низ дорост, чунки он ба табдили донишҳо ба эътиқод мусоидат мекунад. Ҳамин тавр, навиштани реферат яке аз воситаҳои муҳимми беҳтар гардонидани кори таълиму тарбия, мустаҳкам кардани алоқаю ягонагии онҳо ба шумор меравад ва як навъ машқи махсусе дар системаи тайёрӣ дидан ва навиштани корҳои курсиву дипломӣ ва тайёрии ҳаматарафа дидан ба супурдани санҷишҳою имтиҳонот мебошад. Кори мустақилона воситаи босамараи аз худ намудани дониш, малака ва маҳорат буда, барои ташаккул ва инкишофи шахсияти муаллими оянда, ташаккули малакаю маҳорат ва қобилиятҳои омӯзгории он заминаи хубе фароҳам меоварад. Дар ин самт фаъолияти омӯзгори асил аввалиндараҷа аст, зеро ба ақидаи Димитрий Иванович Менделеев, *«Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагон гардад».*

АДАБИЁТ


1. Моносзон Э.И. Ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон дар таълими химия / Э.И.Моносзон, Р.М.Рогова, Р.Правдник. –Москва: Педагогика, 1985.
2. Саидов С. Хусусиятҳои психологии тафаккури касбии муаллимон / С. Саидов // Маърифат, 1991. -№12.
3. Холназаров С. Асосҳои методикаи таълими химия, Қисми 2 / С. Холназаров. –Душанбе: Авесто, 2009.
4. Бондаревский, В.Б. Воспитание интереса к знаниям и потребности к самообразованию: Книга для учителя / В.Б. Бондаревский. -М.: Просвещение, 1985. -144 с.
5. Пидкасистый, П.И. Самостоятельная познавательная деятельность школьников в обучении. Теоретико-экспериментальное исследование / П.И. Пидкасистый. -М.: Педагогика, 1980. -240 с.
6. Маркова, Н.П. Некоторые условия успешного управления познавательной деятельностью учащихся при программированном обучении (на материале физики): автореф. дис. ... канд. пед. наук / Н.П. Маркова. -М., 1968. - 22 с.
7. Махмутов, М.И. Проблемное обучение. Основные вопросы теории / М.И. Махмутов. -М.: Педагогика, 1975. - 211 с.
8. Смирнов, А.А. Проблемы психологии памяти / А.А. Смирнов. -М., 1966. - 423 с.
9. Грудёнов, Я.И. Психолого-дидактические основы методики обучения математике / Я.И. Грудёнов. - М.: Педагогика, 1987. -160 с.


## КОРИ МУСТАҚИЛОНА- ОМИЛИ МУҲИММИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ДОНИШ


Мақола ба баррасии кори мустақилонаи мактаббачагон, ки омили муҳимми фаъолгардонии дониш маҳсуб меёбад, бахшида шудааст. Дар шароити ҳозира баланд бардоштани самаранокии таълиму тарбия аз бисёр ҷиҳат ба ҷидду ҷаҳди якҷоя ва талаботи якҷояи оила, мактаб, аҳли ҷамъият ба хонандагон вобаста аст. Раванди таълим фаъолияти бошууру муташаккилонаро талаб мекунад. Чунки асоси онро фаъолияти пурсамару бошууронаи хонандагон ташкил карда, дар раванди он хонандагон на танҳо бо донишҳои илмӣ мусаллаҳ мегарданд, балки дар ҳаёт татбиқ намудани ин донишҳоро ёд мегиранд. Муаллимон ва падару модарон бояд хонандагонро ба мустақилона таҳлил карда тавонистани мазмуни китоб ва дигар манбаъҳои дониш фаъолтар ҷалб карда, ба онҳо барои мустақилона фикр кардан ёрӣ расонанд. Дар заминаи чунин талаботҳо аҳамияти тарбиявии кори мустақилонаи хонандагон баланд мегардад ва ин вазифаи тадқиқи амиқи шаклҳои самараноки ташкили кори мустақилонаро дар ҷараёни таълим ба миён мегузорад. Мустақилӣ хусусияти муҳимми шахс мебошад, ки ҳам бо донишу маҳорату малакаҳои ӯ ва ҳам ба муносибати худи шахс ба ҷараёни фаъолияту маҳсули он тавсиф дода мешавад. Бинобар ин ташаккули мустақилонаи шахс бояд ҳатман дар иртибот бо фардияти он шакл гирад.



**Калидвожаҳо:** кори мустақилонаи мактаббачагон, раванди таълим, фаъолияти бошууру муташаккилона, мустақилона фикр кардан, шаклҳои самараноки ташкили кори мустақилона.


## САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ РАБОТА – ВАЖНЫЙ ФАКТОР АКТИВИЗАЦИИ ЗНАНИЙ


Данная статья посвящена рассмотрению самосоятельной работы учащихся как важного фактора активизации знаний В современный период повышение эффективности обучения и воспитания во многом зависит от совместных усилий и требований семьи, школы и общества к обучающимся. Процесс обучения требует сознательной и организованной деятельности. Так как ее основу составляет эфыфективная и сознательная деятельность учащихся, так в данном процессе учащиеся вооружаются не только научными знаниями, также учатся претворять их в жизнь. Педагоги и родители должны привлечь детей к самостоятельному анализу содержания учебников и других источников знаний и помочь им самостоятельно размышлять, так как самостоятельная работа -это целенаправленная и мотивированная познавательная деятельность, которая способствуеит совершенствованию

умений работать самостоятельно и развитию самостоятельности. Активность и самостоятельность ученика в ходе выполнения самостоятельных работ определяется его активностью и самостоятельностью в процессе самостоятельной познавательной деятельности. самостоятельное формирование личности должна формироваться в связи с его индивидуальностью.

**Ключевые слова:** самосоятельная работа учащихся, процесс обучения, сознательная самостоятельная деятельность, самостоятельно размышлять, эффетивные формы организации самостоятельной работы.

**INDEPENDENT WORK IS AN IMPORTANT KNOWLEDGE ACTIVATION FACTOR**

This article is devoted to the consideration of students' self-work as an important factor in enhancing knowledge. In the modern period, improving the effectiveness of training and education depends largely on the joint efforts and requirements of the family, school and society for students. The learning process requires conscious and organized activity. Since it is based on the effective and conscious activity of students, so in this process, students are armed not only with scientific knowledge, they also learn to put it into practice. Teachers and parents should involve children in an independent analysis of the contents of textbooks and other sources of knowledge and help them to think for themselves, as independent work is a focused and motivated cognitive activity that helps to improve the ability to work independently and develop independence. The activity and independence of the student in the course of independent work is determined by his activity and independence in the process of independent cognitive activity. independent formation of personality should be formed in connection with his personality.

**Key words:** self-help work of students, learning process, conscious independent activity, think independently, effective forms of organization of independent work.

**Сведения об авторе:** ***Бобоев Бахтиёр Джангиевич*** – Кулябский государственный университет имени А.Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул.С.Сафарова, 16.

**Information about the author:** ***Boboev Bakhtiyor Dzhangievich*** - Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant. Address: 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S.Safarov St., 16.

**УДК:372.815.99 (575.3)**

# МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ ДАР СОЛИМГАРДОНИИ ОИЛАИ МУОСИР

***Рустами Абдуҷаббор***
**Донишгоҳи давлатии Данғара**

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза ташаккули оилаи нав мебошад. Ба он маъно оилаи нав, ки ҷамъияти нав ва давлати навро бунёд карда истодаем. “Сохтани ҷамъияти нав бо се нишондиҳанда тавсиф дода мешавад ва он ҳам бошад демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ будани он ба шумор меравад” [1, с.124].

Оила, ки рукни ибтидоии давлат аст, бояд ҳамин нишондиҳандаҳоро дошта бошад.

“Оила ҳамчун рукни ибтидоии ҷамъият худ аз худ ба вуҷуд намеояд, балки дар асоси қонуниятҳои муайян, яъне никоҳ ва розигии тарафайн пайдо шуда, ташаккул меёбад. Вақте ки ба таърихи пайдоиши оила назар кунем, он гоҳ мебинем, ки бо бавуҷудоии сохти муайяни ҷамъиятӣ оила ҳамчун қисми таркибии ҷамъият шакл мегирад. Аз ин лиҳоз, ҷамъият аз маҷмӯи оилаҳои зиёде ташкил меёбад ва ҳар қадар он устувору қавӣ бошад, ҳамон қадар ҷамъият низ устувор мегардад” [1, с.125].

Инсоният форматсияҳои гуногуни ҷамъиятиро аз сар гузаронидааст ва оилаи тоҷик низ аз он дар канор нест.

Оилаи имрӯзаи тоҷик баъди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба душвориҳои зиёде ру ба рӯ гардидааст. Зеро баъди нобасомониҳои дохилӣ: оилаҳои нопурра, оилаҳои вайроншуда, оилаҳои носолим ва амсоли инҳо пайдо шуданд. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати оилаи имрӯза бояд ҷиддӣ муносибат намоем ва барои солимгардонии он кӯшиш ба харҷ диҳем. Масалан, солҳои охир нисбати таҳкими оила фармону қонунҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки онҳо дар ҳақиқат дар пешрафт ва дуруст ташкил намудани оилаи имрӯзаи тоҷик ва баланд бардоштани сатҳи иқтисодию иҷтимоии он мусоидат менамоянд. Ҳамаи сохторҳои ҷамъиятӣ бояд ҳамин тавсифдиҳандаҳоро доро бошанд. Бинобар ин, оилаи имрӯзаи тоҷик ҳам бояд аз ҷиҳати фарҳангу маданият ва ҳам аз ҷиҳати мазмун тағйир ёбад ва мақсаду маромаш бо мақсаду мароми ҷамъият як бошад.

Яке масъалаҳои ҳалталаб никоҳи дуюм ва ё бо истилоҳ дуникоҳӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби асосии ба амал омадани бисёрникоҳӣ вайрон шудани таносуби марду зан дар

ҷомеа мебошад. Дар ҷомеаи тозабунёди мо бисёрникоҳӣ дар асоси қонун пурра манъ карда шудааст.

Ташаббуси Призиденти кишвар дар хусуси баланд бардоштани мақому манзалати зан-модар дар ҷомеа ва ба ин хотир ҷалб намудани духтарони ноҳияҳои дурдаст ба таҳсил дар донишкадаю донишгоҳҳои тибқи Квотаи призидентӣ далели сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат мебошад.

Баъзе шахсон нисбат ба муҳаббат, никоҳ ва оила ақидаи комилан нодуруст доранд ва онҳо бар он ақидаанд, ки гӯё бисёрникоҳӣ масъалаи сирф шахсӣ бошад. Бо ин андеша розӣ шудан хатост. Албатта, муҳаббат ва оила аз нуқтаи назари муносибати тарафайни одамон мушкилии шахсӣ мебошад, ки дахолати каси дигарро ҳаргиз намехоҳад, аммо дар баробари ин имрӯз ҷамъияти мо нисбат ба фаъолияти оила ҳаргиз бепарво буда наметавонад.

Сотсиологҳо оиларо ҳамчун ташкилоти муҳимми иҷтимоӣ меомӯзанд, ки он дар ҷамъият вазифаи муҳимро иҷро менамояд. Психологияи сотсиалӣ оиларо ҳамчун гуруҳи хурд тадқиқ мекунад, ки устувории он ба муносибатҳои аъзоёни он, ба мувофиқати психологии онҳо вобаста мебошад. Илми ҳуқуқшиносӣ меъёрҳои ҳуқуқии муносибат ва вазифаҳои аъзоёни оиларо меомӯзад. Оиларо иқтисодчиён, ҳангоми ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои гуногуни хоҷагии халқ низ меомӯзанд, олимони тиб низ ба омӯзиши оила мароқ доранд, онҳо ҷиҳатҳои физиологии муносибатҳои байни зану шавҳарро тадқиқ мекунанд. Ба оила педагогҳо ҳам диққати махсус зоҳир менамоянд, зеро имрӯз комилан равшан аст, ки дар тарбияи насли наврас он чун мактаб нақши муассир дорад. Илми демография низ дар омӯхтани оила нақши намоён мебозад, зеро он оиларо ҳамчун яке аз ҷузъҳои мутамарказ гардонидани аҳолии дунё тадқиқ менамояд. Дар афзоиши аҳолӣ, ки барои ҷамъият хеле зарур аст, маҳз оила нақши бориз дорад. Демографҳо, манфиати давлатро ба асос гирифта, мекӯшанд, ки тағйироти никоҳ ва талокро муайян намоянд ва барои мустаҳкам шудани оила ва афзудани таваллуд тавсияи асоснок диҳанд [7,с.71] .

Барои мустаҳкам шудани оила талоши ҳамагон зарур аст. Зеро, шумораи оилаҳои ҷудошуда зиёд шудааст. Ҳамин тавр, шумораи талоқ зиёд шуда истодааст. Баъзе муҳақиқон исрор мекунанд, ки баъди вайрон шудани оила ахлоқи одамон ҳам вайрон мешавад ва ба танҳоӣ одат мекунанд. Албатта, ин андешаҳо аз як ҷиҳат дуруст бошанд ҳам, аммо аз ҷиҳати дигар нодурустанд. Барои устувор будани оила аъзоёни онро бояд маърифати оиладорӣ омӯхт ва сатҳи тафаккури онҳоро вобаста ба замон баланд бардошт. Барои амалӣ гаштани масъалаҳои зикршуда илми психология саҳми муайян гузошта метавонад.

**АДАБИЁТ**


1. Алёшина, Ю.С. Индивидуальное семейное психологическое консультирование / Ю.С. Алёшина. – М.,1994.
2. Васильева Э.К. Образ жизни городский семейных / Э.К. Васильева. -М.,1981.
3. Данилова, С.С. Проктическое руководство «детский тест» рисуночной фрустрасии С., Розенцвага / С.С. Данилова. - М.,1992.
4. Маркс, К. Лоиҳаи қонун оид ба талоқ Маркс, К., Энгелс, Ф. Асарҳо / К. Маркс. - М.,1978. -Ҷилди 2. –С. 162.
5. Маҳмудов, М.А.Шарипов, Т.Ш.Оила дар ҳифзи қонун / М.А.Маҳмудов, Т.Ш. Шарипов. -Душанбе, 2001. –С.8-21.
6. Маҳмудов, М.А. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила / М.А. Маҳмудов. - Душанбе, 2003.
7. Меликсетиян, А.С. Имрӯзу фардои оила (мутарҷим Акрамов С.) / А.С.Меликсетиян. –Душанбе: Маориф, 1986. -С.80.
8. Ҳифзи ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон (маҷмӯаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди байналмилалӣ); тартибдиҳанда Маҳмудов, Ш.А.- Душанбе, 2000. -С.5.
9. Янкова, З.А. Мужчина и женщина в семье / З.А. Янкова, С.Ф. Очилдиева, О.К. Лосева. - М., Финансы и статистика, 1983. –С. 70.

## МАВҚЕЪ ВА НАҚШИ ИЛМИ ПСИХОЛОГИЯ ДАР СОЛИМГАРДОНИИ ОИЛАИ МУОСИР

Муаллиф мушкилиҳои пешравии ҷомеаро дар ҷудошавии оилаҳо ва шикасти психологияи кӯдакон мебинад. Таҳлили демографии муаллиф нишон медиҳад, ки тамоми соҳаи ҷомеа аз солимияти ва мустаҳкамии оила вобаста аст. Барои мустаҳкам шудани оила талоши ҳамагон зарур аст. Зеро, шумораи оилаҳои ҷудошуда зиёд шудааст. Ҳамин тавр, шумораи талоқ зиёд шуда истодааст. Баъзе муҳақиқон исрор мекунанд, ки баъди вайрон шудани оила ахлоқи одамон ҳам вайрон мешавад ва ба танҳоӣ одат мекунанд. Албатта, ин андешаҳо аз як ҷиҳат дуруст бошанд ҳам, аммо аз ҷиҳати дигар нодурустанд. Барои устувор будани оила аъзоёни онро бояд маърифати оиладорӣ омӯхт ва сатҳи тафаккури онҳоро вобаста ба замон баланд бардошт. Барои амалӣ гаштани масъалаҳои зикршуда илми психология саҳми муайян гузошта метавонад. Оилаи имрӯзаи тоҷик баъди ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба душвориҳои зиёде ру ба рӯ гардидааст. Зеро баъди нобасомониҳои дохилӣ: оилаҳои нопурра, оилаҳои вайроншуда, оилаҳои носолим ва амсоли инҳо пайдо шуданд. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки нисбати оилаи имрӯза бояд ҷиддӣ муносибат намоем ва барои солимгардонии он кӯшиш ба харҷ диҳем.

**Калидвожаҳо:** оила, рукни ибтидоии ҷамъият, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, муосир, носолим, солим, фарҳангу маданият, қабила, бисёрникоҳӣ, демография, талоқ, психология.

## МЕСТО И РОЛЬ НАУКИ ПСИХОЛОГИИ В ОЗДОРОВЛЕНИИ СОВРЕМЕННОЙ СЕМЬИ

Автор описывает трудности в обществе при разводе семей, что негативно влияет на психологию и психику детей. Анализ демографической составляющей показывает, что во всех сферах общества основопологающую роль играет здоровая и полноценная семья. Для укрепления семьи нужны совместные усилия, так как растет количество разведенных семей и разводов. . Некоторые исследователи отмечают, что после развода нарушается и поведение людей, они привыкают к одиночеству. Конечно, эти размышления небезпочвенны, но с другой стороны они и неправильны. Для укрепления семьи нужно обучать ее членов культуры семейной жизни и поднять уровень их мышления в зависимости от требований времени. Для осуществления указанных задач наука психологии может внести определенный вклад. Современная таджикская семья встретилась с огромными трудностями после завершения гражданской войны. Так как после внутренних столконовений и братоубийственной войны возросло число непольных семей. Все вышесказанное свидетельствует о том, что современная таджикская семья требует серьезного отношения и нужно направить все услия на ее оздоровление.

**Ключевые слова: с**емья; первичная ячейка общества, юридическая основа, современность; нездоровый; культура, искусство; племя, многобрачие; демография, развод, психология,

## PLACE AND ROLE OF THE SCIENCE OF PSYCHOLOGY IN THE HEALTH OF A MODERN FAMILY

The author describes the difficulties in society when divorcing families, which negatively affects the psychology and psyche of children. An analysis of the demographic component shows that in all spheres of society, a healthy and full-fledged family plays a fundamental role. Joint efforts are needed to strengthen the family, as the number of divorced families and divorces is growing. . Some researchers note that after a divorce, people's behavior is also disturbed, they get used to loneliness. Of course, these thoughts are not unfounded, but on the other hand they are wrong. To strengthen the family, it is necessary to train its members in the culture of family life and raise their level of thinking, depending on the requirements of the time. For the implementation of these tasks, the science of psychology can make a certain contribution. The modern Tajik family met with great difficulties after the end of the civil war. Since after internal clashes and fratricidal war, the number of incomplete families has increased. All of the above indicates that the modern Tajik family requires a serious attitude and all efforts should be directed towards its improvement.

**Key words:** family; primary unit of society, legal basis, modernity; unhealthy; culture, art; tribe, polygamy; demography, divorce, psychology,,

**Сведения об авторе:** ***Рустами Абуджаббор*** -Дангаринский государственный университет, преподаватель кафедры педагогики, психологии и развития человеческих ресурсов. **Адрес:** 735320, Республика Таджикистан, Дангара, улица Шарифова, 3.Телефон: **985-75-24-45**

**Information about the author:** ***Rustam Abujabbor*** -Dangarinsk State University, teacher of the Department of Pedagogy, Psychology and Human Resource Development. **Address:** 735320, Republic of Tajikistan, Dangara, Sharifova street, 3. Phone: **985-75-24-45**

УДК:372.879.6 (575.3)

# ТАСНИФОТИ ПЕДАГОГИИ МАШҚҲОИ ҶИСМОНӢ

*Шарипов Ҳ.*
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Таснифи ҷисмонии машқҳо ба муаллим кумак мекунанд,ки хусусиятҳои характерноки машқҳои ҷисмониро ҷудо карда, бо ин роҳ ҷараёни ҷустуҷӯйи он машқҳои ҷисмониеро, ки аз ҳама бештар ба вазифаи педагогӣ ҷавобгӯ мебошанд, осон намояд. Чун илм дар бораи тарбияи ҷисмонӣ бидуни танаффус бо маълумотҳои ҷадид ғанӣ мегардад, таснифот низ наметавонад бетағйир бимонад, бо мурури замон онҳо дақиқтар мешаванд.

В.М. Качашкин дар китоби худ "Физическое воспитание в начальной школе" қайд кардааст, ки ягон намуди меҳнати ҷисмонӣ ҷойи машқҳои ҷисмониро иваз карда наметавонад. Машқҳои ҷисмонӣ ба узвҳои дохилию берунии инсон аҳаммияти бузург доранд [1, с. 12].

Ҳар яке аз машқҳои ҷисмонӣ аломатҳои гуногуни характернок доранд. Аз ин рӯ, ҳар як намуди машқи ҷисмонӣ метавонад дар таснифҳои гуногун ҷой дошта бошад. Масалан, боло кашидан дар турник метавонад, дар таснифоте, ки мутобиқ ба аломатҳои анатомӣ сохта шудааст, пешниҳод карда шавад (машқҳо доир ба мушакҳои даст ва камари китфӣ).Хусусан, сохтани таснифоти ягонаи умумӣ барои ҳамаи мавридҳо аз имкон берун мебошад, он таснифотҳо ҳамеша чандто ҳоҳанд буд. Асос барои таснифоти машқҳои ҷисмонӣ он аломатҳоеро эътироф кардан мумкин аст, ки барои ҳаллу фасли вазифаҳои педагогӣ аҳаммияти аз ҳама бештар доранд[2, с. 39].

Дар ҳоли ҳозир якчанд таснифоти машқҳои ҷисмонӣ мавҷуд мебошанд:

1.Таснифи машқҳои ҷисмонӣ аз рӯйи аломати таърихии баамаломадаи системаи тарбияи ҷисмонӣ (гимнастика, бозиҳо, туризм, варзиш). Мутобиқ ба ин таснифоттамринҳое, ки дар амалияи машқҳои ҷисмонӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба чор гурӯҳ тақсим мешаванд: ***машқҳои ҷисмоние***, ки аз ҳаракатҳои гуногуни ҷисмонии ба таври сунъӣ сохташуда иборат мебошанд ва самаранокии онҳо дар асоси интихоб ва таъсиррасонӣ ба сохт ва функсияи бадан, инчунин дурустӣ, зебоӣ ва мутобиқати мураккабии ҳамаи ҳаракатҳо арзёбӣ карда мешавад; ***машқҳои бозӣ***, ки аз навъҳои табиии ҳаракат(дав, ҷаҳидан, тез давидан), ки дар шакл ва вариантҳои гуногун мутобиқ ба вазъияти тағйирёбандаи бозӣ иҷро карда шуда, аз рӯйи самаранокии таъсир ба организми инсон ва дар маҷмӯъ мутобиқ ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти ҳаракатӣ арзёбӣ карда мешавад (давида гузаштан, баландтар ҷаҳидан, дақиқан партоб кардан ва монанди инҳо); ***машқҳои ҷисмонии сайёҳӣ***, ки аз қадам задан, давидан, ҷаҳидан, аз монеаҳо гузаштан, бо лижаҳо қадам задан, дучархаронӣ, қайиқронӣ дар шароити табиӣ, ки самаранокии он тавассути маҷмӯи таъсиррасониҳо ба организм ва натиҷаи паси сар кардани фосилаҳо ва монеаҳо дар маҳал иборат мебошад; ***машқҳои ҷисмонӣ*** он гурӯҳи фаъолиятҳои ҳаракатиро муттаҳид мекунанд, ки иҷрои онҳо ба таври сунъӣ мутобиқ ба таснифоти ягонаи варзишии умумииттифоқӣ стандартизатсия шуда, мавзӯи тахассусӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои максималии варзишӣ мебошад. Ба гурӯҳи охирин метавонанд баъзе машқҳои ҷисмонии се гурӯҳи аввал дохил шаванд, агар ба онҳо аломатҳои зикршуда хос бошанд (машқҳои варзишии гимнастикӣ, машқҳои бозии варзишӣ, машқҳои варзишии ҷисмонии сайёҳӣ).

Шартан будани таснифот дар фарқияти аломатҳое, ки ин гурӯҳи машқҳои ҷисмониро тавсиф кардаанд, ба чашм мерасад. Аз ин рӯ, барои мисол, давидан, сарфи назар аз он ки дар вариантҳои гуногун мавҷуд мебошад, дар чор вариант низ муаррифӣ шудааст. Таснифот ин фақат ҳамчун тамоюли умумӣ дар хислати машқҳои ҷисмонӣ мавҷуд аст.

2.Таснифоти машқҳои ҷисмонӣ аз рӯйи нишонаҳои фаъолияти мушакҳо ё аломати талаботҳои афзалиятнок дар сифатҳои ҳаракатӣ, ё аломатҳоитаъсири афзалиятнок ба инкишофи сифатҳои ҳаракатӣ: ***машқҳои ҷисмонии суръатбаландии қувватнок***, ки аз машқкунанда кӯшишу ғайрати максималиро дар муддати ками вақт талаб мекунанд (масалан, давидан ба масофаи кӯтоҳ, партофтани чизе ва монанди инҳо);***машқҳои ҷисмоние, ки пуртоқатиро талаб мекунанд,*** яъне кӯшишу талошҳои оптималӣ дар муддати нисбатан тӯлонии вақт (масалан, давидан ба масофаҳои миёна ва тӯлонӣ, қадам задан бо лижаҳо ва монанди инҳо); ***машқҳои ҷисмоние, ки мутобиқати ҳаракатро*** ҳангоми иҷроиши шароитҳо ба таври қатъӣ талаб мекунанд (масалан, машқҳо дар таҷҳизотҳои гимнастикӣ, ҷаҳиш ба об ва монанди инҳо); ***машқҳои ҷисмоние, ки кӯшиши***

***дастаҷамъонаи сифатҳои ҳаракатиро*** ҳангоми тағйирёбии доимии сатҳи талошҳо мутобиқ ба шароитҳои тағйирёбанда талаб мекунанд(бозиҳои серҳаракати варзишӣ, якҳарбаҳо).

Дар баробари каме шартӣ будани ин таснифот, он имкон медиҳад, аз як тараф машқҳои ҷисмоние интихоб карда шаванд, ки бо кумаки онҳо метавон ба таври самаранок натиҷаи дилхоҳро ба даст овард (пас, машқҳое барои назорат кардан аз болои сатҳи инкишофи сифатҳои ҳаракатӣ интихоб карда мешаванд), аз тарафи дигар, донистани он ки кадом сифатҳо барои самаранок иҷро кардани ин ё машқҳо лозим мебошанд.

3.Таснифи машқҳои ҷисмонӣ аз рӯйи моҳият барои ҳаллу фасл намудани вазифаҳои таълимӣ: **машқҳои ҷисмонии (ё муқоисавӣ) асосӣ,** яъне фаъолиятҳои ҳаракатӣ, ки мутобиқ ба вазифаҳои таълимии барномаҳои таълимӣ мавзӯи омӯзиш шудаанд (баъзан, мавзӯи мусобиқа низ), (масалан, ҷаҳидан аз болои аспак ба дарозӣ барои хонандагони синфҳои 10-ум); ***машқҳои ҷисмонии нигаронидашуда,*** яъне фаъолиятҳои ҳаракатие, ки аз худ кардани машқҳои асосиро ба шарофати мавҷуд будани баъзе ҳаракатҳоимонанд ба сифатҳои зоҳирӣ ва ташаннуҷҳои асабию мушак, осон мегардонад (масалан, гузариш аз ҳолати фишор бо дастҳо, ба замин ба ҳолати фишор бо пойҳо, ба замин дар ҳолати дур будани пойҳо аз якдигар, ин ҳолат машқкунандаро барои ҷаҳидан аз болои аспакба дарозӣ омода мекунад); ***машқҳои ҷисмонии омодагӣ,*** яъне фаъолиятҳои ҳаракатие, ки ба инкишофи он сифатҳои ҳаракатие мусоидат мекунанд, ки барои бомуваффақият омӯхтани асосҳои тарбияи ҷисмонӣ зарур мебошанд (масалан, боло кашидан дар турник ҳамчун машқҳои омодагӣ барои бандбарой хизмат мекунад).

Ин таснифот шартӣ мебошад, чунки дар он ба таври сунъӣ машқҳое, ҷудо карда шудаанд, ки ба ташаккули малакаҳои ҳаракатӣ ва инкишофи сифати ҳаракат равона карда шудаанд, дар сурате ки ҳардуи ин ҷараён аз ҳам ҷудо нестанд. Аммо маънои амалии ин таснифот ба ин сабаб аз байн намеравад.

4.Таснифоти машқҳои ҷисмонӣ бар асоси аломати бартарияти инкишофи мушакҳои гурӯҳҳои алоҳида: ***барои мушакҳои даст ва камару китф, барои мушакҳои бадану гардан, барои мушакҳоипо ва нишеман.*** Дар дохили ин таснифот тақсими машқҳо ба зергурӯҳҳо дар назар гирифта шудааст: машқҳо бо ашё ва машқҳо бидуни ашё, машқҳои инфиродӣ ва машқҳои ҷуфт, машқҳо барои инкишофи қувва ва инъитофпазирӣ (гибкость).

Машқҳои ин намудро метавон ба деталҳо тақсим намуд, масалан ҷудо кардани зергурӯҳи машқҳо барои мушакҳои шикам, каф ва зонуи по ё зергурӯҳи машқҳо бидуни асбоб, нишаста ё дароз кашида дар хона ва монанди инҳо. Дар таснифоте, ки оварда шуд, ба ҷуз аз аломатҳои асосӣ, анатомӣ, боз дигар аломатҳо низ ҷой дода шудаанд: инкишофи бартарии қувва, мавҷуд будан ё набудани асбобҳои варзишӣ. Шартӣ будани таснифот низ дар ҳамин чиз инъикос меёбад, аммо вай моҳияти амалии онро коҳиш намедиҳад, бахусус ҳангоми тартиб додани маҷмӯи машқҳои умумиинкишофдиҳанда, маҷмӯи машқҳои дақиқаҳои варзишӣ, дар сурати зарурати таъсиррасонӣ ба таври ҷугона ба ин ё он гурӯҳи мушакҳо.

Ба ҷузъ аз таснифоти умумӣ боз ба ном ***таснифотҳои хусусӣ*** мавҷуд мебошанд: таснифоти машқҳои ҷисмонӣ дар навъҳои гуногуни варзиш, дар биомеханика (оморӣ, динамикӣ, сиклӣ, ғайрисиклӣ, машқҳои ҷисмонии омехта ва монанди инҳо), дар физиология (машқҳои максималӣ, аз максималӣ ҳам бештар, бо иқтидорҳои бузург ва муносиб).

Мавҷуд будани таснифотҳои гуногун, ки мутобиқ ба аломатҳои гуногун бунёд карда шудаанд, ҳамчун падидаи мусбат арзёбӣ мегарданд, ки ба омӯзгор имкон медиҳанд аз анбӯҳи машқҳои ҷисмонии гуногун, машқҳоеро интихоб намояд, ки бештар ба вазифаҳои педагогӣ мутобиқат доранд.

Машқҳои ҷисмонӣ ҳатман бояд дар мавзеъҳои хушбоду ҳаво, тозаю озода, майдончаҳои варзишӣ ва бо либосҳою лавозимоти варзишӣ гузаронида шаванд [3, с. 60].

Инсон ҳамеша дар таъсири мутақобила бо муҳити атроф қарор дорад. Қонунияти ягонагии организм ва муҳит низ дар ҳамин зоҳир мегардад.

Шароитҳои ҳамешатағйирёбандаи метеорологӣ (шуъои офтоб, ҳарорати ҳаво ва об, боришот, ҳаракат ва тағйирёбии ҳаво, фишори атмосферӣ дар сатҳи дарё ва дар баландӣ) метавонанд тағйиротҳои назарраси биохимиявиро дар организми инсон ба вуҷуд оварда, боиси аксуламалҳои муайяни физиологӣ ва психикӣшаванд, ба монанди тағйирёбии вазъияти саломатӣ ва қобилияти коркунии инсон, самаранокии машқҳои ҷисмонӣ, тактика ва техникаи иҷроиш, инчунин ба травматизм сабаб мешаванд. Пас таъсири омилҳои берунаро ҳангоми иҷрои машқҳои ҷисмонӣ аз тарафи хонандагон ба назар гирифтан зарур аст. Кӯшишу талошҳои пешгӯӣ кардан, идора кардани мелок (андоза) ва

хислатҳои таъсири омилҳои муҳити беруна ба онҳое, ки ба машқҳои ҷисмонӣ машғуланд, боиси ба вуҷуд омадани шохаи ҷудогонаи илмӣ – биометеорологияи варзиш шудааст.

Истифодаи қувваҳои табиии табиат дар ҷараёни тарбияи ҷисмонӣ ***дар ду самт амалӣ карда мешавад***:

1.Қувваҳои табиии табиат ҳамчун омилҳои ҳамсафаре мебошанд, ки дар сурати ба таври оқилона ба ҳисоб гирифтани таъсири онҳо шароитҳои нисбатан муносиберо ҷиҳати машғул шудан ба машқҳои ҷисмонӣ сохтан мумкин аст. Онҳо самаранокии таъсири ҳаракатро ба организми инсон дучанд намуда, тақвият мебахшанд.

2.Қувваҳои табиии табиат ҳамчун воситаҳои нисбатан мустақили сиҳатбахшӣ ва обутоб додани бадан дар шакли протседураҳои махсус, даштҳои офтобӣ, ҳавоӣ ва обӣ баромад мекунанд. Зимни таъсири оптималӣ ин протседураҳо ба реҷаи меҳнатӣ ва фаъолияти таълимӣ ворид карда шуда, ба шакли фаъоли истироҳат табдил меёбанд. Онҳо ҳамчунин самаранокии барқароркунии саломатиро баланд бардошта эмотсияҳои мусбатро эҷод мекунанд.

Яке аз талаботҳои асосӣ ҳангоми истифодаи қувваҳои табиии табиат ин дар шакли низом ва ба таври маҷмӯӣ дар ҳамхонӣ бо машқҳои ҷисмонӣ истифода намудани онҳо мебошад. Ҳангоми муайян кардани дозаи оптималӣ ба назар гирифтани хусусиятҳои машқкунанда ва хислати вазифаҳои педагогӣ зарур мебошад. Истифодаи дурусти қувваҳои табиии табиат имкон медиҳанд, механизми интиқоли самаранокии обутоби бадан амалӣ карда шавад, яъне самараи дар ҷараёни машқҳои ҷисмонӣ бадастоварда барои истифодаи сарбориҳои нисбатан бештар имконият фароҳам меоварад: қобилияти коркунии инсон баланд мешавад; муқовимати организми инсон нисбат ба таъсири радиатсияҳо, сарбориҳо, таконхӯриҳо ларзиданҳо ва ғайраҳо бештар мегардад. Ин омилҳо имкон медиҳанд, ки инсон сифатҳои иродавии худро дар сатҳи баландтаре нишон диҳад.

**АДАБИЁТ**


1. Качашкин В.М. Физическое воспитание в начальной школе. Пособие для учителей / В.М. Качашкин. -Москва: Просвещение, 1983.
2. Ашмарина Б.А. Теория и методика физического воспитания. Учебное пособие для студентов факультетов физического воспитания педагогических институтов / Б.А. Ашмарина. –Москва: Просвещение, 1979.
3. Качашкин В.М. Методика физического воспитания / В.М.Качашкин. –Москва: Просвещение, 1980.
4.Спортивные игры. Учеб.пособие для пед. училищ. Под ред. Н.П. Воробьева. -Москва: Просвещение, 1975.


## ТАСНИФОТИ ПЕДАГОГИИ МАШҚҲОИ ҶИСМОНӢ


Таснифоти педагогии машқҳои ҷисмонӣ дар таълифоти муаллиф ба таври мушаххас нишон дода шудааст. Ин таснифот ба омӯзгорони фанни тарбияи ҷисмонӣ кумаки зиёд мерасонад.Омӯзгорон хусусиятҳои характерноки машқҳои ҷисмониро ҷудо карда, омӯхта, бо ин роҳ ҷараёни ҷустуҷӯйи он машқҳои ҷисмониеро, ки аз ҳама бештар ба вазифаи педагогӣ ҷавобгӯ мебошанд дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ васеъ истифода мебаранд.Ҳар яке аз машқҳои ҷисмонӣ аломатҳои гуногуни характернок доранд. Аз ин рӯ, ҳар як намуди машқи ҷисмонӣ метавонад дар таснифҳои гуногун ҷой дошта бошад. Муаллиф дар таълифоти хеш тамринҳоеро, ки дар амалияи машқҳои ҷисмонӣ мавриди истифода қарор мегиранд, ба чор гурӯҳ тақсим кардааст:машқҳои ҷисмонии аз ҳаракатҳои гуногуни ҷисмонии ба таври сунъӣ сохташуда; машқҳои бозӣ - навъҳои табиии ҳаракат (дав, ҷаҳидан, тез давидан); машқҳои ҷисмонии сайёҳӣ - аз қадам задан, давидан, ҷаҳидан, аз монеаҳо гузаштан, бо лижаҳо қадам задан, дучархаронӣ, қайиқронӣ; машқҳои ҷисмонии таснифоти ягонаи варзишии хусусияти умумидошта - мавзӯи тахассусӣ барои ба даст овардани натиҷаҳои максималии варзишӣ. Иҷрои дурусти машқҳои ҷисмонӣ барои мустаҳкам кардани қувваи ҷисмонӣ ва қобилиятҳоихонандагонистифода бурда мешавад.Бинобар ин, дар тарбияи ҷисмонӣ методҳои эзоҳдиҳӣ ва намунаи ибрат аҳаммияти зиёда доранд. Истифодаи ин методҳо, пеш аз ҳама, дар мавридҳои ҷараёни ташкили тамриноти ҷисмонии хонандагон ва чорабиниҳои оммавию спортӣ сурат мегирад. Бо кумаки онҳо аҳаммияти машқҳои ҷисмонӣ баҳри мустаҳкамкунии саломатӣ ва инкишофи онон баррасӣ карда мешавад.



**Калидвожаҳо:** таснифоти педагогии машқҳои ҷисмонӣ, хусусиятҳои характерноки машқҳои ҷисмонӣ, ташкили тамриноти ҷисмонӣ, ҳаракатҳои гуногуни ҷисмонӣ,машқҳои ҷисмонии омодагӣ, машқҳои бозӣ.


## ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ КЛАССИФИКАЦИЯ ФИЗИЧЕСКИХ УПРАЖНЕНИЙ


Педагогическая классификация физических упражнений конкретно показана в публикациях автора. Такая классификация помогает учителям физической культуры. Учителя, выделяя и изучая специфику физических упражнений, таким образам выбирают те виды физические упражнения, которые отвечали бы, прежде всего, педагогическим задачам и широко использовались бы на уроках физической культуры. Каждый из физических упражнений имеет свою специфику. Поэтому каждый вид физических упражнений может находиться в различных классификациях. Автор в своей статье делит физические упражнения на четыре группы: 1) физические упражнения, состоящие из различных искусственных движений, 2) игральные упражнение (бег, прыжки, быстрый бег), 3) физические упражнения туристического характера (ходьба, бег, прыжки, преодоление барьера, ходьба с лыжами, езда на велосипеде, байдарке плавание на, 4) физические упражнения общего характера – специальные упражнения для достижения максимальных спортивных результатов. Правильное выполнение физических упражнений используется для укрепления физических сил и способностей учащихся. Поэтому при физическом

воспитании очень важное значение имеют методы убеждения и примеры. Эти методы в основном используется во время выполнения физических упражнений и мероприятий общего и спортивного характера. С их помощью рассматривается значение физических упражнений для укрепления здоровья.

**Ключевые слова**: Педагогическая классификация физических упражнений, особенные черты физических упражнений, различные физические движения, подготовительные физические упражнения, игровые упражнения.

**THE PEDAGOGICAL CLASSIFICATION OF THE PHYSICAL EXERCISES**

The author of the article showed in details the pedagogical classification of the physical exercises. This classification helps to the teachers of the physical training subject. Teachers divide specific peculiarities of the physical exercises and after learning this way use widely at the lessons of the physical training those physical exercises which mostly meet the pedagogical requirements. Each of physical exercise has its various specific features. There fore every kind of physical exercise can take place in different classification. The author in his article

divides into four groups the training classification which use in the process of physical exercises realization: physical exercises consisting of different physical kinetics; physical games – natural kinetics types (running, jumping, jogging); touristic physical exercises – walking, running, jumping, skiing, biking, rowing; physical exercises unified physical all union classification – specialized theme in order to get maximal sport results. Regular doing of physical exercises use in order to strengthen physical power and schoolchildren's abilities. There fore in physical training has a great importance in explanative methods. These methods first of all use in the process of physical training organization of the students and sporting activities. With their help consider the importance of physical exercises in order to strengthen the health and its development.

**Key words:** pedagogical classification of the physical exercises, specific peculiarities of the physical exercises, organization of physical training, different physical kinetics, training of physical exercises, playing exercises.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Ҳалим Ҳокимович*** **-** устоди кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва ОДҲ-и ДДБ ба номи Носири Хусрав. Тел: 937787545

**УДК:372.850 (575.3)**

# САМОСТОЯТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ УЧАЩИХСЯ, НАПРАВЛЕННАЯ НА ЭКОНОМИЧЕСКОЕ ОБРАЗОВАНИЕ,И ОБЕСПЕЧИВАЮЩАЯ ПРЕЕМСТВЕННОСТЬ «ЛИЦЕЙ-ВУЗ»

***Гулмахмадов С., Раджабов У.Х.***

**Институт развития образования им. Джами Академии образования Таджикистана, Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни**

Переход к модернизации школьного и вузовского образования, появление новых методов обучения предъявляют к школам большие требования для выпуска высококвалифицированных специалистов, нарастает необходимость тесной связи школьных и вузовских дисциплин для развития у подрастающего поколения экономического образования как основы современной культурной деятельности.

Как указывается в [1, с. 514] под понятием преемственности понимается «... связь между явлениями в процессе развития, когда новое, снимая старое, сохраняет в себе некоторые его элементы. Преемственность есть одно из проявлений диалектики закона отрицания – отрицания и перехода количественных изменений в качественные».

При анализе методической, дидактической, педагогической и психологической литературы выяснилось, что проблема использования принципа преемственности в обучении достаточно хорошо разработана, в работах и исследованиях Б.Г. Ананьева, А.К. Бушли, Ш.И. Ганелина, П.Я. Гальперина, Ю.А. Самарина, А.А. Люблинской, М.Н. Скаткина, Н.А. Мечинской, Л.В. Воронина, из отечественных учёных можно А.А. Раззокова, М. Нугманова и других [2, 3, 5, 7, 8]. Н.А. Сорокин отмечает, что «соблюдение преемственности необходимо на каждом уроке, при изучении каждого учебного материала, а также при самостоятельной деятельности учащихся, как в школе, так и дома» [9, с. 102].

В результате изучения работ и исследований как зарубежных, так и отечественных педагогов, методистов в области естественнонаучных дисциплин можно прийти к выводу, что вопросам экономического образования школьников, обеспечивающего преемственность их самостоятельной деятельности мало уделяется внимание или совсем не уделяется.

По нашему мнению, одной из форм ознакомления учащихся с экономической политикой государства, новостями экономики, науки и техники с использованием преемственности обучения в процессе преподавания математики и физики являются организация самостоятельной деятельности учащихся, проведение экскурсий, вечеров и научно-практических конференций.

В условиях научно-технической революции быстрое «старение» сведений вызывает необходимость непрерывного пополнения знаний. Однако самопроизвольное формирование рациональных приемов учения, работа с книгой – основным источником информации, как показывает опыт, протекает медленно и малоэффективно. Поэтому школьников нужно учить методам самостоятельной учебной работы. Эти методы хорошо освещены в работах [6, 11]. В монографии [6] исследуются основные вопросы теории самостоятельной познавательной деятельности учащихся. Усова А.В. и Вологодская З.А. рассматривают самостоятельные работы учащихся как «методы обучения, посредством которых достигается приобретение учащимися знаний, умений и навыков, а также решение воспитательных задач (воспитание активности, самостоятельности, настойчивости, воли и т. д.)» [11, с.4]. В работе [11] рассмотрены дидактические принципы руководства самостоятельной работой учащихся по физике, виды ее и формы организации. Большое внимание уделено методике формирования у учащихся обобщенных умений и навыков в процессе выполнения ими самостоятельной работы. Дано планирование системы самостоятельных работ по отдельным темам курса физики, которое можно использовать и в математике.

В результате проверка знаний у студентов первого курса некоторых высших учебных заведений показала, что качество знаний по физике не отвечают тем стандартам, которые предъявляются министерством образования. Тогда как, согласно школьной учебной программе по математике и физике, они (в прошлом ученики) должны были получить эти знания в школе.

На наш взгляд, причинами низких показателей знаний у студентов первокурсников являются следующие:

- учебной программой отведено малое количество часов для прохождения тем по математике и физике;
- не функционируют кружки, как по математике, так и по физике;
- нехватка демонстрационных оборудований в кабинетах физики и математики;
- нехватка квалифицированных кадров в сельских школах;
- неправильная организация самостоятельно-творческой учебной деятельности учащихся.

Как показано в исследовании Ворониной Л.В. [2], «... учитель средней школы по разным причинам не всегда адекватно представляет содержание обучения предмету, а также методы, формы и средства, используемые учителями на предшествующей ступени обучения» [2, с.5]. С ее мнением мы вполне согласны и хотелось бы добавить, что правильно организованная самостоятельная творческо-познавательная деятельность учащихся в школе играет немаловажную роль в экономическом образовании, обеспечивающая преемственность «школа-вуз».

Дидактические цели самостоятельной творческо-познавательной деятельности школьников можно условно разделить на следующие группы работ, направленных на: 1) приобретение и расширение знаний; 2) овладение умениями и навыками; 3) применение знаний, умений и навыков.

К сожалению, методистами мало изучены теоретическо-практические аспекты самостоятельной творческо-познавательной деятельности школьников по математике и физике, направленной на экономическое образование учащихся.

Большой, сложный и разнообразный учебный материал по математике и физике, направленный на экономическое образование учащихся, может быть сознательно усвоен учащимися только в том случае, если его изучение происходит при активном участии самых учащихся, если широко развита их самостоятельная творческо-познавательная работа.

Мы можем давать учащимся знания не в готовом виде, а формировать систему знаний в процессе их активной умственной работы, добиваясь глубокого, четкого и правильного понимания природы физических явлений [11, с. 35].

Только при наличии активной, самостоятельной работы учащихся мы воспитаем инициативных, умелых, энергичных людей. По нашему мнению, большую роль играют самостоятельные работы учащихся при решении экономических задач по математике и физике. Они важны для правильного усвоения физических знаний, для общего развития учащихся и для приобретения ими ряда практических навыков. Во всей работе учащегося во время решения практических задач по физике, и математике важны единство мышления и действия, неразрывная связь умственной и практической деятельности. Далее рассмотрим экономические задачи по физике направленные на формирование у учащихся соответствующих знаний и умений (экономическое образование), отношений, специфических качеств личности (собственно воспитательный аспект).

Одним из важнейших средств формирования у учащихся экономических понятий является решение задач по физике с элементами математики, при использовании краеведческого материала.

В своих многочисленных выступлениях Лидер нации, Основоположник мира и единства, Президент Республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон отмечает, что «использование современных энергосберегающих ламп сокращает расход электроэнергии в пять раз и помимо этого срок их эксплуатации в 8-10 раз выше». По нашему мнению, всё это положительно может сказаться на экономики бюджета семьи и электроэнергии страны.

Можно привести ряд примеров задач по физике краеведческого характера, направленных на энергосбережение [10, с. 81]. Эти задачи можно предложить решить самостоятельно учащимся в IX классе по физике или на первом курсе в педагогическом вузе на тему «Производство, передача и применение электрической энергии. Развитие производства электрической энергии в Республике Таджикистан».

1. Нурекская ГЭС мощностью 2,7 млн кВт должна в течение года производить 11,2 млрд кВт·час электроэнергии. Сколько природного газа (или каменного угля) израсходуется для производства такого количества электроэнергии?

2. Если Нурекская ГЭС в течение года производит 11,2 млрд кВт.час электроэнергии, тогда сколько электроэнергии будет произведено в течение часа?

3. Как вы думаете, если в городе Кулябе в каждом доме выключить на один час по одной газонаполненной лампе накаливания мощностью в сто пятьдесят ватт (150 Вт), сколько можно было бы сэкономить электроэнергии? Выразите ее в киловатт -час и в денежном отношении?

4. Как вы думаете, для каких нужд можно было бы использовать сэкономленную электроэнергию? Сделайте соответствующие расчеты для своего дома, школы.

А.С.Макаренко четко и настойчиво включал как одну *из* целей воспитания - воспитание организатора, человека, умеющего приказывать товарищу и подчиняться ему. Для достижения этой цели он разработал целую систему организации ученического коллектива и педагогического руководства им. Он выдвинул основные принципы и методы воспитания, определил понятие коллектива, обосновал ведущие положения организации коллектива, его педагогической диалектики. Определяющими факторами развития организаторских способностей Антон Семенович считал воспитание в коллективе и через коллектив, выделяя при этом организацию самоуправления, развитие общественной активности, институт командиров, сводные отряды, дежурства, систему внутриколлективных взаимосвязей[8].

Психолого-педагогическое изучение формирования организаторских способностей учащихся старших классов в процессе общественной работы начала проводить в школе С.В.Кондратьева.

Решая проблему педагогических способностей, касались способностей организатора Ф.Н.Гоноболин, Н.В.Кузьмин, Н.Д.Левитов и другие.

Ф.Н.Гоноболин и Н.В. Кузьмин включают организаторские способности и в структуру педагогических, но не раскрывают сущности и структуры первых **[2].**Н.В. Кузьмин, включив организаторские способности учителя в структуру педагогических способностей, рассматривал организаторские способности не как черты личности, а как требования деятельности: умение планировать, предвидеть, проектировать свои действия, экономное использование времени, контроль**[7].**

Таким образом, в науке сложились разные методологические подходы, определяющие сущность организаторской деятельности.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Аркин Е.А. Мозг и душа. Учебное пособие / Е.А.Аркин. - М.: Гос. изд-во, 1921. -72 с.
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология / Под ред. Давыдова В.В. Учебник /Л.С. Выготский - М.: АСТ: Астрель: Люкс, 2005. – 671 с.
3. Захаров И.К. Культурная миссия университета или социальная педагогика как политическая программа / И.К.Захаров, Е.М.Ляхович //Вестник высшей школы 1991.- № 10.-С.46-54.
4. Кабанова С.В. Об организации самовоспитания студентов педагогического вуза /Метод, рекомендации / С.В.Кабанова. -М.: МГПИ, 1979.- 41 -С.206.
5. Кабанова С.В. Самовоспитание в системе воспитательной работы со студентами пед. вуза: автореф. дисс. канд. пед. наук / С.В.Кабанова. -М., 1980. -16 с.
6. Кузьмин Н.В. Подготовка будущих учителей технологии к профессионально-творческой деятельности в условиях общеобразовательной школы: автореф. … канд. пед. наук / Н.В. Кузьмин [Текст]. - Йошкар-Ола, 2007. - 26 с.
7. Кузьмина Н.В. Психологические структуры деятельности учителя и формирование его личности: автореф. дисс.докт.пед.наук / Н.В.Кузьмин. -JI., 1965. -39 с.
8. Макаренко А.С. Некоторые выводы из педагогического опыта.-соч. А.С./Макаренко. Собрание сочинений. - М., 1968. – С. 179-185
9. Педагогика и психология высшей школы: Учебное пособие / Отв. ред. Буланова-Топоркова М.В. - Ростов-на-Дону: Феникс, 2002.-544 с.
10. Сейтешев А.П. Общие проблемы воспитания. Учебное пособие / А.П.Сейтешев. -М.: Педагогика, 1979.-237 с.
11. Шамова Т. И. Управление образовательными системами: Учебное пособие для студ. высш. пед. учеб.заведений / Т. И. Шамова, Т. М. Дамиденко, Г. II, Шибанова; под ред. Т. И. Шамовой. - 2-е изд., сюр. - М.: Издательский центр «Академия», 2005. - 384 с.


## ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТ ҲАМЧУН ТАШКИЛОТЧӢ ДАР МАКТАБ


Мақола оид ба яке аз муаммои ҳалталаби педагогикаи имрӯза - ташаккули шахсияти ташкилотчигӣ дар мактаб аз нуқтаи назари иравоншиносону педагогон маълумот дода шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки психология ва педагогикаи идоракунӣ ва яке аз қисматҳои онҳо психология ва педагогикаи фаъолияти ташкилотчигӣ аз фалсафаи муосир сарчашма мегирад ва аз принсипҳои асосии он ибтидо мегирад. Дар мақола ин принсипҳо номбар карда шудаанд. Муаллиф қайд намудааст, ки асосгузорони фалсафаи муосир зарурияти воқеӣ касб намудани идоракунии одамонро дар махсусиятҳои истеҳсолот ва арзишҳои молиявӣ маънидод кардаанд. Маълуми ҳамагон аст, ки дар фаъолияти ташкилотчигӣ маҳорати идоракунӣ ва ташкили кор аҳаммияти калон дорад. Ҳамчунин, дар мақола таъкид гардидааст, ки фаъолияти ташкилотчигии бомаҳоратона аксарияти меҳнакашонро ба меҳнати софдилона савқ медиҳад, боиси рушди ҷомеаи демократӣ ва сарчашмаи ҳамаи ғолибиятҳо мегардад. Ин мафҳум бо хусусиятҳои хосси худ аз дигар фаъолиятҳо фарқ дорад ва дар мақола ин фарқият нишон дода шудааст. Инчунин, дар мақола мафҳумҳои «сарвар» ва «сарварӣ» маънидод шудаанд.

**Калидвожаҳо:** қобилияти ташкилотчигӣ, фаъолияти ташкилотчигӣ, сарвар, сарварӣ, тарбияи коллектив.

**ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ ЛИЧНОСТИ КАК ОРГАНИЗАТОРА В ШКОЛЕ**

Статья посвящена одной из актуальных проблем сегодняшней педагогики формирование личности как организатора в школе с точки зрения психолого-педагогических аспектов. Автор указывает, что психология и педагогика управления и их раздел психология и педагогика организаторской деятельности, базируются на современной философии и вытекающих из нее основных принципах, в статье перечислены эти принципы. Автор утверждает, что основоположники современной философии обусловливают объективную необходимость управления людьми, особенностями производства материальных ценностей. Известно, что большое значение в организаторской деятельности имеет умение управлять и организовать работу. Также в статье утверждается, что умелая организаторская работа трудящихся масс способствует максимальному привлечению их к этому делу, является глубоким, постоянным свойством, наилучшим условием развития демократического общества и самым глубоким источником его побед. И привлечение каждого человека (включая студентов и школьников) к управлению и самоуправлению делами всего коллектива вовсе не означает выполнения ими организаторской деятельности. Выявлено, что такая деятельность отличается специфическими особенностями. Также в статье дано чёткое понимание «лидер»-а и «лидерства» как русских, так и зарубежных ученых.

**Ключевые слова:** организаторские способности, организаторскаядеятельность, лидер, лидерство, воспитание коллектива.

**PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL ASPECTS OF PERSONALITY FORMATION AS AN ORGANIZER AT SCHOOL**

The article is devoted to one of the topical problems of today's pedagogy such as the formation of personality as an organizer in school from the point of view of psychological and pedagogical aspects. The author points out that psychology and pedagogy of management and their section psychology and pedagogy of organizational activity are based on modern philosophy and the basic principles and the article lists these principles. The author argues that the founders of modern philosophy determine the objective need to control the peculiarities of human production of material values. It is known that great importance in organizational activity is the ability to manage and organize work.The article also States that the skillful organizational work of the working masses contributes to their maximum manifestation in this case is a deep, permanent property, the best condition for the development of a democratic society and the deepest source of its victories. And the involvement of each person (including students and schoolchildren) in the management and self-management of the Affairs of the entire team does not mean the implementation or organizational activities. And it is revealed that such activity differs from specific features. The article also gives a clear concept of "leader"and "leadership" from both Russian and foreign sources.

**Keywords**: organizational skills, organizational activity, leader, leadership, team education.

**Сведения об авторе:** ***Мамаджонов Самеъджон*** **-** факультет заочного образования Худжандского государственного университета имени Б. Гафурова в Джаббор Расуловском районе, преподаватель кафедры педагогики и естественно-математических дисциплин. E-mail: **smamadjonov82@mail.ru**
**Т**елефон: **+992929820882**

**Information about the author:*Mamadzhonov Samejon*** - faculty of distance education of the Khujand state University named after academician Babadzhan Gafurov in Jabbor Rasulovsky district, teacher of the Department of pedagogy and natural-mathematical disciplinesE-mail: **smamadjonov82@mail.ru**. Phone: **+992929820882**

**УДК:372.800.4 (575.3)**

# МУҲИММИЯТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ САЙЁРУ МУЛТИМЕДӢ

***Шарипов Х.А.***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Марҳилаи муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раванди иттилоотикунонии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилооти таълимӣҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, тарбиявӣ ва методологӣ иртибот дорад [13, с. 106). Дар натиҷа як қатор таҳқиқоти бунёдӣ бо фарогирии адабиёти илмӣ оид ба истифодаи ТИК-и нав дар ҷараёни таълим анҷом дода шуданд (12:13:14: 11: 1]. Аксарияти донишгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар платформаҳои электронии E-learning ва MOODLE барои ташкили раванди таълим бо фарогирии шаклҳои гуногуни таҳсилот (рӯзона ва ғоибона) омода ҳастанд.

Тағйироти асосӣ ва навсозии таҳсилот, дар маҷмӯъ ба модернизатсияи омӯзиши забонҳои хориҷи ба таври умумӣ таъсир расониданд. Солҳои охир монографияҳои илмии

муҳаққиқони рус [11: 19: 18: 5] ва тадқиқотҳои диссертатсионӣ таълиф ва иҷроюҳимоя шуданд, ки муаллифон методуҷанбаҳои таълими забонҳо, намудҳои фаъолияти ибтидоӣ, инчунин ташаккули малакаҳои иҷтимоию фарҳангиро дар асоси ТИК-и Web 1.0 ва Web 2.0. [9: 10: 20: 5] баррасӣ ва арзёбӣ намудаанд.

Технологияи сайёру мултимедӣ яке аз навтарин навовариҳои таълими забонҳои хориҷӣ мебошад. Технологияҳои сайёру мултимедӣ бояд ҳамчун дастгоҳҳои бесим бо барномаҳои мобилӣ ва дастрасии Интернет фаҳмида шаванд, ки ба донишҷӯён ҳар вақт дастрасӣ ба маводи таълимӣ ва иттилоотию маълумотиротаъмин мекунанд, ҳамчунин барои ба роҳ мондани алоқаи шабакавии байни иштирокчиёни раванди таълим (донишҷӯён ва омӯзгор)-ро бо мақсади созмондиҳии ҷанбаҳои малакаи муоширaт бо забонҳои хориҷӣ мусоидат мекунанд.

Дар «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» чунин гуфта шудааст: «…4.Самти татбиқи барномаҳо ва натиҷаҳо: …б) таҳсилоти миёнаи умумӣ: Самтҳои асосии рушди таҳсилоти умумӣ чунинанд: …- коркард ва такмили барномаҳои меъёрӣ (аз синфи 1 то синфи 11) оид ба омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо дарназардошти назария ва амалияи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ, дар асоси намунаи дарсҳо, машқҳои навъҳои гуногун, технологияи истифодаи онҳо, бархӯрди инноватсионӣ ба раванди таълим, технологияи инноватсионӣ; …- навсозӣ ва такмили мазмуни технологияҳои педагогӣ дар таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар раванди тайёрии лингвометодӣ ва касбии хонандагон…» [3,с.35-390]. Иловатан дар ин ҳуҷҷат чунин таъкид карда мешавад: «9.Таъминоти моддӣ-техникӣ: Дастгирии рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз шартҳои асосии татбиқи воқеӣ ва муваффақонаи раванди таълим мебошад. Дар аксари муассисаҳои таҳсилотӣ заминаи зарурии моддӣ-техникӣ (компютерҳо, синфҳои лингафонӣ, китобхонаҳои электронӣ) вуҷуд надорад… Самтҳои асосии рушд чунинанд: ҳифз ва рушди заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои таҳсилотӣ мутобиқи талаботҳои меъёрҳои давлатии таҳсилот, меъёрҳои иҷтимоӣ ва нормативҳо доир ба забонҳои русӣ ва англисӣ. Натиҷаҳои интизории татбиқи Барнома чунинанд: - коркард ва вориднамоии моделҳои дурнамои воситаҳои таълими инноватсионӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои муосири техникӣ, васоити аёнӣ ва таҷҳизот барои таълими забонҳои русӣ ва англисӣ…[3, с.35-39].

Имрӯз дар Тоҷикистон бештар таваҷҷуҳ ба проблемаи информатизатсия ҳамчун самти асосии модернизатсияи низоми таҳсилот равона карда мешавад, ки акнун ҳамчун яке аз проблемаҳои асосии стратегии рушди тамаддун баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад. Дар робита ба ин дар солҳои соҳибхтиёрӣ дар соҳаи сиёсати давлатӣ оид ба таҳсилот якчанд барномаи давлатӣ, қонунҳо ва консепсияҳо қабул карда шуданд. Ба онҳо мансубанд: 1.Барномаи давлатии компютерикунонии мактабҳои миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; 2.Стратегияи давлатии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003 таҳти №1174 қабул шудааст; 3. Барномаи давлатии рушд ва вориднамоии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 таҳти №468 тасдиқ карда шудааст; 4.Стратегияи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва ғайра.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷаҳониро таъкид карда, зикр намуданд: «Вақте мо дар бораи тарбияи насли наврас мегӯем, набояд фаромӯш кунем, ки онҳоро бояд дар мактабҳои бо таҷҳизотҳои муосир муҷаҳҳаз, аз ҷумла компютерҳо таълим диҳем» [4].

Дар «Барномаи давлатии компютерикунонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» вазифаҳои асосии таҳсилоти иттилоотӣ-коммуникатсионӣ чунин муайян карда шудаанд: таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ бо таҷҳизотҳои компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ; гузаронидани корҳои илмӣ-методӣ оид ба вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ дар раванди таълим ва тарбия; омоданамоӣ ва бозомӯзии кормандони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ доир ба истифодабарӣ ва вориднамоии технологияҳои нави иттилоотӣ-коммуникатсионӣ; пайваст намудани муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шабакаи Интернет ва дар ин замина воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилотӣ; эҷоди низоми ягонаи идоракунии иттилоотии таҳсилоти умумӣ; таъмини манфиатҳои шахсият, давлат ва ҷомеа дар раванди

вориднамоии технологияҳои нави компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ [3, с.4-5].

Дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» ҳамчунин зарурати муосиргардонии тадриҷии маориф ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ зикр карда мешавад: «...Тағйири мазмуни таҳсилот: Муосиргардонии мазмуни таҳсилоти умумӣ дар асоси гузариш аз модели донишӣ ба модели салоҳиятноки таълим бо самтнокӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ, ки дар асоси тасаввуротҳои муосири илмӣ, усулҳои демократия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба роҳ монда мешаванд; -муосиргардонии мазмуни вориднамоии шаклҳои гуногуни дастрасӣ ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бо самтнокӣ ба талаботи бозорҳои маҳаллии меҳнат, дархостҳои оила ва созгории муваффақона ба бозорҳои меҳнати беруна...Таъмини дастрасӣ ба таҳсилоти босифат: Дар соҳаи таҳсилоти касбӣ:... Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва методҳои фосилавӣ барои афзоиши дастрасии барномаҳои таҳсилоти касбӣ...» [7, с.30-31].

Ҷанбаҳои алоҳидаи масъалаҳои вобаста ба информатизатсияи таҳсилот ва роҳу воситаҳои вориднамоии ТИК дар рафти таълим тавассути чунин олимону муҳаққиқони тоҷик аз қабили Ф.С.Комилов, Қ.Б.Қодиров, С.С.Афғонов, Х.М.Аҳмадов, Ҳ.Ю.Ҷураева, А.Р.Додихудоев, С.С.Қосимов, Н.Н. Мавлонназаров, А.Р.Мирзоев, С.Х.Мирзоев, М.Муллоҷонов, И.И.Олимов, З.Ф.Раҳмонов, Д.С.Шарофов, Ф.Ф.Шарифов, Б.Ф.Раҷабов, Б.Ш.Шодмонов, Н.Н.Шоев ва чанде дигарон мавриди баррасӣ ва тадқиқ қарор дода шудаанд.

Истифодаи таълифоти илмии муҳаққиқон Ф.С.Комилов ва З.Ф. Раҳмонов - «Технологияҳои иттилоотӣ дар таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; А.Р.Мирзоев - «Асосҳои дидактикии омоданамоии донишҷӯёни мактабҳои олии Тоҷикистон нисбати истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ»; Ф.Ф.Шарифов - «Бархӯрди низомнок нисбати информатизатсияи раванди педагогӣ дар мактаби олӣ - доминанти ташаккули салоҳиятҳои донишҷӯён» ва Х.Ю.Ҷураева - «Воситаҳои татбиқи усулҳои дидактикӣ зимни таълими компютерӣ дар мактабҳои Тоҷикистон» аз манфиат холӣ нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба низоми таҳсилоти олӣ тағйиротҳои мусбӣ идома доранд. Баррасиҳои васеи масъалаҳои татбиқи низоми кредитии таълим оғоз ёфтанд. Ба ҷанбаю паҳлуҳои гуногуни технологияҳои таълим таълифоти олимону муҳаққиқон ва педагогҳои машҳури ҷумҳурӣ, аз ҷумла М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, С.Шербоев, Н.Н. Шоев, Б.Маҷидова, Ф.К.Раҳимов, С.Ҳ.Ҳабибов, Н.С.Салимов, Р.Мирзоев, Т.К.Ҳусайнова, Б.Х.Умарова ва дигарон бахшида шудаанд.

Бояд қайд кард, ки барои ҳалли мушкилоти омӯзиши забони англисӣ бо истифода аз технологияҳои сайёру мултимедӣ аллакай пойгоҳи зарурии илмӣ ва корӣ таъсис дода шудааст. Таҳлили корҳои илмӣ нишон дод, ки масъалаҳои зерин дар маркази диққати муҳаққиқон қарор доранд:

- асосҳои назариявии бархӯрди салоҳиятнок дар равияҳои забонию забоншиносӣ;
- истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ (блог- технологияҳо);
- асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф;
- асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи таълим;
- маҷмӯаи лингвистӣ;
- тавсифи заминаи методологӣ ва вижагиҳои ғайримаъмулии дастгоҳҳои мобилӣ ва барномаҳо.

Бо вуҷуди тадқиқотҳои мавҷуда оид ба истифодаи ТИК дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ, як қатор мушкилот мавҷуданд, ки ҳанӯз ҳаллу фасл нагаштаанд ва кофӣ омӯхта нашудаанд, яъне:

1) таърифу таъйиноти омӯзиши мобилӣ дар робита бо усулҳои таълими забони англисӣ дода нашудаанд;

*2)вижагиҳо ва вазифаҳои дидактикӣ ва методиитехнологияҳои сайёру мултимедӣ нисбати методикаи омӯзиши забони англисӣ муайян карда нашудаанд;*

3)феҳристи малакаҳои нутқӣ ва забонии шифоҳии донишҷӯёни ғайриихтисоси англисӣ омӯхта нашудаанд, ки дар асоси технологияҳои сайёру мултимедӣ рушду ташаккул меёбанд;

4) шароитҳои методӣ барои омӯзиши забони англисӣ дар технологияҳои сайёру мултимедӣ муайян карда нашудаанд;

5)низоми методии таълими забони англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ таҳия карда нашудааст;

6)технологияи таълими забони англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ таҳия нагаштааст.

Дар робита ба ин, дар муқоиса бо ҳамгироии эълоншудаи ТИК-и муосирдар раванди таълим ва татбиқи амалии онҳо зимни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣмушкилот вуҷуд доранд, аз ҷумла байни зарурати иттилоотикунонии таҳсилот, аз ҷумла, таълими забонҳо ва мавҷуд набудани усулҳои таълими забони англисӣ ва фарҳанги кишваре, ки дар асоси технологияи мултимедӣ омӯхта мешаванд.

Ҳамин тариқ, проблемаи омӯзиши муҳассилини ғайриихтисоси англисӣ дар асоси технологияи сайёру мултимедӣ ҳалшаванда буда, омӯзиши махсус талаб карда мешавад.

**АДАБИЁТ**


1. Андреев А.А. Применение сети Интернет в учебном процессе / А.А. Андреев // Информатика и образование. 2005. -№ 9. -С. 2-7.
2. Государственная программа развития образования Республики Таджикистан на 2010-2015 годы. - Душанбе, 2009.- 48с.
3. Государственная программа компьютеризации общеобразовательных школ Республики Таджикистан на 2011-2015 годы. - Душанбе, 2010. -42с.
4. Евстигнеев М.Н. Компетентность учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий / М.Н. Евстигнеев // Иностр. языки в школе. 2011. -№ 9. -С. 3-9.
5. Евстигнеев М.Н. Методика формирования компетентности учителя иностранного языка в области использования информационных и коммуникационных технологий: дис... канд. пед. наук / М.Н. Евстигнеев. -Москва, 2012. -158 с.
6. Национальная концепция образования Республики Таджикистан. -Душанбе: Матбуот, 2003. -24 с.
7. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на период до 2015 года. - Душанбе: Матбуот, 2007. -81с.
8. Национальная стратегия развития образования Республики Таджикистан на 2006-2015 гг. - Душанбе: 2005.- 32 с.
9. Павельева Т.Ю. Развитие умений письменной речи студентов средствами учебного Интернет-блога (английский язык, языковой вуз): автореферат дис. ... канд. пед. наук / Т.Ю. Павельева. -Тамбов, 2010. -21с.
10. Петрищева Н.С. Методика формирования социокультурной компетенции студентов специальности «Юриспруденция» посредством учебных Интернет-проектов (английский язык): автореферат. кандидата педагогических наук / Н.С. Петрищева. -М.: МГГУ, 2011. -23 с.
11. Полат Е.С. Современные педагогические и информационные технологии в системе образования / Е.С.Полат, М.Ю. Бухаркина. -М.: Академия, 2008. -368 с.
12. Роберт И.В. Информация и информационное взаимодействие, их место и роль в современном образовании / И.В. Роберт // Мир психологии. 2010. -№ 3. -С. 54-67.
13. Роберт И.В. Основные направления информатизации образования в отечественной школе / И.В. Роберт // Вестник Московского городского университета. Серия: Информатика и информатизация образования. 2005. № 5. С. 106-114.
14. Роберт И.В. Основные направления информатизации образования в отечественной школе / И.В. Роберт // Вестник Московского городского университета. Серия: Информатика и информатизация образования. 2005. -№ 5. С. 106-114.
15. Роберт И.В. Подготовка научно-педагогических и научных кадров в системе послевузовского педагогического образования в области применения средств информационных и коммуникационных технологий в образовании / И.В. Роберт // Труды международного симпозиума «Надежность и качество 2006. -№ 2. -С. 68.
16. Роберт И.В. Развитие дидактики в условиях информатизации образования / И.В. Роберт // Ученые записки ИИО РАО. 2010. -№ 33. -С. 3-21.
17. Сысоев П.В., Евстигнеев М.Н. Компетенция учителя иностранного языка в области использования информационно-коммуникационных технологий: определение понятий и компонентный состав / П.В.Сысоев, М.Н. Евстигнеев // Иностранные языки в школе. 2011. -№ 6. -С. 16-20.
18. Сысоев П.В., Кокорева А.А. Обучение студентов профессиональной лексике на основе корпуса параллельных текстов / П.В.Сысоев, А.А. Кокорева // Язык и культура. 2013. -№ 1 (21). -С. 114-124.
19. Титова С.В. Ресурсы и службы Интернета в преподавании иностранных языков / С.В. Титова. - М.: МГУ, 2003. -263 с.
20. Черкасов А.К. Методика развития социокультурных умений студентов посредством веб-форума (английский язык, языковой вуз): дис. . канд.пед.наук / А.К. Черкасов. -Москва: МГГУ имени М.А. Шолохова, 2012.


## МУҲИММИЯТИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ТАВАССУТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ САЙЁРУ МУЛТИМЕДӢ


Дар мақолаи мазкур муҳиммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо ёрии технологияҳои сайёру мултимедӣ таъкид шудааст. Ба андешаи муаллифи мақола, марҳилаи муосири рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии

Тоҷикистон бо раванди иттилоотикунонии пуршиддати он тавсиф мешавад. Иттилооти таълимӣҳамчун раванди ҳадафмандонаи таъмини таҳсилот бо методология, технология, таҷрибаи эҷод ва беҳтар истифода бурдани ҷанбаҳои илмию педагогӣ, тарбиявӣ ва методологӣ иртибот дорад. Муаллиф қайд мекунад, ки барои ҳалли мушкилоти омӯзиши забони англисӣ бо истифодаи технологияи сайёру мултимедӣ аллакай пойгоҳи муътадили корӣ таъсис дода шудааст. Таҳлили корҳои илмӣ нишон дод, ки масъалаҳои зерин дар маркази диққати муҳаққиқон қарор доранд: асосҳои назариявии бархӯрди салоҳиятнок дар равияҳои забонию забоншиносӣ; истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар таълими забонҳои хориҷӣ (блог- технологияҳо); - асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи маориф; асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар соҳаи таълим; маҷмӯаи лингвистӣ; тавсифи заминаи методологӣ ва вижагиҳои ғайримаъмулии дастгоҳҳои мобилӣ ва барномаҳо. Дар робита ба ин, дар муқоиса бо ҳамгироии эълоншудаи ТИК-и муосир дар раванди таълим ва татбиқи амалии онҳо зимни омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои олии таълимӣмушкилот вуҷуд дорад; байни зарурати иттилоотии таҳсилот, аз ҷумла таълими забонҳо ва мавҷуд набудани усулҳои таълими забони англисӣ ва фарҳанги кишваре, ки дар асоси технологияи мултимедӣ омӯхта мешаванд.

**Калидвожаҳо:** муҳиммият, технологияҳои сайёру мултимедӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, маориф, забонҳои хориҷӣ, асосҳои назариявӣ ва амалӣ.

## АКТУАЛЬНОСТЬ ОБУЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ЯЗЫКОВ МОБИЛЬНОЙ И МУЛЬТИМЕДИЙНОЙ ТЕХНОЛОГИЕЙ

Статья посвящена рассмотрению важности изучения иностранных языков с помощью мультимедийных технологий. По мнению автора статьи, современный этап развития системы образования Республики Таджикистан характеризуется интенсивным информационным процессом. Образовательная информация как целенаправленный процесс обеспечения образования с методологией, технологией, опытом создания и улучшения использования научно-педагогических, учебно-методологических аспектов, применяемых к реализации возможностей информационно-коммуникационных технологий (ИКТ) в эффективных и здоровых условиях. Автор отмечает, что для решения задач изучения английского языка с использованием портативных и мультимедийных технологий уже создана надежная рабочая база. Анализ научной работы показал, что в центре внимания исследователей были следующие вопросы: - теоретические основы компетентного подхода в лингвистических и лингвистических структурах; - использование современных информационно - коммуникационных технологий в обучении иностранных языков (блоги - технологии); - теоретические основы использования информационных и коммуникационных технологий в сфере образования; - описание лингвистической базы и нелинейной специфики мобильных устройств и программ; - в связи с этим существуют проблемы в процессе обучения и практической реализации английского языка в высших учебных заведениях;-информационные потребности в образовании, в том числе обучение языку и отсутствие методов преподавания английского языка и страны, изучаемых на основе мультимедийных технологий по сравнению с анонсированной интеграцией современного НПО.

**Ключевые слова:** важность, передвижные мультимедийные технологии, информационно-коммуникационная технология, образование, зарубежный резерв, теоретические и практические основы.

## THE RELEVANCE OF LEARNING FOREIGN LANGUAGES MOBILE AND MULTIMEDIA TECHNOLOGY

The article is devoted to the importance of learning foreign languages using multimedia technologies. According to the author, the modern stage of development of the education system of the Republic of Tajikistan is characterized by an intensive information process. Educational information as a purposeful process of providing education with methodology, technology, experience in creating and improving the use of scientific,pedagogical, educational and methodological aspects, applied to the implementation of information and communication technologies (ICT) in an effective and healthy environment. The author notes that a reliable working base has already been created to solve the problems of learning English using portable and multimedia technologies. The analysis of scientific work showed that the focus of the researchers were the following issues: - theoretical foundations of the competent approach in linguistic and linguistic structures; - the use of modern information and communication technologies in the teaching of foreign languages (blogs - technology); - theoretical foundations of the use of information and communication technologies in education.; linguistic base; - description of the linguistic base and non-linear specifics of mobile devices and programs; - in this regard, there are problems in the process of learning and practical implementation of the English language in higher education; -information needs in education, including language teaching and the lack of methods of teaching English and the country, studied on the basis of multimedia technologies in comparison with the announced integration of modern NGOs.

**Key words:** importance, mobile multimedia technologies, information and communication technology, education, foreign reserve, theoretical and practical bases.

**Сведения об авторе:** ***Шарипов Хуршед Алихонович*** - преподаватель кафедры иностранных языков Кулябского государственного университета им.А.Рудаки. **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова-16. Телефон: **918488703.**

**Information about the author:** ***Sharipov Khurshed Alikhonovich*** - senior lecturer of the Kulob State University named after A.Rudaki. Address: 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. Phone: **918488703.**

УДК:372.817.818 (575.3)

# ЗӮРОВАРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ЧУН МАСЪАЛАИ МУБРАМИ ПЕДАГОГӢ- ПСИХОЛОГӢ

*Юнусова Н.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Тамаддуни муосир новобаста аз дастовардҳои бешумор ва муваффақиятҳо дар соҳаҳои мухталифи фаъолияти инсонӣ, мутаассифона, то ҳанӯз натавонистааст ба пуррагӣ аз масъалаи ҷиддӣ – зӯроварӣ ва тайзиқ нисбати кӯдакон раҳо ёбад. На танҳо дар кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ қафомонда ва навташкил, ки он ҷо шаклҳои гуногуни поймолкунии ҳуқуқҳои кӯдакон решаҳои амиқи таърихӣ доранд, инчунин дар як қатор мамлакатҳои пешрафта низ зӯровариву хушунат ба кӯдакон хусусияти оммавӣ ва фалокатоварро гирифтааст. Мисол, тибқи омори СММ дар олам дар ҳар 5 дақиқа 1 кӯдак кушта мешавад ва ё 25-50%-и кӯдакон мавриди зӯроварӣ қарор гирифтаанд [1]. Ҳарчанд соли 1989 аз тарафи Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид Конвенсияи ҳуқуқи кӯдак бо нишон додани ҳуқуқҳову уҳдадориҳои кӯдак қабул гардида бошад ҳам, дар аксари кишварҳо ба зӯроварӣ нисбати кӯдакон ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ назар меандозанд.

Истилоҳи “насилие -зӯроварӣ”-ро дар асоси “Луғати забони русӣ”-и С.И.Ожегов[2]. чунин маънидод кардан мумкин аст:

- ✓ маҷбурият, водор намудан, зулму ситам, зӯроварӣ, тайзиқ, истифодаи қувваи ҷисмонӣ;
- ✓ таъсири маҷбурӣ ба шахс;
- ✓ фишороварӣ, ғайриқонунӣ.

Тибқи ақидаи А.С.Синелников зӯроварии хонаводагӣ метавонад ҷисмонӣ, шаҳвонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ бошад [3].

Е.Н.Волкова оид ба зӯроварӣ чунин фикр дошт: зӯроварӣ - ба касе расонидани таъсири ҷисмонӣ, равонӣ, иҷтимоӣ аз тарафи шахси дигар, оила, гурӯҳ ва ё давлат буда, ӯ маҷбур аст аз фаъолияти асосиаш даст кашад ва дигар фаъолияти аксуламали ба саломатии ҷисмонӣ ва ё равонии ӯ таъсиррасонандаро иҷро кунад [4].

Зери муносибати бераҳмона ба кӯдакон - муносибати барқасдона ва ё беэҳтиётона ва ё таъсиррасонӣ аз тарафи волидайн, шахсони онҳоро ивазкунанда ва ё дигар шахсон, ки ба захмбардорӣ, халалдоргардии равонӣ, марги кӯдак оварда мерасонад ва ё ба ҳуқуқҳову беҳбудии кӯдак хатар дорад, фаҳмида мешавад.

Тибқи нишондодҳои Созмони Милали Муттаҳид, дар ҷаҳон ҳар як мактаббачаи даҳум гирифтори зӯроварӣ дар мактаб мебошад ва ин адад сол то сол меафзояд. (Маърӯзаи Умумиҷаҳонӣ с.2006 оиди зӯроварӣ нисбати кӯдакон (Всемирный доклад 2006 г. о насилии в отношении детей)) [1].

Дар Конвенсия оиди ҳуқуқҳои кӯдак [2] омадааст, ки риояи интизом дар муассисаи таълимӣ бо истифодаи тадбирҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психологӣ нисбати хонанда бояд вобаста набошад.

Омӯзгороне, ки нисбати таълимгирандагон ё тарбиягирандагон тадбирҳои зӯроварии ҷисмонӣ ё психологӣ (эмотсионалӣ)-ро истифода мебаранд, бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Муносибати бераҳмона нисбати одам аз давраи кӯдакӣ, албатта, дар ҳаёти инсон осори худро боқӣ мегузорад. Агар кӯдак, аз давраи бачагӣ зери таъсири намудҳои гуногуни зӯроварӣ қарор ёбад, одатан дар ӯ хислатҳои рафтори бераҳмона мустаҳкам мешаванд. Классики педагогикаи давраи шуравӣ Антон Семёнович Макаренко, борҳо тасдиқ менамуд: обрӯе, ки дар натиҷаи латукӯб сохта мешавад, дурӯғгӯии бачагона ва тарсончакии инсониро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон дар кӯдак бераҳмиро ташаккул медиҳад. «Аз кӯдакони ҳақиру беирода одамони нодаркор ё худсару якраҳа ба вуҷуд меоянд» [4,с.167].

Давраи мактабӣ барои аксарияти одамон давраи фаромӯшнашаванда ҳисобида мешавад, даврае, ки хотираҳои беҳтарин умрбод боқӣ мемонанд. Аммо на барои ҳама....

Таҳқиру таҳдид, масхаракунӣ ва азиятдиҳӣ мутаассифона, воқеияти ҳаёти мактаби имрӯза гардидааст.

Маълум аст, ки ин масъала ногаҳон пайдо нашуда, дар ибтидои асри XX, аввалин асарҳоро оид масъалаи мазкур дучор шудан мумкин аст. Имрӯз ин ҳодиса дар ҳамаи гӯшаҳои сайёраи мо таҳқиқ карда мешавад.

Тавре қаблан зикр намуда будем, ҳарчанд мафҳуми "зӯроварӣ" васеъ истифода шавад ҳам, вале аз нигоҳи илмӣ оиди ин истилоҳ фаҳмиши ягона вуҷуд надорад. Мафҳуми "зӯроварӣ" аз назари психологҳо ҳамчун таъсироти (ҷисмонӣ ё психологӣ) дониста мешавад, ки бо мақсади ба ин ё он мақсад расидан равона шудааст.

Мафҳуми зӯроварии ҷисмонӣ, агар айнан баён карда шавад, истифодаи қувваи ҷисмонӣ нисбати хонанда мебошад. Аммо мафҳуми зӯроварии психикиро дақиқан ифода намудан душвор аст, шаклҳои зӯроварии психикӣ чунинанд:

- таҳқир ва паст задани шаъну шараф;
- таҳдидҳо нисбати хонандагон, волидону аъзоёни оилаи онҳо;
- қасдан ҷудонигоҳдории ҷисмонӣ ё иҷтимоии хонанда, тарки алоқа кардани ӯ (бойкот);
- танқиди мунтазам ва беасоси кӯдак, ки ӯро бесаранҷому нооромесозад;
- ифодаи муносибати намоишкоронаи манфӣ нисбати хонанда;
- найрангу таҳдид нисбати кӯдак ё волидони ӯ;
- дурӯғ ва иҷро накардани ваъдаҳо аз тарафи калонсолон;
- қасдан муқобил сохтани аҳли синф ё гурӯҳи хонандагонро муқобили кӯдак;
- нисбати кӯдак пешниҳод намудани талаботҳое, ки ба синну соли ӯ мувофиқат намекунанд (аксар вақт чунин рафтори муаллим бо танқидкунии кӯдак ҳамроҳ мешавад);
- дар кӯдак ташаккул додани тарси хато кардан, яъне дар кӯдак пайдо шудани тарси ҷавоби нодуруст додан.

Дар охири асри XX истилоҳи махсусе пайдо мешавад, бо номи буллинг (bullying-англ.) - таъқиб ё азиятдиҳӣ дар мактаб, ки вазъияти зӯровариро дар муҳити таҳсилот аниқ ифода менамояд.

Буллинг –зӯроварии давомноки ҷисмонӣ ё психологӣ буда, аз тарафи як шахс ё гурӯҳи одамон нисбати шахсе равона карда мешавад, ки дар вазъияти рӯйдода худро муҳофизат карда наметавонад.

Масоили буллинг аз тарафи олимони соҳаҳои гуногун кор карда шудааст, ба монанди: Агога С. М., Касаткин В. Н., Симонятова Т. П., Манелис Н. Г., Медведовская Т. А., Миткин А. С., Страхов М. Ю., Тубелский А. Н.,Тарасов Т. А., Ачитаева И. Б., Вишневская В. И., Кон И. С., Кутузова Д. А., Стрелбитская А. А., Файнштейн Е. И. ва дигарон.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон то имрӯз масъалаи мазкур аз назари илмӣ пурра омӯхта нашудааст, ҳарчанд дар ин раванд мушкилот ҷой доранд.

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти олимон, буллинг масъалаи мураккабе аст ва ҷабрдидаро ба ҳолате мерасонад, ки шахс оромиву осудагиро гум мекунад ва худро аз таъсиротҳои манфӣ муҳофизат карда наметавонад.

Буллинг дар шаклҳои гуногун ифода меёбад: таҳқир, тамаъҷӯӣ, вайрон кардани ашёҳо, зӯроварии ҷисмонӣ, паҳн кардани овозаҳо, таҳдидҳо ва дигарон. Бо рушди технологияҳои муосир, шаклҳои нави буллинг пайдо шудаанд, мисли: кибербуллинг-таъқиб ба воситаи алоқаи электронӣ.

Буллинги ҷисмонӣ амалиётҳои зеринро дар бар мегирад, монанди: тела додан, шаттазанӣ, муштзанӣ, ҳуҷум ё латукӯби ҷабрдида. Дар шакли ҷисмонӣ буллинг кам дучор мешавад, бештар буллинги психологӣ (эмотсионалӣ) ҷой дорад, ки ҳамчун таҳқири вербалӣ (ҳақорат), муносибати таҳқиромезона, масхаракунӣ, маҳдудкунии алоқа, ғайбат ва паҳн кардани ахбороти бардурӯғ ифода меёбад. Таъсири ин намуди буллинг нисбат ба

буллинги ҷисмонӣ зиёдтар мебошад. Ин амалиётҳо ба ҷабрдида таъсири манфӣ, ба зӯровар ҳисси қаноатмандӣ мебахшанд.

Ҳамин тариқ, сикли зӯроварӣ давом ва боз ҳам зиёд мешавад, ин нишонаи он аст ки зарурияти воридшавӣ пайдо шудааст.

Буллинг ҳодисае мебошад, ки дар оянда ба мушкилоти ҷиддии психологӣ оварда мерасонад. Ҷабрдидагон дар ҳолати ташвиш қарор мееёбанду худбаҳодиҳиашон паст мешавад. Аз ин хотир, фаъолият оиди пешгирии зӯроварӣ дар муассисаи таълимӣ-тарбиявӣ ниҳоят муҳиму мубрам мебошад.

Баробари гузориши масъала ва эътирофи мубрамияти он, дар адабиёти илмӣ ва педагогӣ пайдошавии маводҳо оиди механизмҳои пешгирии буллинг бештар дида мешаванд [5, 212с].

Ҳар як кӯдак ҳуқуқ ба эҳтиром ва муносибати эҳтиромона аз тарафи кормандони муассисаи таълимӣ-тарбиявӣ, ҳуқуқ ба фардияти хусусӣ дорад ва ба дараҷаи донишҳои худ дар муқоиса бо дигар хонандагон баҳои мувофиқ дода метавонад, инчунин оиди он ки рафтори хуб чист, оё қобилият дорад ё не, фаҳмиши дуруст дорад ё не.

Нигоҳ доштани интизомнокӣ дар муассисаи таълимӣ бояд дар асоси иззату эҳтироми байниҳамдигарии омӯзгорон ва хонандагону тарбиягирандгон ба вуҷуд оварда шавад. Ба роҳ мондани интизом, истифодабарии методҳои зӯроварии психикӣ ва ҷисмонӣ, қатъиян манъ аст.

Бо мақсади пешбурди пешгирии буллинг дар муассисаи таълимӣ, мавриди банақшадарорӣ ва иҷроиши кор дар ин самт принсипҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- ҳамкории ҳатмии психолог, омӯзгорон, роҳбарони синф ва волидон;
- тамоюл ба пешгирии пайдоиши вазъияти буллинг;
- пайдарпайиву мунтазамӣ дар ҷамъ намудан ва системанок кардани иттилоот оиди муносибатҳо дар шароити муассисаи таълимӣ;
- ба тариқи ҳатмӣ омӯхтани динамика ва баҳогузорӣ ба корҳои иҷрошуда.

Ба фикри мо, барои ҳалли самараноки муаммоҳои буллинг, дар шароити муассисаи таълимӣ як қатор корҳои муштаракро ба анҷом расонидан лозим аст (омода намудани газетаҳои деворӣ, намоишҳои театрӣ, мусобиқаҳои варзишии гурӯҳӣ ва диг.)

Ғайр аз ин, барои муаллимон омӯзишҳои махсусро оиди муайянкунӣ ва пешгирии буллинг ташкил намудан муҳим аст. Воситаи дигари пешгирии зӯроварӣ дар муассисаи таълимӣ, ташкили кумитаи махсуси мактабӣ оиди пешгирии буллинг шуда метавонад, ки ба он омӯзгорон, волидон ва хонандагон шомил мегарданд. Вазифаи ин кумита аз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ-равшаннамоӣ, ташкили суҳбатҳои системанок бо хонандагон бо мақсади ташаккул додани маҳоратҳо оиди бартараф карда тавонистани низоъҳо ва ташкили чорабиниҳо барои корбарӣ бо ҷабрдидагон ва азиятдиҳандагон, иборат мебошад.

Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки муаммои зӯроварӣ ( буллинг) дар муассисаи таълимӣ-тарбиявӣ ниҳоят мубрам буда, рӯз то рӯз вусъат ёфта истодааст ва таҳқиқи илмии ин масъала муҳим мебошад.

Дар интиҳои таҳқиқи масъалаи мазкур чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст: дар аксари кишварҳо сабаби мавҷудияти зӯроварӣ нисбати кӯдакон, ин муносибати босаброна ба зӯровариву бераҳмӣ ва бетафовутии аҳли ҷомеа аст. Маҳз бо ин сабаб дар олам, аз ҷумла дар кишвари мо низ ҳолатҳои мавриди тазйиқу зӯроварӣ ба кӯдакон рӯз аз рӯз бештар ба қайд гирифта мешаванд. Дар ҳалли ин масъалаи дардовари замон дар радифи давлату ҳукумат мо – волидон, омӯзгорон, психологон ва коршиносони дигари соҳаҳои масъул низ бояд ҳамдилу якҷо бошем, то наслиояндаи мо хушбахт ба камол расад.

**АДАБИЁТ**


1. Всемирная Организация Здравоохранения. Жестокое обращение с детьми. Информационный бюллетень N°150. Август 2010 г.↑
2. Толковый словарь русского языка С. И. Ожегова // vedu.ru

3. Синельников А. С. Выученные уроки: Подростки и проблема насилия в семье / А.С.Синельников // Обыкновенное зло: исследования насилия в семье / под ред. О. М. Здравомысловой. – М. : Едиториал УРСС, 2003. – С. 92 – 122
4. Pinheiro P.S. World Report on Violence Against Children. -2006. URL:
5. http://www.unicef.org/ violencestudy/reports.html (дата обращения: 30.05.2015).
6. Конвенция о правах ребенка. Одобрена Генеральной Ассамблеей ООН 20 ноября1989 года; вступила в силу для СССР 15 сентября 1990 года // Сборник международных договоров СССР. - М., 1993. - Вып. XLVI.
7. Потапова Л. В. Освещение проблем домашнего и семейного насилия / Л. В. Потапова //Российское государство и право: исторический опыт, проблемы и альтернативы развития Материалы Всероссийской заочной научно-практической конференции, г. Пермь, 27 ноября 2014 г. / Пермский филиал РАНХиГС. — Пермь: Изд-во «Аборигены», 2014.
8. Шереги Ф. Э. Насилие в школе над детьми и подростками. 2011. URL:
9. http://www.socioprognoz.ru/ files/File/2012/nasilie_v_shkole.pdf — (дата обращения:15.01.2015).
10. Романова Е. Н. Опыт использования европейскими странами программ профилактики насилия в школах / Е. Н. Романова // Научные проблемы гуманитарных исследований. - 2011. - № 9. - С. 212–218.
11. Сизова И. Л. Социологическая теория о причинах насилия в школе / Е. Н. Романова // Вестник ННГУ им. Н.И. Лобачевского. — 2012. — № 6 (1). — С. 374–380.


## ЗӮРОВАРӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ ЧУН МАСЪАЛАИ МУБРАМИ ПЕДАГОГӢ-ПСИХОЛОГӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф масоили зӯровариро дар муассисаи таълимӣ мавриди баррасӣ қарор додаст, ки ҳамчун падида метавонад ба оқибатҳои ногувор орад.Ба фикри мо, барои ҳалли самараноки муаммоҳои буллинг, дар шароити муассисаи таълимӣ як қатор корҳои муштаракро ба анҷом расонидан лозим аст. Ғайр аз ин, барои муаллимон омӯзишҳои махсусро оиди муайянкунӣ ва пешгирии буллинг ташкил намудан муҳим аст. Воситаи дигари пешгирии зӯроварӣ дар муассисаи таълимӣ, ташкили кумитаи махсуси мактабӣ оиди пешгирии буллинг шуда метавонад, ки ба он омӯзгорон, волидон ва хонандагон шомил мегарданд. Вазифаи ин кумита аз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ-равшаннамоӣ, ташкили суҳбатҳои системанок бо хонандагон бо мақсади ташаккул додани маҳоратҳо оиди бартараф карда тавонистани низоъҳо ва ташкили чорабиниҳо барои корбарӣ бо ҷабрдидагон ва азиятдиҳандагон, иборат мебошад. Аз гуфтаҳои боло метавон хулоса баровард, ки муаммои зӯроварӣ ( буллинг) дар муассисаи таълимӣ-тарбиявӣ ниҳоят мубрам буда, рӯз то рӯз вусъат ёфта истодааст ва таҳқиқи илмии ин масъала муҳим мебошад.

**Калидвожаҳоа:** кӯдак, мактаб, омӯзгор, волидайн, ҳифзи кӯдакон, ҳуқуқи кӯдакон, зӯроварӣ, буллинг, кумитаи махсуси мактабӣ, пешгирӣ.



## НАСИЛИЕ В УЧЕБНО-ВОСПИТАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ, КАК АКТУАЛЬНАЯ ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА

В настоящей статье автором представлена проблема насилия в образовательной среде - буллинг, который рассматривается как явление, приводящее к серьезным психолого-педагогическим проблемам. Данный вопрос привлекает внимание не только общества, но и науки. По результатам исследований, можно резюмировать, что на данный момент проблема межличностных отношений с элементами насилия, становится общественной нормой. Автор предлагает ряд рекомендаций, направленных на профилактику буллинга в образовательных учреждениях, одновременно делая акцент на совместную деятельность учителей, родителей и администрации школы. Для решения вопроса профилактики насилия в школе, автор статьи предлагает создание специального школьного комитета по профилактике буллинга.

**Ключевые слова:** ребенок, дети, школа, учитель, родители, защита детей, права ребенка, насилие, буллинг, специальный школьный комитет, профилактика.



## VIOLENCE IN EDUCATIONAL INSTITUTIONS AS AN URGENT PSYCHO-PEDAGOGICAL PROBLEM

In this article, the author looks into the problem of violence in the educational environment – that is bullying which is considered a phenomenon leading to serious psychological and pedagogical problems. This problem draws the attention of not only the society but also that of the science. Based on the findings of studies, it can be summed up that at present the problem of interpersonal relations with elements of violence is becoming the social norm. The author makes a number of recommendations aimed at the prevention of bullying in educational institutions and at the same time emphasizing on the joint activity of teachers, parents, school administration. For the solution of the issue of violence prevention at the school the author proposes to create a special school committee on bullying prevention.

**Key words:** child, children, school, teacher, parents, child protection, child's rights, violence, bullying, special school committee, prevention.



**Сведения об авторе:** ***Юнусова Н.М.*** – Таджикский национальный университет, доктор педагогических наук, общеуниверситетская кафедра педагогики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

**Information about the author:** ***Yunusova N.M.*** - Tajik National University, Doctor of Pedagogical Sciences, University Chair of Pedagogy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

УДК:371 (575.3)

# ШАКЛҲОИ ОМӮЗИШИ БАЧАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

*Абдуназаров Ҳокимҷон*

**Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ**

Беш аз ду ҳазору панҷсад сол қабл Конфутсий пешниҳод карда буд, ки бачагони болаёқат аз волидон бояд гирифта шаванд ва ба омӯзиши онҳо дар алоҳидагӣ ба таври густурда бояд машғул шуд. Баъдтар дар Чини қадим озмоишҳои (тестҳои) мухталиф ҷиҳати муайянсозии тафаккури мантиқӣ, хотира, тахайюлоти эҷодӣ, маҳорати хушнависӣ, эҷоди шеър ва ҳикоя истифода мешуд. Ин ҳама барои муайянсозӣ ва интихоби бачагони махсусан болаёқат сурат мегирифт. Файласуфи Рими қадим Платон низ чунин меҳисобид, ки бачагони болаёқати аз ҳамсолон фарққунандаро аз волидон гирифта, онҳоро бояд маҷбур сохт, ончиро омӯзанд, ки барои давлат зарур ва манфиатовар аст.

Ҳамин тариқ, ғояи аз волидон гирифтан ва тариқи махсус омӯзонидани бачагони болаёқат таърихи хеле дерина дорад. Омӯзиши ин қабил бачагонро дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ дар замони муосир мумкин аст дар асоси ду принсип – тафриқавӣ ва инфиродӣ амалӣ сохт. Мутаассифона, амалияи муосир асосан ба омӯзиш аз рӯйи барномаҳои инфиродӣ дар як самти фаннӣ нигаронида шудааст, ки ба ошкорсозии қобилиятҳои дигари дар бачагон мавҷуда мусоидат намекунад [11].

Андешаҳои В.А. Сухомлинский дар бораи бачагони болаёқат дар ҳама давру замон аз аҳаммият орӣ нестанд. «Лаёқати инсон – ин навниҳолест, ки нав шинонида шудааст ва ба худ таваҷҷуҳи зиёдро тақозо дорад. Бояд ки онро парвариш ва навозиш кунем, пайваста ба нигоҳубинаш машғул шавем, ҳама чизи заруриро диҳем, то ки вай ба воя расадва меваҳои шаҳдбор диҳад…». «Дар вуҷуди ҳар як бача торҳои ноаён мавҷуд аст. Агар ба онҳо дасти моҳир расад, онҳо бисёр хуб садо медиҳанд» [1, с.134-136].

Бешубҳа, дар инфиродикунонии омӯзиши бачагони болаёқат устод нақши муҳим бозида метавонад. Ҳар як нафар мутахассиси баландихтисос (олим, шоир, рассом, шоҳмотбоз, муҳандис ва ғ.) шуда метавонад, ки омода аст, кори инфиродиро бо як нафар бачаи болаёқат ба уҳда гирад. Аммо, тавре ки К. Роджерс фармудааст: «Ба ягон нафар таҷрибаи тайёрро дода, ӯро тағйир додан ғайриимкон аст. Танҳо муҳите фароҳам сохтан мумкин аст, ки ба рушди инсон мусоидат кунад» [9, с.54]. Аз ин рӯ, дар ин ҳолат вазифаи асосии устод аз он иборат аст, ки шогирди худро тавассути суҳбат ва ҷустуҷӯи муштарак барои дарёфти стратегияи рушди инфиродии самаранок ҳидоят кунад.

Барномаи кор бо бачагони болаёқат, ки ба мунтазам зиёд ва мураккаб сохтани ҳаҷми маводи таълимӣ асос дорад, камбудиҳои зиёду назаррасро дорост. Зеро барномаро мураккаб кардану дар як вақт сарбории шогирдро вазнин кардан, танҳо то як ҳадди муайян роиҷ аст. Минбаъд рушди имконоти хонанда, бешубҳа, бояд дар доираи ҷалби ӯ ба корҳои таҳқиқотӣ сурат гирад, яъне ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ тавассути воридсозии бача ба раванди эҷодӣ бояд ҷараён гирад [10].

Мо медонем, ки фаъолияти таҳқиқотӣ сатҳи нисбатан баланди низомнокии донишро таъмин сохта, расмиятпарастиро истисно мекунад. Ин ҷо метавонем ба Монтен истинод карда, таъкид намоем, ки «шахси бисёрдонанда» «шахси хубдонанда» мешавад [4]. Шабакаи иттиҳодияҳои эҷодӣ имкони ташкили фаъолияти муштараки таҳқиқотии омӯзгорон ва хонандагонро фароҳам месозад. Мактаббачагони болаёқатро метавон ба кори муштарак бо омӯзгорон ҷалб кард, дар ин ҷода онҳо ҳамзамон роҳбарони бахшҳои таҳқиқотии синф вобаста ба як фанни мушаххас шуда метавонанд. Ин иттиҳодияҳои байнисинфиро метавонанд омӯзгорон сарварӣ кунанд. Мураккабии вазъияти бачагони болаёқатро, ки акнун метавонанд ба пешрафт ноил шаванд ва дар ин росто ҳамроҳи ҳамсолони хеш дар як синф бимонанд, метавон тавассути таъсиси гурӯҳҳои байнисиннусолии атрофи як масоил муттаҳидшуда бартараф сохт. Ҳамчунин, фаъолияти таҳқиқотии муштарак хонандагонро дар раванди дарсҳо ҳамкору ҳампешаи омӯзгор хоҳад кард [10].

Комёбиҳои мактаббачаи болаёқат дар ҳама ҳолат ба тамоми хонандагони синф таъсири мусбат мерасонад ва ин на танҳо ба рушди ҳамсинфон, балки аз ҷиҳати тарбиявӣ низ самаранок аст: нуфузи хонандаи болаёқатро меафзояд ва аз ҳама муҳим, дар ин хонанда масъулиятро нисбати ҳамсинфон ташаккул медиҳад.

Дар тафриқанокии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ шаклҳои гуногуни омӯзиш, ки бар асоси гурӯҳбандӣ на дар давоми тамоми тӯли таҳсил, балки дар

давраҳои муайян ташкил карда мешаванд, кумаки калон мерасонанд. Интихоби ин ё он шакли таҳсил, қалб аз ҳама, аз махсусиятҳои мактаб: масоҳат, анъана, мавҷудияти мутахассисони соҳибтахассус, имконоти молиявӣ ва теъдоди бачагони болаёқат вобаста аст. Шаклҳои асосии таълимро, ки барои бачагони болаёқат имконоти нисбатан мусоидро барои омӯзиш фароҳам месозанд, баррасӣ мекунем:

Муносибати тафриқавӣ ба синфҳои мувозӣ (паралел). Дар ин ҳолат дар мактаб мавҷудияти якчанд синфҳои ҷуфт барои бачагони дорои навъҳои гуногуни қобилият ба назар гирифта мешавад. Гёте таъкид кардааст, ки «он чиро ёд гирифтан мумкин аст, ки онро дӯст медорӣ» [8, с.79]. Ин андеша пурра усули мазкурро ифода мекунад, зеро бачагон ба он синф мераванд, ки ба шавқу рағбат ва қобилияти онҳо мувофиқ аст. Ин шакли таълим барои хонандагони синфҳои болоӣ (аз синфи 9) нисбатанояндадор маҳсуб мёбад ва махсусан барои он бачагони болаёқат, ки дар охири синну соли наврасӣ дар онҳо шавқи устувор ба самти муайяни дониш ташаккул ёфтааст, хеле муфид аст. Муносибати тафриқавӣ ба синфҳои мувозӣ аксаран дар шаҳрҳои калон тавсеа ёфта, навъҳои мухталиф, масалан, синфҳои равияи кимиёӣ-биологӣ, гуманитарӣ ё физика-математикадошта барои бачагони болаёқат ва синфҳои муқаррарии махсусгардониданашударо ба худ касб кардаанд [10].

Муносибати тафриқавӣ ба синфҳои мувозӣ ду навъ мешавад: якум –тафриқа дар асоси таҳсилоти ҷудогонаи бачагони болаёқат, дуюм – тафриқа дар асоси таҳсилоти омехтаи бачагони болаёқат дар синфҳои муқаррарии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

Ба гурӯҳҳои тафриқавӣ ҷудокунии синфҳои мувозӣ: Дар ин ҳолат хонандагони як синну сол барои дарс аз ҳар як фанни таълимӣ ба гуруҳҳое, ки ба имконоти онҳо мувофиқ аст, ҷудо карда мешаванд. Як хонанда метавонад фанҳои алоҳида, масалан, математика ва физикаро дар «гурӯҳҳои пешрафта» ва фанҳои дигар, масалан, фанҳои гуманитариро дар «гурӯҳҳои муқаррарӣ» омӯзад. Машғулиятҳо аз рӯйи фанҳои якхела дар тамоми синфҳои мувозӣ ҳатман дар як вақт мегузаранд ва барои ҳар як фан хонандагон аз нав ба гурӯҳҳо ҷудо мешаванд. Ҳамин тариқ, дар хонандагони болаёқат комёбиҳои академикӣ вусъат мёбанд, худбаҳодиҳии онҳо баланд мешавад, муносибати онҳо ба фанҳои таълимӣ беҳтар мегардад. Дар хонандагони дигар низ рушди комёбиҳои академикӣ ба назар расида, завқи онҳо ба омӯзиш меафзояд [10].

Ҷудокунии гурӯҳи хонандагони болаёқат аз синфҳои мувозӣ. Ин шакли таълим ба гурӯҳҳои 5-8 нафара муттаҳидсозии хонандагони пешсафи ҳар як синфи мувозиро дар назар дорад. Сипас хонандагон дар яке аз синфҳо, ки ба ғайр аз онҳо боз наздики 20 нафар хонанда таҳсил мекунанд, таҳсилро идома медиҳанд. Бо ин синф муаллими махсус омодашуда кор мебарад. Вай ба гуруҳи хонандагони болаёқат барномаи мураккаб ва ғаникардашударо пешниҳод мекунад. Омӯзиши қисми асосии синф ва бачагони болаёқат ба таври мувозӣ аз тариқи пешниҳоди супоришҳои гуногун пеш бурда мешавад. Ин шакли омӯзиш, дар навбати аввал, ба натиҷаҳои академикии бачагони болаёқат таъсири мусбат мерасонад [10].

Омӯзиши ботанаффус. Ҳангоми ин шакли таълим омӯзиши бачагони болаёқати синну солашон гуногун дар як гурӯҳ,на дар тамоми давраи таълим, балки танҳо дар як қисми ин давра роҳандозӣ мешавад. Ин ба бачагони болаёқат имкон медиҳад, ки бо ҳамсолони худ муошират кунанд ва бачагони аз ҷиҳати академикӣ ба худ баробарро пайдо кунанд. Ҳангоми ин шакли таълим хонандагони қобилиятнок имкон доранд, ки дар давоми рӯзи таълимӣ дар машғулиятҳои синфҳои болоӣ ширкат варзанд [10].

Дар зарфи чанд соли охир бачагони болаёқат бояд имконияти иштирокро дар машғулияти фанҳои интихобкардаашон дар сатҳи донишгоҳӣ дошта бошанд. Ин шакли таълим ба сифати дониши академикии бачагони болаёқат, малакаҳои иҷтимоӣ ва худбаҳодиҳии онҳо таъсири назаррас мегузорад. Бинобар ин, тафриқабандии омӯзиш на ба таври умумиву васеъ, балки танҳо аз рӯйи як самти фанни интихобӣ амалӣ карда мешавад [10].

Омӯзиши ғаникардашуда барои гурӯҳи алоҳидаи хонандагон аз ҳисоби ихтисори вақти барои гузаштани барномаи ҳатмии таълим пешбинишуда анҷом дода хоҳад шуд. Дар ин ҳолат барои бачагони болаёқат дарсҳои муқаррарӣ бо машғулиятҳои ба талаботи зеҳнии онҳо мусоидаткунанда иваз карда мешаванд. Ин шакли ташкили таълим нисбат ба дигар шаклҳои омӯзиш як идда бартариҳо дорад. Дар ин миён бартариҳои муҳимми зеринро метавон номбар кард:

- фароҳамсозии шароитҳои мусоид барои тамоми гурӯҳҳои хонандагон (на танҳо барои хонандагони болаёқат) тавассути тафриқабандӣ, фардикунонӣ ва тағйирпазирии ҷараёни таълим;

- «оммавият»-и истифода (бачагони болаёқат дар ҳама ҷо ҳастанд, ҳам дар шаҳрҳои калону хурд ва ҳам дар деҳоти дурдаст) [10].

Ҳамин тариқ, имконияти истифодаи ин шакли омӯзиши бачагони болаёқат, аз як ҷиҳат, омода набудани омӯзгор ва дар амалияи худ истифода карда натавонистани технологияи таълим дар гурӯҳҳои хурдро бозмедорад ва аз дигар ҷониб, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки барномаи таълимро барои гурӯҳҳои гуногуни хонандагон дар асоси он талаботе, ки хосси ниёзу эҳтиёҷот ва имконоти хосси ин ё он гурӯҳи хонандагон аст, тариқи тафриқа амалӣ созад. Татбиқи ин амал омодагии махсус ва маҳорати хосси омӯзгор, дастрасии озоду фаврии ӯро ба манбаъҳои гуногуни иттилоот ва воситаҳои техникӣ тақозо дорад.

Дар назар бояд дошт, ки интихоб ва истифодаи ин ё он шакли фардикунонӣ ва тафриқабандии таълим бояд тибқи имконоти мактаб ва баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии бачагон, ки рушди муносиби минбаъдаи ӯро таъмин месозад, ба роҳ монда шавад. Аз он ҷумла, корбурди шаклҳои гуногуни ташкили ҷараёни таълим бо мақсади тафриқабандии омӯзиш барои хонандагони болаёқат дар асоси ғояи гурӯҳбандии бачагони болаёқат дар лаҳзаҳои муайяни раванди таълим танҳо дар сурати тағйири шароит, мазмун ва усулҳои омӯзиш самаранок хоҳад шуд. Дар акси ҳол таълими бачагони болаёқат дар муқоиса бо таълими анъанавӣ танҳо бо суръати гузаштани барномаи таълим фарқ мекунад. Ин барои рушди ин гуна бачагон ва қонеъсозии эҳтиёҷоти зеҳнии онҳо басанда аст, чунки ҷудосозии бачагони болаёқат дар як гурӯҳи алоҳида, мумкин аст, натиҷа ва оқибатҳои манфиро ба бор оварад.

Хулоса, метавон гуфт, ки барномаҳои таълим, усул ва шакли омӯзиш ва хусусиятҳои раванди таълим ба таҳсилоти хонандагони болаёқат нигаронидашуда бояд ба як қатор талаботи махсус мутобиқат дошта бошанд. Зарур аст, ки ниёзу эҳтиёҷ ва имконоти ба худ хосси бачагони болаёқат ва мақсади омӯзиши онҳо ба ҳисоб гирифта шавад, дар ин сурат мумкин аст, талаботи зарурӣ ба барномаҳои таълим барои бачагони болаёқат дақиқ муайян карда шавад. Ҳамчунин, бояд таъкид кард, ки ҳар як бача бояд имконияти дар мактаб дарёфт кардани таҳсилоте бошад, ки ба ӯ имкони рушди минбаъдаро таъмин месозад. Аз ин хотир, масоили омӯзиш барои ҳама бачагон ва махсусан барои бачагони болаёқат айни замон бояд нисбатан муҳим арзёбӣ шавад.

## АДАБИЁТ


1. В. А. Сухомлинский об умственном воспитании / ред.-сост. М.И. Мухин – К.: Радянська школа, 1983. – 224 с.
2. Жексенбаева У.Б. Теория и практика работы с одаренными детьми. Монография / У.Б. Жексенбаева. – Алматы: Таугуль-принт, 2005. – 380 с.
3. Ипенбург И. Одаренные дети / И. Ипенбург, Ф. Монкс. – М.: Когито-Центр, 2014. -150 с.
4. Монтень М. Опыты. Избранные произведения в 3 т. Т. 1; пер. с фр. / М.Монтень. – М.: Голос, 1992. – 384 с.
5. Психология одаренности детей и подростков / под ред. Н.С. Лейтеса. – М.: Издательский центр «Академия», 2006. – 416 с.
6. Ричардсон М. Выявление одаренных детей в разных странах мира / М. Ричардсон // Одаренный ребенок. Научно-практический журнал. – 2007. - №2. – С.6-32.
7. Савенков А.И. Ваш ребенок талантлив: детская одаренность и домашнее обучение / А.И. Савенков. – Ярославль: Академия развития, 2002. – 352 с.
8. Свасьян К.А. Философское мировоззрение Гете / К.А. Свасьян. – М.: Изд-во «Evidentis», 2001. – 224 с.
9. Слуцкий В.М. Одаренные дети; перевод с английского / В.М. Слуцкий, Г.В. Бурменская. – М.: Прогресс, 2008. – 376 с.
10. Шумакова Н.Б. Обучение и развитие одаренных детей / Н.Б. Шумакова. – М.: Изд-во НПО «МОДЭК», 2010. – 336 с.
11. Щебланова Е.И. Зачем определять одаренность школьника? / Е.И. Щебланова // Одаренный ребенок. Научно-практический журнал. – 2002. - №2. – С.32-46.


## ШАКЛҲОИ ОМӮЗИШИ БАЧАГОНИ БОЛАЁҚАТ ДАР ШАРОИТИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ


Дар мақола муаллиф дар асоси таҳқиқу таҳлили андешаҳои мутафаккирону олимон ва педагогҳои маъруфи хориҷӣ масоили вобаста ба омӯзиши бачагони болаёқат ва шаклу усулҳои мухталифи ташкили омӯзиши онҳоро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, аз ҷумла қайд мекунад, ки амалияи муосир асосан ба омӯзиш аз рӯйи барномаҳои инфиродӣ дар як самти фаннӣ нигаронида шудааст, ки ба ошкорсозии қобилиятҳои дигари дар бачагон мавҷуда мусоидат намекунад. Муаллиф, инчунин, пешниҳод менамояд, ки интихоб ва истифодаи ин ё он шакли фардикунонӣ ва тафриқабандии таълим бояд тибқи имконоти мактаб ва баҳисобгирии хусусиятҳои инфиродии бачагон, ки рушди муносиби минбаъдаи онҳоро таъмин месозад, ба роҳ монда шавад ва дар иртибот ба ин шаклҳои асосии таълимро, ки барои бачагони болаёқат имконоти нисбатан мусоидро барои омӯзиш фароҳам месозанд, ироа кардааст.



**Калидвожаҳо:** омӯзиш, бачагони болаёқат, шакли таълим, таълими тафриқа, қобилияти инфиродӣ, эҳтиёҷот, барномаи инфиродӣ, тафриқабандӣ, фардикунонӣ, хусусиятҳои инфиродӣ, рушди зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ.

**ФОРМЫ ОБУЧЕНИЯ ОДАРЁННЫХ ДЕТЕЙ В УСЛОВИЯХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ ШКОЛЫ**

В статье автор на основе исследования и анализа размышлений великих мыслителей, зарубежных учёных и педагогов рассматривает вопросы обучения одарённых детей и различные формы и способы организации их обучения в условиях общеобразовательной школы, в том числе особо отмечает, что современная практика в основном ориентирована на обучение по индивидуальным программам по одной определённой дисциплине, которая не способствует выявлению других способностей, имеющихся у детей. Автор также утверждает, что выбор и применение той или иной формы индивидуализации и дифференциации обучения должны быть основаны на возможностях школы, на учете индивидуальных особенностей ребенка, которые и должны определять выбор оптимальной для него линии развития и в связи с этим, предлагает основные формы обучения, которые создают наиболее благоприятные возможности для обучения одаренных детей.

**Ключевые слова:** обучение, одарённые дети, формы обучения, дифференциальное обучение, индивидуальные способности, потребность, индивидуальная программа, дифференциация, индивидуализация, индивидуальные особенности, интеллектуальное развитие, творческие способности.

**FORMS OF GIFTED EDUCATION IN SECONDARY SCHOOL**

In the article the author on the basis of research and analysis of reflections of great thinkers, foreign scientists and teachers examines the issues of teaching gifted children and the various forms and methods of organization of their education in a secondary school, including, emphasizes that modern practice is mainly focused on training on individual programs in one particular discipline, which does not contribute to the identification of other abilities available to children. The author also argues that the choice and application of a form of individualization and differentiation of education should be based on the capabilities of the school, taking into account the individual characteristics of the child, which should determine the choice of the optimal line of development for him and in this regard, offers the basic forms of education that create the most favorable.

**Key words:** education, gifted children, forms of education, differential education, individual abilities, need, individual program, differentiation, individualization, individual characteristics, intellectual development, creative abilities.

**Сведения об авторе:** ***Абдуназаров Хокимджон Анварович*** –Институт развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, соискатель, директор Лицея для одарённых детей с экономическим уклоном в городе Душанбе, адрес: 734061, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Фирдавси, 41. Телефон:. **(992) 900740504,** E.mail: **hokimanvari@gmail.com**

**Author information:** ***Abdunazarov Hokimjon A.*** – Institute of Development of Education. A. Jomi Academy of Education of Tajikistan, postgraduate Director of the Dushanbe Economics Lyceum for Gifted Students, address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Firdavsi str., 41. Phone.: **(992) 900740504**, e-mail: **hokimanvari@gmail.com**

**УДК.378. [008:004](575.3)**

# ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮ (ҶАНБАИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ)

***Раҳмонов Абдусаттор***

**Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода**

Дар шароити имрӯза масъалаи ташаккули фарҳанги иттилоотии ҷавонон, ошкор сохтани моҳият, мазмун, сохтори фарҳанги иттилоотӣ ва роҳҳои ташаккули он дар шуур ва рафтори донишҷӯёни макотиби олии фарҳанг ва санъат хеле мубрам ва муҳим арзёбӣ гардидаанд. Проблемаи фарҳанги иттилоотӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқи олимони соҳаҳои гуногун қарор дода шудааст.

Яке аз олимони шинохтаи рус О.В. Краснова зери мафҳуми фарҳанги иттилоотии шахсият зерсистемаи шахсиятро дар назар дорад, ки сатҳи муносиби протсессҳои зерини фаъолияти ҳаётии ӯро таъмин менамояд [2,с.12]:

1) тавлиди маънињои комили шахсият ва бо ин васила ташаккули манзараи муносиб ва серҳаракати ҷаҳони шахсият;

2) мубодилаи самараноки иттилоотӣ, ки бо муташаккилии як қатор маҳоратҳои иттилоотӣ таъмин карда мешавад: баҳогузории фоиданокӣ ва ҳақиқӣ будани иттилооти бадастомада; интихоби иттилооти барои шахсият муҳим, ҷустуҷӯйи иттилооти зарурӣ, аз ҷумла оид ба усулҳои коркарди он; маҳоратҳои иртиботии забонӣ (фаҳмидагирӣ ва интиқол); худмуҳофизакунии иттилоотӣ-психологӣ;

3) сатҳи доимо баланди талабот ба иттилоот;

4) коркард ва такмили усулҳои фардии самаранокии нигоҳдорӣ ва азхудкунии иттилоот;

5) психогигиенаи (экология)-и иттилоотӣ - худтанзимшавии протсессҳои иттилоотӣ дар таносуби онҳо бо вазъи муҳимми организм;

6) ахлоқи иттилоотӣ, ки масъалаҳои дастрасӣ ба иттилооти бегонаро танзим менамояд, истифодаи иттилоот барои мақсадҳои аниқ ва ё мақсадҳои фишор овардан ба шахсият, маҳдудсозии дастрасии дигарон ба иттилооти фоиданок.

Олими дигари Федератсияи Россия Л.В. Скворцов фарҳанги иттилоотиро дар маҷрои инкишофи фарҳангӣ-иҷтимоӣ дида мебарояд. Аз ин нуқтаи назар фарҳанги иттилоотӣ воқеияти объективӣ мебошад, ки инсон онро офаридааст ва бо он ба шаклҳои рафтори оммавӣ таъсир мерасонад ва бо ин онҳоро боз ҳам муайян месозад [4,с.231].

Иттилоотикунонии кори беруназаудиторӣ, қайд мекунад Лопатин Н.В. яке аз шартҳои таъсиси архитектураи таълимӣ, нуқтаи назари кушоду возеҳи ҳам донишҷӯ ва ҳам омӯзгор мебошад. Дар амал сухан дар бораи дастрасии озод ба субъектҳои раванди таълимӣ дар марказҳои илмӣ-иттилоотӣ дар соатҳои беруназаудиторӣ барои ҷустуҷӯйи мустақилона ва коркарди иттилооти барои онҳо арзишнок масраф мешавад [3, с.57].

Ҳамин тариқ, фарҳанги иттилоотӣ як ҷузъи таркибии фарҳанги умумии шахс, аз он ҷумла донишҷӯ буда, ба фарҳанги маънавӣ ва моддӣ робитаи зич дорад. Ташаккули он имконият медиҳад, ки мутахассиси оянда ба иттилоот сарукор гирифта, онро коркард, арзёбӣ, аз ҷиҳати эстетикӣ бой ва ба система дароварда тавонад, ки ин амал дар маҷмӯъ ба ташаккули фарҳанги касбии мутахассиси оянда мусоидат менамояд.

Аммо, мутаассифона, дар таҷрибаи таълими мутахассиси соҳаи фарҳанг дар макотиби олӣ ва омодасозии ӯ барои кори амалии иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба тазодҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардем, ки онҳо чунинанд:

- аз як тараф, афзудани нақши иттилоот дар ҷомеа ва васеъ гаштани фазои иттилоотӣ ва аз тарафи дигар, паст будани сатҳу сифати омодагии иттилоотии мутахассиси оянда ва ҷавобгӯ намудани ӯ ба равандҳои иттилоотикунонии соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва равандҳои таҳсилотӣ;
- зарурияти баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги иттилоотии мутахассис дар раванди таълим дар макотиби олии фарҳанг ва санъат ва ба дараҷаи зарурӣ таҳия нагардидани паҳлуҳои назариявӣ ва технологии инкишофи онҳо вобаста ба ихтисос;
- афзудани теъдоди барномаҳои замонавии компютерӣ дар соҳаи фарҳанг ва аз тарафаи мутхассиси оянда мусаллаҳ набудан аз технологияҳои замонавии программавии компютерӣ ва ғ.

Фарҳанги иттилоотӣ ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи ҳар як ихтисос маҳсуб меёбад ва дар стандартҳои давлатии тахассусҳо инъикоси худро ёфтааст. Бе доштани сатҳи муайяни фарҳанги иттилоотӣ мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ номукаммал омода мегардад. Махсусан он мутахассисоне, ки дар соҳаи кори клуб, режиссёри чорабиниҳои театрикунонидашуда, омӯзгори мусиқӣ, роҳбари дастаҳои ҳунарӣ фаъолият мекунанд, бояд дорои фарҳанги баланди иттилоотӣ буда, ТИК-ро дар фаъолияти ояндаи касбии хеш истифода бурда тавонанд.

Зарурияти муҳим доштани фарҳанги иттилоотии баландро дар шароити имрӯза на танҳо муассисаҳои фарҳангии шаҳр, балки дар деҳот низ, ки дар он ҷо қасрҳо ва хонаҳои фарҳанги боҳашамат сохта шуда истодаанд ва дорои марказҳои махсуси компютерӣ ва иттилоотӣ- коммуникативӣ мебошанд, тақозо менамояд. Ифтитоҳи қасрҳои фарҳанг дар ҷамоатҳои деҳоти вилояти Суғд, кушода шудани қасрҳои фарҳанг дар ноҳияҳои Ашт, Бобоҷон Ғафуров, Ҷаббор Расулов ва дигар ноҳияҳои кӯҳистон, таҷдиди муассисаҳои фарҳанг далели он аст, ки кормандони ояндаи ин муассисаҳо бо технологияҳои муосири иттилооотиву коммуникативӣ мусаллаҳ бошанд.

Тамоили дуюм ба он вобаста аст, ки нақши ТИК дар шароити ҳозира дучанд меафзояд. Ва бе истифодаи онҳо ҳеҷ як мутахассис аз уҳдаи фаъолияти касбии хеш ба пуррагӣ баромада наметавонад.

Сеюм, имрӯз оилаеро пайдо кардан номумкин аст, ки дар хонаи онҳо компютер ва ё ноутбук мавҷуд набошад. Ҳатто, дар баъзе мавридҳо компютер хондани китобро низ маҳдуд кардааст ва ба теъдоди рафтуокунандагони китобхонаҳо ва клубҳо низ таъсири манфии худро расонидааст.

Бинобар ин, раванди таҳсилотро дар ҳамаи зинаҳои соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ бе мавҷуд будани ТИК –и замонавӣ тасаввур кардан душвор аст. Он яке шарти муҳимми омодасозии мутахассиси ояндаи соҳаи фарҳанг маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, аз сатҳи баланди фарҳанги иттилоотӣ дар шароити имрӯза дараҷаи тайёрии касбии хатмкунандаи донишкадаҳои фарҳанг ва санъат ба сифати фаъолияти касбии ӯ ба бозори меҳнат вобастагии зич дорад.

Таҳлили вазъи истифодаи ТИК дар макотиби олии фарҳанг ва санъат нишон дод, ки дар таҷриба танҳо сӣ фоизи омӯзгорони фанҳои тахассусии соҳаи фарҳанг ва санъат аз технологияҳои компютерӣ истифода бурда метавонанду бас. Дар даври таҷрибаомӯзии донишҷӯён низ мо шоҳиди он шудем, ки зиёда аз нисфи кормандони соҳаи амалӣ технологияҳои компютериро дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ пурра истифода бурда наметавонанд.

Мавриди зикр аст, ки дар нақша ва барномаҳои таълимии макотиби олӣ ба дараҷаи зарурӣ фанҳо дар робита бо фарҳанги иттилоотии мутахассиси оянда ворид карда нашудаанд, фарҳанги иттилоотии мутахассис вобаста ба тахассус таълим дода намешавад.

Дар шароити нави иттилоотӣ-маърифатӣ ва технологӣ нақши муассисаҳои фарҳанг дар раванди иттилоотикунонии ҷомеа, ташкили кори иттилоотӣ-маърифатӣ, бунёди маҳфилҳои эҷодӣ, дар машқҳо ва машғулиятҳои дастаҳои ҳунарӣ ва таҳияи барномаҳои компютерии фароғатӣ меафзояд. Агар ба ин самтҳои корҳои муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ТИК ворид карда нашаванд, он гоҳ муассисаҳои фарҳанг, махсусан клубҳо ба солҳои 50-60-уми асри гузашта бармегарданд.

Клуби имрӯза низ мисли китобхона ва дигар муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ бояд ба маркази иттилоотӣ табдил ёфта, мавқеъ ва ҷойгоҳи худро дар иттилоотикунонӣ ва фазои ҷаҳонии иттилоотӣ ёбад, эҳтиёҷоти иттилоотии мардумро ба воситаи шакл ва методҳои муосири фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ қонеъ гардонида тавонад. Албатта, ин амали нек маҳдуд сохтан ва ё аз байн бурдани технологияҳои анъанавии фаъолияти иттилоотӣ ва фарҳангию маърифатиро маҳдуд намекунад.

Паст будани фарҳанги иттилоотии мутахассиси ояндаи муассисаҳои фарҳанг барои муштариёни ин муассисаҳоро аз иттилооти актуалӣ, рӯзмарра ва муҳим ҷалб ва бархӯдор намудан, монеаи ҷиддӣ ба миён оварда метавонад.

Хулоса, муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ дар низоми барқосо афзудаистодаи иттилоотӣ чун муассисаҳои маърифатӣ ва тарғиботӣ набояд нақши худро маҳдуд ва ё аз байн баранд ва ба муассисаҳои ёрирасон табдил ёбанд. Онҳо бояд ба марказҳои иттилоотӣ табдил дода шуда, дар интихоби иттилоот ба мардум ёрӣ расонанд, маърифати компютерии онҳоро ғанӣ гардонанд. Барномаҳоеро таҳия намоянд, ки ба ташаккули маънавию ахлоқии онҳо мусоидат намоянд, ҳар гуна барномаҳои моил шудан ба экстремизм, терроризм ва дигар падидаҳои номатлуби ба ҷомеа зарароварро пешгирӣ намоянд. Зеро муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ марказҳои ташаккули афкори ҷомеа буда, тарғибгари арзишҳои солим ва ғанигашта мебошанд. Ба ин васила барои ошкор ва ташаккул додани неруи эҷодии мардум мусоидат намоянд. Хусусияти ин муассисаҳо дар шароити иттилоотикунонии ҷомеа аз муассисаҳои фарҳангии солҳои давраи сукут маҳз аз ҳамин фарқ мекунанд ва нақши онҳо дар давраи иттилоотӣ ва фарҳангикунонии ҷомеа боз ҳам афзунтар мегардад.

Ҳаминро низ бояд ба назар гирифт, ки ба фаровонии технологияҳои иттилоотӣ ва истифодаи онҳо дар таълими дарсҳои тахассусӣ ва корҳои эҷодӣ нигоҳ накарда, китоб сарчашмаи асосии донишҳо мебошад. Истифода аз намудҳои муосири таълим, шаклу усулҳои анъанавии таҳсилотро аз байн намебарад. Махсусан, дар шуъбаҳои эҷодии макотиби миёна ва олии махсуси соҳаи фарҳанг ва санъат усули таълими "устод ва шогирд" боқӣ мемонад, зеро он имкон медиҳад, ки муҳассилин дар таълимгоҳ, ҳам

таҷрибаи бойи санъати сароянда̄гӣ ва навозандагиро аз худ карда, маҳораташро сайқал бидиҳанд ва ҳам аз таҷрибаи бойи устод ва хонаводаи ӯ бархӯрдор гарданд.


**АДАБИЁТ**

1. Киселева Т.Г. Социально-культурная деятельность / Т.Г. Киселева, Ю.Д. Красильников. – М.: МГУКИ, 2004. – 432 с.
2. Краснова О.В. Информационная основа развития личности: к обоснованию информационного подхода в воспитании / О.В. Краснова. - Пенза: изд. ПГПУ им. В.Г. Белинского, 2002. - 41 с.
3. Лопатина Н.В. Информационная культура как условие эффективности социальных технологий: учебное пособие / Н.В. Лопатина. – М.: МГУКИ. 2002.- с.57.
4. Скворцов Л.В. Информационная культура и цельное знание / Л.В. Скворцов. - М.: ИНИОН РАН, 2001. - 287 с.
5. Ходякова Н.В. Информационная культура специалиста. *Учебное* пособие / Н.В. Ходякова. - Волгоград: изд. Волгоградского *юрид.* института, 1999. - 54 с.
6. Шарипов Ф.Ф. Формирование *информационной культуры:* состояние, тенденции и перспективы / Ф.Ф. Шарипов. - *Душанбе: Ирфон, 2013. - 342 с.*
7. Эмомали Рахмон. Ответственность за будущее нации. Послание Маджлиси Оли Таджикистан // Народная газета. – 2003. – 4 апрель.


## ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ИТТИЛООТИИ ДОНИШҶӮЁН (ҶАНБАИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ)


Имрӯз масоили ташаккули фарҳанги иттилоотии ҷавонон, муайян намудани моҳият, мазмун, сохтор, роҳҳои ташаккул ва рафтори донишҷӯён дар мактабҳои олии фарҳанг ва санъат мубрам арзёбӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, проблемаи мазкур мавриди омӯзиш ва таҳқиқи олимон қарор гирифтааст. Дар мақола андешаҳои гуногуни олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар мавриди муайяннамоии зерсохторҳои проблемаи мазкур баррасӣ шудаанд. Фарҳанги иттилоотӣ як ҷузъи таркибии фарҳанги умумии шахс, аз он ҷумла донишҷӯ буда, ба фарҳанги маънавӣ ва моддӣ робитаи зич дорад. Ташаккули он имкон медиҳад, ки мутахассисони оянда бо иттилоот кор карда тавонанд. Муаллиф он тазодҳоеро, ки имрӯз дар омодасозии мутахассисони соҳаи фарҳангу санъат дида мешаванд, нишон додааст: афзудани нақши иттилоот, паст будани сатҳу сифати омодагии иттилоотии мутахассисони оянда, зарурати баланд бардоштани дараҷаи фарҳанги иттилоотии мутахассис дар раванди таълим, афзудани теъдоди барномаҳои замонавии компютерӣ дар соҳаи фарҳанг ва ғайраҳо. Фарҳанги иттилоотӣ ҷузъи таркибӣ ва ҷудонашавандаи ҳар як ихтисос маҳсуб меёбад ва дар стандартҳои давлатии тахассусҳо инъикоси худро ёфтааст. Қобили тазаккур аст, ки бе доштани сатҳи муайяни фарҳанги иттилоотӣ мутахассиси соҳаи иҷтимоӣ- фарҳангӣ номукаммал тарбия меёбад. Дар шароити имрӯза соҳиби фарҳанги иттилоотӣ буданро натанҳо муассисаҳое, ки дар пойтахт фаъолият доранд, балки дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ аз ҷумла деҳот фаъолият доранд, тақозо менамояд. Имрӯз зарурате пеш омадааст, ки нафароне, ки ба таълиму тарбияи мутахассисони соҳаи фарҳангу санъат сарукор доранд, бояд аз технологияҳои муосири иттилоотӣ пурра истифода бурда тавонанд.



**Калидвожаҳо:** ташаккул, фарҳанги иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, макотиби олии фарҳанг ва санъат.


## ФОРМИРОВАНИЕ ИНФОРМАЦИОННОЙ КУЛЬТУРЫ СТУДЕНТА (СОЦИАЛЬНО-КУЛЬТУРНЫЙ АСПЕКТ)


Сегодня проблема формирования информационной культуры молодёжи заключается в определении сущности, содержания, путей формирования и поведения студентов в высших учебных заведениях культуры и искусства. Поэтому данная проблема становится объектом изучения и исследования учеными. В статье исследуется точка зрения зарубежных и отечественных учёных для определения структуры данной проблемы. Информационная культура, являясь составной частью общей культуры личности, в том числе студента, тесно связана с духовной и материальной культурой формирование которой позволяет будущим специалистам работать с информацией. Автором указываются те контрасты, которые существуют в области культуры и искусства: усиление роли информации, низкий уровень качества информационной подготовки будущих специалистов, необходимость повышения уровня информационной культуры специалиста в процессе обучения, увеличения количества современных компьютерных программ в сфере культуры и других сферах. Информационная культура считается составной и неотъемлемой частью каждой специальности и находит своё отражение в государственных стандартах специальностей. Следует отметить, что без определённого уровня информационной культуры воспитание специалиста социально – культурной сферы будет несовершенным, неполноценным. Современные условия требуют, чтобы не только специалисты, работающие в столице, должны иметь информационную культуру, но и у специалистов различных регионов республики, в том числе села должна быть высокая информационная культура. Сегодня возникла необходимость для тех, кто занимается воспитанием и обучением будущих специалистов сферы культуры и искусства, вполне использовать современные информационные технологий.



**Ключевые слова:** формирование, информационная культура, информационно-коммуникационные технологии, культурно-досуговые учреждения, высшие учебные заведения культуры и искусства.


## FORMATION OF A STUDENT'S INFORMATION CULTURE (SOCIAL AND CULTURAL ASPECT)


Today, the problem of the formation of youth information culture is to determine the nature, content, ways of formation and behavior of students in higher educational institutions of culture and art. Therefore, this problem becomes the object of study and research by scientists. The article explores the point of view of foreign and domestic scientists to determine the structure of this problem. Information culture, being an integral part of the general culture of the individual, including the student, is closely connected with the spiritual and material culture, the formation of which allows future specialists to work with information. The author points out the contrasts that exist in the field of culture and art: the strengthening of the role of

information, the low level of quality of information training of future specialists, the need to improve the level of information culture of a specialist in the learning process, increase the number of modern computer programs in the field of culture and other areas. Information culture is considered an integral and integral part of each specialty and is reflected in state standards of specialties. It should be noted that without a certain level of information culture, the education of a specialist in the social and cultural sphere will be imperfect, inferior. Modern conditions require that not only specialists working in the capital have an information culture, but also specialists from different regions of the republic, including the village, must have a high information culture. Today, there is a need for those who are engaged in the education and training of future specialists in the field of culture and art to make full use of modern information technologies.

**Key words:** formation, information culture, information and communication technologies, cultural and leisure institutions, higher educational institutions of culture and art.

**Сведения об авторе:*Рахмонов Абдусаттор*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств имени Мирзо Турсунзаде, директор центра тестирования и технического обслуживания. **Адрес**: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Борбада, 73 А. Телефон: **(+992) 934-53-02-03**

**Information about the author: *Rakhmonov Abdusattor* -** Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, Director of the Testing and Maintenance Center. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad Ave., 73 A. Phone: **(+992) 934-53-02-03**

## МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

## ТАЪРИХ ВА АРХЕОЛОГИЯ - ИСТОРИЯ И АРХЕОЛОГИЯ


***Нуриддинов Р.Ш.*** Анъанаҳо: муносибатҳои байналхалқӣ дар таърихи афкори иҷтимоиву сиёсӣ….. 5
***Шарифов Раҳмоналӣ, Шарипов Ҷамолиддин*** Таҳлил ва омӯзиши масъалаи давлатдории Модҳо дар осори Эмомалӣ Раҳмон........ 11
***Аюбов А.Р.*** Тюрко-арабское нашествие и новая этническая среда Согда и Ферганы………… 17
***Шарипов А.Н.*** Вазъи сиёсии Осиёи Марказӣ дар асрҳои XVI-XVIII........ 23
***Назаров Ф.А.*** Последствия завоевания Средней Азии Российской Империей в трудах таджикских исследователей………… 27
***Самиев Х.Д., Аслиддинова А.А. Баротов И.И.*** Ҳамкориҳои таҳсилотӣ - заминаи воқеӣ дар тавсеаи дипломатия ва ҳамкориҳои байналхалқии гуманитарии Тоҷикистон........ 33
***Мирзоев Ҷ., Розиқов Ф.*** Масоили омӯзиши ҳамкориҳои низомӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурии тоҷикистон бо федератсияи россия дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ........ 39
***Абдуллоев М.Х.*** Вазъи маорифи Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ………… 45
***Холов Ш.И.*** Нақши Донишгоҳҳои техникии Тоҷикистон дар омода намудани мутахассисони соҳаи саноат………… 50
***Мирзоев Ҷ.*** Инъикоси воқеаҳои феврали соли 1990 дар Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ………… 54
***Самеъуллоҳ Донишёр*** Дидгоҳи уламои исломӣ перомуни аҳзоб........ 59
***Отифӣ Муҳаммадхон*** Озодии инсон аз дидгоҳи ислом........ 63
***Лайлумо Ғафурӣ*** Нақши Ренессанс дар таърихи Аврупо ва пайомадҳои он………… 68
***Бойназарова Т.М.*** Место и роль мечети в религиозной и общественной жизни мусульман………… 74
***Собирова К.Д.*** Привлечение интереса международных организаций к решению проблем развития туризма в ГБАО Республики Таджикистан………… 78
***Зикриёев Ф.Б., Бодурбекова А.Н.*** Освещение вопроса участия женщин в развитии культуры таджикистана в трудах профессора Р.А.Набиевой………… 84
***Худжасаидова Н.Х.*** Участие женщин Таджикистана в политической жизни страны………… 89
***Мунавваров Манзар, Ибрагимов Мусаммир*** Политический кризис в Германии после сентябрьских выборов Бундестага (2017г.)........ 93
***Турсунов Т.Х.*** Торгово-экономические взаимоотношения Таджикистана и Пакистана ………… 104
***Аминов Ҳ.Ш.*** Инкишофи босуръати робитаҳои фарҳангӣ байни Туркманистон ва Тоҷикистон дар замони муосир ........ 111
***Иззатова М. К.*** Роль массовых библиотек в развитии культуры в современных условиях ………… 116
***Алимов Д. Х.*** Историография восстановления, строительства и развития оросительных систем целинных земель в южных районах Таджикистана (1930-1989 гг.)………… 120
***Хакимова З. Г.*** Использование декоративной косметики в Средней Азии эпохи раннего средневековья 127
***Иброхимов М.Ф., Тилявова З.Р.*** Региональные черты в традиционном женском костюме Дарваза……… 131
***Инамов С.А.*** Проблемы стилевой направленности архитектуры………… 134


## ФАЛСАФА – ФИЛОСОФИЯ


***Саид Аҳмадов*** Озодии виҷдон – рукни муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ………… 138
***Заҳруддинов И.З.*** Истиқлолияти давлати миллӣ ва глобализатсия………… 143
***Сафарова С.Д.*** Фалсафаи ватандӯстӣ………… 147
***Карамхудоев Ш. Х.*** Философское осмысление смысла существования человека, его интересов и целей в истории философской мысли………… 153
***Қаландаров М.И.*** Нигоҳе ба мақом ва ҷойгоҳи «Тафсири Кабир»-и Фахриддини Розӣ………… 161
***Ҳамидшоҳ Ҳаммор*** Ҳасодат, асбоб ва роҳҳои илоҷи он аз назари ислом………… 166
***Расулов С.Х., Раҷабов Н.М.*** Таҳлили психологии сабабияти иҷтимоӣ-фалсафии каҷрафторӣ дар наврасон………… 169
***Насурова Б.А.*** Факторы устойчивости брака в современном Таджикистане………… 175


## ПЕДАГОГИКА


***Ходжаева М.Дж, Бабаджанова Д.Ш.*** Специфика личностно-ориентированного обучения на уроках русского языка в начальных классах национальных школ Республики Таджикистан………… 179
***Гараева А.К., Шарипова З.А.*** Профилактика терроризма и экстремизма в образовательных учреждениях Республики Таджикистан………… 184
***Бобоҷонов М.Ш.*** Шароити психологию педагогии ташаккули омодагии донишҷӯёни тарбияи ҷисмонӣ барои азхудкунии воситаҳои миллии тарбияи ҷисмонӣ дар раванди фаъолияти касбӣ....... 188
***Ёфтаков Ҳ.Ф.*** Хусусиятҳои фанни забони хориҷӣ ва муносибатҳои муайянкунандаи стратегияи таълими он........ 194
***Шарофова М.*** Состояние профессионально-технического образования в Таджикистане в 1961-1980гг…. 198
***Сафаров Ш., Худжаев У.*** Эффективная подготовка магистров физической культуры и спорта в Республике Таджикистан………… 204
***Назаров Х., Рахматуллоева М.Н.*** Никоҳи хешовандӣ ва оқибатҳои он………… 208
***Фурқати Сикандарӣ*** Амсилаи омоданамоии бакалаврҳо бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ………… 211

*Туманова Ш.С.* Нақши фаъолияти педагогии инноватсионӣ дар шароити муосири рушди таҳсилот **216**
*Шарипов Ҳ.* Тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун низоми иҷтимоӣ………………………………………………….. **219**
*Аликулова Ш., Каххорова С.* Педагогическая культура учителя как важный фактор профессиональной компетентности………………………………………………………………………………………………… **221**
*Мирмаматова М.Р., Турсуматова Р.А.* Ҷанбаҳои илмию протсессуалии таълими инфиродию тафриқавии хонандагон дар шароити муосир……………………………………………………………… **225**
*Шоҳсанами Ризо* Татбиқи имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ ҳангоми коркард ва истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар таълими информатика.................................................................................... **229**
*Мавлонова Р.* Роль и место народной педагогики и национальных ценностей в подготовке старшеклассниц к семейной жизни…………………………………………………………………………… **236**
*Гулрӯи Суҳроб* Ваҳдати миллӣ-омили муҳимми ташаккули худшиносии миллии ҷавонон…………. **242**
*Партов Насрулло* Омӯзиш ва таҳлили маводи барнома, китобҳои дарсӣ, мақола ва дастурҳои методӣ................................................................................................................................................ **246**
*Давлатова Ҷ. С.* Тарбияи зебоипарастии кӯдакон – мушкилот ва муваффақиятҳо ......................... **252**
*Абдурахмони Мухаммади* Особенности воспитания общечеловеческих и демократических ценностей у школьников…………………………………………………………………………………………….. **255**
*Шоҳпирай Атҳар* Ҳуқуқи атфоли ятим дар ислом……………………………………………………… **260**
*Сайидаминуллоҳ Нусрат, Латифа Аюбӣ Нусрат, Фариштa Нусрат* Авомили эҷоди фишори равонӣ дар мудирон ва нақши он бар амалкарди онҳо дар марказҳои омӯзиши илмӣ-корбурдии ҷиҳатҳои кишоварзӣ………………………………………………………………………………………………….. **265**
*Ширин Оҳангӣ* Шиносоии мизони таъсири фароянди тимӣ бар баҳраварии манобеи инсонӣ дар Идораи кулли варзиш ва ҷавонони остони Исфаҳон…………………………………………………… **272**
*Бобоев Б. Ҷ.* Кори мустақилона-омили муҳимми фаъолгардонии дониш……………………………. **277**
*Рустами Абдуҷаббор* Мавқеъ ва нақши илми психология дар солимгардонии оилаи муосир **280**
*Шарипов Ҳ.* Таснифоти педагогии машқҳои ҷисмонӣ…………………………………………………… **283**
*Гулмахмадов Салохиддин, Раджабов Умед Хушвакович* Самостоятельная деятельность учащихся, направленная на экономическое образование и обеспечивающая преемственность «лицей-вуз»………… **286**
*Узбекова М.А.* Педагогические условия формирования творческих способностей студентов…………..…. **290**
*Мамаджонов Самеъджон* Психолого-педагогические аспекты формирования личности как организатора в школе……………………………………………………………………………………………………… **294**
*Шарипов Х.А.*Муҳиммияти таълими забонҳои хориҷӣ тавассути технологияҳои сайёру мултимедӣ **299**
*Юнусова Н.М.* Зӯроварӣ дар муассисаҳои таълимӣ чун масъалаи мубрами педагогӣ- психологӣ..... **304**
*Абдуназаров Ҳокимҷон* Шаклҳои омӯзиши бачагони болаёқат дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ………………………………………………………………………………………………..……. **308**
*Рахмонов Абдусаттор* Ташаккули фарҳанги иттилоотии донишҷӯ (ҷанбаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ)...... **311**

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста. Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет.

Редакция журнала направляет копии рецензий в Министерство образования и науки Российской Федерации при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

## ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета» основан в 1990 г. Выходит 8 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: исторические науки и археология (07.00.00), философские науки (09.00.00) и педагогические науки (13.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

---

**ВЕСТНИК**
**ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**

**2019. № 5. Часть II**

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

**Издательский центр**
**Таджикского национального университета**
**по изданию научного журнала**
**«Вестник Таджикского национального университета»:**
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.comj
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 40,25 усл. п.л. 39,87.
Подписано в печать 30.05.2019 г. Заказ №2019/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.